АСКАР ҲАКИМ

# МАҶМӮАИ ОСОР

**Иборат аз ҳафт ҷилд**
**Мақолаҳо, чеҳраҳои адабӣ, мусоҳибаҳо**

**Ҷилди V**

**Нашриёти «Ношир»**
**Хуҷанд**

**АСКАР ҲАКИМ**

**ҶИЛДИ ПАНҶУМ**

**Нашриёти «Ношир»**
**Хуҷанд**

ББК – 83.3 (2Т)
Ҳ – 27

*Ин «Маҷмӯаи осор» бо дастгирии Раиси вилояти Суғд,*
*муовини якуми Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон, инсони соҳибдил ва фарҳангсолор*
*муҳтарам Абдураҳмон Қодирӣ ба нашр расидааст.*

**Аскар Ҳаким. МАҶМӮАИ ОСОР.**
– Хуҷанд: Ношир, 2017. – 652 саҳ.

ISBN 978-99975-60-07-0

**© Аскар Ҳаким, 2017**

## ДАР ГУЗАРГОҲИ АСР

Шеъре, ки ба дубора хонданаш майл пайдо мешавад, он қадар шеъри бад нест, шеъре, ки такрор ба такрор мехонанд, хуб аст ва шеъре, ки азёд мекунанд, олист. Мунаққид ҳам, бо вуҷуди объективӣ будани афкораш, аз фикру ақидаи шахсӣ тамоман озод нест ва аз ҳамин назар шинохтани шеър дастурамали шахсии кори ман аст.

Ҳамаи шеърҳои устод Мирзо Турсунзода такрор ба такрор ба забон меоянд, бисёре аз онҳо ва на фақат шеърҳои ҷудогона, балки силсилаи ашъор ва достонҳои ӯ азёд шудаанд ва мешаванд.

Эҷодиёти шоири асил як хусусияти аҷиб дорад. Дар бораи вай ҳар чӣ қадар навишта шавад ҳам, боз ба назар чунин мерасад, ки ҳоло он пурра ба таҳлилу таҳқиқ наомада, муҳимтарини хусусияташ гӯё кашф нашуда бошад. Дар бораи эҷодиёти Мирзо Турсунзода мақолаҳои сершумор ва ҳатто чанд китоб ба қалам омадааст. Баъзеи онҳо хуб ҳам навишта шудаанд.

Вале, чӣ мегӯед, ки пас аз мутолиаи ҳамаи ин тадқиқоти пурарзиш дар ман ҳамин гуна хаёле пайдо мешавад, ки ҳоло дар бораи эҷодиёти Мирзо Турсунзода сухани асосӣ ва зарурӣ гуфта нашудааст. Асоси ин хаёл ба ҳеҷ ваҷҳ дар он нест, ки тадқиқотчиёни то имрӯз навишта ба фаҳми эҷодиёти шоир нарафтаанд. Ҳаргиз. Фақат ҳамин ки шеъри хуб ва олӣ ҳар бори хондан ҳиссиёти моро ангезиши наве дода, ба тозагии дигар идрок мешавад ва дар дилу ҷони мо таассуроти амиқтар бедор мекунад.

Шеъри Мирзо Турсунзода ҳамин гуна сифат дорад ва боиси ба назари ман чунин намудани асарҳои тадқиқотӣ ҳам дар ҳамин аст.

Ҳоло сухан аз шеърҳои нави шоир аст. Пас ин гуфтаҳо ба хотири чӣ буданд? Ин шеърҳои нав моро ба ғайр аз ба маҳалли тасвир ва олами таассуроти худ кашиданашон, боз барои рӯй овардан ба асарҳои пешинаи шоир водор мекунанд.

Ман кайҳо боз ба сари чунин андешаам, ки шеърҳои алоҳидаи шоир бо силсилаи ашъор ва достонҳояш пайваста таҳлил карда шаванд. Чунки шоир дар як давраи калони эҷодияш метавонад шеърҳо ва ҳатто достонҳои гуногун биофарад, вале таркиби тафаккури бадеияш то он даме, ки вай ҳамаи таассурот ва эҳсосоти дар ӯ батуғёномадаро ифода накунад, зуд-зуд дигар шудан намегирад. Вақте ҳамин ягонагии таркиби тафаккури бадеӣ дарк карда мешавад, баҳампайвастагии шеърҳо ва достонҳои шоирро ҳам фаҳмидан мумкин аст.

Дар илми табиатшиносӣ солҳои амали офтоб ном мафҳум ҳаст. Дар он солҳо офтоб аз ҳад зиёд шаъшапошӣ мекунад, дар натиҷа ба сари замин боронҳои паёпай фурӯ мерезанд, наҳрҳо аз соҳилҳои худ бурун мераванд, дар укёнусҳо мавҷҳо кӯҳвор боло мехезанд. Дар умри шоир ҳам сари ҳар давра ҳамин гуна соли амали офтоб воқеъ мешавад.

Ба шоир Мирзо Турсунзода имсол соли амали офтоб шуд. Вай бо номи «Дастовез» якбора 18 шеъри тозаи худро пешкаш кард.

Аз ин силсилаи шеърҳо, чунонки дар ашъори дигари Мирзо Турсунзода ҳаст, дар тану ҷони кас як нафаси гарми зиндагӣ паҳн мешавад. Шоир бо худ, бо дӯстон, бо ёри меҳрубонаш суҳбати самимона меорояд, хонанда ба ин маҳфили хоса кашида мешавад ва ӯ худро дар ин ҷо ҳаргиз номаҳраму бегона ҳис намекунад. Шоир ба лаҳни орому ботамкин суҳбат мекунад, ҳикояи рӯзгори худро мегӯяд, вале муҳити фикр ва андешаи ӯ қитъавист.

*Қитъаҳоро сайр кардам дар ҳавову дар замин,*
*Сайр кардам, бо баду неки ҷаҳон гаштам қарин.*

*Неку бад доранд бо ҳам ҷанг, ҷанги беамон,*
*Шуд яқинам, ҷанги онҳо нест ҷанги охирин.*

Ин тақозои рӯҳи замон аст. Акнун инсоният эҳтиёҷ надорад, ки сахтию мушкилиҳои ӯро осону сабук нишон диҳем. Дар вай акнун қувваи мубориза барои адолат ва озодӣ басанда аст.

Асри XX асри муборизаи ғояҳост. Ин мубориза аз ҷанги фазоию обӣ, тиру туфанг ва напалму газҳо сабуктар нест, ки сахттар аст.

*Қалам гӯяд, ки инсонро яроқам,*
*Яроқи иттифоқам ҳам нифоқам.*

Дар олам фақат фикр, фикре ки сабт шудааст, ҷовидонист. Сабти фикр кори қалам аст. Қалам образи пурдоманаю пурғунҷоиш буда, на танҳо воситаи пайванди халқҳою кишварҳост, балки замонҳоро – гузаштаро бо ҳозир ва ҳозирро бо оянда мепайвандад. Қудрати вай дар дасти инсони нек бузургу ҳаётбахш аст. Нашавад, ки ба дасти нокас афтад:

*Ҷаҳон торик чун зиндон намоям,*
*Ҷафову ҷабр бар инсон намоям,*
*Дурӯғу рост бофам, ҳарза бофам,*
*Суханро теғ созам, дил шикофам.* –

ва ё боз мудҳиштар:

*Ба монанди аҷал оям ба ҳар дар,*
*Хурам қоғаз, хурам ҷону хурам сар.*

Ин мисраъҳо хеле пурқувват гуфта шудаанд. Ҳарчанд шакл ва услуб аломати асосии даҳо ва қудратмандии шоир нест, вале дар он маҳорату устодии шоир ифода шуданаш мумкин аст. Мулоҳиза кунед, дар мисоли охир қалам «хурам қоғаз, хурам ҷону хурам сар» мегӯяд. Се бор ба такрор омадани феъли «хурам» обутоби маънӣ ва таасуротро ба ниҳояташ расонида, сахт огоҳ мекунад, ки ҳушёр бошед, маро ба хизмати нокасон надиҳед, ки аз ман чиҳо омаданаш мумкин аст. Се бор такрор овардани феъл гӯё чизи одист, вале одатан дар ҳамин чизҳои одӣ маҳорат ва устодии шоир аён мешавад.

«Қалам» шеъри маромнома аст. Маромномаи шоире чун Мирзо Турсунзода бузург ва олист. Дар он азамати мақсаду ниятҳои шоир эҳсос мешавад. Агар ғаму ташвиши инсон хурду ночиз бошад, вай тадриҷан инсонии худро фаромӯш мекунад, ба монанди ташвишҳои хурдаш ночиз мешавад. Дар ин шеърҳо ғаму ташвиши шоир бузург аст.

Чашми ман аз тамошои замин ва ҳусни зан серӣ надорад, аз ҳар гӯшаву канори замин ба машомам бӯи зан мерасад, аз дасти зан замин ҳусн гирифт, мегӯяд шоир. Зан ва замин ду сарчашмаи ҳаёт ва зебоиянд. Бесабаб нест, ки дар шеърҳои «Чашми ман», «Зан, зан аст» ин ду намод ба ҳам омезиш меёбад. Онҳо дар шеърҳои шоир намодҳои дубаҳраи ягонаанд. Шоир дар ҳифзи замин мегӯяд:

*Аз замин беҳтар барои мо дигар сайёра нест,*
*Беҳтар аз он дидаи моро раҳи наззора нест.*
*Ҷуз заминро ҳифз кардан аз балоҳои азим*
*Аз барои насли инсон ҳеҷ дигар чора нест.*

Ин наҷибтарин мақсади инсон аст. Замин барои шоир на фақат мафҳуми шайъии сайёраро дорад, вай таъриху тамаддун ва гузаштаву ҳозираву ояндаи инсон аст. Намоди зан ба ин гуна фаҳмиши замин ҳамоҳанг аст. Зан тавоно ва офаридгор аст. Вале ҳар чӣ бошад ҳам, вай зан аст, нозу ниёзҳои худро дорад, дар суҳбати вай ба таври хос «боодоб» бояд буд:

*Синну соли зан ба кас пурсидан аз одоб нест,*
*Синну соли хешро гуфтан ба занҳо хос нест.*
*Зан, зан асту дар ҳама ҳолат чу зан мемонад он,*
*Ин муаммоест, ки ҳоҷат ба пурсупос нест.*

Ин оғози шеър аст. Шоир ба як табассуми хушҳол чизҳои ҷузъии одоби муоширатро таъкид мекунад. Дар аввал омадани ҷузъиёт ба шеър оҳанги суҳбати самимона дода, дар охир аз он хулосаҳои ҳикматнок бароварда шудааст.

Шеъри «Зан посбони оташ аст» пурмазмун буда, он ба тарзи бисёр маънидод шуда метавонад. Дар омади сухан бояд гуфт, ки пурмазмунӣ хосияти шеъри асил аст.

Шоир дар ин шеър рӯирост зан боиси ҳастии инсон аст, намегӯяд. Ӯ мегӯяд, ки зан ҳамеша посбони оташ буд ва ҳаст. Оташ яке аз унсурҳои асосии зиндагӣ ва ҳастии инсон аст. Пас, зан нигаҳбони ҳастии инсон мебошад. Дар фаҳмиши қадимаи мо оташ муқаддас буд. Дар асотири Юнони қадим ҳам. Барои ба инсонҳо овардани он Прометеи диловар ба ғазаби Худои Зевс гирифтор шуд. Ба ҷигари ин қаҳрамони занҷирбанд уқоб минқор мезанад. Вале оташ ба инсонҳо расид. Ин ҳикояти асотирист. Агар ба оташ назари иҷтимоӣ андозем, мебинем, ки дар кадом давра ва ҷамъият ба чӣ мақсад истифода шудани он хусусияти он давра ва дараҷаи тараққиёти онро беҳтар аз ҳама инъикос мекунад.

Оташ рамзи покӣ, сӯхтану сохтан, ишқ ва садоқат аст. Зан, ки аз қадим посбони он буд, бо он омехт. Оташ сифати сохтан дорад. Зан оташ аст ва ӯ аз мо одам месозад. Мо ҳамин ки ба ӯ дучор шудем, оташи вай моро фаро мегирад, мо ӯро дӯст медорем, месӯзем, Инсон мешавем.

*Баски аз рӯзи азал зан посбони оташ аст,*
*Посбони оташ асту хеш кони оташ аст,*
*З-ин сабаб бо зан агар гаштем ҳар вақте дучор,*
*Бингарӣ, сар то ба пои мо ҷаҳони оташ аст.*

Мирзо Турсунзода яке аз шоиронест, ки ҳусни кишвари кӯҳистони моро бо дилу ҷон меситояд. Ба ёд оред, ки дар шеърҳои алоҳида ва дар достони «Садои Осиё» «чашмаҳои нуқрагин», «рӯдҳои хурӯшон», «маҷнунбедҳои кокулафшон», «осмони рангрези Тоҷикистон» ба чӣ маҳорат ва муҳаббат сутуда шуда буданд. Дар шеъри нави «Суруди кӯҳистон» зебоии табиати кишвар ба зебоии ботин талқин мекунад. Дар сарзамине, ки қатра аз ях мечакаду аз шах шаршара мерезад ва кӯҳҳои сарбаланд дораду барфаш ба мисли нукра пок аст, кас наметавонад ботини сиёҳ дошта бошад. Ҳусни кишвар ҳусни дилҳост. Банди аввали шеър, ки хеле хушоҳангу хушсадост, як тасвири ниҳоят зиндаю зебо ва табиӣ дорад.

*Қатра аз ях мечакад, аз шӯха резад шаршара,*
*Рӯд ҷорӣ мешавад, гуфторҳо дорад дара.*
*Мисли абри паст гашта об менӯшад рама,*
*Ҷасту хезе мекунад шир(?)маст дар як сӯ барра.*

Ин тасвир рашки ҳар суратгар аст. Бисёре аз мо рамаро дар доманаи кӯҳ дидаем, вале фақат шоир метавонад ин хел зебо бинад. Ба зебоӣ як ишора ҳам бас аст, ки зебоияш пурра дарк шавад.

Дар ин силсилаи устод Мирзо Турсунзода боз бисёр шеърҳои дилнишин аз қабили «Кӯҳ», «Дарди ман боло гирифт», «Дасти ту медонад», «Кокулат» ҳастанд. Чун ҳарвақта шоир дар ҳамаи ин шеърҳояш ба шахси худаш ниҳоят монанд аст. Ин сифати камёб ва олист дар шеър. Дар як вақт моро ҳам самимият ва меҳрубонии шахси шоир ва ҳам азамати мақсадҳои наҷиби ӯ фаро мегирад. Мо бори дигар эҳсос мекунем, ки чӣ тавр чизҳои барои як шахс азизу муҳим, дар айни ҳол шахси шоир, барои дигарон ва инсоният ҳам ба ҳамин андоза аҳамиятноку азиз мешаванд.

Ҳар кас ба олам аз рӯи ҳиммат ва касбу кораш менигарад. Фалакпаймоҳо ситораҳову ҷирмҳои осмонӣ, баҳрнавардон баҳру уқёнусҳо, кӯҳгардон қаторкӯҳҳою қуллаҳоро қиёс карда, ба олам менигаранд ва зиндагию кор мекунанд. Сайёра ва уқёнусу кӯҳсори шоир одам аст, одами оддӣ ва хоксор, ки дар паҳлуямон асту ба оромӣ аз гузаргоҳи асри XX қадам мезанад.

**Соли 1975**

## ЭҶОДКОРИ САОДАТ

*Шеъри ман!*
*Хуни ҷигар, ё пораи дил гӯямат,*
*Ё шитоби корвон дар роҳи манзил гӯямат,*
*Ё хурӯҷи мавҷ дар домони соҳил гӯямат,*
*Роҳатат аз ҳад зиёду заҳматат з-он бештар,*
*Мухтасар сар то ба по савдои мушкил гӯямат.*

Бале, кори шоир савдои мушкил аст ва танҳо ин савдои мушкил роҳи абадиятро ба ӯ осон мекунад, Шоир дар рӯ ба рӯи дарвозаи абадият танҳо бо асарҳое, ки офаридааст, ҳозир мешавад. Ҳамаи дигар чизҳое, ки шоир дар замони зиндагиаш дошт, нишону унвон, шаъну шухрат, маъруфияту маҳбубият, таҳсину офарини дӯстон ва кину айбҷӯиҳои душманон, хулоса, ҳама аз ӯ ҷудо мешаванд ва ӯ танҳо бо асар дар он ҷо қарор мегирад, зеро дар ин ҷо чизи дигаре ба ҷуз асар арзише надорад.

Ва ҷовидон ҳукми худро мебарорад. Ва онҳо ки ҳамаи ин воситаҳои ифтихоротро доштанду асари асил не, ва аз ин воситаҳои ифтихорот чизе надоштанд, ба ҷуз асар, ба ин дарвоза ворид мешаванд, ва ҷовидон ҳукм мекунад, ки онҳо ҳама чиз доранд, ки абадӣ бошанд ва ба пешгоҳи худ ҷой медиҳад. Адолати абадият дар ҳамин аст.

Устод Мирзо Турсунзода шоире буд, ки аз ҳарду навъи ин ифтихорот бархурдор буд. Замон ӯро қариб бо ҳама нишону унвонҳо ва халқ бо меҳру муҳаббати пояндаи худ сарфароз кард. Муҳаббати халқ ва замон бисёр шоиронро фирефтааст ва баъзеи онҳо ё аз эҷод мондаанд ва ё аз зинаҳои фаро рафтаи худ на ин ки фаротар, балки фурӯтар рафтаанд. Мирзо Турсунзода фирефтаи муҳаббати замон нашуд ва ҷони худро аз ранҷи ҳамешагӣ ва пурмашаққати эҷод озод накард ва карда ҳам наметавонист, зеро ин дар ниҳоди ӯ буд, дар сарнавишти ӯ буд. Бинобар ин, ӯ дар охирҳои умр дар бораи шеъри худ чунин гуфт:

*Роҳатат аз ҳад зиёду заҳматат з-он бештар,*

*Мухтасар сар то ба по савдои мушкил гӯямат.*

Ҳоло ҷашни 80-солагии бузургдошти устод Турсунзода аст, ки аз ин ҳаштод сол ӯ танҳо шасту шаш соли онро дар рӯи замин воқеӣ ба сар бурда аст.

Аммо оё эҷодкори асил дар рӯи замин он қадар умре ба сар мебарад, ки мо ҳисобаш мекунем. Масалан, 70-80-90-100 сол бештар ё камтар?

Шоири асил дар ҳар нафаси умри худ он қадар зиндагиеро ғунҷоиш медиҳад, ки ҳар нафаси он бо солҳо ва садсолаҳо баробар мешавад. Адиби ҷовидон роҳи абадиятро на пас аз марг, балки дар замони зиндагиаш мепаймояд. Баъди даргузашт онро рӯҳи ӯ бо ҳамроҳии замон ва наслҳои оянда бори дигар тай мезанад. Ва ҳоло мо, ҳар яки мо, шоҳиди ин ҳастем.

Шоири бузург замони худро бо тамоми тазоду мураккабиҳо, пирӯзию бохтҳо, саодату нокомиҳо, хубию бадиҳо фаро мегирад, на ин ки онро танҳо инкор ва ё тасдиқ мекунад. Ҳамчунонки бузург кӯчакро фаро мегирад, ҳамчунонки офаридгор табиатро фаро мегирад ва табиат моро фаро мегирад. Онҳое, ки хурд ҳастанд, танҳо ба тасдиқ ва ё инкор машғуланд, бузургон бошанд ҳар дуро дар оғӯши лоинтиҳои худ ҷой медиҳанд.

Шоири бузург он аст, ки ҳам нигоҳи дунёбин ва ҳам назари заррабин, ҳам гӯши шунидани ғурриши уқёнуси башарият ва қудрати шунидани маҳинтарин танини боли магасро дошта бошад.

Он ки занҷирҳоро ба ҷӯш оварда тӯфон ва кӯҳҳоро бо зарби вулқон зеру забар мекунад Турсунзодааст, ва он ки дар суроғи модар ба ҷунбиши шохи дарахт ва ҳар гиёҳу сабза гӯш медиҳад, ба ҳурмати деҳқон аз замин нонрезаҳоро чида ба чашм мемолад ва ё барои бегуноҳии худ «ҷони ширин ин қадар ҷангам макун» гӯён маъзарат мехоҳад, низ Турсунзодааст.

*... Гӯш кардам Шарқро ҳам Нилро ҳам Гангро*
*Нармдил хоки замину пуртаҳаммул сангро.*
*Гӯш кардам, варзиши рӯди равон омад ба ёд*
*Деҳаи ман дар Ҳисори шодмон омад ба ёд.*
*Қуллаҳои барфпӯши кӯҳсоронаш ба ёд,*
*Чашмаҳои нуқрамонанди хурӯшонаш ба ёд.*
*Рӯди қишлоқи ман аз оҳу сабуктар меравад,*
*Дар шаби маҳтоб сина пур зи ахтар меравад*
*Кокулафшонанд маҷнунбедҳо дар ин диёр.*
*Шӯълаафшонанд сафҳои чароғони Ҳисор.*

Ман ашъори Турсунзодаро ба қисматҳо ҷудо накарда, ё онҳоро аз назари муҳтавою ашё, услубу бадеият бо алоҳидагӣ ба таҳлилу тадқиқ нагирифта, дар бораи онҳо маҷмуан чун дар бораи як ҷисми комил ва як вуҷуди зинда сухан мегӯям, зеро манзурам дарёфти рӯҳи ашъори Турсунзодааст. Мо агар шеърро ҳар қадар бештар ба қисматҳо ҷудо карда таҳлил кунем, ҳамон қадар аз дарки асрори он дуртар меравем, зеро шеър дар пайванди ҳамаи ин рукнҳо ҳосил мешавад. Асрори шеър ҳам ба монанди асрори ҳаёт аст. Агар бо мақсади донистани ҳаёт узвҳои инсонро дар алоҳидагӣ биомӯзӣ, дониши мо дар бораи вазифаи ҳар узвҳо бештар хоҳад шуд, аммо асрори ҳаёт, ки дар маҷмӯи муносибати он аъзо зоҳир мешавад, аз назар дур меравад. Яъне ҳаёт, рӯҳ аст, асрори шеър ҳам дар рӯҳи он аст. Аз ин рӯ, шеърро аввал ба дил дармеёбанд, баъд ба ақл. Бисёрҳо мешавад, чизе ки онро ба дил дармеёбӣ, ба ақл рост намеояд, аммо шеър аст. Ва баръакс чизе, ки ба ақл рост меояду дил онро дарнамеёбад, шеър нест. Ҳамчунонки шоир мегӯяд:

*Шоиро, маънии ғурурат чист?*
*Сабаби кибри нозарурат чист?*
*Ё ки шеърат ҷаҳон мусаххар кард,*
*Шӯру ҳангомаҳои нав сар кард?*
*Ё ту як шоири хирадмандӣ,*
*Ки зи сар то ба по ҳама пандӣ?*
*Ақлро кардаӣ ту бе эҳсос*
*Ба бинои азими назм асос.*
*Номаи ишқи нотамом куҷост,*
*Сӯхтанҳои бардавом куҷост.*
*Варна, гар шоирӣ ҷунунат ку?*
*Дили ҳассосу гарм хунт ку?*
*Ишқ агар нест, ақл беҷон аст,*
*Дар дилат чиллаи зимистон аст.*

Шеъри Турсунзода таровидаи чашмаи эҳсос ва идрок аст, ки ҳам ба дил менишинад ва ҳам ақлро ба таҳрик меорад. Зеро ӯ аз ҳар ҳиссиёте, ки сухан мегӯяд, аввал онро дар дили худ мепарварад, агар ин ҳисси шодию сурур аст, болидарӯҳ мешавад ва агар дарду ғам аст, ғуссаманду ҳазин мегардад. Ӯ ба дарду ғами бегонае бегона нест, ин ғам ба ӯ ошност, ин ғам ами ӯст. Ҳамин буд, ки ҳангоми интишори «Қиссаи Ҳиндустон»-и Турсунзода хонандагон дар он на танҳо дарди мардуми ҳинд, балки дарди шоир ва дарди худро ҳис карданд. Ин кашфи шоиронаи Ҳиндустони мазлум буд, кашфи ҳамдардии ҳар инсон бо инсони дигар буд. Аз ин рӯ, ҳарчанд ки Ҳиндустон имрӯз озод аст, ин асар дилу ҷони маро ба дард меорад ва ин ҳамдардӣ эҳсоси инсонии моро дар мо боз ҳам гӯётар ва қавитар сохта, инсонтар мекунад.

Шоирон оламро бо ду навъ дарк месозанд – яке худро аз оламу одам канор мегирад, дар худ фурӯ меравад ва асари ҳама ҳодисоти оламро дар дили худ меҷӯяд, дигаре худро ба укёнуси шӯру қиёми зиндагӣ меандозад, ки дар он моҳияти ҳастии худ ва дили худро бештар дарёбад. Агар истеъдод бузург аст, дар ҳар ду ҳолат ҳам шинохти асил ва бадеии олам ба даст меояд.

Турсунзодаи мубориз, муборизи озодию хушбахтии халқҳо, Турсунзодаи ошиқ буд, ки ба муносибати сӯзон ва самимии хеш дунёи муборизаро фаро мегирифт. Танҳо Турсунзода барин шоир метавонист муаллифи достони «Ҷони ширин» бошад, зеро он қиссаи муҳаббати ӯ, муборизаи ӯ, рӯзгори ӯст. Танҳо Турсунзода метавонад ин гуна рози дил кунад, ки дар он ҳам навои дили ошиқи ӯ бошад ва ҳам шӯру исёни ғуломон.

*Туро сад бор гуфтам, ки ғуломат ман, ҳамин кофист,*
*Фидои як каломат, як саломат ман, ҳамин кофист,*
*Навиштам, пахш кардам, муҳр мондам даст бе гуфтор*
*Ҳаётамро, мамотамро ба номат ман, ҳамин кофист,*

*Ту донӣ феълу атвори ғуломон шӯру исён аст,*
*Шикастан, пора кардан кундаву занҷири зиндон аст.*
*Чу рӯди кӯҳ ҷӯшида, хурӯшида бурун рафтан*
*Зи қаъри тангно омоли озодипарастон аст.*

*Вале ман он ғуломам, ки на исён мекунам, на шӯр,*

*На бо ту мекунам ҷангу на аз ту мешавам ман дур.*
*Ҳамеша бо ту механдам, ҳамеша бо ту мегирям,*
*Агар хоҳӣ ту, ман ҳеҷу агар хоҳӣ ту, ман машҳур.*

*Вафо кун, гуфта будӣ, ман вафо кардам, ҳамин кофист,*
*Диламро дар вафо обу адо кардам, ҳамин кофист,*
*Агарчи ибтидои ошиқон дар ишқ ҳар ранг аст,*
*Вале бо номи ту ман ибтидо кардам, ҳамин кофист.*

Табиат ва шеваи зиндагии Мирзо Турсунзода ӯро ҳамеша ба дарёи пурғалаёни зиндагӣ меандохт. Аз он рӯзе ки мо, насли мо, чиҳил-панҷоҳсолаҳо ӯро мешинохт, ӯ дар сафар мезист. Ӯ дар миёни шӯру қиёми кишварҳо ва қитъаҳо буд. Ҳинду Покистон, ва кишварҳои дигари Осиё, дар ашъори ӯ ба назари шоирона кашф шуданд, мо онҳоро аз шеъри Турсунзода шинохтем, ва ӯро дар шеър кашшофи ин кишварҳо хондем. Аммо ӯ на танҳо он кишварҳо ва зиндагии мардуми онҳоро ба мо ошно кард, балки барои онҳо моро низ армуғон бурд. Чанд рӯз пештар донишманди покистонӣ Аҳмади Донӣ дар суҳбати телевизионӣ бо мо изҳор дошт, ки онҳо Турсунзодаро дар Покистон чун шоири Ҳисор мешиносанд. Яъне ашъори Турсунзода хизмати дуҷониба кардааст, дунёи хориҷро ба мо, ва моро, шеъри тоҷикро, халқи тоҷикро ба дунёи хориҷ шиносондааст. Ба шарофати ӯ ба он кишварҳо роҳ ба шеър ва адабиёти замонии мо кушода шуд.

Мирзо Турсунзода эҳсоси амиқи ягонагии оламро дошт, рӯдаки хурди ӯ бо укёнусҳо мепайваст, деҳаи хурди ӯ – Ҳисори Шодмон як узви қитъаи шӯридадили Осиё, ва мардуми деҳу диёраш, як қисмати башарият буд.

Ва ӯ шоире буд, ки ба ҳар гӯшаи дунё ва ҳар фарди башарият саодат мехост ва ӯ бо ҳамин сифат – саодатхоҳи мардуми олам ҷовидон хоҳад монд.

*Рӯди хурди деҳаи ман рӯди пуршӯр аст, шӯр,*
*Бо садои рӯдҳои Осиё ҷӯр аст, ҷӯр.*
*Ман ба ин рӯди азизам меҳри дилро додаам,*
*Ҳамраҳаш дар кӯҳсорон роҳи нав бикшодаам.*
*Аз лаби ин рӯд, аз қишлоқи ҷонҷони ман,*
*Сар шуд овози дили ман, мурғи хушилҳони ман.*
*Бо садои Осиё ҳамроҳ шуд, ҳампой шуд,*
*Дар сафи эҷодкорони саодат ҷой шуд.*

**Соли 1991**

## УМРИ ПУРМАЪНО

**(Раҳим Ҷалил)**

Як умри нависанда ҳаргиз аз як зиндагӣ иборат нест, як умри ӯ пуропур аз зиндагиҳост.

Мо ҳамин ки номи Раҳим Ҷалилро ба забон мегирем, ном ва зиндагии як силсила қаҳрамонҳои ӯ ба хотирамон мерасад: Пӯлод, Гулрӯ, Салимбой, Иванитский, Иванов, Холи ворухӣ, Давлат, Пётр, Даша, Эсанпай, Арслоналӣ ва боз бисёри дигар. Ҳамаи онҳо дар муҳит ва замоне, ки нависанда барояшон эҷод кардааст, зиндагии нотакрор ва ҷудогонае кардаанд,

зиндагии онҳо рангу бӯи хоса, талошу мубориза ва ғаму ташвишҳои худро доштааст. Инҳо образҳое ҳастанд, ки аз саҳифаҳои асарҳои ӯ ба зиндагии мо дохил гашта, имрӯз ҳамроҳи мо зиндагӣ мекунанд. Ва ин зиндагиро нависанда бо ҳар яки онҳо ҳамроҳ ба сар бурдааст ва ба ин маънӣ як умри ӯ пуропур аз зиндагиҳост.

Ба мо одат шудаст, ки ҳангоми таҳлили эҷодиёти шоир ва бештар ҳангоми таҳлили ашъори шоири лирик аз фазилатҳои инсонии ӯ, хулқу атвор, феълу хӯяш сухан ба миён орем ва кӯшиш кунем, ки вобастагии характери ӯро ба эҷодиёташ нишон диҳем. Аммо ҳамин ки кор ба нависанда оид шуд, ин чиз гӯё нодаркор мешавад. Ҳол он ки ҳар ду чиз – табиати инсонии нависанда ва хусусияти асарҳои ӯ – аксаран ба ҳам сахт вобастааст.

Раҳим Ҷалил бо ин қадар хушсуҳбатӣ ва зарофатгӯии худ наметавонист, ки нависандаи ҳаҷвнигор набошад. Ман дар ин ҳолат ҳаҷвнигорро на фақат ба маънои жанр, балки ба маъное, ки хусусияти ҳаҷв, мутоиба ва зарофат доштани истеъдоди ӯро ифода мекунад, истифода кардаам. Ҳоло аз ҳикояҳои ҳаҷвии ӯ, ки ҳаҷву мазоҳ ва зарофатро зотан худи жанр аз онҳо талаб дорад, сухане нагуфта, симои ду қаҳрамон – Салими садкора ва Холи ворухиро, ки дар ду романи ӯ аз қаҳрамонҳои асосӣ ҳастанд, ба ёд орем, ба хубӣ хоҳем фаҳмид, ки юмори нозук дар табиати истеъдоди ин нависанда аст. Ҳол он ки зиндагӣ ва тақдири ҳар дуи ин қаҳрамон сабук нест, ба дӯши инҳо вазифаҳои масъулиятнок гузошта шудааст, шуғлашон ҳам аз шуғлҳои мураккаб ва мушкил буда, шахсияташон ҳам ҳазлбардор намебошад, бо вуҷуди ин нависанда имкон меёбад, ки аз онҳо – аз Салими садкора бештар ва аз Холи ворухӣ камтар – бо юмори нозук сухан гӯяд.

Мазҳаканависи дунявӣ Бернард Шоу дар бораи бачагии худ тақрибан чунин менависад: азбаски дар хонаи мо бо сабаби майпарастии падарам бисёр вақт ҳолатҳои нохуш рӯй медод, ман аз бачагӣ одат кардаам, ки аз онҳо дилгир нашуда, баръакс ҳолатҳои хандаовар созам, нохуширо ба хушию мазҳака табдил кунам. Вай бовари комил доштааст, ки аз ҳар ҳодисаи нохуш ҳам фоҷиа сохтан мумкин аст ва ҳам мазҳака. Ва ӯ мазҳака месохт. Салимбои Раҳим Ҷалил ҳам ба садкорагии худ ҳамин тавр муносибат дорад. Худи нависанда ҳам аз ҳаёти ӯ ба услуби фоҷиаи мазҳаканок нақл мекунад. Вай дар ин усул хеле хуб меъёршинос аст: ноомадии кори Салимбой, аз тангии зиндагӣ паи ҳам касб дигар кардани ӯ, фиреб хӯрдан, ғорат шудан ва ин гуна қиссаҳои рӯзгори ӯ чунон нақл мешаванд, ки онҳо ба талхӣ ва вазнинии худ моро талхком ва ба рӯҳамон тазъиқ накарда, дар айни ҳол ба хандаю мазоҳи рӯирост ҳам нарасонида, дар ҳолате, дар байни таассуф ва табассум нигоҳ медоранд.

Хислати нависанда ба асарҳои ӯ беасар нест. Раҳим Ҷалил худаш ҳам зарофати махсус дорад, кас аз суҳбату муомила ва кори ӯ, аз чошнии зарофати нозукаш хоса ҳаловате мебарад. Вай бо як сухан вазъияти ҷиддиро ба шӯхӣ мубаддал карда метавонад ва ин корро ӯ, беихтиёр, ниҳоят табиӣ, бетакаллуф ба ҷо меорад.

Моҳи марти соли 1979, пас аз расми кушоди хонаи адибони ба номи Ҳаким Карим дар Ленинобод, Раҳим Ҷалил мо чанд нафарро ба ҳавлиашон ба меҳмонӣ даъват карданд. Дар меҳмонӣ муаллим, профессор Шарифҷон Ҳусейнзода дар нӯшбоди худ, дар ҳаққи Раҳим Ҷалил, аз ҷумла, чунин мегуфтанд:

– Домулло, Шумо имсол ба ҳафтод медаромада бошед ҳам, ҳоло тамоман ҷавон ҳастед, дили Шумо ҷавон аст, завқатон ҷавон аст, рӯҳатон ҷавон аст...

Раҳим Ҷалил хандакунон лутф карданд.

– Бале, домулло, то даме ки ҳар дуи мо деворро дошта, аз ҷоямон хеста метавонем, албатта, ҷавон ҳастем.

Аз ин луфт суҳбат оҳанги шӯхӣ гирифт, ки давомаш боз хушгувору пур аз зарофат буд...

Муҳит ва шароити зиндагӣ ба ташаккул ва инкишофи хислати инсон сахт таъсир мекунад. Раҳим Ҷалил аз кӯдакӣ муомилаи одамони гуногунро дидааст, суҳбат, гуфтугӯи мардуми гуногунтабақаю гуногунпеша – косибон, савдогарон, мардикорон, боён, муллоён, деҳқонон, амалдорон ва дигаронро шунида, ба онҳо зеҳн мондааст. Табиист, ки ин доираи васеъ ва гуногуни муомилаи шиносоиҳо дар ӯ ҳозирҷавобӣ, зарофатгӯӣ, зиракӣ ва ҳассосӣ барин хислатҳоро парвариш мекард. Вай аз хурдӣ ҳамсуҳбати фаъол шуда ба камол мерасид.

Аммо аҳамияти ин шогирдпешагӣ ва баъдтар устои кафшдӯз шуда кор кардани вай фақат бо сайқали хислатҳои инсонии ӯ тамом намешавад. Ин давраи ҳаёт барои эҷодиёти ӯ ҳамчун ашёи тасвир хизмат хоҳад кард. Ҳарчанд нависанда на ҳама вақт қиссаи рӯзгори онҳоро навиштааст, маҳз онҳоро ба саҳифаи асарҳои худ надаровардааст, аммо вай хулқу атвор, хислат гуфтору рафтор ва шаклу сурати онҳоро ба мушоҳида гирифта, барои мукаммалӣ ва нотакрории образҳояш истифода кардааст. Он хазинаи мушоҳида ба кор рафтааст.

Агар қисмате аз образҳои сершумори ҳаррангу гуногунхислат, ки дар ҳикояҳои ҳаҷвию ғайриҳаҷвии нависанда эҷод шудаанд, маҳсули маҳз ҳамон мушоҳидаҳо бошанд, дар сурату сифати қисме аз қаҳрамонҳои дигари ӯ гарди ҳамон хазина ҳаст, яъне ӯ дар офаридани образҳои дигар аз хислат ва хулқу атвори онҳо истифода кардааст. Моҳияти масъала дар будани мушоҳидаҳои ҳаётист, маврид, ҷой ва тарзи ба кор андохтани онҳо пайдо мешавад.

Хотирот аз олами таассуроти бачагӣ дар ташаккули шахсият ва олами бадеии нависандаи вуқӯънавис аҳамияти калон дорад. Муносибати вай бо зиндагӣ чӣ тавр хоҳад шуд, чӣ дилбастагиҳои бачагияш то камолот боқӣ хоҳанд монд, чӣ орзу ва мақсадҳое ӯро ташвиқ ба кӯшиш ва такопӯ хоҳанд кард? Ҳамаи ин барои ташаккули хусусияти назар, фаҳмиши зиндагӣ ва фардияти нависанда таъсири бузург мекунад. Муҳит нависандаи худро месозад.

Раҳим Ҷалил аз бачагӣ ба меҳнат сар кардааст: «Падарам косиби кӯпалақдӯз буд – менависад ӯ дар «Маъвои дил». – Ман аз нуҳсолагӣ аввал ресмонтобӣ, баъд чархкашӣ, пас дӯзандагиро ёд гирифта, дар синни сенздаҳсолагӣ ба такгирӣ гузаштам»... Вай аз хурдӣ бо ду чизи ниҳоят муҳим – ба меҳнати пайваста ва зиндагиро чунонки ҳаст, аз наздик дида, дар оғӯши он буда, ба фаҳмидан омӯхта шуд. Ин ҳар ду барои нависанда аз талаботи асосист. Ва муҳимтараш боз он буд, ки дар ин давра муносибати бача бо зиндагӣ шакл мегирифт.

Раҳим Ҷалил дар «Маъвои дил» боз аз як чизи бисёр муҳим маълумот медиҳад. Ӯ дар бораи дар бачагӣ дилбохтаи коғазу қалам ва китобхонӣ будани худ хабар дода менависад: «... чун ҳикояҳои бештар ба забони ӯзбекӣ ва ҳанӯз кам андар кам ба забони тоҷикӣ тарҷумашудаи М. Горкий ва Чеховро мехондам, ки аз ҷангномаҳои пур аз иғроқу муҳобот фарқи аз замин то осмон доштанд, орзуи қаламкаш шудан ва кор кардан дар он ҷойҳое, ки газетаву журнал мебароранд, сол то сол зиёд мешуд». Дар ин ҷо дар назари аввал чунин вонамуданаш мумкин аст, ки Раҳим Ҷалил ба асарҳои реалистии Горкий ва Чехов ва «ҷангномаҳои пур аз иғроқу муҳобот» муносибати минбаъда, давраи баркамолии худро баён мекарда бошад, на фаҳмиши ҳамонвақтаи бачагии худро. Ба бачае, ки завқаш дар асоси адабиёти романтикӣ тарбия меёфт, якбора мақбул омадани асарҳои реалистӣ осон нест. Фарқияти ин ду методи бадеӣ калон аст. Аммо ба бача дар он ҳолат таҷрибаи вай аз касб, меҳнат ва зиндагӣ ёрӣ кардааст.

Дар байни ҷангномаҳо, ки қудрати бемислу монанди паҳлавонон, кишварҳои зебои афсонавӣ, зиндагии серу пур, моҳлиқоёни паривашро тасвир мекарданд ва меҳнати кашфдӯзии бача фарқи бисёр ҳам калон буд. Бача ба воқеияти мавҷуда сахт вобаста буд, вай дар он зиндагӣ мекард, асарҳои Горкий ва Чехов дар бораи ҳамин гуна воқеият буданд, қаҳрамонҳояшон ба одамони гирду атрофи ӯ монандӣ доштанд, корҳоеро мекарданд, ки

одамони хокӣ карда метавонанд. Ва бача ба онҳо бовар кард, онҳоро дӯст дошт. Зиндагӣ ҳамеша ба хаёлбофиҳои бепоя ғолиб меояд. Ин дафъа ҳам ҳамин тавр шуд.

Ҳар замон масъалаҳои адабиётро, ки аз чигунагии муносибати инсон бо инсон, инсон бо ҷамъият, инсон бо муҳит ба ҳам меоянд, дар асоси мавзӯъ ва маводҳои худаш ҳал мекунад. Ин масъалаҳо дар солҳои сиюм, дар солҳое, ки Раҳим Ҷалил ба навиштани асарҳои худ оғоз мекард, аз ҷумла, дар мубориза синфӣ, пайдошавии сохти нави иҷтимоӣ, мубориза барои озодии занон, ҳаракати меҳнати дастаҷамъӣ барин мавзӯъҳо тасвири бадеии худро меёфт. Чунонки мебинем, мавзӯъҳо ҳама оҳанги иҷтимоӣ доштанд. Нависандаи навқалам ҳам кори худро дар адабиёт аз тасвири ҳамин мавзӯъҳо сар кард.

Муборизаи синфӣ мавзӯи асосии ҳикояҳои нахустини ӯ қарор гирифт. Ҳикояҳои «Орзу», «Сири шаби тор», «Афсӯс», ки дар онҳо душманони синфии меҳнаткашон, дилу нияти нопоки онон тасвир шудаанд, ҳар яке симои ононро аз ин ё он ҷиҳат возеҳтар пеши назар оварда, мақсади ягонаи онҳо боздоштани роҳи ҳаёти навро нишон додаанд. Ин гуна душманони синфӣ Ҳасан хиррӣ, Саттор, Марозиқ ва дигарон бо сабаби зӯрии адовати шахсиашон ба сохти нав, ки онҳоро аз дороӣ ва давлаташон маҳрум кардааст, на фақат моҳият, балки сирри дар чӣ будани қуввати сохти навро дида наметавонистанд. Адоват на фақат чашми сар, чашми хирадро ҳам кӯр мекунад. Онҳо дуруст нафаҳмиданд, ки ҳукумати нав ба халқи меҳнаткаш такя кардааст, халкро як умр фирефтан, дар бехабарию ғафлат нигоҳ доштан, гумроҳ кардан мумкин нест. Аммо онҳо, ки ба халқ доимо беэътиноӣ мекарданд, қудрат ва тавоноии ӯро дарк карда натавонистанд.

Аввалин ҳикояҳои Раҳим Ҷалил ва умуман адабиёти нави тоҷик, ки доираи мавзӯҳояшон дар боло зикр шуд, аз ҷиҳати поэтика ҳам ба ҳамдигар шабоҳат доштанд. Онҳо аксаран ҳикоя-воқеа буданд, дар онҳо албатта ягон воқеаи ҷолиби диққате ба амал меомад, ки дар натиҷаи он мо ба сифати ин ё он қаҳрамон шинос мешудем, аз марому мақсади ӯ пай мебурдем.

Воқеанигорӣ дар он солҳо аз асоситарин сифатҳои насри хурд буд. Дар адабиёт ҳеҷ чиз ба таври соф ва холис сурат намегирад, вай ҳамеша дар омезиш бо сифатҳои дигар вуҷуд дорад. Воқеанигориро яке аз хусусиятҳои асосӣ донистани мо ба он маънист, ки он нисбат ба дигар хусусиятҳои адабиёти он солҳо бартарӣ дошта, дар кушодани моҳияти характерҳо бештар хизмат кардааст.

Бунёди ҳикояҳои нахустини Раҳим Ҷалил ҳам бар воқеа буд. Камтар пештар рафта гуфтан мумкин аст, ки ин навъи ҳикоя дар давраҳои минбаъдаи эҷодиёти Раҳим Ҷалил ҳам дар мавқеи аввал меистад. Фикри ӯ асосан ба воситаи воқеа ифода мешавад ва ин хосияти тафаккури бадеии ӯст.

Эҳтимол, барои дар эҷодиёти Раҳим Ҷалил мақоми махсус пайдо кардани воқеанигорӣ муттасил ҳикояҳои ҳаҷвӣ навиштанаш сабаб шуда бошад. Ҳикояи ҳаҷвӣ қариб бевоқеа буда наметавонад. Ҳаҷв ҳаракати воқеа аст. Характери ҳаҷвӣ дар асоси ҳолат, воқеа ва амали ҳаҷвӣ офарида мешавад.

Ташаккули ин хусусияти тафаккури бадеии Раҳим Ҷалил ба талаботи замон, бо ташаккули ҳаёти нав мувофиқ омада буд. Ба эҷодиёти нависанда агар аз ҷиҳати мавзӯъ назар андозем, мебинем, ки ӯ ҳикояҳои ҳаҷвӣ менавишт, ҳамчун узви фаъоли ҷамъияти нав ба боқимондаҳои ҳаёти кӯҳна механдид, онҳоро фош мекард, масхара медошт ва агар аз ҷиҳати ғоя бубинем, ӯ асоси ҷаҳонбинии навро мустаҳкам ва кӯҳнаро забун месохт.

Дар ин роҳ мубориза бар зидди хурофот, намояндагони ашадии он ки бо ҳаёти нав созиш кардан намехостанд ва наметавонистанд, яке аз вазифаҳои асосӣ буд. Ба замми ин хурофот ба бисёр соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, маданию маишӣ зиндагии халқ ворид шуда буд. Аз ин рӯ, аз

ҷиҳати мавзӯъ гуногун будани ҳикояҳои ҳаҷвии Раҳим Ҷалил, ки бар муқобили хурофот буданд, як амри қонунист. Ҳикояҳои дар солҳои сиюм навиштаи ӯ чун «Ҳиҷрат», «Хоҷаи борон», «Воизи охирин», «Шикасти тилисмот» ин муборизаро аз ҷиҳатҳои гуногунаш нишон медоданд.

Дар ин мубориза Домулломирмуқим, Домулломирҳалим, Домуллои воиз, Муллотолиб ва фолбинзан барин хизматгорони хурофот, ки бо фиреби мардум таъмини маишати беминнат мекарданд, ҳам дар ҷидоли рӯирост ба мардуме, ки пайрави ҳаёти наванд ва ҳам бе муборизаи тан ба тан ва рӯёрӯй бо, мағлуб мешаванд. Бар зидди онҳо худи шароити нав мубориза мекунад. Масалан, дар ҳикояҳои «Хоҷаи борон» ва «Шикасти тилисмот» – Домулломирҳалим ва Муллотолибу фолбинзан бо ягон кас муборизаи рӯирост надоранд, ягон кас фиребгариҳои онҳоро фош намекунад – онҳоро худи шароити нави зиндагӣ расво мекунад, ки чун қаҳрамон вазифаи фошкунандагӣ дорад.

Дар ин ҷо як сифати тозаи адабиёт ва маҳз адабиёти реалистӣ пай бурда мешавад, ки ин офаридани шароити маҳкум ва фошкунанда ва ё, бараъкс, шароити тасдиққунанда ва ёрирасон мебошад, яъне шароит дар ҳама ҳолат фаъол аст ва метавонад вазифаи қаҳрамонро ба ҷо орад. Чунки ин гуна шароитро дар адабиёти реалистӣ маҳз худи одамон месозанд ва решаҳои он дар заминаи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии шахс бо ҷамъият фурӯ рафтааст. Ин як хусусияти фарққунандаи адабиёти реалистӣ аз романтикист. Ҳаҷв бештар тамоюл ба адабиёти реалистӣ дорад. Аксаран ҳолати мазҳака, ҳаҷв дар натиҷаи мувофиқ наомадани рафтори қаҳрамон ба ин ё он шароит ба зуҳур меояд. Дар ҳикояҳои ҳаҷвии Раҳим Ҷалил ин шароит барои пойдории муносибатҳои нави иҷтимоӣ қувваи фаъол мешавад, вай шароити мубориз аст. Бинобар ин, дар баъзе ҳикояҳои ҳаҷвии ӯ образҳои манфӣ ба муқобилати рӯирости қаҳрамонҳои мусбат дучор наомада ҳам фош мешаванд, мағлуб мегарданд.

Мубориза барои озодии занон, ки яке аз шохаҳои мубориза бар зидди хурофот, боқимондаҳои давраи бойӣ-феодалӣ ва истисмори иҷтимоӣ буд, дар солҳои сиюм яке аз масъалаҳои асосии адабиёт ба шумор мерафт. Дар эҷодиёти он солҳои Раҳим Ҷалил ин мавзӯъ аз ҷиҳатҳои гуногунаш ба тасвир омадааст. Агар дар қисме аз ҳикояҳои ӯ масъалаҳои азобу уқубат, тобеияти ғуломона ба шавҳар, маҳрумият аз ҳуқуқҳои инсонӣ ва озодии занон ба миён гузошта шуда, дар ин ҳолат мардон аксаран такя бар кӯҳнапарастӣ дошта, занон бар зидди ин гуна хислатҳои онҳо мубориза кунанд, дар қисми дигари ҳикояҳо худи занон ҳанӯз бар моҳияти ҳаёти озод дуруст сарфаҳм нарафтаанд, ба тозагиҳои он унс нагирифтаанд ва побанди расму одатҳои нодаркор мондаанд.

Баъзан рафтори онҳо ба шароити мавҷуда мувофиқат намекунад ва дар натиҷа ҳолати мазҳака пайдо мешавад. Аз ҷумлаи ҳикояҳои гурӯҳи аввал – «Ҳар ду хандиданд»-ро зикр кардан мумкин аст, ки Зубайда бо Қосим, шавҳараш, барои баробарии ҳуқуқаш талош мекунад. Ин талош як андоза ҳангома дорад. Ба ин бо мушту хекиртак анҷомидани моҷарои зану шавҳар далел аст. Аз аввал чунон ба назар мерасад, ки гӯё нависанда ба майли худ воқеаро тезу тунд мекарда бошад, лекин пас мефаҳмем, ки ҷанҷоли зану шавҳар пас аз кор хеле шиддат гирифта, вазъият бо ҳамин дараҷа расида будааст.

Муборизаи занон барои ҳуқуқҳои худ дар шаклҳои гуногун давом мекард ва табиист, ки дар шаклҳои гуногун ҳам тасвир мегашт. Тасвири ҳазломези он роҳи ягона нест. Он дар ҳикояҳои ғайриҳаҷвӣ ва дар асарҳои жанри дигар, масалан, дар романи «Одамони ҷовид» ҳам ҷой дорад.

Дар мо истилоҳи ҳаҷв аксаран ба маънои васеъ ба кор рафта, ҳазлу мутоиба, мазҳака ва хандаро ифода мекунад. Дар асарҳои ҳаҷвии Раҳим Ҷалил аксари ин оҳангҳо ба гӯш мерасад.

Агар хислати шахсоне, ки вуҷуд ва амали инҳо ба ҷамъияти нав зарарнок бошад, сухани нависанда дар танқиди онҳо оҳанги ҳаҷву истеҳзои тезу тунд мегирад. Ин оҳанг махсусан, дар ҳикояҳои «Ҳиҷрат», «Шӯри Ғайбатхола», «Шайх Мулло Муҳаммад Сабури Раммол», «Шубҳабоев», «Васвасабону» бо ситезу ғазаб садо медиҳад. Нависанда тири ҳаҷву истеҳзои худро ба боқимондаҳои олами кӯҳна, ки дар образҳои манфии ин ҳикояҳо ҷой дорад, равона мекунад.

Ғайбатхолаи «саломномахон», ки бо сабаби торафт кам шудан ва аз байн рафтани расму одатҳои зарарноки кӯҳна аз манбаи даромади бемеҳнаташ маҳрум мешавад, бо ҳар роҳ мехоҳад, ки он одатҳоро зинда дорад, ба анъанаҳои нави зиндагӣ монеъ шавад. Барои манфиати худ вай аз корҳои пасте, ки шаъни инсонро доғдор мекунад, даст намекашад.

Ғайбатхола баробари образи фардӣ буданаш – симои хос, хислатҳои нотакрор, рафтор ва шеваю гуфтори ҷудогона доштанаш образи типӣ ҳам мебошад. Дар симои ӯ тамаъкорӣ, иғвогарӣ, муфтхӯрӣ барин хислатҳои манфур таҷассум гашта, тасвири бадеии худро ёфтаанд.

Ин ё он гуна табу тоб доштани ҳикояи ҳаҷвӣ, бешубҳа, ба замми вобаста буданаш ба маводи ҳикоя боз ба поэтикаи он алоқаи мустаҳкам дорад. Поэтика ифодаи барҷастаи табу тоби заруриро таъмин мекунад. Дар поэтикаи ҳикояҳои Раҳим Ҷалил як хусусиятро махсусан, қайд кардан лозим аст, ки он дар таъмин кардани фардияти эҷодии Раҳим Ҷалил ҳамчун ҳаҷвнигор мавқеи калон дорад.

Дар ҳикояҳои то ҳоло мавридисуханшуда, ба ҷуз «Шӯри Ғайбатхола», оҳанги ханда, мазҳака, ҳаҷвии онҳо ба воситаи ҳолати ҳаҷвӣ пайдо шуда буданд. Ҳаҷвияти ҳолат ва ё воқеа бар характери ҳаҷвии персонаж бартарӣ дошт, яъне ҳолат ба ҳамин гуна боиси ханда ва мазоҳ шудани персонаж ёрӣ ва баъзан ҳатто онро тақозо мекард. Як воқеаи асосӣ меҳвари ин гуна ҳикояҳоро ташкил карда, воқеаҳои ёрирасон гӯё гирди ин меҳвар давр мезаданд. Ҳамин тавр, масалан, доруфурӯшии Мулломирмуқим дар ҳикояи «Ҳиҷрат», дар ҳолати назъ розкушоии «Шайх Мулло Муҳаммад Сабури Раммол», саводомӯзии Ҳоҷӣ Ҳафтияк дар «Шикасти тилисмот» воқеаҳои асосӣ буда, бунёди вазъияти ҳаҷвӣ бар онҳост, ки персонажҳо дар он шароит амал карда, характери ҳаҷвии худро аён менамоянд.

Поэтикаи баъзе ҳикояҳои дигари Раҳим Ҷалил, аз ҷумла, «Ҳар ду хандиданд», «Гадойбой аз ҷӯб», «Хар ва сабукрав», «Гурба ва рашк» низ ҳамин тавр рафтори ҳаҷвии персонажро таъйин мекунанд, онҳо дар хусусияти ҳаҷвӣ гирифтани ҳикояҳо саҳми авваддараҷа доранд. Ин ҷо як масъалаи дигар ҳам ҳаст.

Бешубҳа, дар баъзеи ин ҳикояҳо, махсусан, дар онҳое, ки нависанда вайронкориҳои душманони синфӣ, боқимондаҳои ҳаёти кӯҳнаро ҳаҷв мекунад, мақсади асосии ӯ решакан ва ё тарбия кардани шахсонест, ки дар ин гирифторӣ мебошанд. Дар ин сурат мақсади асосии нависанда ба ифодаи моҳияти ин гуна персонажҳо ва фош кардани онҳо равона шудааст ва гӯё шароит ва ҳолату ҳодисаҳои ҳаҷвӣ аҳамияти дуюмдараҷа доранд. Ин дуруст аст, аммо дар назари аввал, агар мақсади танқидии нависанда табу тоби ҳаҷвӣ пайдо намекард, ин фикр комилан дуруст буд. Охир, танқид ва фош кардани ноқисиҳо дар ҳаҷв ва ё маҳз дар ҳикояи ҳаҷвӣ сурат гирифтанаш шарт нест, ин мақсад метавонад, ки дар жанрҳои дигар ҳам амалӣ шавад ва асарҳое, ки рӯҳи танқидӣ ва фошкунандагӣ доранду худ асари ҳаҷвӣ нестанд, бисёранд. Мисоли барҷастааш асарҳои Н. Гогол. Аммо дар айни ҳол нависанда мақсад ва маводи худро маҳз бо тасвири ҳолат ва ҳодисаи ҳаҷвӣ менигорад, ки ин оҳанги зарурии ҳаҷвиро ҳосил мекунад. Аз ин сабаб ҳолату шароит, ҳодисаҳои ҳаҷвӣ дар ин гуна ҳикояҳо ба аҳамияти аввалдараҷа соҳиб мешаванд.

Поэтикаи гурӯҳи дигари ҳикояҳои Раҳим Ҷалил бар кушодани характери ҳаҷвӣ қарор гирифтааст. Бешубҳа, барои кушодани характери ҳаҷвӣ ҳам ҳодисаю воқеа ва амалиёти хусусияти ҳаҷвӣ дошта лозим аст, аммо бунёди ҳаҷвии худи характер бар хусусияти амалу ҳодиса бартарӣ мекунад. Дар ин ҳолат офаридани характери ҳаҷвӣ, типи ҳаҷвӣ зарур аст ва агар ин ба даст ояд, ҳикояҳо қимати баланди бадеӣ пайдо мекунанд. Дар ин ҷо сухан аз эҷод кардани типи ҳаҷвӣ меравад, тип доманаи фарогирии васеъ, қувваи таъсири амиқ ва дуру дароз дорад. Азбаски бунёди онро пеш аз ҳама моҳияти ҳаҷвии характер ташкил мекунад, он умри дароз дошта, аксаран ҳамоҳанги замон садо медиҳад. Хайруллохӯҷа, Шубҳабоев, Мӯнисабону, Ғайбатхола, Раҳматуллобек (аз ҳикояҳои «Марги Хушомадхӯҷа», «Шубҳабоев», «Васвасабону», «Шӯри Ғайбатхола», «Айбҷӯй») образҳое ҳастанд, ки ба дараҷаи типҳои ҳаҷвӣ расидаанд ва бо вуҷуди дар солҳои гуногун (масалан, «Марги Хушомадхӯҷа» соли 1935 ва «Айбҷӯй соли 1962») навишта шуданашон имрӯз ҳам ҳамон қимати бадеӣ ва фошкунандагии пештараашонро доранд. Чунки дар ин ҳикояҳо хислатҳое ҳаҷв мешаванд, ки қариб дар ҳар замон ҳастанд ва ҳар замон барои аз онҳо халос шудан ба тарзи худ мубориза мекунад.

Масалан, мо имрӯз ҳам бар зидди хушомадгӯёни корноухдабаро, одамони нобовар, молу чизпарастон, дурӯғгӯю ғайбатчиён, ношукрони айбҷӯй мубориза мекунем, инсони имрӯзаро аз ин гуна хислатҳои ношоиста пок кардан аз вазифаҳои муҳими тарбиявии мост. Имрӯз ҳам Хайруллохӯҷаи хушомадгӯй, Шубҳабоеви нобовар, Мӯнисабону – Васвасабонуи чизпарасти носерам барин типҳоро, ки онҳо фаровонии умумӣ, беҳтарии зисту зиндагониро барғалат – танҳо ба манфиати худ фаҳмида, бо ҳар роҳ, ҳар чӣ бисёртар аз ҳиссаи ҷамъият рабудан мехоҳанд, фош кардан, масхара доштани адабиёт зарур аст. Ин типҳо ба ҳар шароит мутобиқ ва дар ликои нав пайдо мешаванд.

Тадқиқотчиёне, ки оид ба эҷодиёти Раҳим Ҷалим асарҳо навиштаанд, аз ҷумла М. Шукуров, А. Сайфуллоев, Р. Амонов, С. Табаров, Х. Отахонова ба ин ҷиҳати ҳикояҳои ӯ дахл кардаанд. Масалан, М. Шукуров ва А. Сайфуллоев дар рисолаи худ «Раҳим Ҷалил» ҳаққонӣ навиштаанд, ки «дар образи Хайруллохӯҷа типи хушомадгӯй ба хубӣ дода шудааст»[1]. Х. Отахонова ҳам дар рисолаи худ[2] дар бораи образҳои Хайруллохӯҷа, Шубҳабоев, Ғайбатхола, Мӯнисабону ҳамчун дар бораи типҳои ҳаҷвӣ сухан меронад. Дар ду рисола ҳам муҳимтарин хусусиятҳои персонажҳои ҳаҷвии Раҳим Ҷалил ба дараҷаи типи ҳаҷвӣ расидани онҳо қайд шудааст. Вале ба назари ман чунин мерасад, ки муаллифи рисолаи дуюм Х. Отахонова баробари андешаҳои солимаш дар бораи ҳикояҳои нависанда, баъзан дар гармии серталабӣ дархостҳое мекунад, ки ба манфиати асар нестанд. Чунин аст дархости вай аз ҳикояи «Васвасабону». Ӯ ҳикояро аз ҷиҳати ғоя ва мавзӯъ ва аҳамияти тарбиявиаш муфассал ва дуруст ба таҳлил гирифта, дар охир аз камбудиҳояш чунин менависад: «Нависанда ба тасвири образи Ҳошим рӯякӣ рафтор кардааст. Вай аз куҷо сар задани хислатҳои манфии Ҳошимро, ки боиси ба талабҳои Мӯнисабону муқобилат карда натавониста, ба ҷамъият хиёнат кардани ӯ гардидаанд, ба таври боварибахш кушода намедиҳад. Сабабҳои ба ҷиноят рӯ овардани Ҳошим норавшан аст. Нависанда муборизаи ботинии ӯро суст тасвир намудааст»[3]. Дар назари аввал чунин аст, ки талабҳои мунаққид дуруст аст. Аммо талабҳои мо бояд ба мақсади нависанда

[1] М. Шукуров, А. Сайфуллоев, Раҳим Ҷалил. Нашрдавтоҷ. Сталинобод, 1958, саҳ. 13.

[2] Х. Отахонова. Раҳим Ҷалил ва эҷодиёти ӯ. Душанбе, 1962.

[3] Ҳамин ҷо, с.36

мувофиқат дошта бошад. Вагарна, чунин мешавад, ки нависанда як чизро гуфтан мехоҳаду мо аз вай чизи дигарро талаб мекунем.

Дар ҳикояи «Васвасабону» образи Васвасабону маркази тасвир ва мавқеи ҳаҷв аст, хислати персонажҳои дигар ҳам ба воситаи ӯ кушода мешавад. Ҳамин тавр, мо аз характер, ҷоҳу ҷалол, боигарӣ ва зисту зиндагонии Қобилаю Роҳила ва шавҳарҳои онҳо Мерганбоев, Сафаров ва шавҳари худи Мӯнисабону Ҳошим Қосимов огоҳ мешавем. Сохти ҳикоя ҳам аз ин назар андешида шудааст. Бесабаб нест, ки Мӯнисабону ба шавҳар мурочиат карда, паи ҳам, ба ҷавоби ӯ гӯш надода, сели таънаю маломатро ба сари ӯ мерезад ва бо ин характер, қасду ният, ҷаҳони ботинии худро мекушояд. Мақсади нависанда сохтани образи занест, ки ба васвасаи ҳашамат, ҷоҳу ҷалол ва боигарию карру фар гирифтор шудааст. Бинобар ин, ба нависанда зарур нест, ки аз кучо сар задани хислатҳои манфии Ҳошимҷонро нукта ба нукта муфассал нишон диҳад. Ҳошимҷон ба қонеъ кардани талабҳои Мӯнисабону сар кард. Ин роҳи ҷиноят буд. Ба кадом роҳҳо ҷиноят кардани ӯро нишон додан муҳим нест. Муҳим он аст, ки боиси ҷиноят будани васвасаи Мӯнисабону аён шуд. Ба замми ҳамаи ин, боз табиати жанрии ҳикоя ва ҳикояи ҳаҷвиро аз эътибор соқит набояд кард, ки тафсилотро намепарварад.

Ҳаҷв барои аз реша кандани боқимондаҳои ҷаҳони боию феодалӣ, хислатҳои ношоиста ҳар қадар хизмат карда, ба ин восита дар тарбияи инсони нав саҳми калон дошта бошад, қувваи таъсири асаре, ки образи бунёдкорони ҷаҳони нав, пешқадамони кору меҳнат ва инсони замонро меофарад, бузургтар аст. Ва як амри воҷиб буд, ки Раҳим Ҷалил аз давраҳои аввали эҷодиёташ баробари офаридани образҳои ҳаҷвӣ ба эҷоди образи қаҳрамонҳои фаъол ва ҷонфидои даврy замон кӯшидааст. Ӯ ҳам дар асарҳои калонҳаҷми наср – роман, повест ва ҳам дар жанрҳои хурд – ҳикоя, очерк, лавҳа ба ин кор пардохтааст.

Раҳим Ҷалил тасвири ҳаёти нав ва инсони онро бо ҳамин ду роҳ давом медод: бо ҳаҷву танқиди муқобилон ва ситоиши пайравон ва фаъолон. Ба ҳамин сабаб, баробари нахустин ҳикояҳои ҳаҷвиаш дар ин мавзӯъ ҳикояҳои ғайриҳаҷвиаш ба қалам омадаанд, ки ба аввалин бунёдкорони комбинат, Канали Калони Фарғона, меҳнати зафаровари халқ дар ақибгоҳ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, хулоса, ба аксари мавзӯъҳое, ки замон тасвири онҳоро талаб дошт, бахшида шудаанд. Аз ин ҳикояҳо «Комбинат», «Сирри фошшуда», «Орзуи модар»-ро қайд кардан лозим аст. Дар мавзӯи онҳо, кӯшиши нависандаи ҷавон, ки воқеияти наврo тасвир кардан мехоҳад, ба назар мерасад. Дуруст аст, ки дар ин кор ба ӯ он вақт маҳорати комили нависандагӣ намерасид, аммо кӯшиши ӯ қобили қайд буд.

Нависанда ҳамроҳи асарҳояш ба камол мерасад. Нияти бузурги эҷодӣ сабзиш ва камолоти эҷодкорро метезонад. Ба навиштани қисми якуми романи «Одамони ҷовид», ки соли 1941 бо номи «Гулрӯ» чоп шуд, камар бастани Раҳим Ҷалил барои камолоти эҷодиаш аз чанд ҷиҳат хизмат кард. Аввал ба худи нависандаи ҷавон зарур буд, ки ба қобилият ва истеъдоди эҷодиаш бовари комил пайдо кунад, бовар кунад, ки ӯ образи ҳамзамонони худ, образи онҳоеро, ки кору амалашон боиси пайравии дигарон бошад, офарида метавонад. Қонеъ кунондани талаботи ботинӣ жанри калонро мехост. Зарурати навиштани роман ба миён омад.

Сониян, дар рафти кор омӯхтани қонуниятҳои дохилии роман, муносибати гуногунҷиҳати қаҳрамонҳо бо якдигар, инкишофи мантиқии ҳодисаҳо, таносуби ҳақиқати бадеӣ ва дигар масъалаҳои муҳим ва мураккаби адабиёти бадеӣ нависандаи ҷавонро ҳамчун ҳикоянавис ҳам ба зинаи баландтари камолот бардоштанд. Бесабаб нест, ки ҳикояҳои минбаъдаи нависанда комилтар, амиқтар ва аз назари банду баст рехтатар ба назар мерасанд. Баробари ин, муваффақияти Раҳим Ҷалил ҳамчун романнавис пеш аз ҳама ба муваффақияти ӯ ҳамчун ҳикоянавис сахт вобастааст. Ин чизро аз устухонбандии роман низ пай бурдан мумкин аст, ки

сохти ҳикоябандии силсиланокро дорад. Сохти романи дуюми нависанда «Шӯроб» ҳам ба ҳамин тарз аст.

Раҳим Ҷалил аз давраи аввали эҷодиёташ то имрӯз, ҳам ҳангоми навиштани романҳои «Одамони ҷовид», «Шӯроб» ва ҳам дар айёми эҷоди повести воқеияш «Маъвои дил», аз ҳикоянависӣ даст накашид. Ӯ аз адибони насли калонсоли тоҷик ягона нависандаест, ки дар ин жанр муттасил кор мекунад.

Раҳим Ҷалил худро дар ҳудуди танги ҳикоя озод ҳис мекунад. Ин аломати устодист. Ҳикояҳои ӯ бо вуҷуди мухтасарӣ ва ихчамияшон ба назар ноқис ва нопурра намерасанд. Вай дар ду-се саҳифа характери қаҳрамон, зисту зиндагонӣ, гуфтору рафтор, дилу нияти ӯро хуб кушода медиҳад. Барои мисол, ҳикояи кӯтоҳаки «Ҳиммати Ҳалимбобо»-ро гирем, ки аз ду-дуюним саҳифа зиёд нест. Дар ҳикоя маълумоти бисёре ҳаст: бобо дар колхоз кор мекунад, колхозчиён барои ёрӣ ба фронт пул ҷамъ мекунанд, ҳама ба қадри ҳиммату тавонаш пул доданист ва ғайра. Вале маълумотҳо фақат ба хотири маълумот оварда нашудаанд, баробари аз забони Ҳалимбобо расидани ин маълумотҳо характери ӯ ҳам кушода мешавад, муносибати вай бо онҳо моро аз дилу нияти ӯ огоҳ мекунад.

Ҳалимбобо мӯйсафеди серғайрат, хушҳол, ҳозирҷавоб, ҳимматбаланд, меҳнатдӯсту ватанпарвар аст. Нависанда хислати кампири вай Хайрихоларо дар суҳбати Ҳалимбобо хуб мекушояд.

Хикояҳои дигари нависанда, ки дар солҳои ҷанг эҷод ва аксаран ба мавзӯъҳои ақибгоҳ – меҳнати зарбдор, ёрӣ ба фронт, ватанпарварӣ бахшида шудаанд, аз ҷумла, «Телпакдӯз», «Бобо ва набера», «Пахтакорон», «Зан ва шавҳар», яке бештар ва дигаре камтар, ҳамин гуна сифатҳои хуби мухтасарӣ ва хотирнишиниро доранд. Дар дилу нияти қаҳрамонҳои ин ҳикояҳо идеали олии нависанда – инсони замони нав, инсони ватанпарвар ва фидокор, ки дар роҳи озодии Ватан ва саодати халқ ҳаргиз ҷони худро дареғ намедорад, ифода шудаанд. Вале аз назари маҳорат онҳо ноқисиҳое доранд, ки ба хусусияти рӯирости ташвиқотӣ доштанашон вобаста буда, ба дараҷаи зарурии бадеият ва ҳикматписандӣ нарасидаанд.

Дар ҳар давр идеали нависанда мутобиқан бо идеали замон тобишҳои тоза, ҷилваҳои махсус пайдо мекунад. Дар солҳои ҷанг ва баъди он ки инсони фидокору ҷоннисор идеали замон буд, дӯстӣ ва рафоқат барин хислатҳои худро бисёр ҳам барҷаста падидор кард. Ин дар «Ҳодисае дар фронт», «Умри дубора», «Хешовандон», «Албоми Анбархола» барин ҳикояҳои Раҳим Ҷалил акс андохт. Самимияти дӯстии партизан Тимофейбобо ва Ҳомид, ки сониян, шавҳари Мария – духтари Тимофейбобо мешавад, дар ҳикояи «Умри дубора» махсусан, амиқ ва пуртаъсир аст. Тимофейбобо чун таҷассуми беҳтарин хислатҳои халқи украин ба назар мерасад.

Ин ҳикоя аз ҷиҳати ҳаҷм ва мавзӯъ аз калонтарин ҳикояҳои нависанда аст. Дар он чандин қаҳрамон, ки фарзанди халқҳои гуногунанд, амал мекунанд ва Ҳомиди маҷрӯҳро, ки яке аз онҳост, падарона парасторӣ кардани Тимофейбобо пайванди ногусастании халқҳои бародарро таъкид ва тасдиқ мекунад. Домани ҳикоя аз ҷиҳати воқеа фарох бошад ҳам, дар он нақшаи пешакӣ ва қолаб ба назар мерасад, ки ин ба тароват ва тасвири амиқи характеру ҳолат таъсири манфӣ расонидааст.

Раҳим Ҷалил дар ҳикояҳои солҳои баъди ҷанг, масалан, дар «Кӯри биношуда», ёрӣ, муносибати дӯстонаи халқҳоро ба ҳамдигар нишон дода буд. Дар солҳои охир ин мавзӯъ дар ҳикояҳои ӯ пайваста бо мавзӯи хориҷӣ ба тасвир омада, барои аёнтар намудани ин дӯстӣ дар миқёси ҷаҳон хизмат мекунад. Масалан, ҳикояи «Бобоён ва набераҳо» бевосита аз ҳамин

мавзӯъ баҳс кунад, ҳикояҳои «Бӯи Ватан» ва «На ба зӯр» ба ин масъала ба ин ё он дараҷа дахл кардааст.

Дар ҳикояҳои ба мавзӯъҳои хориҷӣ навиштаи Раҳим Ҷалил на фақат тазоди ҳодисаҳо, муносибатҳои шахсию иҷтимоӣ, балки тазоди рӯҳӣ ва маънавии инсони табааи ду сохти иҷтимоӣ нишон дода шудаанд. Ва табиист, ки дар ин гуна ҳикояҳо тасвири ахлоқи иҷтимоӣ аҳамияти калон пайдо кардаанд.

Дар ин бобат ҳикояи «На ба зӯр» ҷолиби диққат аст. Геолог Мансур Ҳалимов бори саввум ба яке аз мамлакатҳои ҳамсояи ҳамзабон ба сафари дарозмуддати корӣ рафта, бо шиноси деринааш Ҳабибулло вомехӯрад, ки ӯ Мансурро хоҳиши ба падар шинос кардан дорад. Падари Ҳабибулло – Хоҷанасруллоҳ ба Мансур аз ғарибии худ шикоят карда, аз ӯ хоҳиш мекунад, ки дар сафари минбаъдааш ба ӯ муште аз хоки ватан биёрад. Мушти хок дар ҳикоя объекти асосист, ки симои қаҳрамонҳо, аз рӯи муносибати ба он доштаашон, аён мешавад. Усмонамак – амаки Мансур дар асл чӣ гуна ғариб ва кӣ будани Хоҷанасруллохро ба ӯ мекушояд. Мансур ба ӯ хоки ватан намебарад. Насруллохоҷа – собиқ йигити дастаи Иброҳимбек, аз охирин умеди худ маҳрум мешавад. Мавқеи Усмонамак дар ҳикоя нисбат ба ӯ бисёр равшан баён шудааст. Ӯ ба Мансур мегӯяд: «Накунӣ, ки агар насиб бошаду боз ба он ҷо равӣ ё ба воситаи каси дигар ба ӯ хок барӣ. Вай хокамон он тараф истад, садқаи ғубори ватани мо шавад. Вай хоин аст. Ба ман медоданд, аз пешонааш мепарронам». Ва ин мавқеи Усмонамак ифодаи ахлоқи иҷтимоӣ, ахлоқи мустаҳкам ва одамдӯстонаи ӯст. Вай ба хотири ватан ва қурбониёни роҳи озодӣ дигар тарз рафтор карда наметавонад ва ӯ ҳақ аст.

Дар ҳикояҳои солҳои охири Раҳим Ҷалил тамоюли сар фурӯ бурдан бар ҷаҳони маънавии инсон, шинохтани сиришти ӯ бештар аён мешавад, ки ин тамоюли умумии адабиёти муосир аст.

Тааммуқ бар ҷаҳони маънавии инсон дар ҳикояҳои Раҳим Чалил «Иқрор», «Духтари мармарин», «Меҳри оча» мавқеи муҳим дорад. Он дар тасвири мавзӯъҳои гуногун сурат мегирад, одамият дар ҳар қадам ва дар ҳар сухан аён шуданаш мумкин аст, бинобар ин, мавриди падид омаданаш ҳам бисёр аст. Нависанда метавонад онро, чунонки дар ҳикояи «Иқрор» ҳаст, бо тасвири меҳри зани тоҷик ба духтари рус, ки ӯро аз марг наҷот дода, ба писараш келин мекунад ва ё чунонки дар ҳикояи «Духтари мармарин» ҳаст, ба воситаи тасвири ишқи санъату эҷод ифода кунад. Вай ҳатто метавонад, чунонки дар ҳикояи «Меҳри оча» ҳаст, онро ба воситаи тасвири рафтори ҳайвон – дар ҳолати мазкур меҳри очаасп ба тойчааш нишон диҳад. Таҳлили бунёди маънавию ахлоқии инсон фақат мансуби мавзӯъ ва жанрҳои ҷудогона набуда, хусусияти мундариҷавии адабиёти муосир аст.

Азбаски табиати ҳикоя бисёртар мутаҳаррик аст, вай барои ифодаи дархостҳои замон зуд мувофиқ мешавад, хусусиятҳои тоза ба тоза пайдо мекунад. Ҳикояҳои Раҳим Ҷалил ҳам ҳамин гуна хусусият доранд. Масалан, дар солҳои сиюм дар ҳикояҳои нависанда аксаран табу тоби ҳаҷв, танқиду фошкунандагӣ боло гирифта бошад, дар ҳикояҳои солҳои ҷанг ва аввали панҷоҳ шавқу шӯри публисистӣ афзун мешавад. Дар солҳои охир дар онҳо тасвири ботини инсон, маънавиёт ва ахлоқи ҳамидаи ӯ қимати бештар пайдо мекунад. Дар ин гуна ҳикояҳо тезу тундӣ ва ё аҷобати ҳодисаю воқеаҳо, ҳатто характер ва шахсияти қаҳрамонҳо ҳам он қадар аҳамияти калон надошта, ҳикмат, панд ва мазмуни ахлоқие, ки аз онҳо бармеояд, муҳим аст. Масалан, дар ҳикояҳое, ки зикрашон рафт, «На ба зар», «Меҳри оча», воқеаи ҷолиби диққате рух намедиҳад, характери қаҳрамонҳо ҳам хусусияти фавқулодда ва ё барҷастагӣ надорад, аммо онҳо мазмуни амиқи ахлоқӣ доранд, ки ҳикматашон бар воқеанигорӣ бартарӣ мекунад.

Ҳикматписандӣ ва дар айни ҳол аҳамияти бузург пайдо кардани ахлоқи иҷтимоӣ ҳикояро аз тасвири ҷузъиёти ночиз ва нозарури ҳаёти маишӣ озод карда, ба ҳалли масъалаҳои бузург ва амиқи ҷаҳони ботинии инсон мерасонад.

Ҳикояҳои солҳои охири Раҳим Ҷалил, ки дар маҷмӯаи «Бозгашт аз биҳишт» ҷамъ омадаанд, идеали ахлоқии инсони замонро пурратар фаро гирифта, ахлоқи иҷтимоиро мавриди тадқиқи бадеӣ қарор додаанд.

Роман ҳамчун жанр дар адабиёти ҷаҳонӣ нисбатан ҷавон аст ва дар адабиёти муосири тоҷик боз бештар, шакл ва мундариҷаи он ҳоло пурра ва комилан сурат нагирифтааст ва, аз ин сабаб, ба талабҳои замон зудтар мусоидат карда, махсусиятҳои тоза ба тоза пайдо мекунад. Раҳим Ҷалил ба навиштани романи «Гулрӯ» вақте сар кард, ки дар адабиёти муосири тоҷик ба ҷуз романи устод Айнӣ «Дохунда» романи дигаре вуҷуд надошт. Бешубҳа, барои омӯхтани махсусияти жанрии роман таҷрибаи адабиётҳои дигар ёрӣ мекунад, аммо дар ин кор таҷрибаи адабиёти худӣ аз ҳама муҳимтар аст. Ҳарчанд худи Раҳим Ҷалил ва тадқиқотчиёни эҷодиёти ӯ борҳо таъкид кардаанд, ки нависанда дар навиштани романи «Гулрӯ» аз таҷрибаи «Дохунда»-и устод Айнӣ истифода ва ҳатто ба он пайравӣ кардааст, ин таъкидот, албатта, дуруст аст, аммо дар навбати худ бояд андешид, ки омӯзиши шакл ва махсусиятҳои жанрии роман барои нависанда фақат аз ҳамин иборат нест. Дар ин кор ба Раҳим Ҷалил таҷрибаи ҳикоянависии ӯ ва маводи ҳаётӣ, ки барои роман интихоб шуда буд, ёрии калоне карданд. Таҷрибаи ҳикоянависӣ асосан барои ифодаи бадеии фикр, тасвири саҳнаҳо, тавсифи забони персонажҳо, яъне сохти роман истифода шуда, маводи ҳаётӣ, ҳаракати воқеа, муносибати қаҳрамонҳо, инкишофи сужет, ташаккули композитсионии романро таъмин ва таъйин мекард. Мундариҷаи ҳаёти шахсӣ шакли бадеии таҷассуми худро муайян намуд. Нависандаи ҷавон инро ба ҳисси нозук дармеёфт.

Воқеаҳои романи «Одамони ҷовид» асосан аз солҳои бистуми асри XX оғоз мешаванд, аммо ҳангоми ба ёд овардани гузаштаи қаҳрамонҳо нависанда ба воқеаҳои то инқилоби Октябр низ рӯй меорад. Ӯ барои кушодани таърихи инқилоб ва устуворшавии он дар яке аз деҳаҳои кӯҳистон – Такоб маводи мавҷударо омӯхта, барои навиштани чунин романе, ки расидани халқро ба дарки ғоя ва ҳаракати инқилобӣ ифода созад, талабот ва зарурати иҷтимоиро ҳис мекунад. Аз ин рӯ,  мубориза иҷтимоӣ барои қаҳрамонҳои асосии роман Пӯлод, Гулрӯ, Салимбой, Иванитский фақат машғулият нест, ин тақдир ва маънии ҳастии онҳост.

Қаҳрамонҳои романи минбаъдаи Раҳим Ҷалил «Шӯроб» Петр, Данилов, Давлат Назаров, Холи ворухӣ, Аверченко низ маънии ҳаёти худро дар муборизаи инқилобӣ медонанд, ки халқи меҳнаткашро ба озодию ободӣ мерасонад. Қаҳрамонҳои мусибати ҳар ду роман ҳам бо вуҷуди дар соҳаҳои гуногуни зиндагӣ амал карданашон бо фаъолиятмандии иҷтимоӣ ва вазифаи таърихиашон ба ҳамдигар монанд ҳастанд. Пӯлод ва Гулрӯ аз «Одамони ҷовид», Давлат, Даша ва Акбар аз «Шӯроб» образҳое мебошанд, ки нисбатан аз солҳои ҷавонии худ роҳи муборизаи инқилобиро пеш гирифта, таъсири ғояҳои онро дар дилу ҷони худ ҳис кардаанд ва ҳамчун инсонҳои замони нав ташаккул ёфтаанд. Онҳо идеали нависандаро аз инсони нав таҷассум намудаанд.

Қувваи нав ва дигарсозии мубориза ва инқилоб на фақат дар тақдири ин қаҳрамонҳо, ки дар ҷараёни мубориза ба камолоти маънавӣ ва сиёсию иҷтимоӣ мерасанд, ифода шудааст, балки дар симои онҳо, ки аз байни халқ баромада, гармию сардии рӯзгорро чашида, синну солашон ба як ҷо расидааст, низ равшан ба назар меояд. Қувваи бемисоли мубориза ва инқилоб

ҳам дар ҳамин аст, вай на танҳо насли нави инсонҳоро парвариш мекунад, балки насли кӯҳанро ҳам аз нав месозад, дилу ният, мақсаду маром ва ҷаҳони маънавии онҳоро тоза мекунад.

Вақте ки нависанда симои чунин шахсонро мавриди тасвири бадеӣ қарор медиҳад, вай ба тадқиқи характери халқӣ наздик мерасад ва ба ӯ офаридани тип муяссар шуданаш мумкин аст. Дар тип инкишофи таърихии ҷамъият дар як давраи муайян, назари таърихии нависанда ба он, диди бадеии ӯ оид ба мавқеи шахс дар ҷамъият, муборизаи неку бад инъикос мешавад. Тип истифодаи тамоми қудрати нависандаро талаб дошта, ҳамаи захираи мушоҳидаи ӯро ба ҳаракат оварда, муҳимтарин ҷиҳатҳои характери халқро, ки ӯ дар шахсони бисёре дидаасту омӯхтааст, дар симои як кас таҷассум мекунад. Типҳое, ки Раҳим Ҷалил дар «Одамони ҷовид» ва «Шӯроб» эҷод кардааст, ҳамин тавр ба назар мерасанд. Инҳо Салимбой ва Холи ворухӣ мебошанд. Дар онҳо беҳтарин анъанаҳои зиндагии маданию маънавии халқ, ки асроаср давом кардаанд, инъикос шудаанд. Анъанаҳои маданию маънавӣ, хирадмандӣ, ахлоқу одоби ҳамида фақат дар сурати иҷтимоан озод будани халқ пурра кушода мешаванд ва нашъунамо мекунанд. Салимбой ва Холи ворухӣ типҳое ҳастанд, ки нависанда ба воситаи онҳо чӣ гуна ба озодӣ расидани халқро нишон додааст. Сабаби дилнишинии онҳо ҳам дар халқияти онҳост.

Маводи ҳаётие, ки асоси ҳар дуи ин романро ташкил медиҳад, аз ҳамдигар фарқ мекунад. Дар «Одамони ҷовид» барқарор шудани ҳокимияти шӯравӣ дар яке аз деҳоти кӯҳистон тасвир шуда, дар «Шӯроб» домани воқеаҳо аз ҷиҳати макон ва замон фарохтар аст. Замони он аз охири XIX то солҳои панҷоҳуми асри XX, маконаш аз Помир то Шӯроб, аз Шӯроб то Қарағандаю Москва ва шаҳрҳои дигар мерасад. Ҳарчанд домани фарохи замону макон ҳоло аломати фарохии тафаккур ва тасвир нест, аммо ба эътибори аввалӣ бозпасин зарур аст. Тафаккур ва тасвири нависанда дар ҳар дуи ин роман чунин хосият дорад.

Муҳимтарин хусусияти тафаккур ва тасвири нависанда дар эҷоди қаҳрамонҳои мусбати ин романҳо дар он аст, ки тақдири онҳо тақдири халқро фаро гирифтааст. Дар «Одамони ҷовид» тақдири Пӯлод, Гулрӯ, Салимбой ва дар «Шӯроб» тақдири Петр, Давлат, Хол ҳамин гуна қисматҳои фарохи пурғунҷоиш мебошанд.

Пӯлод ва Гулрӯ дар «Одамони ҷовид» қаҳрамонҳое ҳастанд, ки муҳимтарин воқеаҳои роман садама, зиддиятҳо бо иштироки фаъолонаи онҳо мегузаранд, бовари халқ ба сохт ва зиндагии нав ба ғалабаи онҳо вобастааст, онҳо таҷассуми инсони озод ва бунёдкор мебошанд. Дар амалиёти онҳо пешравии таърихии ҷамъият ифода мешавад. Таърихи ҷамъияти озод нисбат ба таърихи ҷамъияти беҳуқуқӣ ҳам аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва ҳам ҷиҳати маънавӣ бой аст, инсон дар ҷамъияти озод дар як давраи нисбатан кӯтоҳ роҳи дарозеро тай мекунад, ҳамаи имкониятҳои ақлӣ ва ҷисмонии худро ба кор андохта, ба муваффақиятҳои беназир мерасад.

Ин маънӣ дар образи Холи ворухӣ барҷаста ифода шудааст. Зиндагии пешинаи ӯро (то ҳамроҳ шуданаш ба муборизаи ангиштканон) бо зиндагии минбаъдааш (давраи мубориза, инқилоб, пойдорӣ ва тараққии сотсиализм) муқоиса кунем, мебинем, ки давраи пасини зиндагии ӯ то чӣ андоза пурмаънӣ, бой ва гаронбаҳост.

Вай дар як муддати кӯтоҳи ҳамроҳияш бо муборизон тамоман каси дигар мешавад, аз майпарастӣ даст мекашад, барои ҳуқуқи ангиштканон талош мекунад, маҳбус мешавад, вале он рӯҳи ӯро нашикаста, баръакс дар ҷидолаш қатъитар, мустаҳкамтар мекунад. Қувваи акси таъсир дар характери ӯ сахт боло мегирад. Нависанда инро махсусан, дар саҳнае, ки Хол аз ҳабс баргашта дар назди дари идораи кон бо азми дарун даромадан фикр карда мемонад, хеле хуб нишон медиҳад: «Хол дар дами контора як пой дар зина лаҳзае боз истод. Ӯ дудила буд. Дарояд ё надарояд. Афту башараи ҳамон кӯзапушти фосиқу золимро аз пагоҳӣ бинад ё набинад. Лекин ӯ худ ба худ хандид. Ба маломати худ сар кард: «Чӣ гуфта истодаӣ?»

Бармегардӣ?» Номаъқул мекунӣ Хол! Кӯзапушт гумон кунад, ки ту ӯро дида тарсидию пайгард рафтӣ? Не! Медароям, мон, ки хафа шавад. Донад, ки бо зиндону шаллоқ моро тарсонда наметавонад. Ҳастему мешавем. Мо, ки набошем, ин кон, ин контора ва дабдабаи хӯҷаин ҳам намешавад».

Вай гӯё бо паҳлавонӣ ва андоми бузурги худ қудрат, зӯру тавони бемисли халқро таҷассум мекунад. Хизматчиёни кон дар муқоиса бо ин ангиштканн қавипайкар аз мушҳои ба об афтида ҳам ночизу оҷизтар менамоянд. Хол дар ин саҳна аллакай коргари моҳият ва мавқеи худро дар ҷамъият фаҳмида, ҳуқуқи худро шинохта мебошад. Зиндагии пас аз инқилобии ӯ пур аз корнома аст, вай яке аз сардорони гурӯҳи ҳизбӣ, насиҳатгар, мураббӣ ва таблиғотчии ҷавонон барои омадан ба кони ангишти Шӯроб мешавад. Аз зиндагии пешинааш ҳатто дар хотири худи ӯ ба ҷуз рӯзҳои ғамолуд чизи дигар боқӣ намондааст. Чунин аст тафовути беназире, ки дар андак муддат дар байни зиндагии ду давраи Холи ворухӣ ба миён омадааст.

Раҳим Ҷалил дар ҳар ду роман ҳам анъанаҳо, сифатҳо, фазилатҳои беҳтарини ҳаёти халқро дар образи мубориզон ва фаъолони рӯзгори нав барҷаста ба қалам медиҳад. Онҳо сифатҳои олии адолат, одамгарӣ, вафодорӣ ва садоқатро дар худ таҷассум кардаанд. Ҳар насли мубориզон ҳам ҷавонон – онҳое, ки бевосита дар мубориզаҳо ба камол мерасанд, аз қабили Пӯлод, Гулрӯ, Давлат, Даша, Акбар – ва ҳам онҳое, ки аз насли калонсолтарастанд, чун Салимбой, Хол, Эсанпай ҳамин гуна сифатҳо доранд. Дар образи насли ҷавон ин сифатҳо чун падидаи ахлоқи нав, инъикос шаванд, дар образи насли калонсол чун талаботи ахлоқи беолоиши халқ, анъанаи қадимии он ба зуҳур меоянд. Онҳо моҳиятан ба ҳамдигар ихтилоф надошта, ҳамдигарро пурра ва комилтар мекунанд.

Мансубияти иҷтимоии ахлоқ ниҳоят мустаҳкам аст. Бинобар ин, дар ҳар ду роман ҳам табақае, ки як умр аз ҳисоби истисмори дигарон зиндагӣ мекунад, ахлоқи хуб дошта наметавонад, аз вай амале, ки боиси зебиши инсон бошад, падид намеояд. Ахлоқи ӯ манфиати табақаи ӯро ифода мекунад. Дар «Одамони ҷовид» даҳшати ахлоқи табақаи истисморгар, ҳокимияти беадолат дар боби «Ӯракобӣ», ки нависанда онро ба тамоми шиддат, задухӯрд ва бераҳмияш тасвир кардааст, зоҳир мешавад. Дастаи босмачиён ба ҳавлии пиразане зада медароянд, ки ӯ барои чор нафар набераҳояш, ки онҳо чун «бачаҳои сӯзанболи гунҷишк... аз гуруснагӣ дар лонаашон қанотак зада ҷуруққас мекарданд» аз орди боқила нони дегӣ мепухт. Босмачиён аз ӯ ғалла талаб мекунанд. Вале пиразане, ки барои набераҳояш аз орди боқила нон мепазад, аз куҷо ғалла дорад. Онҳоро ин саҳна ба раҳм намеорад, онҳо баръакс ғалла талаб карда дар хашм мешаванд, кампирро таҳқир мекунанд, ба сари синаи ӯ бо лагад мезананд ва дар охир аз даҳонаш мепарронанд. Аз ин ҳам мудҳиштараш он аст, ки онҳо ба гиряю нолаи чор бачаи ба хуни пиразан оғӯшта аҳамияте надода, ҳамон се нони нимпухтаро аз дег канда мебаранд. Ин аст зуҳури ахлоқи иҷтимоии ғоратгарон!

Лекин Пётри сарбоз аз романи «Шӯроб», ки ҳомиёни истисморгарон ахлоқи ӯро фосидкунандаи одаму олам мегӯянд, сағираи помирӣ, Давлатро ба таъминот ва тарбияи худ мегирад ва инро қарзи инсонии худ медонад. Ва ё Дашае, ки нав падараш вафот кардаасту барои худ қути лоямуте дорад ё надорад, духтарчаи Холи ворухӣ – Ҷамиларо пас аз вафоти модараш ба парасторӣ мегирад. Чунин аст ахлоқи табақаи дигари иҷтимоӣ.

Анъанаҳо, расму оини халқҳо, миллатҳо аз ҳамдигар фарқ кунанд ҳам ахлоқи табақаи иҷтимоии як халқ бо халқи дигар моҳиятан монанд аст. Дар «Одамони ҷовид», агар Мавлонқул Юзбошӣ пас аз гирифтани деҳа йигити худ Акрамро барои зӯран овардани Гулрӯ фиристад, дар «Шӯроб» Петухов, гумоштаи хӯҷаини кон пас аз вафоти падари Даша бо нияти ифлоси худ ба хонаи духтари ятими азодор меояд. Ё Ҷӯрабошӣ – ҳомии бардуруғи дину оин Дашаи

«кофирро» дар юрти Арслоналӣ дида ба васлаш расидан мехоҳад. Чунонки мебинем, бо вуҷуди гуногунии вазъият, миллат, анъана рафтори намояндагони табақаи истисморгар ба ҳамдигар монанд аст. Онҳо ҳамеша дар паи худкомӣ ва ҳисси ғаразноки худ мебошанд.

Бар хилофи ин, мардуми меҳнат, халқ, дар романҳои Раҳим Ҷалил ахлоқи олии худро зоҳир мекунанд, онҳо дар мушкилтарин лаҳзаҳо ба ёрӣ ва дастгирии ҳамдигар мерасанд. Салимбой, Рустам амак, Ашӯр аз «Одамони ҷовид», Саломатшоҳ, Эсанпай, зани Аверченко, ҷавонзани ӯзбеки хушқаду зебо аз романи «Шӯроб», ки писарчаи Холро ба тарбия мегирад, ҳамеша некӣ ва мадади худро ба дигарон беғараз, ба тақозои фитрати хайриятхоҳи худ мекунанд. Мадади вомондагон барои онҳо шарти одамгарист. Салимбой дар «Одамони ҷовид», пас аз шунидани ҳикояти мардикории Пӯлод дар Харков ва аз коргарони рус ёрию мададгории самимӣ дидани вай, чунин мегӯяд: «Хулласи калом, Пӯлод, ба кучои олам равед, камбағал дӯсти камбағал будаасту бой душмани вай-дия».

Холи ворухӣ, аз романи «Шӯроб», дар бораи аҳволи тоқатфарсои худ фикр карда, барои беҳбудӣ бо хӯҷаинҳои кон ба мубориза бармехезад ва ин чизро ба хубӣ мефаҳмад, ки бою амалдорони беинсоф бидуни тафовути ирқу насаб, ҳама, барои истисмори коргар дар як маслаканд ва ба яке аз хизматчиёни кон ба қаҳру ғазаб чунин мегӯяд: «Чашми мо акнун мош барин кушода шудагӣ. Чӣ хел махлуқ будани шуморо медонем. Акнун нағз медонем, ки ҳамаи шумо зуволаи як хамир ҳастеду ресмони як чилла». Махсусан, дар романи «Шӯроб», ки нависанда бо тақозои мавзӯъ меҳнати ҳаррӯзаи ангишткaнонро тасвир мекунад, имкон меёбад, ки ангишткaнонро дар муҳокимаи шароити зиндагӣ ва аҳволи иҷтимоии худ нишон диҳад. Ба ин восита ӯ яке аз ҷараёнҳои муҳимтарини ҳодисаи ҷамъиятиро тадриҷан ба тасвир мегирад, ки он баробари зиёд шудани зулму истисмор афзудани норозигии синфи коргар, бисёртар ба шӯришу балво бархостан ва дар натиҷаи ин боло рафтани шуури сиёсию иҷтимоӣ мебошад, ки ӯро ба душмани ашаддии сохти мавҷуда мубаддал мекунад. Зулм кушандаи худро мезояд.

Бедории сиёсию иҷтимоии қаҳрамонҳо аз ду манбаъ ғизо мегирад: манбаи дохилӣ ва берунӣ. Манбаи аввал, дар ҳар ду романи Раҳим Ҷалил дар тасвири реалистии ҳаёти халқ аён мешавад: дар «Одамони ҷовид» аксаран ба воситаи ретроспексия – рӯй овардан ба гузашта, ки қаҳрамонҳо ҳаёти ношоду мазлумонаи худро ба хотир меоваранд (масалан, хизматгории худро ба ёд овардани Пӯлод, ҳикоя аз факирии Салимбой ва ғайра) ба қалам биёяд, дар «Шӯроб» ин чиз бевосита, дар ҷараёни зиндагӣ ва амали қаҳрамонҳо ба тасвир гирифта мешавад. Масалан, Холи ворухиро ноҳақ маҳбус мекунанд, пас аз ин шуури иҷтимоии вай боз ҳам зӯртар бедор мешавад, ки ин ҷараён дар роман мукаммал ва ботадриҷ нишон дода шудааст. Ин манбаи дохилист.

Манбаи беруние, ки барои бедории иҷтимоии қаҳрамонҳо бисёр фаъол таъсир мекунад, амали ташвиқотии инқилобчиёни рус мебошад, ки бо ин ё он сабаб дар ин ҷойҳо зиндагӣ мекунанд. Масалан, Иванитский дар «Одамони ҷовид», Петр Данилов дар «Шӯроб». Ва ё қаҳрамонҳо аз ин манбаъ дар сафарҳои худ ғизо мегиранд, чунонки Пӯлод дар мардикории худ бо коргари завод, болшевик Павел Иванов, шинос шуда, аз он ҷо узви ҳизби болшевикӣ шуда баргашт. Қаҳрамонҳое, ки чун Иванитский, Павел Иванов, Петр Данилов, Аверченко, Буров дар ҳар ду роман амал мекунанд, бо ташвиқоту тарғиботи инқилобии худ на фақат шуури сиёсию иҷтимоии мардумро бедор мекунанд, балки онҳо бар хилофи Рубах, Арсишевский, Александров, Идрисенко, Петухов, Писин ва дигар ҳоким ва ходиму ходимчаҳо, ки таҷассуми ҳукумати подшоҳии Россия ҳастанд, ба халқ аз Россияи дигар, аз Россияи болшевикӣ, хабар медиҳанд.

Раҳим Ҷалил ҳангоми тасвири образи инқилобчиёни рус ва миллатҳои дигар бо роҳи тасвири сатҳӣ нарафта, ба моҳияти масъала нигаристааст. Ташвиқоти онҳо ба мағз-мағзи мардум ҷой гирифта, худи онҳо ҳам ба халқи маҳаллӣ пайвастаанд ва нависандаи реалист ҳақиқати ҳаёти халқи тоҷик, инкишофи таърихии ҷамъиятро тасвир карда, ба муайян намудани ин таъсир ва пайванд аҳамияти зарурӣ додааст. Ин кор ҳаргиз маҳсули майли шахсии нависанда нест, ки танҳо ба хотири дӯстии халқҳоро нишон додан бошад, балки ин як ҷузъи муҳими ҳаёти халқ аст, ки бе тасвири он зиндагии халқ, мубориза ва музаффарияти вай ноқис, яктарафа ба назар мерасад. Ба нависандаи тоҷик саҳми фарзандони халқҳои бародар, аз ҷумла рус, украин, белорус ва дигарҳоро дар озодии халқи худ нишон додан фақат ба хотири мавзӯъ набуда, ин пеш аз ҳама ҳақиқати ҳаётро дар як давраи муҳими таърихӣ таҳриф накарда, пурра ва дуруст ба тасвир гирифтан аст.

Аз муваффақиятҳои бадеии роман, ки дар офаридани образҳо ва типҳо зоҳир шудаанд, сухан ронда, ба онҳое, ки то ин ҷо мавриди таҳлил буданд, тасвири симои занҳоро ҳам илова кардан даркор аст. Раҳим Ҷалил умуман дар сохтани образи занҳо ва, махсусан, пиразанҳо маҳорати комил дорад. Вай хулқу атвор, рӯҳу ботин, забони онҳоро хуб медонад, ташвишу тараддудҳои онҳоро бисёр воқеӣ ба қалам медиҳад. Саодатбибию Фазилатбибӣ аз «Одамони ҷовид» (ҳарчанд ҳар дуи ин образ ба назари мо ба ҳамдигар бисёр монанд менамояд) модари Арслоналӣ, Холаи тинг-тинг, Иззатбибӣ аз «Шӯроб» чунин тасвир шудаанд, ки баробари таҷассуми орзую ҳавасҳои сода ва модарона буданашон, тавассути фарзандони худ аз авзои замон бохабар шуда, талаботи онро ба хубӣ ҳис мекунанд ва бо кори фарзандони худ дилсӯзона ёрӣ мерасонанд. Онҳо занҳои фаъол ҳастанд.

Дар асарҳои Раҳим Ҷалил, вақте ки чараёни аз замони гузаштаи ғамбор ба имрӯз расидани ҷамъият тасвир мешавад, занҳо аксаран фаъол, пешқадам, бошуур мебошанд ва баъзан ҳатто адолати сохти нав, моҳияти онро аз мардон зудтар дарк мекунанд. Ин шояд аз он сабаб аст, ки онҳо бештар дар зери бори гарони рӯзгор, бечорагию беҳуқуқӣ монда, аз он даврони хорию зорӣ ба ҷон расида буданд. Чунин лаҳза дар «Одамони човид» дар боби «Моҷарои зану шӯй» хуб ба қалам омадааст.

Агар дар образи Гулрӯ, Ҳанифа, аз «Одамони ҷовид» ва Даша, Ҳидоят, аз «Шӯроб» ба кори мубориза ва сохтани ҳаёти нав кашидани духтаракон тасвир гаштааст, дар образи Фазилатбибию Саодатбибӣ, модари Арслоналию Иззатбибӣ дигар шудани рӯҳия, маънавиёт ва олами занони солхӯрда, ки дар замони дигар, дунёи кӯҳна шакл гирифта буд, ба қалам омадааст. Ҷаҳони нав дар ин ҷо ҳам зафар кард.

Олами ин гуна занҳо, дигар шудани рӯҳия ва ҷаҳонфаҳмии онҳо, махсусан, дар ҳикояҳои солҳои ҷангии нависанда мавқеи муҳим дошт. Ин ҳикояҳо аксаран дар мавзӯи ақибгоҳ, ки занҳо қувваи асосии он буда, зафари лашкарони пешҷанги моро таъмин мекарданд, навишта шудаанд. Меҳнати занҳо, ва умуман меҳнат, дар асарҳои ба мавзӯи ақибгоҳ навиштаи Раҳим Ҷалил маънои ватанпарварӣ дошта, дар романи «Шӯроб» мавқеи меҳнат дар дигар шудани инсон, муносибати вай бо атрофиён ва ҷамъият, ташаккули вай бисёр муҳим аст. Ин меҳнатест фаъол, ки инсонро дигар мекунад, ҷамъиятро аз нав месозад. Ва дар ҳамин ҷо, ба назари ман, бурду бохти романи «Шӯроб» аён мешавад. Дар он ҷое, ки меҳнат олами меҳнаткашро ба тахрик оварда, амиқ тасвир мешавад, дар он рӯҳия ва дигар шудани қаҳрамон бо тамоми мураккабӣ ва ноҳамвориҳояш ба назар мерасад. Образи коргар фарох, пурғунҷоиш рафтору гуфтораш пурбор аст.

Задухӯрди меҳнатие, ки дар истеҳсолот воқеъ мешавад, барои тасвири амиқи қаҳрамон ва роҳ ҷустан ба олами ӯ ҳаргиз аз задухӯрди «ғайримеҳнатӣ» камаҳамият нест. Дар сурати ба ҳам

омехтани ин ду чиз, аз дилу ҷони қаҳрамон гузаштани зиддияти истеҳсолӣ ва таъсири он ба муносибатҳои «ғайриистеҳсолии» ӯ – ишқ, муҳаббат, маишат, дилбастагӣ, хулласи калом, олами моддию маънавии ӯ, чунонки дар шахси Давлат, Даша, Петр, Хол ҳаст, образҳо амиқи психологӣ ба қалам меоянд. Дар акси ҳол образҳо амиқ ва олами ботиниашон бою ҳарранг ба назар намерасанд, ки, мутаассифона, қисмҳои дуюм ва сеюми романи «Шӯроб» чунин нуқс доранд. Дар ин қисмҳо баъзан ҷои таҳлили амикро нақл ва гуфтори публисистӣ гирифта, образҳои дар қисми аввал ба андозае амиқ ба тасвир омада, минбаъд сатҳӣ нигориш шудаанд. Тасвири серпаҳлу ва ба ҳам овардани ҷиҳати истеҳсолии мавзӯъ бо ҷиҳати инсонии он образҳоро бештар ҳаётӣ, тару тоза ва фардитар мекард. Эҳтимол дорад, ки нависанда бо сабаби серқаҳрамонии ин ду қисм ба ин кор имкон наёфта бошад. Бо вуҷуди ин, романи «Шӯроб» дар тасвири бадеии меҳнати коргарон ва мавқеи он, дигарсози инсон ва ҷамъият роҳкушои нахустин буд дар насри муосири тоҷик.

Мавзӯи асосии нависандаеро чун Раҳим Ҷалил, ки кам асар нанавиштааст, дақиқ муайян намудан он кадар осон нест, вале агар ба ҳамин гуна ният ба эҷодиёти ӯ андеша кунем, дармеёбем, ки он асосан ба ду мавзӯи фароху бузург – муборизаи халқ барои озодӣ ва тасвири меҳнати озод бахшида шудааст. Ҳардуи ин мавзӯъ мухраи ҳикояҳо, ҳар ду роман ва повести воқеии ӯ «Маъвои дил»-ро ташкил кардаанд. Аз ин ҷиҳат «Маъвои дил» давоми мантиқии ин мавзӯъ аст, ки нависанда дар ду романи худ ба тадқиқи бадеии он пардохта буд.

Муаллиф шакли жанрии «Маъвои дил»-ро повести воқеӣ муайян намуда, дуруст рафтор кардааст. Чунки ба ин асар на истилоҳи ҳуҷҷатӣ ва на ёддошт пурра мувофиқ меояд. Ҳарчанд он хусусияти асарҳои ҳуҷҷатӣ ва ёддоштӣ ҳам дорад. Таъйиноти жанрии повести воқеӣ ба он мувофиқтар аст. Зеро истилоҳи асарҳои ҳуҷҷатӣ, чунонки маълум аст, пайравии содиқонро ба факт ва ҳуҷҷат тақозо дорад, дар «Маъвои дил», ҳодисаҳое нақл мешаванд, ки, масалан, дар зимни онҳо ташаккул ва инкишофи ин ё он шахсияти таърихӣ, адабӣ, илмӣ ба амал меояд, ки ба ин гуна ҳодиса на ҳама вақт санаду ҳуҷҷат ҳаст. Мувофиқ набудани истилоҳи ёддошт аз он сабаб аст, ки он, аввалан, худи ноқилро ҳамчун марказ ё иштирокчии ҳодисаҳо, қаҳрамони асосӣ ва ё яке аз қаҳрамонҳои асосӣ ва, сониян, шоҳидии ӯро бар воқеаҳо дар назар дорад.

Ҳар боб ва ё якчанд боби «Маъвои дил» қаҳрамонҳои алоҳидаи худро дорад, ки муаллиф бо яке бештар бо дигаре камтар пайванд дошта, қиссаи рӯзгорашонро ё аз рӯи мушоҳидаҳои худаш ва ё аз нақли онҳо ва ё хешовандонашон ба қалам овардааст. Зотан Раҳим Ҷалил дар ҳар ду қисми «Маъвои дил» мақсад кардааст, ки қиссаи рӯзгори онҳоеро нақл кунад, ки дар он муборизаи халқ барои озодӣ, кӯшиши ӯ барои маърифат ва файзи меҳнати озод бештар аз ҳама таҷассум шуда бошад.

Ҳарчанд дар ин асар муаллиф шахси худро дар маркази ҳодисот муқаррар намекунад (махсусан, дар китоби дуюм «Садои Шарқ» шумораҳои 10, 11, 12, соли 1979), вале аз номи ӯ нақл шудани ҳодисаҳо ва таъкиди воқеӣ будани онҳо дарак медиҳад, ки мундариҷаи ин асар нисбат ба дигар асарҳои ҳамҷинсаш бо тарзу тариқи фарқнок шакл хоҳад гирифт. Хонанда аз ҳаёт ва шахсияти муаллиф ба воситаи ҳаёт ва шахсияти дигарон огоҳ мешавад, дигаронро дониста муаллифро ҳам хубтар мешиносад. Ба ғайр аз ин, зимнан бояд қайд кард, ки худи шахсият ва қисмати Раҳим Ҷалил, ки дар пайвандгоҳи ду замон – замони кӯҳнаи феодалӣ ва нави сотсиалистӣ – ташаккул меёфт, аз рӯи аҳамияти объективияш шоистаи таҳқиқ аст.

Таърих бе халқ ҳаракат намекунад, пеш намеравад. Ҳассостарин, закитарин, ҷонфидотарин фарзандони халқ онро ё ба савқи пешбини модарзоди худ, ё бо ёрии дигарон дармеёбанд ва худро дар ҷодаи ҳамин ҳаракат меандозанд. Дар «Маъвои дил» Абдулло Раҳимбоев, Ҷӯра Зокиров, Усмон Ҳайдаров маҳз ҳамин гуна шахсоне ҳастанд, ки

фаъолияташон ба ҳаракати таърих мувофиқ афтода, онҳо дар гардиши муҳими таърихӣ тӯдакаши мардум буданд. Раҳим Ҷалил аз фаъолият ва ташаккули шахсияту ҷаҳонбинии онҳо сухан ронда, ба таърихияти тасвиру нақл аҳамияти зарурӣ додааст, ки муҳити ташаккул ва фаъолияти онҳо бисёр боварибахш ба қалам омадааст. Шахсияти Иванитский, ки ба мо аз романҳои худи ӯ ва дигарон шинос аст, дар ин асар ҳам мавқеи муҳим дорад ва нависанда бе такрори он навиштаҳо ба мо ҷиҳатҳои тозаи фаъолияти махфии ташвиқотӣ ва инқилобии ӯро нишон медиҳад.

Раҳим Ҷалил дар китоби аввали «Маъвои дил», махсусан, дар бобҳое, ки аз бачагӣ ва ҷавонии худ менависад, аз як силсила ҳунармандони хушсалиқа, ба монанди Устоҳайдари кафшдӯз, Шамсиқодири беқасаббоф, Ёқубҷони фаранг низ ҳикоя мекунад ва баъзан асрори ҳунари онҳоро мекушояд, ба хонанда на фақат маълумоти бебаҳое аз ҳаёти маишии халқ медиҳад, балки ба ин восита истеъдод, завқ, салиқаи олии ӯро дар ҳунар гӯшзад мекунад. Ин мардуми меҳнат дар худ шеъри ҳунарро таҷассум менамоянд.

Истеъдоди халқ дар ҳунар, меҳнат, эҷодкорӣ, хуллас, дар ҳама ҷабҳа беназир аст. Вай ҳунари оддӣ, аз қабили нонвоӣ, чармгарӣ, бофандагиро ба дараҷаи санъат ва эҷод расонида метавонад. Дар бачагӣ ҳамин гуна ҳунарманд будани худи нависанда барои хуб дарк кардани ин ҷиҳати зиндагии халқ ба ӯ мадад кардааст.

«Маъвои дил» дар бораи ҳаёти илмӣ ва мадании мардум аз охири асри Х1Х то рӯзҳои мо маълумоти пурқимат медиҳад. Махсусан, ҳикоёте, ки аз Содирхони Ҳофиз, Ҳоҷӣ Юсуф олими уламо, Муҳиддинхонтӯра, Ҳоҷӣ Сиддиқ тоҷири кутуб оварда мешаванд, далели онанд, ки фикр ва истеъдоди халқ ҳамеша дар ҷунбиш, ҷустуҷӯ ва эҷод буд. Аз ин байн қиссаи Ҳоҷӣ Сиддиқ тоҷири кутуб, ки дар китоби дуюми «Маъвои дил» омадааст, қобили асари алоҳида шудан аст. Дар он қисмат, драма, фоҷиаи инсонест, ки дар муҳити хонигарӣ дар фикри маърифати мардум афтода, барои интишори кутуб Афғонистон, Туркия, Арабистон, Покистонро тай зада, то Ҳиндустон меравад ва беҳтарин китобҳои ин кишварҳоро ба Хуҷанд ва шаҳрҳои ҳамсояи он меоварад. Аммо ӯ дар муҳимтарин лаҳза аз Хуҷанд фирорӣ мешавад. Вай бо чунин қисмати худ танҳо нест, ин қисмат қудрати умумияти бадеӣ гирифтан дорад. Дар қисмати қабили дигари мардум, аз ҷумла, чун Пӯлод Бобокалонов, Ҳамроҳ Тоҳирова, Раҳимбой Раҳматов, Мастура Авазова, Мирзошариф Раҷабов қудрати дигарсозии замони нав ба хубӣ тасвир шудааст. Ҳар яки онҳо ва монанди онҳоро замон ба дараҷаҳои баланд бардошт, ҳамаи имконият ва қувваи ботинию ҷисмонии онҳоро ба ҳаракат овард, то онҳо худро дар меҳнату хизмат хубтар шинохтанд.

Раҳим Ҷалил дар «Маъвои дил» аз воқеаҳои бисёр, ашхоси гуногун, аз анъанаҳою расму одат, аз ҷиҳатҳои бисёри ҳаёти халқ нақл мекунад, дар тӯли умри ҳафтодсолаи худ вай шоҳиду иштирокчии ҳодисаҳои бешуморе будааст. Ба хонанда донистан ва дар ёд доштани ҳамаи он чизе, ки нависанда дар бораи худ, атрофиён, ҳамшаҳриён, дӯстон нақл мекунад, мароқангез ва муҳим аст. Вале баъзан шохчабандӣ шудани нақл дар хотир доштани онро мушкил мекунад. Банду басти мустаҳкамтари повест ин мушкилро осон карданаш мумкин буд.

Нависанда ҳангоми нақли воқеаи асосӣ аз ягон сухани ҳамсуҳбаташ ба ҳикояи дигар мегузарад, ё ягон воқеаи дигарро ба хотир меорад, ин кори ӯ равиши нақлашро табиӣ мекунад, вале маълум мешавад, ки ин ҷиҳати дигари номатлуб ҳам дошта, банду басти асарро ковок мекардааст. Ба хонанда, чунонки гуфтем, на фақат хондани ин асар, балки дар ёд доштани он ҳам зарур мебошад. Зеро вай аҳамияти маърифатдиҳӣ, таърихӣ, этнографӣ ва бадеӣ дорад. Чунонки Эд ва Ж. Конкурҳо менависанд: «Таърих, ин романест, ки дар ҳақиқат воқеъ шудааст» ва азбаски дар «Маъвои дил» таърих бо таҳозуроти гуногун – илмӣ, адабӣ, ҳунарӣ, иҷтимоӣ ва монанди он ифода шудааст, шоистаи ба хотир доштан аст.

Чанд қаҳрамони Раҳим Ҷалил, ки баъзе чун Иванитский шахси таърихӣ ва дигаре чун Пӯлод образи бадеӣ мебошанд, аз асар ба асари дигараш гузаштаанд, ӯ ин гуна қаҳрамонҳои худро дӯст медорад, аз онҳо ҷудо шудан намехоҳад. Чанде аз қаҳрамонҳои ӯ аллакай аз насл ба насли дигари хонандагон ҳам гузаштаанд ва метавон имони комил дошт, ки ба наслҳои дигар ҳам мегузаранд, чунки онҳо муборизони озодӣ, саодати ҳамешагии халқ ва фидоёни меҳнат ҳастанд.

**Соли 1980**

## МАН ДАР ТАБАССУМИ ШУМО ЗИНДААМ

**(Ба ёди Боқӣ Раҳимзода)**

Чанд рӯз аст, ки мо ба ин ҷаҳони зимистон, ба ин чеҳраи хираи табиат аз паси пардаи ашк менигарем, ҷаҳон аз шишаи чашмони мо мешораду мешорад. Чанд рӯз аст, ки мо бояд на ба худи Шумо, устоди азизу муборак, балки ба рӯҳи поку равшани Шумо муроҷиат карда сухан гӯем, аммо ин муяссарамон намешавад, чунки мо наметавонем ба ин зудӣ бо нестии воқеии Шумо ва танҳо мавҷудияти рӯҳониатон одат кунем.

Мо то ин вақт намедонистем, устоде, устоди азизу шарифи мо, ки бо хуштабъию зарофатгӯӣ, бадеҳаю шӯхиҳои худ моро чӣ қадарҳо хушдил медоштанд, метавонистаанд, ки моро аз он бештар хундил ҳам кунанд. Донистани ин ба мо хеле ва хеле гарон афтод, донистани ин аз одат кардан ба вафоти Шумо ҳам гаронтар аст.

Охир, аз сари аҳли адаб дасте кашида шуд, ки ҳамеша бо марҳамату шафқат дароз буд, охир, касе аз мо ҷудо шуд, ки ба мо падари бузургвор ва ба фарзандонамон бобои ғамхор буд, касе аз хонаҳои мо рафт, ки аксари мо бо шарофати ӯ ба хонадорию хонаободӣ расида будем, ӯ рафту аз ӯ хонаҳои ободи мо боқӣ монд...

Устоди азиз, моҳи июни соли гузашта ману оилаам дар саробӯстони дар Варзоб будаи нависандагон зиндагӣ мекардем, рӯзи истироҳат Шумо ҳам бо оила ва наберахоятон омадед. Мо ба дидоратон рафтем, Шумо дар кати лаби дарё менишастед. Ҳамсарам духтарчаи якунимсолаамонро, ки ба ҳеҷ каси бегона намерафт, дар даст дошт. Шумо бо дӯстдорӣ дастатонро дароз кардед, ӯ ба тааҷҷуби мо бе ҳеҷ дудилагӣ худро ба рӯ дастатон партофт. Шумо ӯро рӯи зонуятон шинонда хеле навозиш кардед, вақте ки мо ба рафтан бархоста, ӯро аз Шумо гирифтанӣ шудем, ӯ бо мо омадан нахоста, гирист. Модараш ҳайрон буд. Пас, мо ӯро маҷбуран бардошта рафтем ва ҳамин ки дар рӯи ҳавлӣ ба замин гузоштем, ӯ бо қадамчаҳои ноустувор алвонҷ хӯрда, алвонҷ хӯрда ба сӯи ҳавлии Шумо роҳ гирифт. Ман ӯро аз роҳ доштам, ӯ ғаш карда гирист. Ва афсӯс, ҳоло ӯ намегиряду мо мегирем ва афсӯс, ҳоло модараш ба ӯ, ки акнун сухан ёд мегирад, бо гиря мегӯяд: Ту калон шавӣ, ман ба ту мегӯям, ки туро бобои Боқият бардошта буданд, ту аз он кас ба ман наомада гиря карда будӣ. Ва ӯ дар гиряи худ танҳо нест.

Устоди азиз, Шумо дар бораи як муаллими деҳот, ки солҳои маҳви бесаводӣ кор мекардааст, нақле доштед. Рӯзе барои санҷиши кор ва дониши хонандагон аз район комиссия меояд ва дафтари қайди синфро гирифта мебинад, ки дар рӯ ба рӯи баъзе номҳо ҳарфи «М» навишта шудааст. Комиссия аз муаллим мепурсад, ки ин чӣ маъно дорад? Ҷавоб медиҳад, ки

«меҳмонӣ рафтааст». «М»-и дигар чӣ маъно дорад?» боз мепурсанд аз ӯ. Мегӯяд, ки «мурдаст». Шумо, устоди азиз, ҳоло барои набераҳои бисёратон танҳо ба «меҳмонӣ» рафтаеду бас...

Нақли дигари пандомез ва дӯстдоштаи шумо дар бораи се қабр буд, ки паҳлуи ҳам ҷой доштаанд. Дар лавҳи он қабрҳои ба андоза хеле калон яке даҳ, дигаре ҳашт ва сеюмӣ шаш сол умр дид, навишта буд. Мусофире мепурсад, ки ба кӯдакон чаро ин қадар қабрҳои калон кардаанд? Ба ӯ ҷавоб мегӯянд, ки ин ҷо одамони калонсоле хуфтаанд, ки ҳар яке ҳафтод, ҳаштод сол умр дидаанд, аммо аз он фақат ҳамон қадарашро ба нафъи мардум гузаронидаанд, ки дар лавҳи мазорашон навишта шудааст. Дар лавҳи мазори Шумо, устоди муҳтарам, ки дар боғи Айнӣ воқеъ мешавад, ҳафтод сол умр дид, менависанд, ки аз зиндагии воқеии Шумо як рӯз ҳам кам нест. Умри рӯҳонӣ ва маънавиатон, ки ба асарҳоятон гузоштааст, бардавом аст.

Шумо, устоди азиз, чанд вақт бо дили пора дар бистари беморӣ хобидед, аммо бисёр кам маъюсу маҳзун будед. Ҳар касе, ки ба аёдати Шумо роҳ меёфт, ба ҷои ғусса боз ягон ҳазлу шӯхиатонро ба худ мебурд, ӯ ба назди Шумо маҳзун омада, масрур мерафт. Ҳатто рӯзи видоатон ин ҳазлу шӯхиатон аз забони одамон гоҳ-гоҳ ба гӯш расида меистод. Шумо маргро, пеш аз он ки вай шуморо кушад, ба шӯхиҳои худ бозӣ-бозӣ куштаед...

Ман барои ба даст гирифтани асарҳои Шумо ба ҷевони китоб наздик мешавам ва ба сурати дар паси оинаи он буда менигарам. Ин суратро мо соли гузашта ҳамроҳ, панҷ нафар, ҳангоми сафарамон ба Бухоро, дар назди мақбараи Исмоили Сомонӣ гиронда будем. Шумо дар харак, дар байни мо нишастаед ва саратонро аз рӯи одат ба як тараф каме хам кардаед. Дар паси мо мақбара, ин осори безаволи халқи тоҷик, ҳамчун оромгоҳи ҷовидон намудор аст. Ҳоло аз паси пардаи ашк ба назари ман чунин менамояд, ки Шумо аз байни мо вазнинона мехезед ва ба сӯи ин оромгоҳи ҷовидон меравед ва аз дари ба рӯятон кушодаи он дарун медароед...

Ман аз хона берун меравам, ба чеҳраи маҳзуни зимистон менигарам, бо анбӯҳи мардум рӯ ба рӯ меоям, аммо наметавонам, ки чеҳраи маҳзуни Шуморо пеши назар биёрам, дар нигоҳи ашкбори ман Шумо бо табассуми латиф пайдо мешавед ва гӯё моро тасалло дода мегӯед; Ман зиндаам, ман дар табассуми шумо зиндаам!

**Соли 1980**

## РАВШАНГАРИ ДИЛҲО

Изҳори меҳру муҳаббат ба каси маҳбуб, ҳурмату эҳтиром ба шахси муҳтарам, сипосу ташаккур ба устод ва падар мушкилтарин корест. Дар бораи оне ки ба ту ҳам маҳбуб, ҳам муҳтарам, ҳам устоду ҳам падари маънавӣ аст ва дар бораи оне ки на фақат суханаш, балки як назар дидани чеҳраи покаш дилро мунаввар ва ҷонро навозиш мекунад, ба чӣ рангу оҳанг ва чӣ калимот сухан гуфтан мумкин аст?

Ман ҳоло дар ҳамин вазъиятам ва ҳис мекунед, ки дар банди чӣ мушкили сахтам.

Меҳру муҳаббат, ҳурмату эҳтиром ва ташаккуру миннатдории ман ба муаллими азизам Шарифҷон Ҳусейнзода аз гаронбаҳотарин чизҳоест, ки ман дар дил ва дар зиндагии худ дорам. Кас бо чунин сарват нодору фақир нахоҳад буд.

Ва шояд ман бо ин муҳаббати ба ӯ доштаам танҳо набошам, на ин ки шояд, балки дар ҳақиқат танҳо нестам. Чунки шогирдони ӯ чун ман даҳҳо ва садҳоянд ва агар онҳо ба ӯ аз меҳр сухан нагуфта ва ташаккур накарда бошанд, фақат аз он сабаб аст, ки ё ҳарф, ё лаҳзаи муносиб

наёфтаанд, ё ҷуръат накардаанд ин гиромитарин ҳиссиёти худро ба забон биёранд, чунки ҳар чӣзе ки ба забон омад, аз оне ки дар дил ҳаст, берангар ба назар мерасад.

Чӣ фазилатҳое дорад муаллими ман? Намедонам. Ва медонистагиҳои ман шояд аз фазилатҳои беҳисоби ӯ заррае ҳам нест, вале ҳаминро медонам, ки дар зиндагӣ гӯяндагони шеър чӣ бисёранд ва ҳайфо, касоне ки чун ӯ ошиқи бебадали шеър бошанд, чӣ камшуморанд.

Ӯ ба ин маънӣ шоири пок, шоири ошиқони шеър аст.

Ва ҳар касе ки дар дарси ӯ будааст, дар суҳбаташ нишастааст, меҳри шеърро якумрӣ дар дили худ бурдааст.

Вай шогирдони худро ба меҳри шеър гирифтор мекунад ва ин чӣ гирифтории зебост!

Шарифҷон Ҳусейнзода устоди покҳунар ва покизакор аст. Ҳар донишҷӯе ки дар дарсҳои устод нишастан насибаш шудааст, агар диле дошта бошад, ҳаргиз ба суханҳои ӯ хунсард намемонад. Ӯ ба хазинаи ганҷҳои пурбаҳои адабиётамон роҳ меёбад ва ба рӯяш як олами зебо, як олами андешаҳои амиқ ва пандомӯз кушода мешавад.

Дар дарсҳои ӯ қофиласолори адабиётамон Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳангоми кӯдакии худ бо падараш Муҳаммад канори оби садафосои руди Вору меояд, ки он деҳаҳоро шодоб карда, ба Киштутдарё мерехт ва ба писар аз ҳикматҳои нуромези Зардушт, аз эътиқоди сеҳрангези Монӣ, аз ҷонбозиҳои Сапитамон ва Деваштич, аз дилнавозӣ ва мардумпарварии Маликаи Ҳуснобод ҳикоятҳои хаёлангез мекунад. Ва ё Фирдавсӣ бо ҷаҳонпаҳлавонҳои худ, ки барои ҳифзи обу хоки ватан ҷоннисоранд ва дар қаҳрамониҳои онҳо покии маънавӣ шарти аввал аст, бо шумо ошно мешаванд ва шумо аз достонҳои марги бегуноҳии онҳо ба риққат омада, дарун - дарун месӯзед ва покизатар мешавед. Ва ё Ҷалолиддини Румӣ бо тамоми азамат ва паҳноварии худ ба ҷилва омада, дарёи ирфони оламоғӯши ӯ бо ҳамаи пайдову пинҳонаш пеши назаратон мавҷ мезанад.

Шиновари чунин дарёҳои саҳмгин ва пуртӯғён кори ҳар шиновар нест. Ҳофиз меҳри хосаи ӯст. Ман ҳар боре ки девони ин шоири қудсиро варақ мезанам, ҳамон лаҳза бо як ҷӯшу хурӯши бениҳоят шеъри ӯро хондани муаллимам Шарифҷон Ҳусейнзода ба чашмам менамояд.

*Зулф ошуфтаву хай кардаву хандон лабу маст,*
*Пираҳан чоку ғазалхону суроҳӣ дар даст,*
*Наргисаш арбадаҷӯю лабаш афсӯскунон,*
*Ними шаб, дӯш, ба болини ман омад, биншаст...*

Вай ин шеърро мехонд, моро афсун мекард ва ҷараёни ҳиссиёташ моро бо худ мебурд, вале дар ин дам ӯ яке аз нуктаҳои амиқи илмро ба мо мерасонд: мо, бисёриҳо ба ҳамин ақидаем, ки байтҳои ғазали шоирони классик гӯё ба ҳамдигар робитаи маънавӣ надошта бошанд. Дуруст, вале на ҳама вақт. Байтҳои ин навъ шеър бо воситаҳои бисёр аёну ноаён ба ҳамдигар пайвастаанд ва ин ғазали Ҳофиз мисоли равшан аст, ки дар он на фақат ҳиссиёт ва таасурот, балки амалиёту ҳаракат ҳам силсиланок ифода шудааст.

Нуктаҳои илмро бо ҳиссиёт ифода кардан, ки дар хотир ва дар дилу ҷон нишинанд, ҳунар аст.

Вай тақрибан панҷоҳ сол боз бо ин кор машғул аст ва дар муддати ин қадар сол завқи дарсгӯии ӯ пир нагашта, ҷавонтар мешавад.

Вақте ки курси мо ба аввалин шиносоии худ бо муаллим Шарифҷон Ҳусейнзода тайёр мешуд, мо аз донишҷӯёни курсҳои боло, дар бораи чӣ гуна марди ҷиддӣ ва сахттар будани ӯ чӣ қиссаҳое ки шунида будем. Онҳо назди мо ифтихор мекарданд, ки аз имтиҳони Ҳусейнзода гузаштаанд ва ҳар якашон он лаҳзаро дар хотир дошт. Мо ҳам гузаштем. Имтиҳони аввалин ӯ, чун ҳамаи имтиҳонҳои баъдинааш дар хотири ман ҳам монд. Ман, он вақт писараки

шонздаҳсола ба ҳамаи саволҳои муаллим ҷавоб додам, ӯ ба китфи ман нарм - нарм зада якзайл, «бале, писарам, бале, писарам» гӯён маро гусел намуд. Вай шодӣ мекард.

Ман то ҳол аз ҳар имтиҳоне ки гузарам, он хоҳ имтиҳони зиндагӣ бошад, хоҳ дарс дар китфи худ нарм-нарм расидани дасти ӯро ҳис мекунам.

Оё ӯ чунин фазилат доштани худро медонад? Намедонам.

Дарсҳои Ҳусейнзода одатан дар як аудитория мегузаштанд. Боре ӯ аз рӯи одат ба аудиторияи пешина ба дарс медарояд, ки ягон кас нест. Ӯ портфелашро рӯи миз гузошта, ба фикр фурӯ меравад ва дар ҳамон ҳолат зиёда аз як соат менишинад.

Он дам устод дар бораи чиҳо фикр мекард? Намедонам. Шояд инро ҳоло худи ӯ ҳам надонад, вале ин воқеа ҳикмате дорад, ки сиришти ӯро ба назари ман ҷилвагар мекунад. Баъд донишҷӯён ӯро ёфта, ба дарс бурдаанд, деканат аудиторияро иваз карда будааст...

Чандин сол аст, ки ҳар рӯз як марди нуронӣ ки аз чеҳрааш покизагии дилу ҷонаш ҳувайдост ва қоматаш, ки аз бори портфел андаке ба як тараф ҳамоил аст, аз хиёбони маркази шаҳр оҳиста ва беозор қадам бардошта, ба сӯи факултети филологияи университет меравад. Ин марди нуронӣ муаллими ман, яке аз саромадони илми адабиётшиносӣ ва танқиди адабии тоҷик, профессор Шарифҷон Ҳусейнзода аст. Ман аз дилу ҷон мехоҳам, ки ин роҳи ӯ ба дарозии роҳи Замин баробар шавад.

**Соли 1976**

## ҲОСИЛИ ТАҶРИБАИ РӮЗГОР

**Аминҷон Шукӯҳӣ. Чормағз. Нашриёти «Ирфон». Душанбе, соли 1973**

Хусусияту характери ҳар марҳилаи адабӣ дар эҷодиёти санъаткорони беҳтарин инъикос меёбад, рушду камоли адабӣ низ асосан маҳсули кӯшиш ва ҷустуҷӯву бозёфтҳои онон аст. Бинобар ҳамин, вақте ки мо аз авзоъ ва аҳволи шеъри имрӯзаи тоҷик сухан ба миён меоварем, пеш аз ҳама, номҳои Мирзо Турсунзодаб Мирсаид Миршакар, Мӯъмин Қаноату Ғаффор Мирзо, Убайд Раҷабу Лоиқ, Қутбию Мастон ва боз чанде дигарро ба забон мегирем, дар эҷодиёти онҳо равия ва тамобли асосии инкишофи шеърамонро ҷӯё мешавем.

Аминҷон Шукӯҳӣ низ яке аз ин санъаткорон аст. Ба наздикӣ нашриёти «Ирфон» китоби дубайтиҳои ӯро бо номи «Чормағз» нашр кард.

Дубайтӣ. Ман ҳис мекунам, ки хонандагони ин сатрҳо ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд. Як қисмро дубайтӣ гуфтани шоири имрӯза хуш намеояд. Дар онҳо чунин ақида пайдо мешавад, ки оё дастовардҳои бузурги ҳаёти имрӯза, ин мураккабият ва задухӯрдеро, ки ҷаҳони мо аз он пуропур аст, чӣ гуна метавон дар қолаби чаҳор сатри дубайтӣ ғунҷоиш дод? Оё ин жанр ба дасту пои шоир банд намеандозад?

Дар ҳар як асари бадеӣ ва махсусан лирика, на ин ки тасвири тамоми ҷиҳатҳои ҳаёти имрӯза, балки як ҷиҳати онро бояд ҷуст. Шоир ҳам дар ҳар як асари ҷудогона вазифаи худро дар ҳамин мебинад. То ҳол шоире дар як асараш мақсад накардааст, ки замон ва воқеияти муосирро бо тамоми гуногунрангӣ ва пуррагияш ба тасвир гирад. Адабиётшиносӣ ва танқиди адабӣ ин масъаларо дар як силсила асарҳои шоири лирик, як давра ва ё тамоми эҷодиёти ӯ муайян ва таҳлилу тадқиқ мекунад.

Пас, оё дуруст аст, ки мо аз як дубайтӣ инъикоси гуногунҷиҳат ва пурраи замонро талаб карда, онро дар ин кор нотавон бинем ва бар зидди истифодаи он бошем? Пеш аз он ки ягон хулоса барорем, биёед, як ба таърихи шеъри ҷаҳонӣ нигарем. Дар адабиёти атиқа ҳамроҳи жанрҳои бузургҳаҷм (эпос, достон) жанри хурдакаки аз ҷиҳати шаклу мазмун комилу рехта – эпиграмма мавқеи босазо дошт, ки дар гуногунтарин мавзӯъҳо офарида мешуд. Ҳумерро эҷодкори ин жанр меноманд. Ҳамин ки давлати юнониён футур рафт, ин шакли шеър нобуд нагашт, онро румиён ба хизмати давраи нав омода карданд. Ва он то имрӯз зинда монд. Дар адабиёти япон низ жанрҳои хурди танка ва хокку маълуму машҳур аст.

Адабиёти тоҷику форсро гирем. Дар тамоми олами тамаддун камтар шоире ҳаст, ки нуфузаш ба нуфузи Хайём ҳамсангӣ карда тавонад. Ин нуфуз нуфузи шоиста ва арзандаест, ки бар ивази сурудани рубоиҳои ҷовидонӣ насиби шоир гаштааст.

Умуман, олами тафаккур ва эҷодкории инсон ҳайратангез аст. Як назар ба таърихи тамаддун ва зиндагии худамон нигарем. Як тараф, асаре ба мисли «Шоҳнома», ки 120 ҳазор мисраъро дар бар гирифтааст ва, дигар тараф, рубоӣ, байт ва ҳатто фард. Як тараф ҳайкали азамати Будо ва дигар тараф – санъати минётур. Зарра дар муқобили кӯҳ. Вале ин зарра на камтар аз кӯҳ аст.

*Чу дар қонуни нисбат ибрате ҳаст,*
*Бузургии ҷаҳон дар чашми мӯр аст.–*

мегӯяд Шукӯҳӣ. Хулосаи андешамандона. Бузург дар хурд низ метавонад инъикос ёфта бошад. Аз даричаи хурде ҳам метавон ба олами фарох нигарист. Оё камоли санъаткори хушистеъдод дар он нест, ки дар шакли хурд мазмуни бузургро ғунҷоиш диҳад? Талаби асосӣ аз санъати асил ҳам дар ҳамин аст. Бисёрро дар хурд гуфтан ҳунар аст, аксаш ҳунар нест. Шоире, ки ба жанрҳои хурд ба дубайтӣ, рубоӣ даст мезанад, бори худро дучандон вазнинтар мекунад.

Дар жанрҳои хурд анъанаи шакл ва мундариҷа махсусан қавӣ ва зинда аст. Дар онҳо тарзи ифодаи мазмун, гузориши мавзӯъ аксаран ба қолаб даромадаанд. Масалан, дар танка ва хоккуи японӣ ҳам. Дар онҳо на танҳо шакли бадеӣ, воситаҳои тасвир, интихоби сухан, тариқи ифодаи маънӣ қолабрезанд, зиёда аз ин, доираи мавзӯъҳои онҳо низ муайян аст. Гулчинҳои танка бештар аз назари тақсимоти мавзӯъ тартиб меёбанд: фаслҳои сол, ишқ, фироқ, ғарибӣ ва ҳамчунин. Ин ҳолат дар рубоӣ ва дубайтиҳои тоҷикӣ низ бараллоина намудор аст. Тадқиқотҳои муҳим ва арзандаи фолклоршиносони мо зери роҳбарии донишманди хуби фолклорамон Раҷаб Амонов ва худи асари ӯ «Лирикаи халқии тоҷик» дар ин бора мушоҳидаҳои амиқ ва пурқиммате доранд. Қолаб гирифтани шакл ва мундариҷа барои тобиш ва мазмуни тоза гирифтани ин қабил жанрҳои хурд монеаи сахтест. Ин ҷо як образи анъанавӣ образи дигарро дархост мекунад, як сухан аз паси худ сухани дигарро мекашад. Агар диди шоир тоза набошад, мақсадаш барбод аст. Ӯ бехабар ба қолаби шахшудаи анъана даромада, суханаш берӯҳу таъсир мешавад. Дар шеър бошад –

*Чӣ ҳоҷат ҳарфҳои гуфта гуфтан,*
*Ҳамон беҳтар наву носуфта гуфтан.*

Вале «наву носуфта» гуфтан осон нест. Махсусан дар ҳолате ки шоир сарҳади озодии худро қаблан муайян кардааст: чаҳор мисраъ. Ӯ танҳо дар ҳудуди ҳамин чаҳор мисраъ

ҳунарозмоӣ мекунад. Шояд аз ҳамин сабаб аст, ки пас аз устоди назмамон Абулқосим Лоҳутӣ ва сонитар Ҳабиб Юсуфӣ кам шоирон ба рубоию дубайтӣ шавқ варзидаанд. Дар авали солҳои 60-ум адабиётшиноси муҳтарам Муҳаммадҷон Шукуров бо таассуф камистифода шудани рубоиро дар адабиёти мо қайд карда буд. Дар охири солҳои 60-ум бошад, вазъият тағйир ёфт. Рубоию дубайтӣ зуд-зуд дар саҳифаҳои матбуот пайдо шудан гирифтанд, ба маҷмӯаҳо роҳ ёфтанд. Акнун лаҳзае ворасида буд, ки ин шакл ба тобеъияти шоир дарояд, на ки шоир дар таъсири он бошад. Ин кор маҳорат ва нируи қавии шоиронае мехост.

Лоиқ ба сурудани рубоӣ ва дубайтӣ пардохт ва, бешубҳа, дар худ қудрату тавониеро ҳис мекард, ки бар ин шакл ғолиб омада метавонад. Чунин қудрат дар ӯ ҳаст.

Шукӯҳӣ китоби дубайтиҳои худро дар сари панҷоҳсолагиаш пешниҳод кард. Агар эҷоди дубайтиб рубоӣ маҳорати комил, таҷрибаи зиёди эҷодиро хоҳад ва баъзан як андоза маънои панду ҳикмат, андарз гуфтанро дошта бошад (албатта андарзи бадеӣ), ҳоло шоир ба ин кор ҳуқуқи комили эҷодӣ ва маънавӣ дорад. Бинобар ҳамин, мо ин гуфтаҳои ӯро ҳамчун хулосаи амиқ ва дар асоси таҷрибаи зиндагӣ ҳосилшуда идрок мекунем:

*Бенишонӣ ҳам нишоне доштаст,*
*Санги хоро ҳам забоне доштаст.*
*Ақли мо акнун, ки бар ҷое расид,*
*Осмон ҳам нардбоне доштаст.*

Куллан бовар мекунем, ки камоли шеър дар камолоти гӯяндаи ӯст. Бисёр шеърҳои ҷавонон аз нишони бенишонӣ, аз забони безабонӣ, равони беравонӣ, гуноҳи бегуноҳӣ ва ҳамин қабил ибораҳои тазоднок ва муқобилмаъно пуранд. Аммо онҳо на ҳама вақт таъсирангез ва корагаранд, чунки бештар ба хотири шакл гуфта шудаанд. Онҳо хулосаи таҷрибаи зиндагӣ набуда, бештар воситаи намоиши маҳорат ва як дурахши фиребои шоиронаанд. Шеър бошад, на ин ки намоиши маҳорат, балки пешкаши тамоми ҳастии шоир аст. Дар шеъри асил ҷое ба худнамоӣ нест:

*Ман давоми солу моҳи рафтаам,*
*Ҳалқаи ҳафту(?)ми ҳар як ҳафтаам.*
*З-ин сабаб аз кӯҳнаю нав бешу кам,*
*Ҳаст андар ҳарфҳои гуфтаам.*

Шоир иқрор аст, ки дар гуфтаҳои ӯ аз «кӯҳна» ҳам андаке ҳаст. «Кӯҳна» дар ин маврид ишора ба таҷрибаи рӯзгор аст, ки аз пайваста ва ногусастанӣ будани силсилаи зиндагӣ ва эҷодкории инсон ҳосил мешавад. Вале ин «кӯҳна»-ро мо аз маъное, ки шоир ба он медиҳад, озод карда, ҳамеша талабгор мешавем, ки ба ин «кӯҳна» шоир ба назари тозае нигариста бошад. Аслан, воситаи муҳимтарине, ки ба санъат тару тозагӣ ва тароват мебахшад, диди нави шоир аз ашёст. Мо дар тасвири баҳор бисёр шеърҳо хондаем. Ситоиши баҳор дар шеър ҳаргиз мавзӯи наве нест. Он дар назми китобии худамон ҳам таърихи ҳазорсола драд. Аммо ин дубайтӣ сурати зебою дилнишин ва тозаи баҳор аст:

*Селаи мурони қу боз омаданд,*
*Нуқрапарҳо боз бо ноз омаданд.*
*Чатрҳои сап-сафеди қоқуҳо*

*Дар фазо гӯё ба парвоз омаданд.*

Оё мусиқие, ки аз такрори овозҳои «з» баланд мешавад, ба гӯшатон мерасад? Образнокӣ дар шеър на танҳо дар нигориш ва ё дарёфтани сурати тоза, образ, ташбеҳ, истиора, киноя ва монанди ин аст. Балки образнокӣ тамоми унсурҳои дигари шеър – зарбу оҳанг, қофияю радиф ва такрори овозҳоро низ дар бар мекунад. Махсусан, дар жанрҳои хурди лирикӣ, як ҳарфи қоими ёфтаи шоир, як қофияи тоза ва устувор ҳам унсури образнокӣ мешавад.

Зотан, шеър аз мушкилтарин навъи санъат аст. Он дорои хусусияти санъатҳои дигар ҳам буда, аз парваранда ва ҳам шунавандааш ҳаракат ва кори зӯри фикру эҳсосотро талаб дорад. Агар барои шинохтани санъати тасвир қудрати назар зарур бошаду барои мусиқӣ шунавоӣ, пас, дарёфтани шеър ҳам назари амиқ, ҳам сомеаи тез ва ҳам ҳиссиёти нозуку фарогир мехоҳад. Чунки дар санъати шеър ҳамаи ин унсурҳо ба ҳам омехтаанд. Дубайтии боло ҳам мисли сурат, ҳам мисли мусиқӣ ба қалбу рӯҳи инсон таъсир мегузорад.

Қоқуҳо. Ба ёди ман ҳамоно як расми Чурлёнис меояд. Теппаи сабзу як гули қоқу. Тифли бараҳнае ба сӯи он дасти дароз дорад. Болои сари ӯ уқоби ваҳшатноке болҳои азамати сиёҳи худро паҳн кардааст. Вуҷуди касро ҳаяҷону изтироб, тарсу ҳарос ва хавотирӣ фаро мегирад. Қолаби одам ба рӯҳаш тангӣ мекунад. Ин қувваи сиёҳи тавоно бо як бол задан ҳам қоқуро - рамзи умеду орзуи нозуки инсонро ва ҳам тифли ба он даст дароз кардаро нобуд карда метавонад. Чунин як лаҳзаи пуризтироб.

Санъату санъаткорӣ ҳам дар тасвири ҳамин гуна як лаҳза аст. Ин гуна лаҳза мураккаб ва пуропури ҳаяҷону ҳиссиёт аст. Дар он неку бад, ҳаёту мамот, ғаму шодӣ, садоқату хиёнат бар зидди ҳам шӯриш доранд. Ҳаёт он қадар содда нест.

*Ҳазорон сабза дар як боғ рӯид,*
*Ҳама бенуқсу дарду доғ рӯид.*
*Кабӯтар бо кабӯтар ҷуфт карданд,*
*Аз онҳо ногаҳон як зоғ рӯид.*

Шоир на танҳо сарояндаи хушбахтии одам, яке аз созандагони рӯзгори хуш низ мебошад. Дар дубайтиҳои Шукӯҳӣ ҳам хоҳ дар образи шахси шоир бошад ва хоҳ дар образи ҷомеи инсон ва ё қаҳрамони лирикӣ бузургии инсон, мавқеи ӯ дар миёни гирудори зиндагӣ, моҳияти ҳастии вай бо меъёрҳои дигари сифатан нав андоза карда мешавад.

*Ба гул зорӣ куну бар хор зӯрӣ,*
*Туро гар зорию гар зӯрие ҳаст.*

Гул агар рамзи покӣ ва самимият бошад, пас, онро азиз бояд дошт. Хорро, ки нишони бухлу кина, разолату душманист, решакан кардан зарур аст. Ин қарзи ҳар фард аст.

*Шараф ҷустам, вале шӯҳрат наҷустам,*
*Зафар ҷустам, вале давлат наҷустам.*
*Маҳ ар чокар шуду парвин ғуломам,*
*Саманди дархури савлат наҷустам. –*

мегӯяд шоир, ки ба ин суханҳо ҳар инсони комил ҳамфикру ақида мешавад. Акнун таҳлили ботини инсон амиқтар меравад, дар вай дарёфтани рангу рӯҳи замон ба шарти муҳим ва асосӣ мубаддал мешавад. Байте аз як шеъри Шукӯҳӣ ба ёдам мерасад:

*Нахезам ман ба истиқболи бахте,*
*Наорад бахт агар бар сарзаминам.*

Ин меъёри камоли маънавии инсон аст. Ботини ин инсон зебо ва пурмаъност, дар дили чунин инсонҳо метавонем хусусиятҳои ҳайратангез, зебо ва накӯ пайдо кунем. Ин ҳосили ғалабаи озодист. Вай инсонро аз банди ҷаҳолат ва бандагӣ раҳо карда, дар ӯ беҳтарин сифатҳои инсониро мепарварад. Шукӯҳӣ ҳам мекӯшад, ки ҳамин дастовардҳои пурбаҳоро дар зиндагии инсони имрӯза кашф намояд. Ин мақсади ӯ мувофиқан ба гуногунтарин зуҳуроти ҳаёт ба тарику усулҳои бисёре сурат мегирад. Вақте ки шоир ин хусусиятҳоро умумият дода, ҷамъбаст мекунад, Ватан рамзи хушбахтии инсон мешавад.

*Сафар бар роҳҳои дур кардам,*
*Назар бар қасрҳои нур кардам.*
*Вале аз бахти одам чун сухан рафт,*
*Ватан, номи ту бо он ҷӯр кардам.*

Ишқ сарчашмаи хушбахтии инсон аст. Қудрати ишқ дар олами ҳастӣ ва маънавӣ назир надорад. Мо Шукӯҳиро аз беҳтарин сарояндагони ишқи инсони нав шинохтаем. Заминаи реалистии тасвири ишқ дар эҷодиёти ӯ пурҳосил буда, шеърҳояшро тару тозагӣ мебахшад ва барои кушодани ҷиҳатҳои гуногуни симои маънавии инсон ёрӣ мерасонад. Шоир ба олам бо чашмони ошиқ менигарад:

*Саҳаргаҳ нолаи ошиқ шунида,*
*Ҷаҳон бо чашми булбул дида будам.*

Шояд аз ҳамин сабаб гоҳо дуди нолаи ошиқ пеши нигоҳи ӯро мегирад ва баъзе дубайтиҳояш аз паси пардаи андӯҳи ишқ ба назар мерасанд. Аммо мо ва худи шоир ҳам бовар дорем, ки зиндагӣ зебост ва ишқ ҳам, ки аз унсури асосии ҳаёт аст, ҳамчунон зебо ва тавоност:

*Агар бӯи чаманро мекунад ҳис,*
*Муҳаббат ҷуғзро булбул кунонад. –*

мегӯяд шоир. Ва ё

*Ногаҳон дилдор бар оҳам расид,*
*Рӯзи саъду шоми дилхоҳам расид.*
*Гардиши айёмро гардам, ки шаб,*
*То ситора дасти кӯтоҳам расид.*

Бешубҳа, диалектикаи ҳиссиёт ду ҷиҳати тазод, ду тараф, ду қутб дорад. Шоир ҳам инкишоф ва таркиби ин ҳиссиётро нишон дода, наметавонад фақат як ҷиҳат, як тараф ва як қутби онро ба қалам оварда, дигарашро истисно кунад. Таҳлил ҳам набояд ба нишон додани

сарҳади ин яке аз дигаре равона карда шавад, зеро ин нодаркор ва бесуд аст. Асари асил аз чунин тақсимот мемирад. Тадқиқот бояд мақсади муайян кардани таъсири диалектикии ҳиссиётро дошта бошад. Дар санъат бо кадом андоза сахт будани муборизаи ҳиссиёти мухталиф таъсири онро ҳамон қадар меафзояд.

*Аз нигоҳат боғҳо бишкуфтаанд,*
*Кӯҳу дашту роғҳо башкуфтаанд.*
*Лек дар саҳрои қалби ман фақат*
*Аз фироқат доғҳо бишкуфтаанд.*

Шукуфтани доғи фироқ хуб гуфта шудааст. Махсусан, дар ин дубайтӣ, ки бо шукуфтани боғу роғ, кӯҳу дашт муқобил афтодааст. Як тасвир дар ду ҳолат ду навъ ҳиссиёт бедор кардааст. Яке дигареро рад мекунад, вале онҳо беҳамдигар вуҷуд дошта наметавонанд. Ҳамин мухолифат ва муқобилат аст, ки ҳатто «доғҳо мешукуфанд».

Хусусияти услубии дубайтӣ талаб дорад, ки воқеа, ҳиссиёт дар ҳолати низоаш, кулминатсиониаш ба қалам дода шавад. Шакли ихчам ва минётурии он ба ҳикоя ва тасвиру ифодаи батафсил имкон намедиҳад:

*Сина аз ҳасрат ба хуну хок шуд,*
*Ҳамчу барги ток қалбам чок шуд.*
*Буд ангури ҳусайнӣ панҷаҳот,*
*Дасти ман бар он чу занги ток шуд.*

Сатри аввал яку якбора аҳволи қаҳрамонро дар ҳолати авҷу хурӯшаш ифода кардааст. Шоир бо як аккорди зӯр мехоҳад дар оне олами ҳиссиёти касро фаро гирад. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки дар он ифодаҳои як андоза анъанавиб маъмулии назмамон ба кор рафтааст. Онҳо, чунонки мебинем, ба мақсади муайян омадаанд; онҳо, ки ба гӯш ошноанд, ба мо зуд мерасанд ва рӯҳи моро ҳамоно аз ҳолати муқаррариаш берун меоранд.

Дар бисёр дубайтиҳои Шукӯҳӣ ифодаи муҳаббати инсон ба тарзи хос сурат мегирад. Ин муҳаббатро мо ҳангоми тасвири ё гулу лола, ё қатраи шабнаму майсаи навхез, ё мӯри донакашу занбӯри асал ба хубӣ ҳис мекунем. Тасвиру ифодаи диловез ва самимонаи шоир ба забони худ ба олами ҳастӣ ва инсону табиат муҳаббати ӯро арз мекунад:

*Баҳорон буд, наргис омаду рафт,*
*Чароғи аҳли маҷлис омаду рафт.*
*Гулу себаргаҳо аз ҷой ҷастанд,*
*Насиме ҳамчу мӯнис омаду рафт.*

Ин сатрҳо саршори муҳаббату самимиятанд. Асли ҳунар самимият аст, гуфтани донишманде ба хотирам мерасад. Мавридаш аст қайд кунем, ки дар ин ҷабҳа Шукӯҳӣ беҳтарин анъанаҳои дубайтиҳои халқиро қабул карда, онҳоро барои тасвири эҳсосоти реалистӣ истифода мекунад. Чунонки маълум аст, тасвири реалистӣ ҳаргиз аз воситаҳои маҷозӣ парҳез надорад. Вай фақат талаб дорад, ки онҳо барои шоиронаю хотирнишин ба қалам овардани мундариҷаи реалистӣ истифода шаванд. Бинобар ҳамин, вақте ки мо дубайтии:

*Давраҳои хокбозӣ ҳам гузашт,*
*Дар ҳар оташ худгудозӣ ҳам гузашт.*
*Нисфирӯзӣ сояҳо кӯтаҳ шуданд,*
*Бегаҳӣ лек аз дарозӣ ҳам гузашт.*

– ро мехонем, бо вуҷуди як андоза тобиши маҷозӣ доштани воситаҳои тасвир, ба асоси реалистии таассурот пай мебарем. Нисфирӯзӣ сояҳо кӯтаҳ шуданд – яъне офтоб (рамзи ҳақиқату ростӣ) агар болои сар аст, сояҳо кӯтаҳ намуда, ночиз мегарданд. Ҳар мисраи ин дубайтӣ ишора ба як давраи зиндагии инсонанд – бачагӣ, ҷавонӣ, давраи камолот ва пирӣ. Нисфирӯзӣ қиёми зиндагии одам, замони ҷӯшу хурӯш, меҳнату эҷодкорист. Офтоб меъёри ҳақиқат аст. Бегаҳӣ дароз шудани сояҳо як ҳолати оромӣ ва осудагии пириро пеши назар меорад. Офтоб ба ғуруб меравад.

Ин дубайтӣ мисоли хуби гуфтани ногуфтан аст. Мазмуни он аз доираи мафҳумҳои дар луғати он ифодашуда, бешубҳа, фарохтар аст. Ин аст яке аз хусусияти зотии лирика. Имконоти ифода ва тасвири асарҳои лирикӣ ҳамеша аз доираи мафҳуми калимаҳои дар он истифодашуда паҳновартар аст. Ҳуте – шоири бузурги олмонӣ, ба ҳамин маънӣ шеъри классикии моро шеъри ишора ва кинояномида буд.

Дар эҷодиёти ҳар як шоири асил усули ифодаи тасвир ба як тариқу тамоюл нест. Вай барои ифодаи ҳарранги мазмуну мундариҷа аз гуногунтарин воситаҳои услубӣ истифода мекунад:

*Бор агар вазнин набошад, бор нест,*
*Кор агар мушкил набошад, кор нест.*
*Аз мунофиқ дуртар будан беҳ аст,*
*Ёр агар содиқ набошад, ёр нест.*

Ин дубайтӣ дар тамобли ҳикматҳои халқӣ гуфта шудааст. Соддаю равон, хушоҳангу хотирнишин аст. Дар се сатри он калимаҳои ҳамвазн мутавозӣ омадаанд. Ба ғайр аз қофияи маъмулии охири сатрҳо калимаҳои аввали мисраъҳо ҳам ҳамқофияанд.

Лирика ва махсусан жанрҳои хурди он аксар ҳосили таассуроти яклаҳзагист. Дубайтиҳои Шукӯҳӣ ҳам инъикоси тассуроти гуногунранг ва яклаҳзагии шоир буда, рӯҳияи ӯро дар ҳолатҳои гуногун акс кардаанд. Мо аз хондан ва дӯст доштани асарҳои амиқи фалсафӣ, психологӣ, аз ҳаҷвия, юмор парҳез надорем. Бинобар ҳамин ҳам дубайтиҳои Шукӯҳиро, ки бо киноя ва таъризи нозуке гуфта шудаанд, бо шавқ мехонем:

*Агар булбул ҳамешуд аккаи мо,*
*Ва ё медод шире таккаи мо.*
*Дусад афсонае мешуд ҳамоил,*
*Ба ҳар риши ҷуворимаккаи мо.*

Риши ҷуворимакка образи хуби реалист. Ба ин риш ҳамоил шудани дусад афсона бошад, ба забони ҳол мегӯяд: чизе, ки айни ҳол боиси ифтихор аст, ночиз аст. Ба ин мақсад зарбулмасали халқии «такка бошаду шир диҳад» андаке тағйири шакл карда, хеле хуб истифода шудааст. Ба ғайр аз ин, қофияҳои ин дубайтӣ хеле устувор, нав ва хотирнишинанд.

Дар «Чормағз» ин гуна дубайтиҳо кам нестанд.

Дар охир ҳаминро гуфтан мехоҳам, ки мо достонҳои Мирзо Турсунзодаю Мирсаид Миршакар, Мӯъмин Қаноату Ғаффор Мирзо ва Қутбиро баробари шеърҳои лирикиашон дӯст медорем. Вале ин ҳаргиз ба он маънӣ нест, ки хонандаи имрӯз фақат жанрҳои бузург мехоҳад. Мо агар дар бораи як жанри хурд ва, дар айни ҳол, дубайтӣ ба андозае бо меҳр сухан гуфта бошем, мақсадамон он аст, ки шеърамонро дар жанрҳои гуногун шуҳратёфта бинем.

Расул Ҳамзатов барои китоби «Ситораҳои баланд»-аш сазовори мукофоти ленинӣ шуда буд. Ин китоб асосан аз чаҳорбайтиҳо иборат аст. Миёни чаҳор байт ва ду байт аз назари ҳаҷм тафовути бузурге нест. Пас, агар шоир дар жанрҳои хурд саодате наёбад, гуноҳ аз шоир аст, аз жанр не. Қонунияти бақои жанрҳо ҳам дар ин аст, ки онҳо ба эҳтиёҷоти даврае ба майдон омада, то даме ки ба ягон ниёзи адабӣ ҷавоб гуфта метавонанд, зинда мемонанд.

Дубайтиҳои Аминҷон Шукӯҳӣ ҳам ин фикрро бори дигар тасдиқ мекунанд. «Чормағз» рамзи пуропурии маънӣ ва ишоратест ба чаҳор сатри дубайтӣ. Аксари ин дубайтиҳо чормағзҳои коғотие ҳастанд, ки зеби дастархони мардум мешаванд. Аз нав ривоҷ гирифтани дубайтиву рубоӣ барин жанрҳои хурди лирикӣ дар назди адабиётшиносии мо вазифаи тозаеро пеш мегузорад. Тадқиқ намудани хусусиятҳои нав, таҳлили системаи образҳо, анъанаҳои бадеӣ, забони услубу жанрҳои хурди лирикӣ барои инъикоси вазъи шеъри имрӯзаамон маводи фаровон дода метавонад.

## ШОХАИ РАЙҲОН ВА СЕБҲОИ ШУКУФТА

**(Аминҷон Шукӯҳӣ)**

Як вақт ба ман фармуданд, ки барои дучилдаи Аминҷон Шукӯҳӣ чизе нависам. Интихоби жанрашро ҳам ба ихтиёри худам гузоштанд: мақола, портрети эҷодӣ, пешгуфтор...

Ман узр хостам ва гуфтам, ки фикр мекунам.

Маро андеша гирифт. Магар аз уҳдаи иҷрои ин супориш баромада метавонам? Оё ман ба ин кор ҳуқуқи маънавӣ дорам? Албатта, мунаққид ҳақ дорад, ки дар бораи эҷодиёти ҳар шоир чизе нависад. Вале дар ин ҷо вазъият дигар аст, оғози китоб мақолаи илмиро намепарварад. Дар ин ҷо чизи андак дигаре лозим аст, барои онро навиштан...

Боз ба андеша рафтам. Суҳбатҳои Аминҷон Шукӯҳӣ ба ёдам расиданд. Ба хулосае омадам, ки дар ҳақиқат симои эҷодии Аминҷон Шукӯҳиро тасвир кардан ва ӯро ба мухлисони эҷодиёташ беҳтар шиносонидан даркор аст.

Ба навиштан сар кардам. Баробари ин як чизи дигарро низ фаҳмидам. Ҷавонӣ дар суҳбати марди комил ба камолот мерасидааст. Марди комил касро номаълум ба дараҷаву манзалати худ мебардоштааст ва кас фарқи синну сол ва мартабаю манзалатро аз ёд бурда, худро ноҳинҷор ҳис намекардааст. Шояд сифати инсони ҳақиқӣ ҳамин бошад?

Симои эҷодии шоир ва нависандаро ба рӯи коғаз овардан кори саҳл нест, он чи ки ба қалам омад, кӯшише дар ин роҳ аст.

* * *

Дили шоир оламест, ки баҳору боронҳо, тирамоҳу хазон ва зимистону барфҳои худро дошта, резиши боронҳою баргҳо, барфҳо ва радду бадали фаслҳо дар он нисбат ба олам воқеӣ дигартар аст.

Бисёр мешавад, ки дар зимистон дар дили шоир баҳорон аст ва дар баҳорон дар дили ӯ тирамоҳи файзбахш ва хазонрез.

Ҳамаи фаслҳо барои замин заруранд. Вай дар ҳар фасл таровати хоса, рангу бӯи нав ва андоми дигар дошта, ҳар чаҳор фасл барои ӯ зебост.

Чаҳор фасл дар дили шоир аломати сиҳат ва иқлими муътадили дил аст.

Чун як баҳор мегузарад, соли дигар баҳори тозае меояд, лекин баҳори дили шоир, ки ба шеър гузашт, ба солиёни дароз ҳамон тавр ботароват мемонад ва ё тирамоҳаш, ки ба шеър кӯчад, ҳар замон вақти хондани он дар тасаввури кас баргрезон мешавад.

*Баргҳои сабз тиллоӣ шуданд,*
*Сурхрӯ гӯё ки аз боӣ шуданд,*
*Лек аз сайри шамоли тирамоҳ*
*Зери по афтода ҳарҷоӣ шуданд,*
*Дар фироқи боғ савдоӣ шуданд.*

Дар ин ҷо нияти тасвир фақат баргҳою хазонрез нест, асли мақсад ба воситаи тасвироти дилчасп нишон додани такрор ва силсилабанди ҳаёт аст.

Табиат ба фикрҳои амиқ водор мекунад, вай барои ифодаи андешаҳои фалсафӣ восита мешавад.

Табиат ба монанди ҳаёт намиранда аст, вай такрор не, нав мегардад ва бинобар ҳамин дар андешаҳои шоир оид ба силсилаи зиндагӣ оҳанги ғамангез нест, баргҳо гӯё бо як ғуруру бепарвоӣ сабз гашта, боз рӯзарду ҳарҷоӣ мешаванд.

*Боз фардо чун расад фасли баҳор,*
*Баргҳои тоза андар шохсор*
*Боз ҳам гаҳворачунбонӣ кунанд,*
*Дар сари гулҳо қатор андар қатор*
*То шавад ҳар як ниҳоле сербор.*

*Боғҳо чун Ҳотами тоӣ шаванд,*
*Меваҳои сабз тиллоӣ шаванд,*
*Дида инро баргҳо боз аз ғурур*
*Худписанду маст аз боӣ шаванд,*
*Боз ҳам рӯзарду ҳарҷоӣ шаванд.*

«Баргҳои тиллоӣ» шеъри манзара ва андеша аст. Шукӯҳӣ асосан шоири эҳсосот ва таассурот аст. Дар шеърҳои ӯ ҷузъиёти амалу ҳодиса ва ашёю табиат барои ифодаи хубтар, табиитари таассуроти лирикӣ хизмат мекунад.

Дар лирика дар олами таассуроти шоир тамошобин ва ё иштирокчӣ шудан имкон надорад, дар ин ҷо ҳамдил бояд шуд. Ҳамдил мешавед ва ҳамин гуна таассуроте дар дилатон пайдо мешаваду шумо ба олами шоир роҳ меёбед. Вале то он дам ки ба ин олам роҳ ёбед, шоир ҳиссиёту таассуроти худро ба шумо мегузаронад ва онҳо азони шумо мешаванд.

Ба ин ҳақиқати маъмул расидан ба назар осон ва дар амал мушкил аст. Бе ин шоири лирик барор надорад. Ҳиссиёт чиз ва ё ашё нест, ки каси дигар онро зуд аз они худ карда тавонад.

Барои он ки ҳиссиёт ва таассуроти шоир ба ҳар кас ошно ва худӣ шавад, шоир ба ғайр аз истеъдоду маҳорат боз чизи дигаре бояд дошта бошад. Ҳамин чиз дар Шукӯҳӣ ҳаст. Ва ин на фақат самимият аст. Шояд ин чиз кушодии дили шоир бошад. Шояд... Вале маҳсули он маълум, ҳамдилӣ ва бо олами шоир кашида шудан аст.

*Зард шуд, барги дарахтон зард шуд,*
*Рафт тобистону омад тирамоҳ.*
*Сард шуд, оби каналҳо сард шуд,*
*Лек месӯзад дилам аз он нигоҳ.*

*Барф омад, гирду ҷониб барф шуд,*
*Шуд сияҳтар боз он чашми сиёҳ.*
*Навҷавонӣ дар раҳи ту сарф шуд,*
*Ту маро акнун намон дар ними роҳ.*

Ин ҷо ҳама чиз ҳақиқат аст. Шоир таассуроти худро зебу оро намедиҳад, вай будашро мегӯяд, ҳатто ба синну солаш ҳам тағйир намедарорад, худро ҷавон вонамуд намекунад. Ин ҳиссиёти покиза ва самимӣ ба дил менишинад.

Шоир кай ба дунё омад?

Моҳи июни соли 1923? Бале, ҳамин тавр. Вале ин тавр ҳам нест. Шояд аз шеър ва ё китоби нахустинаш? Бале, ҳамин тавр. Вале ин тавр ҳам нест.

Ҳамин тавр барои он аст, ки Аминҷон Шукӯҳӣ дар ҳақиқат моҳи июни соли 1923 дар деҳаи Рӯмони ноҳияи Хӯҷанд дар оилаи деҳқон ба дунё чашм кушодааст. Вале ҳамин тарв нест гуфтани мо ба он маънист, ки ҳатто модар, ки ӯро ба олам овардааст, намедонист, ки ин тифли гирёни ӯ шоир мешавад, ба вай шеърҳои самими диловезе мебахшад, ӯро меситояд ва месарояд. Ҳамин тавр ба он маънист, ки шоир шудан мумкин нест, бояд шоир таваллуд шуд. Бо таваллуди ҳар шоир як олами тоза тавлид мешавад. Дар ин олам ниҳолони дигар месабзанд, мурғони дигар месароянд, сабзаҳои дигар мерӯянд, ин олам ранг, оҳанг ва хушбӯиҳои худро дорад. Вале то муддатҳои муайян ин чизро на атрофиён медонанд ва на шоири мавлуд.

Шеъри аввалин ба дунё меояд. Шояд ин шеър ҳам не, балки як ҳайрати тифл аз осмони баланд, як меҳру навозиш ба бузғолаи худ ва ё як сармастие аз бӯи хуши гули зардолуст. Дар он ҳолат маҳз ба шаклу қолаби шеър даромадани ин ҳиссиёт, кайфият ва таассурот шарт нест. Вай метавонад, ки ба як «оҳ» ва нидои ҳайрат ҳам ифода шавад.

Оре, ба як «оҳ» ва нидои ҳайрат.

Дар ин ҷо моҳияти масъала дар мазмун, дар чигунагии он ҳиссиёт аст, на дар шакли ифодаи он.

Шаклро баъдтар ҳам пайдо кардан мумкин аст.

Асосаш ҳайрат аз олами зебо, ҳиссиёт ва таассурот аст. Ин ба замми он олами тозае, ки бо мавлуди шоир ба пайдо омадааст ва рӯзе бояд падидор шавад.

Шоир ба гуфтани шеър сар мекунад. Ба гуфтани шеъри аввалин ҳодисаҳои гуногун сабаб шуда метавонанд. Ва агар ӯ чун шоири муҳаббат шинохта шуда бошад, боиси шеъри нахустинро чунин тасаввур кардан ҳам аз эҳтимол дур нест. Духтараки ҳамсинф ва ё ҳамсоя туро маҷбур мекунад, ки не, аниқтараш, худат маҷбур мешавию ба ӯ шеър менависӣ ва намедонӣ, ки чӣ тавр онро ба ӯ бирасонӣ, ки шеъри ту буданашро нафаҳмад. Шеърро номаълум дар байни китоб ва ё дафтараш мегузорӣ, аз он ҷо бошад, онро ё дугонааш мегирад, ё модараш ва агар рафту худаш гирад, худо медонад, ки чӣ мешавад гӯён ба ҳарос меафтӣ.

Иншои шеър ҳар қадар сабабҳои гуногун дошта бошад, оқибаташ ҳам ҳамон қадар натиҷаҳои гуногун дорад. Таърихи шеъри нахустинро донистан шавқангез аст. Дар рафти суҳбат ман боре аз Аминҷон Шукӯҳӣ дар бораи таърихи шеъри нахустинашон пурсида будам. Он кас ба ман ҳикояи мухтасаре карданд, ки тақрибан чунин буд.

Вақти дар синфи даҳ хонданам ҷанг сар шуд. Муаллимон ҳама ба ҷанг рафтанд, мактаб бе муаллим монд. Мо номаи камол ҳам нагирифтем.

Дар Рӯмон курси машғулияти ҳатмии ҳарбӣ – ВСЕОБУЧ ташкил шуд ва маро ба он ҷо роҳбари сиёсӣ – политрук таъйин карданд. Вазифаи ман аз он иборат буд, ки соати панҷ омада то соати шаш ба шунавандагони курс газета хонда диҳам. Газетаро ман бояд бо овози баланд саросар мехондам.

Ба бахти ман амакам ҳам газетадӯст ва шоиртабъ буданд. Ҳар вақт он кас таронаи Мирзо Турсунзода «Омад канал»-ро замзама мекарданд:

*Эй сабо, аз мо расон бар дӯстон, омад канал,*
*Ҳам хабар кун наварӯси бӯстон, омад канал.*
*Рав ба ҳар як дар садо кун ташнагони обро,*
*Бо тамакно бӯса зан аз рӯяшон, омад канал.*

Ва аз ин ба ваҷд омада, агар ман ҳукумат мешудам барои ҳамин шеъраш ин шоирро як умр таъмин мекардам, мегуфтанд. Ман аз он ҷо омада ба ҳамин амакам он газетаро як бори дигар хонда медодам. Дар газета шеърҳо ҳам чоп мешуданд, онҳоро хонда ҳис мекардам, ки шеър як оҳанги аҷоиб дошта, аз хабару мақолаҳо фарқ мекардааст ва махсусан, аз қарорҳо, ки амакам шунидани онҳоро дӯст медоштанд.

Он вақт дар газета шеърҳои Лоҳутӣ бисёр чоп мешуданд. Аз куҷо «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро ёфта будам. Қариб ҳамаи китобро азёд медонистам.

Соли 1942 дар Гузари Охун курси ҳаштмоҳае ташкил шуд, ки муҳассилинашро «предметникҳо» мегуфтанд. Мо дар масҷид мехондем ва дар ин ҷо ба мо Файзулло Абдуллозода аз адабиёт дарс медоданд. Он кас барои муайян кардани савияи донишамон аввал кори хаттӣ гирифтанд ва баъд дар мавзӯъҳои «Дарёи мо», «Деҳаи мо», «Кишвари ман» иншои хонагӣ фармуданд. Ман мавзӯи «Дарёи мо»-ро интихоб карда, иншо навиштам ва онро ҷо-ҷо бо шеър ҳам оро додам.

Муаллим рӯзи дигар омада, ба эълони баҳои иншоҳо сар карданд. Паи ҳам баҳои иншоҳои ҳама маълум мешуд, вале аз они ман не. Дар охир Файзулло Абдуллозода иншоямро гирифта, маро аз ҷо хезонданд ва дар байни мо чунин саволу ҷавоб воқеъ шуд: - Инро аз куҷо рӯбардор кардед? – Аз ҳеҷ ҷо. – Набошад, кӣ дикта кард? – Ҳеҷ кас. – Шеъраш аз куҷо? Ман онро кофта, дар китобҳо наёфтам. – Чунки шеър аз они ман. – Ба назди тахта бароед.

Ман ба назди тахта баромадам, муаллим аз Ҳофиз ва Ҷомӣ чанд байт нависонда, таҳлилашро хостанд. Алоқадри ҳол маънидод ва таҳлил кардам: – Ман имрӯз дуздро медорам гуфта, кашфиёт кардам. Бачаҳо, ман шоир кашф кардам, – гуфтанд.

Ин суханони муаллим дар он вақт андак муболиғанок бошанд ҳам дуруст буданд ва дар оянда айни ҳақиқат мешаванд.

Дигарон шоирро кашф карданд, вале ӯ ҳоло дар худ шоирро кашф накарда, олами худро наёфта ва нашинохта буд.

Аввалин шеъри ӯ «Ба Октябри аъзам» 7 - ноябри соли 1942 дар газетаи «Стахановчӣ» чоп мешавад. Пас аз ин дар матбуоти даврӣ шеърҳоеро зуд-зуд дучор омадан мумкин буд, ки дар зерашон имзои А. Ҳоҷибоев меистод. Баъдтар ӯ тахаллус интихоб мекунад. Соли 1948 маҷмӯаи нахустини Аминҷон Шукӯҳӣ «Суруди чашмасор» аз чоп мебарояд. Шеърҳои ин маҷмӯа дар

сатҳи умумии назми ондавраи тоҷик буданд. Шоири ҷавон бо як муҳаббати гарм ғояҳои ленинӣ, пирӯзиҳои кишвари мо, ҳусни республикаи азизро месутуд. Дар ин роҳ вай аз паи устодони назмамон мерафт. Аз баъзе шеърҳои ин маҷмӯа бӯи сурудаҳои Абулқосим Лоҳутӣ ва Мирзо Турсунзода меомаданд. Вале шоири ҷавон гоҳо чизи худро, ки нотакрору самимист, ба қалам оварда буд. Ин барои он солҳо ва махсусан, ба шоире, ки акнун маҷмӯаи аввалинаш аз чоп мебаромад, муваффақияти хурд набуд.

Яке аз шеърҳои ин маҷмӯаи «Ба Ленини аъзам» ҳарчанд тавсифист, яъне бештар умумӣ ва васфӣ гуфта шудааст, дар дили кас муҳаббати гарме бедор карда, бо суханҳои равон ва бандҳои серқофияи худ аз маҳорати суханварии шоир гувоҳӣ медод. Дар шеъри «Эй кишвари маҳбуби ман» шоир бо як услуби сода ва бетакаллуф сухан мегуфт, дар ин шеър ӯ бозёфти шоирона дошт:

*Дил гарчи хурд, аммо шуд он*
*Ишқи бузургатро макон,*
*Он ишқро берун кунам,*
*Пур мешавад рӯи ҷаҳон.*

Ин маҷмӯа дар нимаҳои сол аз чоп баромада буд ва маълум мешавад, ки ба зудӣ ба дасти устод Айнӣ расидааст. Албатта, шубҳае нест, ки устод бо шеърҳои Шукӯҳӣ ба воситаи матбуоти даврӣ ошно шуда, дар шахси ӯ шоири хуберо шинохта буд. Бинобар ҳамин ҳам вай ба ояндаи ӯ бо ғамхории устодона назар мекард ва мекӯшид, ки ӯро дар қатори дигар адибони ҷавон аз хатоҳо нигоҳ дорад. Вай дар мактуби кушодаи худ аз 12 декабри соли 1948 аз шаҳри Самарқанд ба Толиси ҷавон чунин менавишт:

«Рафиқ Толис!» Ман аз ин пеш ҳам дар забони «адабӣ»-и баъзе ҳаваскорони нависандагӣ ингуна ҳолатҳоро дидаам. Аммо азбаски муаллифони онгуна порчаҳо кирои гап заданро намекарданд, ман дар бораи онҳо чизе нагуфта будам. Аммо Шумо, Фарҳат ва Шукӯҳӣ чизи дигаред. Забони адабии тоҷик аз шумо ҷавонон сарсабзиҳои бисёр аълоро умедвор аст». Устод Айнӣ бо ин суханони худ ба Шукӯҳӣ барои ба таври ҷиддӣ ба адабиёт дохил шудан фотеҳа дод.

Дар адабиёт мухолифатҳои аҷоиб мешаванд. Дар назми классикии мо шеърҳои ошиқона чунон бисёранд, ки ҳоҷати исботу далел аст. Маъмултарин жанри шеъри классик ғазал аст ва дар мавзӯъҳои мухталиф, ирфон, ахлоқ, ҳастӣ ва хулоса дар бораи ҳамаи чизе, ки ҳаст ва ё метавонад бошад, суруда мешавад, вале аз бисёрии ғазалҳои ишқӣ ин жанр қариб муродифи шеърҳои ошиқона шуда буд.

Ғазал як навъи сухан гуфтани нарм ва ошиқона аст. Аз ин рӯ,  мебоист, ки дар назми муосири тоҷик ҳам зуд шеърҳои ишқии хуб, ки ҳиссиёти талху ширин, дилшикору ҷонафзои ошиқонаи инсон ва замони навро ифода кунанд, пайдо мешуданд. Вале ин тавр нашуд.

Дар солҳои бист мавзӯи назм асосан ситоиши инқилобу озодӣ ва дар солҳои сӣ сурудани зиндагии нав, ҳаракати колхозӣ ва пирӯзиҳои ҳаёти иҷтимоӣ буд. Ин талаби замон ва сарнақши шеъри он давр буд.

Дар солҳои чиҳилум, вақте ки Шукӯҳӣ ба кишвари шеър қадам мегузошт ва пайраҳаи худро меҷуст, назми муосири тоҷик асарҳои маъруф дошт. «Қиссаи Ҳиндустон» - и Мирзо Турсунзода ба тамоми мамлакат ғулғула андохта, дар бораи ин асар ҳамчун кашфиёти бузург ва баҷуръати шоирона сухан мегуфтанд, ки айни ҳақиқат буд.

Мирсаид Миршакар достонҳои «Қишлоқи тиллоӣ» ва «Панҷи ноором»-ро гуфта, чун достонсарои соҳибистеъдод эътироф шуда буд.

Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Муҳиддин Аминзода, Абдусалом Деҳотӣ, Боқӣ Раҳимзода дар силсилаи онҳое буданд, ки дар ҳунари шеър кайҳо маҳорати кофӣ андӯхта, шеърҳои хуб мегуфтанд ва хонандагони худро доштанд.

Аз шеърҳои Ҳабиб Юсуфӣ нафас ва рӯҳи тозае мерасид.

Ҳар яки ин шоирон шеърҳои ишқӣ доштанд, дар байни онҳо шеърҳое, ки ҳиссиёти амиқ ва ошиқонаро бо тамоми нотакрорӣ ва тароваташ ифода кунанд, кам набуданд. Вале бо вуҷуди ин ҳоло дар назми он солҳо лирикаи ишқӣ мавқеи сазовори худро пайдо накарда буд.

Соли 1950 китоби дуюми шеърҳои Шукӯҳӣ «Ватани сулҳ» аз чоп баромад.

Китоб ба ду қисмат ҷудо карда шуда, қисми аввал ном надорад ва қисми дуюм «лирика» ном гирифтааст. Вале дар қисмати аввали китоб ҳам назми эпикӣ нест. Пас шоир чаро маҳз ба қисми дуюм «лирика» ном гузоштааст?

Ин қисмат бештар шеърҳои ишқиро дар бар кардааст. Дар қисмати аввал шеърҳое, ки оҳангҳои иҷтимоӣ доранд, гирд омадаанд.

Маълум мешавад, ки шоир он вақт шеърҳои иҷтимоиро аз лирика ҷудо медонистааст. Хайр, боке нест ва чӣ ҷои шиква аз он солҳо, ки ҳоло ҳам баъзан лирикаро танҳо чун шеъри ошиқона мефаҳманд.

Лирика ба монанди эпос ва драма як ҷинси адабӣ буда, аз рӯи мавзӯю мундариҷа навъ ва жанрҳои бисёр дорад. Лирикаи ишқӣ фақат як навъи он аст. Вале ҳоло сухан дар ин бора нест.

Аз чопи маҷмӯаи якум то дуюми Шукӯҳӣ се сол гузаштааст. Агар гӯем, ки шеърҳои то соли 1948 навишта ба маҷмӯаи аввал дохил шуда, шеърҳои пас аз он эҷодшуда ба китоби дуюм даромадааст, тахминан дар байни ҳамон ду-се сол назари шоир ба шеър, ба худ, ба дигарон ва ба олам тағйир ёфтааст. Вале тамоман не.

Вай ҳоло ҳам аз роҳи дигарон мерафт, қувва ва таъсири анъана ӯро дар самти худ ҳаракат медод. Дар шеъри «Орзу дорам нависам шеърҳои хуб» шоир чунин менавишт.

*Ба завқу шавқ мехоҳам, ки шеъри хуб бинвисам,*
*Ба ҳаққи дӯстону кишвари маҳбуб бинвисам.*
*Зи кору бори худ як сухан ҳамроҳ бинмуда,*
*Пас аз он бар рафиқон боз як мактуб бинвисам.*
*Суханро аз чӣ бояд сар кунам... ин фикр пайдо шуд,*
*Ба пеши дидаам боғи тасаввур ҳам ҳувайдо шуд,*
*Нигаҳ кардам ба тиреза дурахшон моҳ метобад,*
*Ва ҳар зебо ситора дар назар даҳчанд зебо шуд.*

Бале, ин орзу буд ва ба шеъри ӯ ҳоло ана ҳамин як-ду сухан аз кору бори худ камӣ мекард, вале тасвири боғи тасаввур фаровонӣ дошт. Вай ҳанӯз ҳам бештар ба ҷои эҳсосот ва таассурот тасаввуроти худро месуруд.

Ин ҳам беманфиат набуд. Ӯ дар худ завқи сухан парварид, маҳорати шеър андӯхт, дар лафз рангу оҳанг кашф кард. Шеърҳои васфӣ ва тасаввурӣ ба шоир мактаби маҳорат ва сухансанҷӣ шуданд. Вай суханро ба оҳанг омехт.

*Биё чун ҳофизи хушхон ба гуфтор, эй суруди ман,*
*Намо рози диламро аз нав изҳор, эй суруди ман.*
*Ба парвоз о дар ин гулзори бехор, эй суруди ман.*
*Гузар чун мекунӣ аз кӯи дилдор, эй суруди ман,*
*Саломамро расон бо шавқи бисёр, эй суруди ман.*

*Ҳамеша дар равонӣ то ки чун оби равон бошӣ,*

*Ба дунё омада шоистаи давру замон бошӣ,*
*Намирӣ ҳеҷ гоҳе, зинда монӣ, ҷовидон бошӣ,*
*Барои он ки бар пиру ҷавон вирди забон бошӣ,*
*Нишастам то саҳар баҳри ту бедор, эй суруди ман.*

Ин ду банд аз шеъри «Эй суруди ман» аст. Бандҳои дигари шеър ҳам ҳамин гуна равону дилнишин ва суфтаю пухтаанд. Ҷо-ҷо лаҳни сухани худи Шукӯҳӣ ба гӯш мерасад. Шахси шоир, фардияти вай дар лаҳни сухан андаке зуҳур карда бошад ҳам, дар мазмун қариб ба назар намеояд.

Шоир ба олами хонанда роҳ меҷӯяд, вале дар раҳовардаш бӯи дили ӯ кам аст.

Вай ба олами дил иҷозатномаи умумӣ дорад, барои бо шеър ба дилҳо раҳ ҷустан раҳовард ва иҷозатнома шахсӣ зарур аст. Дар раҳовард ва иҷозатномаи ту бояд бӯи дил ва сурати ту бошад.

Табиати шоир муайян, вай лирик буд. Аммо дар шеърҳои вай мавзеъ, ҷой, чиз, ашёи тасвир буда, дар он субъект – худи шоир набуд. Эҳсосоте, ки дар шеърҳо суруда мешуданд, ҷудо аз шоир вуҷуд доштанд. Худро бо олам омехтан, олами мавҷударо аз рӯи таассуроту ҳиссиёти худ ба қалам кашидан зарур буд. Инро табиати шоири лирик тақозо мекард.

Ниҳоят лаҳзаи матлуб мерасад. Шоир мефаҳмад, ки дар шеър шахси худ ва таассуроту хиссиёти фардӣ ва нотакрори худро ифода карда, замир ва асрори дилро кушода, ба ҷамъият хизмат кардан мумкин аст. Дили ӯ пур аз эҳсосоти зебост ва ӯ метавонад, бе дудилагӣ ин эҳсосоти зеборо суруда, дигаронро ба худ ҳамдил созад, дар онҳо ҳиссиёти зебою дилнишин парварад.

Ҳамин ки ӯ ба олами таассуроти худ рӯй овард, чун шоири лирик ба овози хоси худ сухан гуфт. «Маро танҳо ту бинмудӣ фаромӯш» эҷод шуд. Шукӯҳӣ худро ҳамчун шоир кашф кард. Дар шеър чунин бандҳо буданд:

*Хатамро хондаю биншастӣ (?) хомӯш,*
*Дигар ҳоҷат набошад бар саволе.*
*Аҷаб не, кардаӣ кайҳо фаромӯш*
*Маро чун нуқтаи хобу хаёле.*

*Парешаб ман аз он роҳе ки ҳар ду –*
*Ҳамерафтем як вақте, гузаштам.*
*Ба зери он дарахту он лаби ҷӯ*
*Туро бар ёд оварда нишастам.*

*Ба ёдат ҳаст оё як шаб ин ҷо*
*Чиҳо гуфтем мо ҳар ду нишаста.*
*Ба рӯям мезадӣ ҳар гоҳ, ҷоно,*
*Ба шӯхӣ шохи райҳонро шикаста.*

Вай ба олами шеър бо ҳамин шохаи райҳон даромад.

Шоир ба дунё омад. Дунё ба ӯ наздик шуд.

Ҳамаи ашё, мавҷудоти гирду атроф аз паси пардаи тасаввур баромада, худро ҳамчунонки ҳастанд, заминию табиӣ нишон доданд.

Парда барафтод, ҷаҳон бӯи таровату тозагӣ кард. Аз лаби ҷӯй бӯи хуши райҳон ба машом зад.

Дилбаре, ки андаке пештар ба назари ошиқ чунин метофт:

*Дилбари гулрухи боодобам,*
*Ман чӣ созам, ки дилатро ёбам?*
*Туӣ он нурфишон хуршедам,*
*Туӣ он шӯълафикан маҳтобам. –*

аз осмонҳои хаёлии дур фуруд омад, ҷисму ҷон пайдо кард ва ба ӯ қаринтар шуд.

Инсон ба инсон ишқ мебандад. Шохаи райҳон ба ӯ аз маҳтобу хуршедҳои хаёлӣ азизтар аст. Вай ҳеҷ набошад бӯй дорад. Ва он то имрӯз бӯи хуш медиҳад.

*Ба рӯям мезадӣ ҳар гоҳ, ҷоно,*
*Ба шӯхӣ шохи райҳонро шикаста.*

Аз ин мисраъҳо мо ҳаракатро мебинем, садоро мешунавем, бӯйро мешамем. Агар шохаи райҳонро афшонӣ, бӯяш бисёртар паҳн мешавад.

Дар ин шеър ҳиссиёт тару тоза ва нотакрор аст. Эҳсосот воқеӣ ва услуби ифода реалист. Шеър дар чизҳои оддӣ кашф шуд, онҳо ба ҳамдигар омехтанд.

Ин сухани тозае дар шеъри ошиқона буд.

Чунонки баъзан ҳамин тавр мешавад, идораи журналу газетаҳо, хизматчиёни масъули адабиёт ин сухани навро ҳамон замон дарк карда натавонистанд.

Онҳо ба ишқ ва дилбарони осмонию хаёлӣ одат карда буданд. Ба назари онҳо дилбари заминии одамсирату сурат, ки бо шохи райҳон ба рӯи ошиқ нарм-нарм мезад, шоистаи шеър нанамуд. Чунин дилбарро дӯст доштани шоир аз он ҳам ҳайратангезтар тофт.

Ягон газетаю журнал ин шеърро чоп накард. Вай фақат соли 1950 дар маҷмӯаи дуюми шоир бори аввал чоп шуд. Тақдири боз чанд шеъри лирикӣ, шеърҳои хуби шоир ҳамин тавр буд.

Дар маҷмӯаи дуюми шоир боз чанд шеър ҷой дошт, ки дар онҳо нафаси одами зинда, тапиш ва набзи дили ошиқ ҳис карда мешуд. Инҳо шеърҳои «Диламро бурдию манро набурдӣ», «Овози мусиқӣ», «Кош бошад кӯчаҳо дуру дароз», «Ситорааш гарм» буданд.

Ин шеърҳо диққати Мирзо Турсунзодаро ба худ кашиданд. Вай дар бораи онҳо сухан ба миён овард, тароват ва тару тозагии эҳсосот ва сухани шоирро таҳсин кард.

Бовари шоири ҷавон ба дурустии роҳаш афзуд.

Вале вай ҳоло ҳам баъзан аз сатҳӣ, рӯякӣ, сухан гуфтан, аз омезиши зӯракӣ ва баъзан хандаовари эҳсосу идроки гуногун бехабар мемонд. Гоҳо вай дар пайванд кардани ҳиссиёти ошиқона бо эҳсосоти шаҳрвандӣ ва иҷтимоӣ меъёрро аз даст медод ва онҳоро пайванди қалбакӣ мекард.

*Додаам дил бар ту, ин дорад сабаб,*
*Дар рухат ман дидаам меҳри Ватан.*
*Рӯ ба рӯям ҷилва созад рӯзу шаб,*
*Ҳар гули боғи баҳори ишқи ман.*

Вале шоир ба олами эҳсосоти худ, ба ҷаҳони таассуроти заминӣ пайроҳаи худро пайдо карда буд ва агар он ҷо-ҷо зери сабзаву алаф монда, аз назар пинҳон шавад, самти он тақрибан муайян буд ва шоир онро ҷуста боз пайдо мекард.

Баъзан ба сари ӯ чавконҳои сиёҳбед хам мехӯрд ва ин на фақат мӯи дилбари ӯ, ин чавконҳои шеър ҳам буд.

*Бигардад ҳамчу мӯят бар сарам хам,*
*Ба нозу ишва чавкони сияҳбед.*

Дар ёд доред, Рилке, шоири дунявии утришӣ, дар яке аз мактубҳояш ба ҷавоне, ки ба шеъргӯӣ пардохта, аз ӯ маслиҳат хостааст, чунин навишта буд: «Шеърҳои ишқӣ нанависед: дар аввали кор аз мавзӯъҳои бозоргиру оддӣ парҳез кунед: онҳо аз ҳама мушкиланд, чунки дар он ҷое, ки чӣ қадар чизҳои хуб ва қисман олӣ ҳам гуфта шудаанд, барои чизи худро додан қудрати бузург ва баркамол зарур аст. Бинобар ин аз мавзӯъҳои умумӣ гурехта, дар чизҳои шахсӣ, ки ҳамин рӯзи зиндагиатон ба Шумо мебашхад, паноҳ ҷӯед: аз ғуссаю умедҳо, фикрҳои гузарон ва боваре, ки ба ягон чизи зебо доред, бо як ҳаққонияти амиқ ором ва ҳалимона ҳикоя кунед ва барои ифодаи худ чизҳои атроф, хобҳо, хотираҳоятонро истифода баред».

Шукӯҳӣ дар он солҳо дар мавзӯъҳои умумӣ ҳиссиёти шахсии худро гуфтан мехост, вай худро дар ин роҳи мушкил меҷуст. Ва баъзан меёфт. Ташбеҳу монандиҳои тоза пайдо мешуданд. Овоз шакли матоъро мегирифт, чизе ки ба ҷиҳати шунавоӣ тааллуқ дошт, ба мавқеи назар, ба биниш бадал мегашт.

*Боз шуд овози мусиқӣ баланд,*
*Бо ҳавои шӯхшанги дилнишин.*
*Дар назар гӯё намоён мешаванд,*
*Печу тоби куртаҳои кребдишин.*

Мусиқӣ ба мавҷи куртаҳои кребдешин гузашт. Баъдтар дар олами техника ва санъат мусиқии рангҳо пайдо мешавад. Вале он вақт ин гуна ташбеҳ сохтан ҷасорати шоирона мехост.

Шукӯҳӣ симои худро бештар дар шеърҳои ошиқона муайян мекард. Дар ин гуна шеърҳои ӯ таассуроти лирикӣ аввалу охир дорад, инчунин аҳволи қаҳрамон ба назар мерасад ва табиати атроф, гулу себаргаҳо, ситораҳою абрҳо ва шамолу боронҳо ба он созгорӣ мекунанд. Ин ҷо ҳама чиз барои шодкомии ошиқ аст.

Дар эҷодиёти Шукӯҳӣ, аз аввалин шеърҳои ишқиаш сар карда, то имрӯз муҳаббат ҳиссиёти самимона ва баъзан драматикӣ бошад ҳам, доимо аз ниҳоди шоир ба он дастаи нуре равона мешавад, ки онро шӯълаи умедворӣ ва равшаноӣ мебахшад.

Дар ин ҳангом инсон ҳиссиёташро на фақат худ ба забон меорад, он ба забони шевои табиат ҳам суруда мешавад. Чунонки дар шеъри «Мӯи тиллорангу чашмони кабуд» ҳаст.

*Аз миёни кӯҳсори лолазор*
*Оби шаффофе, ки меояд фуруд,*
*Месарояд гӯиё беихтиёр*
*«Мӯи тиллорангу чшмони кабуд»...*

Зимнан бояд гуфт, ки ин шеър ҳам аз ҷумлаи ҳамон шеърҳои Шукӯҳист, ки он солҳо матбуоти даврӣ чоп накарда, онро ба шоир баргардонидааст. Баъд ин шеър ба дасти оҳангсоз Саид Ҳамроев меафтад, ӯ ба он мусиқии фораме мебандад ва он аввал чун суруд шуҳрат ёфта, пас дар маҷмӯаи «Рӯзҳои мо» соли 1954 ба табъ мерасад.

Дар ин маҷмӯа боз шеърҳое буданд, ки баъдтар ҳамчун сурудҳои хуби ишқӣ ва беҳтарини Шукӯҳӣ шинохта шуданд. Онҳо шеърҳои «Интизорӣ», «Насими анбарафшон», «Пурсида монед», «Дар вақти сафар» ва боз чанд шеъри дигар буданд.

Хонанда бояд ба дараҷаи фаҳмиши ин гуна шеърҳои оддӣ мерасид, вале ин кор вақт мехост. Он вақт ӯ ба шеърҳои тавсифӣ ва тасаввурии ишқӣ бештар одат карда буд. Қувваи одат хеле зӯр аст.

Вақте ки ин се китоб ва махсусан, шеърҳои ишқии маҷмӯаи баъдина бо ашъори ошиқонаи он солҳо муқоиса карда санҷида шавад, маълум мешавад, ки ин навъ шеърҳо дар он солҳо қариб фақат дар эҷодиёти Шукӯҳӣ буданду бас. Шоир дар он солҳо дар ин оҳанги худ яккахон буд, ҳамовоз надошт.

То Шукӯҳӣ ба ин парда Ҳабиб Юсуфӣ чанд нохун зада буд, ки ларзиши тораш дар ашъори Шукӯҳӣ ҷо – ҷо ба гӯш мерасид. Лекин Ҳабиб Юсуфӣ асосан шоири оҳангҳои дигар буд.

Ман дар андеша будам, ки шоир дар асоси кадом таҷриба ба чунин усули ишқиясароӣ рӯй овардааст. Дар асоси таҷрибаи назми рус? Шояд. Лекин назми рус хеле паҳновар аст ва дар он ишқияҳое, ки заминаи реалистӣ доранд, аз худи Пушкин оғоз мешаванд.

Дар ин ҷо тарҷумаҳои аз Лермантов кардаи Шукӯҳӣ диққати маро беихтиёр ба худ кашид. Ба маҷмӯаи нахустинаш ӯ тарҷумаи озоди шеъри «Хайру хуш»-и ӯро дохил карда, баъдтар ба мазмуну оҳанги он шеъри «Дар лаби баҳр»-и худро навиштааст.

Мо медонем, ки тарҷумаҳои шоирон хеле кам тасодуфист. Онҳо аксаран мазмун ва мантиқе доранд ва аз ин ё он ҷиҳат ба эҷодиёти онҳо вобастаанд. Агар шоири ҷавон аз пурқудрат тарҷума кунад, ин бисёртар воситаи омӯзиш, шоироне, ки дар як дараҷаи истеъдод ва камолотанд ҳамдигарро тарҷума кунанд, ин кор бештар ба ҷиҳати қаробати эҷодиёт, назари онҳо ба одаму олам буда, агар шоири баркамол ҷавонро тарҷума кунад бештар ба нияти хайрхоҳӣ ва мададе кардан барои камолоти шоири ҷавон аст. Ин гуфтаҳо, ҳаргиз таснифоте нестанд, ки дар ҳама ҳолат дуруст бошанд, инҳо яке аз мумкинотанд.

Дар ин ҷо шоири ҷавон аз классик нияти омӯхтан дошт. Вай мехост, ки аз ӯ усули ифодаи эҳсосоташро биомӯзад. Ва шояд на фақат аз ӯ... Вақте ки ман аз Аминҷон Шукӯҳӣ дар ин бора суол кардам, ӯ гуфт, ки дар ҳақиқат дар аввали солҳои панҷоҳ ӯ аз ҳама бисёр ашъори Пушкину Лермонтовро мехонд, дуюмиро бештар.

Мутолиа натиҷаи ғайричашмдошт дод. Шоир фаҳмид, ки вай чизи зарурииро намегӯяд, бисёре аз навиштаҳои вай он чизе, ки бояд бошанд, нестанд ва акнун ба тарзи дигар навиштанаш зарур аст.

Боварaш ба шеърҳои кӯҳани худ гум шуд, ба истеъдоди худ бовар ва имони тозае пайдо кардан зарур буд. Ин мақсад шеъри дигаргунае мехост.

Маҳз дар ҳамин давра ӯ ба хубӣ дарк кард, ки агар таассурот дар ҳолати муайян бо инъикоси авзои шоир ва мавзею мавқеи мушаххаси ӯ дар шеър ҷой гирад, шеър табиӣ, зинда ва нотакрор мешавад.

Пас аз ин ӯ ба атрофи худ нигарист, шохаи себи шукуфтаро дид ва онро ба ниҳоли шеъраш пайванд кард. Вай гули садбарги сурхеро дид, ки харида ба мулоқот рафтан мумкин будааст. Пештар вай дар шеър гулро харида ба ҷои ваъда давиданро тасаввур карда ҳам наметавонист. Вале ин ҳам кори мумкин ва шуданӣ будааст.

*Гули садбарги сурхеро харида,*
*Ба вақти ваъдагӣ сӯят давида,*
*Туро, аммо дар он ҷо ман надида,*
*Нишастам, оҳи вазнине кашида.*

*Дилам хун шуд зи раҳпоӣ азизам,*

*Чаро охир намеоӣ азизам?*

Ин мисраъҳои самимӣ ва аз дилу ҷон гуфтае буданд.

Акнун шоир роҳ ва воситаҳоеро меҷуст, ки таассуроти шахсияшро ифода карда, баробари он аз рӯҳи замон ҳам ҳикоя кунад, ки таъсирнок ва воқеӣ бошад.

Ӯ шеърҳое дошт, ки дар онҳо мундариҷаи иҷтимоӣ ба воситаи таассуроти лирикӣ хуб ифода шуда буд.

Баъдтар таҷрибаи эҷодӣ ба вай имконият медиҳад, ки дар таассурот ва ҳиссиёти фардии худ андешаҳои умумятёфтаро ифода кунад. Вай ба сирри лирикаи иҷтимоӣ ҳам сарфаҳм меравад. Маълум мешавад, ки дар он ҷо ҳам ба содагӣ сухан гуфтан мумкин будааст. Агар таассурот амиқ ва фардӣ бошад, зарбулмасалу мақол ва ифодаҳои ба забоннишаста ҳам маънои тоза ва иҷтимоиро хубу барҷаста ифода мекардаанд.

*Ватан бо раҳи ту замон меравад,*
*Замон сӯи бахти ҷаҳон меравад.*
*Зи дил ишқи покат чӣ сон меравад?*
*Ба шир омадаст он, ба ҷон меравад.*

Шоир дар ин солҳо кӯшиш мекунад, ки таркиби шеър, образу тасвирҳо ва услубу ифодааш тоза бошад. Ҳамин аст, ки аксари шеърҳои ӯ, махсусан, ишқияҳояш ба шакли чаҳорпора гуфта мешуданд. Чаҳорпора, шеъре, ки ҳар банд, порааш аз чаҳор мисраъ иборат аст ва қофиябандии АБАБ ё АБВБ ва монанди инҳоро дорад, барои ифодаи воқеии эҳсосоту таассурот бештар мувофиқ аст. Шоир дар ин жанр бисёртар барор дошт.

Баъзан шеъри ӯ анъанавӣ оғоз мешуд. Дар он боз чашмони шӯху шарори сина, рухсори моҳтобию ситора васф карда мешуданд. Вале шоир акнун метавонист, ки аз ин гуна тасвир ҳам бо услуб ва тарзи ифодаи худ, ба ифодаи таассуроти фардӣ, нотакрор ва муайяни худ гузарад.

Шеъри «Ман дида зи диданат набастам» бо ин банд оғоз мешавад:

*Чашмам чу ба чашми шӯхат афтод,*
*Афтод ба синаам шарора.*
*Дидам, ки чӣ сон ба рӯзи равшан*
*Равшан ба рухи ту ду ситора.*

Вақте ки ман шакли бади анъанавии ифодаи эҳсосот мегӯям, ифодаи умумӣ, номушаххаси онро дар назар дорам. Дар ин ҳолат кас муайян карда наметавонад, ки шоир дар чӣ ҳолат буд, олами атрофаш чӣ рангу оҳанг дошт, ниҳолон аз боди шомгоҳ меҷунбиданд ё не, ҷӯйбор обе дошт ва ё хушк буд, агар дошта бошад он ҷорӣ буд, ё не. Шоир дар ин гуна шеърҳо гӯё ки беҳаракат, беназар аст ва атрофи худро намебинад.

Ин шеър, ки аз аввалаш шеъри тавсифӣ ва амалиёт надошта ба назар мерасад, гӯё шеърест, ки дар анъанаи шеърҳои васфии ошиқона аст, вале он дар бандҳои минбаъда хусусияти дигар гирифта, ба услуби ифодаи реалистӣ мегузарад. Шоир аз ҷустуҷӯи ном ва суроғи ҷои кори дилбар ҳаҷвомез сухан мегӯяд. Вай мехоҳад ба ифодаи таассуроти ошиқона оҳанги зарофат бахшад. Мақтаи – ин шеър баҳор ва барори муҳаббат аст.

*Ин дам, ки чу фасли навбаҳорон*
*Меоӣ(?) ба сӯи хонаи ман.*
*Бигзор кунанд атрпошӣ*
*Ҳар як сухани таронаи ман.*

Ин шеър аз китоби «Рӯзҳои мо» - ст.

Вақте ки он аз чоп баромад, Шукӯҳӣ дар Москва дар факултаи журналистикаи мактаби олии ҳизбии назди КМ ПК ИҶШ таҳсил мекард.

Вай ба он соли 1952 дохил шуд. Шоир он вақт қариб сисола ва дар зиндагӣ таҷрибаи кофӣ андӯхта буд.

Ӯ пас аз тамом кардани курси «предметникҳо», соли 1942, дар сафи пешқадамон ба институт тавсия ва дохил шуда буд.

Сол соли ҷанг буд. Дере нагузашта, вай дар байни понздаҳ духтари курс танҳо, як писар монд. Ҳама ба фронт рафта буданд. Курс баста шуд.

Ӯро ҳам ба Комиссариати ҳарбӣ даъват карданд. Вай барои ба фронт рафтан тайёр шуда омада буд. Полковник ҳамаро саф ороста, дар бораи онҳо маълумот гирифт ва ҳангоме ки навбати ӯ расид:

– Ту дар курси якмоҳа хонда, комбат мешавӣ ва дар ҳамин ҷо дар ВСЕОБУЧ мемонӣ, – гуфт.

– Не, ман ба фронт меравам.

– Не, мехонӣ.

– Не, намехонам, ба фронт меравам.

– Набошад, пагоҳ биё.

Вақте ки ӯ пагоҳ омад, онҳоро боз саф оростанд ва чунин фармон шуд: – Касе комсомол бошад, як қадам пеш барояд.

Ӯ комсомол буд, баромад.

– Ҳама ба Комиссариати халқии корҳои дохилӣ меравед.

Фармон иҷро шуд.

Ҳамин тавр, ӯ ба Сталинобод омада, дар курси махсус хонд ва пас аз он то соли 1946 дар органҳои Комиссариати корҳои дохилӣ хизмат кард. Хизмат ба хислату рафтори ӯ нақши худро гузошт. Ақида, рафтору гуфтори вай мустаҳкамӣ ва усулияти дигаре пайдо кард. Ин хислат имрӯз ҳам дар ӯ ҳис мешавад, вай дар ҳама кор марди ҷиддӣ ва мустаҳкамусул аст.

Ва баъзан шояд ниҳоят ҷиддист.

Ман вақтҳои дар радио муҳаррир шуда кор карданам, аз забони бисёриҳо, ки ба кабинети Шукӯҳӣ медаромаданд ва ӯро ғоибона ҳамчун шоир мешинохтанду ҳамчун раиси комитет не, чунин суханҳоро бисёр шунидаам: – Аҷаб, ҳамин хел ҳам мешудааст-дия. Ин қадар шоири ҳалиму меҳрубон, ин қадар раиси ҷиддӣ ва сахтгир бошад.

Бале, дар ин гуна суханони ҳайратангез ҳақиқат кам нест. Аз ин ҳам аҷоибтараш он аст, ки дар ин мард хислату рафтори ҷиддӣ бо дили нарму нозук ва меҳрпарвар ба ҳамдигар чӣ қадар хуб омехтаанд.

Аммо сухан ҳоло дар ин бора нест.

Шукӯҳӣ аз соли 1946, то ба Москва, ба хондан рафтанаш, дар матбуот ба сифати мудири шӯъба, котиби масъул ва ҷонишини муҳаррири рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» кор кард.

Дар Москва як силсила шеърҳое ба қалам омаданд, ки Шукӯҳиро ҳамчун шоири лирик хубтар шиносонданд. Силсилаи шеърҳои «Муҳаббат ва оила» ҳам эҷоди ҳамин давра аст.

Ин шеърҳо ба зудӣ шинохта ва эътироф шуданд. Шоир дар ин шеърҳо гӯё ба камолоти маънавӣ расидааст. Вай дурандеш ва мулоҳизакор ба назар меояд. Чанде – пеш вай бо як дидан

*Чашмам чу ба чашми шӯхат афтод,*

*Афтод ба синаам шарора. –*

гӯяд, акнун ба ин кор шитоб намекунад ва ҳатто гӯяд ҳам баръаксашро мегӯяд.

*Чӣ ҷои шубҳа кардан, дар ҳақиқат ҳам ту зебоӣ,*
*Миёни хубрӯёни замона дурри яктоӣ,*
*Ту маҳбубӣ, ту дилбандӣ, ту ширинӣ, ту барноӣ,*
*Ту нури чашми биноӣ, чароғи маҷлисороӣ.*

*Ба ту ман лек, асло дил намебандам, намебандам,*
*Агар бандам, диламро аз даруни сина мекандам.*

«Муҳаббат ва оила» силсилаест, ки аз се шеър иборат аст. «Ба ту ман дил намебандам», «Ба занбӯри беасал», «Ҳусн».

Ин шеърҳо дар бораи чианд? Муҳаббат? Бале. Вале дар онҳо андешаҳои ахлоқӣ хеле мавқеи муҳим доранд ва ҳатто бар муҳаббат пирӯз мешаванд. Оё муҳаббат андешаро медонад ва агар андеша бар он ғолиб ояд, он чӣ гуна муҳаббат аст?

Мо ба шеърҳое, ки муҳаббати саднописандро васф мекунанд, хеле одат кардаем. Ва агар баногаҳ дар бораи он ки дар ишқ ҳам фикру тааммул ва андеша бояд сухан равад, мо ба ҳайрат афтода, ба маънии он чӣ гуна ишқ будааст, китф дарҳам мекашем.

Вале ишқу муҳаббат ҳам чун зиндагист, он ҳам ҳазор паҳлу дорад.

Муҳаббат зеботарин ҳиссиёт аст. Вай инсонро хубтару беҳтар месозад ва ҳамзоди ахлоқи писандида аст ва наметавонад инсонро ба зиштию бадахлоқӣ барад. Ва ниҳоят муҳаббат меҳри инсон, инсондӯстист. Баъдтар Шукӯҳӣ дар яке аз ҳикояҳои лирикии худ «бузургӣ ва покии ишқ пеш аз ҳама дар одамгарист» мегӯяд.

Ба ёд оред, ин маънӣ дар шеъри Пушкин «Ман шуморо дӯст медоштам» чӣ хел ҷолиб ва бо таъсир садо дода буд:

*Я вас любил безмолвно, безнадежно,*
*То робостью, то ревностью томим.*
*Я вас любил так искренно, так нежно,*
*Так дай вам бог любимой быть другим.*

Беҳуда нест, ки ба ин шеър даҳҳо оҳанг баста, онро чун романс мехонанд. Пас ишқ ба ахлоқ бегонагӣ намекунад, вай ошиқро вомедорад, ки фикр ҳам кунад.

Вафо сарнакши ин силсила аст ва муқаддасии қарзи инсон – ғояи он.

Инҳо аз мавзӯъҳои ҷовидонии шеъранд ва ҳамон қадар суруда шудаанд, ки ҳисоб надорад.

Вале асоси ин силсиларо ташкил кардани таассуроти шахсӣ ба ифодаи ин оҳанг ва ғоя тозагӣ бахшидааст.

Дар шеъри тоҷик, агар достони «Юсуф ва Зулайхо»-ро истисно кунем, шояд аввалин бор муҳаббати дилбаре, ки чашми ҷоду, ҳусни дилҷӯ дорад ва миёни хубрӯёни замона яктост, рад гардид.

Садоқат дар инкори муҳаббати нав суруда шуд. Дуруст аст, ки накӯкориро муҳаббат пиндоштан нашояд. Ба накӯкорӣ изҳори ташаккур мекунанд ва муташаккир то даме ки бар ивази он накӯӣ чизе накардааст, худро қарздор мепиндорад.

Муҳаббат бар ивази худ фақат муҳаббат мехоҳад, вай тоқатпазири ташаккур нест. Вале аз муҳаббат ҳеҷ кас худро қарздор ҳис намекунад, вай баръакс ба одам озодӣ ва қувваи парвоз медиҳад. Агар вай яктарафа ва беҷавоб бошад ҳам, касро ба ҳеҷ чиз уҳдадор намекунад.

Агарчи қаҳрамон дар ин силсила дар варзидани ишқи тоза аз ҷиҳати ахлоқ маҳдуд мебошад, ӯ дар ишқ умуман озод ва соҳибихтиёр аст. Муҳаббати нахустин ба вуҷуд, ба ҷону дили ӯ омехтааст.

Агар ту касеро дӯст дорӣ сидқу вафои ту аввал ба худат аст, баъд ба ӯ. Дар ин ҷо на тарҷумаи аҳволи инсон, балки таърихи инсон суруда шудааст. Инсон ба таърихи худ ба инсоният мепайвандад.

Дар эҷодиёти Шукӯҳӣ аз ҳамин силсила сар карда оҳанги покизагии ахлоқ дар пардаҳои гуногун торафт бисёртар садо медиҳад.

Ин оҳангро на фақат дар шеърҳои хурди лирикӣ дар достони ӯ ҳам шунидан мумкин аст. Малоҳат дар «Кӯчабоғи ошиқон» рамзи покизагии ахлоқ, равшании хонадон ва садоқат нест? Фаромӯш набояд кард, ки ӯ дар вазъияти мушкилтар аст. Агар дар «Муҳаббат ва оила» қаҳрамони лирикӣ ба ишқи дуюм дучор омада, аз он канора меҷуст, Малоҳат бояд ин корро бо ишқи аввали худ кунад. Вай ҳам ба худ содиқ мемонад.

Садоқати ӯ ҳам аввал ба худ, баъд ба хонадонаш аст.

«Кӯчабоғи ошиқон» - ро Шукӯҳӣ дар аввали солҳои шаст навиштааст. Ин достон дар бораи чист? Дар бораи иштироки писари тоҷик Содиқ дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва пас аз он дар колхоз кор карда, ҳосили фаровон бардоштани ӯ. Бале, қисман ҳамин тавр аст.

То замони эҷоди ин достон дар адабиёти муосири тоҷик достонҳои қаҳрамонии ҷангӣ, ба монанди «Мардистон» ва «Ғалабаи Таня»-и Абулқосим Лоҳутӣ, «Писари Ватан» ва «Арӯс аз Москва»-и Мирзо Турсунзода, «Қасами Тешабой» ва «Одамон аз Боми Ҷаҳон»-и Мирсаид Миршакар ба майдон омада, писанди хонанда шуда буданд.

Ба замми инҳо дар мавзӯи ҷанг шеъру манзумаҳои бисёри дигар ҳам вуҷуд доштанд.

«Кӯчабоғи ошиқон» агарчи барои Шукӯҳӣ табиӣ ва маҳсули роҳи минбаъдаи эҷодии ӯ буд, аммо барои назми солҳои шасти тоҷик андак ғайричашмдошт ба назар меомад.

Дар мавзӯи ҷанг мо ба достонҳои қаҳрамонӣ одат карда будем. Ин достон дар мавзӯи ҷанг бошад ҳам, дар он сухан аз қаҳрамонӣ хеле кам аст. Персонажи асосӣ Содиқ аз ҷанг на чун қаҳрамон, балки дар ҳоле бармегардад, ки ба рӯҳ ва ҳастии ӯ зиллати гароне расидааст. Асорат ба ӯ барои амалиёти қаҳрамонӣ имкон намедиҳад. Барои амалиёт, бале, барои рӯҳ чӣ? Шукӯҳӣ мавзӯъро ана аз ҳамин ҷиҳат ба андеша мегирад. Барои Содиқе, ки дар дасти душман асир буд ва аз он халосӣ ёфта, пас аз ҷанг ба зодгоҳаш, ба назди ягона модараш баргаштааст, зиндагии тозаеро сар кардан кори осон нест. Дигарон, чӣ қадар ҳамдиёрони ӯ дар майдони ҷанг ҷовидон хуфтаанд, ӯ аз асорат зинда баргашт.

Вазъияти ӯ мушкил ва сангин аст.

Ба нофаҳмӣ ва таънаи баъзеҳо тоқат карда, ба қатори мардум даромадан пурбардоштии азими рӯҳро мехоҳад.

Дар ин ҷо ба худ ҷангидан зарур аст, ҷангидан бо худ аз ҷангидан бо дигарон осонтар нест.

Ин чиз барои достон заминаи психологӣ тайёр кардааст. Ба Шукӯҳӣ ҳамчун ба шоири лирик имкон пайдо шуд, ки тамоми ҳунари худро ба кор андозад. Шоир дар руҷӯъҳои лирикӣ, ифодаи андешаҳои ботинии Содиқ, тасвири раҳпоиҳои модар ва манзараҳо ҳунари худро хуб истифода кардааст.

Достон маводи воқеӣ, сюҷет ва оҳанги лирикӣ дорад. Драматизми он асосан дар таассуроти қаҳрамонҳост. Таассуроти Содиқ, Малоҳат, Санавбар ба ҳам зид, пурихтилоф ва шадид аст. Саҳнаҳое, ба мисли он ки Санавбар аз хостгории модари Содиқ ба шӯр омада, бо Содиқ ситеза ва ӯро асир, хоин гӯён таҳқир мекунад, ягон - ягон вомехӯранд.

Ҳама шиддат дар олами дил, эҳсосот ва таассурот буда, инкишофи сюҷаи ғиноии достон ҳам ба онҳо вобастааст. Ҳамрозу ҳамдил, ки пайдо нашуд, ҳамчун Содиқ ба офтоб муроҷиат кардан зарур мешавад.

*... Аё хуршед – конӣ рӯшноӣ,*
*Дурахшон шав, дурахшон шав, дурахшон!*
*Басе дидам шабу шоми ҷудоӣ,*
*Ки онро шарҳ додан нест осон!*

Дар охир Содиқ қалбан ва амалан ба ҷамъият мепайвандад, Санавбарро дили зебои ӯ мафтун мекунад. Малоҳате, ки ишқи аввали Содиқ буд, ҳарчанд бо ҳасрат, аммо аз муҳаббати ҳардуи онҳо шод гашта, ба худ ва хонадони худ содиқ мемонад.

Мардум ба Содиқ ҳамдил мешаванд, хуршед медамад, олами дил ва атрофро равшанистон менамояд.

Шукӯҳӣ асосан шоири муҳаббат аст, муҳаббати пок ва табиӣ, муҳаббате, ки одамро аз олам канда накарда, ба он мепайвандад. Олами таассурогти ошиқонаи ӯ равшан ва дилкушост. Дар ин ҷо ҳама чиз барои хушбахтист. Ҳикояи лирикии «Онҳо ду кас буданд» - ро ба ёд оред. Ду дилдода аз ҳамдигар ранҷида ба ду тарафи муқобил мерафтанд. Шаббода бо забони баргҳои сафедор, оби равони ҷӯйбор бо забони шаршараҳо, пудинаҳои хушбӯй, мавҷҳои сабзазорон, хуллас, ҳамаи он чизе, ки дар сари роҳи ду дилдода буд, ба онҳо мегуфт,ки: биист, биист, ба пасат нигоҳ бикун, дур марав, ғурурро тарк бигӯ, ба ёр ва дилдор мерасӣ.

Табиат бо тамоми мавҷудоти худ барои муҳаббати хушбахтонаи инсон мекӯшад, он ҳамдил ва мададгори инсони ошиқ аст. Инсон, ишқ ва табиат ба ҳам меомезанд. Ҷаҳон дар ин иттифоқи сегона пойдор аст. Ҳатто барге, ки ба хок рехтааст, бо бӯи муҳаббат аз хок бармехезад. Ба инсон ҷои шубҳа нест.

*Он даме норасида бар мақсад*
*Мисли барге ба хок мерезам,*
*Ҳар гуле гар зи бод меракқсад,*
*Ту гумон карда боз мехезам.*

Фоҷиаи ишқ сахт аст, аммо ин ҷо бӯи умедворӣ ҳаст. Боде, албатта, мевазад ва гуле, албатта, мерақсад.

Шоир барои ба забон овардани муҳаббати самимии худ сухан намеҷӯяд, вай барои ӯ ҳамчун нафас, обу ҳаво табиист ва барои ифодаи он суханҳои мутантан, пуртакаллуфу хушомаднамо даркор нестанд, вай аз ҳар ҳаракат ва оҳанги гуфтораш ҳувайдост. Он бо гузашти солҳо ҳам тағйир намеёбад. Баъди зиёда аз понздаҳ соли навишта шудани «Маро танҳо ту бинмудӣ фаромӯш» шоир дар шеъри «Шаб» чунин рози дил мекунад:

*Ту ногаҳ раҳравон тори алафро*
*Бикандию ба ангушат бубастӣ.*
*Пас аз он бар лаби оби мусаффо*

*Барои об нӯшидан нишастӣ.*

*Чу чавгони дарози беди маҷнун*
*Ба рӯи об зулфони ту афтод.*
*Аз ин ҳолат нигоҳи моҳ мафтун*
*Шуду бар рӯи дастони ту афтод.*

Оё ин оҳанги шинос нест? Ва ё боз дар шеъри «Ту гул не» мехонем ва махсусан, аз ин мисраъҳо:

*Ту охир мавҷи дарёи вафоӣ,*
*Ту охир бо дили ман ҳамсадоӣ,*
*Ба обу оташ афтодам, фитодӣ,* -
*Накардӣ ҳеҷ гоҳ аз ман ҷудоӣ.*
*Ту гул не, ҷони ман, ҳаргиз ту гул не. –*

ва боз бахсусан аз ин мисраъҳо:

*Ту бар ман, ман ба ту дилдорӣ(?) дода,*
*Шаби торикро ҳам рӯз кардем.*
*Ту гул не, ҷони ман, ҳаргиз ту гул не. –*

оҳанги ошноеро мешунавед? Албатта. Он аз фосилаи қариб даҳсола дур, аз силсилаи «Муҳаббат ва оила», ба гӯши мо мерасад:

*Ҳар он чӣ дар раҳи мо пеш омад, мо ба ҳам дидем,*
*Баҳори ишқу шаҳди васлро, ҷоно, ба ҳам дидем.*
*Дар ои(?)ла ғам буду набудеро ба ҳам дидем,*
*Азобу роҳати ҳаррӯзаро танҳо ба ҳам дидем.*

Шоир дар баёни муҳаббат ҳамчунон самимӣ ва бетакаллуф монд. Ва на фақат дар изҳори муҳаббати дилбар. Муҳаббати кишвар ҳам дар эҷодиёти Шукӯҳӣ ниҳоят содаю табиӣ ва дар айни ҳол пурмазмуну таъсирбахш тавсиф мешавад. Вай дар ҳар чӣзи бароям азиз меҳри Ватанро ҳис мекунад. Ин муҳаббат тамоми вуҷуди ӯро фаро гирифтааст, ин меҳрро ӯ дар рухи фарзандонаш ҳам мебинад.

*Назар афканда ба ҳар фарзандам,*
*Ба рухи Поки Ватан дилбандам.*

Шоир ба самимияти меҳри худ шубҳае надорад ва онро чунон изҳор мекунад, ки гӯё бо хонандааш суҳбат мекарда бошад. Зарбу оҳанги суханашро шиддат намедиҳад, он ба оромии худ ҷараён дорад. Вале ин ҷараён хонандаро ҳам бо худ мебарад. Ин чизро Мирзо Турсунзода хеле хуб қайд карда буд: «Хусусияти ашъори Аминҷон Шукӯҳӣ ба дарё монанд аст, ки аз миёни дашти васее ҷорӣ гардида дар зоҳир ором, вале ҷараёни зери сатҳии он хеле пурҷӯш ва пурғалаён аст». Ин мушоҳидаи амиқ ва дуруст аст.

*Ватанро беҳтар аз ҷон ёд кардам,*
*Шавад то мушкил осон, ёд кардам,*
*Агар борон биёяд, дон, ки ман ҳам*
*Варо бо чашми гирён ёд кардам.*

Дар ин ҷо аз суханбофӣ, хушгӯӣ ва иғроқ чизе нест. Шоир бо суханҳои маъмул ва барои ӯ азиз меҳри ватанро ба забон меорад, онро ба воситаи ишорае ба аҳволи табиат ва ба он мувофиқ будани ҳоли худаш ифода месозад. Вай ба оромӣ ва бо меҳри бадард сухан мегӯяд. Меҳру муҳаббати амиқ ҳамеша гуворoии дардомезе дорад. Дар бораи ин гуна меҳр ба фарёд сухан гуфта намешавад, ҳамин овози андак шунаво бо нармию оромии худ зудтар ба дил менишинад ва дер боқӣ мемонад. Дар кас ба самимӣ будани он шубҳа пайдо намешавад. Ин барои бовар кардан ба шоир яке аз шартҳои асосист.

Умуман шеърҳои Шукӯҳӣ баландоҳанг ва ба фарёд нестанд ва агар дар аввалҳои эҷодиёташ, ки шоир ҳоло аз роҳи дигарон мерафту худро наёфта буд, аз хавфи он ки ӯро нашуниданашон мумкин аст, баъзан андак баланд сухан гӯяд, баъдҳо ба нисбати ба камол расиданаш бештар ором ҳарф мегуфт. Вай дигар хавф надошт, ӯро албатта мешунаванд, садое, ки аз дил мебарпояд, ба дил мерасад.

Ӯ барои сохтани симои эҷодии худ ҳоҷат намебинад. Баръакс шеър то шеър вай ба шахси худаш монанд мешавад. Тахминан аз солҳои панҷоҳ аз маҷмӯаи дуюми шоир «Ватани сулҳ» гуногунсуратии қаҳрамони лирикӣ аз байн меравад. Вай ҳар лаҳза тағйири либосу андом намекунад, дар вай сурат ва сирати шоир пурра инъикос мешавад. Ман – дар эҷодиёти Шукӯҳӣ қаҳрамони лирикии номуайян набуда, ман – худи шоир аст. Ин суханон пурра ба шахси ӯ тааллуқ доранд.

*Ба гул биншаста хандон мешавам ман,*
*Ба оҳан путку сандон мешавам ман.*
*Ба душман дарду бар ёрони ҷонӣ*
*Давои дарди дандон мешавам ман.*

Характере, ки дар сурудаҳои лирикии ӯ ба назар мерасад, характере, ки дар изҳори меҳру садоқат, дар фикру андеша, ғаму шодӣ, хулоса, аз таассуроти лирикӣ сурат мегирад, характери худи шоир аст. Баъзан дар байни онҳо дигаргуние дида шавад ҳам, хеле ночиз буда, эътибор надорад.

Ҳамаи шеърҳои то имрӯз гуфтаи ӯ ба ҳалқаҳое шабоҳат доранд, ки ба ҳамдигар пайваста, силсилаеро ба вуҷуд меоранд ва аз ин силсилаи суҳбат, таассурот, розу ниёз, монологи маънавии шоир ба гӯш мерасад. Ин монологи қувваи тавоно ва рӯҳи ошиқона мебошад.

Шоир дар шеърҳое, ки мо ба истилоҳ иҷтимоӣ меномем ва дар шеърҳои ошиқонаю «ғайриизҷтимоӣ»-яш ҳам ба шахси худ ниҳоят монанд, балки худаш аст. Вай дар шеър ба худ табиати дигар намеофарад, чизеро, ки дорад, месарояд. Дар оғози «Кӯчабоғи ошиқон» чунин мисраъҳоро мехонем:

*Чу шуд хирман ба қалбам тухми уммед –*
*Пас онро бар замини меҳр киштам.*
*Ҳар он ҷӣ сабз шуд бо лутфи хуршед,*
*Чу ошиқ васфи онро ман навиштам.*

*Ба ман ишқи Ватан илҳом бахшид,*
*Вагарна ман куҷову шеър гуфтан?*
*Агар як мисраи хубе дурахшид,*
*Ба даст омад пас аз шабҳо нахуфтан.*

Ва ин мисраъҳо ба як ҳолати ҷудогона ё фақат ба ҳамин достони мазкур таaллуқ надошта, ба тамоми эҷодиёти шоир нисбат доранд. Бешубҳа, муҳимтарин хусусияти Шукӯҳӣ он аст, ки вай ҳар ҳиссиёт ва таассуротро, ки биситояд, ошиқона ва самимона меситояд.

Ҳам Ватан, ки боиси шоирии ӯст, ҳам модаре, ки ба калон шудани фарзандаш нигоҳ накарда, ӯро таъкид мекунад, ки ба лаби дарё танҳо наравад, ҳам табиат, ҳам ниҳоли бодом, ки пеш аз вақт шукуфтааст, ҳам зарраи барф, ки ба миҷгони сиёҳ афтодааст, ҳама бо як самимияти махсус ва ошиқона сутуда мешаванд. Дар ҳар як аз ин ҳолатҳо як ҷиҳати характери шоир инъикос мегардад.

Маҷмӯаи дубайтиҳои шоир «Чормағз» ин фикрро боз як бори дигар собит мекунад. Агарчи дубайтиҳои китоб (онҳо 421 - адад) дар вақт ва ҳолатҳои гуногун гуфта шуда, ҳиссиёт, таассуроти мухталифу рангорангро ифода кардаанд, ҳама дар якҷоягӣ ба монологи ботинии бардавоми шоир мубаддал гаштаанд. Аз онҳо табиат ва ботини инсон, инсоне, ки мақсади муайяни зиндагӣ ва хислатҳои писандида дорад, дарк карда мешавад. Ӯ, яъне шоир ҳама вақт ба олам бо чашмони ошиқ менигарад. Дар пораи шеъри боло, ки аз достони «Кӯчабоғи ошиқон» аст, шоир ҳамаи он чизро ки зери офтоб сабз шуд, ман чун ошиқ васф кардам, гуфта буд. Дар дубайтиҳояш ҳам мехонем.

*Саҳаргаҳ нолаи ошиқ шунида,*
*Ҷаҳон бо чашми булбул дида будам.*

Байни ин гуфтаҳо ҳамоҳангие ҳаст? Бешубҳа. Ва асоси ин ҳамоҳангӣ ягонагии сиришти шоирӣ ва инсонии Шукӯҳист.

Меъёри шоир дар муҳаббат, одаму одамгарӣ ва хушбахтӣ ягона буда, кам тағйир меёбад. Вай дар муҳаббат ба ақидаҳои худ собитқадам аст. Барои ӯ хушбахтие зиёдтар аз хушбахтии халқ ва сарчашмаи сафедрӯзие, ки шодобтар аз Ватан бошад, нест. Ватан барои ӯ рамзи хушбахти одам аст.

*Сафар бар роҳҳои дур кардам,*
*Назар бар қасрҳои нур кардам,*
*Вале аз бахти одам чун сухан рафт,*
*Ватан, номи ту бо он ҷӯр кардам.*

Ба ҷаҳон бо чашмони ошиқ нигаристан на ин ки ҳунар, балки қисмати ин шоир аст. Ин дар дилу ҷони ӯст.

Дар ин ҷо рассом ва оҳангсози машҳури литвонӣ Чурлёнис ба ёд мерасад, ки мегуфт: «ба ҳамаи он чизе, ки зебост, бо чашмони боз нигариста зистан бояд... фаромӯш бояд кард, ки аз куҷоию ба куҷо меравӣ, туро чӣ ном аст ва ба ҳама чиз бо чашмони кӯдак бояд нигарист».

Шукӯҳӣ дар бораи чизе, ки нависад, онро ба ҳавои муҳаббат, меҳр ва самимият фаро мегирад. Вай метавонад ба олами ашё ва табиат аз меҳр сухан нагуфта, онро бо муҳаббат биситояд. Ин муҳаббатро мо ҳангоми тасвири гулу лола, рӯди кӯҳию майсаи навхез, мӯри донакашу занбӯри асал, хулоса, ба чизе, ки назари шоир афтад, ба хубӣ ҳис мекунем. Тасвиру ифодаи диловез ва самимонаи шоир бо забони худ ба олам ҳастӣ ва инсону табиат муҳаббати ӯро изҳор менамояд.

*Баҳорон буд, наргис омаду рафт,*
*Чароғи аҳли маҷлис омаду рафт.*

*Гулу себаргаҳо аз ҷой ҷастанд,*
*Насиме ҳамчу мӯнис омаду рафт.*

Ин мисраъҳо саршори меҳру самимиятанд. Ин насим на фақат мӯниси баҳорон ва гулу себаргаҳост, вай аз дили мо ҳам мегузарад. Асли ҳунар самимият аст, гуфтани донишманде беҳуда нест. Ин тавр гуфтани ташнагии гул замоне муяссар мешавад, ки дар дил меҳри самимонае дошта бошӣ:

*Гул ба оби ҷӯй вақте ки хуморӣ мешавад,*
*Барги ҳар як ғунча чашми интизорӣ мешавад.*

Нигоҳи ошиқонаи Шукӯҳӣ ба олам назари андешамандонаи ӯро истисно намекунад ва баръакс барои боҳиссиёту дилнишин шудани ин гуна ашъораш мадад мерасонад. Шеърҳое, ки дорои андешаҳои фалсафӣ ва панду ҳикмат ҳастанд, бешубҳа, бо таҷрибаи зиндагии воқеӣ ва маънавии шоир пайванди мустаҳкам доранд.

Дар ин гуна шеърҳои Шукӯҳӣ мавҷудияти шахси шоир, таҷрибаи зиндагии ӯ бараллo намоён аст ва ин сифат ашъори андешамандонаи ӯро аз муҳокимаҳои бетаъсиру бемавзӯъ халос карда, ба онҳо заминаи ҳаётӣ ва табиият медиҳад. Дар ин дубайтӣ хулосаест, ки шоир маҳз аз таҷрибаи рӯзгор ҳосил кардааст:

*Бенишонӣ ҳам нишоне доштаст,*
*Санги хоро ҳам забоне доштаст.*
*Ақли мо акнун, ки бар ҷое расид,*
*Осмон ҳам нардбоне доштаст.*

Шоир чӣ қадаре ки ба чорасозии ҳикмати зиндагӣ бовар дошта бошад, ҳамон қадар ба эъҷози қиссаву афсона ҳам имон дорад. Вай ба ҷаҳон ба чашми ҳайрат нигариста, аз худ афсонаҳо месозад. Ба афсона кӯдакон бовар мекунанд ва боз ошиқон. Идеали афсона зебоист. Зебоӣ ва афсонаро дӯст доштан зарур аст.

*Бароят ҳастиямро бохтам ман,*
*Зи худ афсонаҳое сохтам ман.*
*Дар оина саҳар карда назора,*
*Худамро дидаму нашнохтам ман.*

Зебоӣ нигоҳдори ҷавонии дил ва рӯҳ аст. Зебоӣ қудрат дорад, ки ҷавониро бозгардонад. Ин гуна зебоӣ на фақат зебоии чеҳраю андом, балки зебоии ҳиссиёт ва орзу, хоҳиш ва умедҳост.

*Агар рӯзе ҷавонӣ чун баҳорон боз меомад,*
*Ба мисли об андар ҷӯйборон боз меомад,*
*Чу марҷони гул андар шохсорон боз меомад,*
*Туро меҷустаму меёфтам аз нав,*
*Ба мӯят қиссаҳо мебофтам аз нав.*

Ва шоир ҳар боре ки қалам ба даст гирифта, шеър менависад, ин ҷаҳонро ба чашми дил мебинад ва зебоӣ меофарад.

Дар ин ҷо ман калимаҳои кӯдакон, афсона, ошиқон ва зебоиро истифода кардам ва ҳамон лаҳза фикрам дар атрофи онҳо ба ҳаракат омад, ки ин бесабаб ҳам нест. Зебоӣ, ки яке аз

хусусиятҳои ашъори шоир аст, на фақат зебоии ҳиссиёт, ахлоқ, рафтор, балки зебоии таркиби шеър, сухану навои он ҳам ҳаст. Ва бинобар ин бисёр шеърҳои Шукӯҳӣ суруд шудаанд. Суруд – шеъри ҳиссиёти зебо ва суханҳои хушоҳанг аст.

Зебоии суруд пеш аз ҳама дар мусиқии сухани он инъикос мешавад. Мусиқӣ пеш аз ҳама зодаи ҳиссиёт аст ва ба ҳиссиёт равона карда мешавад. Вай дар фазо вуҷуд надорад ва дар вақт ҳам хеле кам давом мекунад ва ҳамон дам бояд ба ҳиссиёти шахс биомезад, ба он таъсир кунад ва дар дилу ҷон боқӣ монад.

Шеър нисбат ба мусиқӣ моддитар, агарчи ашёи ҳар дуи онҳо якест- садо. Шеър аз сухан тартиб меёбад, сухан талаффуз мешавад, яъне садо дорад, садост. Садо дар мусиқӣ шайъи мавҷудият аст, дар шеър фақат воситаест. Шеър дар дил, бесадо хонда шавад, моҳияти он тағйир намеёбад, вале мусиқӣ бесадо вуҷуд надорад.

Суруд маҳсули омезиши ҷаҳони дарунӣ ва бурунист.

Шеъре, ки маҳз барои суруд навишта мешавад, аз шеъри оддии ба оҳанг даровarда фарқ дорад. Ин чиз ҳатто дар таркиб, банду баст, мундариҷа ва мазмун ҳам ба назар мерасад. Вале фарқияти асосии онҳо дар гуногунии ҳамон меъёри олами бурун ва дарунро ифода кардани онҳост.

Дар шеъри ба оҳанг даровarда ҳиссиёт аз олами берун ва дар шеъри суруд, ки ба тақозо ва мувофиқи оҳанг эҷод мешавад, ифодаи ҳиссиёти олами ботин бештар аст.

Шояд аз ҳамин сабаб сурудҳои ишқӣ, ҳиссиёти шахсӣ, ки пуртаъсиру баҳиссиётанд, бисёртар ва аз ҷиҳати ҳунар ҳам беҳтаранд.

Шукӯҳӣ агарчи дар аввалҳои эҷодиёташ махсус суруд нанавиштааст, лекин ҳоло нахустин шеърҳояш ҳам суруда мешаванд. Шеъри «Ман шаби васли туро мекобам», ки имрӯзҳо аз забони ҳофизон садо медиҳад, соли 1947 эҷод шудааст. Баъд аз солҳои панҷоҳ аксари шеърҳои ошиқона ва иҷтимоии Шукӯҳиро оҳангсозон ва ҳофизон суруд карданд. Дар байни онҳо шеърҳои «Диламро бурдию манро набурдӣ», «Мо тарафдори сулҳем», «Эй суруди ман», «Мӯи тиллорангу чашмони кабуд», «Интизорӣ», «Насими анбарафшон» буданд, ки бо оҳангҳои хушу дилнишин садо медоданд. Вале таркиби асосӣ ва муҳими ин сурудҳо аввал сухан, баъд маънист. Мусиқӣ ба шеър тобеъ мешуд. Дар ин ҳолат хаёли шунаванда аввал барои дарки маънои шеър равона мешавад, баъзан аз таъсир ва хусусияти мусиқии он бехабар мемонад. Вале, хушбахтона бо шеър ва сурудҳои Шукӯҳӣ ин ҳодиса хеле кам рӯй медиҳад. Оҳангсозон аз таркиб ва табиати шеъри шоир лаҳну наво кашф карда, мусиқии дар худи шеър нуҳуфтаро ошкор месозанд ва ин кори онҳо аксаран ба маънои шеър созвор омада, таъсири онро меафзояд. Шеъри «Интизорӣ» яке аз хубтарин мисоли ин созворuи мазмун ва оҳанг аст.

*Гули садбари сурхеро харида,*
*Ба вақти ваъдагӣ сӯят давида,*
*Туро, аммо дар он ҷо ман надида,*
*Нишастам, оҳи вазнине кашида.*
*Дилам хун шуд зи раҳпоӣ азизам,*
*Чаро охир намеоӣ азизам?*

Як андоза кашишдории ин оҳанг ба табиати таассуроти шеър монанд аст. Ҳар дақиқаи вақти интзорӣ бештар аз чанд соат кашол меёбад, таассурот ва ҳиссиёти шоир ҳам гӯё бардавому тӯлонист ва оҳанг ҳам бо кашишдории худ ба ифодаи он мувофиқ аст.

Баъзе оҳангсозонро ҳиссиёти тару тоза доштани шеърҳои Шукӯҳӣ ба худ ҷалб мекард. Сурудҳое, ки аз ғазалҳо сохта шудаанд, хеле бисёр буданд ва, бешубҳа, лаҳни сурудҳо ба

ҳамдигар монанд, ё такрор мешуд. Бинобар ин онҳо шеърҳоеро аз қабили «Интизорӣ» интихоб карда, оҳанг мебастанд, ки аз ҷиҳати сухан мавзуну хушнаво буда, ҳиссиёти батароват ва таассуроти нотакрорро ифода мекарданд ва оҳанг ҳам ба шеър мувофиқат карда, нотакрор мешуд.

Баробари ин гуна сурудҳо, ба ҳамон шеърҳои Шукӯҳӣ, ки аз қабили ашъори тавсифии серқофияанд, низ оҳангҳои бисёре меофариданд. Онҳо аксаран дилчасп ва гӯшнавоз буданд. Суруди машҳури «Мепарварам»-ро ба ёд оред:

*Беҳтар аз ҷонам туро, эй дилрабо, мепарварам,*
*Карда ишқатро чу дил дар сина ҷо мепарварам,*
*Зулфи мушкини туро мисли сабо мепарварам,*
*Сарви қаддатро ба боғи дилкушо мепарварам,*
*Дар дилам ганҷинаи меҳру вафо мепарварам.*

Ва ё «Эй суруди ман»-ро ба ёд оред, ки то имрӯз чун садо диҳад, ҳаловате ба дилҳо мебахшад. Бисёриҳо мегӯянд, ки шоири муқтадир, мусиқидони хушсалиқа Муҳиддин Аминзода ин шеърро доимо ба оҳанги суруд замзама карда: Аминҷон ҳамин шеърро хеле аз дилу ҷон гуфтааст. Ташаккур, кам нашавад, мегуфтаанд.

«Эй суруди ман» номида шудани шеър ҳам бесабаб нест, вай дар ҳақиқат суруд аст ва сурудест, ки хоҳиш ва орзуҳои ҷавонии шоирро аз таронаҳои дилаш хеле самимӣ ба забон меорад. Дар банди аввал якбора ҳамчун радиф омадани се калима хушоҳангии онро махсусан, меафзояд.

*Биё чун ҳофизи хушхон ба гуфтор, эй суруди ман,*
*Намо рози диламро аз нав изҳор, эй суруди ман.*
*Ба парвоз о дар ин гулзори бехор, эй суруди ман,*
*Гузар чун мекунӣ аз кӯи дилдор, эй суруди ман,*
*Саломамро расон бо шавқи бисёр, эй суруди ман.*

Замин ва фазо аз садоҳои гуногун пуранд. Онҳо нақша ва сурати ҷисмҳои заминию фазоианд. Табиат ҳам аз худ созу овозҳои аҷоиби бисёре берун мекунад, ки ҳама дар якҷоягӣ мусиқии ҳастианд. Инсон дар рӯи замин мусиқии худро меофарад, ки мусиқии зиндагӣ, дилу ҷон ва ҳиссиёти ӯст.

Ин мусиқӣ на фақат дар садо, дар сухан ҳам, ки як навъи садост ва садои маънидор аст, вуҷуд дорад. Дар шеърҳое, ки маҳз барои суруд гуфта мешаванд, эҳсос ва идрок, ҳиссиёт ва хаёлот ба ҳамдигар омехта, он сурудҳо бештар ва аввал ба дил таъсир мекунанд. Дар ин гуна сурудҳои Шукӯҳӣ ҳиссиёти зебо тараннум мешавад.

*Биё-биё умеди ман,*
*Кабӯтари сафеди ман,*
*Хаёли ман ба сӯи ту,*
*Ду дидаам ба рӯи ту.*
*Таронаи муҳаббатам,*
*Садои гуфтугӯи ту.*
*Биё-биё умеди ман,*
*Кабӯтари сафеди ман.*

Шоир дар ин вазни хушоҳанги шӯх ҳиссиёти сабукбол ва парвозии худро ғунҷоиш медиҳад. Вале ҳамин тавр менамояд, ки ин ҷо на қолаби вазн ҳасту на дарозу кӯтоҳии ҳиҷоҳо.

Пораи шеър гӯё аз ҳамаи онҳо озод буда, ба гӯш чун таронае мерасад, ки оҳангаш оҳанги муҳаббат аст. Яъне сухан ба ҳамин дараҷа равон ва ҳамвор ҷорист. Ба сохти забон фишор ва ё тазъиқу зӯрие ҳис намешавад. Ин муҳимтарин намунаи ягонагии оҳанг ва сухан аст.

Сурудҳои «Гули шафтолу» ва «Сафар кардам, ҷаҳон дидам» ҳам аз ин қабиланд. Дар шеъри дуюм шоир тавонистааст, ки мазмуни иҷтимоиро бошукӯҳ ва дар айни ҳол содаю дилнишин ва бо лиризми ҳаяҷонбахш сарояд.

*Сафар кардам, ҷаҳон дидам,*
*Рухи пиру ҷавон дидам,*
*Гаҳе фасли хазон дидам,*
*Гаҳе оби равон дидам.*

*Вале, эй мулки озодам,*
*Намерафтӣ ту аз ёдам.*
*Ба ҳар ҷо фахр мекардам,*
*Ки ман аз Шарқи озодам.*

Шукӯҳӣ беҳтарин сурудҳои худро бо суханварии тамом ва ниҳоятан табиӣ гуфтааст. Ба ҳам омехта тавонистани маҳорат ва табиият осон коре нест. Ин шояд хусусияти истеъдод бошад.

Дар Шукӯҳӣ ин чиз, бешубҳа, ҳамин тавр аст. Ба ин даъво ба ғайр аз шеъру сурудҳо шеърҳои бачагонааш далел шуда метавонанд.

Барои бачагон навиштанро омӯхтан мумкин нест. Бо ҳамин гуна истеъдод таваллуд бояд шуд. Ба бачагон дурӯғ гуфта намешавад. Онҳо ҳар суханро бо дил, бо ҳиссиёт месанҷанд. Ақлро бо дурӯғ банд кардан мумкин аст, ҳиссиётро не.

Асарҳои бачагона дар бораи чизе, ки бошад, пеш аз ҳама бояд лабрези меҳру муҳаббат ба хонандагони хурдсолаш бошад. Онҳоро дӯст дошта, ба забони онҳо сухан гуфтан мумкин асту бас. Ин шарти аввали асари бачагона буда, агар он ба забони бачаҳо (дар ин ҷо забон ба маънои андак васеътар дониш, фаҳмиш, тасаввурот аст) навишта нашуда бошад, ба хонандагонаш намерасад.

Шоир ба онҳо ба забони онҳо сухан гуфта, на ин ки чизҳои бачагона, балки чизҳои ҷиддӣ ва агар ҳамин тавр гуфтан раво бошад, чизҳои калонсолонаро бояд бигӯяд.

Ва агар шоир ба онҳо панд доданӣ бошад, ин мақсади худро чунон бояд ба ҷо биёрад, ки панду насиҳати вай маълум нагашта, ҳиссу рӯҳи кӯдакро тазъиқу фишор надиҳад. Хулласи калом, бачагон хонандагони ҷиддианд ва бо онҳо аз чизҳои ҷиддӣ ба таври бачагона ҳикоя кардан зарур мебошад.

Шукӯҳӣ аввалҳо барои бачагон ҳеҷ чиз наменавишт. Вале паи ҳам ду китобчаи бачагонаи ӯ «Баррачаи гурезпо» ва «ИЛ-18 омад» аз чоп баромад. Ва ҳамон вақт маълум шуд, ки ин чиз дар истеъдоди ӯ модарзодист.

Ман боре аз ӯ пурсида будам, ки муаллим, Шумо шеърҳои бачагона наменавиштед, якбора китобча тартиб додед. Шукӯҳӣ ба ман ҷавоб доданд, ки ман ин шеърҳоро барои писари хурдиам навиштаам, як вақт бинам, ки ҳамаашро азёд кардааст, доимо мехонад. Пас ба ҳамин фикр омадам, ки онҳо шояд шеърҳои бад набошанд, ҷамъ карда ба чоп додам. Баъзеи дигарашро баъдтар навиштам, боз як китобчаи дигар шуд.

Аз ин шеърҳо маълум аст, ки шоир хонандаашро дар пеши назар мебинад ва ҳар як маъниро ба фаҳми ӯ мувофиқ карда менависад. Ин, бешубҳа, яке аз омилҳои хубу дилчасп баромадани шеърҳои бачагонаи ӯст. Баробари ин вай бо бачагон бо нӯги забон, бо навозишу

меҳрубониҳои ноҷоя, онҳоро эрка дошта сухан намегӯяд. Вай бо онҳо ҷиддӣ, вале меҳрубон аст. Ҷое, ки зарур аст бо шӯхӣ ва ҳазломез сухан мегӯяд. Масалан, дар шеъри «Гов нашуда, кал шуда монд» вай мақсади худро ба як ҳикоячаи хандаовару дилписанд хеле хуб баён мекунад. Вай ба бачагон ором бошед, беҳудаю баҳуда шӯхӣ карда худро ҳар тараф назанед, худро зӯр нишон дода, калонигарӣ накунед, намегӯяд. Ӯ дар шеър аз номи бача менависад, ки гӯсолачаам шох мебароварchoard ва дар он рӯзҳо чунон бесаранҷом шуд ва чизе набуд, ки ба вай шох назанад. Вале то кай? Як рӯз шохашро бо оҳан заду

*Гӯсолаи алочаам,*
*Алочаи балочаям.*
*Масъалааш ҳал шуда монд.*
*Гов нашуда кал шуда монд.*

Ба бача ҳамин тавр номаълум панд дода шуд ва ин пандест, ки қабул мешавад, зеро ба шакли насиҳати хушку холӣ набуда, ба воситаи ҳикояи ҳазломез талқин шуд.

Шеърҳои бачагонаи Аминҷон Шукӯҳӣ асосан барои хурдтаракон, барои синну соли томактабианд. Вай аз хурдӣ ба онҳо ахлоқи писандидаро меомӯзад ва ин корро бо роҳҳои гуногун ба анҷом мерасонад. Баъзан ин талқин аз номи худи кӯдак аст. Шояд ин роҳи беҳтарин бошад, чунки ба бачагон аз номи худи онҳо сухан гуфтан ба онҳо беҳтар писанд меояд. Онҳо ба худ бо забон ва аз номи худ ҳикоя мекунанд, ки таъсири ин услуб, бешубҳа, бештар аст. Бача ба акка-думдароз чунин суҳбат карда, ӯро коҳиш мекунад ва ин хеле хуб ва тифлона динишин аст:

*Акка – думдароз,*
*Ман ба ту ароз.*
*Аз барои чӣ*
*Дуздӣ кардӣ боз?*

Шукӯҳӣ бо бачагон дар гуногунтарин мавзӯъҳо суҳбат мекунад. Вай дар онҳо меҳри табиат, гиёҳу сабзаҳо, ниҳолу дарахтон, парандаю ҳайвонотро мепарварад, ҳурмату эҳтироми калонсолонро меомӯзад.

Инсон на фақат дар муомила бо ҳамзодони худ, балки бо табиат, ҳайвоноту паррандаҳо ҳам моҳияти инсонии худро аён менамояд. Чӣ ҷои сухан, дар бачагон парвариш кардани меҳри онҳо аз наҷибтарин мақсадҳои насли бузург аст. Ҳар як инсон ба ғайр аз Ватани худ боз ватани дигари умумие дорад, ки он сайёраи Замин аст. Парвариши долу дарахт ва паррандаю ҳайвонот нигоҳубин кардани Замин аст. Ҳар як шоири бачагон дар онҳо меҳр ва ҳифзи як ниҳолакро талқин карда, барои ободӣ ва комилии Инсон ва Замин кори бузурге мекунад. Дар ин роҳ хурдтарин чиз ба бузургтарин аҳамият соҳиб аст. Бинобар ин муҳофизати себаки рӯи ҳавлии худ аз шохшикастану баргкандан маънии васеътаре дорад:

*Шохи варо назан-назан,*
*Барги варо накан-накан,*
*Шохаку барги он ба мо*
*Мева диҳад лаган-лаган.*

Як вақтҳо қариб ягон ҳайвон намонда буд, ки ба шеъри бачагона надаромада бошад, вале аксари ин шеърҳо беҳунарона буданд. Онҳо на ба фаҳми бачагон чизе медоданд ва на ба дилашон таъсир мекарданд. Ҳоло он нукс оҳиста-оҳиста бартараф мешавад ва дар шеърҳои бачагона ҷанги

мушу гурба ва хурӯсу мокиён камтар шуда, дар онҳо аз масъалаҳое сухан меравад, ки шоистаи замону зиндагии мост.

Асри мо асри техника ва кашфиётҳои илм аст ва инъикоси он дар шеърҳои бачагона амри воҷиб аст. Шукӯҳӣ дар ин кор маҳорати комил доштааст. Вай метавонад ба бачаҳо на фақат аз асрори техника маълумот диҳад, балки дар онҳо ҳисси сохтану эҷодкориро бедор кунад. Инкишоф додани ҳисси ҷустуҷӯ ва эҷодкории бачагон зарур аст. Шеъри «ИЛ-18 омад» намунаи хубе аз ин қабил шеърҳои ӯст. Бачаяке, ки ба пешвози акааш ба аэропорт омада, ба самолёт зеҳн мемонад, аз он фуромадани акаашро дида ба ваҷд меояд. Вай мебинад ва медонад, ки ИЛ-18 чорто парра ва даҳто ғилдирак дорад ва дар вай ҳамон лаҳза хоҳиши сохтани ИЛ-18 аз ин калонтар пайдо мешавад. Шоир ин хоҳиши ӯро бо лафз ва ҳиссиёти бачагона табиӣ ба қалам меорад.

*Ман калон шавам,*
*Рафта ба Маскав,*
*Созам албатта*
*ИЛ-18-и нав.*

*Ҳашта мекунам*
*Фир-фиракашро,*
*Биста мекунам*
*Ғилдиракашро.*

*Шинонда ба вай*
*Ман ҳашта мотор,*
*Дусадто одам*
*Мекунам савор.*

*Фир-фиракашро*
*Фир-фир кунонда,*
*Ғилдиракашро*
*Ғир-ғир кунонда.*

*Мепарам чунон*
*Баланд аз замин,*
*То ҳама гӯяд*
*Ба ман офарин!*

Бачагон ҳамеша орзуи зудтар калон шуданро доранд ва гуфтугӯеро, ки дар он хурдии онҳо таъкид карда шавад, дӯст намедоранд. Шукӯҳӣ инро хуб медонад ва кӯшиш мекунад, ки онҳоро дар шеърҳои худ бо худ баробар нишон диҳад, бо онҳо дар мавзӯъҳои ҷиддӣ ва муҳим суҳбат кунад. Вале душвории масъала дар ин аст, ки ин суҳбат аз зеҳн ва фаҳми бача на дур, балки ба он бояд хеле наздик бошад.

Боре дар суҳбат ман аз Шукӯҳӣ шунида будам, ки мегуфт: касе ки барои бачаҳо нивишта тавонаду нанависад, ҷиноят мекунад.

Ин сухан на бо шӯхӣ, балки бо ҷиддияти тамом гуфта шуда буд ва ӯ чун бовар кард, ки ин гуна истеъдод дорад, барои бачаҳо навишт.

Аҷиб аст, ки шеърҳои бачагона ба гӯши ман бо афсона ва суруд ҳамоҳанг расиданд. Ин шояд зуҳуроти эҳсосоти шахсист. Шояд... Ва ё эҳтимол шеърҳои бачагона бо марғубии худ ба афсона ва бо хушояндӣ ва хушоҳангии худ ба суруд монананд. Ин ҳам эҳтимол дорад.

Вале як чиз бебаҳс аст: барои бачаҳо навиштан истеъдод ва маҳорати комил ва аз ҳама муҳимаш меҳру муҳаббати саршоре мехоҳад, ки бе он ягон асари ҳақиқии ҳунар вуҷуд надорад. Оре, муҳаббати саршор.

Баъзе шоирон дар давраи муайян, ки бештар ба чиҳил-панҷоҳсолагии онҳо рост меояд, ба наср рӯ меоранд. Ин чиз дар ҳар як шоир сабабҳои ҷудогона дошта бошад, баъзан як сабаби умумӣ ҳам дорад, ки онро тақрибан ин тавр шарҳ додан мумкин аст. Бо камолоти шоир назари ӯ ба зиндагӣ вусъатноктар мешавад ва ӯро акнун масъалаҳои инкишофи ҷамъият, зиндагӣ ва замон, меҳнат ва фидокории халқ ба худ машғул медорад. Ӯ ният мекунад, ки дар асари худ саҳнаҳои фарохи зиндагиро биофарад. Ин кор дар шеър мушкилиҳои зиёд дорад. Вале сабаби асосӣ дар ин ҳам нест. Шоирони муқтадир метавонанд ҳамаи он чиро ки ба нияти бадеии онҳо мувофиқ ояд, дар шакли шеър, достон, повесту романҳои манзум ба тасвир кашанд.

Сабаби муҳимтарин дар маводест, ки бояд мундариҷаи асарро ташкил кунад. Мавзӯъҳое ҳастанд, ки ба шеър шудан мувофиқ нестанд ва қолаби дигар мехоҳанд ва ин гуна мундариҷаро зӯран дар қолаби назм гуфтан ҳоҷат надорад ва гӯем ҳам муҳол аст, ки барор ёбем.

Дар ин ҳолат таҷрибаи устод Айнӣ ибратомӯз аст, ки барои иҷро кардани ниятҳои бузургаш чаҳорчӯбаи вазну қофияро танг дониста, ба наср рӯ оварда буд. Аммо ин суханони устодро набояд яктарафа фаҳмид ва гумон кард, ки сабаби ба наср гузаштанаш фақат тангии чаҳорчӯбаи вазну қофия бошад. Ҳаргиз ин тавр нест. Вай инро равшан нагуфта бошад ҳам, бовар дошт, ки чизи менавиштагии вай дигар дар қолаби шеър ифодаи муносиби худро нахоҳад ёфт, саҳеҳтараш, он чизе нест, ки шакли шеърро хоҳад, шакли ифодаи он дар наср буд ва устод ба эҷоди повесту романҳо шурӯъ кард.

Ман бо ин суханони худ ҳаргиз насрнависии Шукӯҳиро бо таҷрибаи устод Айнӣ муқоиса карданӣ нестам, таҷрибаҳои онҳо мухталиф аст. Зиёда аз ин насри давраи аввали Шукӯҳӣ як андоза насри шоирона буд, яъне насре буд, ки хусусияти шеърияш бисёртар ва дар қолаби шеър буда метавонист. Ин гуна насрро одатан насри лирикӣ меноманд. Аввалин ҳикояҳои Шукӯҳӣ намунаи ҳамин гуна насри лирикӣ буданд, ки ба солҳои шаст тааллуқ доштанд.

Шукӯҳӣ то навиштани ҳикояҳои лирикиаш маҳорати худро дар наср камубеш санҷида буд.

Вай чун муҳаррири рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» бисёр сафар мекард, аз масъалаҳои муҳим ва ҳалталаби иқтисодиёту хоҷагии халқ бохабар буд ва дар ин бора очерку мақолаҳои публисистӣ менавишт, ки як қисмашон дар маҷмӯаи «Нияти нағз» гирд омадаанд. Онҳо бисёр чизҳои ҳиссиётангез, самимӣ ва ҷузъиётҳое доранд, ки шоистаи дар асари бадеӣ истифода шудан ҳастанд ва дуруст аст, ки онҳо дар ҳикояҳои ӯ такроран ба кор ҳам рафтаанд.

Ҳикояҳои маҷмӯаи «Нияти нағз» асосан шоиронаанд. Дар зимни онҳо як ҳиссиёти гуворо ва дилнишин, муҳаббати соф ва самимӣ, зебоии андом ва ҳусни ахлоқ, ҷавонӣ ва нашъаи дилбозию дилбарӣ, накӯкорию покизагӣ ташвиқ ва тавсиф карда мешуд. Дар он ҳикояҳо қариб ҳама чиз зебост. Дар боғ зарғилдоқ бо хониши худ ба дилбохтагон барои ба ҳамдигар изҳори муҳаббат кардан ёрӣ мекунад, шоҳтут барои пайдоиши муҳаббати байни ду ҷавон восита мешавад. Қаҳрамонҳои ҳикояҳо ҳам зебо. Яке аз тасвирҳои шоир чунин аст: «Як сол гузашт. Боз айёми пухта расидани шоҳтут расид. Нодир ба бозор рафта, боз бо ҳамон духтари шоҳтутфурӯш рӯ ба рӯ шуд. Куртаи гулнорӣ ба қадду қомати духтар чунон шинам фуромада буд, ки диққати ояндаву равандагонро ба худ ҷалб карда, беихтиёр аз роҳ медошт. Лабҳои ӯ бо ранги шоҳтут мусобиқа мекарданд. Чашму абрувони сиёҳ бо рӯю гардани сафедаш тазоди ҳусн буданд».

Тасвирҳои дигар аз ин зеботар набошанд ҳам, берангтар нестанд. Валекин ҳикояҳои ин маҷмӯа ва ҳатто «Шаҳло», ки асари хурди насрӣ буданд, барои пурра истифода шудани қобилият ва фазилати нависандагии шоир имкон намедоданд. Вай дар наср ҳоло ҳам шоир буд, вале дар нависандагӣ ин чиз на ҳамеша хуб аст. Ба ин гуна насри шоирона хавфи сабукбор шудан ҳаст.

Боре ман аз Шукӯҳӣ дар бораи таърихи эҷоди ҳикояи «Шаҳло» нақли аҷибе шунида будам. Ӯ мегуфт: Рӯзе Ҳилолиён Аскар аз Ленинобод ба ман ҳикоя фиристод. Хондам, маъқул нашуд. Хостам, гардонда фиристам, вале ба номаш дилам месӯхт, номаш зебо, маъқул шуда буд: Шаҳло.

Ба Ҳилолиён фикрҳоямро гуфтам. Ӯ розӣ шуд. Ҳикояро аз нав навиштем, аз чизи пештарааш фақат ном ва воқеаи чатр боқӣ монд.

Дар ин нақл ҳам таъсири як эҳсоси шоирона ба назар мерасад: фақат маъқул шудани ном шоирро ба ҳамкорӣ водор кард. Аз ҳамин ҳикоя сар карда, баъзе асарҳои Шукӯҳӣ ва Аскар ҳамроҳ навишта шудаанд.

Дар ҳикояҳо ду хусусияти насри Шукӯҳӣ аён шуда буд, ки дар асарҳои минбаъдааш инкишоф ёфт. Инҳо хусусиятҳои лиризм ва зарофати насри ӯ буданд. Лиризмро аз гуфтаҳои боло пай бурдан мумкин аст, аммо таъкиди зарофат як-ду мисол мехоҳад. Масалан, яке аз ҳикояҳои лирикии «Ғалабаи бекоршуда» бо чунин ҷумла оғоз мешавад. «Чор нафар ҷавони маҳаллаи мо, ки ҳанӯз ба болои девор бенардбон набаромада буданд, орзуи кӯҳнавардӣ доштанд». Дар ин ҷо зарофат дар таркиби сухани муаллиф аст ва, масалан, дар ҳикояи «Садбарги рӯи барф» дар ҳолати тасвиршаванда. Баъдтар дар асарҳои насрии Шукӯҳӣ ҳар дуи ин хусусият ба ҳам омехта, инкишоф ёфтанд.

Ба Шукӯҳӣ повести «Имзои шахсӣ» барои омӯхтани қонуниятҳои насри реалистӣ мактаби ҷиддие шуд. Аз ҳикояҳои лирикӣ якбора ба насри ҳуҷҷатӣ рӯй овардан масъулияти калон мехост. Тамоми воситаҳои тасвирро дигар кардан зарур буд. Барои асари ҳуҷҷатии реалистӣ офаридан фақат аз маҳалли хаёлҳои зебои ошиқона ба ҷодаи санад, рақам ва далелу бурҳонҳои қатъӣ гузаштан басандагӣ намекард. Шоир акнун на фақат рӯҳ ва ҳолатҳои дилхоҳро бояд тасвир мекард, балки дар саҳна воқеият, зиндагӣ хулқу атвор, рафтору кирдор, симо ва характери қаҳрамони худро бояд меофарид. Қаҳрамони ӯ на шахси хаёлӣ, шахси таърихӣ ва барҳаёт, раиси колхоз Саидхоҷа Ӯрунхоҷаев буд.

Ӯрунхоҷаев касе буд, ки дар тақдири ӯ роҳи инкишофи таърихии як халқ таҷассум шудааст. Вай аз беҳудагардию авбошиҳо гузашта, баъд ҳамчун як коммунисти содиқ бар зидди босмачиён ҷангидааст ва дар сохтмони ҳаёти колхозӣ иштирок карда, ба чӣ қадар нокомиҳо дучор омада, чанд бор бегуноҳ ҳабс шуда, бо туҳмат аз сафи ҳизб ронда ва боз барқарор гашта, дар охир раиси яке аз хоҷагиҳои калонтарини колхозии республика шудааст. Ду карат Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ шудан ба ӯ ба осонӣ даст надода буд.

Симои ҳаққонӣ ва бадеии чунин қаҳрамононро офаридан на аз вазифаҳои осон ба шумор мерафт.

Дар ин повест муаллифон асосан барор ёфтаанд.

Нависанда дар офаридани образи шахсони таърихӣ на фақат ба таҷрибаи мавҷуда, ки асарҳои ҳуҷҷатӣ дар тасвири образи инсон ҳосил кардааст, такя мекунад, вай дар ин ҳолат тамоми таҷрибаеро, ки адабиёти бадеӣ дар роҳи тасвири инсон пайдо кардааст, ба кор меандозад. Чунки, аввалан, дар насри мо таҷрибаи дар асоси ҳуҷҷат офаридани образи шахсони таърихӣ қариб мавҷуд набуд, сониян, нависанда кӯшиш дошт, ки образи Саидхоҷа як андоза хусусияти ҷамъбасти бадеӣ гардад.

Шахсиятҳои бузург аксаран худ образҳои ҷамъбастиянд. Онҳо соҳиби фазилатҳои шоиста, азму рӯҳи қавӣ ва характерҳои барҷаста мебошанд. Дар тасвири чунин шахсон ба нависанда лозим аст, ки ҳам аз фазилатҳои худи қаҳрамон сарфи назар накунад ҳам образи бадеии пургунҷоиш офарад. Бинобар ин ҳам ӯ, аз як ҷиҳат, имкони фарохтар дошта бошад, аз ҷиҳати дигар, маҳдуд аст. Дар ин ҷо меъёри далел ва хаёлотро дуруст ҳис кардан яке аз шартҳои муҳимтарин мебошад.

Повести «Имзои шахсӣ» аз як лаҳзаи лирикӣ оғоз мешавад. Ҳарчанд сабки чунин оғоз барои як повести ҳуҷҷатӣ, ки дар он бояд муборизаҳои тундутезе ба амал пайванданд, сабуктар аст, аммо он барои ба чӣ ранг сурат гирифтани таассуроти умумӣ аз асар далолат медиҳад. Аз худи он равшание ба назар мерасад. Ин оғоз бо ҳикояи лирикии Шукӯҳӣ «Онҳо ду кас буданд» ҳамоҳангие дорад. Маҳз ба дасти ҷавонони ошиқ афтидани мактубе, ки Саидхоҷа аз паси девори ҳабсхона партофта буд, тасодуф менамояд. Аммо чунонки дар дигар асарҳои Шукӯҳӣ буд, муҳаббат дар ин ҷо ҳам боиси хушбахтии инсон, мададгори ӯст. Ду ҷавони ошиқ сабаб шуданд, ки мактуби Саидхоҷа ба ҷои лозимӣ расид ва ӯ аз ҷазои ноҳақ халос гашт.

Оғози повест хусусияти лирикӣ дошта, аммо характери воқеа ва қаҳрамонҳо эпикӣ ва иҷтимоиянд. Махсусан, характери қаҳрамони асосӣ Саидхоҷа, ки дар муборизаҳои синфӣ, кашмакашу каҷфаҳмиҳои дохилӣ, беадолатӣ ва қадршиносию адолат сурат мегирад. Тавоноӣ, бебокию нотарсӣ, ноороми ва як андоза якравӣ чизи асосӣ дар табиати қаҳрамон аст.

Саидхоҷа аз ҷумлаи шахсонест, ки обрӯю эътиборашон на аз рӯи вазифа, балки аз чигунагии хулқ, кору кирдор ва муносибаташон бо вазифаю мардум пайдо шудааст. Мардум ба ин гуна шахсон чун ба қаҳрамонҳои худ назар мекунанд. Бинобар ин ҳам, пас аз он ки дар соли 1934 Саидхоҷа Ӯрунхоҷаевро аз сафи ҳизб хориҷ карда, аз вазифаи раисӣ маҳрум сохтанд ва ӯ дар заводи пахта, боркаши оддӣ шуд, ҳама ба ӯ «раис» гӯён муроҷиат мекарданд. Ин муроҷиат оҳанги тамасхур надошт.

Характери Саидхоҷа фақат тасвирӣ нест, дар он консепсияи муайяни шахсият ба назар мерасад.

Барои ба вуҷуд овардани чунин консепсия, махсусан, дар асарҳои ҳуҷҷатӣ, пеш аз ҳама фаъолияти иҷтимоии қаҳрамон ба аҳамияти бузург соҳиб аст. Вале ин кор фақат бо тасвири қаҳрамон дар муҳити ҳодисаҳои бузурги таърихию ҷамъиятӣ ба анҷом нарасида, нигориши олами моддию маишӣ, рӯзгори ҳаррӯза, дилбастагиҳои вайро низ талаб дорад. Консепсияе, ки инсонро фақат аз дидгоҳи иҷтимоӣ ба тасвир гирифтанӣ мешавад, комил буда наметавонад.

Аз ин назар қаҳрамони асосӣ дар повест мутаносиб ба тасвир омадааст. Як хусусияти дигари консепсияи инсон дар ин повсест дар гуманизми он аст. Ин гуманизм дар натиҷаи дарки моҳияти ҳодисаҳои иҷтимоӣ ва меҳру муҳаббат ба шахси алоҳида зоҳир мешавад. Аз повест лаҳзаеро ба ёд оред, ки дар солҳои ҷанг Саидхоҷаро ба раисии колхози қафомонда таъйин мекунанд ва ӯ ба он ҷо омада, намедонад, ки корро аз чӣ сар кунад. Бисёр касон аз кори колхоз сар печида, бо хоҷагиҳои худ машғул буданд, чунки маҳсули корро як гурӯҳ «фаъолон» ба коми худ фурӯ мебурданду ба колхозчӣ қариб чизе намерасид. Дар ҳамин ҳолат як гурӯҳ мӯйсафедон ба назди Саидхоҷа омада, мегӯянд, ки «аз мо як бригада ташкил куну кор фармо. Дигарон аз рӯи орият ба кор мебароянд».

Ин рафтори мӯйсафедон ҳам натиҷаи моҳияти иҷтимоии кори колхозро фаҳмида тавонистан ва ҳам тақозои дили меҳрпарвари онҳо буд, ки вазъи вазнини раиси навро ҳис мекарданд.

Табиист, ки ин повест чун таҷрибаи нахустини асари ҳуҷҷатии муаллифон бе норасоӣ нест. Онро худи муаллифон ҳам ҳис карданд, ки он ҷо-ҷо сатҳӣ буда, ҷо-ҷои дигар воқеаҳо

танҳо номбар шуда амиқӣ надоранд, дар охирҳои он махсусан, факту рақамҳо зиёданд ва бори маънавиашон кам буда, барои бо яклухтӣ дарк кардани повест халал медиҳанд. Ва аз ҳама асосиаш мундариҷаи ҳаётӣ ва иҷтимоии ҳаёти қаҳрамон канда - канда омадааст, ҳаҷм, мӯҳлат имкон надодааст, ки онҳо воқеаҳоро батафсил ба қалам диҳанд. Онҳо ба навиштан дер сар карда буданд, қаҳрамони повест бемор буд ва муаллифон мехостанд, ки асари онҳоро қаҳрамонашон ақаллан як назар бинад. Вай фақат чопи маҷаллавии онро дида тавонист.

Шукӯҳӣ ва Аскар пас аз ҳафт - ҳашт сол боз ба ин мавзӯъ бармегарданд ва нахустин романи ҳуҷҷатии тоҷикро менависанд.

Шукӯҳӣ дар ин муддат барои калонсолон повестҳои «Парии ҷазира», «Достони Муллолатиф» ва барои бачагон повести «Асад ва Самад» - ро навишт.

«Парии ҷазира» повести замонист. Хусусияти замонӣ доштани ин асар аз шаклу услуб ва мундариҷаи он ҳувайдост. Воқеаҳои повест ва махсусан, қисматҳои аввали он хеле динамикӣ ва босуръат инкишоф мееёбанд. Воқеаю саҳнаҳо зуд-зуд якдигарро иваз мекунанд. Як қаҳрамон қаҳрамони дигарро ба саҳна мекашад. Сабаби ин ҳолат шояд дар он бошад, ки ҳодисаю воқеаҳо муҳити васеъ доранд. Онҳо дар микёси як колхози калон ва ҳатто ноҳия мегузаранд ва масъалаҳои ҳаётие, ки дар повест ба миён гузошта мешванд, ба шахсони алоҳида оид набуда, бештар аҳамияти ҷамъиятӣ доранд.

Воқеаҳои суҷет бо чанд ҷода чараён мекунанд. Онҳо гоҳ-гоҳ ба ҳамдигар меомезанд, қаҳрамонҳое, ки дар як ҷода буданд, дар натиҷаи таъсири ин ё он ҳодиса ба ҷодаи дигар мегузаранд, ба гурӯҳи дигар ҳамроҳ мешаванд. Масалан, падари Азиза Қосим – саркор ва Ҳидоятхон чанде ба фиребҳои Домуллои Ҷинчароғ афтода, бо суханҳои ӯ амал карда, баъдтар ба гурӯҳи дигари қаҳрамонҳо мепайванданд. Таносуби қуввахо зуд – зуд дигар мешавад.

Амали қаҳрамонҳоро дар як ҷода ҷараён мегирад гуфтан чунин маъно надорад, ки онҳо фардиятҳои хос нестанд. Бо вуҷуди дар повест бисёр будани персонажҳо онҳо тавсияи бадеии худро ёфтанд. Қурбоналиеву Зариф, Абдусамаду Азиза, Ҳидоятхону Рухсатхон, Воҳиди Вангу Миркурбон, Доммуллои Ҷинчароғу Одил-саркор ва боз бисёри дигарон, ки бо ном гирифтани онҳо характерашон ҳам пеши назари мо аён мешавад, ҳар яке, баъзан пурра набошад ҳам, ба дараҷаи образҳои фардӣ расидаанд.

Дар повест масъалаҳои бисёре мавриди баҳсу баррасианд: муносибати наву кӯҳна, шахс ва ҷамъият, адолат ва разолат, ростӣ ва фиреб, муҳаббат ва хиёнат, далерӣ ва буздилӣ ва ғайра. Онҳо гохе шадид ва гоҳи дигар аёну ноаён ба ҳамдигар мубориза мекунанд.

Дар повест инкишофи воқеаҳо на фақат дар ҳудуди суҷет, балки берун аз он ҳам давом мекунад ва дар хонанда дар бораи қаҳрамонҳо, майлу хоҳиши онҳо тасаввури пурра ҳосил мешавад. Ин сифати асарҳои хуб аст.

Бешубҳа, масъалаҳое, ки дар повест гузошта шудаанд, на фақат барои як колхоз ё деҳа аҳамият доранд, аҳамияти онҳо бузургтар аст.

Дар адабиёт масъалаҳое нестанд, ки баъзеашон барои деҳа муҳим бошанду баъзеи дигарашон барои шаҳр ва ё ҷойҳои дигар. Ва аз ин назар дар танқиду адабиётшиносии муосир тамоюле, ки дар солҳои охир адабиётро ба «насри деҳот» «насри шаҳр» ва монанди инҳо тақсим мекунад, на чандон дуруст аст, чунки асари бадеӣ дар кадом мавзӯе, ки бошад, одамшиносист ва масъалаҳое, ки он ба миён мегузорад, бояд барои ҳама муҳим бошад.

Ин истилоҳҳо аксарият агарчи барои осонтар шудани кори мунаққидон ва таъкиди мавзӯи асар истифода мешаванд, аммо дар ҳар ҳол истилоҳ набояд моҳияти адабиётро ночиз гардонад.

«Дони ором» ва «Замини корамшуда»-и Михаил Шолохов ҳам дар бораи ҳаёти колхоз, дар бораи он масъалаҳои муҳиме, ки дар ҳаёти деҳа ба пеш омада буданд, баҳс мекарданд. Вале чаро онҳо насри деҳот гуфта намешаванд ва агар ҳамин тавр гуфта шавад, ҳарфи хеле сабук ва хандаовар буд. Ва ё аз асарҳои Чингиз Айтматов «Алвидоъ, Гулсарӣ» - ро гирем. Оё ин насри овулӣ ё чӯпонист? Албатта, касе чунин намегӯяд. Чунки асарҳои номбурда масъалаҳоеро ба миён мегузоранд, ки дар гардишҳои бузурги таърихӣ ба зуҳур омада, барои ҳамаи ҷамъият ба як дараҷа аҳамият доранд, қаҳрамонҳои онҳо аз назари дарки эстетикии воқеият нотакроранд ва нависанда ба василаи онҳо консепсияи тозаи инсонро пешниҳод мекунад.

Меъёри баҳодиҳӣ ба асари бадеӣ консепсияи инсон аст ва «консепсияи инсон он марказест, ки ҳамаи қисматҳои ташкилдиҳандаи асар аз он ибтидо гирифта, дар он боз ба ҳам меоянд»[4]. Барҷастатарин хусусияте, ки дар консепсияи инсони повести «Парии ҷазира» ба назар мерасад, пеш аз ҳама гуманизми амиқ ва фаъол аст. Ҳамаи воқеаю ҳодиса ва масъалаҳое, ки ба миён меоянд, аз назари манфиати онҳо барои инсон ба андешаю муҳокима гирифта шуда, маҳз ба хотири беҳбуди аҳволи ӯ ҳал карда мешаванд. Сабаби зиддияти асосӣ миёни раиси колхоз Қурбоналиев ва сараграном Зариф ҳам аз ҳамин сар мезанад, ки аввалӣ манфиати ҷамъиятро то андозае яктарафа мефаҳмад ва ба хубӣ ҳис карда наметавонад, ки ғамхорӣ ба ҳар фард ғамхорӣ ба кор ва манфиати ҷамъият аст. Вай, ки саргарми ғалабаҳои саривақтӣ аст, наметавонад дурро бубинад. Зарифро ин гуна муваффақиятҳои бо «ҷонканӣ» ба даст омада қаноатманд намекунонад, вай кӯшиш дорад, ки кори колхоз аз ҳисоби истифодаи захираҳои мавҷудаи меҳнатию истеҳсолӣ ва кори мунтазам пеш равад, ки ҳам ба манфиати колхоз хоҳад буд ҳам колхозчӣ.

Ин ду навъи фаҳмиши мавқеи ҷамъият дар ҳаёти фард ва фард дар ҷамъият дар ҳамаи воқеаҳои бисёре, ки дар повест ба амал пайвастаанд ва муносибатҳои мураккабе, ки қаҳрамонҳо ба ҳамдигар доранд, инъикос гаштааст. Механиконидани кори колхоз, кӯшиши Зариф барои дар курси механизаторӣ хонондани занону духтарон, ҳама, барои афзудани мавқеъ ва ҳисси фард дар кори ҷамъият хидмат мекунанд.

Вакте ки ҳиссаи фард дар кори ҷамъият меафзояд, мавқеаш ҳам дар он мустаҳкамтар мешавад, манфиати шахсии вай бо ҷамъият мувофиқат ва муносибат пайдо мекунад. Дар ин ҳолат ғамхорӣ барои ҷамъият ғамхорӣ ба ҳар фард ва ғамхорӣ ба ҳар шахс ғамхорӣ ба ҷамъият аст.

Азиза намояндаи насли ҷавон аст дар повест. Вай духтараки шӯху ҳозирҷавоб, зебою фаъол аст. Характераш ба монанди падараш, Қосим – саркор, хеле қавӣ ва мустаҳкам мебошад. Азиза духтарест, ки гапи гуфта ва кори азм кардаашро мекунад, тӯдакаши духтарон аст. Нависанда ба зиммаи ин образ бори бисёре мегузорад ва бовар мекунад, ки вай аз уҳдаи он мебарояд. Ва ҳамин тавр ҳам мешавад. Бо ташвиқи Азиза духтарон дар курси механизаторӣ хонданд, бо кӯшиши ӯ Рустам – набераи Бисобира аз будани модаркалонаш хабар ёфта, ба колхоз омад. Ориф писари Одил - саркор, ки аввал ба Азиза булҳавасона ишқ баста буд, танбеҳашро дида, ислоҳ шуд ва Азиза ҳам, ки ӯро дӯст медошт, аз ӯ дил канда ба Рустам меҳр пайдо кард. Азиза аз ҳама мушкилиҳо мегузарад ва дар охир ҳамаи корҳояш бо хушӣ анҷом мепазиранд. Ин хуб аст. Вале, аз ҷиҳати дигар, оё ин қадар ба хушӣ анҷомидани ҳамаи корҳои ӯ таъсири эмотсионалии образро суст намекунад. Бинобар ин, кас намехоҳад, ки Азиза баъди

[4] Д. Марков. Сотсиалистический реализм – новая эстетическая система. «Вопросы литературы», 1975, №2, стр. 4.

номуродии ишқи аввал ба Рустам дил бандад, яъне зуд «хушбахт» шавад. Вай образи боқувват аст ва аз ин рӯ, метавонад, ки дар вазъияти драматикӣ бошад, ба сахтиҳои ишқ ва зиндагӣ истодагарӣ кунад. Шояд ин чиз барои пурратар кушодани тавоноии характери ӯ кӯмак мекард ва дар дили хонанда ба ӯ муҳаббати гарме боқӣ мемонд. Унсури драматизм дар образ онро боз ҳам олитар ва амиқтар менамояд. Ва аз ҳамин назар, ба фикри ман, умуман пайдо шудани Рустам, ба колхоз омадани вай ҳам боиси сабук шудани образи Азиза мегардад ва ҳам драматизми повестро ба андозае мекоҳонад. Бе инҳо повест яклухт ва драматизмаш пурқувваттар мешуд. Фоҷиаи ҷонгудози Бисобира ҳам чун ҳукми тозае ба номи ҷанг бо таъсири бештару амиқтар дар дил менишаст.

Нависанда бештар каҳрамониҳои манфиашро ба ҳолатҳои вазнин гирифтор мекунад ва бо ин «сазои» онҳоро медиҳад. Домуллои Ҷинчароғ аз ҷумлаи «сазодидаҳост». Шукӯҳӣ дар ин образ муваффақияти бисёр дорад. Домуллои Ҷинчароғ муллои ҳозиразамон, ки ба шароити нав хеле хуб мувофиқ шудааст, аз ҷиҳати психологӣ ҳаққонӣ ва баъзан бо хаҷв ва зарофати нозук ба қалам омадааст. Умуман бояд қайд кард, ки Шукӯҳӣ дар ин повест маҳорати зарофатгӯии худро ба мавқеъ ва хуб истифода кардааст. Повест гӯё саросар аз ҳаҷву мутоибаи нозук ва дилнишин рӯҳ гирифтааст, ки ба он як навъ тароват бахшидааст. Ва агар дар ин ҷо истеҳзо бо вуҷуди бисёр ба кор рафтанаш як вазифаи ёрирасон дошта бошад, дар повести «Асад ва Самад» чун воситаи асосии тасвири характер, дунёфаҳмии бачагон, муносибати онҳо бо калонсолон истифода шудааст. Ин асар хеле хонданӣ, баобуранг шавқовар ва бо як сабки равон навишта шуда, мутолиаи он дар дил кайфияти марғубе боқӣ мегузорад. Ин повест на фақат ба хонандагони хурдсолаш писанд меояд, онро калонсолон ҳам бо шавқи тамом мехонанд.

Романи хуҷҷатии «Печутоби роҳҳо» асари ҳаҷман калони Аминҷон Шукӯҳӣ ва Ҳилолиён Аскар мебошад, ки дар ҳамкорӣ эҷод шуд. Ин роман на фақат ҳаҷман бузург, балки серамалиёт ва фарохдоман аст. Аз рӯи ақидаи муаллифон он аз ду китоб иборат мешавад ва китоби аввалаш воқеаҳои давраи ҷавонии Саидхоҷаро то аввали солҳои сӣ дар бар мегирад.

Бешубҳа, аввалин саволе, ки дар хонанда пайдо мешавад, ин аст, ки ин роман ва повести «Имзои шахсӣ» чӣ фарқият ва умумияте дорад? «Печутоби роҳҳо» асари комилан мустақил аст. Вай аз назари дар бар гирифтани вақт хеле фарох аст ва аз давраи «кашолабардорӣ», дар мактаби кӯҳнаи деҳа хондани Саидхоҷа сар шудааст. Инкишофи сюҷет ҳам паиҳам ва силсиланок буда, зиндагии Саидхоҷа дар намои фарохи ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ ба тасвир омадааст. Табиист, ки шумораи қаҳрамонҳои роман ҳам нисбат ба повест бисёр аст. Ва баъзан бисёрқаҳрамонии асар бар манфиати кор нест, чунки муаллифон ба ҳамаи қаҳрамонҳо аз назари тасвири образ тавсияи зарурии бадеиро дода натавонистаанд. Баъзеи ин қаҳрамонҳо барои як амалиётро ба ҷо овардан як пайдо гашта, бо ҳамин ғоиб шуда рафтаанд.

Бо вуҷуди ин инкишофи сюҷет басуръат давом мекунад. Характери қаҳрамонҳо Саидхоҷа, Абдулло Раҳимбоев, Ҳайдар Усмонов дар мусодама ва зиддиятҳо шакл гирифта, обутоб меёбад.

Шӯриши соли 1916 ба онҳо сабақи бузурги сиёсию иҷтимоӣ мешавад. Умуман, дар ин роман дар бораи вазъияти аввали асри бист дар шимоли Тоҷикистон ва солҳои нахустини инқилоб бисёр рақам ва санадҳои тоза ва муҳим ба истифода рафтаанд, ки аз сарчашмаҳо ба даст омадаанд. Ин чиз қимати хосаи худро дорад. Ба ғайр аз ин, дар роман харитаи маҳал ва маҳаллаю деҳоти онвақтаи шимоли Тоҷикистон ва бисёр ҳунарҳо тасвир гаштаанд, ки ҳама дар якҷоягӣ муҳити иҷтимоию сиёсӣ ва маишию маънавии он давраро ташкил карда, аҳамияти маърифатдиҳӣ ва этнографӣ доранд.

Романи «Печутоби роҳҳо» дар тасвири муҳит ва зиндагӣ як асари серҷҳата ва муҳим аст. Ва аз ин рӯ, табиист, ки кас мехоҳад ба дараҷаи имкон камнуқс бошад. Масалан, кас мехоҳад, ки тавсияи образ ва портрети қаҳрамону персонажҳо пурра ва аёнтар гарданд. Саидхоҷа баъзан ба мавқеи дуюмдараҷа соҳиб нашуда, доимо дар маркази назар бошад, ки ин барои комилан ба ҷараёни асосӣ равона кардани сuҷет кӯмак мекард. Кас боз мехоҳад, ки забони роман салистар ва аз назари сабк як андоза солортар бошад.

Бо вуҷуди ин дар бораи Саидхоҷа Ӯрунхоҷаев барин як шахс пайдо шудани романе мисли «Печутоби роҳҳо» воқеаи хурсандибахш аст, зеро Саидхоҷа Ӯрунхоҷаев барои мо чун шахси воқеӣ ва чун образи бадеӣ, ки дар симои ӯ як давраи муҳими зиндагии халқ, даврае, ки аз шикасту дигарсозиҳои таърихӣ иборат буд, таҷассуми худро ёфтааст.

* * *

Боре аз Аминҷон Шукӯҳӣ хоҳиш кардам, ки барои маҷалла[5] шеър биёранд. Кайҳо боз шеър чоп накарда буданд.

– Шеър нест, дигар навишта наметавонам, партофтам, кӯтоҳ ҷавоб доданд.

Ин гап сарзибонӣ набуд.

Ман ба дигар навишта наметавонам ва партофтам гуфтани Шукӯҳӣ бовар накардам, вале аз ин ҷавоб барои худ чизи дигареро дарёфтам.

Шоир танҳо ҳамон вақт қалам ба даст мегирад, ки ҳиссиёт ва таассуроташро аз ин беш дар худ гунҷонида наметавонад. Дари дил боз мешавад, шеър мерезад ва пас аз ин шоир боз гумон мекунад, ки бо ӯ дигар ин гуна ҳолат рух нахоҳад дод. Ҳамин тавр ки бошад, дигар шеър ҳам намегӯяд, зӯрӣ ба зӯрӣ шеър гуфта наметавонад.

Ва хуб аст, ки наметавонад.

Хушбахтона, ҳар сари вақт дили шоир шубҳаи дигар шеър гуфта натавонистани ӯро ботил мебарорад. Ва зебоӣ эҷод мешавад...

Пас шоир боз ба шубҳа меафтад ва боз дил кори худро мекунад ва як умр ҳамин тавр...

**Соли 1976**

## ШОИРИ МУМТОЗ

Бачаҳои азиз, шумо медонед, ки шоиру нависандагон аз рӯи мавзӯи эҷодиёташон гуногун мешаванд. Баъзеи онҳо аз даврахои аввали ба навиштан сар карданашон барои бачаҳо асарҳо эҷод мекунанд ва ин корро тамоми умр давом дода, ҳамчун шоири бачаҳо шинохта мешаванд, баъзеи дигарашон, ба ин кор дар як давраи муайяни эҷодиёташон рӯ меоваранд. Аммо муҳимии масъала дар он нест, ки шоиру нависандаи бачаҳо як умр асарҳо навиштааст ё не, балки дар он аст, ки ӯ барои бачаҳо чӣ гуна асарҳо навиштааст? Агар ӯ асарҳои хуб навишта бошад, бачаҳо ӯро зуд шоир ва нависандаи худ шинохта, ба асарҳои ӯ дил мебанданд.

Аминҷон Шукӯҳӣ ҳамин гуна шоир ва нависанда буд. Вай барои бачаҳо асар навиштанро дар охирҳои умраш сар кард. Ва инро ҳам гӯё тасодуфан ба ҷо овард. Ман бо Аминҷон Шукӯҳӣ шиносоии наздик доштам ва рӯзе аз он кас савол кардам, ки аз кадом вақт сар карда барои бачаҳо асар навиштаанд. Он кас ба ман тақрибан чунин ҷавоб доданд, ки ман шеърҳои аввалини бачагонаамро хеле дер, вақте ки се фарзанд доштам, барои писари хурдиам

[5] Маҷаллаи «Садои Шарқ» дар назар аст, ки муаллиф дар он хидмат мекард.

навиштаам, на барои чоп кардан. Як вақт бинам, ки ҳамаашро аз ёд кардаасту мехонад. Пас, ба хулосае омадам, ки агар бача онро аз ёд карда бошаду хонад, онҳоро чоп кунонидан мумкин аст, то дигарон ҳам хонанд. Ҳамин тавр, ман онҳоро ҷамъ кардам ва нахустин китобчаи шеърҳои бачагонаам бо номи «ИЛ-18 омад» тайёр шуда, ба дасти бачаҳо расид.

Дар ин нақли Аминҷон Шукӯҳӣ як нуктаи бисёр муҳим ҳаст. Шоир ва ё нависанда, агар хонандаи худро дар пеши назараш бинад, фикру ақидаи вайро донад, завқашро пай барад, барои ӯ асарҳои хуб навишта метавонад. Аминҷон Шукӯҳӣ тамоми асарҳояшро барои бачаҳо бо қонеъ кунонидани ҳамин талабот навиштааст ва яке аз сабабҳои маҳбуби хонандагон шудани асарҳояш дар ҳамин мебошад.

Вақте ки ин нахустин маҷмӯаи шеърҳои бачагонаи шоир аз чоп баромад, Аминҷон Шукӯҳӣ шоири машҳуру маъруф ва муаллифи чандин китобҳои шеър барои ҷавонон ва калонсолон буд. Шеъри аввали шоир «Ба Октябри аъзам» 7-уми ноябри соли 1942 дар газетаи «Стахановчӣ», ки он вақтҳо дар Ленинобод нашр мешуд, ба чоп расида буд. Китобчаи «ИЛ-18 омад» соли 1968 чоп шудааст. Маълум аст, ки дар ин муддат шоир асарҳои бисёре навиштааст ва онҳо дар байни халқ шӯҳрат ёфта, ӯро ҳамчун эҷодкори мумтоз овозадор кардаанд. Махсусан, маҷмӯаҳои «Сурурди чашмасор», «Ватани сулх», «Рӯзҳои мо», «Садои дил» ва достони «Кӯчабои ошиқон» бо шеърҳои самимӣ, ки саршори муҳаббати бепоён ба халқу Ватан, ба ҳаёту зиндагӣ ва ёру диёр буданд, дар байни хонандагон маҳбубияти сазовор доштанд.

Аминҷон Шукӯҳӣ баробари шеър наср ҳам менавишт. Вай ин корро аз навиштани мақолаҳо, очеркҳо барои газета сар карда, минбаъд ҳикояҳои лирикӣ ва асарҳои калонҳаҷми насрӣ ҳам навиштааст. Повести бо ҳамқаламии Ҳилолиён Аскар навиштаи вай «Шаҳло ва Шифо» дар бораи ду хоҳаре, ки яке ба таъсири хурофоти динӣ афтода, дар ҷавонӣ ҳалок мешавад ва дигаре, баръакс, ба ин ақидаҳо пушти по зада, хонда духтур мешавад ва дар зиндагӣ бахти худро меёбад, хеле таъсирбахш ҳикоя мекунад. Ин ду муаллиф повести дигаре – «Имзои шахсӣ»-ро низ ҳамроҳ навиштаанд, ки дар бораи ҳаёт ва фаъолияти яке аз сарварони ҳаракати колхозӣ, ду карат Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, раиси колхози калонтарин дар шимоли Тоҷикистон Саидхоҷа Ӯрунхоҷаев нақл менамуд. Онҳо минбаъд ин мавзӯъро инкишоф дода, романи «Печутоби роҳҳо»-ро эҷод кардаанд, ки дар он ҳиммати шахсӣ, кори ҷамъиятӣ, гардишҳои зиндагии қаҳрамонро муфассалтар ба тасвир кашидаанд.

Аминҷон Шукӯҳӣ аз ҳаёти духтарон боз як повести бисёр ҳам мароқангез иншо кардааст, ки он «Парии ҷазира» мебошад. Симои яке аз қаҳрамонҳои марказии он Азиза, ки баъди хатми мактаби миёна ба кори колхоз камар баста, дар мактаби механизаторчиён хонда, механизатор мешавад, барои ҷавонон бо мушкилнописандӣ ва фаъолиятмандии худ ибратомӯз аст. Ҷавонон метавонанд ба Азиза пайравӣ кунанд, зеро вай духтари ростгӯю росткор ва меҳнатдӯсту далер аст, ки ба мақсадаш мерасад.

Баъд аз нашри китоби шеърҳои бачагонаи «ИЛ-18 омад», Аминҷон Шукӯҳӣ барои кӯдакони синну соли гуногун – томактабӣ, мактабӣ боз шеъру қиссаи шавқоваре навишт, ки онҳо ашъори маҷмӯаи «Баррачаи гурезпо» ва повестҳои «Об аз куҷо меояд» ва «Асад ва Самад» буданд.

Повести аввал дар бораи ду ҷӯраи ҳамсинну сол - Асад ва Самад, ки бачагони шӯх, кунҷков буда, имсол бояд ба мактаб раванд, нақл мекунад. Онҳо қад-қади ҷӯи об, ки аз ҳавлиашон мегузарад, мераванд, то ба сари об расанд ва нависанда воқеаҳоеро, ки дар ин роҳ ба ҷӯраҳо рӯй медиҳад, бо шӯхӣ ва зарофат ба қалам меорад. Повести дубм дар бораи чӣ хел ба

мактаб рафтан ва дар синфи як хондани онҳо ҳикоя мекунад. Ҳар дуи ин повест ба бачаҳо бисёр писанд афтод ва ба забонҳои дигари халқҳои шӯравӣ, аз ҷумла ба русӣ, украинӣ, эстонӣ тарҷума шуд.

Аминҷон Шукӯҳӣ шоири суруднавис ҳам буд. Бисёр таронаҳои ӯро ҳоло ҳофизони тоҷик месароянд. Вай барои таронаҳои дилчаспаш Лауреати Мукофоти давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ шуда буд.

Шеъру таронаҳои ӯ дар маҷмӯаҳои «Нафаси гарм», «Арзи қалам», «Чормағз» ҷамъ оварда шудаанд. Онҳоро дар ду ҷилдаи мунтахаби асарҳои Аминҷон Шукӯҳӣ низ пайдо кардан мумкин аст.

Асарҳои Аминҷон Шукӯҳӣ чи назм ва чи наср ба забони русӣ ва дигар забонҳо тарҷума шуда, мақбули хонандагони сершумори кишвари паҳноварамон гаштаанд.

Аминҷон Шукӯҳӣ, ки моҳи ибни соли 1923 дар деҳаи Рӯмони ноҳияи Хуҷанд ба дунё омада буд, имсол ба 60 медаромад, аммо ӯ соли 1979 аз олам даргузашт. Ӯ дар давоми умри кӯтоҳаш дар вазифаҳои бисёр ҳам масъул – муҳаррири газетаи «Тоҷикистони советӣ», ҷонишини раиси правленияи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, Раиси Комитети давлатии телевизион ва радиошунавоии республика шуда хизмат кардааст.

Ӯ унвони Коркуни Хизматнишондодаи Маданияти Тоҷикистонро дошт ва бо чандин ордену медалҳои олиқадри Ватан мукофотонида шуда буд. Аминҷон Шукӯҳӣ солҳои сол Депутати Совети Олии республика ва узви КМ Партияи Коммунистии Тоҷикистон буд.

Имрӯз ҳам, ки хонандагон асарҳояшро мехонанд, мардум таронаҳояшро мешунаванд, шумо, бачаҳо асарҳояшро ба даст мегиред, Аминҷон Шукӯҳӣ бо мост, умри ӯ дар муҳаббати мо ба асарҳои ӯ давом мекунад.

**Соли 1983**

## ХОТИРАИ АМИНҶОН ШУКӮҲӢ

Адабиёти муосири тоҷик талафоти калон дод. 17 маи соли 1979 диле аз тапиш монд, ки гарми орзую ҳавасҳо ва лабрези меҳру садоқатҳо буд. Ин дил дар давоми 56 соли тапишҳо чи қадар ашъори диловез гуфт, чӣ қадар таронаҳои ширин хонд, чӣ қадар ҳикоят ва қиссаҳои намакин пардохт.

Ҳар боре ки мо номи ӯ – Аминҷон Шукӯҳиро ба забон мебарем, аз он гӯё насими навбаҳорие вазида, рӯҳи моро навозиш карда мегузарад ва ҳоло ҳаргиз бовари кас намеояд, ки соҳиби ин ном худ абадан аз олам даргузашта бошад. Ҳазор афсӯс, ки ин хабари талх рост аст.

Имрӯз баҳор аст. Дарахтоне, ки тирамоҳи гузашта баргҳои худро рехта, урён шуда буданд, ноаён баргҳои тоза бароварданд, сабз шуданд. Рехтан ва боз сабз шудани баргҳо ноаён мегузарад. Инсон ин тавр нест. Дар омадани ӯ механданд, дар рафтани ӯ мегирянд. Агар инсоне, ки меравад, асил бошад, ин гиря садчанд талх ва ҷонгудоз мешавад. Аминҷон Шукӯҳӣ инсони асил буд.

Мо, як силсила ҷавонон, ба ӯ такя мекардем ва намедонистем, ки худи ӯ ба чӣ такя дорад, аммо ӯ ба монанди ҳар эҷодкори асил ба қаламаш такя дошт, танҳо ба қаламаш. Ин қалам то лаҳзаҳои вопасин дар дасташ буд ва ба ӯ хидмат ва такягоҳӣ кард.

Рӯзи вафоташ, 17 май, дар рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ» мақолаи мурожиатии ӯ «Ноз ва ирода», ки аз селу боронҳои имсола ва иродаи матини деҳқонони тоҷик сухан мегуфт, чоп

шуд. Нафаси охирини шоири зинда дар ҳамин мақола дарҷ шуд, вай онро навишта тамом кард ва пас аз нисфирӯзӣ барои боз бори дигар хонда таҳрир кардан нишаст ва афсӯс, ки ин нишастани охиринаш видоӣ бо дастгоҳи шоирӣ буд. Вай нишасту аз ҳуш рафт ва се шабонарӯз дигар дар бемористон баҳушу беҳуш хобид...

Онҳое, ки қалам доранд ва менависанд, медонанд, ки ин чӣ меҳнати пурмашаққатест ва акнун бояд бидонанд, ки Аминҷон Шукӯҳӣ то лаҳзаҳои охирини ҳаёташ бо чӣ меҳнати пурмашаққате машғул буд. Вай дар дами охирини ҳаёташ ғами деҳқони тоҷик, ғами пахтаи мо, ғами республикаро мехӯрд. Вай дар ҳамин мақолааш навиштааст: «Моро партияи бузурги Ленин чунин тарбия кард, ки ҳама вақт ва дар ҳама ҷо соҳибирода бошем. Ҳамин ирода ҳаст, ки мо аз мушкилиҳо наметарсем». Инҳо охирин суханоне буданд, ки пеш аз марг навишта шудаанд. Самимияти онҳо бояд худ аз худ маълум бошад. Суханони дами марг меъёр ва қадру қимати махсус доранд. Боз таваҷҷуҳ кунед ба як ҷумлаи мақолаи номбурда: «Одам ҳам фарзанди табиат аст. Табиат ба модаре монанд аст, ки гоҳе қаҳру ғазаб мекунад, лекин умуман меҳрубон аст». Барои исботи меҳру муҳаббати беандозаи шоир ба табиат, ба мардум аз ин суханони самимитаре пайдо кардан муҳол аст. Аммо ин бор табиати меҳрубон ба шоири нозукдили мо Аминҷон Шукӯҳӣ ва ихлосмандони шеъри ӯ сахт номеҳрубонӣ кард.

Соати ёздаҳуними рӯзи душанбе (14 май) писари калонии шоир ба ман телефон карда, гирёолуд гуфт, ки шаби гузашта аҳволи падарам бад шуд, ба беморхона овардем. Тамоми шаб баҳушу беҳуш буданд. Номи Шуморо бисёр мегирифтанд. Шояд гапе доранд...

Ман худи ҳамон дам расида рафтам. Дар ҳоле, ки ба ҳуш омаданд, хоҳиш карданд, ки ҳамон мақоларо ба идораи рӯзнома расонам, илоҷаш бошад, бо радио ҳам шунавонанд, дар ин шабу рӯз зарур. Чӣ ҷои сухан ва шарҳу баён, ӯ ба мо ҳамеша тимсоли коммунисти содиқ, ҷонфидои хизмати халқу Ватан буд. Аз ҳар сурудаи ӯ гармии дил, меҳру муҳаббати беназир, самимияти амиқе ҳис мешавад. Аввалин ва охирин меҳре, ки дар синаи ӯ макон дошт, меҳри Ватан буд. Меҳри Ватан барои ӯ ҳама чӣ буд ва ӯ шоирияшро ҳам аз шарофати ҳамин меҳр медонист. Ӯ худ чунин гуфтааст:

*Ба ман ишқи Ватан илҳом бахшид,*
*Вагарна ман куҷою шеър гуфтан?!*

Духтур ишораи баромадан кард. Об дар чашм баромадам. Дигар се рӯзе, ки мерафтам, ёрои сухан надоштанд. Эҳтимол, бисёр чиз гуфтанӣ буданд.

Аминҷон Шукӯҳӣ бисёр чизҳои гуфтанияшро гуфт, шеърҳояш аз забон ба забонҳо гузашта, таронаи марум шуданд, дар дилҳо нишаста, савганди садоқат гаштанд. Вай зиндагии худро дар роҳи садоқати халқ, Ватан сарф кард ва шеъри ӯ, ҳикоя, роману повестҳои ӯ, ки инъикоси вуҷуди ӯ буданд, ин хизматро давом медиҳанд. Дили гирёни моро фақат ҳамин умеди дурахшон тасалло медиҳад.

Рӯҳат шод бод, шоир ва инсони азиз!

**Майи соли 1979**

## ШЕЪРИЯТИ ИЛМ

Ман ин шахси муҳтарамро, ки дар бораи ӯ сухан рондани ҳастам, нисбат ба бисёрии онҳое, ки имрӯз ба танқиду адабиётшиносии тоҷик машғуланд, шояд камтар шиносам ва камтар донам. Эҳтимол онҳое, ки ӯро хуб ва беҳтару бисёртар мешиносанд, дар бораи ӯ суханҳои гуфтанӣ бисёр доранд ва чизҳои арзанда навиштанашон мумкин аст. Вале ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, ман қалам ба даст гирифтам ва маълум мешавад, ки дар ин шахс чизеро мебинам ва ҳис мекунам, ки маро дар бораи ӯ водор ба навиштан мекунад.

Чӣ чиз аст ин? Агар ба як сухан гӯям:

- Одамият!

Ва агар батафсил гуфтанӣ шавам, саҳифаҳои бисёр даркор аст.

Эҳтимол дар бораи олими адабиётшинос суханро аз сифати инсонии ӯ сар кардан ба назари баъзеҳо аҷоиб намояд. Аммо, биёед, як фикр мекунем, ки бузургон адабиётро инсоншиносӣ гуфтаанд. Агар адабиёт инсоншиносист, пас илми он илмест дар бораи инсоншиносӣ. Пас, оё метавонад касе, ки худ инсони пок набуда, сиришташ аз одамият ба ҳам наомада бошад, ба илми инсоншиносӣ шуғл варзад ва дар он хизмати шоистае карда бошад? Муҳол аст. Агар шуғл варзад ҳама шуғлаш барабас хоҳад буд.

Одамият. Ин на аз он сифатҳои инсонист, ки онро дар натиҷаи тарбия ба пайдо оварда мешуда бошад. Мазраи одамият хилқати инсон аст. Ман ин фазилатро дар ҳар мақола, дар ҳар асаре, ки ӯ дар давоми панҷоҳ соли умраш навиштааст, мебинам ва ҳис мекунам. Воқеан, ӯ панҷоҳсола шудааст.

Чӣ тавр гузаштани бачагии ӯ ба ман маълум нест, вале як ҳикояи ӯро дар хотир дорам. Вақте ки устод Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик» - ро тартиб медодааст, ба Бухоро, ба китобхонаи падари ӯ – Садри Зиё меояд, ки бо он кас шиносоии дерин дошт. Пас аз анҷоми корҳояш устод Айнӣ аз Садри Зиё хоҳиш мекунад, ки дар ҳамин китобхонаи ӯ ҳамроҳ сурат гиронанд, ки ин кор он вақт дар Бухоро нав расм мешуд. Онҳо сурат мегиронанд ва дар ин сурат писарчаи якуним – дусола низ инъикос шудааст, ки китоберо маҳкам доштааст. Шояд китоб дар хурдӣ асбоби беҳтарини бозии вай буд. Он писарак имрӯз Муҳаммадҷон Шукурови панҷоҳсола, олими муътабар, доктори илми филология, муаллифи як силсила асарҳои пурбаҳои танқиду адабиётшиносӣ ва таърихи адабиёт аст.

Ҳоло ӯ олими маъруф, он вақт тифли маъсум буд. Он тифл нигоҳҳои нарм ва чашмони меҳрубон дошт. Дар синаи ӯ дили шоиронае мезад. Вай ба шеър дил дода буд, орзу дошт, ки шоир шавад, вале шеъре нагуфт ва бо вуҷуди ин меҳри шеърро дар дилаш бештар мепарварид ва ба ҳамешагӣ нигоҳ медошт. Шеър ҳоло дар чашмони ӯст, нигоҳҳои ӯ шеърҳои ҳалимонаанд. Ва маҳз дар бораи шеър будани нахустин мақолаи танқидии ӯ ҳам бесабаб нест. Ӯро қисмати на сабуктар, вале дурахшону мушкилтари дигар дар пеш буд. Вай аз ин роҳ қадам бардошт.

Ба санад ва санаҳои тарҷумаи ҳолаш назар меафканем. Соли 1945 факултети адабиёти Институти педагогии Душанберо хатм карда, дар Институти муаллимии Кӯлоб ва баъд дар Институти педагогии ба номи Шевченко аз фанни адабиёт дарс мегӯяд. Соли 1951 аспирантураи ҳамин донишкадаро тамом карда, ба Институти забон ва адабиёти АФ РСС Тоҷикистон ба сифати ходими илмӣ ба кор медарояд.

Соли 1955 дар Институти шарқшиносии АФ СССР дар мавзӯи «Хусусиятҳои ғоявию бадеии «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ» диссертатсия ҳимоя карда, ба унвони номзади илми филология соҳиб мешавад.

Аз соли 1959 ин ҷониб мудири сектори адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ аст ва соли 1971 боз дар ҳамон Институти шарқшиносии мазкур дар мавзӯи «Масъалаҳои жанр ва услуб дар насри муосири тоҷик» диссертатсияи докторӣ ҳимоя мекунад.

Ин аст муҳимтарин санаю санадҳои панҷоҳ соли умри ӯ.

Танқиди адабӣ як хусусияти муҳим дорад, агар он эҷоди ҳунари асил бошад, ба ҷараёни адабӣ меомезад ва бо ин гӯё як андоза ба назар нонамоён мегардад. Асарҳои Муҳаммадҷон Шукуров кайҳо, аз нахустинҳояш сар карда, ҷудо аз ҷараёни адабӣ вуҷуд надорад, ба он омехта, ба вай таъсир кардаю таъсир бардошта як шудааст.

Ҳар боре ки ягон мақолаи Муҳаммадҷон Шукуров чоп мешавад, ман бисёрҳо тахмин кардаам, ки аҳли адаб ва рафиқони ман «Мақолаи Шукуровро хондӣ» гӯён савол мекунанд ва пас аз ин қариб ҳеҷ вакт «чӣ хел?» гӯён намепурсанд. Барои онҳо сифати он худ аз худ маълум аст. Аз аҳли адаб онҳое, ки аз доираи саволи «чӣ хел?» берунанд, хеле каманд ва махсусан, дар пешаи танқиду адабиётшиносӣ. Ин як навъ эътирофи ҳунари асил аст.

Шукуров пеш аз ҳама олими адабиётшинос аст, олимест, ки муҳимтарин масъалаҳои адабиёти муосирро мавриди андешаҳояш қарор медиҳад. Реализм ва романтизм, таносуби онҳо дар адабиёти имрӯз ва эҷодиёти нависандагони ҷудогона, ки дар як силсила мақола ва асарҳои ӯ мавзӯи таҳлилу таҳқиқ мебошад, яқинан бузургтарин масъалаи адабиётшиносии муассир ба шумор меравад. Вай аввалин муҳаққиқе буд, ки дар бораи «ҷараёни романтикии услуб» дар эҷодиёти устод Айнӣ, Икромӣ ва «ҷараёни услубии реализми сирф» дар асарҳои Улуғзода, Толис ва дигарон сухан ба миён овард. Ин маҳсули тадқиқоти амиқ буд.

Дар асари консептуалии ӯ «Диди эстетикии халқ ва насри реалистӣ» ин масъала дар эҷодиёти саромадони насри советии тоҷик ва нависандагони ҷавон аз паҳлуҳои гуногунаш, шаклу услуб, забон ва диду бофт ба андеша гирифта мешавад. Ӯ ҷараёни зинда будани адабиётро хеле хуб ҳис мекунад ва бинобар ҳамин ҳам як нависандаро маҳз ба ин ё он ҷараёни услубӣ абадан мансуб надониста, ҳар як асари ӯро ба таври конкрет таҳлил карда, дар кадом ҳолат боло гирифтани ин ё он ҷараёни услубиро муайян менамояд.

Муаллиф дар ин асар ҳангоми таҳлили эҷодиёти ин ё он нависанда бо рӯҳи он меомезад ва тамоми гармии дили ӯро дар худ ҳис мекунад ва ниҳоят он гармиро ба вуҷуди мо ҳам гузаронида метавонад. Ин китоб саршори шеърияти андешаю ҳиссиёт аст. Муаллиф боби «Бадеҳагӯй» - и қисми дуюми «Дохунда» - ро, ки дар он тасвири табиати кӯҳсор омада аст, бо чунин суханҳо таҳлил мекунад.

«Тамоми ин пора пур аз садост. Ҳангоме ки онро мехонем, на фақат манзараро мебинем, балки овозҳои гуногунеро мешунавем. Аз калимаҳои «мурғони хушилҳон», «нағмасароӣ ва ғазалхонӣ», «ҷастухез», «шилдир-шилдири оҳангдор», «мурғони нағматироз» мусиқии форами кӯҳсор ба гӯш мерасад». Ва ё зуҳури образҳои Шамсияву Ҳамрохонро дар «Духтари оташ» ва «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро» - и Икромӣ чунин тафсир мекунад: «Инҳо образҳои шоиронаи баландпарвозе мебошанд, ки дар сарзамини назми олӣ, дар Шарқи шеърпарвар, дар Бухоро барин шаҳре, ки аз давраи Сомониён дар сари гаҳвораи шеър ҳамеша шабзиндадорӣ кардааст, ба вуҷуд омада метавонистанд».

Дар ин ҳолатҳо ман чунин дармеёбам, ки инҳо ҳамон шеърҳои ногуфтаи олиманд, ки дар сурати таҳлил фурӯ рехтаанд.

Илм шеърияти хосаи худро дорад, ки дар мавзунии фикр, мустаҳкамии мантиқ, амиқии андеша ва гуфтори батааннӣ ифода мегардад. Ин шеърияти мушкилтар аст ва, хушбахтона, онро дар ҳар асари Муҳаммадҷон Шукуров пайдо метавон кард. Масалан, дар тадқиқи ҳамон ҷараёни услубии реализми сирф дар эҷодиёти Улуғзода, Толис, Муҳаммадиев ва дар мақолаҳое, ки оид ба тасаввуроти халқ ва халқияти адабиёт, моҳияти замон ва худшиносии жанрҳои таърихӣ ва тарҷумаи ҳолӣ, тадқиқи бадеии воқеияти имрӯза ва дар бисёр асарҳои ӯ, ки аз

масъалаҳои муҳим ва мураккаби адабиёти муосир баҳс мекунанд, ҳамин гуна шеърияти амиқи илмӣ фаровон аст. Онҳо бо ҷамъбастҳои фарох ва хулосаҳои амиқ имтиёз доранд.

Ҳоло тасаввури халқ, ба адабиёт, на фақат чун ашёи тасвир, рӯз то рӯз бештар дохил мешавад, он балки чун меъёри баҳо низ арзи вуҷуд мекунад. Олими муътабар ин хусусиятро на танҳо дар эҷодиёти Фазлиддин Муҳаммадиев барин адиби маъруф ва махсусан, дар ҳикояи ӯ «Рӯзи дафни усто Оқил» аён менамояд, балки ӯ ҷилваҳои тозаи онро дар эҷодиёти нависандаи ҷавон Саттор Турсун нишон дода, аз ӯ ҳам бо меъёри ягонаи адабиёт, чун аз нависандаи баркамол, инъикоси ҳамаҷонибаи онро талаб мекунад.

Дар ин ҷо як хусусияти дигари мақолаҳои танқидии олим намудор мешавад. Ӯ аз ҳар нависанда, ҳам аз пир ва ҳам аз ҷавон, ба меъёри бузургон асар талаб мекунад ва бинобар ин танқидаш ҳам як навъ эътирофи истеъдоди адиб аст, ӯро намеранҷонад, дилшикаста намекунад. Бисёр ҷавонон дар танқиди адабии мо нахустин бор аз тарафи ӯ шинохта ва эътироф шудаанд ва дар тақдири нависандагии онҳо саҳми Муҳаммадҷон Шукуров кам нест.

Вай дар ҳар асар ва дар ҳар адиб пеш аз ҳама сифатҳои беҳтаринашро меҷӯяд, танқидаш ба воситаи таҳлил ба қалам меояд ва ҳаргиз танқид ба хотири танқид нест.

Чашмандози Муҳаммадҷон Шукуров чун олими адабиётшинос ва чун мунаққид, чун луғатдон ва чун забоншинос, чун муаллифи китобҳои дарсӣ ва чун таҳиягари фолклор хеле фарох аст ва ман ба сабаби фаро гирифта натавонистани он дар ин ҷо аз тавзеҳаш худдорӣ мекунам. Вале як хусусияти онро қайд кардан зарур аст; ӯ дар бораи чизе, ки нависад, бо шавқи комил ва ҷиддияти махсус, бо дониши амиқ ва огоҳии пурра менависад.

Ӯ, то имрӯз, аз тақризу мақола сар карда, то фасли китобҳои илмӣ ва асарҳои проблемию консептуалӣ қариб 200 номгӯй асар эҷод кардааст. Ва тамоман табиист, ки на фақат ӯ ин асарҳоро эҷод мекард, балки онҳо ҳам дар навбати худ ӯро эҷод мекарданд, дигар менамуданд, ба камолот мерасониданд. Дар мисоли ӯ ба хубӣ дидан мумкин аст, ки эҷодкор бо асарҳои худ чӣ тавр ба камолот мерасад. Инро аз нахустин мақолаи ӯ «Қувваи дӯстӣ», ки соли 1945 чоп шуда буд, то асарҳои дигари ӯ «Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад», «Анъана, халқият ва маҳорат», «Паҳлуҳои тадқиқи бадеӣ» мушоҳида кардан мумкин аст.

Дар ин ҷо ман кӯшиш намекунам, ки бисёр асарҳои ӯро ном барам, масъалаҳои муҳимеро, аз қабили анъанаю навоварӣ, фаъолияти анъанаҳо дар замони ҳозира, ташаккул ва гуногунии услубҳо, масъалаҳои маҳорат, сухан ва тарзи баёнро, ки дар онҳо ба миён гузошта, таҳлил ва таҳқиқ карда мешаванд, ба андеша гирам. Онҳоро ҳар кас ба такрор хонда, аз онҳо нуктаҳои тоза ва барои имрӯз заруриро пайдо карда метавонад, онҳо кӯҳна нашудаанд. Ин саодат на ба ҳамаи асарҳои танқиду адабиётшиносӣ насиб мешавад. Тозагии асар ҷавонии муаллифи ӯ ҳам ҳаст.

Дар ҳақиқат, ман муаллим Мӯҳаммадҷон Шукуровро бо тамоми хирадмандӣ ва солориаш хеле ҷавон мепиндорам ва аз ҳалқаи рафиқони ҳамсинну соли худ берун намедонам. Ва боз мебинам ва медонам, ки ҷавонон ба тарафи ӯ бисёр кашида мешаванд. Ҷавонӣ ба тарафи ҳар кас майл намекунад. Ин ҳам саодати камназир аст.

Ман аз рӯи вазифа бо дастнависи бисёр мақолаҳо, ки дар маҷаллаи «Садои Шарқ» чоп мешаванд, шинос мегардам ва баъзан худро дар сари чунин фикр дармеёбам, ки муаллиф кӯшиш карда истодааст мақолаашро бо ибораҳои зебо ва илминамо оро диҳад. Ин чиз зуд ба чашм мехӯрад, пас ман ба фикр меравам, ки чаро дар асарҳои Муҳаммадҷон Шукуров, ки ҳама алҳақ бо забони шево ва зебои илмӣ эҷод шудаанд, боре ҳам кӯшиши маҳз зебо ва ё илминамо сухан гуфтани ӯро ҳис намекунам. Барои он ки дигарҳо кӯшиши бисёре ба кор мебаранд, ки

зебо нависанд, барои Шукуров бошад ин кор табиист. Чизе ки табиист, чун ҳусни барзиёд ба назар намехӯрад. Сухани шевои ӯ дар рӯдхонаи фикри амиқ ва пурдомана ҷараён мекунад.

Шояд ин ҳам яке аз он сабабҳое бошад, ки асарҳои ӯ мақбули хонандагони бисёранд, ҳол он ки онҳо асарҳои амиқи илмианд ва аз рӯи тасаввури мо бояд хонандагони камтар дошта бошанд.

Ҳар боре ки ба идораи журнали «Садои Шарқ» ба унвони мақолаҳои Шукуров аз хонандагон бо изҳори ташаккур мактуб меояд, ман дутарафа, ҳам аз ҷониби муаллиф ва ҳам аз савияи баланди хонандаи оддии имрӯзаамон хурсанд шуда, худ ба худ меболам. Ва як бори дигар бо тамоми дилу ҷон эҳсос мекунам, ки дар илми танқиду адабиётшиносии мо Муҳаммадҷон Шукуров ҳамин гуна шахсест, ки бе ӯ инкишофи ин илм имрӯз ба ин дараҷа расиданаш гумон буд. Ва ба ӯ аз дилу ҷон, бо тамоми самимият ва эҳтиром мегӯям:

- Ташаккур барои илм, муаллими муҳтарам Муҳаммадҷон Шукуров!

**Соли 1976**

## ДӮСТИ МОСТ ШОИР[6]

Дӯсти самимӣ ва қарине пайдо кардан барои одам воқеаи ниҳоят хурсандибахш аст. Охир, дӯст агар дӯсти қарин бошад, дар рӯзи шодмоният шодӣ мекунад ва гоҳи ғам бароят тасаллибахш мешавад.

Мо аз сурудаҳои дилнишин ва ашъори намакини шоире чунин дӯст пайдо кардаем. Ин дӯсти қарин набзи дили моро мешунавад, завқу изтироби онро эҳсос мекунад, рози ногуфтаи онро бо суханони диловез ва савтҳои дилангез месарояд ва ба гӯши мардум мерасонад.

Бо ин гуна дӯсти соҳибсухан мо чанд сол боз унсият дорем ва дар гузашти моҳҳою солҳо ин дӯстии мо беш аз пеш мустаҳкам мешавад.

Ин дӯст дар шеърҳои аввалини шоир Мӯъмин Қаноат ба мо даст дода буд.

Дар аввалҳои соли 1959 дар маҷаллаи «Шарқи Сурх» якчанд шеъри шоир «Иди бахт», «Пири гулфурӯшон» ва «Кӯҳи Маъшуқ» чоп шуд, ки аз соҳибистеъдодии ӯ пайғом медод. Баъдтар маҷмӯаи аввалини шоир «Шарора» нашр гардид, ки ин маҷмӯа ӯро ба ниҳонхонаи дили шеърпарастон раҳнамоӣ кард. Дар он ғайри ашъори дар боло зикр шуда як қатор шеърҳои хуби шоир, ба мисли «Ленин аз мост», «Обаки шӯх» ва тарҷумаҳои ӯ гирд оварда шуда буданд. Ин шеърҳо бо тароват ва бозёфтҳои худ аз пешравӣ ва такомули эҷодии шоир гувоҳӣ медоданд. Мӯъмин Қаноат аз шеъре то шеъре пеш меравад ва табъи худро сайқал медиҳад. Агар дар баъзе шеърҳои «Шарора» носуфтагӣ, шаклпарастӣ ва норавшании фикр дучор шавад, дар маҷмӯаи дуюми ӯ «Ситораҳои замин» ин ҳодиса хеле кам ба назар мерасад. Як силсила шеърҳои ин маҷмӯа ба мардуми хоксору меҳнатдӯст, ба аввалин зани кайҳоннаворд Валентина Николаевна - Терешкова, ба занони муборизи роҳи озодӣ, ба модарони мушфиқу ғамхор бахшида шудааст. Ӯ дар шеърҳои «Модар», «Модар дод болаш» эҳсосоти наҷиби модариро суруда, пайвастагии меҳру муҳаббати модар ва модари замин – Ватанро дар симои зани кайҳоннаварди шӯравӣ инъикос мекунонад. Ӯ дар шеъри «Модар дод болаш», аз як тараф, қувваи фотеҳи фарзандони

[6] Ин мақола бо ҳамқаламии Аслам Адҳам навишта шудааст.

шўравиро бинад, аз тарафи дигар, модарро, модареро, ки инсоният дар пеши пои ў сари таъзим хам мекунад, васф менамояд.

*Фидои изтироби поки модар,*
*Ки ҳар мўъҷи(?)за тифли изтироб аст!*
*Сано бар ранҷу меҳнатҳои модар!*
*Бузургӣ зодаи шавқу азоб аст!*
(«Модар дод болаш»)

М. Қаноат дар он шеърҳо ҳисси меҳанпарастии занону духтарони тоҷикро месарояд ва ҷаҳони ботинии онҳоро мекушояд. Дар ин ҷабҳа ў равияҳои беҳтарини ашъори А. Лоҳутӣ, Ҳ. Юсуфӣ ва М. Турсунзодаро давом медиҳад.

*Ту дар ин саҳро миёни пахтазор*
*На баландию на шуҳрат кофтӣ.*
*Кор кардӣ аз дилу ҷон, хоҳарам,*
*Аз ҳамин пастӣ баландӣ ёфтӣ.*
(«Бузургӣ ва хоксорӣ»)

Шоир М. Қаноат ба сафар, ки баромад, мухлисони ашъори вай тўҳфаи наверо интизорӣ мекашанд ва шоир низ ҳар дафъа аз сафар ба мухлисони худ армуғонҳои нав ба нав меораду хотири онҳоро шод мегардонад.

«Силсилаҳои Карпат» пас аз сафари ў ба ноҳияҳои ғарбии Украина дар рўзҳои даҳаи адабиёти тоҷик ба миён омад. Дар ин силсилаи шеърҳо шоир табиати назаррабои Украина, букзорҳо, шаҳрҳо, деҳкадаҳо ва зиндагии мардуми украинаро тавсиф мекунад. Вай ба ҳодисоти зиндагӣ ва ба ҳар чӣзи дидааш бо чашмони шоир назар мекунад ва он чиро, ки ба мову шумо ноаён аст, ошкор месозад. Ба ин шеърҳои «Ассалом, Карпат!», «Романтика дар Ағба», «Корвони нур», «Руди Днепр – суруди Тарас» ва дигарҳо мисол шуда метавонанд.

Ин сафар баъдтар, дар соли 1964, достони лирикии «Мавҷҳои Днепр» - ро ба майдон овард. Достони мазкур аломати камолоти рўзафзуни шоир мебошад. Акнун шоир ба қаъри ҳодисаҳои рўзгор чуқуртар фурў рафта, моҳияти онҳоро мекушояд. Ин таҷрибаи зиндагӣ ва мушоҳидаи ҳаррўзаи ҳаёт дар шаклҳои дилписанд, бо суханони зебо ва эҳтироси баланд ифода мегарданд. Дар достон шоир мавҷҳоро, ки рамзи ҳаракату пешравӣ, рамзи ҷўшу хурўш мебошанд, дар маркази диққат мегузорад ва тавассути онҳо эҳсоси баланди лирикӣ ва афкори фалсафии худро баён мекунад. Шеърҳои «Мавҷи нур», «Мавҷ дар саҳро», «Мавҷи одамӣ», «Мавҷ дар пешонаи поки Тарас» ва «Мавҷҳои баробарӣ» порчаҳои зубдатарин аз ин достон мебошанд.

Шеъри лирикии хуб аз эҳсоси баланди дўстдорӣ, некбинӣ ва ё аз ҳисси баланди душманбадбинӣ сар мезанад. Ин фикр дар шеъри «Мавҷҳои бародарӣ» пурра тасдиқ мегардад. Чӣ хеле ки мунаққид Соҳиб Табаров дар яке аз мақолаҳои худ қайд мекунад: «Ин боб марсияи оптимистонае мебошад, ки бо мазмуну мундариҷаи худ аз бисёр марсияҳои адабиёти классикӣ ва ҳатто адабиёти ҳозираи тоҷик фарқ карда меистад».

Достони лирикии «Мавҷҳои Днепр» дар эҷодиёти М. Қаноат боби наве мебошад.

Мўъмин Қаноат дар офаридани шеърҳои сиёсӣ - иҷтимоӣ низ маҳорати калоне дорад. Барои он ки шоир дар байни мавзўъҳои сиёсӣ - иҷтимоӣ саргаранг нашавад, донистани таърих ва пешравии он, ҳис намудани набзи замон аҳамияти бағоятдараҷа бузург дорад. Маҳорати бадеӣ,

баёни образнок ва шакли дилчасп он шеърҳоро ба дилҳо наздик ва маҳбуб мегардонад. Шоир инро ба назар гирифта, афкори сиёсӣ - иҷтимоии худро бо суханҳои рангин ва пироҳани дилнишин ба хонанда пешкаш мекунад.

М. Қаноат ба барпокунандаи Партияи Коммунистӣ пешвои пролетариати ҷаҳон В. И. Ленин як даста шеърҳо бахшидааст. Аз ҷумла, дар шеъри «Ленин аз мост» баҳси кӯдаконро, ки ҳар яке Ленинро «Бобои ман аст» мегуфт, чунин овардааст.

*Ленин бобои ман аст...*
*Ана, на бобои шумост,*
*Сураташ рӯзу шаб овехта дар хонаи мост.*

Шоир Ленинро дар чеҳраҳои «корталабони музтару ҳайрон»-и қитъаҳои олам мебинад.

*Ҳар куҷо халқ ба озодӣ(?) камар мебандад,*
*Бахти оянда ба рухсораи он механдад,* -
*Ленин он ҷост...*
*Варо дар ҳама ҷо мебинам,*
*Дар дили халқ ба ӯ меҳру вафо мебинам.*

Аз ин қабил шеърҳои ӯ «Дасти пир», «Нури Ленин» ва «Дар паноҳи шохсорон» - ро номбар кардан мумкин аст.

Доҳии бузург дар рӯзҳои пурхатар аз душманони инқилоб дар Разлив паноҳ бурда, дар он ҷо бо ғайрати беҳамто ва ақлу хиради беназир навиштани асарҳои худро, ки ҳамчун обу ҳаво барои пролетариати ҷаҳон зарур буданд, давом медод. Сатрҳои ӯ мисли нурҳои офтоб зулматистони ҳукумати подшоҳиро мешикофтанд. Шоир ин лаҳзаи ҳаёти доҳиро, дар тамоми кураи сабз реша рондани афкори ленинӣ ва нумӯи далеронаи онро чунин ба қалам медиҳад:

*Ба рӯи кундаи тӯсе –*
*Асоси зиндаи тӯсе,*
*Ки дар қаъри замин ӯ решаҳо дорад,*
*Варақҳо зиндагонӣ дошт*
*Нумӯи ноаёне дошт,*
*Даҳо (доҳӣ бояд гуфт – А.Ҳ.) фикри ҷаҳоне*
*дошт дар ин ҷо.*
(«Дар паноҳи шохсорон»)

Дар як қатор шеърҳори М. Қаноат ҳисси ҳамраъии бародарона ба халқҳои нав ба роҳи револютсия дохил шуда, ба халқҳое, ки акнун ба роҳи сохтмони сотсиалистӣ қадам монда истодаанд, баён карда мешаванд.

Аз хондани ин гуна шеърҳо ҳисси муҳаббату дӯстдории ҳамзамонони мо нисбат ба халқҳои озодипарасти ҷаҳон қавитар ва оташи кину адовати онҳо ба зумраи хунхӯрон, душманони роҳи озодӣ фурӯзонтар мегардад.

Куба дар димоғаи Америка чун ханҷари ҷилодорест дар дасти халқи озодипараст. Рӯзҳои шадиди мубориза баҳри истиқлол занони кишвари асоратдида ба по хеста буданд. Шоир барои тасвири он рӯзҳои талоши озодӣ аз тани ҳамчун гули хеш хори дифоъ баровардани духтари кубагиро чунин тасвир мекунад.

*... Гарчи баҳри ҳифзи номуси ватан,*

*Дафъи душман ҳам дифои хештан.*
*Автомат ҳоло ба ӯ даркор буд,*
*Дар бари ӯ лек ҳамчун хор буд...*
*... Душманат бисёр, ёрат бешумор -*
*«Ҷои гул-гул бош,*
*ҷои хор – хор!»...*
(«Хоҳари Куба»)

Дар эҷодиёти М. Қаноат зуд - зуд ба таърих муроҷиат кардани шоир ҳис карда мешавад. Аз ин рӯ, бисёр шеърҳои вай асоси таърихӣ - иҷтимоӣ доранд.

Солҳои аввали Ҳокимияти Советӣ дар Тоҷикистон, аз ҳар гӯшаю канори мамлакат ба ин ҷо барои ёрӣ коммунистон - фарзандони босадоқати ҳизб меомаданд. Онҳо дар ободонии водии Вахш, сохтмони роҳи калони Помир, хулоса, дар ҳама ҷабҳаҳои сохтмони ҳаёти нав бо мардуми мо паҳлу ба паҳлу истода меҳнат мекарданд. М. Қаноат ин манзараро дар шеъри ба шоир Владимир Луговской бахшидааш («Давоми нек роҳатро») баён карда, дар шахси ӯ тамоми коммунистони собитқадам, бародарони халқи тоҷикро, ки дар он рӯзҳо барои маъмуру обод кардани кишвари тоҷик миён баста ба ин ҷо омада буданд, нишон медиҳад. Дар он рӯзҳо агарчи хонадони аз зери зулму истибдод баромадаи тоҷик харобу вайрона буд, аммо дили мардуми шеърпарасти вай аз чашмаи ҳикмат ва пандҳои Саъдӣ, аз ғазалиёти даҳрошӯби Ҳофиз, аз рубоиёти риндонаи Хайём ва достонҳои қаҳрамонии Фирдавсӣ тарабобод буд. Дар ҳар кулбаи вайронаи тоҷик андаруни гаҳвораи Рустам, зери сари набераи тоҷдори он девони Ҳофизу Камол буд

*Агар дар хонаи тоҷик тамоми чиз ночиз(?) буд,*
*Ба ҳар гаҳвора Ҳофиз буд ё девони Ҳофиз буд...*
*Агар бо шеъри Ҳофиз роз мегуфтӣ ба духтарҳо,*
*Ба шеърат мефуромад аз самои ҳусн ахтарҳо...*

Халқи тоҷик ёрии бародарони худро фаромӯш намекунад ва онро қадршиносӣ менамояд. Шоир аз забони мардуми тоҷик мегӯяд:

*... Аз он шабҳо,*
*Зи Кӯҳи Нор доим мерасад овоз,*
*Садои мардуми раҳсоз,*
*Садои шоири сарбоз...*
*Зимистон асту*
*Механдад ба ёди ту гули бодом,*
*Бубин Мирзои кӯлобӣ диҳад роҳи туро анҷом...*
*Дуои неки рӯҳатро,*
*Давоми нек роҳатро!*

М. Қаноат дар сурудани ашъори ишқӣ маҳорати баланде дорад. Дар ин гуна шеърҳои ӯ ишқ – азизаи одобу ахлоқи инсонӣ ва эҳсосоти наҷиби одамӣ бо назокат васф карда мешавад. Кӣ аз мутолиаи шеъри «Обшор» ба сурур намеояд?

*... Дорӣ ба ёд лаҳзае, он хуб манзаре,*
*К-омад ба об субҳдам он куртапарпарӣ.*
*Пои бараҳна рӯи гул он чӯҷаи парӣ.*

*Мӯи сиёҳ бар қади мавзун-чу обшор,*
*Чашме чу чашмаи сафо(?), рӯе чу навбаҳор,*
*Қадде ба мисли шаршара ларзону беғубор.*

*Гулхандае ме(?)карду гул(?) дар об мефиканд,*
*Тифле ба об гавҳари ноёб мефиканд*
*Сӯзе ба ҷони баччаи бетоб мефиканд...*

*... Рӯзе, ки чун ду соҳили дарё ҷудо шудем,*
*Дарё садо намудаю мо бесадо шудем.*
*Дар торҳои шаршара ҳар ду наво шудем...*

*... Эй обшор!*
*Боз биё дар канори ман,*
*Бинвоз он таронаро(?) чун ёдгори ман.*
*Боре намой сурати он навбаҳори ман!*

Дигар аз шеъри лирикии М. Қаноат «Марав, қуи сафеди ман!» мебошад, ки бо эҳтиросоти баланд ва табъи саршор суруда шуда, вирди забони шеърпарастон гардидааст.

*Навоҳо об мегардад,*
*Ба рӯи саҳна мерезад,*
*Садо аз мавҷҳои реза мехезад.*
*Ба нармӣ қуи зебое*
*Ба рӯи ҳавз обӣ шуд,*
*Ба пояш зарраҳо ҳавзи гулобӣ шуд.*
*Гаҳе аз нармрафторӣ*
*Гули дар об мегардад,*
*Гаҳе дар гирди худ гирдоб мегардад,*
*Гаҳе аз ишқ меболад,*
*Гаҳе хомӯш менолад,*
*Чӣ хомӯшӣ, ки ҳар мӯяш забон дорад...*

Хонандаи азиз, бо тамоми ҳастӣ мехостем он шеърро пурра орем, ки шумо рақси қуи сафедро дар миёни мавҷҳои булӯрини навоҳои дилангез тамошо кунед. Аммо ҳаҷми мақола имконият намедиҳад.

Бигзор, дили дӯсти мо – қаҳрамони шеърҳои шоир мисли рӯдҳои шӯхшанги кӯҳсор мавҷхез, мисли осмони ситоразори шабҳои тоҷикзамин малоҳатбор ва мисли шарораҳои чашмони розгӯ дурахшон бошанд.

**Соли 1966**

## ИСТЕҲКОМИ МАЪНӢ ВА СУХАН[7]

[7] Охирсухан ба китоби М. Қаноат. Сурӯши Сталинград. Тоҷикистон-исми ман. Достонҳо. Душанбе, Нашр. «Ирфон», 1979.

*Суханро вазну тамкини замин бояд,*
*Суханро қудрати ҷонофарин бояд,*
*Дили сарбозу мисли ту камин бояд,*
*Замини ман,*
*Ки дастони туро хонад.*

Чунонки суръатҳои баланд, суръати савт, суръати нур ва андозаҳои бузург ҳастанд, дар муҳити Замин камтар ва дар Кайҳон бештар, боз истеҳкоми бузурги ҷисмҳо ҳам ҳаст. Масалан, радифи ситораи Шабоҳанг, ки аз Замин ҳаҷман се баробар бузургтар аст, чунон истеҳкоми сахте дорад, ки ақл бовар намекунад. Истеҳкоми он нисбат ба об 30.000 маротиба бештар буда, барои кашонидани як қуттӣ гӯгирд ҷирми он як мошини боркаш зарур аст. Агар ангуштпонае аз ин ҷирм пур карда шавад, 30 кг вазн хоҳад дошт.

*Суханро вазну тамкини замин бояд, –*

ин мисраъро хонда ҳис мекунӣ, ки ҳамин гуна истеҳкоми сахт дар сухан ҳам воқеъ мешудааст ва, бешубҳа, шеър ва фақат шеъри олӣ қудрати чунин истеҳкоми сахти суханро дорад.

Истеҳком дар ҳамаи навъҳои ҳунар – меъморӣ, ҳайкалтарошӣ, рассомӣ, мусиқӣ ва шеър аз сифатҳои зотист ва дар ҳар яки онҳо бо роҳҳои гуногун ба даст оварда мешавад. Масалан, худи бунёди ҳайкалтарошӣ, чун ҳунар, бар истеҳком қарор гирифтааст. Чунонки ҳайкалтароши дунявӣ Огюст Роден дар бораи эҷоди яке аз ҳайкалҳояш мегӯяд, ӯ хоросангеро гирифт ва аз он ҳамаи зиёдиашро суда партофт, то ҳайкале эҷод шуд.

Бешубҳа, бо ҳар судани зиёдии хоросанг таносуби маъноиву зебоӣ ва истеҳкоми он меафзуд, то хоросанг ба маҳсули эъҷоз расид.

Мӯъмин Қаноат ҳам чанд хоросангро аз таърихи пурфоҷиаи набарди дусадрӯзаи Сталинград гирифт ва ба мақсаду мароми эҷодияш ба ҳадде суд, ки аз онҳо Матвей Путилов, Михаил Паникаху, Аҳмад Турдиев ва чанде дигарон барин пайкарҳои азамат ва мустаҳкаму ҷонфидо падидор гаштанд.

Сурату сирати ин пайкарҳои ҷовид хеле ҳам мутаносиб ва истеҳкоми сахти маънавию ахлоқӣ доранд. Бо вуҷуди он ки ин пайкарҳо харсангҳои азамат ҳастанд, онҳо сарду сангин нестанд, онҳо зиндаанд, дар ҳар рагу пайванди онон дили гарму меҳрборе метапад. Онҳо бо он қадар ҷасорату бебокӣ ва ба он қадар ба душман даҳшатноку ваҳмангез ва марговар буданашон фарзандони мушфиқу меҳрубон ва нармдили модар, обу хоки Ватан мебошанд.

Таваҷҷуҳ кунед, сурӯши якуми достон аз Замин аст, ки худро гаҳвораи инсон меномад, сурӯши дуюм аз Дарёст, ки он худро духтари замин мехонад ва Дарё – об – равонӣ – ҳама рамзи ҳаёт ва абадият ҳастанд. Сурӯши сеюм аз Маллоҳи Баҳри Сиёҳ аст, ки худро тифли дарё мегӯяд ва дар ҷудоӣ аз дарё хуморашро ба ранги кабуди осмон мешиканад. Сурӯшҳои дигар - аз Матвей, Аҳмад, Робиа, Момои Асал, Модарон – ҳама рамзи ҳаёт ва зиндагианд ва онҳо ҳамагӣ бо урдуи марг – вабои фашизм меҷанганд. Аз ин ҷиҳат достон рамзиёти фароху пургунҷоиш дорад, ки дар пайвастагии Замин, Дарё ва Инсон, ки бар муқобили марг бо силоҳи зиндагӣ меҷанганд, зоҳир мешавад.

Ғояи ғолибияти зиндагӣ бар марг дар ҳар боби ин достон баланд садо медиҳад, ки боби шашум, сурӯши Аҳмад Турдиев, яке аз нуктаҳои авҷи он мебошад, махсусан, ин байтҳо, ки дар онҳо тамоми даҳшату ваҳшонияти саҳнаи ҷанг – бо бомбҳои марговар ва ғуррришҳои

гӯшкаркунандаи даҳшатангез ба парвоз омадани тайёраҳои душман тасвир мешавад, ки онҳоро як садои тифли навзод, ки тимсоли бардавомии ҳаёт аст, мағлуб мекунад.

*Сафи тайёраҳо бори бало бар дӯш меояд,*
*Зи таҳхона нидои зиндагӣ бар гӯш меояд.*
*Садои тифли навзодончунон пурҷӯш меояд,*
*Ки аз фарёди ӯ тайёраҳо хомӯш меояд.*

Табиати офаридгор ба инсони ҳаётбахш пайваста аст. Ин ягонагии Инсону Табиат на дар зинаҳои аввали пайдоишаш, балки дар он пояи баланде, ки фалсафаи замон расидааст, яъне чун пайвастагии таърихии онҳо дарк карда мешавад.

Инсон дар ҷанг бо таърихи худ – бо гузашта, ҳозира ва ояндаи худ иштирок мекунад. Шубҳае нест, ки ягон ҷанги беадолат инсонеро, ки барои пуштибонии озодию адолат мубориза мекунад, мағлуб карда наметавонад. Захираи рӯҳию маънавии ин гуна Инсон аз ҳама гуна андозаҳо бузургтар аст.

Кӯшиши инсон ба адолат ва озодӣ ҷовидонист. Ин чиз дар сурати ҳаракати халқи тоҷик дар достони пуровози «Тоҷикистон – исми ман» суруда шудааст. Ин ҷо ҳам образҳо фарох, пургунҷоиш ва Модари Замин боз рамзи ҳаёту сабзиш буда, ҳамкори Инсони адолатпеша мебошад ва мегӯяд, ки «ҳар кӣ шамшер мекашад, ӯро шамшер мекушад».

«Тоҷикистон – исми ман» достони оратория, достони минбар, як таърихчаи шоиронаи халқ ва кишвари тоҷик мебошад, ки аз ҳоли танги тоҷикон дар хоку зери хокдон то нақши баланди осмонӣ расидани ин халқ нақш - нақш, пора - пора бо эҳсоси баланд гуфта шудааст. Ҳар пораи ин достон бо ҳуввияти баланди миллиаш арзишмандии волое дорад.

Ҳар дуи ин достон ҳамдигарро пурра карда, баландтар садо дода, дар дилҳои умум танин андохтанд, ки соли 1977 ба гирифтани Мукофоти давлатии СССР ноил гаштанд. Имрӯз шоири ин достонҳо Мӯъмин Қаноат яке аз шоирони машҳурест ва танине, ки аз истеҳкоми сахти маънию сухани ӯ бармеояд, танини садои қаҳрамонии халқ ва фирӯзии Ҳаёт буда, ҳамешагӣ дар гӯшҳо садо хоҳад дод.

P.S. Банда дар конфронси илмию адабӣ, ки Академияи Илмҳо ва Иттифоқи нависандагони кишвар рӯзи 20 май ба муносибати 85-солагии устод Мӯъмин Қаноат дар толори Академия Илмҳо баргузор карданд, маърӯзаи шифоҳие дар хусуси «Мақоми Мӯъмин Қаноат дар шеъри муосири тоҷик» арз кардам, ки ба рӯи коғаз оварданаш фурсати мусоид мехоҳад. Ҳоло ба мақоми шодбоши санаи мубораки умри устод, банда, ки дар бораи эҷодиёташон мақолаҳои бисёри муфассал навиштаам, ин мақолачаи кӯтоҳро, ки ҳамчун охирсухан, қариб 40 сол пеш аз ин, ба яке аз китобҳояшон навишта шуда, шояд имрӯз на ба ҳама дастрас бошад, ба хонандагон ба он хотир пешниҳод мекунам, ки бубинем, дар муддати ин солҳо, ба хаёли банда, ҳарфҳои ин мақолача ботил нагашта, ва арзиши асарҳои устод, яқинан, пила ба пила боло меравад, ки далели асолат ва мондагории онҳост.

***Бо арзи эҳтиром Аскар Ҳаким.***

## СИТОИШГАРИ ҚАҲРАМОНӢ[8]

[8] Рӯзномаи «Маданияти Тоҷикистон», соли 1981, 20 феврал.

**(Сухане аз эҷодиёти М. Қаноат)**

Писараке дар пушти пуштаҳои сабз чашм ба осмон «ҳумои моҳрӯ, моҳи ҳумору» гӯён бо хурсандӣ метохт. Болои сараш мурғи зебое болҳои сафедашро кушода, бо чунон оромӣ мепарид, ки гумон мекардед, бол намеафшонд. Писарак дар зери ӯ метохту мекӯшид, ки сояи он бо болои сараш афтад.

Аҷаб мурғи зебоест мурғи хумо. Мардум онро афсонавӣ, муқаддас медонанд ва мегӯянд, ки сояаш бар сари касе афтад, он кас хушбахту бадавлат мешавад.

Писарак он вакт, эҳтимол, маънои хушбахтию бадавлатии инсонро ба амиқӣ дарк намекард, аммо зери он мурғи зебо давидан, ки сояи он боре ба сараш афтад, барои ӯ кори аҷаб фараҳбахше буд. Ва ӯ ба сояи он мерасид ва на як бору ду бор...

Ҳоло шеъру достонҳои ӯ, ки шоири маъруфи мамлакати бузурги мост, аз расидани халқ ба хушбахтӣ, аз мубориза ва меҳнати доимии ӯ барои саодат, аз бақои одамии башарият ҳикоят мекунанд. Муборизони ин мақсадҳои наҷиби халқ ҳамеша беҳтарин, наҷибтарин, ҷонфидотарин фарзандони ӯ буданд, ки дар асри XX онҳо ҷойгоҳи муътабаре дар ҷомеа доштанд.

Шоирро модари як халқ ба дунё меорад, аммо ӯ фарзанди халқи дунё мешавад. Хушбахт аст модаре, ки чунин фарзанд дорад ва хушбахттар аст фарзанде, ки чунин модар дорад. Ҳоло беҳтарин шеъру достонҳои Мӯъмин Қаноат ба забони халқҳои дигар – инглисӣ, олмонӣ, фаронсавӣ, испонӣ тарҷума ва нашр шуда, ба дунё рафтаанд. Онҳо пораҳое аз таърих ва имрӯзи зиндагии халқи тоҷик ва халқҳои бародаранд, ки ҳақиқати ҳаёти моро бозгӯ мекунанд.

Ҳақиқати ҳаёти мо ҳақиқати сохти нави иҷтимоист. Ин ҳақиқати комил ва бузург аст, ки дар дӯстию бародарӣ ва  саодати халқҳо зоҳир мешавад. Шоир Мӯъмин Қаноат аз нахустин маҷмӯаи ашъораш «Шарора», ки соли 1960 ба табъ расида буд, то имрӯз ба тасвири паҳлуҳои гуногуни ҳамин ҳақиқати ҳаёти мо пардохта аст.

«Мавҷҳои Днепр» достони лирикие буд, ки пайванди тозаи халқҳоро дар замони нав, ёрӣ ва ҷоннисории онҳоро ба ҳамдигар бо  забони мавҷҳои дарё ва дилҳо ифода кардааст.

Мавҷи бунёдкорие, ки  аз ГОЭЛРО сар зада, дар рӯди Днепр чархҳои баркро гардонда буд, имрӯз ба Вахш расид ва чархҳои истгоҳи барқи обии Норакро ба ҳаракат оварда, користон ва чароғистони тозае ҳосил кард. Ин користон онҳоеро сохт, ки ҳамдостони ин боргоҳи нур буданд ва ин забардастони нурофарин боиси офаридани «Достони оташ» шуданд.

*Оби дарё аз дили кӯҳи бузург,*
*Чун ғами садсола, андӯҳи бузург,*
*Зад, баромад дар ҳаво,*
*Бо фиғону бо навои асрҳо.*
*Зарраҳои обу нури офтоб,*
*Васл шуд дар осмони нилтоб.*
*Чун шафақҳои гулоб –*
*Нури фардоро мунодии бузург,*
*Ҳамчу шодии бузург...*

Муҳимтарин хусусияте, ки дар эҷодиёти Мӯъмин Қаноат густариш ёфтааст, ин масъулияти шоир дар қисмати халқ, Ватан ва башарият аст. Ин масъулият ӯро ҳаракат медиҳад, ки дар сари

ғояҳои бузург андеша кунад, мавзӯъҳои фароху пурғунҷоиშро ба тасвир гирад ва аз ҳиссиёту таассуроти кӯчаки камаҳамияти шахсӣ сарфи назар намояд.

Барои худро боздоштан аз бозгӯи эҳсосоти сатҳӣ ва камаҳамияти шахсӣ ва пардохтан ба ифодаи ҳиссиёту таассуроти халқ, ки дар гардишҳои бузурги таърихӣ ҳосил мешаванд, ба шоир зарур аст, ки масъулияти ҳунарро барои ҷамъият хуб бишиносад. Дар ин ҳолат шоир на мардумро дар худ, балки худро дар мардум меҷӯяд ва ҳамон таассуроташро, ки бо таассуроти умумихалқӣ ҳамзод аст, ифода мекунад. Эҷодиёти шоире, ки ба ин ягонагӣ мерасад, дар ҳақиқат халқӣ мешавад, ба маънои аслии ин таъбир, ки, аввалан, ба бузургии муҳтавои эҷодиёт далолат мекунад, баъдан, ба сабку сухан. Асарҳои Мӯъмин Қаноат ба нисбати бузургии ғоя ва муҳтавояшон асарҳои комилан халқӣ ҳастанд.

Мантиқи инкишофи эҷодии Мӯъмин Қаноат шоистаи таваҷҷуҳ аст. Вай ба назарам, дар таърихи шеъри муосири тоҷик ягона шоирест, ки аз давраи нахустини эҷодияш мустақим ба мавзӯъҳои муҳим ва бузурги иҷтимоӣ даст задааст.

Маҷмӯаи нахустини ӯ «Шарора» маҷмӯаи ашъори лирикӣ буд, ки он ҳам лирикаи иҷтимоист. Дар маҷмӯаи дуюм «Ситораҳои замин», ки шоир онро ба парвози аввалин зани кайҳоннаварди шӯравӣ Валентина Терешкова бахшидааст, дар радифи ситоиши он қаҳрамонии ӯ қаҳрамонии заминии занҳои меҳнатиро низ сутудааст, ки оҳанги иҷтимоии пурқуввате доштанд.

Пас аз достони лирикии «Мавҷҳои Днепр», «Достони оташ» ва достонҳои минбаъдаи машҳури ӯ ба қалам омаданд. Шоир аз маҷмӯаи дуюм доираи нигориши худро вусъати тозаи иҷтимоӣ бахшида буд. Ин кӯшиш ӯро водор кард, ки ҳарчи зудтар қонунияти жанрҳои эпикӣ - баллада, достонро биомӯзад.

Муҳити бачагӣ ва ҷавонии шоир ба хусусияти иҷтимоӣ гирифтани тафаккури ӯ сабаб шуд. Падар ва аксари хешовандони шоир, ки аз мубориҙони роҳи озодӣ ва ё фаъолони кору меҳнат буданд, ба ташаккули инсонӣ ва баъдҳо эҷодии ӯ таъсири амиқ гузоштанд. Аввалин сабабе, ки ӯ аз ҷавонӣ шоирияшро аз оҳангҳои иҷтимоӣ оғоз кард, дар ҳамон муҳити парваришёфтаи ӯ буд. Дар достони «Падар» порае аз он муборизаи роҳравони роҳи озодӣ, ки наздикони шоир буданд, ба тасвир омадааст.

Ашъори иҷтимоии ӯ боҳиссиёт ва пуртаъсир гуфта мешаванд, ки сабаби инро ҳам аз он даврон ҷустан лозим аст. Дар дили шоир аз ҷавонӣ масъалаҳое, ки ҳеҷ ҷавон аз он бебаҳра нест – ишқу ошиқӣ, орзупарварӣ бо масъалаҳои иҷтимоӣ ҳамроҳ маскан пайдо карда буданд. Эҳсосоти иҷтимоӣ ба мисли дигар ҳиссиёти ҷавонӣ ва ошиқонааш бо гармии дилаш гарм мешуданд. Аз ин ҷост, ки ӯ онҳоро ба монанди ҳиссиёти шахсӣ, ҷонии худаш парвариш мекунад ва ба қалам меорад.

Боби «Мавҷҳои бародарӣ» аз достони «Мавҷҳои Днепр», ки ба ёди бародари дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ қурбоншудаи шоир гуфта шуда буд, танине дар дили мардум андохт. Мардум – садҳою ҳазорҳо – аз дарди шоир дарди худро шинохтанд, аниқтараш, дарди худро дар дили шоир дарёфтанд.

Олами маънавии инсони қаҳрамон, инсони ҷонфидо, сарчашмаҳои ҷоннисории ӯ дар достонҳои «Китобҳои захмин» ва «Surӯши Сталинград» ба тасвир омаданд. Махсусан, достони «Сурӯши Сталинград» қувваи беҳамто ва ақлнораси инсониро дар қаҳрамонӣ барои халқу Ватан нишон медиҳад.

Дар ин достон шоир лаҳзаҳоро ба абадият, инсонро ба инсоният, гӯшаеро ба олам пайваста тавонистааст. Қаҳрамонҳои достон бо лаҳзаҳои охирини умрашон ба абадият

мераванд, инсонро ҳифз карда ба инсоният мерасанд, гӯшаи Ватанро бо нақди ҷони худ паноҳ карда, бо олам мепайванданд.

Оҳанги фалсафии достон амиқ аст.

Аз танини ин оҳанг бармеояд, инсонеро, ки як бор нашъаи озодӣ чашида аст, ҳаргиз дубора маҳруми озодӣ кардан имкон надорад. Ин дар ҳар боби достон дар ҷоннисории қаҳрамонҳо таҷассуми бадеии худро ёфтааст.

Кӯшиши инсон барои озодӣ, озодии рӯҳию иҷтимоӣ ҷовидона, аст, ки дар достони тозаи шоир «Гаҳвораи Сино» Шайхурраис онро дар худ таҷассум намудааст. «Гаҳвораи Сино» достонест, ки масъалаҳои шахс ва ҷамъият, озодӣ ва асорат, хирад ва ҷаҳолат, инкишоф ва бозмондагиро дар муборизаи тунду тез ва бо кушодани мазмуни амиқи фалсафии онҳо ба риштаи шеър кашидааст.

Мӯъмин Қаноат дар айни камолоти эҷодист. Достонҳои ӯ «Мавҷҳои Днепр», «Достони оташ», «Китобҳои захмин», «Сурӯши Сталинград», «Гаҳвораи Сино», ки муҳимтарин лаҳзаҳои зиндагӣ ва қаҳрамонии халқ ва фарзандони ӯро дар даврони гуногуни таърих инъикос кардаанд, дастовардҳои адабиёти муосири тоҷик маҳсуб мешаванд.

Мӯъмин Қаноат барои достонҳояш «Сурӯши Сталинград», «Тоҷикистон – исми ман» ва «Гаҳвораи Сино» Барандаи ҷоизаи Мукофоти Давлатии СССР ва Барандаи ҷоизаи Давлатии Тоҷикистон ба ба номи Абӯабдулло Рӯдакӣ шудааст.

Фаъолияти эҷодии Мӯъмин Қаноат бо фаъолияти ҷамъиятии ӯ сахт пайваста аст. Ӯ узви КМ ПК Тоҷикистон, Депутати Совети Олии СССР ва раиси Комитети республикавии муҳофизати сулҳ мебошад.

Пайванди фаъолияти эҷодӣ бо ҷамъиятӣ, пайванди худ бо халқ шоирро ба ин қуллаи баланд бардошт, ки пояи мустаҳкам ва бобақои он инсоне мебошад, ки бунёдкори таърих аст.

**Соли 1981**

## САДОҲО АЗ ҶОВИДОН

На як бор аст, ки ман дар бораи достони «Сурӯши Сталинград»-и Мӯъмин Қаноат менависам ва гумон мекунам, ки ин навиштанам ҳам охирин нест ва ин ҳаргиз фақат натиҷаи майлу хоҳиш ва завқи шахсии ман набуда, сабаби муҳимтаре дорад. Сабаби ин, эҳтимол, дар он аст, ки кас ин достонро ҳар бори хондан аз нав кашф мекунад, барои худ боз чизҳоеро пайдо мекунад, ки дар хондани пешина пай набурда буд ва ҷиҳатҳои тозаи мазмуни онро дармеёбад. Кас дар ҳар бори хондан ба таассуроти қаҳрамонони он самимона ҳамдил мешавад, бори гарон ва муқаддаси онҳоро дар дӯши худ ҳис мекунад ва баробари қомат рост кардани онҳо – лаҳзаи парвозашон ба ҷовидон, ӯ ҳам сар меафрозад. Қаҳрамонии онҳо моро баландтар мебардорад.

*Зимистон тухми гул бар хок мерезад,*
*Баҳорон мавҷи гул аз хок мехезад.*
*Чу тухми одамӣ резад, намехезад,*
*Намерӯяд, ки рози хешро гӯяд.*

*Ба ҷои ҷисмҳои бо замин яксон*
*Зи хоки зинда хезад ҳайкали беҷон,*
*Чу тимсоли худо бар турбати инсон,*
*Ки сирри ғайбро бар ҳозирон гӯяд.*

Ҷовидон фақат фардо ва ё як замони ояндаи дури номуайян нест, ҷовидон имрӯзи мо ва фардои қаҳрамон аст. Қаҳрамонони достон дар фардои худ ва имрӯзу фардои мо зиндаанд. Охирин лаҳзаи онҳо оғози ҷовидонашон аст.

Аллакай дар бораи «Сурӯши Сталинград» мақолаҳои бисёре навишта шудааст, ба ғайр аз ин, ҳеҷ як мақола ва тадқиқоте, ки дар бораи назми солҳои ҳафтоди тоҷик ва инкишофи достон дар адабиёти сермиллати шӯравӣ эҷод мешавад, бе таҳлили ин асар ба анҷом намерасад. Бо вуҷуди ин, мушкилие, ки ҳангоми дар бораи ин асар мақола навиштан пеш меояд, аз ин сабаб набуда, аз он аст, ки ин достон ба воқеияти имрӯза ва ҳаёти маънавии мо алоқаи мустаҳкам ва гуногунҷиҳата пайдо карда, дар ин ҷараён фаъолона иштирок дорад. Лаҳзаҳои ҷонбозии қаҳрамонони ин достон тасаввури моро аз одами шӯравӣ, аз ҳаёт ва қимати он, аз шуҷоату мардонагӣ пурратар менамояд ва дар навбати худ беҳтарин хислатҳои инсони замони мо, симо ва моҳияти қаҳрамонии онҳоро дар назари мо комилан нишон медиҳад. Равшан нишон додани ин алоқаи дутарафаи достон ва воқеияти муосир, ки бояд дар мақолаи ба таҳлили асар бахшида, ҷойдошта бошад, кори осон нест.

Мо ба дараҷаи воқеияти имрӯзаро пурратар дарк карданамон, ба моҳияти ҷоннисории қаҳрамонони достон ҳам бештар сарфаҳм меравем. Яъне ин ҷараён дутарафа аст, аз як тараф, онҳо ба зиндагии мо ворид шуда, ба он таъсири амиқ мегузоранд, аз тарафи дигар, зиндагии мо ҳам ба қаҳрамонии онҳо маъно ва рангу бӯи тоза мебахшад. Ҳар насл ва ҳар замон бо тарз ва бо чашми худ мебинад ва фақат он чиз доимо бетағйир мемонад, ки дар ҳар яки онҳо рӯҳи қаҳрамонии инсон дар олитарин дараҷааш зуҳур кардааст.

Достони «Сурӯши Сталинград» достони драма, достони фоҷиаи қаҳрамонист. Драма дар ин ҷо ба маънии ҷинси адабӣ набуда, ба маънои тундии задухӯрдҳо, ду консепсияи ҳаёт, некӣ ва бадӣ, адолат ва разолат, нур ва зулмот, ҳаёт ва мамот аст. Аз ҷиҳати ҷинси адабӣ он як навъи достони эпикист. Жанри достон ҳамин тавр навъи синтетикии ҷинси адабист, ки дар он хусусиятҳои лирика ва драма, ба шарте, ки таркиби тозаи образноки шоиронаро ба вуҷуд оваранд, ба ҳам омада, омезиш ёфта метавонанд. Ва ин сифат дар достони «Сурӯши Сталинград» ба таври аъло ба зуҳур расидааст.

Агар хусусияти драмавӣ дар асоси тамоми материали достон, дар ду консепсияи ба ҳам муқобил – дар консепсияи дунёи озод ва бандагӣ хуфта бошад – хусусияти лирикии он аз руҷӯъҳои шоир падид меояд, ки ӯ меросдори ҳамаи фазилатҳои олии гузаштагони ҷовидонаш аст.

*Вале ман рози дил аз модарон ҷӯям,*
*Барои пайкари сарбоз ҷон ҷӯям,*
*Чу Сино аз замин то осмон ҷӯям,*
*Ки як дам мурдаҳоро зинда гардонам.*

*Ба рӯи синаи модар чу сар монам,*
*Бисӯзам, дар миёни шуъла дармонам*
*Ва санги сардро рӯи ҷигар монам,*
*Ба ин мардӣ*
*Чу тифли бепадар монам.*

Қаҳрамонҳое, ки дар достон ҷонсупорӣ мекунанд, ҳама ба монанди шоир тақдири худро доранд, онҳо шахсони реалӣ ва дар қаҳрамониашон ҳеҷ чизи бофта нест. Ҳар яки онҳо ба

монанди ҳар инсон дилбастаи ҳаёт аст, дар дилаш шавқи зиндагӣ ҷӯш мезанад, вале бо чӣ тамкину оромӣ ҷони худро бе афсӯсу пушаймонӣ ба қурбон медиҳад. Аз як тараф, иштиёқи сӯзони зиндагӣ, аз тарафи дигар, марги беамон. Маллоҳи баҳри сиёҳ, вақте ки киштияш таҳ меравад, то чӣ андоза муборизаи сахте мекунад, дар ҳолате, ки ҳар мавҷ ӯро чун кафан пӯшонданаш мумкин буд, вай аз гӯраш ба азоби гӯр зинда мегузарад. Аз як марг наҷот ёфтан ба ӯ бо чӣ азоби азим даст медиҳад, дар ин ҳолат, бешубҳа, қимати ҳаёт чандин маротиба меафзояд. Қаҳрамонӣ он нест, ки ҷонро осон ба қурбон диҳӣ, қаҳрамонӣ он аст, ки ҳам ғалаба кунӣ, ҳам зинда монӣ. Мишаи маллоҳ аз як марг халосӣ ёфт, ки бо марги дигар ҷангаду ғолиб шавад. Умри дубора ширин аст? Бешубҳа. Маллоҳ дар хушкӣ ба пиёдаҷанг медарояд. Ӯ бар зидди танкҳо меҷангад. Оғози ҷанг, ҳамлагардониҳо аз забони худи Маллоҳ ба тасвир меояд, вале ҳамин ки ҳарб ба нуқтаи олӣ наздик меравад, сухан аз номи шахси сеюм – шоир идома меёбад. Шоир ҳис мекунад, ки қаҳрамон ба ғайр аз дар бораи қаҳрамонӣ сухан гуфтан ба ҳар қадар қаҳрамонӣ қодир аст, вай фақат ҳаминро наметавонад, ин ба ӯ гарон аст. Қаҳрамонҳо аз қаҳрамонӣ сухан намегӯянд.

*Ягона шишаи таркандаро бардошт,*
*Ба ҷанги тан ба тан*
*Бо танки фӯлодӣ қадам бигзошт.*
*Вале таркид шиша дар сари дасташ,*
*Зи китфаш шӯълае бархост монанди қаду басташ,*
*Шарар ҷони ҷавонаш сӯхт,*
*Нидои охиринро дар лабонаш сӯхт.*
*Саропо оташи зинда*
*Ба зери танк метозад.*
*Ба ин дастур Данкоро замоне зинда месозад,*
*Аз ин оташ тамоми шӯълаҳо хомӯш мегардад,*
*Аз ин марди адӯ беҳуш мегардад.*

Ҷонсупории ҳар қаҳрамони ин достон равшан нишон медиҳад, ки идеали олии ватандӯстӣ, гуманистӣ то чӣ андоза дар ҷону дили инсони шӯравӣ амиқ нишастааст. Дар ҷанг, охир, инсон на фақат бо дирӯз, имрӯз ва фардояш иштирок мекунад. Захираи маънавии дирӯзи ҷанговарони моро пеш аз ҷанг олитарин ғояҳои ватанпарварию одамдӯстӣ, адолату фидокорӣ, ки маҳсули сохти шӯравӣ мебошад, ташкил карда буд. Ин гуна хислатҳои олитарини инсони муосир барои зуҳури беназири қаҳрамонии ӯ дар замони ҷанг асос шуданд ва ин ҷанговар тимсол ва таҷассуми зиндаи қаҳрамонӣ гардид. Дар ҳар қаҳрамонӣ ба чӣ мақсад содир шудани он аҳамияти муҳим дорад, ҷонсупории бебоконае, ки мақсади одамдӯстӣ ва адолатхоҳӣ надорад, қаҳрамонӣ нест. Ҷанговари мо барои инсон ва адолат меҷангид. Аҳмад Тӯрдиев ҷанговари тоҷик, садои фардои халқу Ватанро дар маҳинтарин овози тифли навзод, ки дар «Хонаи Павлов» дар миёни дуду оташ, тиру таркиш ба дунё омад, шунид. Ва на танҳо шунид, балки чунин ҳам мегӯяд ӯ:

*Заминро хандарӯ аз гиряи тифлона мебинам,*
*Зи рӯи дӯстонам хандаи тифлона мечинам*
*Ва ободии фардоро дар ин вайрона мебинам,*
*Заминро ташналаб аз васли обу дон мебинам…*

Бешубҳа, дар қаҳрамонии Аҳмад Тӯраев, ки ин тифли навзодро ба мисли ҷон ҳифз мекунад ва дар садои ӯ садои Ҳисор ва ёри меҳрубонашро мешунавад, дӯстии ногусастании халқҳои мо ифодаи худро ёфтааст. Ин дӯстӣ аз замоне сар шуд, ки ба Бухоро, ба Шарқи пуразоб, ба роҳи осмон, аввалин мужда, телефонограммаи Ленин омада, онро ба Инқилоб – ба таъмири дунёи хароб даъват кард. Мо таърих, дирӯз ва фардои қаҳрамони тоҷикро, ки барои мо дирӯз ва имрӯз аст, дар достони «Тоҷикистон – исми ман» дида метавонем.

Ин асар ба 50-солагии Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон бахшида шуда, як таърихчаи шоиронаи кишвар аст, ки аз нақшҳои он садои гузаштагони қадим, ҷанговарони инқилоб, қаҳрамонони ҷанг, фидокорони имрӯзи меҳнат ба гӯш мерасад. Шоир обу хоки Ватан, таърихи халқи худ, фарзандони бохирад ва лашкаркашони сарбаланди онро ситоиш мекунад ва дар ин ҳолатҳо маншаи осмонрави шеъри шоир боло мегирад, ки дар «Сарахбор» - и достон ҳаст.

Дар ин достон маншаъҳои заминрав ва осмонрави шеъри шоир бағоят хуб омезиш ёфтанд ва дар бобе, ки тасвири як ҳодиса ва як замон ҷой дошта бошад, маншаи заминрави шеър афзунӣ мекунад ва дар он нақшҳои достон, ки домани ҳодиса ва замон фарох аст, маншаи осмонрави он. Ин чиз ба дигар шудани услуби ифодаи ҳар боб, вазну оҳанги он сабаб мешавад, ки тақозои мундариҷа аст.

Дар Сарахбор ва панҷ нақши ин достон ба ҳар шакле қувваи эҷодкори таърихи ин халқ сутуда мешавад, ҳамаи он харобиҳое, ки ба сари халқ омада буданд, ӯро аз офарандагӣ боздошта наметавонанд, чунки таърих ҳаракат мекунад, оне, ки ҳаракат мекунад, қобили зиндагист, зиндагӣ ба офарандагӣ ҳидоят мекунад, офаранда халқ аст. Бинобар ин, ҳарчанд як замон қасри донишҳою фарҳангҳо, бо шаҳрҳо, ба замин шудгор шаванд ҳам, халқ рӯзе боз парчами бахти баланди худро то осмонҳо мебардорад.

*Адолатро нигар мулки амири моли ман гардид,*
*Ҳазорон беватан монанди ман соҳибватан гардид.*
*Дар ин як қитъаи хоку дар ин як қитъаи олам*
*Аз ин соат фақирам ман, вазирам ман, амирам ман.*

Бо вуҷуди ин ки нақшҳои достон дар вазну баҳрҳои гуногун ва услубҳои фарқкунанда гуфта шудаанд, достон аз ҷиҳати сохт ва банду баст ягона ва рехта аст. Ягонагии ғоявии достонро муборизаи халқ барои ҳаёт ва хушбахтӣ ташкил мекунад ва дар ин достон ҳам чун дар достони «Сурӯши Сталинград» оҳанги тантанаи ҳаёт ниҳоят қавист.

**Соли 1977**

## ОБШОРИ ШЕЪР

**(Мӯъмин Қаноат)**

Ӯ дар зери кафкӯбиҳо ба назди минбар омад. Сари худро каме қафо партофт, чеҳрааш бардошта шуд, нигоҳаш болотар аз сари нишастагон ба нуқтае қарор гирифт, ӯ дар ҳамин ҳолат даме хомӯшу беҳаракат монд. Баъд бо як такону ҳаракати даст ба хондан сар кард:

*Эй обшор!*
*Оинаи беғубори ман,*

*Ёри замони кӯдакии беқарори ман,*
*Аз рӯзҳои рафта туӣ ёдгори ман.*

*Оҳангҳои кӯҳнаро (?)такрор мекунӣ,*
*Ёди бахобрафтаро(?) бедор мекунӣ,*
*Рози маро ба лафзи худ изҳор мекунӣ...*

Ӯ мехонд ва суханҳо ба манзараҳои дилфиреб, шаршараҳои ларзон, гулхандаю гулҳои об бадал мешуданд, рӯҳро гоҳ навозиш мекарданд, гоҳ ба нолиш меоварданд ва пеши назар пардаи ҳарири обшорро мекашиданд, ки дар он ҳар кас бачагии гузаронро, муҳаббати парвозии худро медид. Ҳар кас дар бари навбаҳор ва обшори худ ғарқи хаёлҳои ширин буд.

Ӯ хонданашро тамом кард. Аввал як-як ва баъд якбора мавҷи кафкӯбӣ ба сақфи толор дакка хӯрд...

Мо бо зинаҳои сангии табиат, бо пайроҳаи кӯҳсор ба ҳавлие, ки бояд он ҷо меҳмон мешудем, боло мерафтем. Чун ба ҳавлӣ расидем, истодем ва ман ба поён назар андохта, маҳви ҳайрат шудам. Ин ҷо ҳама шеър буд, шеъри зиндаи табиат, шеъре, ки ранг дошт, бӯй дошт, шеъре, ки бо садоҳои хуш аз домани кӯҳсор, аз як наҳри шӯх ва аз ҳавлӣ ба чандин ҷӯйчаҳо тақсим шуда, ҷорӣ мегардид.

Дар ин ҷо ҳавлиҳо яке домани дигарро гирифта, то пои кӯҳ баланд мешуданд, дарахтон низ паи ҳам ба тарафи кӯҳ саф кашида, қитъаҳои хурд-хурди замини назди ҳавлиҳо - ҳотаҳо ба боло, ба сӯи кӯҳ доман паҳн карда буданд, ҳама чиз азми ба кӯҳ баромадан дошт. Фақат наҳри хурӯшони деҳ ва он ҷӯйчаҳое, ки аз ҳавлиҳо мегузаштанд, аз домани кӯҳ сар ба сангҳо зада, барои ба дарёи пуроби Панҷ омехтан ба поён мешитофтанд.

Деҳа дар оғӯши кӯҳҳои баланд монда, ба назар чунин мерасид, ки роҳи баромади заминие надорад. Аз ин ҷо фақат ба парвоз берун рафтан мумкин аст. Қуллаҳо осмонраванд, шаҳболи фалаксайр мехоҳанд...

Паррандае баногоҳ аз болои сарам ба як оҳанги аҷиб садо дардод. Ман ба худ омадам ва давоми хотиротам ба ёд расид.

*Рӯзе, ки чун ду соҳили дарё ҷудо шудем,*
*Дарё садо намудаю мо бесадо шудем.*
*Дар торҳои шаршара ҳар ду наво шудем.*

*Он, лаҳзаҳои бебадал(?) гӯё ба хоб рафт,*
*Умри азизи бачагӣ(?) монанди об рафт.*
*Чун кабки нав фуромаду лекин шитоб рафт.*
*Эй обшор,*
*Боз биё дар канори ман,*
*Бинвоз он таронаро(?) чун ёдгори ман,*
*Боре намой сурати он навбаҳори ман!*

Садри маҷлис устод Мирзо Турсунзода бархост ва гуфт:

- Аҳсант Мӯъминшоҳ! Ин шеър ба ман лаззати бениҳоят бахшид. Офарин, хуб гуфтаӣ!

Ин ҳодиса бештар аз даҳ сол пеш дар шаби назме ба вуқӯъ пайваста буд, ки ба муносибати Даҳаи маданияти рус дар Тоҷикистон дар театри академии драмаи ба номи Лоҳутӣ барпо шуда буд. Он шаб Мӯъмин Қаноат дар қатори шеърҳои дигари худ шеъри «Обшор» - ро ҳам, ки ин ҷо аз он сухан рафт, хонда буд.

Шинохтани истеъдод истеъдоди нодиртарин аст. Он шаб устод ба ҳунари шогирд аҳсант мехонд, аз барори қисмати шоирии ӯ меболид, аз он ки дар вақташ ӯро шинохта, ғамхориҳо кардааст, хурсанд мешуд. Охир, чӣ тавр хурсанд нашавад?! Ҳоло шоире шеър хонд, ки чаҳор-панҷ сол пеш баъзан самимитарин ҳиссиёти худро шогирдона ба қалам мекашид ва ин чиз дар шеъри ба худи ӯ, ба устод бахшида ҳам, ба назар мерасид.

Вале муҳимаш ин будааст, ки ҳиссиёт самимӣ бошад, аз сарчашмаи дил об хӯрад. Он вақт шоири ҷавон навишта буд:

*Барои ҳиммату номи баландаш,*
*Баландиҳои чун чархи баринаш,*
*Барои хоксориҳои покаш,*
*Таҳаммулнокии ҳамчун заминаш, –*

*Қасам бар ҷону виҷдони ҷавонам:*
*Агар дар шеър қутби нав кушоям,*
*Аз он ҳар субҳ чун ахтар бароям,*
*Ба назди ӯ ҳамон таъзим(?) намоям!*

Ва ин на фақат эътирофи ҳунар ва истеъдоди устод буд, дар ин мисраъҳо боз идеали инсони шоир, идеали марди асил ва покдил таҷассум дошт.

Мӯъмин Қаноат қариб дар ҳамаи давраҳои эҷодиёташ кӯшиш мекунад, ки симои инсони ҳақиқӣ, инсони соҳибистеъдодро биофарад. Истеъдод фақат насиби санъатварон нест, он на танҳо дар шеъру ҳунар таҷассум мешавад, балки зебо ошиқ будан, зебо зистан ва зебо мурдан ҳам истеъдод аст. Дар ин ҳолатҳо зебоӣ ба мафҳуми асил ва олӣ фаҳмида мешавад. Баъдтар ин маънӣ дар пардаҳои баланд дар достони «Сурӯши Сталинград» садо медиҳад. Он вақт давраи андӯзиши қувват, сайқали истеъдод буд.

Оғози шоирии Мӯъмин Қаноат чӣ тавр сурат гирифт?

Оғози ӯ, шеърҳои нахустини ӯ, ки ба солҳои аввали панҷоҳ рост меоянд, дар доираи назми он давраи тоҷик ва ашъори шоироне, ки бо ӯ ҳамроҳ оғоз кардаанд, оддист, яъне ибтидои ӯ, агар мавлуди шоирро дар маҷмӯи ҳодисоти табиат кори оддӣ гуфтан мумкин бошад, оддист, вагарна мавлуди ҳар шоир ҳодисаи ногаҳонӣ ва фавқулоддист. Дар таърихи инсоният ҳодисаҳои бузург, гардишҳои азим ба вуҷӯъ мепайванданд, вале касе намедонад, ки сарояндаи он, шоири он ҳодисоти бузург кай ба дунё меояд. Ӯ баъзан баногоҳ ва ғайричашмдошт таваллуд мешавад, ин ҳодиса ба ягон қонунияти табиату ҷамъият ба таври доимӣ итоат накарда, ба худ ҳар бор шарҳи махсус ва ҷудогона талаб дорад. Ва ҳатто шоири асил ин ё он равия, сурудани ин ё он ғоя ва мавзӯъро худ интихоб намекунад, вай барои сурудани маҳз ин ё он корнома ва қаҳрамонӣ арзи вуҷуд менамояд. Талаби замон ин хусусияти истеъдоди ӯро бештар сайқал медиҳад.

Қаноат шоири рӯҳи қаҳрамонӣ, шоири фоҷиаи қаҳрамонист. Ин хусусияти истеъдоди ӯ аз ашъори маҷмӯаи нахустинаш «Шарора» чандон барҷаста набошад ҳам, ба назар мерасид ва барои маҷмӯаи нахустини шоир ҳамин басанда буд.

Мӯъмин Қаноат аввалин шеърҳои худро дар айёми мактабхониаш гуфтааст, ки дар рӯзномаи ноҳиявии Ғарм чоп шудаанд. Вале солҳои дар факултаи суханшиносии Университети давлатии Тоҷикистон хонданаш навиштаҳои вай қариб дар ягон нашрия ба назар намерасанд. Солҳои донишҷӯии вай бештар сарфи омӯзиши илм ва сайқал додани маҳорати шоирӣ шудаанд, вале он ашъор, ки шоир бо гуфтанашон маҳорат андӯхтааст, эҳтимол дорад, дар

дафтари шахсии ӯ мондаанд. Фақат соли 1955, вақте ки Мӯъмин Қаноат донишҷӯи курси панҷум ва бистусесола буд, шеъри ӯ дар саҳифаи «Шарқи Сурх» пайдо шуд. Баъд аз ин шеърҳои ӯ дар матбуоти даврӣ ягон-ягон ба назар мерасиданд, то даме ки соли 1959 дар «Садои Шарқ» боз чанд шеъри ӯ чоп шуд ва мавриди назари аҳли танқид қарор гирифт.

Маҷмӯаи «Шарора» шеърҳои хуб дошт ва маълум буд, ки шоир ба кишвари шеър бо ҷиддияти тамом қадам ниҳодааст. Ӯ, агар ашъораш нуқс дошта бошад, онро ба ҷавониаш ҳамл карда, ба худ гузаште намехост. Дар бораи онҳое, ки маҷмӯаҳо чоп мекунанд, вале ҳамин ки сухан аз нуқси шеърашон рафт, онро бо ҷавониашон ҳавола мекунанд, Самуил Маршак хуб гуфтааст: «Касе ки дар матбуот на бо шеърҳои алоҳида, балки бо маҷмӯа арзи вуҷуд мекунад, набояд ва наметавонад ба ҷавонии худ гузаштро чашмдор бошад».

Табиист, ки дар «Шарора» шеърҳои суст ва умумӣ кам набуданд, вале аз рӯи беҳтарин порчаҳои ин маҷмӯа ҳис карда мешуд, ки ба адабиёт шоири ҷиддӣ қадам гузоштааст.

Беҳтарин ашъори «Шарора» гувоҳӣ бар он медоданд, ки Мӯъмин Қаноат шоирест эҳсоси иҷтимоияш пурқувват. «Ленин аз мост», «Кӯҳи Маъшуқ», «Иди бахт», «Оташ» шеърҳое буданд, ки дар онҳо оҳанги иҷтимоӣ бо ҳиссиёти шахсии ӯ омехта, самимӣ ва пуртаъсир садо медоданд. Маводи баъзе шеърҳоро таассуроти шахсӣ, ҳиссиёти озмудаи шоир тартиб дода бошад, чунончи дар шеъри «Ленин аз мост», дар баъзеи дигар ин таассурот тасаввурӣ буд, ки шеърҳои «Иди бахт», «Кӯҳи маъшуқ» аз ин қабиланд. Дар шеърҳое, ки бунёди онҳо бар таассуроти озмудааст, қуввати таъсир, бешубҳа, бештар мебошад. Ин чиз, умуман, як хусусияти таассуроти озмудааст дар шеър. Вале қобилияти шоири ҷавон дар он буд, ки вай ашъори тасаввурии худро ҳамчунон мегуфт, ки таъсири таассурот ва ҳиссиёти он аз ашъори ҳиссиёти озмудааш камтар набуд. Вай ба ин таъсирангезӣ ба воситаи нишон додани умдатарин хусусияти таассурот ва ҷузъиёти мушаххаси мавзӯъ муваффақ мешуд ва ин аломати маҳорат буд.

«Ленин аз мост» шеъри таассуроти озмудааст, воқеаи он комилан метавонист, ки саргузашти худи шоир бошад. Бо вуҷуди ин, моҳияти масъала танҳо дар озмудагии таассуроти фардии шоир нест, балки дар он аст, ки он таассуроти як замон ва як насли муайянро ба қалам медиҳад. Чизе, ки аз зиндагист, дар хизмати зиндагист. Абадияти ғояҳои ленинӣ бо зуҳури конкрету бадеии худ дар шеъри «Ленин аз мост» аз худи воқеаи зиндагӣ берун омадааст. Бинобар ин ҳам «хатои кӯдакӣ» дар ин шеър айни ҳақиқати баркамолӣ мешавад.

*Ёд дорам, ки ҳанӯз(?) кӯдаки нодон будам,*
*Содаю бехабар аз ҳикмати даврон будам.*
*Ҳар чиро хуб ва зебою дурахшон дидам,*
*Ё ки тавсифи чи(?)зеро зи касе бишнидам.*
*Якравӣ кардаю гуфтам, ки «фалон чиз аз мост»,*
*З-он миёни бачаҳо баҳсу ҷадал бармехост...*
*Номи Ленин якумин бор чу омад ба забон,*
*Бо ҳамон якравии кӯдакӣ (?) шуд вирди забон:*
*«Ленин бобои ман аст...*
*Ана, на бобои шумост.*
*Сураташ рӯзу шаб овехта дар хонаи мост».*

Ва дар ин шеър аз доираи таассуроти шахсӣ берун рафтани шоир талаби мавзӯъ аст, ки дар миқёси олам доман паҳн кардани ғояҳои лениниро инъикос менамояд.

*Ҳар куҷо дӯстию амнияту истиқлол,*
*Ҳаст бо фитнаю таҳдиду ғуломӣ ба ҷидол,*

*Ҳар куҷо халқ ба озодӣ(?) камар мебандад,*
*Бахти оянда ба рухсораи он механдад, -*
*Ленин он ҷост...*
*Варо дар ҳама ҷо мебинам!*
*Дар дили халқ ба ӯ меҳру вафо мебинам.*

Агар дар шеъри «Ленин аз мост» таассуроти як наслу замон ба воситаи таассуроти озмудаи шоир ба қалам кашида шуда бошад, дар шеъри дигар тасаввуроти халқ дар як замони дуру дароз ба тасвир омадааст. Ин тасаввурот аз бахт аст. Номи шеър ҳам «Иди бахт». Вай дар бораи иди Наврӯз, дар бораи дили зебои халқ ва меҳри беандозаи ба ҳаёт доштаи ӯст.

Худи тасаввури халқ аз ин ид хеле зебо ва шоирона мебошад. Ва шоир баробари сурудани тасаввури он тасвири зебояшро ҳам мекашад. Табиист, ки симои халқ бо тасвири духтари он, зани он, ки нигоҳбони хонадон ва латифтарин маҳсули офариниш аст, пурра мешавад. Сухани шоир дар ин мисраъҳо саршори самимият аст.

*Духтари тоҷик он шаб сурмаи тар мекашид,*
*Бофта мӯи қаторӣ, шона бар сар мекашид,*
*То ки ёбад бахтро.*
*Ҳеҷ чизаш ҳам набошад аз либосу молу ҳол*
*Ё ба рӯи ҷабҳаи пурнур меангошт хол,*
*Ё ки марҷон мекашид.*
*Ё ки якто тугма андар пеши бар медӯхт ӯ,*
*Оташи Наврӯзро то субҳидам месӯхт ӯ.*
*Буд ин кори савоб.*

Дар баъзе шеърҳо, масалан, дар «Пири гулфурӯшон» тасаввур суратнок ба қалам меояд. Дар ин шеър ҳамаи ҷузъиёте, ки барои тасвири кӯҳи Варзоб оварда мешавад: пири гулфурӯшон, ҷомаи беқасаб, локии шоҳӣ, саллаи суф, сабади гул – ҳама аз зиндагӣ ва маишати халқ аст. Дар сурати мӯйсафеди гулфурӯш тасвир кардани кӯҳи Варзоб дилгармии хонандаро ба манзара ва мӯйсафед меафзояд.

*Кӯҳи Варзобро чӣ даврон аст,*
*Гӯиё пири гулфурӯшон аст:*
*Ҷомаи беқасаб ба бар дорад,*
*Локи шоҳӣ(?) дар камар дорад,*
*Саллаи суф гирди сар дорад,*
*Сабади гул ба пеши бар дорад.*

Ҷузъиёти олами ашё ба таркиби шеър дохил шуда, тасвирро хотирнишин ва баёнро табиӣ гардонидааст. Дар ин чиз, бешубҳа, хусусияти халқии ҷузъиёти бадеӣ низ аҳамияти калон дорад. Локии шоҳӣ, салаи суф, сабади гул образҳое мебошанд, ки дар забони халқ серистифодаанд ва ба шеър таровати назми халқро ворид кардаанд.

Дар бораи маҷмӯаи «Шарора» боз ҳаминро зикр кардан даркор аст, ки дар чанд шеъри он ба ин ё он тарз тавсифи образи оташ ҷо дорад: «Оташи ишқ», «Оташ», «Оби оташин» ва ғайра. Андешаҳои шоир дар бораи оташи ҷаҳонсӯз ва машъали роҳи адолат ӯро баъдтар ба сари «Достони оташ» мерасонад.

Мӯъмин Қаноат гӯё аз нахустин маҷмӯааш ҳис карда буд, ки ба такроран сурудани бисёр мавзӯъҳои забонзад ва ҷовидонии шеър азм накардан беҳтар аст ва агар ба ин кор азм кунӣ ҳам,

ҷиҳатҳои дигари онро ба тасвир кашидан зарур мебошад. Шеъре, ки вай меросдори он аст, ниҳоят бой буда, остонааш баланд аст ва мавзӯъҳои ҷовидонии онро ба тарзи анъанавӣ суруда, ба он поя расидан имкон надорад. Ё мавзӯъҳои тоза зарур аст, ё эҳсоси навини мавзӯъҳои ҷовидонӣ. Мӯъмин Қаноат аз ин ду пайроҳа ба роҳ афтод.

Шоир дар яке аз шеърҳои «Шарора» дар бораи зани тоҷик навишта буд:

*Чанд бар гардани дил зулфи сиёҳи ту каманд,*
*Лона то кай биниҳад табъ ба он сарви баланд?*
*... Ман туро ин саҳарӣ дар сари майдон дидам,*
*Бо камарбанду сару кори далерон дидам.*
*Дасту по гум шуда дар назди ту мардон дидам,*
*Хештанро ба тамошои ту ҳайрон дидам.*

Ин оҳанг як вақтҳо дар эҷодиёти Абдулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Ҳабиб Юсуфӣ ба гӯш расида, дар достони «Ҷони ширин»-и Мирзо Турсунзода дар пардаҳои навин, бо омезиши эҳсосоти шахсӣ, фардӣ ва умумибашарӣ, нашъаи озодӣ ва мубориза баланд ва дилнишин садо дода буд.

Мӯъмин Қаноат дар силсилаи «Ситораҳои замин» ҷиҳати филсафии ин мавзӯъро ривоҷ медиҳад. Зан ва қаҳрамонӣ меҳвари фалсафии ин силсилаанд. Назари шоир дар ин силсила тоза, мояи сухану тасвирҳояш ботароват аст. Модар аз кор омада, кӯдаки муштоқро канор мегирад ва ин лавҳа бо як мафтунии шоирона ба тасвир меояд. Шеъри «Модар» бо тамкин ва оромие суруда шуда, ҳайкалҳои атиқаро ба ёд меорад, ки ҳолати онҳоро «оромии бузургворона» мегӯянд. Дар ин шеър бузургии модар, ки парварандаи ҳаёт асту тифли замонаро ширмаст мекунад, суруда мешавад. Ҳаракатҳои оромона ва ҳамвори модар ба ҷараёни оҳистарави шеър мувофиқат карда, эҳсоси оромӣ ва бузургиро афзудаанд.

*Модар зи кор омада,*
*гӯё зи корзор*
*Аз нав гирифт кӯдаки*
*муштоқро канор.*
*Биншаст рӯи сабзаҳо (?)–*
*зад такя бар замин*
*Чинҳои рузи рафтаро (?)*
*бикшод аз ҷабин...*
*Шири сафед мемакад*
*он тифл бо нишот,*
*Оби ҳаёт мечашад*
*аз чашмаи ҳаёт.*

Дар ин силсила қаҳрамонии зан чи дар ҳаёти оддӣ ва ҳаррӯзаи ӯ – кор кардан, кӯдак парваридан, пахта чидан – ва чи дар воқеаҳои фавқулодда барои зан, ки онҳо ба тақозои замон ва зиндагӣ кори қисмати ӯ шудаанд, ба монанди кайҳон навардидан, барои ҳифзи номуси Ватан ҷангидан бо аҳамияти замонӣ ва маънои фалсафиаш кашф карда мешавад. Зан бо тамкину оромӣ, бе дабдабаю ҳангома ва шухратталабӣ қаҳрамонӣ мекунад, гӯё кори оддӣ ва ҳаррӯзаи худро мекарда бошад. Қаҳрамонии ӯ баъзан чунон бузург аст, ки онро худаш ҳамон замон пурра дарк карда натавониста, ҳайрон мемонад. Тифл дар домони ӯ бузургӣ ёфт ва ба сӯи осмонҳо парид, ӯро «ҷаҳонҳою заминҳою замонҳо» зери бол шуд, модар бошад:

*Намедонист, аз шодӣ, зи ҳайрат*

*Кучо шинад, чӣ сон, хезад, чӣ гӯяд.*
*Намедонист, аз даҳшат кучоҳо*
*Мадори рафтаи худро бичӯяд...*

Ва шоир ин вазъи модари ҳайронро хеле хуб чамъбаст карда, маънои кори оддии бузург ва ҳаррӯзаи модарро равшан ба зуҳур овардааст. Дар ин чо фикри шоир тобиши фалсафӣ пайдо кардааст.

*Дар ин сони(?)я – олам буд модар,*
*Ачоиб олами пур аз ҳарорат,*
*Макони изтиробу беқарорӣ*
*Чаҳони ваҳму дунёи часорат.*
*Фидои изтироби поки модар,*
*Ки ҳар мӯъчи(?)за тифли изтироб аст!*
*Сано бар ранчу меҳнатҳои модар,*
*Бузургӣ зодаи шавқу азоб аст!*

Бузургӣ на фақат дар корҳои бузург ва фавқулодда, бузургии инсони бузург дар ҳар кор, дар ҳар нафас, дар ҳар қадам аён мешавад, инсони бузург оддитарин корро ҳам бо бузургӣ ба чо меорад. Чӣ кор аст, ки ба деҳқони точик нисбат ба пахтакорӣ ошно ва амали ҳаррӯза бошад? Гӯё дар ин кор нишоне аз фавқулоддагӣ нест, вале аз қаҳрамонию бузургӣ чӣ? Дар осудаҳолии ҳаёти ҳаррӯза қаҳрамонӣ ва бузургӣ кардан мушкилтар аст. Вале шоир ҳамин хел бузургию қаҳрамониро кашф мекунад ва маҳз дар меҳнати осоишта, дар кори ҳаррӯзаи деҳқони точик.

Як вақт ва махсусан, дар назми солҳои панчоҳ, баъзе шоирон ҳамин ки дар бораи пахта ва пахтачиндухтар шеър навиштанӣ шаванд, албатта, ба ӯ «ошиқ» мешуданд, гӯё меҳнати фидокоронаи ӯро бе ошиқ шудан сутуда намешуда бошад. Бешубҳа, бисёри ин ошиқиҳо дурӯғ буд. Шоироне, ки роҳи дурусти тараннуми меҳнатро пайдо карда натавониста буданд, ба ин қабил шеърҳои таъсир ва гармие надошта, аз муҳаббати набудаи худ гармӣ қарз додан мехостанд. Вале аз чизе набуда чиро қарз медиҳӣ?

Ачибаш ин аст, ки як назари тоза ба меҳнати пахтакору пахтачин нахустин бор дар як байти достони «Чони ширин»-и Мирзо Турсунзода ба назар расид. Шоир гуфт:

*То кунам таъзим мисли пахтачин*
*Чорқат гардида бар сӯи замин.*

Ин роҳи наве буд ва аслан мақсади шеър ҳам аз тасвири меҳнат ифодаи ҳамин хел мазмунҳост, яъне ба воситаи тасвири меҳнат нишон додани чаҳони ботинии инсон аст, вагарна тасвири маҳзи хирмани пахта ва ё бордони мошинҳои пахтачинӣ ҳаргиз матлаби шеър намебошад.

Мӯъмин Қаноат дар шеъри «Бузургӣ ва хоксорӣ» аз ин роҳ рафта, шеърияти ҳақиқии меҳнати пахтачиндухтарро дарёфт. Маълум шуд, ки дар бораи пахтачиндухтар ҳам, бо як мафтунӣ ва самимияти тамом сухан гуфтан мумкин аст. Худи шеърияти меҳнати ӯ, агар шоир онро кашф карда тавонад, нисбат ба ҳамаи суханбофиҳои ошиқона ба кас бештар таъсир карда, дар замири дил менишинад.

*Ту дар ин саҳро миёни пахтазор,*
*На баландию на шуҳрат кофтӣ.*
*Кор кардӣ аз дилу чон, хоҳарам,*

*Аз ҳамин пастӣ баландӣ ёфтӣ. –*

- мегӯяд шоир ва дар як худи «хоҳарам» гуфта муроҷиат карданаш ба пахтачиндухтар чӣ қадар меҳрубонӣ ва самимият, чӣ қадар дилсӯзӣ ва тасанно ифода гаштааст. Зимнан, Қаноат дар шеърҳои маҷмӯаи «Шарора» ҳам, ки ба ситоиши духтари пахтачин бахшида шудаанд, (масалан, шеъри «Ба духтари пахтачин») изҳори ишқи дурӯғ накарда, меҳнати на чандон сабуки пахтачиндухтарро бо як муҳаббат тасвир намудааст, ки он аз меҳри гарми шоир гувоҳӣ медиҳад.

Шеърияти меҳнат дар сиришт, дар замири меҳнаткаш аст ва кашфи он дар шеър аз шартҳои зарурист. Шоир дар шеъри «Бузургӣ ва хоксорӣ» менависад:

*Он, ки бо ҳурмат, ба ихлоси тамом*
*Мепарастад зиндагиро, корро,*
*Саҷда меорад замину обро.*
*Ҳар ниҳоли пахтаи пурборро,*
*Номдорӣ, номдорӣ мекунад,*
*Аз бузургӣ хоксорӣ мекунад!*

Дар силсилаи «Ситораҳои замин» шоир занро сириштаи зебоӣ ва бузургию қаҳрамонӣ тасвир кардааст. Умуман, дар эҷодиёти Мӯъмин Қаноат зан қариб ҳама вақт зебо тасвир мешавад ва ин зебоӣ қолабӣ ва берӯҳу равон набуда, зебоии тоза ва ботароват аст.

Барои Мӯъмин Қаноат зебоӣ ва бузургӣ мафҳуми ҳаммаъноянд, зебоӣ чун истеъдод нодир аст ва ниҳояти он дар бузургист. Шоир тасаввур карда наметавонад, ки зебоӣ ва зиштӣ бо ҳам созиш кунанд. Ҳамаи тасвирҳои зебо ва нигориши зебоӣ дар ашъори ӯ талқин ба ҳусни ботин дошта, зебоии зоҳир ва андом дар тасаввури ӯ зиштии ботинро истисно мекунад.

Зебоӣ дар ин силсилаи ашъор зебоии боназокати зан, зебоии дил, орзую умед ва кӯшишу мақсадҳо буда, қудрат ва қаҳрамонии мардона дорад, ки дар тасвири мубориздухтари Куба суруда шудааст. Агар дар ин силсила зебоии зан ва бузургию қаҳрамонии ӯ асосан дар пардаҳои сурурангез (ба ғайр аз шеъри «Хоҳари Куба») суруда шуда, баъдтар дар достонҳои Мӯъмин Қаноат зебоӣ ва улвияти зан дар ҳолатҳои фоҷиавӣ (масалан, дар бобҳои «Нур дар роҳ»-и «Достони оташ», «Робиа»-и «Сурӯши Сталиград») ба тасвир омадааст.

Умуман, аз нахустин шеърҳои Мӯъмин Қаноат ҳис кардан мумкин аст, ки ӯ бештар ба тасвири таассурот ва ҳолатҳои пуршиддати драматикӣ майл дорад. Дар асл, дар асари санъат зебоӣ ва улвият ба воситаи ҳолатҳои шадиди фоҷиавию драматикӣ ва муборизаи беамони характерҳо дарк карда мешавад.

Достони «Мавҷҳои Днепр» ба Мӯъмин Қаноат барои дарк кардани зебоӣ ва улвияти тоза, ки аз рӯҳи шаҳрвандӣ ва умумибашарӣ саршор бошад, қадами ҷиддие буд. Шоири ҷавон, ки нахустин достони лирикии худро менавишт, ба хубӣ дарк кардааст, ки таърихияти тафаккури бадеӣ дар асарҳои калонҳаҷм мавқеи муҳим дорад. Ва ӯ моҳияти таърих ва таърихияти тафаккури бадеиро дуруст, на чун овардани маромномаю шиорҳои замони пеш, на чун ташвишу талвосаи гурӯҳи алоҳидаи одамон, балки ҳамчун дастаҳои нуре, ки аз гузашта ба имрӯз расидааст, ба тасвир мекашад. Бинобар ин вақте ки шоир дар бораи рӯди Днепр «Пири саркаш тобеи фармон шудӣ», дар бораи қисмати Кобзари он Тарас - «Баҳри ӯ бо амри дуне шеър гуфтан манъ шуд // Гӯиё роҳи Днепрро банд шуд» мегӯяд, мо ҳис мекунем, ки шоир ба воқеаҳои муҳимтарини таърихӣ баҳои ҳаққонӣ медиҳад ва аз ҳама асосиаш, ин воқиаҳо гӯё дар

як он ба ҳам наздик мешаванд ва ба ҷузъи таърих, зиндагии имрӯзаи мо мубаддал мегарданд. Ҳамин тавр, таърих бо замони ҳозира пайванд мегардад.

Аз ҷиҳати дигар, хусусияти лирикии достон ба шоир имкон медиҳад, ки дар сайри макону замон озод бошад, яъне шоир ҳар як пораи зиндагии ин сарзаминро, ки бо чашмони худ мебинад, ба гузаштаи он озодона муқоиса карда метавонад. Ӯ, чунонки қайд шуд, дар боби «Мавҷи нур» - и достон, ба мавҷҳои беқарори Днепр назар андохта, қиссаи пешин, чӣ гуна ба одамони оддӣ, ки дар даст ҳуҷҷате бо номи ГОЭЛРО доштанд, таслим шудани онро ба ёд меорад ва дар боби «Мавҷ дар саҳро» бошад роҳеро, ки ғаллаи Украина дар гузашта ва ҳозира тай карда, ба рӯи дастурхони мардум мерасад, бо дидаи дил пайсипарӣ менамояд.

Ҳамин тариқ, лаҳзаҳои зиндагии халқи украин пора-пора, мавҷ-мавҷ ба тасвир меояд ва монанди он ки мавҷ дар рӯд пушти ҳам омада, дар рӯдхона ба ҳамдигар мепайвандад, бобҳои достон низ бо ҳам пайванди мустаҳкам мегиранд. Шахсияти шоир ва таассуроти ӯ дар ин достон нақши асосӣ дорад. Гирем, боби «Мавҷҳои бародарӣ» - ро. Муҳимтарин лаҳзаи таърихи халқи шӯравӣ ба воситаи драмаи шахсии шоир нишон дода шудааст. Вале он фоҷиаи шахсӣ, ки муҳимтарин лаҳзаи таърихи халқро инъикос мекунад, ҳаргиз фоҷиаи шахсӣ набуда, аҳамияти умумихалқӣ пайдо менамояд. Драмаи «Мавҷҳои бародарӣ» маҳз ҳамин гуна хусусият дорад.

*Ба дида нақши рӯи ту,*
*ба гӯш гуфтугӯи ту,*
*Ҳанӯз аз димоғи ман*
*нарафтааст бӯи ту.*
*Ба ҷои дур меравад*
*дилам ҳамеша сӯи ту.*
*Шудам калону омадам*
*кунун ба ҷустуҷӯи ту,*
*Бародарам,*
*Бародари ба ҷону дил баробарам!*

*Замини Украинаро*
*зи сарру бар қадам задам,*
*Ба ҳар диёр дар задам,*
*ба ҳар мазор дам задам,*
*Зи лавҳаҳои мармарин*
*ба ҳирс ҷуста номи ту,*
*Бикофтам, наёфтам*
*нишони ноаёни ту,*
*Бародарам,*
*Бародари ба ҷону дил баробарам!*

Мабдаи шахсияти шоир дар бобҳои ошиқонаи достон ҳам инъикос шудааст. Болотар зикр шуда буд, ки зебоӣ аз назари Мӯъмин Қаноат меъёри покию бузургист, ин тавр бошад, меарзад, ки бо он биомезӣ. Дар боби «Мавҷи суруд» зебоии дилбари лирабадаст, навоҳои ҳалимонаи диловез шоирро об мекунад ва ӯ бо обҳои Днепр якҷо мешавад. Дар ин ҷо таассуроти ошиқонаи шоир аз доираи шахсии ӯ берун баромада, ӯро бо халқи ин ёри лирабадаст мепайвандад.

Таҷрибаи нахустини достонсароии шоир пурбарор буд. Вай аз рӯи таассуроти шахсии худ чанд лавҳаи зиндагии халқи украинро кашид, ки барои бо як тарзи бадеӣ ифода кардани мақсади ғоявии шоир мувофиқ буданд. Шоир дӯстии халқҳои Ватани сермиллати моро дар манзараҳои тозаи зиндагӣ дид ва тасвир кард. Вай дар оғози достон ин мақсади худро дар муроҷиаташ бо рӯди Днепр чунин изҳор дошт: «То ба мисли Панҷ бишносам туро, Дар

Бадахшон ҷӯям осори туро». Бинобар ҳамин ба ҳамдигар омезиш ёфта, тасвир шудани лавҳаҳои зиндагии халқи украин ва тоҷик як амри воқеист. Ба ҷуз ин шоир имкон ёфт, ки ворисияти анъанаҳоро ҳам дар инкишофи беисти таърих (масалан, дар бобҳои «Мавҷи нур», «Мавҷ дар пешонаи поки Тарас») ва ҳам барои наслҳои имрӯз нишон диҳад (масалан, боби «Мавҷҳои бародарӣ»).

Аз назари шакл ва банду баст як андоза рехта ва мукаммал набудани достон боиси тааҷҷуб нест. Ин таҷрибаи нахустини шоир буд. Баъзе бобҳои достон, аз ҷумла, боби «Мавҷ дар дилҳо», ки дар чопи аввали достон буд дар чопҳои минбаъда партофта шудааст, аз мавзӯи он ҷудоӣ дошта, дар бобҳои дигар бандҳои зиёдатӣ, ки шоир онҳоро бо равиши бандҳои дигар мегуфту онҳо бори маънии казоӣ надоштанд (масалан, дар беҳтарин боби достон «Мавҷҳои бародарӣ» ҳам чунин ҳолат ҷой дорад), ба назар мерасиданд. Бинобар, достонро шоир ба маҷмӯаи «Сарҷӯи сабз» бо таҳриру тағйиротҳои тоза дохил намудааст, ки, бешубҳа, барои беҳтар шудани он хизмат кардаанд. Достон дар таҳрири нав рехта ва мукаммалтар шудааст.

Шоир пас аз достони «Мавҷҳои Днепр», «Достони оташ»-ро навишт, ки он ба ғайр аз аломати инкишофи мантиқии эҷодиёти шоир буданаш як хусусияти дигар ҳам дошт. Дар «Мавҷҳои Днепр» мавҷ ба мафҳуми васеъ истифода шуда буд. Нигоҳи шоир ба ҳар чӣз ва ба ҳар тарафе, ки дӯхта мешуд, мавҷеро дармеёфт. Дар маркази воқеа худи шоир меистод ва дидгоҳ дидгоҳи ӯ буд. Мавзӯи достони нав, ки корномаи Норак ва ғояи он пирӯзии нур бар зулмот буд, банду басти тозае мехост.

Домани тасвири ин достон нисбат ба «Мавҷҳои Днепр» фарох мебошад, дар он ҳодисаҳои бисёре ба вуқӯъ мепайвандад, чандин қаҳрамон амал мекунад ва аз ҳама муҳимаш вай мусодама, зиддияттҳои воқеию дохилӣ дорад, ки дар достони лирикии «Мавҷҳои Днепр» набуд ва ин чиз дар талаботи жанри достони лирикӣ ҳам нест.

Дар достони нав меҳвари тасвир аз шахси шоир ба худи мавқеи тасвир, ба коргоҳи Норак кӯчид. Вусъати сохтмон барои дар таассуроти шахсии шоир ифода шудан бузургӣ мекард, объект инъикоси объективӣ мехост. Таассуроти субъективии шоир дар ин достон шакли лиризми дилнишинро гирифта, вазифаи ёрирасонро дар уҳда дошт. Шоир лиризмро барои пуртаъсир ифода кардани авзои қаҳрамонҳо ва ҳолати вуқӯи ҳодисаҳо истифода бурд. Оғози лирикии достон, ки дар он шоир ба дарёи Вахш муроҷиат карда, барои равшании сатрҳои достон табақе нур хостааст, ниҳоят самимӣ гуфта шудааст.

*– Вахш,*
*Рукнободи кӯҳистони ман,*
*Қиссаи ман, аввалу анҷоми ман!**
*Як замоне хурд будам, нотавон,*
*Ту калон будӣ, чу дарёи калон.*
*Парниёнам буд рӯи санги ту,*
*Реги соҳилҳои тиллоранги ту.*
*Аз саҳар то шом байни хоку об*
*Месириштиям зи обу офтоб.*

Воқиаҳои достон аз назари вақт хеле фарох аст, вай аз замони шӯриши Восеъ то ба кор даромадани аввалин дастгоҳи нурофарини Норакро дар бар мегирад. Табиист, ки дар як достони ҳаҷман хурд фаро гирифтани ҳодисаҳои ин қадар вақти тӯлонӣ имкон надошт ва дар

[9]*Дар ин байт қофия вучуд надорад, зеро «кӯҳистон» бо «анҷом» .қофия намешавад

назди шоир масъалаи фишурдани замон ва интихоби воқеоти муҳимтаринро гузошт, ки хусусияти замонро ба хубӣ ифода карда тавонад. Ҳар боби достон аз ҷиҳати лафзу маънӣ тамомияте дошта, пайдарҳамии замони вуқӯи воқеаҳо бобҳоро ба ҳам мустаҳкамтар пайванд менамоянд. Ба ғайр аз ин, шоир дар дохили бобҳо баъзан дар мавриде аз замони ҳозира ба сайри гузашта меравад, чунонки дар боби «Нур дар роҳ» ҳаст ва ин чиз дар достон ба ҳам бархӯрдани замонҳоро ба вуҷуд оварда, тазодро пурқувват намуда, ба таъсирбахшии асар меафзояд.

Қаҳрамони асосии достон Инсони нурҷӯй ва нурофарин аст. Нур озодист. Бинобар ин, дар асотири юнониёни қадим худоён нурро, оташро ба инсон надода буданд. Прометеи баҳодур онро рабуд, ба инсонҳо расонд ва ба ғазаби худои худоён – Зевс гирифтор шуда, дар танаи кӯҳ занҷирбанд гардид ва ба ҷигари ӯ уқобон минқор мезаданд.

Вале дар ҳар давраи таърих оташрабоёни бебок пайдо мешаванд, ки пешопеши масофаи таърихро равшан менамоянд ва инсоният аз оташрабо то оташрабои дигар дар зулмат намемонад.

*Боз одам дар паи анвор шуд,*
*Дар сиришти ӯ Худо бедор шуд.*
*Боз марде хост орад бар замин*
*Оташе аз қалбҳои оташин,*
*На зи яздон, аз ниҳоди хокиён,*
*Ки ниҳон буд ахтаре аз бостон.*

Ин марди оташхоҳ Васеъ буд. Вай бар зидди зулмот хест ва як лаҳза пардаи бедодро дарид, як лаҳзаи нур бар ивази чӣ қадар қурбониҳои бисёр бар чеҳраи замон тобид. Ҷанги беамони нур бо зулмот, ҷанги дастаи Васеъ бо лашкари ҳоким ва мағлубияти ӯ дар достон хеле муассир ва фоҷиавӣ ба қалам омадааст.

*Дар сафи мардум парешонӣ фитод;*
*Дастае бар санги хоро сар ниҳод,*
*Дил пурармон,*
*ҷовидон дар хоб рафт,*
*Як гурӯҳе мавҷ шуд, дар об рафт...*
*... Ғарқа дар хун гашт халқи бегуноҳ,*
*Доди худро ёфт халқи додхоҳ.*

Мӯъмин Қаноат дар ин достон ба офаридани характерҳо кӯшиш мекунад. Асоси воқеии достон барои нигоштани образи мушаххаси инсонҳо мувофиқат дошта, табиати ҳамон инсони нурҷӯй, ки рӯҳи он дар саросари достон ҳис мешавад, дар қаҳрамонҳои воқеӣ – Восеъ, Ленин, Сайрам, Мавҷигул, Нур, Анна, Миша ва дигарон инъикоси худро пайдо мекунад. Инҳо ҳама орандагони оташанд. Ва табиист, ки оташ маънои васеъ касб карда, оташи озодию ободӣ, оташи илму маърифат мешавад.

Ҳамаи қаҳрамонҳое, ки барои ҳамеша дурахшону шӯълавар будани оташ мубориза мебаранд, ҷон нисор мекунанд, пештар дар оташҳои дигар – ё дар оташи муборизаи инқилоб, ё дар оташи Ҷанги Бузурги Ватанӣ пухтаанд ва ё худи ин сохтмони азим онҳоро дар оташи худ обутоб медиҳад. Бунёди чунин як боргоҳи нур – НБО - и Норак на фақат сохтмони техникист, он ҷо сохтмони маънавӣ ҳам буд. Дар он ҷо инсон на танҳо боргоҳи нур месохт, балки баробари қомат афрохтани он, офарандааш афрохта мешуд, худашро ба оҳанги сохтмон аз нав

месохт. Ба шоир аз ҳама муҳимаш тасвири аҳамияти маънавии сохтмон, моҳияти одамсозии он буд.

Маълум аст, ки мақсади бузург инсонро волотар ва аз банди фикру андешаҳои майдаю ночиз раҳо мекунад, ба ӯ қувваи парвози баланд медиҳад. Ин чиз дар достон дар тақдири се зан – Лена, Сайрам ва Мавҷигул пуртаъсир нишон дода шудааст. Лена бо роҳи падараш, ки дар барқарор кардани Ҳокимияти Шӯравӣ дар Тоҷикистон иштирок кардааст, рафта, аз Сибир ба соҳили Вахш расид: «Нақб – ҷои кор, ҷои корзор» аст ва ӯ «Дур аз андешаи суду зиён, // Нур меҷӯяд барои хокиён». Ва шоир як дастаи нурро аз имрӯз ба гузашта равона мекунад, ки оташе дар он гӯшаи таърих ахгар шуда буд. Шадидтарин саҳнаи достон дар партави ин нур эҷод мешавад. Оғози замони нав ва ибтидои дарси охирин дар мактаби деҳа. Шом. Бепаноҳоне, ки дар паноҳи империализми англис буданд, бо сардории Фузайл – Махсум ба мактаб зада даромаданд:

*Гашт ларзон лаҳзае нури чароғ,*
*Бачаҳо буданд ҳайрон, бедимоғ,*
*Гуфт: - Оҳо, духтари зебо шудӣ,*
*Лол будӣ, булбули гӯё шудӣ.*
*Тавба кардам,*
*як заифи мушти пар*
*Шубҳа меорад ба имони падар,*
*Дарс мегӯяд ба шайтонбачаҳо*
*Аз китоби куфр, бар қасди худо.*
*Тавба кун, Сайрам, ки ҳоло дер нест, -*
*Лутфи ҳақро аввалу охир(?) нест, -*
*Тавба кун!..*
*- Ту тавба кун, эй рӯсиёҳ,*
*Ту гунаҳгорӣ!*
*Надорам ман гуноҳ!*
*- Беҳаё!*
*Бо ман баробар мешавӣ?*
*Ёғии дин, ёри кофар мешавӣ?!*
*Дор ӯро!..*
*Аз ду дасташ доштанд,*
*Кӯдакон оҳу фиғон бардоштанд.*

Субҳи рӯзи дигар. Се муаллима бояд дар миёнаи бозори оташзор ба дор кашида шавад. Халқи бесилоҳ ин саҳнаро бо нафрати хомӯш назора мекунад. Баробари аз замин канда шудани пои ин се муаллима:

*Бор шуд бар дӯшҳо ҳамчун гувоҳ*
*Гӯиё бори замин,*
*бори гуноҳ.*
*Пои мардум медаромад ноаён*
*То ба зону дар замини безабон.*
*Дар ҳаво се куртаи авлони тар*
*Буд аз ҳар оташе тобандатар.*

Бори ин фоҷиа ба дӯши халқ мефуромад, аммо ӯ бесилоҳу беилоҷ буд ва шояд нанги онро ҳанӯз то охир намефаҳмид, чунки инқилоби маънавӣ тадриҷан ва бо сахтиҳо ғалаба мекард ва

душманони нуру озодӣ халқро аз фурӯхтани дину имон ва гирифторӣ ба ғазаби худо метарсониданд. Вале бо вуҷуди ин халқ дар фоҷиаи он се муаллима, ки пас аз овезаи дор шудан ҳам куртаҳояшон аз ҳар оташе тобандатар буд, худро аз гуноҳ холӣ намедонист ва аз бори гуноҳ пояш ба замин фурӯ мерафт.

Инқилоби маънавӣ, тағйири шуур аз барҳам задани зулму истисмор, рабудани оташ ва аз нав фурӯзондани он мушкилтар буда, дуру дароз давом мекард. Инсон ҳастии мураккаб аст. Боргоҳи бузурги нурро месозаду муҳри рӯза дар лаб дорад. Сохтмон ин касонро ҳам бо тадриҷ аз нав месозад. Бинобар, агар дар дастаи Анна мардони хоксори рӯзадор ба ёди биҳишт худашон бунёди биҳишт гузоранд ва дар ниҳоди онҳо ҳоло ин ду чиз бо ҳам созиш карда тавонад, ҷавонҳои сохтмон комилан дигаранд. Духтари Бобо Назар Мавҷигул тӯи дар авҷро, ки бе ризои ӯ мешуд, бекор кард ва ба мошин нишасту аз тӯй рафт ва таънаи мардумро пушти по зад. Ӯ кранчии сохтмон шуда баргашт:

*Зери фармон,*
*зери дастони маҳин*
*Гирдгардон буд кӯҳи оҳанин,* -
*Гирдгардон буд гирди ӯ замин,*
*Азми одам, разми одамро бубин!*

Духтари оддии деҳ бузургӣ меёбад, вай нурофарин мешавад, Замин маҳз дар гирди ҳамин гуна инсони нурҷӯй давр мегардад. Сохтмон бунёдкунандагонашро ҳамин тавр баробари худаш меафрозад. Вай ба онҳое, ки монанди Анна фоҷиаи ҷангро дидаанд, арсаи кору эҷод мешавад, аз чанги дарду ғам халос мекунад, дар онҳо ба ҳаёт дилгармии тозае парвариш менамояд.

Қаноат дар достон ба мақсади худ муваффақ шуд. Вай таркибу ташкил, бандубасти достонеро, ки дар марказаш образи ягонаи серпаҳлуи пурмаъно бошад, эҷод кард. Он минбаъд дар асарҳои дигараш истифода шуд. Дар «Мавҷҳои Днепр» шоир дар достонгӯӣ ҳоло навкор ва ин чиз дар лафзу маънӣ падидор бошад, дар «Достони оташ» дар гуфтани достон маҳорат пайдо кард. Ин достон аз назари шаклу услуб, банду баст ва баён бо маҳорати зарурӣ гуфта шудааст. Сухани шоир расою пухта, тасвирҳояш мувофиқи ҳолати вуқӯи ҳодисаҳо гоҳ равшану сурурангез, гоҳ тираю ғамовар, гоҳ орому ботаннӣ ва гоҳ пуршӯру пурошӯб ба назар мерасанд. Гирем, лаҳзаеро аз боби «Нур дар роҳ», ки дар он ҳурриятро ба сӯи Хатлонзамин бурдани аскарони сурх тасвир мешавад:

*Мепарид оташ зи наъли аспҳо,*
*Ҳар садо дар кӯҳ мешуд даҳ садо.*
*Гӯӣ(?) дар ин роҳ даҳ фавҷи дигар*
*Буд онҳоро ниҳонӣ ҳамсафар,*
*Найзаҳо чун шӯълаҳо месӯхтанд,*
*Шомро оҳиста меафрӯхтанд.*

Байти охири ин тасвир махсусан, муҷаз буда, бо рангҳои баланду дурахшон як манзараи инқилобро дар пеши назар ҷилвагар месозад ва ба ғайр аз тасвир буданаш, боз ифодаи маъниеро бо худ ҳамроҳ дорад. Шом дар як вақт метавонад ҳам шом, яъне бегоҳ бошад ва ҳам шоми зиндагии он диёр, ки аз расидани найзаи инқилобиён мунаввар мешавад. Ин аломати ғояти маъникашии тасвир аст.

Мӯъмин Қаноат дар як вақт бо ин достон, ки солҳои 1964-1966 эҷод шуда буд, боз як силсила шеърҳо навишт, ки аз онҳо махсусан, «Обшор», «Дар паноҳи шохсорон», «Нарав, қуи сафеди ман», «Давоми нек роҳатро», «Гули бодом» аз таровати образҳо, пуртаъсирии таассурот ва фасоҳату балоғати баён аз ҷумлаи беҳтарини шеърҳои ӯ ба ҳисоб мерафтанд.

Шоир дар шеъри «Обшор» аз баёни бевоситаи аввалин тазоҳуроти муҳаббати худ бар оне, ки бо ӯ ҳар ду дар торҳои шаршара наво шудаанд, худдорӣ карда, бар оне, ки гувоҳи аввалин ҳиссиёти поку дилошӯби ӯ буд, ба обшор мурочиат кардааст. Ин ифодаи бавосита таъсири баёнро афзудааст. Тасвир тоза, хотирнишин ва дилписанд аст.

Шоир ба обшор, ки ҳамчун образ дар шеър барои ба ришта кашидани ҳиссиёт хизмат мекунад, хеле озодона рафтор менамояд. Ӯ ба обшор, ки ҳам хислатҳои дилбари баҳори наврасии ӯро доштаасту ҳоло ҳамсуҳбати шоир шудааст, аз назари шахсии худ хосиятҳоеро додааст, ки ифодакунандаи муҳаббати гузашта, замони дӯстдориҳои бебозгашт мебошад. Бо пурратар аён шудани образи шоир - оҳангҳои кӯҳнаро такрор, ёди бахобрафтаро бедор кардани он - шоир барои нигориши образи дигаре заминаи ҳиссӣ ва мантиқӣ тайёр кардааст. Ба воситаи ташбеҳу истиораҳо ба обшор монанд кардани духтарак гунҷоиши образи обшорро афзуда, он гӯё симои духтаракро низ дар торҳои худ инъикос намудааст. Ҳамаи воситаҳое, ки барои пурратар нишон додани образи духтарак ва ҷузъиёти лаҳзаи бебадал истифода шудаанд, аз ҷиҳати оҳанги эмотсионалӣ ва обутоб ба ҳам мувофиқат карда, барои ягонагии баобутоби шакли бадеӣ кӯмак расонидаанд.

Тасвири обшор дар асоси композитсияи шеър қарор гирифтааст ва он аз ҳар ҷиҳат барои ифодаи муносиби мундариҷаи шеър, барои ба ҳам ошноӣ бахшидани ҳиссиёти мухталиф ва ашё ёрӣ додааст. Дуҷонибагии тасвир – тасвири обшор ва духтарак маҳз ба воситаи образи обшор ба ҳам омехтааст ва барои ифодаи таассуроти ботинии шоир дар сурати ҷузъиёти олами ашё мадад расонидааст. Обутоби ҳиссӣ тамоми ашёи тасвирро барои ифодаи ҳолати рӯҳии шоир мувофиқ сохтааст, ки аз ҳар банди шеър ғуссаи ширин ва гуворои замони бачагӣ шунида мешавад.

Агар «Обшор» дар жанри анъанавии мусаллас гуфта шуда, шоир аз ифодаи бавоситаи ҳиссиёт истифода карда бошад, пас шеъри дигар ва, бешубҳа, аз беҳтарин шеърҳои Қаноат «Гули Бодом», аз ҷиҳати жанр, шеъри озоди монолог, яъне шеъри нав буд. Ин шеър ба тарзи озод қофия баста шуда, порчаҳои тараннумияш ҳам бо тақозои ифодаи комили фикру ҳиссиёт гуногун, гоҳ каму гоҳ беш оварда шудааст. Бояд икрор кард, ки «Гули Бодом» яке аз беҳтарин шеърҳоест, ки дар назми муосири мо дар ин чанд соли шуғлаш ба гуфтани шеъри озод (солҳои 60-70 дар назар дошта шудааст) ба арсаи эҷод омад. Ин шеър арзи муҳаббати ҷанговари савора ба аспи худ-Гули Бодом аст ва ин арз ниҳоят таъсирбахш аст, ки хонанда ба қисмати ин асп ҳаргиз хунсард монда наметавонад. Ба дӯши ин аспи хушрӯю бозигар чӣ қадар рӯзҳои сахту вазнин, чӣ қадар муҳорибаҳои хунин меафтад ва ба ин нозукию гулрезӣ «се баҳору се зимистонро... аёсу барфу боронро» зери зин мегузаронад, бо танк рӯ ба рӯ меҷангад ва дар охир ғарқаи хуни худ мешавад.

Ин монолог аз забони ҷанговари савора Саидаҳмад Каримов мебошад ва маълум аст, ки ҳамаи сахтиҳои ба дӯши асп афтода, ба сари соҳибаш низ омадааст. Ба ин восита шоир аз қаҳрамонии ҷанговар ҳарфе нагуфта, рӯҳи бешикасти ӯ, фидокории ӯро ҳам нишон медиҳад. Аз ҷиҳати дигар вай дар он қадар хунрезиҳои шадид нармии дил ва одамияти худро аз даст надод, ки ин кори осон набуд ва меҳри ӯ ба Гули Бодом гувоҳи ин аст.

Мавзӯи ҷанг ва рӯҳи тавонои халқ шоирро бештар ба худ машғул медорад. Вай роҳҳои гуногун ва тозаи ифодаи пуртаъсири ин мавзӯъро меҷӯяд ва аз «Мавҷҳои Днепр» ва шеърҳои

«Хоби қаҳрамон», «Гули Бодом» ба балладаи «Китобҳои захмин» мерасад. Дар ин баллада мавзӯи ҷанг ва ҷанговари шӯравӣ боз аз як паҳлуи дигараш ба тасвир меояд.

Муаллими ба ҷанг рафта аз Ленинград ба шогирдони худ, ба деҳи дурдасти кӯҳистони тоҷик китоб мефиристад. Дар он солҳо ҳам Ленинградӣ дар муҳосира вазифаи олӣ, ба сӯи нуру равшанӣ ва донишу маърифат бурдани халқро фаромӯш намекунад. Ин баллада гуфтори тоза аз ягонагии маънавии халқҳо буд.

«Китобҳои Захмин» аз ҷиҳати маҳорати тасвир ва сайқали сухан бар бисёр асарҳои пешинаи шоир афзалият дорад.

*Садои занг ногаҳ чун садои тирборон шуд,*
*Дар ин ҷо дарс поён шуд.*

Ин ташбеҳ ба фаҳми талабаи замони ҷанг мувофиқ аст, аз ҳама муҳимаш рӯҳияи бачагони замони ҷангро муҷазу таъсирбахш ифода мекунад. Ва ё

*Сабақро чун табақ аз гушнагӣ дидем,*
*Алифро бо алаф хӯрдему сабзидем. –*

гуфтааст шоир ва калимаҳои ҳамовоз - таҷнисро ба кор бурда, мақсади худро хеле мухтасар ва аниқ баён кардааст. Ин хел тасвиру ифодаҳои пурбору таъсирнок дар баллада зиёданд. Худи китобҳои захмин образи фароху пурғунҷоиш ва пурмазмун аст.

Бешубҳа, ҳамаи асарҳои дар мавзӯи ҷанг гуфтаи шоир барои эҷоди барҷастатарин достони ҷангии ӯ «Сурӯши Сталинград» замина шуданд.

«Сурӯши Сталинград» як навъи достони эпикист. Муҳимтарин хусусияти достон ин аст, ки дар он ҳодисаю воқиаҳо аз назари вақт ва фазо хеле фушурда шуда, характерҳо, чунонки ба тарзи тасвири драмаи фоҷиа хос аст, барҷаста ба қалам омадаанд. Ҳоло дар аксари достонҳои имрӯза аз тасвироти батафсил сарфи назар карда шуда, композитсияи он канда-канда ба назар мерасад. Ин хусусиятест, ки замони пурҳодиса ва пуршиддату мураккаби мо ба достон ворид карда истодааст. Аз ин сифат достон дар чизи асосии худ бурд мекунад: афшурдани воқеа ва замон барои боз ҳам пуртаъсир ва барҷаста зуҳур кардани ангезаи умумибашарии он ёрӣ мерасонад. Ангезаи умумибашарӣ меъёри достони ҳақиқист.

Достони «Сурӯши Сталинград» аз оғоз, ҳашт сурӯш ва анҷом, ки сурӯши модарон аст, иборат мебошад. Эҳтимол, сурӯш мувофиқтарин образ аст, ки мақсади шоирро ба хубӣ ифода мекунад. Ин сурӯшҳо садои фоҷиаи ҷонсӯз, садои қаҳрамонҳо, садои тифли ба дунё наомада, садои ҳаёт ва мамот аст. Сурӯш на образи мавҳум, балки моддӣ буда, дар гӯши мо садо медиҳад.

Ин садоест, ки бо қудрати бузурге аз дилу ҷонҳо бадар мешавад, маконҳою замонҳоро фаро мегирад ва дар фазо доман паҳн карда, ҳамеша бо як вазнинӣ аксандозӣ мекунад: ба расидани ин садо дурии масофа ва замон монеъ шуда наметавонад, вай аз ин дуриҳо гузашта дар гӯшҳо танин меандозад.

Ҳамин тариқа, ин сурӯш ба достон оҳанги қаҳрамонӣ дода, аз ибтидо дар дили кас ҳиссиёти қаҳрамонию фидокорӣ парвариш мекунад.

Қалъаҷанги Сталинград бузургтарин муҳорибаест дар таърихи инсоният, муҳорибаест, ки то имрӯз ва замонҳои дури оянда қувваи бузурги драмавию фоҷиавии худро нигоҳ доштааст ва медорад. Дар зимни ҳамин гуна давраи таърих мусодама ва задухӯрдҳои достони Мӯъмин Қаноат сурат мегирад.

Сурӯши аввал аз Замин аст. Як пораи Замин – Сталинград аз номи ҳамаи кураи арз сухан мекунад. Қисмати Замин дар ҳамин як пораи вай ҳал мешавад. Ин ба шоир ҳуқуқ медиҳад, ки тақдири Заминро дар ҳамин як пораи ӯ бинад ва ҷузъро ба маънои пурааш ҳамчун кулл тасвир кунад.

Дар достон, аз сурӯши аввал сар карда, оҳанги ҳаёт танинандоз аст. Ҳамон лаҳза образи тифл ба миён меояд, ки дар зери бори гаҳвораи чаппагрдон ҷон доданаш мумкин аст. Ин нидои ҳаёт аст ба ояндагон. Ин тифл зинда мемонад.

Замин бузург аст, бузургтар аз он чизе нест. Дарёю кӯҳҳо, шаҳрҳою бешаҳо дар оғӯш ва дар дӯши ваянд. Образи дарё аз ҷиҳати замон ва макон пургунҷоишу фарох аст. Вай аз назари замон давраҳои бо Ленин ҳамчун додару хоҳар калон шуданаш ва аз ҷиҳати макон ду ҷаҳон – ҷаҳони зиндагӣ ва бандагиро дар бар гирифта, ҷорист. Ин дарёест, ки ҳамроҳи Ленин ин заминро аз бандагӣ озод кардааст. Пас, он на фақат дарёст, рамз ҳам мебошад.

Дар ду боби аввал Замин ва Дарё маркази фоҷиа ва тасвиранд, дар боби сеюм маркази фоҷиа зодаи дарё – маллоҳи Баҳри Сиёҳ аст. Фоҷиаи ҷанг, ки дар сурӯшҳои якуму дуюм умумият ёфта тасвир мешуд ва бештар хусусияти рамзию фалсафӣ дошт, акнун дар сурати инсон, фарди конкрет инъикос мегардад.

Ин аз вазифаҳои мураккаб ва мушкилтарин аст. Дар ин ҷо як хусусияти муҳимтарини достон аён мешавад. Шоир аз байни ҳамаи он ҳодисаҳои мудҳиш ва мураккаб, дуду сӯхторҳои сарбафалак, таркишҳое, ки чанги заминро ба фалакҳо бардошта, чизҳои дар атроф бударо реза-реза карда мепартофтанд, ба инсон назар дӯхта, ӯро бо рангҳои баланд ва андозаҳои бузург тасвир мекунад. Ҳамаи ин маҳшар аз дили чанд ҷонфидо мегузарад ва шоир тавонистааст, ки ин воқеаи мудҳиши таърихи инсониятро, ки дар он миллионҳо нафар иштирок доштанд, дар тақдири ин чанд тан нишон диҳад. Табиист, ки дар ин ҳолат экспрессия, шиддати тасвири шоир ва мазмуни рафтори ҳар қаҳрамон ба дараҷаи олитарин меафзояд. Ин чанд тан ҳама дар лаҳзаҳои охирини умрашон, лаҳзае пеш аз парвоз ба ҷовидон тасвир гаштаанд. Ин як лаҳза маънии тамоми умрро муайян намудааст. Ин чанд тан қаҳрамонии худро бедабдабаю намоиш, бетантанаю суханҳои олӣ, бо фурӯтанӣ ва оромӣ ба ҷо меоранд. Дар ин кор шоир хеле меъёршинос аст, фоҷиаи қаҳрамон ҳангомаписанд нест.

Зебоии инсон дар мушкилтарин ва муҳимтарин лаҳзаҳои умр дарк карда мешавад.

Қаноат қаҳрамонони Сталинградро маҳз дар ҳамин гуна лаҳзаҳо, лаҳзаҳое, ки ҷон талаб доранд ва на фақат ҷон нисор кардани оддӣ, балки бо қаҳрамонӣ ва рӯҳи бешикаст ҷонфидо буданро мехоҳанд, ба тасвир мегирад ва тамоми ҳусни ахлоқ ва моҳияти иҷтимоии инсонро нишон медиҳад. Ҳамаи онҳо дар лаҳзаҳои вопасини умрашон дар лаҳзаи «ситорапар» беҳтарин сифатҳои инсониро падидор менамоянд; онҳо на фақат қарзи ҳарбии худро сарбаланд иҷро мекунанд, агар лозим шавад, ба мисли Михаил Паникаху, Матвей Путилов зиракӣ ва мардонагии бемисол нишон дода, ба абадият мераванд. Бинобар ин, достони Қаноат дарки қаҳрамонии бошуур, тазоҳури олии рӯҳи инсон аст.

Сурӯши сеюм «Маллоҳи баҳри Сиёҳ» асоси воқеӣ дорад. Маллоҳ Михаил Паникаху дар полки 883 – уми тирандозон хизмат мекард. Вай як танкро бо шишаи моеи сӯзанда оташ мезанад, вале шишаи дуюм аз тири танк сӯрох шуда, дар дасташ дар мегирад ва маллоҳ саропо аланга гирифта, ба таги танк метозад, то бо алангаи ҷисму ҷонаш танкро сӯзонад.

Ин қаҳрамонӣ Заминро ба ҳуш меорад ва ӯ қавидил мешавад, ки чунин фарзанд дорад ва шӯълаи зиндаи ӯро модарона дар синаи худ ҷой медиҳад. Мазмуни фалсафии ин қаҳрамонӣ шоирро ба нигоҳи вусъатнок водор мекунад ва қаҳрамонии як аскар дар миқёси тамоми Замин дарк карда мешавад.

Лекин Замин ҳоло дар банди фоҷиа аст. Фарзандони вай дар соҳили дарё ташна мемиранд. Яке аз онҳо, Матвей Путилови алоқачӣ, симҳои телефонро пайваст карда, охирин нолаҳои худро фурӯ мебарад, то аз оҳаш пайвандҳо канда нагарданд. «Нагардад аз лаби ояндаҳо лабхандҳо канда» мегӯяд шоир ва ин мақсади ӯро хеле хуб ифода мекунад ва симои ин қаҳрамон чун пайванди наслҳою замонҳо ба назар мерасад, ин рафтори ӯ маънои амиқи рамзию фалсафӣ пайдо мекунад.

Ҳамлет дар фоҷиаи Шекспир чунин гуфта буд: «Канд пайванди замонҳо» ва ин нидо фақат ба он фосилаи кӯтоҳи вақт, ки дар фоҷиа тасвир шудааст, тааллуқ надошта, чунонки дар ҳамаи асарҳои Шекспир ҳаст, фоҷиаи наслҳои минбаъдаро низ, ки дар натиҷаи ҷангҳою хунрезиҳо ба амал пайваста, онҳоро аз ҳамдигар ҷудо кардаю дар байнашон душманӣ меандозад, ифода карда буд. Акнун Матвей Путилов гӯё бо Ҳамлет мубоҳиса мекунад ва аз имрӯз ба оянда рахт баста, бо риштаи ҷону ҷавонии худ намегузорад, ки пайванди замонҳо канда шавад.

Тарҳи Матвей Путилов ҳам ба монанди ҳамаи қаҳрамонҳои достон Михаил Паникаху, Аҳмад Турдиев ва дигарон бо рангҳои баланд, вале хеле мухтасар тасвир гаштааст, дар он тафсилоти ҷузъиёт ба назар намерасад. Шоир дар ин кӯшиши худ баъзан ба андозае мухтасарбаён аст, ки як образи ӯ ҳам ба маънои рамзӣ ва ҳам ҳаётии воқеӣ меояд, бо як сухан ҳам амалиёт ва ҳам маънои рамзӣ ифода мешавад. Вай қаҳрамонии Матвей Путиловро тасвир карда менависад: «Ба сӯи қуллаи худ бо машаққат роҳ меҷӯяд» ва ин қулла на фақат қуллаи воқеист, балки қуллаи олии зиндагии вай, қуллаи моҳияти инсонии ӯ, қуллаест, ки аз он бар ҷовидон сафар хоҳад кард. Дар вопасин лаҳзаҳои умр аз вуҷуди ӯ суханҳои пурармон бадар меояд. Мо пораи охири шеърро хонда, дар бораи чӣ гуна мисраъҳоро шикастани шоир намеандешем, мо онҳоро ҳамчунон табиию воқеӣ, чун суханҳои канда-канда, оҳҳои кӯтоҳ-кӯтоҳи вопасин, ки пеш аз марг аз вуҷуди қаҳрамон бадар меояд, дарк мекунем. Дар ин аст маҳорати шоир. Суханҳои пурфоҷиа «Ман лабташнаам, ташна...» пурмаъно ва дар айни ҳол дақиқу амиқ буда, ду маънoро, маънои рамзӣ ва ҳаётиро ифода кардаанд. Матвей, ки пеш аз марг вуҷудаш месӯзад, на фақат ташнаи об аст.

Матвей дар майдони муҳориба барои ҳаёт ташнаи обу зиндагӣ, ташнаи ишқу муҳаббат мирад, Робиа дар ақибгоҳи дур «бо тани гулбарг ё пироҳани гулдӯз» ташнаи дидори Аҳмад метапад. Ҷанг на фақат дар набардгоҳ, балки дар миёни дилҳост, гуфта буд шоир. Композитсияи достон ҳам аз ҳамин назар андешида шудааст.

Оҳанги ташнагӣ ба маънои васеаш барои сурӯши Робиа замина мегузорад. Дар ин ҷо достон ба ифодаи мавзӯе, ки бо сурӯшҳои аввали достон беалоқа бошад, нагузашта, ҳамон мавзӯи аввалро боз ҳам пуртаъсир ва шадидтар давом медиҳад. Ба қишлоқи дури кӯҳистон на фақат садои ҷанг мерасаду бас, ҷанг дар дили ҳар як кӯҳистонист. Робиа ҳам ба монанди Матвей ташна аст ва ташнагии ӯ ҳаргиз сабуктару осоншикан нест.

Мӯъмин Қаноат ҳамеша ба тасвири қаҳрамоне, ки иродаи мустаҳкам ва бешикаст дорад ва ин ирода дар ӯ ба зиндагӣ меҳру муҳаббати беандоза мепарварад, рағбат дорад. Достони «Мавҷҳои Днепр», «Достони оташ» ва «Китобҳои захмин» - ро ба ёд оред. Қаҳрамонҳои онҳо ҳама рӯҳи бешикаст ва иродаи қавӣ дошта, муҳаббати ҳаёт ин ирода ва рӯҳи онҳоро қавитар мекунад. Дар достони «Сурӯши Сталинград» шоир ба ин равияи худ содиқ мемонад. Қаҳрамонҳои ин достон бениҳоят қавирӯҳ ва маҳкамирода буда, қаҳрамонӣ дар сиришти онҳост, вале бо вуҷуди он, онҳо шахсиятҳои фавқулодда набуда, фарзанди халқанд ва бо ҳазорон ришта ба ҷамъият ва сарзамине, ки онҳоро парвариш кардааст, пайванд доранд. Ба замми ин, шоир ҳангоми тасвири онҳо, ки ҳама дар зиндагӣ прототипи худро доранд, ба

фазилат ва сифатҳои шахсӣ ва ҷудогонаи онҳо аҳамият медиҳад ва сурату сирати онҳоро нотакрору фардӣ ба тасвир мекашад. Ин образҳо, аз як ҷиҳат, ҷудогона буда, аз хусусияти фардӣ бебаҳра нестанд, аз ҷиҳати дигар, сифати қаҳрамонии тамоми халқро дар худ таҷассум карда, ҳастии онҳо на танҳо рӯҳан, балки амалан ҳам ба тақдири Ватан, олам ва инсоният пайвастааст.

Паҳнои олам ҷилвагоҳи рӯҳи онҳост ва ҳифзи ҳаёт мақсади ҷонбозиҳояшон.

Сурӯши шашум яке аз бобҳои олитарини достон буда, гимни баландовозест ба ҳаёт ва ишқ. Ба рағми марг дар «Хонаи Павлов» миёни дуду оташ тифле ба олам чашм мекушояд.

Ҳаёт тавонотар аз даҳшат ва марг аст. Вай дар ҳамин ҷо ҳам зуҳур кард. На фақат зуҳур карду бас, бо пасттарин, муҳимтарин ва нозуктарин нидояш он қадар садоҳои мудҳиш ва бадтар аз савдои маҳшарро ба хомӯшӣ маҳкум кард, ҳамаи он ғурросҳои ваҳмангези марговар аз гиряи тифли навзод бечораю заиф гаштанд. Ҳӯтеро ба ёд оред, ки мегуфт, санъат инъикоси тамоми ҳаёт нест, вай зуҳуроти олии онро инъикос менамояд. Дар ин байтҳо ғолибияти зиндагӣ бар марг ниҳоят пуртаъсир баён шудааст:

*Сафи тайёраҳо бори бало бар дӯш меояд,*
*Зи таҳхона нидои зиндагӣ бар гӯш меояд.*
*Садои тифли навзод ончунон пурҷӯш меояд.*
*Ки аз фарёди ӯ тайёраҳо хомӯш меояд.*

Ин ҳодисаи ягона, ба дунё омадани тифл акнун маънии фалсафӣ пайдо карда, ҳамчун рамзи ғалабаи ҳаёт бар марг садо медиҳад. Дуруст аст, ки зиндагӣ бар марг ғолиб меояд, аммо ҷанг ҷанг аст ва онро роҳи аз қурбонӣ боздоштан нест. Ҳангоме ки Аҳмад ҷон ба каф дар миёни оташу хун Зинаи навзодро ба монанди давоми умри инсон «бо дастону бо дастури мардона» ҳифз мекунад, дар деҳаи дури кӯҳистон занаш, Робиа, аввалин меваи ҳаёт ва ҳосили ишқашро мурда мезояд. Ин фоҷиаи ҷонкоҳ аст барои ӯ ва Аҳмад. Ҳасрати Левчукро аз повести «Галаи гургон» - и Васил Биков ба ёд оред. «Ман муҳофизатгари Ватан, аммо падарро муҳофизат карда натавонистам» - мегӯяд ӯ. Фоҷиаи Аҳмад мудҳиш аст. Вале рӯҳи мустаҳками ӯ намешиканад. Ӯ, ҳангоме ки фарзанди худаш мурда ба олам омадааст, яъне қурбонии ҷанг шудааст, барои як тори мӯи тифли навзоди дигар дар сари як мӯй меларзад. Сирри ғалабаи мо дар муҳорибаи Сталинград дар ҳамин гуна рӯҳи бешикаст ва фидокорӣ буд. Дар муқобили ин хислати аскари мо бар навиштаҳои дафтари хотираи ефрейтори фашист Карл Шрек, ки дар Сталинград асир афтода буд, мулоҳиза кунед, тафовути ботин ва дили аскари моро зудтар мефаҳмед: «Аз ҷиҳати озуқа таъминоти мо, росташро гӯям, хеле хуб аст. Барои як рота озуқа медиҳанд, дар рота вале касе намондааст. Ана, ҳамин тавр, чизи меъдаро пур мекардагӣ ҳаст». Ин ҳарфҳо бе оҳанги писханд ё маломат, балки бо қаноатмандӣ гуфта шудаанд.

Агар дар муҳорибаи Сталинград бо таносуби қувваҳо нигарем, боз аёнтар мебинем, ки рӯҳи бешикасти аскари мо дар ғалабаи ин набард чӣ бузург аст: аз ҳисоби одам 1,4 – 1, аз рӯи тӯп ва миномёт 1-1, аз рӯи танк 2-1, аз рӯи самолет 3,5-1 ба фоидаи душман. Вале дар қалъаҷанг мо ғолиб омадем. Акнун олам медонад, ки мо бо чӣ қуввае бузург ва тавоно будем.

Агар сурӯши шашум, сурӯши Аҳмад, зӯртарин таъкиди ғолиябияти зиндагӣ бар марг бошад, сурӯши ҳафтум шиддидтарин саҳнаи ҷангро пеши назар меорад. Ин як навъи таъсири акс, муқобила аст. Дар сурӯши Аҳмад, марди ҷанговар, ақибгоҳ бо чашми ӯ дида шавад, дар боби Момои Асал саҳнаҳои мудҳиштарини чанг аз нигоҳи Робиа ба тасвир меояд. Аз ин тасвири акс чунин маънӣ бардоштан мумкин аст: агар фоҷиаи ақибгоҳ барои марди ҷанговаре, ки ҳар рӯз маргро борҳо бо чашмони худ мебинад, бо вай дасту гиребон мешавад, даҳшатенгез бошад, пас

вай чӣ сон фоҷиаи бузурге бояд бошад. Вақте ки бо чашми Робиа фоҷиаи майдони ҷанг дида мешавад, даҳшати ҳақиқии вай барои инсоният равшантар менамояд. Робиа сарчашма ва давомдиҳандаи ҳаёт аст. Назари вай назари инсоният аст ба ин ҷанг. Аз ин рӯ, вай ҷангро дар миқёси олам мебинад ва маҳз дар ҳамин боб омадани зӯртарин тасвири даҳшати ҷанг барои Замин ва заминиён ҳам бесабаб нест.

Дар ин боб аз рӯзномаи сарбози фашист, ки бар муқобили мазмуни бобҳои достон оварда мешуд, ибораи «Лаънат ба ҷанг!»-ро мехонем. Ин танҳо иборае аз рӯзномаи сарбози фашист нест. Сурӯши ҳафтум сахттарин лаънат аст бо оташдиҳандагони ҷанг. Сарбози фашист аз нокомиҳои ҷангии худ ба ҷон омада, ба ҷанг лаънат мехонад, вале тамоми достон, аз як ҷиҳат, ситоиш ва тараннум ҳаёт бошад, аз тарафи дигар, лаънат ба ҷанг аст ва боби ҳафтум сахттарини он. Дидани шаҳри бебому дар ва бемурғу белона ва муҳаббатгоҳи вайрона худ тоқатшикан аст, ҳар як хонаи онро ба монанди паймонае дидан, ки ҳар лаҳза ба осонӣ пур мешаваду боз холӣ, тоқатшикантар аст, охир, ин паймона аз умри инсон пур мешаваду холӣ. Вале шоирро таъкиди ҳамин қурбониҳои ҷанг қонеъ намекунад. Чунки ҳамин ҳоло ояндаи тамоми Замин ва инсоният ба чӣ тавр сурат гирифтани набард дар ҳамин як пораи Замин вобаста аст. Ин саҳна бо зӯртарин ифодаи образнок дода мешавад:

*Сари чархи фалак дар чархҳои танк мегардад,*
*Замин мегардаду дар як хиёбон танг мегардад.*

Ҷаҳон гирифтори ҷангу муҳориба аст, сари он дар чархҳои танк мегардад ва гардиши замин чунон тунд аст, ки аз шиддати он идроки ашё ва ҳастӣ қариб аз байн меравад. Замин бо тамоми бузургӣ бо тамоми кӯҳу дарёҳо, биёбонҳою бешазорҳо ва бо тамоми тамаддуну ирфонаш дар як хиёбон танг омдааст, дар як хиёбон тақдири замини паҳновар ва инсоният ҳал мешавад. Ин ниҳояти обутоби маънӣ ва ифода аст. Аз ин баобутобтар гуфтани фоҷиаи ҷанг муҳол аст, чунки ин обутоб ба дараҷаи ниҳоят буда, онро андаке афзудан кифоят аст, ки эҳсоси ҳастӣ аз байн равад. Ин ҷо дами шамшер аст.

Ҳашт сурӯши ин достон, ҳашт сурӯше, ки аз қаъри дилҳо бадар меояд ва садои ҷоншикори ғуссаю андӯҳ ва рӯҳбахши шодию фараҳ аст, дар пардаҳои баландтарини оҳанги қаҳрамонии худ ҳам аз лиризми ҳаяҷонбахш бебаҳра намегардад ва дар охир ин ҳашт сурӯш дар тафаккури мо ба ҳам омехта, ҳангоме ки достонро хонда ба охир мерасонем, дар мо таассуроти бошукӯҳе боқӣ мегузорад. Ҳамин тариқа баъзе он овозҳои маҳине, ки дар сурӯшҳо ба гӯш мерасанд, бо садоҳои пуршӯру баланд ҳамроҳ шуда, ҳама дар якҷоягӣ ба садои фалакпечи зангӯлаҳо бадал мешаванд.

Ин достон бо бисёровозии худ театри юнониёни қадимро ба хотир меорад, ки дар он барои пуртаъсир ва ҳамаҷониба нишон додани фоҷиа тарзҳои рамзии тасвир ба кор бурда мешуд. Амалиёти қаҳрамонҳо гӯё барои дарки амиқтари он чиро ки дастаи хонишгарон дар хор месуруд, хидмат мекунад. Ҳар сурӯш маънӣ ва моҳияти достонро, ки ғалабаи ҳаёт бар мамот аст, ифода менамояд. Вале «сурӯшҳои» достон маҷозӣ бошанд ҳам, шартӣ нестанд, рамзӣ бошанд ҳам, муҷаррад нестанд, ҳар чанд сурӯши аввал аз Замин буда, дар достон аз номи тамоми инсоният садо дармедиҳад. Дар ҳақиқат дар рӯзҳое, ки дар соҳили Волга, дар ин як пора хоки Ватан ҳар лаҳзаю ҳар соат «ҷонсупорӣ буд исботи вафодорӣ», дар он рӯзҳое, ки тири Замин гӯё дар ин хоки пуроташ, валангору пурдуд ҷо гирифта буд, шоир ҳақ дошт, ки ин фоҷиаро ба миқёс ва баландии умумибашарӣ бардорад.

Боби ҳафтум зоҳиран бо боби ҳаштум муқобил гузошта шудааст. Асоси боби ҳафтум фоҷиаи як зан буда, дар боби ҳаштум Чӯйков, генерали армия, аз Замин ва ҳазорҳо шаҳидони

ҷанг маъзарат мехоҳад. Ин тасвири дигаргунаи ҳамон фоҷиа аст. Шоир боз, чунонки дар сурӯши Замин – дар аввалин сурӯши достон буд, ба образҳои мӯҳташам рӯй меорад, суханаш лангардор ва рангу равғани ифодааш баландтар мешавад.

Замин барои шоир фақат сайёрае нест, ки дар коинот ҳамроҳи сайёраҳои дигар вуҷуд дошта, дар гирди тири худ чарх мегардад, вай сайёраест, ки тақдираш ба қисмати одам пайвастааст. Замин мафҳуми шоирона пайдо мекунад, вай ҳам гаҳвора ва ҳам тобути инсонҳост, дили вай ҳам аз захми ҷанг, ҳамчун дили одам маҷрӯҳу хуншор мешавад. Аскари ҷонфидо ба замин парӯ афтида, бо панҷаҳояш ӯро маҳкам медорад ва ангуштони ӯ чун решаҳо ба қаъри замин фурӯ мераванд. На фақат зиндаи ӯ, балки мурдааш ҳам аз вай ҷудо надорад.

Сурӯши хотимавии достон аз модарон аст. Ёд доред, боби аввал Сурӯши Модари Замин буд, акнун Модари Инсон ба сухан меояд. Дарди Модари Инсон ба андозае бузург аст, ки дар ин қадар паҳновари Модари Замин намегунҷад. Сайёра барои ин дард тангӣ мекунад. Вале вай, Модар, сарчашмаи ҳаёт аст ва на фақат сислсилаи зиндагӣ, балки замонҳоро ба ҳам мепайвандад. Ба ин маънӣ вай сайёраи Ҳаёт аст, дар сайёраи Замин.

Ба ёд мерасад, ки дар сурӯши аввал, сурӯши Замин, образи тифле, ки дар зери гаҳвораи чаппагардони худ монда мурданаш мумкин буд, нигошта шуда буд ва аз он сар карда дар саросари достон оҳанги ҳаёт танин меандохт. Маҳорати шоир ҳам дар ҳамин аст, ки ин ғояи ғолибияти ҳаётро бо панди хушку холӣ таъкид накарда, дар шакли тайёр, сатҳӣ баён нанамуда чун асос, чун ҷанбаи ҳамаи он ҳодисоте, ки дар достон ба вуқӯъ пайвастаанд, дар зимни мубориза қувваҳои баҳамзид таъкид кардааст.

Болотар қайд шуда буд, ки тасвири тазод дар достон мавқеи калон дорад ва он аз ҷилваи рангҳои сиёҳ ва сафед зуҳур мекунад ва образи вақтро ба пайдо меорад. Ҳар боби достон ба замон ва макони воқеаҳо,  ба портрети Сталинград як чизи тоза илова карда, онҳоро мукаммалтар менамояд.

Мӯъмин Қаноат достонро дар асоси воқеаи ягона, сюҷети алоҳида насохтааст. Ҷои сюҷети давомдорро дар он қуввае гирифтааст, ки аз мавзӯъ бурун омада, достонро ба самти инкишофаш ҳаракат додааст. Ин қувва аз худи мавзӯи достон, аз мавзӯи инсон ва ҷанг бадар омадааст. Шоир, ҳарчанд бобҳои достонро дар асоси воқеаҳои ҳаётӣ гуфтааст, аммо инкишофи достон на аз ин воқеаҳо, балки аз шахсияти қаҳрамон, аз шахсияте, ки баъзан як андоза мафҳуми рамзӣ гирифтааст, вобаста гаштааст.

Ба шоир нисбат ба инкишофи воқеа ба кадом тараф равона шудани таассурот ва эҳсосоти қаҳрамон муҳимтар мебошад.

Аз ҷиҳати рӯҳу оҳанг боби охир ба боби аввал тамоюл дорад. Дар ин боб ҳам шоир, чунонки дар боби аввал буд, ба модарон муроҷиат мекунад. Образи модар бо шукӯҳи махсусан, бузург ба тасвир меояд ва аз ин ҷиҳат ба образи Модари Замин нисбат пайдо менамояд. Шоир ба Модар муроҷиат карда мегӯяд:

*Биҷунбон хокро – гаҳвораю тобути инсонро,*
*Бикун бо умри худ пайванд умри рӯзгоронро!*

Достон ба охир мерасад. Мо гӯё ба ибтидои он бармегардем. Композитсияи достон ба доира монанд аст, доира дар санъат аломати мукаммалист ва ин доира сурӯшҳое дорад, ки куллаи он ба фалакҳо мепечад.

Дар достони «Сурӯши Сталинград» маҳорати шоирии Қаноат хеле хуб аён шудааст. Таркиби сухан ва образи достон ба маводи воқеии он ниҳоят муносиб ва мувофиқанд. Дар он

оҳангҳои баланду қаҳрамонӣ, табу тоби шеъри минбар, ки аз задухӯрдҳои шадидиди қалбӣ тавлид шудааст, бо андешаҳои амиқ ва лаҳни розҳои ошиқона ба ҳам омехта, садо додаанд.

Дар таҷрибаи эҷодии шоирон баъзан чунин ҳолат ҷой дорад: шоир асарҳои хурду калони бисёр менависад, рӯзе муҳимтарин асарҳои вай эҷод мешавад ва маълум мегардад, ки ҳамаи он чизи то он навиштааш, гӯё як замина, як тайёрӣ ба офаридани асари муҳимтаринаш будаанд. Ва баракс: шоир дар як давраи эҷодиёташ муҳимтарин асари худро мегӯяд ва сипас шеъру достонҳои минбаъдаи ӯ ё аз ҳамон асари бузургтаринаш ибтидо мегиранд ва ё ҳеҷ набошад, ба он аз ин ё он ҷиҳат пайвастагӣ доранд. Ва ин чиз табиист. Зеро шоир барои дар як асар пурра ифода кардани ҳамаи фикру андешаҳояш, ки дар муддати дуру дароз ҳосил кардааст, имкон намеёбад ва чизеро, ки вай ба он танҳо як ишора карда, ё умуман гуфта натавониста буд, дар асарҳои минбаъдааш доманадортар ба қалам меорад. Ин ҳолат на фақат дар бобати фикру андеша ва ҳиссиёт, балки дар тасвир ва тафсири ягон образи пургунҷоише, ки шоир дар асари марҳилавии худ пайдо карда буд, воқеъ мешавад.

Ҳамин тавр, достони «Сурӯши Сталинград» дар эҷодиёти Муъмин Қаноат заминаи зарурӣ дошт, яъне шоир шеъру достонҳое навишта буд, ки ӯро ба гуфтани чунин достон тайёр карда буданд (дар ин бора болотар сухан рафта буд) ва муҳимаш ин буд, ки паҳлуҳои тозаи ин мавзӯъ ва яке аз образҳои асосии он – Модари Замин инкишофи бозпасин ҳам пайдо кард.

Ба назари ман чунин мерасад, ки шеърҳои «Ёд» ва «Раис» маҳз аз «Сурӯши Сталинград» сарчашма гирифта, бо ғояву мавзӯи достон ҳампайванд аст, образи Модари Замин ҳам дар достони «Тоҷикистон – исми ман» бо Модари Замини достони аввала иртибот дорад. Баробари ин қайд кардан зарур аст, ки ду шеъри номбурда дар муассирӣ ва муҳимии тадқиқи бадеии мавзӯъ аз бобҳои ба онҳо қаробат доштаи достон ҳеҷ камӣ надорад. Ва махсусан, шеър «Раис» ба эътибори тасвири фоҷиае, ки ба сари зан меояд ва ӯро аз шавҳари меҳрубонаш маҳрум менамояд, вале рӯҳи ӯро шикаста, ночору навмед карда наметавонад ва баръакс меҳр ва садоқати ин зан ба фоҷиаи ҷанг ғолиб омада, ӯро ёри замин ва соябони сари модарҳо мекунад, яке аз беҳтарин шеърҳои шаҳрвандии солҳои охир аст. Ӯ худ дар ғаму дар ғами дигарон месӯзад. Қомати ӯ зери бори ғам намешиканад. Ин асилатарин хислати одами ҳаётдӯст аст.

*То зи користон бихезад аскаре аз лашкаре,*
*То даме бе соябони сар намонад модаре.*
*Ту чанористон намудӣ кӯчаҳоро, боғро,*
*Ту анористон намудӣ синаҳои доғро...*

Ҳамин тавр, нақши чоруми достони «Тоҷикистон – исми ман» ҳам, ки дар он образи Модар – Замин бо андаке таърих дар замони ҷанг тасвир карда мешавад, бо паҳлугардониҳои тозаи образ ҷолиби диққат аст. Ин асар ба шарафи 50-солагии Ҷумҳурии Шӯравии Тоҷикистон эҷод шуда, достони бисёровозест, ки аз нақшҳо иборат буда, аз он овози ниёгон ва онҳое, ки аввалин бор парчами озодиро бар сари манори залолатбори Бухоро афрошта, нури ҳурриятро то гӯшаҳои дурдасти кишвари тоҷик расониданд, баланд ба гӯш мерасад. Ин достони оратория – достони минбар аст. Азбаски нияти шоир дар асар ба таърихи кишвари тоҷик аз қадим то имрӯз назаре афканда, муҳимтарин лаҳзаҳои онро ба тасвир кашидан аст, вай як эҳсоси шоиронаи худро ба қалам дода, ба онҳо амиқ сар фурӯ намебарад. Ин дар мақсади достон ҳам нест. Шоир, ки дар ин ҷо барои офаридани характерҳо ва амиқу ҳамаҷониба тасвир кардани ин ё он воқиаи таърих имкон надорад, мекӯшад, ки ифодаҳои амиқ ва аниқ, образҳои муҷаз ва пурмазмуну таъсирбахш ва обутоби сухану маънӣ эҷод кунад. Ва муваффақ ҳам мешавад.

Дар ҳамон нақши чоруми достон, ки зикраш рафт, мо дар бораи Ойгул Муҳаммадҷонова – лётчикдухтари тоҷик, ки дар ҷанги ҳавоӣ бенишон шудааст, аз номи Модари Замин чунин мисраъҳо мехонем:

*Ба роҳи Ойгул чашмам ба уммед аст,*
*Ки ҳамчун вақт дар парвози ҷовид аст.*
*Нишасташ чун нишастанҳои Хуршед аст:*
*Ки мешинад... намешинад...*

Ин манзараест ҳайратангез. Дар ин ҷо ҳам сурати зебои қаҳрамонӣ, ҳам баландию улвият, ҳам покию дурахшонӣ ва ниҳоят ҷовидонии он ифодаи дилангези худро ёфтааст. Маркс, марги қаҳрамонон ба ғуруби офтоб монанд аст, гуфта буд:

*Нишасташ чун нишастанҳои Хуршед аст:*
*Ки мешинад... намешинад...*

Ин, бешубҳа, тасвирест, ки шоистаи он қаҳрамонист. Достони «Тоҷикистон – исми ман», ки аз панҷ «накш» ва сарахбор фароҳам омадааст, ин гуна тасвирҳои муҷазу пурмаъно бисёр дорад. Вазифаи мушкил – дар як достони хурд аз муҳимтарин марҳилаҳои зиндагии чандҳазорсолаи халқ сухан гуфтан, ҷо-ҷо тасвири муборизаҳои шадиди ӯро овардан, хуллас, таърихи бадеъ ва шоиронаи халқро ба ситоиши рӯҳи ҳаётпарвари ӯ эҷод кардан, ки дар назди шоир меистод, иҷро шуд. Ин асар аз рӯи талаби достони минбар хушоҳангу пурсадо, бо тасвиру ифодаҳои пуртаъсир, ки дилро ба шавқу ҳаяҷон меоварад, эҷод шудааст.

Достони «Падар», ки пас аз ин достони минбар эҷод шуд, аз ҷиҳати шакл ва услуб дигар – достони релистии суҷетнок аст. Ин нахустин асари шоир аст, ки дар асоси суҷети ягона эҷод шуда, бонизом инкишоф меёбад ва чанд лаҳзаи ворид шудани Инқилоби Сурхро ба кӯҳистони Дарвоз дар бар мегирад. Инқилоб дар фарохиҳои бузурге ғалаба кард, вале дар як тангии кӯҳистони Дарвоз ба аҳволи танге афтода, қариб чаҳор моҳ роҳбанд монд. Барои аз як тангии хурд гузаронидани он чӣ ҷонбозиҳое, ки мешавад!

Образҳои достон шахсони воқеӣ буда, маводаш ҳаётист. Аз ҷумла, Қаноат – образи падари шоир, ҳамсафонаш лейтенант, Сироҷ ва рақибонаш Диловаршоҳ ва Ғайрат шахсони воқеиянд.

Достон аз нуҳ боби на он қадар калон-калон ба ҳам меояд. Замоне, ки дар достон ба тасвир гирифта мешавад, давраи ниҳоят мураккаб ва пурзадухӯрд буда, барои кушодани зиддиятҳои тунду тез ва офаридани характерҳои бағоят дурахшон имкон медиҳад. Зеро он айёме буд, ки дар шуур, дар мафкураи халқ ду навъи фаҳмиши замон, ду навъи ҷаҳоншиносӣ – кӯҳна ва нав ҷой дошт ва бояд яке аз онҳо дигарашро барҳам мезад, дар байни онҳо созиш буда наметавонист. Дар ин лаҳзаҳои пуршиддати таърихӣ характери инсон хеле барчаста аён гашта, муҳимтарин сифатҳои он зуд ба назар мерасанд.

Дар достон чунин хусусият доштани давр реалистона, бо нишон додани ҳақиқати ҳодисаҳо ба тасвир омадааст.

Барои он ки инқилоб дар ин гӯшаи кӯҳистон ғалаба кунад, аввал инқилобе дар худи кӯҳистониён зарур буд ва дар ҳақиқат ҳамин гуна инқилоб онҳоро водор кард, ки музаффарияти онро бо баҳои ҷони худ таъмин кунанд.

Мураккабии замон дар образи Ғайрат хуб инъикос шудааст. Аз ин паҳлу ба тадқиқ гирифтани образи сарвари ғозиён, бешубҳа, бозёфт аст. Ғайрат характери мураккаб мебошад.

Имони ӯ  ҳаёту мамоти ӯст. Бинобар ҳамин вай баъд аз он ки шикаст мехӯрад, мисли Диловаршоҳ рӯ ба кишвари дигар ба гурез нанихода, охирин тири худро бар кулоҳи лейтенант мезанад ва аз шинакаш баромада, худро ба дасти се нафар месупорад ва барои марги худ ҳамчун шоҳиди сеюм шаҳодат медиҳад:

*Омаду дар миён қарор гирифт,*
*Гуфт: «Кори шумо барор гирифт...»*
*Лейтенант –*
*То расад ҳақ ба ҷониби ҳақдор,*
*Се шаҳодат барои мо даркор*
*Қаноат –*
*Зинда шоҳид(?),*
*мурдаҳо шоҳид,*
*Ин Сироҷу ману худо шоҳид,*
*Ки ҳамин Ғайрат аст бепардоз.*
*Зомини хуни мардуми Дарвоз...*
*Ғайрат –*
*«Ман манам, тири бехато шоҳид,*
*Ватанам – дашти Карбало шоҳид,*
*Осмону ситораҳо шоҳид,*
*Дарди ман, дарди бедаво шоҳид!»*

Ин саҳна далели пурқувватии характери Ғайрат аст, характери касест, ки моҳияти ҳаётбахши Инқилобро нафаҳмида, гумроҳ шудааст.

Достон хеле мухтасар гуфта шудааст, вале ба хотири муҳимии мавзӯъ ва тасвири пурратари задухӯрдҳо, мураккабии замон ва офаридани характерҳои амиқ меарзад, ки шоир онро васеътар, ба он саҳнаҳои зарурии пурамал дарорад, зеро дар асар муҳити давр ба воситаи тавсияи шоир инъикос шуда бошад ҳам, фаъолияти мушаххасу воқеии қаҳрамонҳо камӣ мекунад. Дуруст аст, ки шоир бо баёни мухтасари худ ҳам ба гуфтани мазмуни бисёр муваффақ мешавад. Масалан, боби V достон аз як байт иборат аст:

*Капитан пора-пора мехобад,*
*Дар кулоҳаш ситора метобад.*

Бешубҳа, ин байт боби чаҳорумро, ки дар он бо ду нафар ба шинаки Диловаршоҳ равона шудани капитан ва дар роҳ ба дарё ғарқ шудани он ду нафар ва ба шинак танҳо расида, ба даст афтода, ба шамшер пора-пора шудани ӯ тасвир ва хулоса шуд, бори дигар пуртаъсир ва образноку пурмазмун ифода кардааст. Дар байни ҷисми пора-пораи капитан танҳо ситораи кулоҳи ӯро дидани шоир, ин ситораро ба назари мо якбора наздик меорад ва барҷаста нишон медиҳад.

Ҳоло Мӯъмин Қаноат муаллифи панҷ достон, силсилаи шеърҳо ва ашъори бисёри ҷудогона аст. Ман ҳар дафъа, ки ягон асари шоирро хонам, ба гӯшам оҳанги обшор расида, дар пеши назарам деҳаи зодгоҳи ӯ, бо шеърҳои сабз ва равонаш, ки аз кӯҳ фуромадаю аз ҳавлиҳо гузашта ва ба садҳо ҷӯйҳо тақсим шуда мерафт, ба ҷилва меояд. Деҳе, ки гӯё роҳи баромади заминӣ надорад ва аз он фақат бо парвоз бурун рафтан мумкин аст. Қуллаҳо осмонраванд, шаҳболи фалаксайр мехоҳанд...

**Соли 1977**

# НЕ ПОТУСКНЕЕТ ДУША
# ОТ ЧЕРНОЙ БУРИ...

**Мумин Каноат. Колыбель Авиценны. Поэма.**
**На таджикском языке. Душанбе «Садои Шарк» №№ 4-5. 1979**

Еще несколько лет назад, отвечая на вопросы журналистов, Мумин Каноат говорил о том, что он начал работать над поэмой, посвященной Абу Али Ибн Сине – Авиценне. Это было довольно неожиданно. До тех пор почти все произведения поэта («Днепровские волны», «Поэма огня», «Раненые книги», «Голоса Сталинграда», «Материнский лик», «Отец») являлись откликом на события военных лет или проблемы дня текущего. Пафос современности имел в них преобладающее значение. Мы привыкли к страстному, лирико-публицистическому слову поэта. Как же проявился пафос времени в новой поэме, на какие запросы дня она отвечает, в каком соотношении находятся история и современность в ней?..

Вместе с подъемом общества на определенную ступень развития усиливается самосознание народа, и осмысление истории с этих новых вершин становится одним из важнейших условий его духовной жизни. Это помогает народам глубже осознать самих себя, собственное богатое наследие – философское, научное, культурное. Поэма «Колыбель Авиценны» воскрешает для нашей современности великие гуманистические ценности тысячелетней давности.

Современный человек всячески стремится утвердить свое высокое назначение на земле – быть творцом истории. Одновременно ему присуще чувство исторической эстафеты, он осознает себя продолжателем дела великих предшественников. Авиценна был одним из тех, кто наиболее полно и глубоко воплотил в себе могучуб силу человеческого духа.

Эпоху Авиценны отделяет от нашего времени тысячелетие. И современный поэт в этой глубинной дали истории ищет те неугасимые искры беспокойного разума, жажды познания, активного гуманизма, которые близки и дороги нам.

В поэме нет единого, постепенно развивающегося сюжета, ее главы являют собою относительно самостоятельные эпизоды - ситуации из жизии героя. Каждая глава – сгусток чувства и мысли, напряженных до предела. Время в них как бы замедляет свой бег, давая возможность увидеть «крупным планом» столкновение идей, заряд переживаний, логику развития мысли. Конфликт реализуется в отношении к «вечным» понятиям, кровно связанным с существованием человека, таким, как добро и зло, свобода и рабство, социальная справедливость и угнетение.

В прологе, эпилоге и в десяти главах, названных поэтом «преградами» или «трудностями» (которые преодолевает герой в своих духовных поисках), концентрированы самые значительные события и наиболее существенные повороты в жизни Авиценны. В них и дороги скитаний ученого, берущие начало в Бухаре, проходившие по многим городам Азии и завершившиеся в Исфахане, и его научные свершения, от первых опытов до фундаментальных, всемирно известных трудов, таких, как «Книга исцеления» и «Канон врачебной науки». За всем этим возникает целостный образ великого энциклопедиста и гуманиста.

Мумин Каноат воссоздает образ Авиценны широкими мазками, каждая деталь новым штрихом ложится на его портрет, каждое слово раскрывает те или иные стороны его характера. К примеру, когда его молодого, семнадцатилетнего впервые привели в Бухаре к больному эмиру Нуху Самани, он, осматривая его, сказал: «О, мой эмир, прости меня, но сними корону, одному врачу для исцеления достаточно одного больного».

Это свойство — прямота, стремление говорить во всех случаях правду и только правду — остается у него на всю жизнь. Ведь, в сущности, сказать эмиру, что болен не только он сам, но и «корона» распадающегося государства, о мнимом могуществе которого кричали все вокруг, значило проявить небывалую дерзость. К этому вынуждает Авиценну его любовь к народу, к стране, которая в эпоху правления династии Саманидов на некоторое время обрела самостоятельную государственность, была отмечена расцветом науки, культуры, духовной жизни. Фигура Авиценны возникла уже на закате этого недолгого периода. Захват власти первым из династии Газневидов — Махмудом — привел к усилению реакции, искоренению всего исконно народного, своего, замене его чужим, арабским. Естественно, все это не могло оставить Авиценну равнодушным:

*Шах хочет из этой земли*
*Вырвать с корнем не только зерно, но и сеятеля.*
*Однако он не знает, что одно зерно стало сотней,*
*Что одна светлая душа пробудила сотни других.*
*Что каждая душа, воспринявшая свет.*
*Не потускнеет от дыхания черной бури...*

**Подстрочный перевод**

Мир Авиценны — огромный философский мир. И каждая глава поэмы является какой-либо новой гранью художественного постижения этого мира, центр которого составляет всемогущество Разума. Философия Авиценны питается главными соками жизни, она активна, а потому одерживает нравственную победу над злом. Социальную активность философии Авиценны поэт раскрывает в той главе, где показан спор ученого с шейхом Абусаидом Мейхани. Богослов спрашивает Ибн Сину, почему же тот старается исцелить «бренное тело, если оно создано для болезней». Ибн Сина отвечает, вспоминая при этом известное древнегреческое выражение «в здоровом теле – здоровый дух», несколько перефразируя его. Он говорит, что лечить надо и болезни духа, разума, совести, морали, поскольку именно эти недуги делают и отдельного человека, и людей в целом несчастными, приниженными, озлобленными.

Философия Авиценны в произведении выражается двумя путями: в главах, где ученый вступает в спор с другими мыслителями своего времени, его кредо раскрывается прямо, непосредственно, поэт не боится вводить в художественную ткань философские понятия и термины. В других случаях мировоззрение героя передано в подтексте изображения, рассказа, события. Но эти два приема взаимопроникают, скрещиваются... Так, в седьмой главе помимо ее прямого содержания – рассказа об исцелении Авиценной сына правительницы Рея, свергшего свою мать, а затем потерявшего трон – есть и не менее важный второй план: вечный спор о роли и месте науки в борьбе Добра и Зла. Здесь напряженность переживаний Авиценны достигает апогея:

*Болезнь царей — неизлечимая болезнь.*
*Зачем я исцеленье дал тирану?*
*Я стал причиной злодеяний.*
*Был за добро, стал зла поборником…*

**Подстрочный перевод**

Авиценна, задумываясь над общими проблемами бытия, проповедуя активное Добро, никогда не упускает из виду живого, конкретного человека. Глубоким драматизмом исполнен эпизод в восьмой главе, когда герой, побуждаемый неиссякаемой любознательностью ученого и практикующего врача, ночью тайком достает из могилы труп, который оказывается телом молодой прекрасной девушки. Потрясенный до глубины души, герой восстает здесь против миропорядка вообще и даже самого бога, справедливость воли которого в те времена редко кто подвергал сомнению. За безвременной смертью юной красавицы ему видится трагедия целой эпохи:

*О, молодая невеста, невеста савана.*
*Кровь твоя высохла от горя на теле.*
*Твоему имени посвящу я книгу исцеления,*
*Найду болезням времени исцеление.*
*Твоя болезнь – болезнь времени, и только!*
*Твоя смерть – смерть времени, и только!*

**Подстрочный перевод**

Вечный искатель, гениальный мыслитель, исцелитель страждущих и яростный бунтарь одновременно — таким предстает Авиценна в произведении.

«Колыбель Авиценны» — по материалу и в тематическом отношении новая для Мумина Каноата поэма. Однако он остался верен своим идейно-художественным принципам — стремлению показать Человека во всем его величии на важнейших, поворотных этапах истории, где ярче всего проявляется его ответственность за судьбы мира и человечества.

***Журнал «Дружба народов», №8, 1980.***

## ГУЗАШТАИ ЗИНДА ВА РӮҲИ ЗАМОН

«Акнун барои дар назm муваффақият пайдо кардан як худи истеъдод кам аст: муваффақият боз дар рӯҳи замон инкишофу пешравиро талаб дорад. Шоир акнун наметавонад фақат дар олами орзупарвари худ зиндагӣ кунад: вай акнун табааи комилҳуқуқи олами муосир ва ба замми ин боз ҳамаи рӯзгори гузаштаро дар худ зинда медорад» – навишта буд В. Г. Белинский. Ин суханон, ки дар замони худ воқеъбинона ва ҳаққонӣ буданд, то ҳол коҳиш наёфта, имрӯз ҳам ба талаботи мо аз шоирони муосир мутобиқанд. Ба хубӣ ҳис кардани рӯҳи замон ва фаҳмидани талаботи давр аз шоир на танҳо дар мавриди офаридани асарҳои ба мавзӯи имрӯз бахшида шуда, балки аз ҳамаи он чи ки аз зери қалами шоир бармеояд, талаб карда мешавад. Дар мавзӯи имрӯз рӯҳи замон аз худи замонавӣ будани мавзӯъ зуҳур кунад, дар

мавзӯъҳое, ки доираи баҳси онҳо гузаштаи рӯзгор мебошад, ин рӯҳ то андозае амиқтар ҷойгир аст. Шоир бояд ин гузаштаро бо чашми инсони даврони мо бинад ва онро аз рӯҳи замони худ баҳравар гардонад. Шоирони муосири тоҷик Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Аминҷон Шукӯҳӣ, Боқӣ Раҳимзода ва дигарон дар натиҷаи ҳамин гуна муносибати борикбинона ба мавзӯоти гузаштаи рӯзгори мо беҳтарин шеъру достонҳои худро гуфтаанд. Дар ин қабил асарҳои онҳо майдони фарохи тафаккур бо тахайюлоти бадеӣ ва рӯҳи замон бо ҳам созиш карда, саҳнаҳои ҳаққонию шоирона ва амиқу доманадори зиндагиро ба вуҷуд овардаанд.

Тасвири зиндагӣ дар назм тасвири зиндагии воқеъӣ ва рӯҳии инсон аст. Ба вуҷуд овардани тасвирҳои мӯътамад ва дилангези шоирона тасвири лаҳзаҳоест, ки зиндагии воқеӣ ва рӯҳии шахс ба ҳамдигар сахт пайваста, ба гунҷоиши маънихои фарох қобил мешавад. Шоирони муосири тоҷик бораи офаридани чунин саҳнаҳои зиндагӣ, ба рӯзгори шахсоне ки тақдирашон қудрати гунҷоиши бадеӣ доранд, рӯй овардаанд. Баъзеҳо чунин тақдирҳои пургунҷоишро дар сафи ҳамзамонони худ пайдо карда, қисми дигаре барои иҷрои ин матлаби худ ба солҳои аввали Ҳокимияти Советӣ ва ё ба дигар давраҳои таърихи халқи худ мурочиат кардаанд. Дар натиҷаи ин ҷустуҷӯҳо дар назми мо хусусияти муҳиме сурат гирифта истодааст, ки чуқуртар омӯхтани олами шахсони «одӣ» ва дар тақдиру рӯзгори онҳо дарёфтани муҳимтарин хусусиятҳои давру замон аст. Ин ҷиҳати тасвири инсон бар инъикоси ҳастии рӯҳии ӯ – психологияи ӯ, яъне ба торафт доман паҳн кардани психологизм дар шеър шароит фароҳам меоварад.

Достони «Қуллаҳои ноаён», ки мо чанде аз андешаҳои худро дар бораи он ва вобаста ба он оид ба баъзе ҷиҳатҳои эҷодиёти Қутбӣ Киром баён карданӣ ҳастем, нишонае аз ҳамин гуна кӯшиш мебошад. Ҷунбише ки дар назми муосири тоҷик дар паи таҳлили мутафаккиронаи шахсияти инсон ва тасвири пуробуранги он ба амал омадааст, дар баъзе саҳнаҳои ин достон ба хубӣ ҳис карда мешавад.

Қутбӣ Киром ба солҳои аввалини барқарор гардидани Ҳокимияти Советӣ рӯй оварда, дар тақдиру зиндагӣ ва олами ботинии шахсони қатории он давра, муаллим ва духтарони нав «Алифбо» ба даст гирифта, хислатҳои мардуми дунёи навро, ки зодаи олами тоза ба муносибатҳои дигари ҷамъиятӣ мебошанд, кушоданӣ шудааст. Ин ҷо бояд қайд кард, ки ба ин мавзӯъ бисёре аз нависандагону шоирон дахл кардаанд. Дар насри шӯравӣ намунаи беҳтарини ин қабил асарро Чингиз Айтматов иншо кард, ки «Нахустин устод» аст. Вале ҳар эҷодкор ба ин мавзӯъ аз рӯи усулҳои зебошинохтии худ мурочиат карда, онро вобаста ба талаботи замон ва мақсадҳои пешгузоштааш ҳал кардааст. Дар таърихи назми шӯравии тоҷик, аз ҷумла достони Аҳмадҷон Ҳамдӣ «Духтар дар мактаб»-ро метавон ном бурд, ки соли 1931 эҷод шудааст. Табиист, ки тарзи гузориши мавзӯъ дар ин ду достон бо сабабҳои бисёре ки арзи онҳо ин ҷо зарурат надорад ва бе ин ҳам бояд маълум бошад, аз ҳамдигар ба куллӣ фарқ мекунад. Вале сабаби асосие, ки бояд зикр кард, ин талаботи дигари замон аз назм аст, ки боиси хусусиятҳои сифатан нав пайдо кардани он шудааст. Ҳамон зиддияти муштараки зиндагӣ, ки чил сол пеш аз ин қариб бемубориза ҳал шуда бошад, имрӯз бо драматизм ва ҳатто фоҷиавият ба миён гузошта мешавад. Гумон меравад, ба шарҳи ин ҳолат ҳоҷат нест, вале ҳаминро бояд ба эътибор гирифт, ки Аҳмадҷон Ҳамдӣ дар он достон вазифаи худро дар тарғиби маориф мебинад ва дидаю дониста зиддияти мавҷударо аз будааш сабук нишон медиҳад. Вале дар достони шоири рӯзҳои мо ин зиддият ва мубориза баръакс, тунду тез ва аз аввали асар таъкид мешавад. Ин зиддият ҳатто дар номи достон ки аз ду калимаи тобиши тазодӣ дошта сохта шудааст, ки маънии муайянкунандаи он (ноаён) бар хилофи нишонаи аслии муайяншаванда (қуллаҳо)

мебошад, гунҷонида шудааст. Ин зовия ва мухолифат миёни ду узви як ибора мақсади шоирро барҷаста ва ҳиссиётангез ифода карда, аз он ҳам гувоҳӣ медиҳад, ки шоир барои айён кардани «ноаёнҳо», ки шахсияташон дар назар одию сода намояд ҳам, аз мураккабию мубориза ва ҳатто қаҳрамонӣ барӣ набудааст, кӯшиш кардааст. Муаллиф дар паи аз санадҳои одии ҳаёт шинохта гирифтани ҳодисаҳое шудааст, ки қобили гунҷоиши маънавӣ дошта, хусусиятҳои муҳимтарини даврро дар худ инъикос кардаанд. Ҷамъбастҳои бадеии ӯ аз фалсафаи зиндагӣ комёб шудаанд. Ин кӯшиш на танҳо дар ҳамин як достон, балки дар бисёр шеърҳои ӯ ва агар боз каме фарохтар назар андозем, дар равиши эҷодиёти ӯ қарор гирифтааст. Аз ҳамин ҷиҳат, дар мисоли ин достон барору нобарории ӯро дар роҳи пешгирифтааш равшан карда, дар бораи рушду камоли ин равия дар тамоми эҷодиёти вай муҳокима рондан мумкин аст. Аз ҷиҳати дигар, дар ин достон хатҳои услубии эҷодиёти Қутбӣ Киром ба ҳам бархӯрдаанд ва аз ин рӯ, бо таҳлили ин достон бисёр ҷиҳатҳои муштараки лирикаи ӯро дарёфтан имконпазир аст. Достон на фақат аз ҷиҳати услуб, балки аз ҳайси маънӣ ҳам ба бисёр шеърҳои ӯ пайвастагии қавӣ дорад ва барои мушоҳидаи инкишофи мантиқи эҷоди бадеӣ санад хоҳад дод. Масалан, дар шеърҳои «Ҳамсолони ман», «Ёди дӯст» аз силсилаи «Бӯи нон» ва боз чанде дигар шеърҳо сюҷет ва унсурҳои сюҷетро ба осонӣ пайдо кардан мумкин аст. Дар вақташ Муҳаммадҷон Шукуров дар бораи яке аз ин шеърҳо «Ҳамсолони ман» ва то андозае оид ба тамоюли сюҷет дар эҷодиёти Қутбӣ таваққуф карда, навишта буд: «Шоир бисёр хостааст, ки сюҷет бо шиддати тамом инкишоф ёбад, вале ҳиссиёти ин маъсума (яъне Мӯниса- А. Ҳ.), ки ҳиссиёти мураккабе буд, ҳам аввалин тазоҳуроти ишқу муҳаббат, ҳам шафқату одамият ва ҳам муҳофизати шаъни духтариро дар бар мегирад, ба тарзи мелодрама тасвир шудааст». Ин фикри муҳаққиқ комилан ҳақ аст. Ҳоло барои таҳлили дубораи ин шеър зарурате нест ва мурод аз ин овардаҳо он аст, ки шеъри «Ҳамсолони ман» - ро ҳамчун пешинаи достони «Қуллаҳои ноаён» нишон диҳем. Агар мисли «Ҳамсолони ман» шеърҳои сюҷетноки Қутбӣ ва дар офаридани чунин шеърҳо кӯшиш кардани ӯ дар хотир дошта шавад, ба достон рӯ овардани ӯ ба назар тасодуфӣ нанамуда, заминаҳои эҷодии ӯро нишон медиҳад.

Ҷиҳати воқеанигории достони «Қуллаҳои ноаён» он қадар доманадору мураккаб нест. Дар инкишофи сюҷети достон баёни зиддият ва мураккабии ҳиссиёт дар тасвири инкишофу задухӯрди воқеа бартарӣ кардааст. Ин гуна хусусият гирифтани достон дар эҷодиёти Қутбӣ табиист, зеро ӯ табиатан шоири ҳиссиёт аст ва дар ҳамон шеърҳояш ҳам, ки сюҷет доранд, воқеанигорӣ дар ҳукми ҳиссиёти ӯ мебошад. Ҳамин сабаб шудааст, ки инкишофи сюҷет муттасил ва бо ҷузъиёташ тасвир карда нашуда, канда-канда ва бо яклухтӣ ба қалам дода шавад. Дар инкишофи сюҷет ҳамон ҳиссиёте, ки ба ҷузъиёти реалии воқеа кам кордор аст, таъсири худро гузошта, моро водор мекунад, ки сюҷетро дар ин достон ба андозае мисли Эжен Делакруа, ки «Сюҷет - ин туӣ, ин таассуроту ҳиссиёте аст, ки дар ту пайдо мешавад», мегӯяд, фаҳмида бошем. Ба қалам додани таассурот ва ҳиссиёти қаҳрамонҳо (Соима, Алимардон) шоирро нисбат ба тасвири инкишофи воқеа ва задухӯрди қаҳрамонҳо бештар ба худ машғул доштааст ва барори шоир ҳам дар ҳамин тасвири ҳамин ҳиссиёт ва таассурот аст, ки дар қаҳрамонҳо ва худи ӯ зуҳур мекунад. Ҷанбаи асосии достон, албатта, дар тасвири тақдири Соима ва олами акнун ба пешвози рӯз чашм кушодаи ӯ буда, фоҷиавияти тақдири ӯ ҷиҳати ҳиссии достонро боз ҳам таъсирноктар мекунад. Фоҷиавияти тақдири Соимаро бо фоҷиаи қаҳрамонони фоҷиаҳои бузург, ки на танҳо тамоми рафтору кирдорашон аз изҳор ва ифшои шадиди ҳастии худ иборат аст, балки марги онҳо низ навъе аз идомаи ҳамин баёни ҳастии онҳост, дар як тарозу гузошта, ҳамсангӣ ҷустан бесамар хоҳад буд. Зеро ботини ӯ ҳоло аз чунин

андешаҳои амиқ пуропур нест ва рӯҳи ӯ аз сахттарин хоҳише, ки барои ифода ва пайравии ин андешаҳо пайдо мешаванд, ба танг наомадааст:

*... Соимаи ман*
*Саъваи навболу пар, барги гули тар,*
*Он ки аз дарси нахуст имрӯз кард.*
*Ҳарфи алиф аз бар...*

Бо вуҷуди ҳамин ҳам, Соима намояндаи дунёи нав аст, ки барои роҳ ёфтан ба ҷаҳони маърифат кӯшиш дорад ва бар муқобили олами тираю тор (дар шахси падари Соима – Ҳазратқул ва Сӯфӣ) гузошта мешавад. Вале дар байни онҳо задухӯрд, муколама ва ё муборизаи аёнӣ, ҳамчунонки дар байни Ҳазратқул ва Алимардон буд, нест, то ки бартарии якеро нисбат ба дигаре собит кунад ва ин ба куллӣ дуруст аст. Зеро Соима ҳоло ба он дараҷа нест, ки ёрои чунин мубризаро дошта бошад ва бартарии дунёи навро ба ҷаҳони кӯҳнаи ҷаҳолат исбот карда тавонад.

Соима танҳо бо амри дили софи духтарона ва пуршафқати худ амал мекунад ва по бар ҷодаи барои ҳаёташ фоҷианок гузоштани ӯ низ танҳо иддаои ҳамин дили меҳрубони ӯст. Соима дар достон на ин ки қаҳрамони фоҷиавӣ аст, балки қурбони фоҷиавият аст ва дар зеҳни хонанда на чун қаҳрамони дунёи нав, балки ҳамчун қурбоние дар роҳи олами тозабунёд боқӣ мемонад. Ин бо мақсади шоир созгор аст. Вале аз ин ҷо хусусияти дигари марги Соима сар мезанад, ки ба ҳадди боварибахш тасвир намудани ногузирии он аст. Дар фоҷиавият ногузирии марги қаҳрамон воситаест, ки қудрату муассирии онро меафзояд ва, зиёда аз ин, асоси фоҷиавият мебошад. Ҳамин гуна тасвири ногузирии фоҷиавият дар «Достони оташ» - и Қаноат дар тасвири сарнавишти Майрамбибӣ ва Сайрамбибӣ, ки тақдири Соима ба онҳо монандие дорад, боварибахш адо карда шудааст.

Марги Соима моро андӯҳгин мекунад ва мо тасодуфан ба падар дучор омадани ӯ ва боз чанд сабабҳои тасодуфиро дар хотир дошта, дар фоҷиаи Соима тақдирро гунаҳкор ва тасодуфро сабабгор медонем. Худи ҳамин тасодуфро сабабгор донистани мо натиҷаи он аст, ки мо ба ногузирии марг комилан бовар накардаем.

Шоир Соимаи «навболу пар» - и худро дӯст медорад ва дар мо ҳам муҳаббати ӯро бедор мекунад. «Соимаи мо», «Соимаи ман», «Саъваи навболу пар», «барги гули тар», «кабки по бар чела», «шӯълафишон пайкар», аз ҷумлаи он табиру истиораҳоеанд, ки дар достон образи Соима ва муносибати муаллифро ба ӯ равшан мекунанд.

Албатта, муносибати шоир бо қаҳрамонҳои худ ва ҳамчунин рағбати мо ба онҳо сараввал аз рӯи амалиёт ва барои кадом мақсаду ғоя мубориза кардани онҳо сурат мегирад. Вале тавсияи қаҳрамон ва тасвири хислатҳои ӯ ҳам барои дар хонанда нисбат ба ӯ муҳаббат ва ё нафрат бедор кардан беаҳамият нест. Дар байтбараки Соима бо Сафар, сухани Соимаро, ки «дорам падаре гандагапу гандамиҷоз» мегӯяд, хонда, мо ҳоло муносибати худро бо падари ӯ ба куллӣ муайян накунем ҳам, пас аз хондани ин суханон бетарафии мо батамом барҳам мехӯрад.

*Боз дарронда гулӯ Ҳазратқул*
*Таъна бар мардуму мактаб мезад.*
*Нурро зулмати бетаг мегуфт,*
*Лоф аз мартабаи шаб мезад.*

Дар ин сатрҳо таркибҳои «гулӯ даррондан», «таъна задан», «лоф задан» ва дигар таркибҳо, интихоб ва ҷо ба ҷогузории калимот дар тасвири хислат ва амали Ҳазратқул аллакай муносибати манфии шоирро ба ӯ зоҳир мекунад. Дар саҳнасозиҳои оянда рафтору кирдори ӯ бо хислатҳои ботинии ӯ омехта, бевосита тасвир карда мешавад ва ба ӯ дар дили мо ҷое барои ҳамдардӣ ва меҳрубонӣ боқӣ намегузорад. Шиддату инкишофи воқеа ва задухӯрд миёни Алимардон ва Ҳазратқул, ки:

*«Онаи зората мебинӣ, Алӣ,*
*Ки ту овардӣ ба мо ин мактаб», –*

гӯён дод мезанад, хислат ва ботини тираи ӯро пурратар мекушояд. Дар ҳамин саҳна ки дунёи наву олами кӯҳна дар сурати ду шахсияти ба ҳам муқобил мубориза мекунанд, Қутбӣ ба мақсади деринааш ба тасвири драматизми шадид мерасад. Шиддати воқеа ба тасвири бевосита маҷбур карда, ҳамон фосилаи вақтро, ки дар тасвири ҳикоят дар байни воқеа ва нақл вуҷуд дорад, аз миён мебарад ва инкишофи воқеаро дар ҳоли ҳозир нишон дода, хонандаро низ ба майдони мубориза мекашад. Агар бандеро ки дар он боиси хандаи одамҳо шудани Ҳазратқул ва ӯро зада афтодани Алимардон ҳикоят мешавад, ба эътибор нагирем (чунки ин шарҳ инкишофи воқеаро лаҳзае нигоҳ медораду ҳиссиёти ба танг омадаро даме аз ошӯб фориғ мекунад ва ба мақсади муаллиф, ки ақлу ҳуши хонандаро бо драматизми лаҳза ва ҳиссиёт ба куллӣ забт карданист, созгор нест), драматизми воқеа ва ҳиссиёт ба шиддат тасвир карда шудааст. Аслан ҳиссиёт дар назм дар таъбиру таркибҳо, хуллас, дар таркиби забон ифода шуда, дар наср дар таркиби воқеа ҷойгир аст. Ба ҳам омезиш ёфтани жанрҳои адабӣ, ки дар назм ҳам боиси ба вуҷуд омадани жанрҳои тоза шуд, ба махсусияти навини шеър низ ибтидо гузошт, ҳамин ду соҳаро, ки дар онҳо ҳиссиёт ба тарзи хоса мунъакис мешуд, ба ҳам пайваст.

*Оташи таънаю дашноми қабеҳ*
*Ҳар дуро сӯхт магар ҷону ҷигар,*
*Ҳазрат аз хашму ғазаб меларзид,*
*Алӣ(?) мегуфт, ки,*
*Эй баччаи хар:*
*Мактаб инъоми ҳукумат бар мо,*
*Моли бобои качалпои ту нест,*
*Ки варо бандию оташ бизанӣ.*
*Гум шав, ин деҳа дигар ҷои ту нест.*

- *Ҳамтуя??!*
-*Ҳа, ҳамту!*
- *Ин падарлаъната бинед, эй халқ,*
*Ки зи худ рафта чиҳо мегӯяд.*
*Сари ин об нагирем, пагоҳ*
*Сел гашта ҳамаро мешӯяд.*

Дар ин саҳнаи достон ҳиссиёт ҳам дар таркиби калимот ва ҳам дар ҳаракату воқеа гунҷоиш ёфтааст ва онро аз инкишофи воқеа ҷудо кардан мумкин нест ва калимот ҳам қариб ҳамагӣ ду вазифаро адо кардаанд – ҳам воқеаро инкишоф додаанд ва ҳам баёни ҳиссиётро баҷо овардаанд.

Чунин ба назар мерасал, ки дар эҷодиёти Қутбӣ кам чизе ба андозаи муқаррарияш арзи вуҷуд мекунад. Он ё дар бузургии бузургӣ ва ё дар ночизии ночизӣ тасвир карда мешавад.

Ҳадди миёна ва муқаррарӣ мақбули услуб ва арзандаи тасвири ӯ нест. Аз ҳамин рӯ, агар ӯ ба андеша рафтани мардумро тасвир карданӣ бошад, албатта, онро бояд ин зайл ба қалам диҳад:

*Тӯдае кӯраи сӯзон гашта*
*Аз суханҳои нави Ҳазратқул...*
Ё
*Тӯдае аз сари кӯҳсор фитод*
*Ба таги (?) чоҳи ҳазор андеша.*

Ва ё ҷангро дар кӯчаи қишлоқ, албатта, бояд «ҷанги ҳафтоду ду миллат гӯён» тасвир кунад. Шаҳоматнокии сухан яке аз хусусиятҳои услуби Қутбӣ буда, то андозае аз табиати истеъдоди ӯ сар мезанад. Ба аввалин байти достон мулоҳиза фармоед:

*Имшаб аз гунбади афлок ба хок*
*Савти дилҳои башар шуд ҷорӣ.*

Шубҳае нест, ки ин сатрҳо шаҳоматноку романтикона гуфта шудаанд, ки барои фаҳмидан ва тасаввури онҳо қувваи зӯри тахайюл лозим аст. Вале ин нукта қобили диққат аст, ки баъзан ин услуби баланди романтикона қариб якбора ба тарзи реалистии тасвир иваз мешавад, ки сатрҳои оянда аз ҳамин банд мисоли равшананд:
*Гӯш кардам, ки ҳаме набзи замон*
*Тез мезад чу дили гапдоре.*

Дуруст аст, ки ин ҷо таъбири маҷозии «набзи замон» дар миёни ин мисраъ ва байти болоина қаробате ба вуҷуд меорад ва ба ин сатр ҳам то андоае кайфияти романтикона медиҳад. Вале мисраи чорӯми ин банд, ки ба вазифаи ташбеҳкунанда омадааст, аз ин услуб берун меравад. Чунки барои ба хубӣ ҳис кардани ин ҳолати тасвиршаванда, ки ба воситаҳои романтикии тасвир адо карда мешуд, муқоиса ва ё ҷузъиёте зарур буд, ки аз олами ашё буда, ба зеҳн ва ҳисси инсон ошно бошад, то маънии бандро равшан кунад. Ва шоир мисраъе мегӯяд, ки дар он таъбирҳои роиҷи халқӣ «тез задан» истифода шуда, ба он хусусияти реалистӣ медиҳад. Чунонки мебинем, дар ин ҷо ҳамин хусусияти услуби Қутбӣ – ба ҳам омехтани тасвири романтикӣ ва реалистӣ воқеъ шудааст.

Хусусиятҳои тасвири романтикӣ ва реалистӣ на танҳо дар тасвири шахсияти худи шоир, балки дар тасвири зоҳир ва амалиёти қаҳрамонҳои достон низ дида мешавад, ки образи Алимардон натиҷаи ҳамин гуна омезиш мебошад.

*Бо қади пасту рухи пурожанг,*
*Бо ҳамон пираҳани ҷодорӣ,*
*Тофт андар назарам чун ағба,*
*Ки дар он нест ягон ҳамворӣ.*

Вақте ки баёни шаҳоматнок аз табиати воқеа ва ё ҳиссиёти қаҳрамон бармеояд, он гоҳ мувозинати миёни қувваи баён ва тахайюлоти шоирона бехалал аст, вале ҳангоме ки ба маънии фақир чунин либоси мӯҳташам пӯшонида мешавад, мувозинат халалдор ва боиси он мегардад, ки лафзро аз маънӣ ҷудо идрок кунем. Яъне дар ин ҳолат ҳамон ҳодисаи баён ба хотири баён ба чашм мехурад.

Дар бисёр лаҳзаҳои достон рангу равғани романтикӣ ва тасвири мӯҳташам бо нигориши реалистонаи воқеият ба ҳам омезиш ёфта, барои ба вуҷуд овардани саҳнаҳои дар ҳақиқат

шоиронаи зиндагӣ имкон додааст. Маводи достон, ки аз ҳаёти мардуми кӯҳистон гирифта шуда, ҳаёти солҳои маҳви бесаводиро пеши назар меоварад, хислат, рафтору кирдори одамони кӯҳистонро муҷассам карда, барои тасвири реалистӣ замина фароҳам овардааст. Тасвири дарси аввал дар мактаби нав ва нахустин шиносоии шогирдон бо «Алифбо» ва муаллим худ заминаи реалистӣ дошта, ба воситаҳои тасвири реалистӣ адо карда шудаанд. Дар ифодаи одобу ахлоқ ва зиндадилии деҳаи кӯҳистон сухани шоир ҷо-ҷо обу ранги ҳаҷвӣ гирифтааст. Маълум аст, ки ҳаҷв доимо ба зиндагии заминӣ наздик аст ва бештар воситаҳои тасвири реалистиро талаб дорад. Яке аз воситаҳое, ки дар ин қисматҳои достон бартарии реализми тасвиро дар усули романтикӣ таъйин кардааст, бешубҳа, ҳамин оҳанги ҳаҷв мебошад. Дар ин қисматҳо ҳам тарзи сухани шоир муболиғаомезу шаҳоматнок аст, вале азбаски ин хосият ба табиати ҳаҷву мазҳака мувофиқ аст ва яке аз талабҳои асосии он ҳам мебошад, ба воқеияти тасвиршаванда созиш кардааст. Хабари кушода шудани мактаби нав дар деҳа ва ба мардум чӣ гуна таъсир кардани ин хабар ва онро чӣ гуна маънидод кардани пиразанҳои деҳ ҳаҷвомез ва бисёр боварибахшу ҳаққонӣ ба қалам дода шудааст.

*Пиразанҳои «ҷаҳондида» - и деҳ*
*Халтаи фалсафаро во карданд,*
*Рафта то хонаи Нӯҳ(?) пайғамбар,*
*Гила аз Одаму Ҳавво карданд.*

*З-он яке гуфт замон охир шуд,*
*Мактаби нав – хари даҷҷол аст ин.*
*Мешавад субҳ қиёмат қоим,*
*Ана, бинед, кафидаст замин.*

Ҳамин тариқа, тасвирҳои реалистӣ ва бомаҳорат, ки мисоли ибратангези мушоҳидаи шоир аз зиндагӣ мебошанд, гувоҳи онанд, ки ӯ дар офаридани саҳнаҳо ва образҳои реалистӣ маҳорат дорад. Вале дар достон, ки банду басти муайяну рехтаро талаб мекунад, шоир барои офаридани образи мукаммали реалистӣ оҷиз омадааст. Устухонбандии достон барои тасвири ҳаматарафаи симои асосӣ – Алимардон монеъ шудааст. Ин ҳолат, махсусан, пас аз нуқтаи низоъ, ки идомаи достон батамом тарзи ҳикоятро мегирад, бaрaлло ҳис карда мешавад. Тарзи тасвир имконият намедиҳад, ки дигар Алимардон, чунонки дар саҳнаҳои боло тасвир мешуд, дар амалиёту ҳаракат нишон дода шавад. Ҳол он ки он хислатҳои ба Алимардон нисбатдодашуда бояд аз зимни рафтору кирдор ва амалиёти бевоситаи ӯ бармеомаданд. Дар ин қисмати достон аз тӯли зиндагии чилу яксолаи муаллим канда - канда лаҳзаҳое оварда мешаванд, ки аз рӯи мақсади шоир бояд образи Алимардонро пурра мекарданд. Афсус ки тасвири ин лаҳзаҳо ба шарҳи амиқтари шахсияти Алимардон хизмат накарда, ба фитрати аслии ӯ мухолифанд. Дар саҳнаҳои аввалини достон ӯ мубориз дунёи нав, ғояҳои нав ва ташвиқотчии гуманизми пешқадам мебошад. Дар охир ҷои гуманизми пешқадами ӯро «дурӯғи ширин» мегирад. Ӯ дар солҳои ҷанг бачагонро бо зинда будани падарашон, модари хати сиёҳ гирифтаро бо зинда будани писараш бовар кунонданӣ шуда, бо «дурӯғи ширин» тасаллӣ медиҳад. Чунин рафтор ҳам тақозои дили инсонпарвар аст. Мо нияти неки Алимардонро, ки дарди ҷонгудози мардумро қадре сабук карданист, ба хубӣ мефаҳмем, вале ҳарчи ҳам бошад, бо «дурӯғи ширин» тасаллӣ додан меъёри гуманизми ҳақиқӣ нест. Афсӯс, ки ин тариқа фаҳмиши гуманизм на танҳо дар ҳамин як достони Қутбӣ вуҷуд дорад. Бинобарон мо бори дигар ба ёд овардани гуфтаҳои А. М. Горкийро дар бораи гуманизми пешқадам ва тасаллибахш қарзи худ

медонем. Ӯ борҳо, гаштаю баргашта дар мубоҳисаҳо, мактубҳо, суҳбатҳояш дар бораи ононе, ки мисли Лукаи ӯ (аз песаи «Дар қаър») ҳамин гуна бо «дурӯғи ширин» тасаллидиҳиро пешаи худ кардаанд, мегуфт: «...ман ҳеҷ гоҳ ба ин гуна шахсон таваҷҷуҳ надоштам, онҳо ба ман ҳамеша табиатан манфур буданд. Дар худи ҳамон песаи «Дар қаър» қаҳрамони дигар Сатин чунин мегӯяд: «Инсон! Чи сухани оличаноб! Баланд ва пурифтихор садо медиҳад! Инсон! Инсонро эҳтиром бояд кард. Ба ҳоли ӯ набояд раҳмхӯрӣ кард, қадри ӯро ба раҳмхӯрӣ набояд паст зад... Ӯро эҳтиром бояд кард!»

Ба таърихи назмамон муроҷиат мекунем. Дар «Шоҳнома» - и Абулқосими Фирдавсӣ паҳлавон Сӯҳроб бо сабаби ношиносӣ бо дасти падари худ Рустам кушта мешавад. Вале шоири бузург ин ҳақиқатро аз Рустам пинҳон намедорад ва дар натиҷа ба офаридани саҳнае комёб мешавад, ки дар фоҷиавияту таъсирбахшӣ баландтарин қуллаи фоҷиаҳои ҷаҳонӣ мебошад. Бузургии шоир ва олитарин нуқтаи гуманизм ҳам дар ҳамин аст.

То ин ки сухан дар ин бора бо мисолҳои хориҷ аз таносуб кашида нашавад ва малоли хотир нагардад ба ҳамин овардаҳо қаноат карда, таъкид мекунем, ки ба Алимардон нисбат додани хислати каси тасаллибахш ба шахсият ва фитрати аслии ӯ муқобил буда, зодаи гуманизми пешқадами вай нест.

Дар охир бояд қайд кунем, ки бисёр саҳнаҳои достон намунаи хуби рехтагии баён ва мустаҳкамии мазмун буда, ба он гувоҳӣ медиҳанд, ки шоир ба давраи камолоти худ роҳ мепаймояд ва дар оянда асарҳои арзишманде хоҳад офарид.

**Соли 1972**

## ЧАНД СОЛ ВА ЧАНД НИГОҲ

**(Лоиқ Шералӣ)**

Аввалин мақолаи муаллифи ин маҷмӯа «Нӯшбоди шоир», ки аз эҷодиёти Лоиқ баҳс мекард, соли 1971 ба табъ расида буд. Вай дар тӯли ин солҳо дар бисёр мақолаҳояш дар бораи ашъори Лоиқ изҳори ақида кард.

Ҳоло ӯ ба маҷмӯа чанд мақолаи хурду калон ва як суҳбати худро, ки дар байни чанд сол навишта шуда, аз маҷмӯаҳои алоҳидаи шоир баҳс мекунанд, дохил карда, фикр дорад, ки хонандагон пас аз мутолиаи паиҳами онҳо сифатҳои асосӣ, инкишофи ҷиҳатҳои муҳим ва ташаккули фардияти эҷодии Лоиқро дармеёбанд.

## НӮШБОДИ ШОИР

Дар солҳои охир ба майдони шеъри тоҷик як слсила шоирони ҷавон қадам гузоштанд, ки имрӯз бисёре аз онҳо симои фардии худро то андозае аён кардаанд ва ё дар паи таъмини фардият ва муайян кардани доираи мавзӯоти худ мебошанд. Вақте ки мо онҳоро ҳамчун шоирони ҷавон ном мебарем, ба ҷуз аз синну соли ҷавони онҳо боз хусусияти дигаре – мавзӯъҳои нав ва як бинишу идроки тоза доштани онҳоро дар назар дорем.

Бо вуҷуди гуногунии мавзӯъ, дарки воқеият ва ҳодисоти зиндагӣ, гуногунрангии эҳсоси шоирона, эҷодиёти шоирони ҷавон хусусияти муштараке низ дорад, ки он ба мо имконият медиҳад, онҳоро ба як силсила марбут донем. Онҳо пеш аз ҳама кӯшиш доранд, ки ҷаҳони

ботинии инсонро бо ҳаррангӣ ва пурғунҷоишиаш тасвир карда, ба умқи андеша ва тафаккуроти ӯ фурӯ рафта, моҳияти ҷамъиятӣ, саҳму мавқеи ҳамзамони худро дар ҷомеаи имрӯз нишон диҳанд. Лоиқ ҳам аз зумраи ин шоирон аст. Дар эҷодиёти ӯ тасвиру таҳлили ҷаҳони ботинии инсони муосир мақом дорад ва дар маҷмӯаи ӯ «Нӯшбод», ки то андозае мутахаби шоир аст, он боз ҳам доманадортар шудааст.

Қадами дуюм ба майдони шеъру шоирӣ ҳамеша аз қадами аввал мушкилтар аст. Агар маҷмӯаи аввал қадами нахустини шоир ба мулки шеър бошад, дар бунёди ин маҷмӯа маъмулан қариб тамоми мушоҳидаҳои шоир аз зиндагӣ, таҷрибаи аз ҳаёт бардоштаи ӯ, андеша ва ҳиссиёти тозаи ӯ қарор мегиранд. Пас аз ин аксар ҳангоми мутолиаи китоби дуюми шоир пай мебарем, ки захираи мушоҳидаҳо ночиз шуда, эҳсос ва идроки ҳодисоти зиндагӣ низ тозагие надорад ва, хулоса, олами шоир на танҳо ғанитар нагаштааст, балки харобу берангтар шудааст. Лоиқ, хушбахтона, аз ин қабил шоирон нест. Олами ӯ торафт пурғунҷоиш, рангин, пурзадухӯрд ва пурмаънӣ мешавад. Тасвири олами ботинии инсон, муборизаи қувваҳои неку бад, ғолибияти қувваҳои нек, нигориши авзоҳои рӯҳии қаҳрамони лирикӣ, ки хусусияти барҷастаи маҷмӯаҳои пешинаи шоир буданд, дар шеърҳои ин маҷмӯа ҳам ривоҷ ёфта, равияи эҷодиёти ӯро муайян кардаанд.

Дар ашъори худ ба тасвири олами фитрии инсон рағбати зиёд зоҳир кардани шоир барои ба мавзӯи марказии эҷодиёти ӯ қарор гирифтани инсон шароит фароҳам овард. Худоӣ Шарифов дар мақолаи худ, ки ба рубоиёти Лоиқ бахшида шуда буд, инро пай бурда, дуруст қайд кардааст, ки «мавзӯи асосии рубоиҳои Лоиқ, метавон гуфт, инсон ва инсондӯстӣ мебошад». Ин ҷо фақат ҳаминро бояд қайд кард, ки инсон на танҳо мавзӯи асосии рубоиҳои ӯ, балки яке аз мавзӯъҳои асосии тамоми эҷодиёти Лоиқ мебошад.

Инсон дар ашъори Лоиқ яктарафа тасвир карда намешавад. Тасвири инсон дар эҷодиёти шоир бо нишон додан ва тавсифи ҷиҳатҳои матлуби ҳастии инсонӣ ва бо маҳкум кардани тарафҳои номатлубу нописанди ҳастии ӯ сурат мегирад. Дар ниҳоди одамӣ ду қувва – қувваи нек ва бад бо ҳам мубориза мекунанд. Ин муборизаи неку бад, албатта, ба сохти иҷтимоӣ ва сиёсии ҷамъият новобаста нест ва ғолиябияти қувваҳои нек дар олами ботинии инсон ба чигунагии талаботи давру замон ва ҷамъияти мавҷуда пайванди қавӣ дорад.

Маълум аст, ки мавзӯи муборизаи некию бадӣ, хайру шарр на танҳо дар адабиёти тоҷик, балки дар тамоми адабиёти Шарқи қадим таърихи дуру дарозе дорад. Мо дар қадимтарин осори хаттии арабҳо «Мувашшаҳот», ҳиндуён «Маҳабҳарата», «Рамаяна» ва «Упонишадҳо» аввалин нишонаҳои тасвири рамзӣ ва ё реалии муборизаи ин ду қувваро пайдо карда метавонем. Имрӯз, ки ҷаҳон ба ду қувваи ба ҳам зид тақсим шудааст, аз нав аҳамият ва мавқеъ пайдо кардани ин мавзӯи қадимаи адабиёт бесабаб нест. Вале бояд дар назар дошт, ки дар замони нав тарзи ифодаи ин мавзӯъ вобаста ба меъёрҳои нави зебошинохтӣ ва ғоявӣ на танҳо миқдоран, балки сифатан ҳам дигаргун шудааст.

Лоиқ дар ин мавзӯъ ягон шеъри алоҳида надорад, вале таҳлилро аз ҳамин ҷиҳати ашъори ӯ сар кардани мо набояд тааҷҷубовар намояд. Зеро ин маънӣ аз зимни бисёр шеърҳои ӯ бармеояд.

*То набандам бо сурудам пеши роҳи тирро,*
*То нагирам бо қалам пеши дами шамшерро,*
*... Ман намемирам,*
*Ман нахоҳам мурд!*
(«Ман намемирам»)

Суруду қалам дар ин ҷо ифодакунандаи қувваҳои нек, ки шоир ҳимоягар ва ҷонфидои он аст, бар зидди рамзи қувваҳои бадӣ тиру шамшер гузошта шудааст. Шоир дар бораи зиддиятҳои замон андеша карда, қувваҳои озодихоҳ ва асоратовари даврро дар мубориза мебинад ва барои тасвири ин мубориза на танҳо аз воқеаҳои ҳозираи замон истифода мекунад, балки ба таърихи гузаштаи халқ, ба лаҳзаҳое, ки муборизаи ин ду қувва махсусан, барҷаста ва пуршиддат будааст, рӯй меоварад. Қаҳрамони лирикии ашъори Шоир:

*Мешиносам ман сари худро қатори он*
*қадар сарҳои саркаш,*
*Дар қатори хиштҳои сарманору қасри Темур.*
*Мешиносам хуни худро, к-ӯ мисоли ҷӯи об*
*Ҷорӣ мегардад ба дарёҳои хуни асри Темур. –*

(«Руҷӯи достоне, ки ҳаргиз наметавонам навишт»)

мегӯяд ва моро водор мекунад, ки як лаҳзаи таърихро, ки дар он бадӣ бар некӣ ғолиб омада буд, пеши назар биоварем ва аҳволи даҳшатангез ва дарди тоқатшикани мардумро ба хубӣ дарк бикунем. Вале гоҳо Лоиқ хамин ҳолатҳоро нишон доданӣ шуда, воқеаҳои таърих ва ҳолатҳои рӯҳии қаҳрамони лирикиро болои ҳам номбар кардан мегирад, ки ин ҳол шеърро гаронборӣ оварда, олами қаҳрамони лирикиро на танҳо ҳаматарафа намекушояд, балки баръакс тарҳ ва симои ӯро то андозае хира ва норавшан менамояд.

Дар шеърҳои маҷмӯаи «Нӯшбод» гоҳо бевосита ва гоҳо бавосита тасвири ҳолатҳои рӯҳии инсон ва ё қаҳрамони лирикӣ, андеша ва хитобҳои шоир ифода шудаанд. Шоир мехоҳад фашизмро бо тамоми даҳшату разолаташ, бо тамоми харобиоварию ваҳшонияташ нишон диҳад ва танҳо ҳамин мақсад ӯро маҷбур мекунад, ки ба модари фарзандгумкарда бо чунин саволҳои ҷонкоҳ, ки дардҳои ӯро аз нав ба сӯзиш меоваранд, муроҷиат кунад:

*Куҷо рафтанд, эй модар,*
*Куҷо рафтанд кафтарҳои навболу парат модар,*
*Куҷо рафтанд фарзандони навдилдодаат, модар?*
*Бисоти туй меандӯхтӣ,*
*Баҳри арӯсонат*
*Садаф меҷустию гарди хазина, шаддаи марҷон,*
*Чӣ шуд?*
*Бемодарии зумраи манҳус боис шуд,*
*Балои ногаҳонӣ бурд асои пирият, ҷонат.*
(«Нону насиб»)

Модар дар ашъори Лоиқ тимсоли некӣ ва накӯкорӣ, меҳру шафқат ва бузургист. Вай чун фарди ҷовидон тасвир мешавад ва азбаски ӯ дар тасаввур ва идроки шоир танҳо аз накӯӣ సиришта шудааст, ба воситаи ҷовидонии модар абадияти қувваҳои нек низ таъкид карда мешавад:

*Ту фақат ҷовид хоҳӣ монд, модар,*
*Ту фақат ҷовид хоҳӣ монд дар дунёи зебо.*

«Модарнома»-и Лоиқ, бешубҳа, на танҳо муваффақияти як худи шоир, балки муваффақияти тамоми адабиёти тоҷик аст. Дар ин ҷо урфу одатҳои пешқадами миллӣ, ки барои равшании рӯзи нсон, барои тасалло ва дилбардории мардум асрҳо боз хизмати босазо карда, имрӯз ҳам моро ба роҳи накӯкорӣ ва бахтофаринӣ ҳидоят мекунанд, тавсиф шудаанд.

Маҷмӯи ин гуна урфу одатҳои пешқадам яке аз ҷиҳатҳои асосии характери миллиро ташкил медиҳанд. «Шахс, бе хусусияти миллӣ, ҳастии воқеӣ набуда, мафҳуми муҷаррад аст» – мегӯяд В.Г. Беллинский. Хусусияти миллии характери модар, тафаккури миллӣ ва миллияти идроки вай дар мағз-мағзи ин шеърҳо ҷойгир шуда, ба онҳо таровати тоза ва таъсири ҳиссию завқӣ бахшида барои фаҳмидани олами ботинии модари тоҷик кӯмаки беандоза бузурге кардаанд.

Албатта, на ҳама ҷиҳатҳои анъанаҳои миллӣ имрӯз қобили ифодаи дунёи сифатан нави инсон ҳастанд ва борикбинии шоир ҳам дар ҳамин аст, ки вай анъанаҳои зарарнок ва пешқадамро бефарқ намебинад ва ҳар яки онҳоро дар ҷояшон барои ифодаи мақсадҳои муайянаш истифода мекунад.

Баъзеҳо шояд эрод гиранд, ки модари тоҷик дар ин шеърҳо яктарафа тасвир шуда, амалу кори модар дар зиндагии имрӯза дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии ҷамъият норавшан ва хира аст: яъне модар бевосита дар арсаи меҳнат ва фаъолияти ҷамъиятӣ нишон дода нашудааст.

Вале ҳангоми таҳлили ин шеърҳо, агар мақсади дар пеш гузоштаи шоирро ба назар гирем ва аз рӯи то чӣ андоза ин мақсади худро амалӣ карда тавонистани ӯ ба ин шеърҳо баҳо диҳем, ба мо лозим меояд, ки аз даъвои болоӣ даст кашем. Мақсади ӯ нишон додани олами дар назар сода, вале мураккаб, сокиту ором, вале пурошубу пурсадо, андешаҳои оддӣ, вале пандомӯзу пурҳикмати модар, тасвири олами ба тарзи худ зебои орзую ҳавасҳои модаронаи ӯ мебошад.

Ин мақсад шоирро барои бештар ба ҷаҳони ботинии модаре, ки «дар як гӯшаи хомӯши кӯҳистон» зиндагӣ дорад, фурӯ рафтан, водор кардааст. Шеъри «Қарз» аз ин гурӯҳ берун аст. Зеро дар ин шеър тасвири андеша ва ҳиссиёти қаҳрамони лирикӣ бар тасвири модар бартарӣ карда, шеър на ба хотири тасвири модар, балки барои ифодаи рӯҳияи қаҳрамони лирикӣ офарида шуда, зиёда аз ин ба унвони маҳбуба аст. Аз ин рӯ, онро ба «Модарнома» дохил кардан лозим набуд.

Аз «Модарнома» шеъри «Ба модарам» дар саҳифаҳои матбуот аз ҳама пештар чоп шуда буд ва беҳтарин шеъри ин силсила аст.

Ҳангоми мутолиаи дигар шеърҳои «Модарнома» баъзан чунин ба назар мерасад, ки мушоҳида ва бозёфтҳое, ки Лоиқ дар ин шеър дорад, дар баъзе шеърҳои дигар аз сари нав батафсилтар оварда шудаанд. Вале гоҳо ин хусусият аз меъёр мегузарад ва баъзе бандҳои шеърҳои дигар чун такрор ва ё тарҳи баъзе байт ва ё бандҳои шеъри «Ба модарам» ба назар менамояд.

*Нарафтӣ берун(?) аз як деҳ, надидӣ рӯи оламро,*
*Ба гирди хеш гӯё чарх гаштӣ, зиндагӣ кардӣ.*
*Ба гирди деҳа гӯё домани гардун бичаспида,*
*Туро барбаст роҳи нияту азми ҷаҳонгардӣ.*
*Чӣ дорад олами дар худ ниҳони ту, аё модар, аё модар!*
(«Ба модарам»)

Пас аз хондани ин мисраъҳо вақте ки шеъри «Фарзандон» боз ин мисраъҳоро мехонем:

*Ту дар як гӯшаи хомӯши кӯҳистон,*
*Ки ғайри тундари фасли баҳор.*

*Намесозад хомӯшии варо дигар садо вайрон,*
*Фақат бо кампири ҳамсоя ҳасрат мекунию бас.*
(«Фарзандон»)

Чунин менамояд, ки ин мисраъҳо такрори мазмуни банди болоӣ буда, танҳо чанд чиз нав доранд. Албатта, вақте ки дар шеър бо чанд мушоҳидаи тоза фикри як бор баёнкардаи шоир такрор шавад, ин чандон бадие надорад. Вале агар ин такрорҳо дар натиҷаи дар лаҳзаҳои гуногун ба ҳодисоти зиндагӣ ва рӯҳияи қаҳрамон аз рӯи як меъёр муносибат кардани шоир ба вуҷуд омада бошад, далели муваффақияти шоир шуда наметавонад.

Лоиқ шоири лирик аст. Вобаста ба доманадории тафаккур, амиқии андешаҳо, пуртаъсирии ҳиссиёти шоир олами фитрии қаҳрамони лирикӣ сиришта мешавад ва симои ӯ аён мегардад. Қаҳрамони лирикии ӯ аз дигарон ҷудоюю танҳо зиндагӣ намекунад. Андеша ва муҳокимаҳои ӯ ҳам гоҳо дар муносибат ва муколама бо дигарон, гоҳо бо муколама ба худ ва баъзан бо хитоб ба хонанда баён мешавад.

Баёни ин андеша ва муҳокимаҳои қаҳрамони лирикӣ дар ашъори Лоиқ бештар ба зиндагии воқеъ марбут буда, ба воситаи тасвири муҳимтарин ҷузъиёти ҳаёти вай, ки қобилияти умумишавӣ дорад, ба амал оварда мешавад. Дар ин қабил шеърҳо ҳиссиёт ва идроки қаҳрамони лирикӣ низ ҳаётӣ, заминӣ буда, ба воқеияти мавҷуда бевосита пайвастааст ва аз он ғизо мегирад. Ин махсусияти тасвир ва асоси реалии шеърро таъмин менамояд. Шеърҳои «Модар», «Моҳии тилло», «Фарзанди кӯҳсор» ва бисёр шеърҳои дигар дар асоси ҳамин гуна тасвири реалистона офарида шудаанд.

Дар баъзе шеърҳои Лоиқ гоҳо воқеаҳои мавҷуда дар асоси андеша ва муҳокимаҳои қаҳрамони лирикӣ қарор нагирифта, дар натиҷа тасвири ҳолату рӯҳия ва андешаю муҳокимаҳои қаҳрамони лирикӣ аз воқеият як дараҷа ҷудо монда, муҳокимаҳои зеҳнӣ бар воқеияти тасвир афзалият пайдо мекунанд. Дар ин ҳолат азбаски муҳокимаҳо танҳо инкишоф ва давоми мантиқии якдигар мешаванд, заминаи ҳаётии онҳо то андозае ночиз гашта, боиси он мешавад, ки шоир ба муҷаррадбаёнӣ мегузарад.

Дар эҷодиёти Лоиқ ин тарзи тасвир торафт маҳдуд шуда истодааст, ки бар нафъи шоир аст. Зеро ҳамон шеърҳои ӯ, ки дар асоси онҳо мушоҳидаҳои аз зиндагӣ андӯхтаи ӯ қарор гирифтаанд ва маънӣ ба воситаи ҷузъиёти воқеият ва образҳои махсус ифода карда мешаванд, нисбат ба шеърҳое, ки дар онҳо қаҳрамони лирикӣ танҳо муҳокимаронӣ мекунад, пурқувваттанд. Шеърҳои «Зиндагӣ», «Эй ҷавонӣ», «Паймонаи муҳаббат» бо вуҷуди мушоҳидаҳои тоза ва байтҳои хуб доштанашон аз ҳамин гуна муҳокимарониҳо иборатанд.

Шоир ҳар лаҳза дигаргун шудани аъзои рӯҳии қаҳрамони лирикиро ба мо чун сарвати ҷаҳони ботинии ӯ ба қалам доданӣ мешавад. Дуруст аст, ки ин тамоюл на танҳо дар эҷодиёти Лоиқ, балки дар ашъори бисёр шоирони ҷавони дигар ҳам ҷой дорад. Мо ин ҷо ҳар лаҳза дигаргуншавии рӯҳияи инсонро инкор карданӣ ва ё онро ба ягон шаклу қолаб даровардани нестем. Бигзор, дар шеър рӯҳияи инсон ва аз он ҷумла қаҳрамони лирикӣ бо тамоми нозукӣ ва тағйирпазирияш тасвир шавад. Вале дар шеър тасвири авзои рӯҳии қаҳрамони лирикӣ танҳо ба хотири тасвири ҳолати рӯҳӣ набуда, маъниеро низ ба худ ҳамроҳ дошта бошад ва ин маънии аз ҳамон ҳолати рӯҳӣ бармеомада, набояд бар хилофи фитрати аслии ӯ бошад. Вагарна ин гуногунрангии авзои рӯҳӣ касро фирефта, худро чун сарвати олами ботинии қаҳрамони лирикӣ вонамуд мекунад.

*Мешавам ҳар рӯз дигар, ҳар нафас кам мешавам,*
*Ҳар қадар худро биҷӯям, он қадар гум мешавам.*

(«Бозёфт»)

Лоиқ зиндагиро ҳамеша чун силсила дарк мекунад ва дар байни ҳодисоти зиндагӣ ва афроди он пайвастагии қавӣ мебинад. Ӯ ҷузъиёти олами парешонро чида-чида дар худ ҷамъ меоварад ва онро ба ҳамон тартибу низоме, ки мехоҳад, ба мо чун олами тозае пешкаш мекунад. Ҳунар танҳо ба ҳамин маъно ҷаҳон меофарад, ки бо вуҷуди нисбаташ ба ҷаҳони мавҷуда нусхаи он нест. Дар ҷаҳони ба мо пешкаш кардаи шоир низ силсилаи зиндагӣ ҷовидонист ва ҳаргиз канданӣ нест.

*Зиндагонист ҳамчу занҷире,*
*Зиндагонӣ ба нисбате зиндаст.*
*Ҳалқаи аввалин агар танҳост,*
*Ҳалқаҳои дигар ба ҳам пайваст.*
(«Силсила»)

Ва ё:

*Ин ҷавонӣ – таронаи ҷовид*
*Лек як бор хонад онро кас.*
*Месароему мегузоремаш*
*Баҳри он к-ӯ биёяд аз мо пас.*
(«Розҳо»)

Дигар аз сифатҳои бузургӣ, ки қаҳрамони лирикӣ ба мо ташвиқ мекунад, дардошноист. Дард дар ашъори Лоиқ аз дарди дили шахсӣ тафовути калон дорад. Дардошноӣ дар ашъори ӯ маънии фаҳмидани дарди мардум, дарди замон ва ниҳоят фаҳмидани дарди инсоният аст. Аз ин ҷиҳат ӯ дардошноиро сифати неки инсонӣ медонад. Ин равия дар назми рус дар эҷодиёти Андрей Вознесенский хеле қавист. Дар ашъори Лоиқ дили дардошно мафҳуми дили комил, дили бузургро дорад ва дардошноии ӯ аз қисмат кардани ниёзу дарди мардум аст.

*Бо дили дардошною бо сари пуршӯру савдо,*
*То қаламро пул насозам дар миёни соҳили имрӯзу фардо,*
*Ман нахоҳам мурд оҷиз,*
*Ман нахоҳам мурд ҳаргиз!*
(«Ман намемирам»)

*Ёдгории бузургон аз барои наслҳо,*
*Эй дили дардошно!*
(«Дил»)

*Чаро мо ин қадар дардошноем?*
*Куҷо дардест, дарди худ бидонем.*
*Ғами дунё ҳама андар дили мо,*
*Ҷаҳон дар мост ё мо дар ҷаҳонем?*
(«Чу афтад ахтаре аз боми гардун»)

Ифодаи ин андешаҳо аз шоир забони бой, калима ва иборҳои мувофиқ ва тасвири хушобуранге хостаанд. Аз ҳамин сабаб Лоиқ барои ифодаи андешаҳои худ калимаҳоеро, ки дар назм то ҳол ҳуқуқи истифода надоштанд, дар мавриди мувофиқ истифода мекунад. Ин

калимаҳо дар ҳамсоягии ибораҳои шоирона ва ё ба таркиби иборае дохил шуда тобишу маънии тоза пайдо мекунанд ва аз шеърият баҳравар мешаванд. Яъне, мо гуфтанӣ ҳастем, ки Лоиқ дар ашъораш гоҳо калимоти ғайришоиронаро (прозаизмҳоро), ба он маъние, ки Пушкин кор мефармуд, моҳирон истифода мекунад. Ин чиз, агар шоир аз уҳдаи он барояд, кӯтоҳии шеър нест. Пушкин ҳам калимаю ибораҳои хоси насрро шоирона истифода карда, онҳоро аз рӯҳи шеър файзбор месохт. Мо ҳамин чизро дар назар дорем. Ин қабил калимаҳо дар шеър ҳоло тару тозаанд ва истифодаи шоиронаи онҳо ба шеър таровате бахшида, мақсадро табиитару заминитар ифода мекунад.

*Аз раҳи хоксорӣ(?) баъзеҳо*
*Дар назар гарчи ноаён ҳастанд,*
*Лек аз баҳри гулханафрӯзӣ*
*Гӯиё пешдаргирон ҳастанд.*
(«Силсила»)

*Ду соҳил ду лаби хушкидаи ман –*
*Бинолад: доду фарёд аз ҷудоӣ!*
*Бимонад оброҳа – санглохе,*
*Зи ҳар санге савол ояд, куҷоӣ?*
(«Ғазали дарё»)

Истифодаи шоиронаи ин гуна калимот (пешдаргирон, оброҳа) ба услуби шоир ва ба синтаксиси шоир таъсири пурсамар мекунад. Тадқиқи ин масъала дар назми муосири тоҷик ва ҳам дар ашъори Лоиқ баҳси ҷудогона мехоҳад ва мо дар ин ҷо танҳо як ҷиҳати онро таъкид карда бо ҳамин дар ин бора иктифо мекунем. Шеъри нав, ки ҳоло дар назмамон мавқеъ пайдо карда истодааст, барои бештар истеъмол кардани ин гуна калимот имконияти васеъ дод. Ононе, ки шеърро ба тасвири ҳаёти мардум ва ба хизмати зиндагӣ равона карданд, ин гуна вожаҳоро ба шеърашон дохил карда, забони шеърро тозагӣ бахшиданд.

Мо ин ҷо имконият надорем, ки шеърҳои маҷмӯаи «Нӯшбод»-ро ҳаматарафа таҳлил кунем. Бисёр мушоҳидаҳои мо оид ба системаи образҳо, забон, услуб, шакл ва лаҳну оҳанги шеърҳо аз доираи мақола берун монданд. Ҳамин қадар гуфтан лозим аст, ки дар шеърҳо гоҳо сатрҳои суст ва хулосаҳои номатлуб низ ба назар мерасанд ва шоир баъзан саргарми babораоройӣ мешавад.

*Зиндагонист ҳамчу занҷире,*
*Зиндагонӣ ба нисбате зиндаст.*
*Ҳалқаи аввалин агар танҳост*
*Ҳалқаҳои дигар ба ҳам пайваст.*
(«Силсила»)

*«Биё, меҳмони ман шав, эй бародар,*
*Гулистон кун даме кошонаи ман.*
*Биё ҳар гоҳ дасти холӣ, аммо*
*Дили холӣ наё бар хонаи ман»*
(«Китоби сангин»)

Дар банди аввал гуфта мешавад, ки ҳалқаи аввали занҷир танҳост, ҳоло он ки вай ҷудо нест ва бо ҳалқаи дуюм пайвастааст. Дар банди сонӣ ибораи дили холӣ, ки аз рӯи дасти холӣ

сохта шудааст, то андозае сохта менамояд, ҳамон маъниеро, ки шоир хостааст, намедиҳад. Дар шеъри «Паймонаи муҳаббат» сатрҳое, ки ҳар бандро ҷамъбаст мекунанд, аз қабили мисраъҳои суст мебошанд. Хулосаи шеърҳои «Одамизод шири хомхӯрда», «Раққоса» баҳсталаб намоянд, дар баъзе шеърҳо, аз ҷумла, дар шеъри «Чу аз модар ба дунё омадам ман» ҷузъиёти зиндагӣ ва мушоҳидаҳои шоир ба дараҷаи шеърият нарасидаанд.

Лоиқ мегӯяд:

*Гӯянд шоири хуб фарзанди даври хеш аст,*
*Баҳри замоншиносон мо худ замона ҳастем.*

Дар шеъру шоирӣ аз ҳар кас мувофиқи истеъдодаш талаб карда мешавад. Лоиқ шоири болаёқат аст. Мо ҳам ба ҳамин маънӣ ба асарҳои ӯ нуктагирӣ кардем.

**Соли 1971**

## ДАР ҚАЛАМРАВИ ШЕЪР

**(Суҳбат бо Лоиқ Шералӣ)**

***Аскар.*** Ман аз андешаҳои худ ба ҳамин расидам, ки умдатарин хусусияти назми замонии мо пурқувват шудани бунёди воқеӣ ва ҳаётии он аст. Дигар он шеърҳои бебунёд, умувиву гӯё тавсифӣ, ки як замон хеле ривоҷ доштанд ва, мутассифона, ҳоло ҳам ҳастанд, ки пас аз хондани онҳо кас ба маҳал ва ашёи тасвирашон (агар бошад) руҷӯъ намекунад, харидор надоранд. Хушбахтона, як гурӯҳи шоирони солманд ва миёнсол ва зумрае аз шоироне, ки дар даҳ - понздаҳ соли охир бар арсаи назм омаданд, бо биниши тозаи худ бозори он гуна шеърҳоро касод карданд.

***Лоиқ.*** Хуб сари риштаи суҳбатро ёфтед. Дар ҳақиқат шеърҳои тӯлонии тавсифии бепредмет мисли он кӯдакест, ки ба навдаи бед савор шуда, худро савора пиндошта медавад, бехабар аз он ки пиёда аст. Ба муқобили ин гуна шеърҳо дар ҳамаи адабиётамон ва хусусан дар солҳои охир шеърҳое пайдо шудаанд, ки макон, замон, унвон ва фазои парвоз доранд.

***Аскар.*** Агар ба муқобили ин гуна шеърҳо гӯем, заминаи пайдоиши рӯҳи тозаро дар назм як андоза тангтар маънидод намекунем? Шояд онро васеътар бояд шарҳ дод?

***Лоиқ.*** Аз зиндагӣ ва талаби замон бояд ҷуст,- гуфтанӣ ҳастед?

***Аскар.*** Бале.

***Лоиқ.*** Ба муқобили шеърҳои бад хубашро гуфтан ҳам яке аз талаботи замон ва зиндагист.

***Аскар.*** Дуруст, лекин, фақат яке...

***Лоиқ.*** Розиям, аз ин нуқтаи назар, масалан, достони «Ҷони ширин»-и Мирзо Турсунзодаро гирем. Ин достон дар назари аввал суҳбати маҳрамонаи шоир бо ҳамсари худ, ҳикояти таасурот аз дидаву шунидаҳо ва сайру саёҳатҳои ӯст. Ин заминаи воқеии достон фақат як воситаи баёни эҳсосот ва тафаккури як гражданини соҳибватан ва соҳибзамони мост, ки масъулияташ дар назди оила камтар аз масъулияти иҷтимоияш нест. Дар ин ҷо як оилаи бо тамоми ватан ва ҷаҳон ҳамқисмат, оилае, ки ҳама гарму сарди ҷаҳонро аз дуру наздик эҳсос мекунад, тасвир шудааст. Дар паси ҳар байти ин достон мо одами зинда, нафасҳои гарми ӯ, ташвишу тараддудҳои умумиинсонии ӯро мехонем. Масалан, ин байтро гирем:

*То кунам таъзим мисли пахтачин,*
*Чорқат гардида бар сӯи замин.*

Дар назари аввал чунин менамояд, ки ин ҷо шоир ба таъзими худ ташбеҳи хеле зинда ёфта бошад, аммо агар ба тааммуқ нигоҳ кунем, аз он тамоми саҳнаи меҳнати духтари пахтачинро дидан мумкин аст.

***Аскар.*** Ман аз ин гуфтаҳои Шумо чунин хулоса бармеорам, ки мубориза барои шеъри имрӯз аз кайҳо сар шудааст. Оре, агар ин масъала фақат дар солҳои охир дар мақолаю тақризҳои адабиётшиносону мунаққидон мавриди гуфтугӯи ҷиддӣ қарор гирифта бошад, дар худи шеър ин такопӯ хеле пештар шурӯъ шудааст. Далели ин даъво ҳам шеърҳо ва ҳам мақолаҳои пурҳаяҷони ҳабиб Юсуфист. Ё, масалан, «Қиссаи ҳиндустон»-ро гирем. Дар он солҳо дар танқид мақолае ба дараҷаи ин силсила, ки худ тозагии шеърро кашф кард, пайдо нашуд ва то имрӯз ҳам ба истиснои зикри ин ё он хусусияти ғоявӣ, моҳияти навоварона ва бадеии он, равобити дохилии маънавӣ, ғоявӣ ва шакли он ба дараҷае, ки зарур аст, таҳқиқ нашудааст.

***Лоиқ.*** Баҳси мо дар сари заминаи ҳаётии лирика буд. «Қиссаи ҳиндустон» ҳам дар он давра навишта шуд, ки адабиёти мо аз шеърҳои «умумӣ» пур буд. Баъзе шоирон ҳар сол дар бораи 1-уми Май ё 8-уми Март шеър менавиштанд ва оҳанги ҳамааш чунин буд: хуш омадӣ, эй иди фархунда... Шояд барои ҳамин ҳам танқид ба чунин шеърҳо одат карда буд.

***Аскар.*** Бубахшед, Лоиқ, агар Шумо гуфтанӣ бошед, ки назари адиб аз мунаққид вусъатноктар аст, ин фикр андак ислоҳ металабад. Чунки завқи мунаққид ҳам ба монанди завқи шоир дар заминаи танҳо як адабиёт парвариш намеёбад. Агар имрӯз мунаққиде дар тангии чунин чаҳорчӯба монда бошад, гуноҳ аз вай аст, на аз ҳамаи мунаққидон. Дарёи Сир то ки чунин паҳновар шавад, бештар аз 620 - сарчашма об мегирад.

***Лоиқ.*** Танқиди мо ҳоло ҳам суст аст, чӣ ҷои он ки солҳои баъд аз ҷанг... Ман мехостам, ки танқидамонро мисли шеърамон баландпоя бинам. Вале афсӯс, ки ҳоло ҳам мунаққидон шеъри хубро сари вақт дар миёни ин ҳама шеърбофон ва даъвои бузургманишӣ доштагон тақдир намекунанд. Азбаски шеъри хуб ҳамеша кам аст, дар байни қитъаҳои зиёди шеърмонанд мисли кӯдаке метобад, ки дар миёни ошуфтабозор афтода бошад.

***Аскар.*** Агар ин ташбеҳи Шумо раво бошад, хушбахтона, ин кӯдак аз ошуфтабозор ба дунёи фарохи адабӣ раҳ ёфт ва худаш имрӯз ба ҷараёни назм раҳбарӣ мекунад. Ин кӯдак дар сурати «Ҳасани аробакаш», «Ленин дар Помир», «Кӯчабоғи ошиқон», «Достони оташ», «Сурӯши Сталинград» ва шеърҳои алоҳидаи Боқӣ Раҳимзода, Аминҷон Шукӯҳӣ, Қутбӣ Киром, Мастон Шералӣ, Бозор Собир, Гулназар, Гулрухсор ва дигарон ба камол расид.

Ман номи Шуморо, Лоиқ, аз ин силсила махсус ҷудо кардам, чунки мехоҳам дар бораи ашъоратон муфассалтар сухан кунам.

***Лоиқ.*** Азбаски баҳси мо аз боби заминаи ҳаётии назм аст, хоҳиш дорам, баҳсро фарохтар бо иштироки ҳамаи шоирони покхунар, ки дар ин ҷода қалам судаанд, давом диҳем.

***Аскар.*** Ман ҳам ба ҳамин кор мекӯшам, аммо дар мисоли эҷодиёти як шоир ҳам дигаронро қатъи назар накарда, ба ин мақсад расидан мумкин аст.

То ҳол сухани мо асосан оид ба жанри бузург, калонҳаҷм, достонҳо буд. Достон аз жанрҳои хурди лирикӣ бо сифатҳои махсусаш фарқ мекунад ва ин фарқият талаб дорад, ки заминаи ҳаётӣ ва ангезиши эҳсосоти башарӣ дар он бештар ва қавитар бошад ва достон ин чизро бисёртар гунҷоиш дода метавонад. Дар лирика ин саҳл коре нест.

***Лоиқ.*** Хушбахтона, дар шеърҳои алоҳида, руҷӯъҳои лирикӣ, шеърҳои соф ишқӣ ва қитъаҳои гуногуни ҳам устодон ва ҳам ҳамсолони мо заминаи воқеӣ, иҷтимоӣ ва ҳаётӣ рӯз аз рӯз қавӣ мешавад. Дар шеърҳои Мӯъмин Қаноат «Бузургӣ ва хоксорӣ», «Хоби қаҳрамон», «Ёд»,

«Гули Бодом», Қутбӣ Кибом «Бӯи нон», «Хаткашон», «Хоки пайвандӣ», «Коммунист Салимов», Бозор Собир «Асп», «Борон», «Падарҳо», Гулназар «Осиёи кӯҳна», «Раис», Гулрухсор «Ватан», «Аскарбачаҳо» рӯҳи солими назми замонӣ муҷассам шудааст. Ман тарафдор ва хайрхоҳи чунин равияи назм ҳастам ва давоми неки онро ба сад дил орзу дорам.

***Аскар.*** Ман ба ин силсила аз шеърҳои худи Шумо боз номи бисёреро илова карда метавонам. Аз панҷ маҷмӯаи пешинаи тоҷикии Шумо ва китоби наватон «Хоки Ватан» (муборак бошад!) шеърҳои бисёреро ном гирифтан мумкин аст. Масалан, шеърҳои «Модарнома», «Суруди хайрбод», «Замини меросӣ», «Хоки Ватан», «Баччагӣ» ва дигарҳо. Дар он шеърҳое, ки Шумо ном бурдед ва инҳое, ки ман зикр кардам, зиндагӣ табъан дохил шудааст. Шоир дар онҳо на аз шеър ба сӯи зиндагӣ рафтааст, балки аз зиндагӣ ба сӯи шеър омадааст.

***Лоиқ.*** Зимнан, ҳамаи ин шеърҳои ман як кӯшиши шеъри хуб гуфтан, ба гуфти мардум, «даст рост кардан» аст. Бале, зиндагӣ саросар пур аз шеър аст, лекин на ҳама метавонанд онро бинанд, дарёбанд ва гӯянд. Хубии шеърҳои боло дар он аст, ки дар паси ҳар сатр ва ҳар банди онҳо инсоне нафас мекашад, кӯдаке ба ҷаҳони бузург ба умед менигарад, қаҳрамоне дар нафасҳои вопасин дар забон каломи Модар - Ватан мемирад, аспе бо ҷангисаворе ба сӯи корзор парвоз мекунад, осиёбони дар ришу абрувонаш гули орд ҳамчун санги осиёб барои чашмсерии мардум пурҳаракат аст. Яъне, ҳар чиро, ки дар ин шеърҳо тасвир шудааст, мо бо чашм мебинем. Ин гуна шеърҳо дар рӯ ба рӯи он шеърҳое, ки бо ибороти китобӣ, бо риояи ҳама қонунҳои арӯз иншо шудаанд ва агар хушоҳангии калимаҳои зебои тоҷикӣ ва арӯз набошад, ҳарзае беш нестанд, умри дароз доранд.

***Аскар.*** Хушоҳангии калимаҳои зебо ва арӯз ҳанӯз шеър нест. Бунёди шеър ҷавҳари маънист. Дар ин мисраҳое, ки суханҳои зебо доранд, ба хаёлам, ҷавҳари шеър камтар аст ва, агар бошад ҳам, дар чунон амиқист, ки ба он расидан муҳол аст:

*Аз сукути роздори абри пуркин,*
*Аз намуди фитнакори чархи рангин,*
*Наъра мезад баҳр*
*Наъра мезад бод, бехуд гашта хашмин.*

***Лоиқ.*** Ин хел «ғамзаҳо» ман ҳам доштам:

*Баҳор омад зи борони баҳорӣ,*
*Баромад дар дилам рангинкамонҳо.*

Ин шеъри дарози наврӯзие буд. Вақте ки дӯстам Доро нақизае (пародия) бофт ва хуб хандидем, аз баҳри он гузаштам. Дар ҳақиқат ҷои ханда аст, дар дил чӣ хел рангинкамон мебаромада бошад?

***Аскар.*** Чунин «бофтаҳо» дар шеърҳои маҷмӯаи наватон ҳам ёфт мешаванд. Масалан, дар шеъри «Рӯдҳои кӯҳистон» - атон. Рӯдҳо аввал чун кӯдакони бепаноҳ сарсон ва чун ғарибон кӯ ба кӯ саргардон буданд, баъд касб омӯхтанд, боз баъдтар чун сағираҳо дар сағирхонаҳо донишу фазлу ҳунар омӯхта, имрӯз фарзона шуда, як бурда нони хешро ёфтаанд. Ба фикрам, «ташхисонидан» - и рӯд аз ҳад гузаштааст. Ё гирем, шеъри «Духтари тоҷик» - ро. Дар ин шеър, ки банди аввалаш хеле шоирона гуфта шудааст, духтар дар чаҳор банди аввал «хоксору шармнашкаста» бошад ва мисли ҳамаи одамон дар замин гардад, дар панҷ банди охир фақат «парвоз» мекунад.

***Лоиқ.*** (Ханда...) Маълум, ки пар баровардааст. Лекин агар ҷиддан гӯем, ман хостам, шитобу беқарорӣ ва такопӯи духтари тоҷикро ба «парвоз» ифода кунам. Намедонам, ки парвоз ба ҷое расид ё не?

***Аскар.*** Парвоз дар бисёр шеърҳои Шумо ҳаст. Бештар ин парвозҳо ба дуродур ва ба фазои мақсадҳои бузургу наҷиб аст. Бидуни он ки шеърҳои дар «Ҳамсолони паровари ман», «Ба ёдбуди Гагарин» парвоз табиист, яъне худи мавзӯи шеърҳо парвоз аст, дар аксари шеърҳои Шумо парвози илҳом ҳис мешавад, чӣ ҳоҷат буд, ки дар «Катибаҳо»-и китоби наватон «суханреза» гӯед? Гирем, катибаҳои Шуморо дар чигас (асо), шпал ва ишоратчӯби раҳбон. Шояд, ҳамин гуна хурд гирифтани мақсад аст, ҳатто Хайёме, ки аз рубоиёти Шумо бештар чун файласуф ва марди оламшинос арзи ҳастӣ карда буд, ба майкадаи «Фароғат» омада, мегӯяд:

*Шумо шоҳид, ки ҳозир омадам ман,*
*Дар он дунё буфету ресторан нест...*

***Лоиқ.*** Ростӣ, катибаҳо лозиманд, лекин катибаҳои хуб. Ман боре гӯристонҳои Самарқандро зиёрат карда, дар санги қабрҳо байтҳои аҷиб хондам. Ман он вақт донишҷӯи институт будам. Аз дилам гузашт, ки халқ ба катибаҳои ёдгорӣ эҳтиёҷ дорад. Ҳамон вақт мехостам чунин катибаҳо нависам, аммо натавонистам. Баъд катибаҳои Расул Ҳамзатов баромад. Онҳоро хонда боз пай бурдам, ки катиба лозим аст.

***Аскар.*** Ба ин маънӣ, оё ҳамаи шеърҳо катибаи умри инсон нестанд?

***Лоиқ.*** Бале, ҳақ ба ҷониби Шумост. Чӣ гӯям, ки нон ҳам нону нонреза ҳам нон... Дар баъзе катибаҳо ман хостам ҳазл кунам...

***Аскар.*** Агар катибаи ба Хайём бахшидаатонро дар назар дошта бошед, бубахшед, рӯҳи Хайём ҳазлбардор нест.

***Лоиқ.*** *Набошад то хирад комил,*
*Ҷунун комил намегардад...*

***Аскар.*** Ба ҳар ҳол, ман тарафдори он ҳастам, ки «нонрезаҳоятон» ҳам тӯша шуда тавонанд. Шумо бояд бо катибаҳоятон нақши Рустамро дар кӯҳсоронамон нависед, мисли он ки Брюллов ҳангоми наққошии сақфи Маъбади Исҳоқ дар Ленинград аз ҷӯши илҳом ва табъи саршор, «Ба ман ин сақф тангӣ мекунад, сақфи осмон боястӣ!»- гуфта буд.

***Лоиқ.*** Барои он ки мо мисли Брюллов сақфи осмонро наққошӣ кунем, бояд рангҳои осмонзебро аз замин бигирем. «Осмонро замин баландӣ дод», - гуфтааст Бедил. Мавзӯъҳои хурду «заминӣ»-ро бо рангҳои хаёл, сухан, ғоя ва пирояи шоирона шукӯҳи осмонӣ бояд бахшид. Афсӯс, шоирони қудсӣ мисли Ҳофиз каманд.

***Аскар.*** Ҳар асру замон Ҳофизи худро дорад ва бояд дошта бошад! Замони мо шоироне дошт ва дорад, ки мисли Владимир Маяковский, Александр Твардовский, Расул Ҳамзатов, Эдуардас Межелайтис, Мирзо Турсунзода ҳар кадоме алоҳида як пора сақфи гардунро ва ҳама дар якҷоягӣ тамоми осмони асри моро мунаққаш кардаанд. Осмон беканор аст, муъҷиза ва қудрати тафаккур ва тахайюли инсон ҳам.

Шоири имрӯз ҳар қадар «заминӣ», ҳамнафаси халқ ва замон, ашъораш иҷтимоӣ ва худаш фидоии ормонҳои олӣ бошад, осмони ӯ ҳамин аст. Ба қавли худи Шумо:

*Муддаоям зи назм ин бошад,*
*Пос дорем назми дунёро.*
*Бо сухан то ҳама раво дорем,*

*Фарзи имрӯзу қарзи фардоро.*

**Соли 1976**

## БО «ХОКИ ВАТАН»

Лоиқ Шералӣ аз ҷумлаи шоиронест, ки давраи шогирдии худро дар як муддати кӯтоҳ гузашта, ба ҳамон дараҷаи камолот мерасанд, ки дар бораашон бо ҷиддияти тамом ва бе ҳеҷ як гузашт сухан рондан мумкин аст. Ба наздикӣ китоби шеърҳои ӯ «Хоки Ватан» ба табъ расид, ки маҷмуаи панҷуми тоҷикии ӯст. Дар китоби нахустини шоир «Сари сабз», ки соли 1966 нашр шуда буд, ҳанӯз шеърҳои шогирдона бисёр бошанд, дар маҷмӯаи «Илҳом», ки пас аз ду сол чоп шуда буд, аллакай қалами расои шоири баркамол ҳис карда мешуд. Шоир аз зоҳирбинию дурахши фиребои сухан ва андак мавҳумбаёнӣ канора ҷуста, бештар ба сурудани ҳиссиёти заминӣ ва ба шеър кашидани таассуроти ба худ ошно пардохта буд. Нигоҳаш ба зиндагӣ амиқтар шуда, дар суханварӣ ҳам ҳунар андӯхта буд. Ҳоло китоби тозаи ӯ пеши назар ва мавриди гуфтугӯст.

Ба мунаққид чизи аз ҳама хурсандибахш он аст, ки шеърҳои тақризшаванда комил бошанд ва ӯ қудрати шоирро ҳис карда, дар бораи ин шеърҳо гуфтугӯи ҷиддӣ карда тавонад. Афсӯс ки чунин хурсандӣ на ҳама вақт ба ӯ муяссар мешавад ва ҳоло, чи хуш, китобе дар даст аст, ки касро ба андешаҳои ҷиддӣ водор мекунад.

Лоиқ кӯшиши бардавом ва мустақим дорад, ки шоири зиндагӣ ва андешаҳои амиқ бошад. ӯ мехоҳад дар ҳар падидаи ҳаёт ва зиндагӣ осори абадият ва силсилаи ногусастанӣ, дар ҳар ҷузъ ғояти куллро бубинад, гузаштаро бо ҳоли ҳозир ва ҳозираро бо оянда бипайвандад. Ифодаи чунин ғоя ва мақсадҳо барои як андоза сифати фалсафӣ гирифтани ашъори шоир замина тайёр мекунад.

Лоиқ дар бораи Ватани бузурги мо ва як пора кӯҳистони вай –Тоҷикистон бо муҳаббати бузург сухан мегӯяд. Муҳаббати вай дар шеъри «Хоки Ватан» чунон бузург ва гарму самимист, ки на танҳо имрӯзи кишвар, балки гузаштаи он, ғарибии фарзандони нобиғаи онро фаро гирифта, ба як оҳанги дилрасу ғамангез бозгӯ мекунад. Аз ин мисраъҳо ба гӯши мо савти ҳазине мерасад, ки огандаи меҳри бадард ба гузаштаи халқи худ аст.

*Тоҷикистон - мазҳари ман,*
*Сарзамини камзамин,*
*Ту саросар кӯҳсорӣ,*
*Ту саросар сангзорӣ,*
*Чунки фарзандони ту дар тӯли таърихи дароз,*
*Ҳар куҷо рафтанд, муште хок бо худ бурдаанд,*
*Чунки фарзандони ту дар ҷустуҷӯи бахти худ,*
*Дар биёбонҳои тафсон дур аз ту мурдаанд.*

Ҳамин эҳсоси амиқи таърихи кишвар аст, ки кӯҳҳо дар назари шоир дигар сарбафалак ва лонагоҳи уқобон нанамуда, орзуҳои сангбастаи фарзандоне мешаванд, ки дар ғарибиҳо ба ҳасрат хок гаштаанд.

*Ҷумла дар кӯи ғарибӣ хок гаштанд, эй дареғ,*
*Орзуҳошон дар ин ҷо санг басту хок шуд.*

Ин ишорае ба бузургии маънавии халқ ва таъкиде ба фоҷиаҳои ӯст. Фарзандони халқ кӯҳ - кӯҳ орзуҳои нек доштанд, ки ба амал напайваста, дар ин ҷо санг бастанд. Бо вуҷуди ин, таърих саросар фоҷиа ва орзуҳои сангбаста нест, таърих ҷараёни инкишоф, шукуфтани орзуҳо, ба ҳам пайвастани халқҳою хокҳост.

*Тоҷикистон!-*
*Сарзамини камзамин,*
*Хоки ту ин сон парешон гаштааст,*
*Бо ҳама хоки ҷаҳон ингуна ҳамсон гаштааст. –*

ва дуруст аст, ки шоир дар таърихи халқ сафедрӯзию равшаниҳояшро ҳам мебинад, вагарна идроки таърихии ӯ яктарафа ва субъективӣ мешуд.

*Хоки ту кам шуд ба миқдору фарохотар*
*ба арзу тӯл шуд,*
*Гарчи номат,*
*Ҳамчу мулки кӯҳсорон дар ҷаҳон машҳур шуд.*

Ба монанди шеъри «Хоки Ватан», дар маҷмӯа, «Таърих гувоҳ аст», «Айнӣ», «Китобҳои шаҳид», «Кӯҳистонӣ» барин шеърҳое ҳастанд, ки дар онҳо таърихи халқ чашмандози бевоситаи шоир аст. Ин ва боз шеърҳое, ки аз ин қабиланд, дар як поя набошанд ҳам, дар байни онҳо шеъри хуб ва байту бандҳои барҷаста ҳастанд. Масалан, дар шеъри «Айнӣ» шоир хидмати устодро дар нишон додани осори ноаёнмондаи таърихи адабиётамон сипосгузорӣ карда, хеле хуб мегӯяд:

*Сари гӯри ниёгон машъала афрӯхтӣ аз меҳр,*
*Аз ин рӯ, ҳамчу машъал дар сари дасти замон мондӣ!*

Инсон ҳар чӣ кунад подоши онро мебинад, қадри инсон аз хидмати ӯст. Таърих ҳамаро дар мақоми худ ҷой медиҳад, ҳар касро мувофиқи кору хидматаш қадр мекунад, чизе аз лавҳи он сутурда намешавад ва маҳз ба туфайли ин бузургони мо то имрӯз зиндаанд. Бинобар ҳамин, вақте ки шоир

*Бузургонро бузургон зинда медоранд,*
*Бузургонро бузургони дигар поянда медоранд... –*

– мегӯяд, мо, аввал, шоирона хуб гуфта шудани ин мисраъҳоро қайд карда, дар айни ҳол фаромӯш намекунем, ки шоир барои он шоир аст, ки ба олам ба чашм ва нигоҳи шахсии худ менигарад ва ин назари шахсӣ ҳар қадар нотакрор ва тоза бошад, шоир ҳамон дараҷа аҷоибтар ва марғубтар аст. Назари ӯ дар қолабҳои муқаррарии илму назария намеғунҷад. ҳодисаҳои зиндагӣ ба вай даҳ бар чанд бештар таъсир мекунанд ва ӯ таассуроти қавию сӯзонашро ҳамчун ҳақиқати ҳол ба мо пешкаш мекунад. Вай фақат ҳамин гуна ҳис мекунад, дигар гуна наметавонад, ва ӯ ҳақ аст. Ба ин шеърҳо эроди умумӣ он аст, ки шоир дар онҳо ба назар пургӯй мерасад. Ин нуқс аз маҳорати хуби суханварӣ доштани шоир сар задааст. Чӣ тавр? Ин даъво шарҳ мехоҳад.

Хазинаи сухани Лоиқ пурсарват аст. Вай метавонад як маъниро ба чандин ранг ҷилва дода, ба зевари сухан ороянд. Ин сифати шоири пурқудрат аст. Вале ин қудрат ва маҳорати суханварӣ баъзан бар зарари шоир амал мекунанд. ҳар як маънӣ фақат як ифодаи мувофиқу

муносибтарини худро дорад ва шоир ҳам бояд маҳз ҳамонро ёфта гӯяд. Вагарна як маъниро ҳар қадар ба рангҳои зебою фиребо ҷилва диҳед, маънӣ якест, дигар намешавад. Ва ё маъниеро, ки шоире мисли Лоиқ метавонад дар як байт гӯяд, бо афсуни сухани зебо дар чанд банд кашидан ҳам сифати писандида ва мақбули хотир нест.

Масалан, дар шеъри «Ганҷи кӯҳсорон» барои гуфтани ҳамин мазмун, ки дар кӯҳсорон чи қадар ганҷҳо хуфтаанду тоҷик намедонист, шоир ёздаҳ мисраъ сарф мекунад.

*Ҳама ин ганҷҳо буданд,*
*То имрӯз ҳам буданд.*
*Ниҳон дар қаъри кӯҳсорон,*
*Ниҳон дар ҷавфи ҳар як санги кӯҳистон.*
*Ҳама ин ганҷҳо буданд то имрӯз ҳам, аммо*
*Намедонист тоҷик то чи ганҷе зери хоки ӯст,*
*Намедонист перомуни кӯи ӯ*
*Намедонист дар зери замини ҳотаи ӯ*
*Намедонист дар кӯҳи баланди рӯ ба рӯи ӯ*
*Чи ганҷи сармаде хуфта,*
*Чи махзанҳо, ки бинҳуфта.*

Бешубҳа, ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки ба шоир чунин талаб пеш гузорад: ин мазмунро дар фалон қадар мисраъ ифода бояд кард. Шояд ҳамин мазмунро аз ин ҳам дарозтар гуфтан мумкин бошад, вале онро чунон бояд гуфт, ки мисраъҳо сабукбору тиҳӣ набошанд. Баёни мухтасарро Чехов хоҳари истеъдод гуфтааст ва агар дар наср чунин бошад, чӣ ҷои сухан аз шеър...

Лоиқ аз пайравони мустақими шеъри нав буд. Дар ин ҷо ман бештар навии шакл, нобаробарии мисраъҳо, қофиябандии озод, тарзи ифодаи эҳсосот ва услубро дар назар дорам. Ба ин шакл ӯ шеърҳои хуби «Модарнома», «Суруди хайрбод», «Ватан», «Моҳии тилло» ва ғайраро гуфтааст. Дар маҷмӯаи «Хоки Ватан» ҳам ин қабил шеърҳое, ки шакли нав доранду мазмуну мундариҷа ва таассуроти шоирро табиӣ, рехта ва тозаву тар ифода мекунанд, бисёр набошанд ҳам, ҳастанд ва инҳо «Хоки Ватан», «Қитъаи шеър», «Сутунҳо» «Вақт» ва чанд шеъри дигаранд. Бисёр набошанд ҳам, гуфтани ман ба он маънист, ки ҳамаи он барангехтагӣ, ҷӯшу хурӯш ва таассуроти садшикани шоир оромтару таскин гардида, чунин ба назар мерасад, ки дарёи дамида ба соҳилҳояш бармегашта бошад. Дар вақтҳои охир шоир ба шаклҳои устувор ва ё, ба истилоҳ, анъанавӣ бисёртар шеър мегӯяд. Ба шеърҳои шаклан нави ин маҷмӯа аз қабили «Китобҳои шаҳид», «Ганҷи кӯҳсорон», «Баландиҳо», «Кӯҳистонӣ», «Ҳамосаи чашму чароғ» эроди болоиро такрор кардан лозим мешавад. Бо вуҷуди маъниҳои тоза ва байту пораҳои баланд доштанашон, ҳамаи инҳо ноқисие доранд, ки пургӯист.

Шеъри нав дар эҷодиёти Лоиқ ва шоирони забардасти ин шакл на барои пургӯӣ, баръакс барои аз зарурати мисраъпуркунӣ озод кардани шоир ба истифода мерафт. Яке аз сабабҳои пайравии шеъри нав ҳам аз назари шаклу услуб дар ҳамин аст. Вале дар вақтҳои охир кор баръакс шуда, ин чиз дар шоире мисли Лоиқ ҳам ба чашм мехурад. Баъзан ҳатто пораҳои шеър аз ҷиҳати ритму оҳанг харобу ноҷӯранд. Ба ин оғози «Ҷуфти ҳамбол» таваҷҷуҳ кунед.

*Ману ту ҳар ду монандем-*
*Ту ҳам тифли баҳорониву ман ҳам,*
*Ту ҳам фарзанди борониву ман ҳам.*

Чӣ ҷои сухан, хеле хуб, равону дилангез гуфта шудааст, мусиқии он рӯҳро навозиш мекунад, ба рухсораҳои кас гӯё нам-нами борон мерезад. Мо мебинем, ки шоир чӣ гуна иқтидор, аниқтараш сеҳр ва афсуни суханварӣ дорад. Ба хушояндии қофияҳои «баҳорониву борониву» гӯш диҳед, пас аз ду ҳиҷои кушод «ҳоро» ва «боро», ки дар вақти талаффуз бам, яъне пардаи боло мешаванд, пас ба зер ба пардаи поён рафтани ритм чи қадар ҳамвор ва гӯшнавоз аст:

*Ту ҳам тифли баҳорониву ман ҳам,*
*Ту ҳам фарзанди бороniву ман ҳам.*

Баъди чунин кайфияти дилнишин хондани пораи минбаъдаи шеър нофорам аст.

*Ҳамегӯянд андар зодрӯзи мо,*
*Чу пайки бахти мо бодом гул мекард.*
*Дар он рӯзе, ки моро зода буданд,*
*Ба зери гунбади як осмон, аммо*
*Ду боми дур аз ҳам чанд фарсахҳо,*
*Ки медонист рӯзе, соате дар манзиле*

*Зери навои резиши борон*
*Ману ту рӯ ба рӯ оем чун ёрони ҳампаймон.*

Сабаби ин беназмӣ ва ноҷӯриро шарҳ донад мумкин аст. Лоиқ дар ин пора ба лирика унсурҳои сюжетро дохил карда, ба он оҳанги ҳикоятро доданист. Ин бебарории ҷустуҷӯест, ки мехоҳад имконияти шеъри лирикиро биафзояд. Вале дар айни ҳол риоя нашудани меъёрҳо пораро ба ноҷӯрӣ гирифтор кардааст.

Лоиқ қариб дар ҳамаи шеърҳояш, ҳатто дар бебарору миёнахелаш ҳам, ягон бозёфти шоирона дорад. Масалан, оғози шеъри мазкур ва боз ин мисраъҳо:

*Ту ногаҳ омадӣ, аммо*
*Чи огаҳ омадӣ аз буду нобудам.*

Ду калимаи ҳамоҳанг ногаҳ ва огаҳ мақсади шоирро хеле муҷаз ва, дар айни ҳол, пурраву барҷаста ифода кардаанд. Дар ин ҷо шоир баръакси мисоли боло хеле мухтасарбаён аст. Маълум мешавад, ки ӯ қудрати муҷазу мухтасар гуфтан дорад, ки аломати маҳорат аст. Пораи охирини шеър ҳам дилнишин аст, вай моро боз ба ритму оҳанги пешина бармегардонад, ба таассурот ифодаи ҳалқашакл медиҳад.

Дар ин ҷо ман аз овардани боз як оғози шеъри дигари Лоиқ худдорӣ карда наметавонам, ки басо рӯҳнавоз аст, ки аз хондани он дили мо пур аз самимият, пур аз таровату умедворӣ мешавад.

*Ногаҳон-он сон ки борад шохборон,*
*Зиндагиям пур шуд аз овози ту.*

Ин ҳусни матлаъ аст. Ин оғози хуб моро ба хондани шеър ташвиқ мекунад, диламонро ба мисраъҳои минбаъда мебандад. Вале шоир баъзан, гӯё фаромӯш мекунад, ки ҳусни матлаъ, оғози хуби шеър аз воситаҳои беҳтарин аст, ки хонандаро ба шеър мепайвандад.

Масалан, шеъри хуби «Муноҷот ба модар» ба ин тариқ нохуш оғоз мешавад:

*Мӯйҳо даққиву рӯмоли сиёҳ,*
*Ғабғаби пурчину абрӯи дуранг.*
*Эй дареғ, ангуштҳо чангак шуда,*
*Зиндагӣ аммо раҳо гашта зи чанг...*

Ва бо калимаи даққии худ ба зеҳни кас мехурад. Шояд дар ин ҷо шоир муносибати реалистии худро ба мавзӯъ махсус таъкид карданист, аммо ҳар чӣ ҳам бошад, дурушттоҳанг аст. Ин шеър, асосан, хеле самимӣ ва бо муҳаббати саршор гуфта шуда, касро ҳаргиз хунсард намегузорад. Дар ин шеър на фақат сифатҳои шахсии модар, балки моҳияти иҷтимоии ҳастии ӯ низ ба қалам омадааст.

*Рӯзу шаб варзидӣ фарзандони худ,*
*То ҳама бошанд ҷонбози Ватан.*

ҳиссиёт ва хавфу ҳароси шоир аз саломатии модар ба дараҷае зӯр ва таъсирбахш аст, ки мо ҳатто ба ин гуфтаҳои вай бовар накарда наметавонем.

*Зинда бошӣ, зиндагии ман хуш аст,*
*Бо ту мемирам баробар, модарам!*
*Гар бубандӣ рахт... (он соат мабод!)*
*Бо ту мемирам баробар, модарам!*

Самимияти ин меҳр моро ҳам фаро мегирад. Мавридаш аст қайд кунем, ки Лоиқ бештар дар шеърҳое, ки ба худи ӯ, ба дилаш хеле наздиканд, барор дорад. Вай дар ин хел шеърҳо сухан намебофад, маънӣ намесозад, яъне ба дӯши мавзуе ифодаи ягон маъниро зӯран бор намекунад, зеро хуш аст, агар маънӣ бар мавзӯъ бор нашуда, аз худи он берун ояд.

Муаллифи ин сатрҳо дар суҳбати худ бо Лоиқ дар саҳифаҳои матбуот дар бораи катибаҳои ин маҷмуа фикри худро, умуман, гуфта буд. Ҳоло доир ба даъвои боло ҳаминро қайд карданӣ ҳастем, ки дар катибаи «Дар дафтари осорхонаи Рӯдакӣ дар Панҷакент», дар шеърҳои «Бунёдкорон», «Суруди туннелкорон» аз силсилаи шеърҳои «Нуристони Норак», ба ҳамон минвол, ғоя бар мавзӯъ бор карда мешавад. Аз силсилаи мазкур шеърҳои «Сутунҳо» ва «Кӯчиён» хубанд. Дар шеърҳои аввала, ва махсусан, дар «Суруди туннелкорон» шоир фикру ақидаи худро бар мавзӯъ илҳоқ мекунад ва ҳол он ки шеър бояд табиитар мешуд, зеро номаш ҳам «Суруди туннелкорон» аст. Асоси ин шеърро бояд эҳсосот ва таассуроти меҳнатии туннелкорон ташкил мекард, вале дар шеър ин чиз камтар буда, фикру эҳсосоте, ки ба маҳал ва ашёи худ алоқаи ночиз дошта, дар шоир ҷудо аз онҳо мавҷуданд, бештар аст. Зимнан, дар мақтаи ин шеър боз мазмуне, ки дар сурудаҳои дигари Лоиқ «Хоки Ватан», «Таманно» гуфта шуда буд, яъне аз сангҳои кӯҳистон барои худ пайкараи ҷовидон сохтан ба такрор омадааст. Якбора гуфтан бамаврид аст, ки Лоиқ баъзан мазмуну образҳои кашфкардаашро худаш ба такрор истифода мекунад, ҳол он ки шоир, то метавонад, бояд на фақат аз такрори дигарон, балки аз такрори худ ҳам парҳез кунад. Масалан, мақтаъи шеърҳои «Баландиҳо» ва «Кӯҳистонӣ» шаклҳои гуногун, вале ба ҳам монанди ифодаи як мазмунанд:

*Баландиҳои мо дар кӯҳи мо нест,*
*Баландие баланд аз рӯҳи мо нест!...*
(«Баландиҳо»)

*Зи баски сарбаландиҳои кӯҳсорон зи номи туст,*
*Баландиҳои ҳар кӯҳ аз баландии мақоми туст!*

(«Кӯҳистон»)

Як услуби ифодаи фикру эҳсосот ҳам, ки шоир ба тозагӣ пайдо кардааст, ба такрор истифода шавад, ба шаблон, қолаб табдил мешавад. Пас, шоир бояд онро шиканад, бартараф созад. Ба ёд оред, ин воситаи услубӣ дар «Нӯшбод»-и Лоиқ ба кор рафта буд:

*Чу донистам, ки дар талхии май шширинии дунёст,*
*Чу донистам, ки дарди ишқ подоши ҷудоиҳост...*
*...Зи ҷоми дӯстгонӣ бода менӯшам.*

Дар «Қитъаи шеър» ин восита аз истифодаи нахустинаш беҳтар амалӣ шуд. Маънии амикро бо оҳанги шадид ва драматикӣ, вале мавзуну хушсадо ифода кард:

*Чу медонам, ки маҷрои ҳама дарёст*
*дарёи дили шоир,*
*Чу медонам, ки дунёи ҳама савдост*
*дунёи дили шоир.*
*Намедонам чӣ ҷои нисбат аст, аммо*
*Накӯ донам, ки ҳар як шоири шӯрида*
*бо ҳар як қитъаи шеъраш*
*ба ҳукми қитъаи дунёст.*
*Ки то боқист, истиқлол мехоҳад.*

Вале такрори ҳамин воситаи услубӣ дар шеъри «Ман аз ин қофияпардозиҳо бисёр дилгирам» аллакай қолаб гирифта, тоза нест ва фикру эҳсосотро ангезиш намедиҳад.

*Чу медонам, ки пайванди ҳиҷое бо ҳиҷое*
*Камтар аз пайванди ду ирқу ду миллат нест.*
*Чу медонам, ки пайванди ҳиҷое бо ҳиҷое*
*Камтар аз пайванди ду қитъа,*
*ду кишвар ё ду давлат нест.*
*Суруде хоҳаму дастон.*

Шояд дар ин ҷо қайд кардан  зарур аст, ки дар ин маҷмуа бештар аз даҳ шеър дар бораи чӣ гуна будани ҳунари шеър ва заҳмати шоиранд. Лоиқ ба тамоми дилу ҷон мехоҳад, ки шеъри мо баландпарвозу пурмаънӣ бошад ва аз ин ҳамин сабаб бо қаҳр нидо дармедиҳад:

*Шумо, эй мутташоирҳо, ҳама хомӯшӣ(?) бигзинед,*
*Дили танги Шумо аз қофия ҳам тангтар бодо!*

Аммо дар бораи заҳмати шоир ва шеъри хуб хостан ҳар қадар камтар навишта, бисёртар шеъри хуб нависем, зудтар ба мақсад мерасем. Ба ҳалво хостан даҳон ширин намешавад. Зиёда аз ин, Лоиқ дар ин шеърҳояш хеле пурғазаб ва дурушт аст.

«Бачагӣ», ба назари ман, яке аз шеърҳои комили ин маҷмуа аст. Ҳамаи маънию ҳиссиёт ва образҳои ин шеър аз ҷаҳони баччагиянд, яъне шакл ба мавзӯъ бегонагӣ надорад. Ҷаҳони гузарони бачагӣ равшану дилкушост. Таассуроти шоир ҳам сабукболу парвозист. Суханҳо

нарму рехта, ҳарфи зиёдатию номафҳуме нест, ба ҷуз дар банди охир, ки калимаи гулгун ба кор рафтааст. Ин калима, ки ба маънои асп истифода шудааст, хоси забони классикист ва дар забони ҳозираи мо маъмул нест. Бо вуҷуди эродамон аз калимаи гулгун мо чизи дигарро ҳам фаромӯш намекунем, ки шоир ба ин кор ҳақ дорад ва баъзан онро бо мақсади муайян мекунад. Як шеъри Лоиқ «Бонги ожир» ном дорад, ба номи он нукта гирифта, номафҳум будани «ожир» таъкид шуда буд, ки дуруст аст. Вале, биёед, ба ҷиҳати дигари масъала андеша мекунем: калимаи номафҳум дар сарлавҳаи шеър диққати шуморо ба худ кашид, шумо то бидонед, ки он калима чӣ маъно дорад, шеърро хондед. Шоир ба мақсадаш расид. Дар ин ҷо ҳам ҳамин тавр, вожаи гулгун ба мафҳуми асп дар ёди шумо монд.

*Баччагӣ чун шохборон рехт,рехт,*
*Баччагӣ чун обшорон рехт, рехт.*
*Ё мисоли шохнам аз дашти бопаҳно гузашт.*

*Баччагӣ гӯё буду гӯё набуд,*
*Баччагӣ аз мо буду аз мо набуд.*
*Бехабар мондем то дидем фарсахҳо гузашт.*

*Баччагӣ гулгуни зарринёли ман,*
*Баччагӣ гулгуни зарринболи ман-*
*Ёлу болаш ғарқи гул аз роҳи умри мо гузашт.*

Дар ин ҷо қайд кардан бамаврид аст, Лоиқ, умуман, кӯшиш дорад, ки ҳар як шеъраш аз ҷиҳати лафз ягон калима, таркиб ва ё ибораи тозатар ва забонзад нашуда дошта бошад. Дар бисёр ҳолатҳо ин гуна калимаю таркибҳо дар шеъри ӯ чун ҷарангандозе ба гӯш мерасанд, онҳо баландтар ва ҷарангоситар садо медиҳанд, диққатро ба худ мекашанд ва шеърро тароват мебахшанд. Вале дар ин кор ҳам мавридшинос ва меъёрбин бояд буд, то шеър ба хотири калимоти тоза гуфтан набошад.

Лоиқ дар аксари шеърҳояш деҳоти кӯҳистонро бо як самимияти дилнишин тавсиф мекунад. Дар ин маҷмӯа ҳам бо номи «Деҳи кӯчида» шеъри хубе ҳаст. Шоир ба деҳи кӯчида ба ҳасрат менигарад, онро хеле воқеӣ ва табиӣ мебинад, сухане аз муҳаббат нагуфта, онро бо муҳаббат менигорад. Дили ӯ ба деҳи кӯчида месӯзад, аммо ӯ ҷиҳати дигари зиндагиро ҳам мебинад. Мардуми деҳ дар манзили нави худ шаҳри озоде сохтаанд, он ҷо бапаҳносту дарё ҷорист.

*Бодхӯрда сари ҳар деворе,*
*Бомҳо рехтаву чӯкида.*
*Тарҳи деҳ гарчи ба ҷо монда, вале*
*Зиндагӣ ҷои дигар кӯчида.*

*Зиндагӣ кӯчида бар он водӣ,*
*Ки бапаҳносту дарё ҷорист.*
*Байни мардум дигар андар сари об,*
*Ҷангу ҷанҷолу кашокашҳо нест.*

Шоир ҳатто аз даҳони каду, ки дар ҳаччаи шох овезон аст, чунин мазмун мегирад: Одамирост чӣ хуш ризқи фарох... Вале дар нигоҳи баҳасрати шоир ба деҳи кӯчида, як ҷаҳон муҳаббат ва самимият ҳаст, як чаҳон меҳри саршор ҳаст, ки бе он пайванди инсону замин, инсону табиат, инсону Ватан нест.

*Ток аз бекасӣ ба шохи чинор*
*Гӯӣ(?) тарсидаву дарпечида.*
*Чашмаи деҳ зи ғами танҳоӣ*
*Рӯзу шаб гирякунон хушкида.*

Дар ин ҷо қонунияти мутақобил амал мекунад, ҳасрати шоир ҳар қадар ҷигарсӯз бошад, муҳаббати ӯ ҳамон қадар амиқ ва зӯр аст. Ва ҳамин меҳри баҳасрат аст, ки шоир шаҳрро ба дилу ҷон дӯст медорад, ба мардумаш меомезад, чунонки дар шеъри «Шукронае барои Душанбе» ҳаст.

*Ман дар ин шаҳр то бувам зинда,*
*Шукри ёрони дилшинос кунам.*
*Гар бисоти дилам камӣ дорад,*
*Аз дили халқ иқтибос кунам.*

Ин ду шеъри мазкур намунаи хуби он аст, ки чӣ тавр ҳиссиёти шахсии шоир ӯро ба идроки воқеияти объективӣ мерасонад. Ҳиссиёти субъективӣ, чӣ тавре ки маълум аст, ягона тариқи идроки ҳақиқати объективӣ набуда, фақат як тарзи идроки воқеият аст. Шоири лирик воқеиятро, аксаран, аз роҳи эҳсосоти субъективиаш ба қалам медиҳад ва ҳамин эҳсосоти субъективӣ набояд воқеияти объективиро рад ва инкор кунад.

Шоир дар зиндагӣ на фақат он чизеро, ки мехоҳад бубинад, бубинаду бас, вай бояд ҳама чизро бубинад ва муҳимтарин, хостаринашро бигӯяд. Вақте ки шеъри «Тобистони Варзоб» ва, махсусан, ин ду мисраи он хонда мешавад:

*Ҳар маҳал, ки буда меъоди ду дил,*
*Ёдгораш шишаи бишкастааст. –*

кас ба чунин фикр меояд, ки шоир танҳо чизи мехостагиашро мебинаду аз чизҳои дигар қатъи назар мекунад. Шоир дар ситоиши Варзоб ду шеъри дигари хуб ҳам дорад, ки дар яке аз онҳо «Варзоб. Шаби маҳтоб»қудрати қалами худро дар офаридани манзараи дилфиреб ва зиндаю барӯҳ нишон дода, дар шеъри «Дар Варзоб» ҳамсозии ҳиссиёти ошиқонаро бо руду табиат хеле моҳирона сурудааст:

*Ин дам насиби мост*
*Аз умри носабур*
*Як шоха оби руд,*
*Як пора абри дур.*
*Як пора офтоб,*
*Як пора осмон.*
*Як гӯшаи замин,*
*З-офоқи бекарон.*

Лоиқ, баробари ба шаклҳои нав шеър гуфтанаш, дар жанрҳои анъанавию устувор, масалан, рубоиву дубайтву ғазал ҳам гуфтааст. Аз ғазалҳои маҷмӯаи «Хоки Ватан», махсусан, «Аз кӯҳ чун санге фитад, сад сангро беҷо кунад» хуб гуфта шудааст. Дар ин ғазал фикрҳои панду ахлоқӣ ба кас зӯран талқин карда нашуда, дар зимни суратҳои мувофиқ хеле табиӣ ва

нишонрас гуфта шудаанд. Дар баъзе байтҳо шоир ба содагии халқӣ ва ҳикматомезии классикӣ мерасад.

Масалан:

*Аз кӯҳ чун санге фитад, сад сангро беҷо кунад,*
*Марде чу номардӣ кунад, сад мардро расво кунад.*
*... Ҳар кас тавонад рудро бо ҷӯйҳо созад ҷудо*
*Он кист, к-аз дарёдилӣ як қатраро дарё кунад.*
*...Ҳар кас тавонад мурдаро бар хок биспорад, вале*
*Он кист хоки мурдаро тоҷи сари дунё кунад?*

Дар ин ғазал таассурот ва тафаккуроти халқӣ бо образҳои он хеле шинам ба ҳам бофта шудаанд.

Бешубҳа, дар ин маҷмуа боз шеърҳои хуб кам нестанд ва дар айни ҳол баъзан норавониву ноҳамвориҳои услубӣ ҳам ба назар мерасанд. Дар катибаҳояш ҳам, аз қабили, «Аз дасти бастае, Дасти шикаста беҳ» барин байтҳои муҷазу ҳикматомез бошанд, баъзе шеърҳои хубаш ҳам нуқсҳо доранд. Масалан, дар шеъри «Зи ҳар кӯҳе бигирам резаи санг» дар ҳашт мисраъ заруру нозарур даҳ маротиба ҳиссачаи номуайянии «е» ба кор рафтааст, ки ба зеҳн мехӯрад ва монанди инҳо.

Аз ҳамин як назари умумӣ ҳам пайдост, ки Лоиқ шоири соҳибистеъдод аст ва баъзе шеърҳояш намунаи беҳтарини шеъри замони мост.

**Соли 1976**

## АНДЕШАҲОИ ЛАҲЗАГӢ

Рӯзе, ки мо дар идораи ин рӯзнома («Комсомоли Тоҷикистон») ҷамъ омада, дар бораи он фикру ақида ва хоҳишҳои худро изҳор мекардем, Лоиқ ҳам ҳамроҳи мо ҳузур дошт. Пас аз суҳбат ҳозирин аз ӯ хоҳиш карданд, ки аз шеърҳои тозаи худ бихонад. Ӯ ба хондани чанд шеъри наваш сар кард ва он вақт ман беихтиёр дар бораи эҷодиёти ӯ ба фикр фурӯ рафам. Ва ин чизе, ки чоп мешавад, навиштаи ҳамон фикрҳои лаҳзагии ман аст.

Имрӯзҳо Лоиқ шоири маҳбуби ҷавонон аст. Вай ба ин муҳаббат зуд ноил шуд ва шеъраш ҳам нисбатан босуръат шухрат ёфт. Сабаби ин дар чист?

Албатта, ба чунин савол як ҷавоби қатъӣ додан дуруст нест ва сабаби ин ба назари ҳар кас ҳар хел намуданаш мумкин аст. Бо вуҷуди ин, ман мехоҳам, ки ба ин саволи гузоштаам, ҷавоб диҳам.

Ман дар хаёли худ аввалин маҷмӯаи шоир «Сари сабз» - ро варақ мезанам, ки қариб даҳ сол пеш аз ин аз чоп баромадааст. Таассуроти аввалине, ки аз он шеърҳо дар кас пайдо мешавад, ин аст, ки шоир таассурот ва ҳиссиёти худашро месарояд, яъне ӯ дар бораи чизҳое шеър мегӯяд, ки худаш бевосита аз сар гузаронидааст. Пас аз ин суханҳо дар баъзеҳо чунин саволе пайдо шуданаш мумкин аст, ки оё шоир ҳиссиёту таассуроти худро насароида, аз они киро месарояд?

Дар адабиёт ва махсусан, дар шеър бисёр вақт чунин мешавад, ки шоири ҷавон ҳангоми ифодаи фикру ҳиссиёт ва таассурот сухани худро ёфта наметавонад. Вайро таҷрибаи мавҷуда, шеърҳои пештар хонда ва азёд медонистааш аз роҳи худ ҳаракат медиҳанд, вай беихтиёр ба лаҳну навои ҳамон ашъор шеъри худро менависад. Дар натиҷа, чунин мешавад, ки ҳиссиёти дар шеър буда, ҳарчанд маҳз аз они ҳамон шоири ҷавон бошад ҳам, мо онро пай намебарем, зеро

вай онро бо тарз ва суханҳои худ гуфта натавонистааст ва шеър аз олам ва ҳиссиёти шахсии ӯ набуда, тақлид аз дигарон аст. Ин дардест, ки бисёриҳо ба он гирифторанд.

Лоиқ, хушбахтона, аз нахустин шеърҳояш худро аз ҳамин чиз канор гирифта тавонист. Ҳатто номи қисматҳои маҷмӯаи аввалаш «Умедҳо», «Солҳои студентӣ» ва «Худафрӯзӣ» ба он далолат мекунад, ки шоир дар онҳо маҳз чизҳои ба дилу ҷонаш қаринро сурудааст.

Қариб ҳамаи шоирони ҷавон донишҷӯ будаанд. Вале шеърҳое, ки сурат ва сират, ҳиссиёт ва таассуроти толибони илмро табиӣ ба қалам дода бошанд, хеле каманд. Бинобар ҳамин яке аз шеърҳои нахустини Лоиқ «Меҳр ва зар», ки дар он ҳиссиёти худи шоир суруда шуда, олами донишҷӯён воқеӣ ба тасвир омада буд, бо вуҷуди ҷо - ҷо шогирдона буданаш, имрӯз ҳам шеъри хуб асту аз забонҳо наафтодааст.

*Доништалабам на каси нодор, на доро,*
*Танҳо паи мақсуд ба уммед равонам.*
*Алҳол муяссар шуда аз давлати дунё,*
*Дар даст маро ҳаст фақат як чамадонам.*

Ҳамон ҳиссиёту таассуроте, ки шеър мешаванд, дар натиҷаи олами атроф, зиндагӣ, мардум ва худро омӯхтани шоир ба зуҳур меоянд. Шоир зиндагиро мебинад ва мешиносад ва муҳимтарин ҳодисаҳои он дар дилу ҷони ӯ таҷриба мешаванд, ба ӯ таъсир мекунанд ва ӯ дигар аз он таъсир озод шуда натавониста шеър мегӯяд. Ҳар шеъри шоир як раҳоиши ӯст.

Ҳамон таъсире, ки шоир аз ягон воқеаи зиндагӣ ва ё мавҷуди табиат мебардорад, агар ба истилоҳ гӯем, муҳтавои шеъри ӯро тартиб медиҳанд. Зиндагӣ пуропури ҳикмату воқеаҳост. Бисёри онҳо дар шеър такрор ба такрор суруда шудаанд. Мавзӯе, ки дар шеър суруда нашуда бошад, хеле кам аст. Агар ин тавр аст, ба шоир барои пайдо кардани мавзӯи худ чӣ чиз зарур аст?

Пеш аз ҳама дид, назари нави шоирона ба зиндагӣ. Дар шеър аксаран мавзӯъ ба сари худ навӣ надорад, балки нигоҳи тозаи шоир онро тоза мекунад.

Оё каманд шеърҳое, ки дар васфи модар гуфта шуда бошанд? Аз бисёр ҳам бисёртаранд. Маълум аст, ки мавзӯи модар дар шеър нав нест. Лекин шеъре, ки Лоиқ ба модар гуфт, нав буд. Чаро? Чунки вай зиндагӣ ва ҳастии модари тоҷикро бо назари тоза дида тавонист. Навии ин назар дар чист?

Пеш аз ҳама дар он аст, ки шоир дар зиндагии модар ташвишу тараддудҳо ва умеду орзуҳои вай мазмунҳои амиқи шоирона кашф мекунад. Ҳар як сухану рафтори модар ҳикмате дорад, ки халқ дар асрҳои зиндагияш ҳосил кардааст. Сиришти модар аз меҳр, зебоӣ ва накӯист. Ин аз дарзҳои ҷомаи домодие, ки вай барои фарзандаш медӯзад, аз ларзиши дастон, аз нафасҳои пирии ӯ ҳувайдост.

Модар аз як деҳаи дури кӯҳистон бо ин ниятҳои модаронаи худ, ки асосашон меҳр ва накӯист, бо тамоми инсоният ва бо ҳамаи имрӯзиён ва фардоиён мепайвандад.

*Ту ҳоло дар дами пирӣ нафасҳои ғаниматро*
*Ба нақши гул, ба рӯи сӯзаниҳо сабт месозӣ.*
*Дурахши охирини чашми худро дар дили шабҳо*
*Барои субҳи фардо ҳадя месозӣ, сарфарозӣ.*
*Гулу нуру шарофат ёдгор аз ту,*
*Аё модар, аё модар!*

*Суруди ҳузнангези қадимиро махон, модар!*

*Дилатро бо суруди аввалини ман даме афрӯз!*
*Агар дасторхону ҷомаи нав дӯзӣ(?) бо уммед,*
*На танҳо баҳри ман, баҳри ҳама фардоиён ҳам дӯз!*
*Ғанимат дон насиби вопасинатро, саломат бош,*
*Аё модар, аё модар!*

Дар бораи симои модар сухан ронда ҳаминро ҳам гуфтан зарур аст, ки дар ин ҷо як фазилати асосии қаҳрамони шеъри Лоиқ зуҳур кардааст, ки ин пайвастагӣ бо тамоми оламу одам аст. Дар тасаввури ӯ тамоми ҳодисаҳои зиндагӣ ва оламу ҷамъият ба ҳамдигар пайвастаанд. Фард бо халқу Ватан пайванд гирифта, ба ин васила ба таърих мепайвандад.

Дар яке аз шеърҳои ӯ «Замини меросӣ» чунин мисраъҳо ҳастанд:

*Ман дар ин ҷо посбонам,*
*Посбони зиндагону рӯҳбони мурдагонам,*
*Баҳри фардо, баҳри истиқболи нурафшону зебо*
*Дастовези азиз модаронам.*
*Ман дар ин раҳ раҳнаварди аввалин ё охирин не,*
*Дар миёни ибтидою интиҳо*
*Чида-чида меравам гулҳои раҳро.*
*Саргузашти хешро дар ҳар сари раҳ чида мемонам.*

Вазифаи инсоне, ки худро дар миёни имрӯз ва дирӯз чун ҳалқаи пайванд мебинад, хеле бузург аст. Дар беҳтарин шеърҳои Лоиқ фазилати ин қаҳрамон, азамати орзую омоли вай хеле хуб падидор мешавад. Мақсадҳои бузург инсонро ба камолот ва бузургӣ мерасонанд. Ва аз ҳамин сабаб Лоиқ дар бисёр шеърҳояш, аз ҷумла, дар баъзе рубоиҳои «Ҷоми Хайём» дар назди инсони рӯзҳои мо бо як қатъияти раднашаванда вазифаҳои бузург мегузорад.

*Бо оби ҷабин кунем таъмири замин,*
*Бо ақл раво кунем тадбири замин.*
*Дар рӯи замин пой ниҳодан саҳл аст,*
*Ё тири замин шавем, ё зери замин.*

Ин чӣ гуна инсон аст? Мо дар шеърҳои Лоиқ ба ин суоли худ ҷавоб меёбем. Ӯ ғайриодӣ, фавқултабиӣ нест. Вай инсонест хоксор ва мақсадеро, ки дар зиндагияш ба пеш гузоштааст, беҳангомаю шӯру ғавғо, бо тамкин ва солорона ба амал мебароварад. Баъзан мо ӯро дар паҳлуи худ дида, нашинохтанамон ҳам мумкин аст. Вай гоҳо инсонест, ки шоир онро дар шеъри «Силсила» чунин тасвир мекунад:

*Аз раҳи хоксорӣ баъзеҳо*
*Дар назар гарчи ноаён ҳастанд,*
*Лек аз баҳри гулханафрӯзӣ*
*Гӯиё пешдаргирон ҳастанд.*

Ва ин тавр:

*Аввалин аскаре, ки дар майдон,*
*Ҷон фидо кард бар Ватан - Модар,*
*Маргро рахна карду ғолиб мурд,*
*Мурд гумном, монд беҳайкал.*

Дар бораи фазилатҳои қаҳрамони шеъри Лоиқ сухан ронда, аз эҳсосоти ошиқонаи вай сухан гуфтанро набояд фаромӯш кард. Муҳаббати ӯ фақат меҳре ба маҳбубаи дил нест, ҳарчанд ки дар бисёре аз шеърҳои вай маҳз ҳамин ҳиссиёт суруда шудааст. Вай дар яке аз шеърҳои охираш зуҳури муҳаббатро дар дил ва дар зиндагии худ бисёр ошиқона, самимӣ ва бо суханҳои тоза ба қалам меорад.

*Ногаҳон он сон ки борад шохборон*
*Зиндагиям пур шуд аз овози ту.*
*Ногаҳон он сон ки гул резад дар айёми гулафшон*
*Бар сари ман рехт сӯзу сози ту.*

Инсоне, ки дар ашъори Лоиқ суруда мешавад, инсони ошиқ, ошиқи ёр, ошиқи зиндагӣ ва мардум, ошиқи меҳнати шоирии худ ва агар васеътар гӯем, ошиқи ҳастист.

Ба ҳамин фазилати худ вай ба дили мо роҳ меёбад, ба мо қарин мешавад ва дар мо ба зиндагӣ, ба ҷавонӣ ишқ мепарварад. Бо ҳамин фазилати худ ӯ ба мо азиз аст.

**Июли соли 1976**

## КӮЛБОРИ МАРДИ РОҲ

*Дар миёни кӯҳсорон кӯҳсонам зодаанд,*
*Бо ғурури қуллаҳо ҳамошёнам зодаанд.*
*Дар канори чашмае баҳри дамонам зодаанд,*
*Дар деҳи хурде барои сад ҷаҳонам зодаанд.*

Понздаҳ – бист сол пеш ин гуна арздошт аз хотири ҳеҷ кас намегузашт ва агар касе аз шоирон чунин «калонкапӣ» мекард, албатта, барои худситоӣ, бузургтарошии худ ва ҳамин гуна гуноҳон мазаммат мешунид. Акнун чӣ?

Лоиқ қариб ҳамаи маҷмӯаҳои худро бо шеърҳое оғоз додааст, ки дар онҳо мақсаду маром ва дархостҳояшро аз шеъру шоирӣ изҳор кардааст ва ё шеърҳоеро дар дебоча овардааст, ки дар онҳо рӯҳу оҳанг ва мазмуну мундариҷаи маҷмӯа ифода шудаанд. Банди иқтибосшуда мақтаи шеъри «Ифтихор » буд, ки маҷмӯаи тозаи ӯ « Марди роҳ » – ро ибтидо додааст. Дар ин шеър зуволаи сухани шоир дар ҳақиқат калон мебошад. Ва боз аҷибтараш ин аст, ки худи ҳамин шоир дар хотимаи қисмати аввали маҷмӯа ( маҷмӯа аз чор қисм иборат аст ), дар шеъри « Хабар доред, оё ҳазрати Лоиқ », ки саросар аз норизоӣ аз худу аз шоирии худ аст, чунин менависад:

*Шумо боре ба худ оед,*
*Даме дилро ба рӯи саффҳа бигзореду пурседаш*
*Ки оё ин ҳама шеъре, ки фармудаст,*
*Сухан будаст, ё бешак суханреза?*

*...Хабар доред, оё Ҳазрати Лоиқ,*
*Ба ҳован об кӯбидед!*
*Ба ҳован об кӯбидед!*

Сабаби чунин мухолифат дар чист? Шоир дар кадоми аз ин шеърҳо аз рӯи сидқ сухан мегӯяд? Ба замми ин, арздошти бузургиро дар шеъри аввала ба қаҳрамони лирикӣ, ки ба шоир наздикӣ надошта бошад, нисбат дода намешавад, он худи шоир аст. Ё дар шеъри дуюм шоир худро барқасд сарзаниш карда, як навъ маънои баръакс ҳосил карданист? Не. Шоир дар ҳар ду ҳолат ҳам сидқан сухан мегӯяд, ҳарду ҳам ҳолати дили ӯст. Дил барои он дил аст, ки қутбҳои муқобилро дар худ ғунчоиш дода метавонад. Эҷодкорон ҳар қадар аз қудрати истеъдоди худ ифтихор карда бошанд, на камтар аз он ҳам шубҳа кардаанд.

Ҳар шоири муқтадир тасаввуроти худро аз олам ба услуби худ, ба тарзу тариқи худ пешкаш мекунад, ки он аз дигарон фарқ карда, махсуси ӯст. Ва то он ҷо ки қудраташ мерасад, ӯ моро водор мекунад, ки услуб, тарзи таассурот ва бозгӯи ӯро қабул кунем ва агар мо онҳоро қабул дорем, ба он одат мекунем. Бинобар ин, хусусиятҳое, ки дар эҷодиёти як шоир ба назари мо табиӣ мерасад (дар айни ҳол таассуроти мухолифатнок дар Лоиқ) дар шоири дигар ғайритабиӣ, сохта намуданаш мумкин аст, агар он аз таркиб, аз олами таассуроти ӯ барнаояд.

Эҳсосоти Лоиқ аз олам дутарафа, дуҷиҳата аст; ҳаёт – мамот, хайр – шарр, адолат – разолат, садоқат – хиёнат ва ҳамин тариқа. Шеъри ӯ дар набарди ҳамин гуна қувваҳои мухолиф ва муқобил эҷод мешавад.

Хонанда метавонад гӯяд, ки ин чиз дар шеър тоза нест. Бале, чун мундариҷа, чун мафоҳими шеър нав нест, аммо мавриди таҳқиқ ва тасвираш тозагӣ дорад. Чанд гоҳ пештар ин қабил қувва ва таассурот сахт ташхис карда, ба шахсони ҷудо – ҷудо нисбат дода мешуданд, онҳо дар ниҳоди як шахс бо ҳам барнахӯрда ( агар бархӯранд ҳам ками дар кам буд ), чун қувва ва таассуроте амал мекарданд, ки аз шахсони гуногун сар мезаданд. Ин боиси он буд, ки олами қаҳрамон, шахси алоҳида аксаран яктарафа, бо ранги фақат сиёҳ ё сафед ба тасвир мерасид.

Дар лирика олами инсон, ки олами қаҳрамони лирикӣ, худи шоир ва ё омезиши ҳар дуи онҳост, ҳамин гуна якранг ба тасвир омада, мураккабӣ, мухолифатҳои он аз назар афтода, чун олами сатҳӣ ва одӣ вонамуд мешуд.

Ҳоло олами инсонро бо тамоми тазоҳуроти гунаогунаш серпаҳлу тасвир кардан тамоюли адабиёт мебошад, ки аз талаботи замон сар задааст. Бо такомули ҳамаҷонибаи ҷамъият қимати шахс дар он меафзояд, ҳаёти ботинӣ, таровишҳои қалбии ӯ аҳамияти бештар пайдо карда, ҳар инсон ба нисбати тараққиёти ҷамъият фардитар ва нотакрортар мешавад ва дар ҳаёти шахсии ӯ ташвишу тараддудҳои замон ҳар чӣ бештар акс меандозад. Бунёди лирика бар эҳсосоти фардӣ ва таассуроти нотакрор аст. Аз ин ҷиҳат, Лоиқ аз роҳи асосии инкишофи шеъри муосир рафта, дар эҷодиёти худ аз олами фард, аз ҷиҳатҳои гуногун ва аёну ноаёни он, аз бархурдҳои он ба олами воқеъ сухан гуфтааст.

Эҳсосот ва таассуроти вай аз зиндагӣ ботазод аст. Ӯ дар ҳама ҷо, дар ҳама ҳолат, чунонки зикр шуд, ду қувваи мухолиф – хайр ва шарр, ҳаёт ва мамот ва монанди инҳоро тавъамон ва дар мубориза ҷовидон мебинад.

*То дар ин дунёи навбат ҳаққи навбат бо ман аст,*
*Сулҳу ҷангам бо тамоми Ҳурмузу Аҳриман аст.*

Зиндагӣ арсаи муборизаи ҷовидон аст, ки некӣ дар он бар бадӣ ғалаба мекунад, аммо барои ғолибият ӯро ҳамеша бедор ва тайёр будан ба ҳар гуна набард зарур аст. Замин бар нигоҳбонии нируи хайриятхоҳ эҳтиёҷ дорад. Бинобар ин, фикри шоир доимо бедор ва чунон ки ҳамеша дар ҳолати бонги хатар ҳаст, дар вазъияти худи ҳамон лаҳза ба ёрӣ расидан аст.

*Ин заминро ман нигаҳбонӣ кунам аз қасди бад,*
*Дидгоҳи шоириям дидбонгоҳи ман аст!*

Шоир дар набарди неку бад муборизи фаъоли некист, вале баъзан чунон ба назар мерасад, ки худи ҳамин мафҳумҳо барои шоир як андоза берун аз вақт, бе асари замон арзи вуҷуд мекунад, ҳол он ки хусусияти замонии ин мубориза, моҳияти иҷтимоии он ҳар қадар равшан инъикос шавад, таъсир ва аҳамияти он ҳамон қадар тезу тунд, амиқ ва бузургтар мешавад. Лоиқ дар силсилаи “Илҳом аз «Шоҳнома” дар ин роҳ кӯшиши маҳсулнок кардааст.

Қаҳрамони лирикии аксари шеърҳои маҷмӯа, ба истиснои силсилаи “Илҳом аз Шоҳнома” худи шоир мебошад. Вай шеъри қисмати худ, олами худро мегӯяд. Ин олами бозест, ки таровати бачагии деҳотӣ ва ошиқии ҷавониашро ҳоло гум накардааст ва бо ҷаҳони мураккаб, зиддиятнок ва пурмубориза рӯ ба рӯ омада, онро дар худ ҷой доданист. Ин олами ноором ва пуртакопӯ аз ҳикмати аҷдод ва ғайрати авлод асар дорад. Ва дар маркази ин олам худи шоир аст. Ӯ нотакрории зиндагиро сахт, тунду тез эҳсос мекунад ва ҳагоми талқини он, баъзан, чунонки дар байти аввали ин банд аст, онро бар хилофи нигоҳи доимиаш тамоман шоирона мебинад:

*Ҳарчи мебинам дар олам шоирона*
*Дилфиребу дилнишин аст.*
*Ҳарчи мебинам бароям чун насиба*
*Аввалин аст, охирин аст.*

Эҳсоси тунд аз ҳамин дарёфти аввалин ва охирин будани зиндагӣ маншаъ мегирад, бо ин сабаб хурдтарин тазоҳуроти зиндагӣ, ки такрор надорад, аҳамияти бузург пайдо мекунад. Сабаби драматизм ва тунду тезии таассуроти шоир аз ҳамин аст.

Агар ҳудуди олами шоирро ба андозае нишон додан имкон дошта бошад, аммо дар ҳар шеър чӣ гуна зоҳир шудани он, дар чи сурат ва бо чи дилбастагиҳо арзи андом кардани шоири онро пешакӣ дарёфтан ва ҳудуди онро муайян кардан сахт муҳол аст. Мисолашро дар боло дидем, ки шоир дар шеъре аз худ ифтихор дошта, дар дигараш ба мазаммати худ пардохта буд. Ҳамин тариқ, вай гоҳ ҷавони ошиқ ва гоҳ марди баркамоли зиндагидида, гоҳ шӯридасар ва гоҳ орому ботамкин, гоҳ болидаю дилшод ва гоҳ ғамгину дилфигор, гоҳ деҳотӣ ва гоҳ шаҳрӣ ба назар мерасад. Ба кадом сифатҳо зоҳир шудани шоир аз ангеза, аз ҳодиса, аз таконе вобаста аст, ки дар ӯ ин ё он гуна таассуротро ба ҷунбиш оварда, мавриди тасвир мешавад. Ва ин сифатҳои мухталиф ба ҷои якдигар наомада, якдигарро иваз накарда, дар шахси шоир ҳамчун сифатҳое ҳастанд, ки бо тақозои якдигар вучуд доранд. Таассурот, сифатҳо ва дилбастагиҳои ӯ бисёр гуногун буда, дар шеърҳояш бо ҳамон гуногунӣ ифода шуда бошанд ҳам, дар онҳо чанд маънӣ, талқин, андешаи асосии ӯро метавон дарёфт, ки ҷавҳари ашъори ӯ мебошанд. Дар онҳо хилқати инсонӣ ва шоирии ӯ ифода шудаанд. Ин аст чанде аз онҳо:

*Қурбони он дилам, ки ӯ қурбони одам аст,*
*Ҷонам фидои одаме, ки ҷони одам аст.*

Боз:

*Бо дили дарё нишинам то дилам дарё шавад,*
*Бо ғами дунё бисӯзам то дилам дунё шавад.*

Боз:

*Хоҳ кӯи ишқ бошад, хоҳ кӯи дӯстон –*

*Ҳар кучое, ки равам бо оташи дил меравам.*

Боз:

*Агар фитод ниҳоле аз тундбод аз пой,*
*Ба сони модари фарзандмурда шаб то рӯз*
*Устухонам сӯхт.*

Боз:

*Ҳама ғамро бувад хурсандӣ дар пай,*
*Ғаме аз беғамӣ бадтар набошад.*

Инҳо мисраҳое ҳастанд, ки аз шавқи дил, муҳаббати рӯзгор, талқини покизагӣ ва бузургӣ, аз меҳрубонию дилсӯзӣ, аз шӯру исён, аз ҳамдилию ҳамдардӣ паём мерасонанд. Ва маҳз дар ҳамин гуна мисраъҳо маслаки инсонӣ ва шоирии Лоиқ, зиндагишиносӣ, мақсаду маром ва хоҳишҳои начиби ӯ акс андохтаанд. Ҳангоме ки мо онҳоро ҳамчун калиде барои кушодани дарвозаи ашъори шоир истифода мекунем, онро мекушоем ва ба чаҳони ҳақиқии эчодиёти ӯ медароем, дар ҳолати дигар гумон аст, ки онро кушода тавонем. Ман фикр намекунам, ки моҳияти ашъори Лоиқро, масалан, аз мавқеи ин гуна мисраҳо

*Хурад мавче сари мавчи дигарро,*
*Вале дарё равон асту равон аст.*

ошкор карда метавониста бошем. Бештари ашъори Лоиқ бар он аст, ки нест шудани мавче боиси тавлиди мавчи дигарест. Моҳияти эчодиёти шоир дар ин гуна мисраъҳо, ҳамчунонки ҳаст, ба ҳақиқат ифода шудааст:

*Нумӯи кишти фардои чаҳонҳо,*
*Зи тухми киштаи деринаи мост.*

* * *

*Ҳазорон мурдаро ман зинда дорам.*

* * *

*Бақои чони ман аз чоннисорист.*

* * *

*Хазони мо баҳори дигарон буд.*

* * *

*Ҳеч деҳқон тухм н – афшонад ба хок,*
*Бо умеди он, ки дар рӯи Замин.*
*Ғайри кишти ӯ нарӯяд майсае,*
*Нангарад чуз ӯ касе сӯи Замин.*

Лоиқ дирӯзро бо имрӯз чун дарахти решапайванде мебинад, ки шохаҳои серҳосил дорад. Ин пайванди таърих ва замонҳо, пайванди маънавию рӯҳонии ҳаёти халқ, пайванди ачдоду авлод аст, ки дар зиндагӣ ҳамарӯза зуҳур мекунад. Ва имрӯз махсусан.

Аз шонаи таърих фардоро дидан ва шинохтан осонтар аст. Вале барои аз шонаи таърих нигаристан аввал онро фаро гирифтан ва бо нигоҳи тозаи имрӯз дарёфтан зарур мебошад. Ин чараёни бузург, ки ҳоло дар ҳаёти сиёсиву ичтимоӣ ва илмиву фарҳангии мо давом дорад, ба шеър ҳам сар даровардааст. Ва ин чиз дар эчодиёти Лоиқ дар силсилаи «Илҳом аз «Шоҳнома» нахустин бор зуҳур накардааст, он дар мачмӯаҳои пешинааш ҳам буд. Шоир ин дафъа ба таърих бо чӣ эҳтиёч рӯй овардааст?

Ин эҳтиёҷи хубтар шинохтани имрӯз аст, то он ба хидмати фардо бирасад. Сабақи таърих барои фардост. Ҳар рӯз ва имрӯз махсусан, ҷаҳони моро, ки хавфи таркиш дорад, зарур аст, аз сабақи таърих ёд оварад. Дар силсилаи «Илҳом аз «Шоҳнома» Фирдавсӣ ва қаҳрамонҳои ӯ Кова, Рустам, Таҳмина, Сӯҳроб, ки муборизаашон барои адолат буд, ба мо аз фирӯзии некӣ бар бадӣ, вале аз фирӯзии гарон, ки онро дар ивази ҷон ва хун ба даст оварда буданд, ҳикоят кардаанд. Навҳаи ҷонгудози Кова ва Таҳмина дар марги фарзандон аз нолаи волидайни шаҳидфарзандони асри мо асар дорад. Шоир ба мавзӯи ҷовидони ҳаёт ва мамот, некӣ ва бадӣ, ки ҷавҳари фалсафии силсила дар онҳост, оҳанги замонӣ медиҳад, онҳоро бо чашми аср мебинад.

Лоиқ ҳамеша мекӯшад, ки дар зуҳуроти гуногун, дар он ҷиҳатҳои зиндагӣ, ки камтар мавриди шеър шудаанд, шеър пайдо кунад. Вай он ҷиҳатҳои зиндагӣ, он манзара ва ашё, он андеша ва таассуротро, ки дар назари аввал аз олами эстетикӣ, зебоӣ нестанд ва мушкил аст, ки мабҳаси асари зебоӣ бошанд, бо нигоҳи шоирона мебинад. Ба ин восита ба шеъри ӯ мавзӯъ, ашё, таассуроти тоза ва ба таъбир «ғайриэстетикӣ» ворид шуда, олами онро пурра, серашё ва мукаммалтар мекунанд.

Ӯ мекӯшад дар ашъори худ аз зуҳуроти парешон ва бенизоми зиндагӣ олами мураттаб ва бонизом созад. Ва маҳз дар ин аст, сабаби асосии дар ашъори Лоиқ бисёр будани ашё ва ҷузъиёти тасвир, ки аз таърих ва имрӯз, аз зиндагӣ ва маишати мардуми шаҳру деҳот омадаанд. Ин кӯшиши вай, албатта, фақат ба хотири боигарии ашёи шеър набуда, ба хотири гуфтани ногуфтаҳост. Лоиқ аксаран аз зебо гуфтани гуфтаҳо гурехта, бештар ба гуфтани ногуфтаҳо майл дорад.

Ашё ва ҷузъиёте, ки барои тасвири нотакрории ҳиссиёту таассурот омада, ҳолат ва рӯҳия, муҳит ва замони қаҳрамони лирикиро комилтар нишон медиҳанд, ба афзоиши реализм, ҳаққонияти асар хизмат мекунанд. Лоиқ аз ин васила фаровон истифода кардааст. Ба исботи ин фикр аз ҳар шеъри Лоиқ ва, аз ҷумла, аз маҷмӯаи « Марди роҳ» ҳам мисол овардан мумкин мебошад. Лекин ман ҳоло бо зикри шеъри бисёр хуби « Ин шаби туршрӯи боронӣ...» қаноат карда, гуфтанӣ ҳастам, ки манзараи хаёле ҳузновари зиндагӣ ва кулбаи модар, ҳаққонияти тасвир, самимияти таассуроти шоир, ки моро ба риққат меорад, асосан тавассути тасвири ашё ва ҷузъиёти зиндагии модар ҳосил шудаанд: боми чаканда, чак – чаки шибдор, ҷонамози фарсуда, остини фарох, ширдӯша, танӯри бозудор, кулчаҳои башир, лахчаҳои танӯр, вассаҳо муҳит ва маишати зани солхӯрдаи деҳро ба тартиб овардаанд, ки махсуси кӯҳистони тоҷик аст.

Дар шеърҳои маҷмуаи «Марди роҳ» истеъдоди Лоиқ дар гуфтани шеъри табиат ва манзара махсусан, хуб аён шудааст. Табиат ва манзара дар шеъри Лоиқ барои амиқ ва реалӣ тасвир шудани ҳиссиёт ва таассурот, барои ба назокат гуфтани эҳсоси ошиқона истифода шуда, хонандаро талқин ба муҳаббат ва накӯкорӣ кардааст. Навъҳои гуногуни тасвири ҳолати табиат ва манзара – яклухт, пора-пора, ором, пурҳаракат – дар беҳтарин ашъори маҷмӯа «Сабзаи сӯхтаи манзараҳо», «Сояҳои ғуруб», «Ту осмони манӣ...», «Ёд кун аз ман», «Ширмаҳтоби ғуборолуда», « Чу табболе шабе борони хашмӣ», «Ин кӯҳи чу шоири хаёлӣ», «Аз файзи ҳамал чун набзи ошиқ» бо тасвири таассуроти лирикӣ омехта, онро назаррас, нотакрор ва хотирнишин кардаанд. Дар ин шеърҳо табиат ёр ва мададгори ишқу ошиқ аст. Шоир тасвири ҷараёни таассуроташро бо ҳолати табиат омехта, сифати муҳимтарин – психологизмро дар шеъраш инкишоф додааст.

Лоиқ шоирест, ки аз усулҳои гуногуни ифодаи эҳсосот ва таассурот истифода мекунад. Ба ин ё он усул гуфтани шеър ба таъйиноти он, яъне аз он ки шоир ба кӣ мурочиат карда шеър мегӯяд, сахт вобаста аст. Ин таъйинот таркиб ва услуби шеърро муайян менамояд. Шеърҳои

Лоиқ, аз ҷумла, ба унвони хонанда, ҳамсуҳбат, минбар, худи мабҳаси тасвир ва таассурот гуфта шудаанд, ки ин таъйиноти ҳархела дар навбати худ шоирро ба гуногунии услуб расонидааст. Вақте ки ӯ ба ҳамсуҳбат ва ё худи мабҳас мурочиат мекунад, чун дар шеърҳои *«Ту ҳам он нестӣ, ман ҳам на онам», «Ширмаҳтоби ғуборолуда»* ва *«Чу табболе шабе борони хашмӣ»* таассуроти ӯ суҷаи лирикӣ гирифта психологизми ашъораш қавитар мешавад. Дар шеърҳое, аз қабили: *«Он лаҳза, ки дар хонаю дар шаҳр нағунҷӣ», «Агар рӯде бихушкад, боз рӯзе ояд аз кӯҳсор»,* ки таъйиноти онҳо ба хонанда аст, яъне шоир мурочиатан ба хонанда сухан мегӯяд, ҷои суҷаи лирикиро андеша, тафсир, арзи маъниӣ барин чизҳо мегиранд, ки услуби онҳоро бар шеърҳои дигар фарқ медиҳанд.

«Услуб – инсон аст» навишта буд адиби машҳури фаронса Бюффон. Дар назм услуб чизест, ки муҳимтарин хусусиятҳои эҷодёти шоирро дар худ таҷассум мекунад. Эҳсоси ботазоди зиндагӣ, ки тариқи тафаккур ва таассуроти Лоиқ аст, услуби ашъори ӯро низ тартиб додааст, ки дар зимни худ шиддат, табу тоб ва бархӯрд барин хусусиятҳо дорад. Зоҳиран ин хусусиятҳо дар калимаю ибораҳо, рангҳо, ҳолатҳо ва мафҳумҳои мухолиф ба назар мерасанд, ки шоир аз онҳо фаровон истифода мекунад. Барои мисол шеъри «Ифтихор» – ро як назар дидан кифоя аст, ки бенишон – чун нишон, кӯҳна – нав, пирӣ – навҷавонӣ барин калимаю ибораҳои тазодро пайдо кунем. Ба замми ин, баъзе ашъори Лоиқ, аз қабили « Гарчи ман кӯтоҳдастам, кӯтаҳармон нестам », ба усули инкору тасдиқ гуфта шудаанд, ки бунёдашонро эҳсоси ботазод ташкил кардааст.

Ҳамин ҷо мехоҳам, баробари хубии ин усул, ки мақсад, мазмун, мундариҷаро барҷаста ифода мекунад, аз ҷиҳати нохуби он низ ёдовар шавам. Баъзан, дар ин гуна ашъор, масалан, дар ғазалҳои Лоиқ ҳам ҷои ҷараёни ҳиссиёт ва таассуротро, ки бояд ҳаракатдиҳандаи шеър бошанд, сухан ва сухансозӣ мегиранд. Шоир суханро ба худ тобеъ накарда, худ тобеи сухан мешавад ва дар натиҷа инкишофи шеър аз ҷараёни ҳиссиёту таассурот камтар ва аз равиши сухан бештар вобаста мешавад. Бесабаб нест, ки аз ин гуна ашъор бӯи сохтагӣ мерасад.

Лоиқ дар ду сабк ҳам, ба сабки анъанавӣ ва ҳам ба сабки тоза шеър мегӯяд. Сабк дар айни ҳол ба маънои маҳдудаш – ба маънои тартиби вазну қофия истифода шудааст. Аксари шеърҳое, ки то ин ҷо мавриди сухан шуданд, ба ҷуз ду – сетоаш, ба сабки анъанавӣ гуфта шуда, аз ҷиҳати шакл болиғ, рехта ва мустаҳкам буданд. Лоиқ дар сабки тоза ҳам ба монанди «Дар қатори куллаҳои Тоҷикистон», «Эҳтиёҷ», «Ғазали боғбони пир», « Агар рӯде бихушкад, боз рӯде ояд аз кӯҳсор», «Ман аз чашми ту метарсам» – барин шеърҳои мустаҳками рехта гуфтааст. Аммо дар баъзе шеърҳои худ вай меъёреро, ки байни шеър ва наср ҳаст, аз даст медиҳад ё имкони қабули хотири хонандаро дар шеър аз будаш зиёд тасаввур мекунад. Дар натиҷа гоҳо шеърҳое, ки ӯ ба сабки тоза мегӯяд, аз ҷиҳати услуб вазнину мушкил, баъзан ҳатто, хонданашон гарон, хулоса, маҳруми шеърият мешаванд. Масалан, дар шеърҳои *«Намаки халқ»* ва *«Рез борон»* бандҳое, ки бо мисраъҳои *«Халқи шоирзоди мо...»* ва *«Рез, борон он чунон к – аз синаи ман резад эҳсосе хазорон...»* оғоз мешаванд, ҳамин навъ нуқсон доранд. Масалан, ин аст он пораи шеъри *«Рез, борон»*:

*Рез, борон*
*Он чунон к – аз синаи ман резад эҳсосе ҳазорон,*
*Рез, борон*
*То ки дар тӯри булӯрият фаро гирӣ диламро,*
*То бишӯӣ он ҳама гарду ғуборерo, ки ман*
*Дар сару рӯям зи роҳи зиндагӣ овардаам.*
*То бишӯӣ доғҳои синаамро,*

*Ки ман онҳоро чу муҳри шеъри худ парвардаам.*
*Ман басо дар роҳҳои зиндагонӣ*
*Пешпо хӯрдам ба ганҷи табъи шӯрангези худ.*
*Ман басо дар худ фурӯ рафтам, ки шояд*
*Ёбам асрори ҳама буду набуд.*
*Он қадар аз худ бирафтам,*
*ки ба худ н – оям дигар.*

Ман, албатта, шоирро, ки мехоҳад ифодаи таассуроташро аз янавохтӣ озод карда, мақсадашро ҳарчи табиӣ иброз дошта бошад, хуб мефаҳмам ва боз медонам, ки ин аз нотавонии шоир набуда, нобарории ҷустуҷӯи ӯст. Вай аз якнавохтӣ гурехта, бехабар ба шеърият пушти по мезанад.

Умуман, ба назари ман, дар эҷодиёти Лоиқ омезиши ин ду сабк – сабки тоза ва анъанавӣ – на ҳама вақт ба ягонагӣ ва рехтагии услуб мерасад. Вале намунаҳои беҳтарин умед мебахшанд, ки шоир дар байни ин ду сабк меъёри муносибро меёбад ва дар омезиши онҳо сабки нотакрор ва ботаровати худро эҷод мекунад, ки баробари мутаносиби ифодаи мазмун буданаш якнавохт набошад.

Қисмати «Резаборон»- и маҷмӯа, ки дубайтиҳоро гирд овардааст, чун ғазалҳои шоир далели дилбастагии ӯст, ба сабки анъанавӣ. Нон ҳам нону нонреза ҳам нон. Ва махсусан, дар санъате чун шеър, ки баъзан (чӣ ҷои пинҳон доштан аст) як шеър ба хотири як – ду мисрааш шеър шинохта мешавад, дубайтӣ метавонад, ҳамон як – ду мисраи хубе бошад, ки бе байтҳои изофа гуфта шудааст, яъне худи ҷавҳари пок бошад. Дар ин қисмати маҷмӯа дубайтиҳои хубе ҳастанд, ки тозагие дар маънӣ, таровате дар сухан, самимияте дар баён дошта, сухани шоиронае аз ошиқӣ, андеша ва панду ахлоқ мебошанд. Дубайтиҳои *«Муҳаббат кори бедардон набошад», «Саҳар дарё чу тифли тозарӯй аст», «Саҳаргоҳе, ки борон нам – наме дошт», «Туро аз толеи худ кофтам ман», « Гули ман, иди наврӯзат муборак», «Аламбардори номи ман ту бошӣ»* аз ҷумлаи дубайтиҳои хуби ин қисматанд. Дар ин дубайтӣ шоир таъйиноти худро дар дунё хуб ифода кардааст:

*Маро ё зуд ё дер офариданд,*
*Маро ҷавшан ва ё тир офариданд.*
*Ба дарду бар ҷароҳатҳои дунё*
*Паи дармону тадбир офариданд.*

Дар шоир баъзан иштиёқи ба ҳайрат андохтани хонанда боло мегирад ва ӯ мақсадашро барҷаста гуфтанӣ шуда, аз ҳад мегузарад. Масалан, дар ин дубайтӣ:

*Зи хуни гарми мо фаввора созед,*
*Зи барқи чашми мо истора созед.*
*Агар мирем, дорем орзуе,*
*Ки аз тобути мо гаҳвора созед.*

Ҳарчанд ман ба маънои маҷозӣ омадани ин хоҳишҳои шоирро мефаҳмам, аммо ҳам ба маънои маҷозӣ ва ҳам ҳақиқӣ ба гуфтаҳои шоир розӣ намешавам ва гумон мекунам, ки дигарҳо ҳам ҳамин тавр. Дар ин дубайтӣ маҷоз аз заминаи воқеӣ сахт канда шудааст, ки мо онро фаҳмем ҳам қабул карда наметавонем. Ва ё баъзан ӯ «гуноҳи ман гуноҳи зиндагонист» гуфта, роҳи осони шарҳи мушкилотро пеш мегирад, ки ба ин тарз ҳамаи гуноҳонро ба гардани

зиндагонӣ партофтан мумкин аст. Ба мо ва ба Лоиқ ҳам идеали инсони масъули зиндагонӣ наздиктар аст.

Ҷиҳати пурқувват дар ҷустуҷӯҳои услубии Лоиқ сухан аст. Ман аз ғановати сухани Лоиқ пеш аз ин ҳам навиштаам ва ҳоло ҳаминро таъкид карданӣ ҳастам, ки Лоиқ на фақат алфози бисёреро, ки аз ҳудуди шеъри имрӯз берун монда буданд, ба шеър ворид ва маъмул кард, балки ба алфозе, ки ба андозае аз шеърият маҳрум шуда буданд, шеърияташонро бозгардонд. Ғазали «Шиор» маҳсули хуби ин иқдом аст, ки ду байташро мисол меорам:

*Ёдгори Айниву ин кӯҳсорон зинда бод!*
*Шеъри Турсунзодаву ин обшорон зинда бод!*
*Ғунчаҳои пахта механдад, зи хандохандашон,*
*Хандаҳои духтарон дар пахтазорон зинда бод!*

Шиори «зинда бод» дар ҳар байти ин ғазал тобишҳои ранг ба ранг пайдо карда, таровату тозагӣ гирифтааст. Луғати шеър на танҳо аз алфози номаълум, балки аз калимоти маъмул, ки шоир онро ба тарзи тозае ҷилва медиҳад, бой мешавад. Ин ҳам ҳунар аст.

Ҷустуҷӯю бозёфтҳои Лоиқ дар шаклу услуб (ба маънои васеаш) шоистаи таҳсин мебошанд, аммо кас мехоҳад, ки ҳамин гуна ҷустуҷӯи ҷасуронаи ӯро дар мундариҷа, дар фарохии мавзӯъ ҳарчи бештар бинад. Чунки дар маҷмӯаи «Марди роҳ», дар қисмати «Оташи дил», ки калонтарин аст, мундариҷаи шеърҳо он қадар фарох ба назар намерасад. Он ба ҷуз се – чор шеъре, ки ба мавзӯъҳои мухталифанд, асосан аз шеърҳое, ки эҳсосоти гуногуни ошиқона ва таъйиноти шоирро ифода кардаанд, ба ҳам омадааст.

Ҳоҷати таъкид нест, ки ман ҳаргиз муҳиммии ин гуна мавзӯъҳоро барои шоир ва махсусан, барои шоири ғиноӣ инкор намекунам, вале бо вуҷуди ин изҳор мекунам, ки шинохтани шахсияти инсоне, ки масдари ашъори ғиноист, ҳамон вақт пурра, амиқ ва ҳамаҷониба мешавад, ки он дар бархӯрд бо дигарон, бо воқеият, бо олам ва махсусан, бо олами иҷтимоӣ ба амал пайвандад. Танқид, албатта, ба шоир ин ё он равияи эҷодиро талқин накарда, чизеро ки дар шоир ҳаст таҳлил, таҳсин ва танқид мекунад, вале азбаски Лоиқ пеш аз ин лаёқати худро дар гуфтани ашъори иҷтимоӣ ва шаҳрвандӣ зоҳир кардааст (ин лаёқати ӯ дар маҷмӯаҳои пешини ӯ «Илҳом», махсусан, «Хоки Ватан» хуб зоҳир шуда буд), ман ҳоло ба ҳаводории он сухан гуфта, инкишофи сифатеро мехоҳам, ки дар равияи эҷодии шоир ҳаст. Махсусан, худи Лоиқ, ки дар таъйиноташ аз шоир боиси мавлуди ӯро дар ниёзи халқ мебинад ва мегӯяд:

*Модаре танҳо назояд шоире,*
*Халқ ӯро баҳри худ меофарад.*

Имрӯз Лоиқ яке аз шоирони маҳбуб аст. Муҳаббати хонандагон масъулияти гароне дорад, вале бар ҳар шоири асил, бо вуҷуди рӯз то рӯз афзудани маҳораташ гуфтани шеър мушкилтар, кори сухан сангинтар ва бори маънӣ гаронтар мешавад ва ҳеҷ кас, ба ғайр аз худаш заррае ҳам ба мадади ӯ расида наметавонад.

Марде бо кӯлбори шеъру сухан аз ин роҳи яккарави сангин пайваста қадам мебардорад, ки бораш вазнин асту роҳаш ҳам поён надорад...

**Соли 1980**

# АССАЛОМ, ЭЙ ҚИТЪАИ ЛОИҚ[10]

Беҳтарин сурудаи шоир кадом аст? Хушбахт шоирест, ки хонандаи ӯ ба ин суоли одӣ ҷавоб дода натавонад. Зеро агар шеъру шоир асил бошад, хонандаи ӯ аз рӯи ҳолату кайфияти хеш ҳар дафъа як шеъри дигареро беҳтарин хоҳад шумурд. Чун дигаршавии авзои инсон беҳисоб аст, интихоби беҳтарин шеъри шоири маҳбуб низ ҳамин гуна хоҳад буд.

Беҳтарин ғазали ишқро дар рӯзгори мо кӣ гуфта? – Лоиқ.

Беҳтарин ғазали андешаро кӣ гуфта? – Лоиқ.

Беҳтарин ғазали модарро барои модаргумкардагон кӣ гуфта? –Лоиқ.

Беҳтарин ғазали бузургдошти забону шеъру шоиронро кӣ гуфта? – Лоиқ.

Беҳтарин ғазали меҳанпарастии имрӯзаро кӣ гуфта? – Лоиқ.

Ман метавонам ин тавсифро давом бидиҳам ва бигӯям, ки беҳтарин ғазали дарду нишот, покию иффат, хайру умед, мардию ростӣ, хулоса, беҳтарин ғазали зиндагии моро Лоиқ гуфта.

Ишқ сарчашмаи ғазал аст, ки онро ба эъҷоз мерасонад, вагарна ғазал қофиябозист. Ҳар кӣ ошиқ нест, ғазали ӯ ғазал нест. Лоиқ ошиқтарини шоирони имрӯз аст:

*Ман аз азал, ки шоири ошиқ расидаам,*
*Аз хомаам таровиши нақши азал расад.*

Ин байт бӯйи ҷовидон медиҳад.

Ҷовидон нозу пардоз намеписандад, ҳангома намепарварад, он меҳнату фурӯтанӣ мехоҳад, ба замми истеъдоди асиле, ки ҳаст. Ҷовидон аз содагӣ мураккаб шудааст:

*Содаю содашуморем, ҳамин тинати мост,*
*Таҳи кору таҳи борем, ҳамин қисмати мост.*

Лоиқ заҳматкаши шеър аст. Ӯ шеърро дар худ дӯст дорад, на худро дар шеър, аз ин рӯ, ӯ шеър дорад, на даъвои шеър.

Лоиқ маҳбубтарин шоири замони мост. Ба мисли ӯ шоире нест, ки шеъраш дар ҳама ҳолат – дар шодию сурур, дар ғаму андӯҳ, дар меҳнату фароғат дар забони мардум бошад. Бале, дар забони ҳамаи мардум, на фақат дар забони мухлисони шеър. Фаркро ҳис мекунед? Аз ин рӯ, шеъри Лоиқ на танҳо падидаи дилпазири адабӣ, балки падидаи камназири зиндагист.

Шоири асил дар шеър замину замони худро эҷод мекунад, ки ҷовидонатар аз замину замони воқеист, зеро он аз сухан, аз аввалқадами офаридаҳо, аз ин зодаву падидаи рӯҳонӣ бунёд мешавад:

*Мо баҳри дилшиносон шеъру тарона ҳастем,*
*Баҳри навошиносон чангу чағона ҳастем.*
*Гӯянд шоири хуб фарзанди даври хеш аст,*
*Баҳри замоншиносон мо худ замона ҳастем.*

[10] Сарсухан ба китоби «Ҷоми саршор» – и Лоиқ Шералӣ

Дафтари ғазали Лоиқ як қитъае аз замину замони ӯст. Биёед, ба ин қитъа бо дили поку муҳаббати тамом ворид мешавем, ки эҷодкораш ишқу умеду сафоро пойандози мо кардааст.

Ассалом, эй қитъаи Лоиқ!

**Соли 1991**

## СУХАНЕ АЗ УСТОД ЛОИҚ

Кӣ аз Шумо, дӯстони азиз, дар деҳи Мазори Шариф будааст ва онро дидааст? Ман беҳуда таъкид бар он намекунам, кӣ будааст ва дидааст, зеро будану надидан бештар аст нисбат ба будану дидан… Агар будааст, пас пуштаҳои ҳамвору махмалинро, ки аз дур чун болинҳои нарму мулоим ба назар мерасанд ва дил мехоҳад, ки ба рӯяшон сар бимонию ба хоб равӣ, обшори обшоронро, ки таронасароён тора-тора ҳарири шеърро мебофанд, ҷангали Лайлоро, ки ҳамчун оғӯши оромибахш ба сӯяш мехонад ва сипеҳри кӯҳи Чилмеҳробро, ки бо сарбаландиҳои пурифтихораш касро ба сари таъзим фуруд овардан ва ба саҷда кардан вомедорад ва баробари суҷуд туро ба сууд, яъне ба осмонҳо мебарад, зеро Инсон танҳо дар ҳоли суҷуд, яъне сар фуруд овардан ба бузургии Худованд ва офаридаҳои ӯ, сар фаро меоварад ба осмони малакут, яъне ба ҷойгоҳи Худованд, ва агар ҳамаи инро дидааст, пас чӣ гуна дарёфтааст?! Оё дарёфтааст, ки сар фуруд овардан сар фаро овардан аст…

Мо ҳамаи ин офаридаи пур аз зебоии асрорангез ва шукӯҳмандии ифтихорбахшро, ки Худованд танҳо бо як «мавҷуд шав» гуфтанаш офаридааст, мебинем ва ба қудрати ӯ сар фуруд меоварем, зеро ӯ бо як сухан зеботарин ва бузургтарин мавҷудотро офаридааст, аз ҷумла пуштаҳоро, обшоронро, Мазори Шариф, ҷангали Лайло ва қуллаҳои Чилмеҳробро…

Мо сар фуруд меоварем ба ин қудрат ва сар фаро меоварем, ӯ – Худованд ба бандаи худ, офаридаи худ – Инсон, чашме додааст, ки ин зебоиҳоро бубинад, диле додааст, ки онҳоро дӯст дорад, ақле додааст, ки асрори онҳоро дарёбад ва забоне додааст, ки рози онҳоро гӯяд ва ситоиш кунад…

Ва ин офаридаи муъҷизакори Худованд шоир устод Лоиқ Шералӣ ном дорад. Ва Худованд ба ӯ рисолат додааст, эъҷози суханварӣ додааст, ки ин офаридаҳои ӯро бо сухан нигорад ва ситояд. Ва ӯ вақте ки ба обшор менигарад, мегӯяд:

*Ман аз бар мекунам рӯзе суруди обшоронро…*

Ва вақте ба кӯҳи Чилмеҳроб менигарад, хитоб мекунад:

*Ало, эй кӯҳи Чилмеҳроб, ало эй саҷдагоҳи ман,*
*Ба гардун мерасад аз фахри дидорат кулоҳи ман.*

Ва Худованд ба ӯ баробари чашми бино, ки ин зебоиҳо ва бузургиҳоро бубинад, диле додааст, ки ҳиссиётҳои наҷибро – меҳрубониву дӯстдорӣ, раҳму шафқат, инсондӯстиву дардошноиҳоро эҳсос ва бозгӯ бикунад. Ва устод Лоиқ Шералӣ ин рисолатро дар шеъри садаи бисти тоҷик ба таври аъло ба ҷо овардааст.

Бинобар ин вақте, ман бипурсам, ки беҳтарин шеърро дар бораи модари тоҷик ва муҳаббати ӯ дар садаи бист, ки гуфтааст, ҷавоб ин хоҳад буд, ки устод Лоиқ:

*Ба кунҷи сандалӣ биншаста шабҳо модари пирам,*
*Ту шояд ҷомаи домодӣ медӯзӣ ба сад ният…*

Ва агар бипурсам, беҳтарин шеърро дар бораи бачагии деҳотии мо дар садаи бист кӣ гуфтааст, ҷавоб ин хоҳад буд, ки устод Лоиқ:

*Бачагиям бекасу танҳо гузашт,*
*Бо дарав, бо хӯшачиниҳо гузашт.*
*Доманаш аз хӯша пур аз домани саҳро гузашт…*

Ва агар бипурсам, ки беҳтарин шеърро дар бораи ҷавониҳои ошиқдил, ки гуфтааст, ҷавоб ин хоҳад буд, ки устод Лоиқ:

*Аз дур ошёни туро ёд мекунам,*
*Дар ҳар куҷо нишони туро ёд мекунам.*

Ва агар бипурсам, ки беҳтарин шеърро дар бораи ҷавонмарди ҷавонмарги тоҷик, ки дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳалок шудааст, ки гуфтааст, ҷавоб ин хоҳад буд, ки устод Лоиқ ва ҷамъбасти шеъри «Суруди хайрбод»-ро хоҳем хонд, ки ҷанговар пеш аз он ки худро ба ДЗОТ-и оташфишон партофта, роҳи тирро гирифта, ҳалок шавад, мегӯяд:

*Ҷомаи домодии манро ту пӯш, эй додарам!*

Ва ҳамин тавр ман боз суолҳои дигар диҳам, ки беҳтарин шеърҳоро дар бораи худогоҳии миллӣ, гиромидошти таърих, фарҳанг ва забони модариамон, ҷонгудозтарин шеърҳоро дар бораи ҷанги бародаркуш, азобу уқубати миллат ва шоир кӣ гуфтааст, боз ҷавоб ин хоҳад буд, ки устод Лоиқ:

*Дили ман, эй дили бечораи ман,*
*Дили ғампарвару ғамхораи ман.*
*Туро сад пора хоҳад кард охир,*
*Ғами ин миллати садпораи ман!*

Ва ё боз бипурсам, ки фараҳбахштарин шеърҳоро ба бахти мардуми тоҷик, дар бораи оштии миллӣ, кӣ гуфтааст, боз ҷавоб ин хоҳад буд, ки

*Нури ҳақ бар диёри мо омад,*
*Раҳми парвардигори мо омад.*

Бузургтарин хидмати устод Лоиқ дар шеър чист ва чист, ки ӯро дар шоирӣ бузург мекунад? Бузургтарин хидмати ӯ дар ин аст, ки асли зиндагиро бо ҳама пастобу хезобҳояш, баландиву пастиҳояш, печу хамҳояш, содагию мураккабиҳояш, нармиву дуруштиҳояш, гармиву сардиҳояш, хулоса, бо ҳамаи якрӯӣ ва чандрӯиҳояш ба тасвир гирифт. Шеъри ӯ, ки

маншаъ аз зиндагӣ гирифт, ба зиндагӣ рафт, дар ҳамаи лаҳзаҳои зиндагиамон ҷой гирифт, дар тӯю сур, дар ҷашну бузургдоштҳо, дар утоқи айвонҳою лавҳаҳои ёдгор, хуллас, дар ҳамаи ҷо бо мо, бо мардум буд ва ҳаст.

Дигар аз эъҷозкориҳои устод Лоиқ дар забони ӯст, дар услуби хуросонии шеъри ӯст, ба он содагии пурмаъноӣ ва зебоии дилнишинаш.

Ӯ ба забони шоиронаи мардум сухан мегӯяд, забони шоиронаи мардум таъкид мекунам, на забони одӣ. Вакте ба забони мардум сухан мегӯед, дар забони мардум менишинед. Бинобар ин, шеъри устод Лоиқ дар забони мардум аст. Ин сабкро шеършиносон саҳли мумтанеъ мегӯянд, яъне осоннамои душворписанд. Устоди ин сабк ҳазор сол қабл аз ин устод Рӯдакӣ буд ва дар садаи бист устод Лоиқ аст.

Дар шеъри устод Лоиқ уқёнуси зиндагӣ мавҷ мезанад, уқёнус, ки мавҷ мезанад ҳамеша тоза ва ҷовидон аст.

Аммо кори шоир танҳо тасвири ин уқёнус нест, кори ӯ, аз қаъри ин мавҷ, аз қаъри уқёнуси замин то авҷи уқёнуси само барои инсофу адолат бо зиндагӣ ва ҳатто бо қазову қадар панҷа бар панҷа андохтан аст. Устод Лоиқ дар бораи шоири исёнгар Умари Хайём, ки худро ворили ӯ медонист, бисёр олӣ ва зебо гуфтааст, гӯё ки дар бораи худ ҳам гуфтааст:

*Ӯ шоирест бо фалак овез кардааст,*
*Дар теғи офтоб қалам тез кардааст.*

Ин аст сарнавишти устод Лоиқ, шоири абадзинда!

**Соли 2001**

## БӮЙИ ГУЛХОР

**(Бозор Собир)**

Шоироне ҳастанд, ки ба майдони адабиёт бо як ҷӯшу хурӯш, суръат, ҳатто ба валвалаю ҳангома ва баъзеи дигар баръакс, ором, ботамкин ва оҳиста-оҳиста дохил мешаванд. Ин ҳолат гоҳо на фақат махсуси як-ду шоир, балки хусусияти як давраи шеър ҳам мешавад. Масалан, солҳои шастуми шеъри муосири тоҷик, ба назари ман, ҳамин гуна махсусият дошт. Ҷавононе, ки дар он солҳо ба адабиёт дохил мешуданд, аксаран бо ҷӯшу хурӯш, майли тозаҷӯии худ, ки гоҳо он қадар амиқ ҳам набуд, диққати касро ба худ мекашиданд.

Дар байни онҳо Ғоиб Сафарзода, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Баҳром Фирӯз, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир низ буданд, ки дар андак муддат худро ба хонандагон шиносонида, мухлисони худро пайдо карданд. Онҳо синну сол ва тарҷумаи ҳоли ба ҳам монанд доштанд, ки аз бачагии деҳотӣ ва таҳсил дар мактаби олӣ иборат буд. Дар як давраи на он қадар дароз на фақат шахсияти онҳо ҳамчун эҷодкор шакл гирифт, балки муҳимтарин хусусиятҳои истеъдод ва шоириашон аён шуд. Аз онҳо фаъолият ва амали эҷодии Лоиқ махсусан, назаррас буд ва ӯ босуръат пеш мерафт.

Қисмати шоирии Бозор Собир дигаргуна сурат мегирифт. Вай ором, ботаҳаммулу тамкин ҷои худро дар шеъри муосири тоҷик муайян мекард.

Он солҳо дар байни шоирони ҷавон махсусан, навиштани маромномаҳои шоирона расм шуда буд, ки дар онҳо мақсади шоирони ҷавон аз шеъру шоирӣ бо ваъдаҳо ва дархостҳои

бузург ифода мешуд. Масалан, Лоиқ аз он афсӯс мехурд, ки фалакпаймо ба сӯи моҳ рафту шеъри ӯ аз сафҳае берун наёмад:

*Оҳ, маҳзунам, ки дар айёми фатҳи осмон,*
*Дар замоне ки фалакпаймо ба сӯи моҳ рафт,*
*Шеъри ман аз сафҳае берун наёмад ҳамчу нақш,*
*На забоани ошиқе шуд, на ба ҳар дилхоҳ рафт. –*

яъне ӯ аз шеър парвозе мехост, ки замину замонҳоро фаро гирад, Ғоиб Сафарзода «бунёди ман аз ғуруру шӯр аст ҳама» ва Баҳром Фирӯз:

*«Шоир он аст дар ин асри мураккаб, алъон,*
*Ба сухан хезаду майдон талабад, разм кунад». –*

мегуфт, ки талабҳои онҳоро аз шеъру шоирӣ ифода мекарданд. Албатта, ин гуна маромномаҳои пурсару садо, аз як ҷиҳат, худи шоирро ба ҳиммати бузурги эҷодӣ водор кунанд, аз ҷиҳати дигар, диққати аҳли адаб ва танқидро ба худ накашида намемонданд. Ба ин восита диққати асосӣ ба онҳо ҷалб мешуд. Бозор Собир дар ин бора гӯё фикр ҳам намекард. Баръакс, дархости ӯ аз шеър одӣ, табиӣ буд. Вай дар шеъри маромномааш «Орзуи зинда», ки маҷмӯаи нахустини ӯ «Пайванд»-ро оғоз медод, чунин навишта буд:

*Меравам сӯи ту аз хилвати шабҳои дароз*
*Ман ба дунболи хаёл.*
*Гаҳ зи омолу муроде ҳама дам дар ҳаяҷон.*
*Гаҳ асири аламу ранҷу малол,*
*Оварам рӯй ба дарҳои умед*
*Ҳамраҳи субҳи сафед.*

Ҳарчанд дар шеъри дигари ҳамин маҷмӯа «Такрори умр» шоир чунин гуфтааст:

*Ман аз нав мекашам хуршедро дар қуллаҳо оғӯш,*
*Худамро мешиносам ба ҳар як қуллаи хомӯш.*
*Дигар сар медиҳам овоз дар кӯҳсор,*
*Тамоми сангҳоро мекунам бедор. –*

ин орзуи шоир аст, ки ба забон овардааст, вале маромномаи шоирияш нест. Ӯ пас аз ҳафт-ҳашт сол дар маҷмӯаи сеюмаш «Гули хор», ки як навъ мунтахаби шеърҳояш мебошад, дар шеъри «Фарзанди деҳқон» аз ин ҳам равшану аниқтар чунин менависад;

*Давоми шир-шири барги алафҳост,*
*Ҳиҷою ҳарфи ман дар шеъри озод.*
*Ғазалҳои маро дар шабдаравҳо*
*Ману шабботдаҳо кардем эҷод.*

Ҳарчанд ҳангоми мулоҳизаи ашъори шоир фақат дар доираи гуфтаҳои ӯ фикр рондан, эҷодиёти ӯро аз тасвири фақат ҳамон мавзӯъ ва таассуроте, ки худи ӯ баён кардааст, иборат донистан дуруст нест, аммо аз гуфтаҳои ӯ тамоман қатъи назар намудан ҳам нодуруст аст. Ҳамин тавр, дар ҳоли бо ашъори Бозор Собир сари кор доштан, бояд ба эътибор гирифт, ки

таъкидоти ӯ яке аз ҷиҳатҳои муҳимтарини шеъри ӯро ифода мекунанд. Ин пайванди шоир бо табиат, сарчашмаи шеъри ӯ будани табиат аст.

Зимнан бояд гуфт, ки Бозор Собир дар рӯй оварданаш ба табиат танҳо нест. Дар шеъри солҳои ҳафтодум табиатро ба сифати яке аз сарчашмаҳои шеър тасвир кардан, бо талқин ва ё пайравии он шеър гуфтан ҳамчун як навъи таъкиди табиияти шеър бар зидди сохтагӣ ба назар мерасад. Инро дар эҷодиёти Қутбӣ, Лоиқ, Мастон, Гулрухсор, Гулназар ҳам дидан мумкин аст. Дар ин солҳо қадри табиияти ҳиссиёт ва таассурот меафзояд. Ин, аз як ҷиҳат. Аз ҷиҳати дигар, пайдо шудани ин ҳолат бо инқилоби илмию техникӣ вобаста аст, аниқтараш ҳамчун як тарзи махсуси ангезише дар шоир пайдо шуда, таъкид мекунад, ки бо вуҷуди зиндагиро фаро гирифтани инқилоби илмию техникӣ пайванди инсон бо табиат аз он ҳам муҳимтар мебошад.

Дар айни ҳол моҳияти масъала дар чигунагӣ, дар хусусияти ин пайванд аст, ки шеъри Бозор Собирро аз дигарон фарқ мекунонад, вагарна шеъри бисёр шоирони дигар ҳам бо табиат пайванд дорад. Зотан кулли ҳунар аз тақлид ба табиат оғоз шудааст. Ҳоло ба мо муҳим аст муайян кунем, ки пайванди шеъри Бозор Собир бо табиат ва ба кадом дараҷа аст ва чӣ хусусиятҳо дорад?

Мӯъмин Қаноат, ки ба эътибори пояи баланди табъаш дар баҳо додан ба шеъру шоир бисёр санҷидакор аст, дар сарсухани худ ба маҷмӯаи нахустини ӯ чунин навишта буд: «Бозор Собир шоирест, ки дар сину сол ва суханварӣ ба камол расидааст...Пайвастагӣ ва дилбастагии шоир ба кӯҳ, деҳа ва руд чандон устувор аст, ки дар ҳар шеър зикри онҳо меравад».

Табиат қариб дар ҳама шеърҳои шоир ҳаст. Дар асл, моҳияти масъала дар каму зиёд будани табиат нест, балки дар чигунагии зуҳур кардани он, дар чигунагии таассуроти шоир аз он аст. Барои Бозор Собир табиат муҳитест, ки дар он инсон бо ҳиссиёти нозук, шавқу ҳаяҷони ҳамешагӣ, зебопарастӣ, одамият ба камол мерасад, табиат муҳити табиии камолоти инсон аст. Вай на барои тавзеҳ кардан ва дар сурати шайъ ва ё манзараи табиат нишон додани ҳиссиёту ҳаяҷони шоир не, балки ҳамчун муҳите, ки шоир дар он бо ҳиссиёту ҳаяҷон, бо шавқу таассуроти худ вуҷуд дорад, ба назар мерасад. Вай ӯро аз баччагӣ дар оғӯш гирифта буд, ҳар чӣзе, ки шоир дарёфт ва ё гум кард дар оғӯши ӯ буд ва бинобар ин шоир ба табиат фақат чун ба манбаи ташбеҳу истиора барои тасвири аёнии таассуроти худ муносибат накарда, дар он мавҷудияти комил, ҳастии ҳамарӯзаи худро меҷӯяд. Аз ин ҳамзистии табиӣ бо табиат ӯ сангҳоро ҳам рафиқи бачагии худ мешиносад ва сарашонро бо меҳр мемолад.

*Баҳорон бори дигар меравам ҳамроҳи кӯдакҳо*
*Барои ҷӯҷаҳои кабки хушрафтор.*
*Таги ҳар буттаро бо даст мекобам,*
*Сари ҳар сангро оҳиста мемолам*
*Зи шавқу шодии тифлонаам саршор.*

Дар муҳити муайяни табиӣ дарк кардани инсони зиндаи воқеӣ, дар айни ҳол шоир ва ё қаҳрамони лирикӣ яке аз воситаҳои асосие шуд, ки шеъри Бозор Собир ва шоирони ин наслро аз «умумӣ» шудан халос кард. Онҳо инсонро дар оғӯши табиат эҳсос мекарданд ва ҳар ҳиссиёту таассуроте, ки дар ӯ пайдо мешуд, сарчашма дошт, муҳит дошт ва он ҳар дафъа нотакрор тасвир мешуд. Тасвири воқеии табиат инсони воқеиро тақозо мекунад. Ҳар инсони воқеӣ бо табиат, бо ҷамъият муносибат ва пайванди фардӣ дорад, ки бо рӯҳиёт ва ҷаҳонбинии вай вобаста аст ва тасвир кардани онҳо шоирро бо тасвири гуногунҷиҳат ва ҳаматарафаи инсон мерасонад.

Дар шеърҳои маҷмӯаи «Пайванд» инсони воқеӣ ҳаст, аммо ҳоло муносибати вай бо ҷамъият, бо дигарон маҳдуд аст. Вай хотироти бачагии худро боз меорад, аз умеду орзу ва муҳаббати ҷавонӣ сухан мегӯяд. Ва бо ҳамин ӯ ба мо шавқангез аст. Ҳиссиёташ тару тоза, ҷаҳонаш равшану сода аст.

Баъзан ин инсони воқеӣ мехоҳад сурати инсони ҷомеъро ба худ гирад, тамоми таърихи инсонро бо худ падид орад ва то он ҷо, ки хусусиятҳои инсони воқеӣ бар инсони ҷомеъ афзалият дорад, заминаи инсони воқеӣ эҳсос мешавад, масалан, дар шеърҳои «Орзу», «Эй замин!», «Рӯзи дигар», он ҷозибаи худро гум намекунад, ҷаҳони вай шавқангез мебошад. Ҳангоме ки вай инсони воқеӣ будани худро фаромӯш мекунад, чунонки дар шеъри «Симои ман» ҳаст ва ба фалсафафурӯшӣ мепардозад, дар мо ба ӯ дигар иштиёқе намемонад, ҳарчанд ӯ мекӯшад, ки бо арзаи воқеоти ҳайратангез мавриди таваҷҷуҳ бошад, аммо бештар мавриди нофаҳмӣ ва бегонагӣ мешавад.

Табиат, ки дар шеър бо ифодаи таассуроти инсон қимат пайдо мекунад, чӣ гуна тасвир шуданаш ба чигунагӣ, тарзу тариқ ва усули эҷодии шоир сахт вобаста аст. Ва шоир агар лирик бошад, ин чиз ба тарзҳои тасвири таассуроти «ман»-и шоир ва қаҳрамони лирикӣ алоқаманд мешавад. Ҳамин тавр дар шеърҳое, ки маҷмӯаи «Пайванд»-ро фароҳам овардаанд, таассуроти шоир аз олам субъективист, шоир қариб ҳамаи ашё, мавҷудот ва олами ҳодисро (ҳодисаю воқиаҳоро) аз рӯи таассуроти шахси худаш ба қалам мекашад. Шахси шоир қаҳрамони лирикии қариб ҳамаи шеърҳои ин маҷмӯа аст ва табиист, ки тасвири табиат ҳам дар он обу ранги субъективӣ дорад. Ба фикрам, ҳоҷати таъкид нест, ки ин ду тарзи тасвир – субъективӣ ва объективӣ – яке аз дигаре бартарӣ надошта, хуб ё бад набуда, ду тариқи барбарарзиши ифодаи таассурот аст. Шоир дар ин шеърҳо ба худшиносӣ ва худифшоӣ кӯшидааст, ки тасвири табиат ҳам ба ин мақсад ёрирасон омадааст. Вай ҳамзоди таассуроти шоир мебошад, ки вобаста ба чигунагии он гоҳ рӯҳпарвару босурур, гоҳ паси ғубори ғуссаю ҳасрат ба назар мерасад.

Шеърҳои маҷмӯаи дуюми Бозор Собир «Оташбарг» қадами қатъии ӯ дар тасвири таассуроти объективӣ буд. Шоир акнун бештар ба олами дигарон ғӯта мехӯрд, вай дар роҳи олам ва одамшиносӣ қадам мебардошт. Зиндагӣ бо рӯйдодҳои объективӣ, воқеияш мавриди тасвир мегашт. Дар шеъри ӯ рӯҳ ва ҳарорати шаҳрвандӣ боло мегирифт. Шеърҳои «Антигона» (Илҳом аз муҷассамаи «Модари Литва»), «Пирамард», «Падарҳо», «То бувад зинда яке хасми башар» фақат дар ҳамин роҳ эҷод шуданашон мумкин буд. Хусусияти объективии ин шеърҳоро он чиз пурқувваттар кардааст, ки таассуроти объективӣ асосан аз шахси шоир ҷудо буда, ба худи объекти таассурот – ҳайкали «Модари Литва», пирамард ва дигарҳо тааллуқ дошт. Таассуроти объективӣ ба таври объективӣ тасвир мешуд. Ин дар ашъори Бозор Собир дуюмин тарзи тасвир буд, ки дар маҷмӯаи «Оташбарг» шакл гирифта, мавқеи асосӣ пайдо кард.

Сеюмин тарзи тасвире, ки дар эҷодиёти Бозор Собир ба чашм мерасад ва дар шеърҳои маҷмӯаи «Гули хор» падид меояд, ин тасвири рӯйдодҳои объективӣ ба воситаи таассуроти худи шоир мебошад. Дар маҷмӯа мавзӯъҳои бузург ва доманфарохи Ватан, таърих, қисмати халқ тамаддун, қаҳрамонӣ ва монанди инҳо аз дили шоир гузашта, дар кӯраи ҳиссиёти ӯ гудохта, бо таассуроти ӯ омезиш ёфта, ба қалам меоянд. Олами объективӣ ба воситаи субъект тасвир мешавад. Эҳтимол, зарурат дошта бошад, қайд кунам, ки дар маҷмӯаи «Гули хор» шеърҳое, ки бо ҳар се тарзи тасвир эҷод шудаанд, ҳастанд ва шояд минбаъд дар эҷодиёти шоир се тарзи тасвир истифода шавад, аммо ҳаминаш далел аст, ки тарзи сеюм – ба воситаи субъект, шахси шоир тасвир шудани объект, олами ҳодис ҳоло фақат дар ҳамин маҷмӯа бараллo ва барҷаста ба назар мерасад. Гумон мекунам, ки минбаъд ҳам мавкқеи ин тарзи тасвир дар эҷодиёти Бозор Собир бояд мустаҳкамтар шавад, чунки ӯ ба тасвири ғояҳои бузург, мавзӯъҳои домандор

пардохтааст ва барои ба амад расонидани онҳо ин тарзи тасвир аз ҳама мувофиқтар аст. Ман бо чунин ҳарф, силсилаи шеърҳои Бозор Сорбирро дар рақами 6 соли 1979 маҷаллаи «Садои Шарқ», ки ба гуфтаи ман рост намеояд, сарфи назар накардаам. Ин бояд ҳодисаи даргузар бошад, махсусан, оҳанги сентименталӣ, ҳасратомези онҳо. Ҳайф аст, агар шоир худро ба сурудани ҳасратҳо овора созад ва аз имкони истеъдодаш пурра ва ҳаматарафа истифода накунад.

Ҳоло ӯ дар беҳтарин шеърҳои «Ватан», «Давр оғӯши кӯҳистон», «Хати сурх», «Бухоро», «Забони Ватан», «Асп» ва дигарҳо ба тасвир ва тааммуқи мавзӯъҳои фарох, ғояҳои амиқ ва эҳсоси пуртабутоби шаҳрвандӣ расидааст. Ин таҷриба давом мехоҳад, шояд ба тарзу тариқи дигар, бо шакли дигар, вале дар ҷараёни асосии худ давом мехоҳад.

*Каму бисёр мо, то обрӯманду барӯмандем,*
*Заминҳои падарҳо нарму шодобу барӯманданд:*
*Ҳама маъюбҳои ҷангу сангарҳо*
*Ба пои чӯбию ҷони ҷароҳатнок хушбахтанд,*
*Шаҳидони Ватан дар хок хушбахтанд. –*

мегӯяд шоир дар шеъри «Ватан», ки дарду ранҷҳои як давраи ниҳоят вазнини он – солҳои ҷангро дар ҷони худ кашида, онро хубтар шинохтааст ва имрӯз беҳтар аз пештар кашф кардааст.

Мавзӯъ ва ғояҳои бузурге, ки дар онҳо ҳарорати шаҳрвандии шоир бештар рӯй мезанад, аз қабили Ватан, таърих, озодӣ, тақдири халқ, адолат, ки болотар зикрашон рафт, бешубҳа, танҳо махсуси ашъори Бозор Собир нестанд. Ин мавзӯъ ва ғояҳо дар солҳои охир шоирони дигари тоҷикро низ ба худ машғул медоранд. Масалан, онҳо дар ашъори Лоиқ ҳам мавқеи калон доранд (дар ин ҷо бояд қайд кард, ки наздикии бисёр шеърҳои ин ду шоир сухани муфассал мехоҳад, ки ба мавриди дигар вогузор мешавад), аммо Бозор Собир онҳоро ба таври худ, ба услуби худ тасвир мекунад. Махсусияте, ки шеъри Бозор Собирро аз ашъори шоирони ҳамнасл ва умуман аз шоирони дигар фарқ мекунонад, дар чист?

Сараввал қайд кардан даркор аст, ки махсусияти шеъри ҳар шоир пеш аз ҳама дар асоси чигунагии муносибати ӯ бо зиндагӣ шакл мегирад ва баъдан махсусиятҳои шаклию услубӣ онро барҷастатар аён менамоянд. Бозор Собир ба зиндагӣ нигоҳи хаёломез, ботаҳаммул дорад ва таассуроте, ки ӯ аз рӯйдодҳои он мебардорад, ҳамин гуна таҳаммулноку хаёломез аст. Шеъри ӯ аз муносибати хаёломези ӯ бо зиндагӣ сар зада, эҳсосу таассуроташ басо нарм аст. Ба назари ман Бозор Собир аз ҷиҳати эҳсосу таассуроти шоирона ва забону ифода яке аз нармтарин шоирони имрӯзаи тоҷик мебошад.

Ҳамон шеъри «Орзуи зинда», ки болотар иқтибос шуда буд, бо чунин банд ба охир мерасад:

*Бо таҳаммул равам аз роҳи сафедат ба умед,*
*Фақат ин роҳи кӯҳансохт фиребам надиҳад.*
*Дили нармам ба наво ҳамчу рубоб асту вале,*
*Бе ту ку он, ки ба тори дили ман бозӣ(?) кунад.*

Қофияи ноқис ва норавонии мисраи чаҳорумро қатъи назар карда, ба ин банд андешем, зикри се хусусияти муҳими ашъори шоирро меёбем. Инҳо: якум таҳаммулнокӣ, дуюм тозаҷӯӣ ва сеюм нармии навои дили шоир аст, ки аз шеъри ӯ ба гӯш мерасад. Ин хусусиятҳо дар ашъори Бозор Собир дар амал чӣ гуна сурат гирифтаанд?

Масалан, дар шеъри Бозор Собир таассурот, инкишофи фикр, ҳиссиёт, образ аксаран ботаҳаммул, пайваста ва бешитоб ба қалам меояд. Вай гӯё як таассурот ва ё образро аз ҳар тарафаш, ба он аз ҳар нуқта нигариста, ё онро ба ҳар тараф гардонида тасвир мекунад. Дар шеъри вай таассурот ва образҳо ками дар кам болои ҳам меоянд, вай онҳоро як-як ботафсилу таҳаммул ҳазм карда, ба инкишофи зарурии ҳиссию мантиқиашон расонда ба қалам мекашад. Барои мисол шеъри ишқии «Номаҳо»-ро мегирем ва мебинем, ки фақат як амали номаҳоро кушодани ошиқ бо чӣ қадар таассуроте, ки аз он пайдо мешавад, ифода шудааст:

*Номаҳоятро кушодам,*
*Бар ҳаво сар додам аз даст,*
*То шаванд абри баҳорӣ*
*Номаҳои ёдгорӣ.*
*Бар сари талҳо бигирянд,*
*Чашмаю дарё бигирянд.*
*Номаҳо бар мо бигирянд.*

Шоирро бар сари талҳо, чашмаю дарё гиристани номаҳо қонеъ намекунад, чунки ҳоло инкишофи таассурот ба дараҷаи зарурӣ нарасидааст ва он танҳо дар мисраи охир ба ривоҷи комили мантиқиаш расида, маънои гиряҳои талхи ошиқи нокомро амиқтар мекунад.

Аз се хусусияте, ки дар боло зикр гашт, дар ин пораи шеър ҳоло яктоаш таҳлил шуд ва дуи дигарашро ҳам аз ҳамин ҷо ишон додан мумкин аст, чунки ин се хусусият аз ҳамдигар ҷудо набуда, якҷоя услуби шоирро ташкил додаанд. Тарзи ифодаи таассурот ҳам дар ин пора нисбат ба ашъори анъанавӣ ва куҳансохти мо дигар аст, ки тарзи қофияи озод онро боз возеҳтар назаррас мекунад. Нармии эҳсосу сухан ҳам аз ҳамин ҷо пайдост. Ё шеъри дигари «Бачаҳои деҳотӣ»-ро гирем. Ин аст ду банди оғози он:

*Нарм-нармак тарона мехонанд*
*Аз сари бому аз сари девор,*
*Бачаҳо, бачаҳои деҳотӣ,*
*Содаю хушзабону беозор.*

*Аз дарахтон шукуфа мерезад,*
*Бӯи пудина мекунад дами бод.*
*Медаванд аз миёни майсаю об*
*Бачаҳо побараҳнаю дилшод.*

Ин ду банд ҳарчанд қофияи «куҳансохт» (на ба маънои куҳани классикӣ, балки ба маънои анъанавӣ) дорад, аммо таассуроташ нарм, тару тоза, тасвираш воқеист, ки баробари хондан пеши назар меояд.

Бозор Собир ба зиндагӣ муҳаббати хосаи худро дорад. Ӯ зиндагиро фақат барои шодкомӣ, хурсандӣ ва ҳаловатҳояш дӯст надошта, онро бо ғаму ғусса ва ношодиҳояш низ дӯст медорад ва ба ҷон мепарварад. Зиндагиро фақат барои ҳузуру ҳаловат ва роҳаташ дӯст доштан аломати муҳаббати комил набуда, булҳавасист.

Муҳаббати Бозор Собир ба зиндагӣ, муҳаббати амику, доимист, вай талқин мекунад, ки дар ҳар ҳол аз зиндагӣ розӣ буда, аз он домангир нашуда, онро бо ифтихор ва сарбаландӣ ба сар бояд бурд. Он ба ту на ҳама вақт меҳрубонӣ карда бошад ҳам, аз он озурдагӣ нашояд.

Бозор Собир зиндагиро сол то сол бештар бо дараматизм эҳсос мекунад. Муҳаббати зиндагӣ ба воситаи эҳсоси дараматизми он пуртаъсир мешавад, он ҷо ки драматизм ҳаст, ҳиссиёт амиқ аст, зуҳури шахсияти инсон пурратар ба назар мерасад. Шеъре, ки бо номи «Зиндагӣ» дар маҷмӯаи нахустини шоир ҷой дошт ва дар маҷмӯаи сеюмаш «Гули хор» ба таҳрир ва иловаи як банди тоза омадааст, маҳсули эҳсоси драматизми зиндагист, ҳамон гуна драматизмест, ки маънои муҳаббати зиндагиро амиқтар менамояд.

*Зиндагонист мисли кӯҳистон,*
*Ҳар хамаш сад хами дигар дорад.*
*Дар паси ағбаҳои мушкилгард*
*Ағбаҳои баландтар дорад.*

*Панҷаи роҳҳои борикаш –*
*Панҷаи сахти тангчашмон(?)*[11] *аст.*
*Арраи теғаҳои ӯ хунрез,*
*Арраи тези неши дандон(?) аст.*

*Лек чун тифли синанодида,*
*Нест марди наҷиб домангир.(?)*
*Метавонад ба пои чӯбин ҳам,*
*Тай кунад роҳи хеш то охир.(?)*

Шоир аз зуҳуроти гуногуни зиндагӣ қаҳрамонию фидокорӣ, талошу мубориза, кору меҳнат, висолу нокомӣ, хуллас, дар зуҳуроти ҳамаҷонибаи зиндагӣ шеър меҷӯяд. Вай зиндагӣ, ботини халқи тоҷикро меситояд, шеъри онро кашф мекунад. Дар гузашта зиндагӣ дар кишвари кӯҳистон осон набуд, халқ бо мадади якдигар зиндагӣ ва мушкилиҳоро паси сар мекард. Ин фазилати нек то имрӯз расидаасту давом дорад:

*Аз сари ин қуллаҳо як оҳи кӯтоҳе бас аст,*
*То яке бархезад аз ҳар санг оҳ,*
*Оҳи кӯтоҳат шавад овозҳо,*
*То туро бинанд аз дур,*
*Бишнаванд аз дур ҳам...*

Ин як тарзи марғуби тасвири муҳаббати зиндагист, ин тавр ба дарди якдигар, ба ёрии якдигар расидан бе муҳаббати ҳақиқии зиндагӣ имкон надорад. Барои ин зиндагиро ва зиндагиро на ба мафҳуми фароху намуайянаш, балки бо мафҳуми дақиқаш – зиндагии худ ва дигаронро дӯст доштан зарур аст. Ҳаёти худро дӯст надошта, ба мадади дигарон расида намешавад. Лекин зиндагӣ дар Ватан ширин, дур аз Ватан ҳатто мурдан азоби алим аст. Ин маънӣ дар шеъри «Хати сурх» таъсирбахш адо шудааст:

*Аз Ватан дур агарчи бисёр аст*
*Зиндаю мурдаи баному нишон,*
*Лек осон набуду осон нест*

[11] (?) - ҳар куҷое ин аломат ҳаст вазн ё қофияи шеър нуқс дорад.

*Аз Ватан дур мурдани мардон...*

*Метавонам ба вақти доду ситод*
*Дар сафи бардаҳои балвоӣ*
*Кард то Ҳинду Чину Руму Фаранг,*
*Қитъа бар қитъа корпартоӣ.*

*Лек рӯзе маро барандозад*
*Тири ноҳақ зи арсаи пайкор,*
*То диламро ба сангҳо монам*
*Мехазам синамол сӯи диёр.*

*Мехазам синамол сӯи Ватан*
*Бо сару дасту пои хунрезон,(?)*
*Қитъа бар қтъа мекашам хати сурх*
*Аз паям то канори кӯҳистон.(?)*

Ватан ҳар қадар мафҳуми дақиқ, мушаххас бошад, ҳамон қадар мафҳуми ҷомеъ аст. Ватан – забон, таърих, табиат, руду кӯҳистон, ёлаву талхост, ватан – гузашта, имрӯз ва фардост. Маҳз ҳамин тавр инъикос шудааст он дар шеърҳои Бозор Собир.

Таассурот дар ашъори Бозор Собир аксаран ба худи шахси шоир тааллуқ дорад. Вай таассуроти бачагӣ, наврасӣ, ошиқӣ ва ҳодисоти дигари рӯзгорро аз дили худ гузаронида, ё дар хотири худ зинда карда ба тасвир мекашад. Бинобар ҳамин дар аксари шеърҳои ӯ мансубияти замонию маконӣ равшан аст. Ин яке аз воситаҳоест, ки барои тасвири пурқуввати ҳаққонияти таассурот ёрӣ мекунад. Дар хонанда тасаввуроте ҳосил мешавад, ки ӯ аз оғози таассурот то охир бо шоир, аз ҳар печу хами он огоҳ буд, ё ҳатто онро бо шоир ҳамроҳ аз сар гузаронд. Ин ҳол бо хонанда махсусан, пас аз мутолиаи шеърҳои «Меравад абрҳои тобистон», «Номаҳо», «То саҳар бедор будам», «Лолаҳо», «Рез, борон» рӯй медиҳад. Дар онҳо ҳиссиёт сучет дорад, таассурот мисраъ ба мисраъ инкишоф меёбад, табу тоб меафзояд.

Барангезиши лирикӣ на фақат дар шеърҳои ошиқонаи Бозор Собир, балки дар ашъори «ғайриишқии» ӯ хам мавқеи муҳим дорад. Дар шеърҳое, ки дар онҳо инкишофи силсиланок ва давомдори таассурот ва ҳиссиёти лирикӣ, ба ибораи дигар, ҳиссиёт сучетнок набошад, барангезиши лирикӣ образҳои пуртаъсирро ба миён оварда, муҳокима ва ё афкори шоирро дурахши бадеӣ медиҳад, шиддати эмотсионалӣ – ҳиссии шеърро меафзояд. Барангезиши лирикӣ дар ин гуна ашъоре, ки бунёди онҳоро фикр, фикри бадеӣ ташкил мекунад, барои истифодаи образҳои ассотсиативӣ (мусалсал), образҳое, ки дар назари аввал гӯё ба ашё ва мавзӯи тасвир он қадар алоқа надоранд, вале шоир аз онҳо монандиҳои ғайричашмдошти тарутозае пайдо мекунад, имконияти васеъ медиҳад. Дар шеърҳои «Дар оғӯши кӯҳистон», «Антигона», «Шоиру шеъре агар ҳаст», «Бухоро», «Асри XX», «Забони Ватан», барангезиши лирикӣ барои зуҳури силсилаи образҳои ғайричашмдошт, вале барҷою мувофиқ ва тару тоза ёрӣ карда, мазмунро амиқ ва ифодаю тасвирро аз ҷиҳати бадеӣ бою ҳарранг сохтаанд. Гузаштаи Бухоро, замоне маркази илму маданият будан ва баъдҳо ба парешониҳо расидани онро шоир дар шеъри «Бухоро» чунин ба қалам меорад, ки дар он мавқеи барангезиши лирикӣ калон аст:

*Дар ақсои ҷаҳон тухми бузургонат*
*Ба монанди зару симат парешон шуд,*

*Ба монанди зару симат ба беқадрӣ.*
*Агар роҳе чу роҳи Каҳкашонат буд,*
*Ба мисли риштае печида гӯё рафт*
*дар пои ҷаҳонгардон,*
*Агар шустанд аз байни ту боронҳо*
*Раҳеро чун раҳи мӯрон,*
*Раҳеро бодҳо руфтанд аз байни тую дунё.*

Ҳамчунонки қариб дар ҳамаи шоирҳои соҳибистеъдод ҳаст, тарзу тариқи образофарӣ, ифода, ороиши бадеии мазмун дар ашъори Бозор Собир ҳам хеле гуногун, рангоранг, ҳатто баъзан мухолифи якдигар сурат мегирад. Агар ин тарзҳои гуногуни тасвир барои барҷаста гуфтани мазмун ва ифодаи пуртаъсир хизмат кунанд, фақат ба боигарӣ, пурқувватии истеъдоди шоир далел ҳастанду бас. Мо дар маҷмӯаи «Гули хор» шеърҳоеро пайдо мекунем, ки ба тарзҳои гуногуни шаклию услубӣ гуфта шудаанд ва шеърҳои хубанд. Масалан, шеъри «Асп» аз рӯи шаклу услуб ва шеъри зикраш рафтаи «Бухоро» тамоман фарқ мекунад. Ҳамаи таассуроти шоир вобаста ба аспе, ки гӯё дар хотираҳои бачагии ӯ давон аст, баён мешавад. Образи асп дар ин шеър ба дараҷаи символ – рамзи шоирона мерасад, ки бачагии ятимонаи шоир, хаёлҳои зебои тифлии ӯ, деҳаи чун орзу ширин ва боз бисёр чизҳои дигарро ифода мекунад. Ин рамзи шоирона-асп-дар байни воқеият ва хаёлот аст, дар он ду хусусияти тасвир ба ҳам омехта, рамзро серпаҳлу кардааст. Серпаҳлуӣ, яъне пурмазмунӣ талаботи рамз аст. Образро ба дараҷаи рамз расонидан қувваи бузурги шоирона мехоҳад. Ба Бозор Собир дар шеъри «Асп» ин қувва расидааст. Ин аст омезиши ҳоли ҳозиру хотирот, хаёлоту воқеият, ки дар заминаи он рамзи серпаҳлу ва пургунҷоиши асп эҷод шудааст.

*Дар гӯшаҳои хотираи саргузашти ман,*
*Балки дар он диёр, ки гум кардаам падар,*
*Аспе ҳанӯз медаваду медавад ҳанӯз,*
*Аспе, ки нест пас аз ин ҷуз оҳи даргузар.*

*Пояш сафед, синаю пешонааш сафед,*
*Гоҳе чу бод меравад ӯ аз баробарам,*
*Гоҳе ба гӯш мерасад аз роҳҳои дур*
*Дар хоку санг зарбаи сунбаш ҳанӯз ҳам...*

*... Дар кӯдакӣ шунидаму аз ёди ман нарафт*
*Овози наълу шеҳаи ин аспи ошно.*
*Гӯё ки саргузашти ман(?) фарёд мекунад,*
*Бо ин садои гарм аз афсонаҳо моро...*

Боигарии хазинаи образҳои Бозор Собир, тару тозагӣ, пурмазмунӣ ва ғайричашмдоштии онҳоро қайд карда, дар айни ҳол онро ҳам мехоҳам таъкид кунам, ки мавқеи образро дар шеър аз ҳад гузаронидан, ба вай диққати аввалиндараҷа додан, ба он мерасонад, ки мазмун дар зери пардаҳои бисёр пӯшида мемонад ва ба назари хонанда мушкил мерасад. Ман инро барои он мегӯям, ки чунин майлро дар яке аз шеърҳои охири Бозор Собир «Шабеҳа» («Садои Шарқ», №6, 1979) мушоҳида кардаам. Ба шоир чунин вонамуд шуданаш мумкин аст, ки ба ҳар объект образ ёфта, онро бо ташбеҳу истиораю маҷозҳо гуфтан камоли ҳунар бошад. Дар ҳақиқат ин аз камоли ҳунар сар мезанад, аммо на ҳамеша ба камоли асар мебарад. Ба замми он ки дар назми муосири солҳои бистум ин гуна таҷриба буд. Пайравони мактаби имажинизм образро ба

мақсади асосии шеър табдил ва мазмунро қурбони он карда, ба чунин натиҷаи номатлуб расидаанд, ки моҳияти иҷтимоии шеъру адабиётро инкор карданд. Дар байни онҳо шоирони соҳибистеъдод буданд ва онҳое, ки худро аз ин сарчашмии ҳавасангез халос карданд, минбаъд тавонистанд асарҳои арзанда биофаранд.

Бо вуҷуди ин шеър сухани образнок аст. Ба инкишофи он чигунагии истифодаи образ, ташбеҳу истиора, рамзу маҷоз, хуллас, воситаҳои шаклӣ ва забону услуб бетаъсир нест. Воситаҳои шаклие, ки дар аввалҳои пайдоиши худ тару тозагӣ ва таъсир доштанд, бо мурури замон аз истифодаи бисёр ин сифатҳои худро гум карда, ба қолаб медароянд ва шеърро аз ривоҷ бозмедоранд. Минбаъд инкишофи шеър аз шикастан ва ба ҷои онҳо пайдо кардани воситаҳои тозаи тасвир вобаста мешавад. Шоироне, ки эҳсоси нозук доранд, аз ин ба зудӣ пай мебаранд ва дар роҳи ҷустуҷӯи воситаҳои нав ва образҳои тоза меафтанд. Бозор Собир аз нахустин маҷмӯааш ба ин ҷода раҳсипор шуда буд ва аз он мустақиму устуворона пеш меравад. Гирем, ин тасвирро аз шеъри «Меравand абрҳои тобистон»:

*Сар-сари ёлаҳои зарду кабуд*
*Меравand абрҳои тобистон.*
*Гӯиё чодари арӯсии ту*
*Гаштааст абрҳои кӯҳистон. –*

ва ё тасвири дигареро аз шеъри «Бачаҳои деҳотӣ»:

*Барраҳои сафеди тифлии ман –*
*Рамаи абрҳои фасли баҳор,*
*Дар канорам чарида хоб кунанд*
*Дар бари пуштаҳои сабзи Ҳисор...*

Дар ин ду банд бунёди тасвир як аст – абрҳо ва пуштаҳои кӯҳистон – аммо ҳиссиёт ва таассуроти гуногун онҳоро аз якдигар фарқ кунонида, ду манзараи нотакрорро пеши назар меоранд, ки мо аз онҳо гармии таассуроти шоирро ҳис мекунем. Дар ин ҷо забону таркиб ҳам тоза аст. Инкишофи шеър аз ҷиҳати шаклу услуб ба ҳамин тариқ сурат мегирад.

Забони ашъори Бозор Собир аз ду ҷиҳат ҳам аз ҷиҳати луғат ва ҳам аз ҷиҳати услуб қобили таваҷҷуҳ аст. Вай то ҳадди имкон мекӯшад, ки мазмуни реалии суханро афзояд, пайвастагии калима, иборахо табиӣ, забони шеъраш ба забони халқ наздик бошад. Наздикии забони шеъри Бозор Собирро ба забони халқ на дар истифодаи бисёри калимаҳои халқию гуфтугӯӣ, ки шакли зоҳирии қаробатро таъмин мекунад, дидан мумкин аст, балки ин сифат дар услуби ашъори ӯ ба назар мерасад ва ин муҳимтар мебошад. Вай ба содагии услуб мекӯшад, мазмунҳои амиқ ва таассуроти мураккабро ҳам ба содагӣ ифода мекунад, забони шеърҳояш солим ва пухта мебошад.

Қадри сухан барои ӯ ниҳоят баланд аст. Дар шеъри «Забони Ватан» ӯ таърихи забони халқро ба ёд оварда, аз қадри сухан чунин мегӯяд:

*Аз сари сад минбар афтоданд нозирҳои ӯ,*
*То наафтанд аз забони хештан.*
*Дар сари сад дор ҷон доданд шоирҳои ӯ,*
*То наафтад бар замин кадри сухан...–*

ва шубҳае нест, шоире, ки қадри суханро ин қадар баланд мебинад, худаш ҳам мекӯшад, ки онро хор накунад.

Шеъри Бозор Собир аз ҷиҳати шакл – вазну қофия асосан шеъри озод ва анъанавист. Шеъри озоди ӯ банд-банду гуногун дорад, баъзе шеърҳои ӯ бо қофиябандии мураттаб ва вазни ягона эҷод шуда, баъзеи дигар қофиябандии номураттаб доранд ва ё тамоман беқофия буда, ба вазни гуногуни як баҳр навишта шудаанд. Ҳоло ба таҳлили муфассали сабаби ин ҳодиса дода нашуда, фақат ҳаминашро қайд мекунам, ки Бозор Собир ҳангоми гуфтани ашъори мавзӯъ ва ғояаш бузург, ҳангоми сутудани эҳсосот ва таассуроти тоза аксаран ба шеъри озод рӯй меорад ва бо ин шакл мақсади худро барҷаста ифода мекунад.

Масалан, шеърҳои «Ватан», «Дар оғӯши кӯҳистон», «Антигона», «Бухоро», «Асри ХХ», «Забони Ватан», ки аз ҷиҳати шакл шаклҳои гуногуни шеъри озод мебошанд, асосан мундариҷаи тоза доранд. Шеърҳое, ки доираи таассуроташон то андозае шинос аст, масалан ишқу муҳаббат, меҳри диёр, дидору ҷудоӣ, бачагӣ ва монанди инҳо бештар ба шакли анъанавӣ гуфта шудаанд ва агар аз он берун шаванд ҳам он қадар дур намераванд. Шояд ошноӣ ва озмудагии таассурот шакли озмударо талаб карда бошад. Шеърҳои «Фарзанди деҳқон», «Хона», «Нағмаҳои диёр», «Бачаҳои деҳот», «Жакон», «Мераванд абрҳои тобистон» аз ҳамин қабиланд.

Таассуроти озмударо дар ин шеърҳо ҳамин тавр бояд фаҳмид, ки асоси онҳо барои шеъри имрӯзаи мо нав набошад ҳам, тозагии шеър дар тарзи ифодаи он муайян мешавад. Шоир онро бо рӯҳу нафаси тоза ифода намояд, он таассурот, тозагӣ пайдо мекунад, вагарна бо суханҳои забонзад сутудани он кӯҳнаю бетаъсир аст. Бозор Собир онро бо рӯҳу нафаси тоза иброз медорад ва таассуроти моро аз ишқ, дидор, ҳиҷрон амиқ ва зеботар бозгӯ мекунад.

Комилан табиист, ки на ҳамаи шеърҳои Бозор Собир мақбули мост, зеро назари ҳар кас ба ҳунар махсуси ӯст ва бо вуҷуди ба ашъори шоир бо меъёрҳои объективӣ муносибат кардани мунаққид дар баҳои ӯ таъсири назари субъективии ӯ ҳаст. Аз ин рӯ, ба ман на фақат баъзе шеърҳои шоир ғайри мақбуланд, балки баъзе сифатҳои эҷодиёташ қобили қабул нестанд. Ҳасратомезии ашъори ӯ яке аз онҳост. Ҳарчанд ман медонам, ки ин ҳиссиёт метавонад ба андозае ба насли Бозор Собир, ки сахтии зидагиро дар ақибгоҳи ҷанг дар ҷони худ ҳис кардааст, талхиҳои ятимиро чашидааст, дар бачагӣ бачагӣ накарда, ба камол расидааст, нисбат дошта бошад, бо вуҷуди ҳамаи ин ман ҳасрати бисёрро дар шеъри ӯ қабул надорам. Чунки ҳасрат ҳиссиёте нест, ки пас аз он, чунонки, масалан, дар фоҷиа ҳаст, дар инсон ҳолати халос, равшанӣ, покизагӣ (катарсис) рух бидиҳад, ки ӯ худро озоду сабукрӯҳ ҳис кунад. Аз ҳасрат ба рӯҳи кас гаронӣ мерасаду бас, рӯҳро бошад ҳамеша тазъиқ додан вазъи солим нест. Ҳамчунин ба ман дар шеърҳои ӯ ашку гиряи бисёр хуш намеояд. Андак ҳолати мутаассиркунандае гиряи шоирро меорад. Масалан:

*Шир-шири баргҳои ларзонро*
*Мекунам гӯш ман ба дидаи тар. –*
(«Ҳасад мебарам»)

ва ё шоир мурғеро дар ҳаво дида, онро номаи ёри дурафтодае тасаввур мекунад ва боз мегиряд:

*Аз сиришки ошиқӣ тар мекунад,*
*Қатрае чашми маро бори дигар. –*
(«Субҳи баҳор»)

ва ҳамин хел гиряҳои бисёр шоирро ба каси гирёнчаке монанд мекунад. Дар баъзе шеърҳо ашки шоир бамавқеъ мебошад, аммо ба сабаби заруру нозарур бисёр рехтанаш дигар ба кас кора накарда, ҳамчун як навъи тасвири бадеӣ ба назар мерасаду бас. Гиря бар гиря фарқ дорад ва шоире, ки дар сӯгвории Лоҳутӣ «Қисмати шоир» барин шеърро навиштааст, метавонад мардона бигиряд.

Дар ашъори Бозор Собир баъзан майли тасвири зебо, ки ба ороиши маҳз мерасад, боло мегирад, аммо ҳар чӣзе, ки аз меъёр гузашт, ҳусн нест. Ҳусни шеър ҳам ба монанди ҳусни зан аст, ҳангоме ки ороиши ӯ ба назар нахӯрад, ноаён бошад, ҳусн аст, вагарна ҳусни сохтааст, ки қиматаш беш нест. Масалан, дар аксари шеърҳои ошиқонаи ӯ об аз ҳусни дилбар зар мешавад ва ё умуман сифати заррин бисёр аст. Ин маҷози хуб аст, аммо такрор ба такрор биёяд, аввалан, тароваташ меравад, сониян, ҳамаи обҳо заррин шаванд, оби оддии ташнашикан намемонад, ҳол он ки шеъри шоир бояд ташнагиро ҳам шиканад.

Бозор Собир баъзе бозёфтҳои шоиронаи худро ё дар сухан, ё дар маънӣ, ё дар образ дар шеърҳои гуногунаш ба такрор меорад. Масалан, ин мисраъҳо аз шеърҳои гуногунанд:

*Хори ӯ гар нарӯяд аз дили ман,*
*Ман бирӯям чу хор бо хораш.*
(«Ҳасад мебарам»)
*Чӣ шавад, об шавам бо обаш,*
*Чӣ шавад, хор шавам бо хораш.*
(«Турнаҳоро дидам»)

ва ё:

*Чун паи хуне, ки дар болои барф*
*Меравад то лона аз пои шикор...*
(«Лолаҳо»)
*Чу аз пушти шикор аз пушти ман рехт,*
*Нахустин мисраам аз пои хуншор.*
(«Худамро мебарам бар дӯши худ боз»
«Садои Шарқ», №6, 1979)

ва ингуна такрору монандиҳоро боз пайдо кардан мумкин аст.

Такрор дар эҷодиёти ҳар шоир, бешубҳа, на ба ғанӣ шудани воситаҳои тасвир, балки ба камбағалии онҳо мерасонад. Азбаски мундариҷа бо воситаи шакл ифода мешавад, яъне мазмун ба воситаи сухану образ, такрори лафзу сурат аз маҳдудии мундариҷа низ гувоҳӣ медиҳад ва на танҳо гувоҳӣ медиҳад, балки мундариҷаи эҷодиётро маҳдуд ҳам менамояд. Ин ҷараёни эҷодиёт ба ҳамдигар сахт пайвастааст, махсусан, дар шеър.

Табиист, ки на ҳамаи шеърҳои Бозор Собир дар як поя ҳастанд, аммо ҳамон шеърҳои нисбатан заиф ҳам ё дар сухан, ё дар маъно бозёфти шоирона доранд ва ё, баръакс, дар баъзе шеърҳои асосан хуб пора ва ё бандҳое дучор меоянд, ки нуқс дар ифодаю маъно доранд, ё ба назар муғлақ мерасанд. Масалан, дар се банди пеш аз банди мақтаъ омадаи шеъри «Шоиру шеъре агар ҳаст» шоир аз меъёр мегузарад ва ифодааш ҳам муғлақ аст ва ё мақтаи шеъри «Ҳасад мебарам», ки орзуи шоирро аз пайвастагиаш бо Ватан баён мекунад;

*Гар сари ӯ ҳамеша бедард аст,*
*Мекунад дард баҳри ӯ сари ман! –*

сабукбор менамояд. Ва ё дар шеъри дигар шоир ба маҳбубааш чунин мегӯяд:

*То туро бар қитъаҳои шеър кӯчонидаам,*
*Сатрҳоро беамон бишкастаам,*
*Гаҳ чу сим(?)хору гаҳе чун панҷара,*
*Гаҳ ба мисли панҷаи тақдир,*
*То туро озод бинам дар замини шеъри озод...*
*Ҳар қадар бошӣ ту озод*
*Он қадар ман низ озодам.*
*Ҳар қадар бахти ту хандад,*
*Он қадар ман низ хушбахтам.*

Лекин ман гумон мекунам, ки барои гуфтани ҳамин маънӣ ва маънии на он қадар тозаю олӣ ин қадар беамон шикастани мисраъҳо ва дур андохтани қофияҳо зарурат надошт.

Бозор Собир, эҳтимол, дар байни шоирони ҳамнаслаш ягона шоире бошад, ки шеърҳои худро ин қадар бисёр, гаштаю баргашта таҳрир мекунад. Ин кор ҳам, албатта, ду ҳолат дорад. Хуб аст, ки ӯ баъди чанде нуқсҳои шеърашро мебинад ва ба онҳо қалами таҳрир зада, бартараф месозад. Аммо баъзан чунин ба назар мерасад, ки ӯ ин корро аз ҳисоби гуфтани шеърҳои тоза мекунад ва ё корро аз таҳрир гузаронида ба ҷое мерасонад, ки дар мавзӯи шеъри пешина нусхаи дигари онро менависад. Ҳамчунонки ин корро ӯ бо шеъри «Тирамоҳ» кардааст. Он ки дар маҷмӯаи нахустини шоир ҷой дошт, дар маҷмӯаи сеюмаш «Гули хор» на фақат таҳрир хӯрда, балки аз нав навишта шудааст, ки аз шеъри аввал фақат ду мисраъ боқӣ модаасту бас.

Ин кор хуб аст, агар шоир дар атрофи шеърҳои як вақт гуфтааш маҳдуд намонад, вагарна ин ба фарохии мавзӯю мундариҷа намерасонад.

Ҳангоми аз маҷмӯаи дуюм ба сеюм дохил кардани шеъри хуби «Асп» Бозор Собир дар он фақат як калимаро дигар кардааст – рӯҳро бо оҳ. Ин ҳам таҳрири муҳим аст, ки заминаи реалии шеърро пурқувваттар кардааст: «Аспе, ки нест пас аз ин ҷуз оҳи даргузар». Вобаста ба ин таҳрирҳо онро ҳам қайд кардан зарур аст, ки на дар ҳама ҳолат мисраъҳоро беамон шикаста, шеъри озод гуфтан, ба шеъри хуб гуфтан мерасонад, чунонки ин ҳолат бо варианти аввали шеъри «Тирамоҳ» воқеъ шуд. Варианти дуюми он ки аз ҷиҳати вазну қофия низоми муайян дорад, аз аввалааш хеле беҳтар аст. Албатта, то ин ҷо маҳорати шоир ҳам афзудааст, аммо, ба ҳар ҳол, мавқеи вазну қофияи бонизом дар ифодаи рехтаи таассурот калон аст.

Бозор Собир шеърҳое дорад, ки онҳоро қабул кардан ё накардан мумкин аст, аммо онҳоро сарфи назар кардан мумкин нест. Онҳо аксаран таассурот ва назари тоза доранд, метавон бо чигунагии назар баҳс кард, аммо наметавон гуфт, ки онҳо беназаранд. Назари худро доштани шоир аз ҳама муҳимтар аст. Бозор Собир шоирест, ки ба одам, олам ва зиндагӣ назари худро дорад ва ин назар торафт тоза ва махсуси ӯ мешавад.

**Соли 1979**

## НАВЪИ ХУРД, МАСЪУЛИЯТИ БУЗУРГ

**Гулназар. Қадаҳи шабнам. Ашъор. Душанбе, «Сурӯшан», соли 2001**

Гулназар имрӯз яке аз намоёнгарони чеҳраи шеъри нави тоҷик аст. Ман андешаи худро мухтасаран дар бораи ин соҳаи кори ӯ баён кардаам, ки хушбинона аст ва ният дорам, ки онро дар оянда муфассалтар ба рӯи коғаз биёрам. Аммо ҳоло зери дасти ман китоби тозаи ӯст, ки аз рубоиҳои наваш фароҳам омадааст.

Вақтҳои охир китобҳои бисёри рубоиву дубайтӣ ва ғазалҳоро мехонам ва аксаран, мутаассифона, ба ҷои шод шудан дилгир мешавам, вале аз ин китоб хушам омад. Дар он рубоиҳое ҳастанд, ки ба дил мешинанд, зеро дар худ фикре, ҳиссиёте, тасвире, ишорату иборати паҳлугардонкардае доранд, ки аз онҳо бӯи тозагӣ мерасад.

Дар анвои суннатӣ, ба монанди рубоиву дубайтӣ ва ғазал, сухани тоза гуфтан сахт душвор аст, зеро қувва ва ҷозибаи суннат бузург буда, шоирро ба тарафи худ мекашад, ба ҷараёни фикру эҳсосоти анъанавии адабиву бадеӣ меандозад ва азбаски завқи мо зери таъсири он ташаккул ёфтааст, бехабар ба он дода шуда, такрор будани онро фаромӯш мекунем ва ба ҳамон лаззати камтари завқӣ ки мебарем, қонеъ мешавем.

Дар чаҳор мисраъ бо риояи ҳамаи қонунияти классикии он, аз он ҷумла, вазну қофияву радиф сухану мазмуни тоза гуфтан кори осоне нест, вале агар гуфта шавад, хеле ҷаззобу дилнишин ва хотирмон хоҳад буд, зеро дар ин кор ҳамаи воситаҳои шаклии шеър, яъне ҳамон хушоҳангии вазн ва гӯшнавозии қофияву радиф низ хидмати иловагӣ хоҳанд кард. Масалан, дар рубоии зерини Гулназар, ки фикраш собиқадор бошад ҳам, яъне таъкиди он ки инсон бо рафтани худ аз ҷаҳон ҳеҷ чиз нахоҳад бурд, аммо тарзи гуфтор ва масал заданаш, ки бесобиқа аст, ҳамчун моли тоза шинохта шуда, ҳамаи он саноеи лафзию маънавӣ барои амиқтар дар хотир нишастани он кор мекунанд:

*Заррин нашавад зиндагӣ аз зар, ҳуш дор,*
*Ширин нашавад зи шаҳду шаккар, ҳуш дор.*
*Сад дар бувадат хона агар, суде нест,*
*Олам ду дар аст, эй бародар, ҳуш дор!*

Шоир дар ин рубоӣ аз роҳи тазоду муқобала ба тозагӯӣ мерасад, ӯ ки бо ифодаи маҷозии аз зар заррин ва аз шаҳду шакар ширин нашудани зиндагиро хуб баён медорад, дар мисраи сеюм бо руҷӯи дигаре беманфиат будани сарватҷӯиро таъкид карда, ба ҳусни мақтаи олиҷанобе даст меёбад.

*Олам ду дар аст, эй бародар, ҳуш дор!*

Дар ин рубоӣ радифи «ҳуш дор» низ ба ҷо афтода, бори маънӣ мекашад, услуби баёнро шадид ва баобутобтар месозад, ҳол он ки радиф баъзан ба хотири нигаҳдошти шакл ба такрор меояду ба ҷуз таъмини хушоҳангии мисраъ хидмати дигаре намекунад.

Ин рубоӣ сазовори дар хотир гирифтан аст.

Масъалаи норизоӣ аз замон ва ҷомеа яке аз мавзӯъҳои асосӣ ва суннатии рубоист, ки дар даҳсолаҳои охир ба сабаби нобасомонии авзои сиёсиву иҷтимоии кишвар дар аксари анвои шеър ва дар рубоӣ низ мавқеи бештаре пайдо мекунад, ки рубоиёти Гулназар ҳам истисно нест. Аслан тазоди инсон ва замон, фард ва ҷомеа дар адабиёт ҷовидонист, то одаму олам ҳаст, замон ва ҷомеа аз ҷониби шоир ба танқид дучор хоҳад шуд, зеро табиати инсон ва махсусан, инсони эҷодкор на ҳамеша ба он созгорӣ мекунад ва асарҳои олии адабиёт ҳам маҳз дар ҳамин

мавзӯъ офарида шудаанд. Бе фоҷиавият шеъру адабиёти олӣ нест. Ҳофиз, ки бузургтарин шоир бошад, бузургтарин шоирест, ки муносибати фоҷианоки инсонро бо замон, ҷомеа ва ҳастӣ бо олитарин тасвирҳову тавсифҳо ва тазодҳо нишон додааст. Хайём ҳам ҳамчунин. Бинобар ин ба ин масъала диди фарохе бояд дошт ва онро на ин ки ҳамчун масъалаи як шоиру як кишвар, балки ҳамчун масъалаи ҳар шоиру ҳар кишвар, яъне масъалаи ҷовидонӣ, умумибашарӣ ва умумидунявӣ донист. Вале табиист, ки ҳар шоир барои ифодаи норизоии маънавиву ботинии худ аз замону ҷомеа мавзӯъ, ҳодиса ва суратро аз муҳити хеш пайдо карда мегӯяд. Масалан:

*Эй дард, гузар, ки фасли бедардон аст,*
*Мардӣ, ту бирав, ки даври номардон аст.*
*Ҳайфо, ки сухан чу эътирози Толис*
*Дар ҳалқаи ресмон нафасгардон аст.*

Азбаски шеъру шоир ба замонҳои мухталиф ва ҳаҷман бузург сари кор доранд, бо замони вуқӯъи ҳодисаҳо озодона ҳукмравоӣ мекунад, онҳоро пасу пеш меоранд, дар ҳамдигар ҷо медиҳанд ва ё ҳамин гуна муносибати озодонаи дигар мекунанд. Бинобар ин, замони фарогирии ин гуна рубоиҳоро ҳар гуна метавон тафсир кард, вале дар ҳар ҳолат онҳо чун эътирози шоир ба замон ва бедардиву номардиҳои он ба гӯш мерасанд. Ё масалан, дар рубоии дигар:

*Ё оташи дил ба домани ёд занем,*
*Ё хирмани нанги хеш бар бод занем.*
*Аз дасти ману ту гар наояд коре,*
*Дар кишвари бедод, биё, дод занем!*

Вақте ки ин гуна шеърҳоро мехонем, ҳамеша дар ёд бояд дошта бошем, ки ҳадафи танқиди шоир дар онҳо танҳо як замон ва як макони муайян нест, ҳарчанд он ҳам истисно намебошад. Шоир ва адабиёти асил на фақат бо низоми тамоми ҳукумату давлатҳои олам ки эҷоди инсон мебошад, мухолифат мекунад, балки бо худи Худованд ки офаринандаи оламҳост, мунозира карда, олами офаридаи ӯро намепазирад, пас чӣ расад ба низоми ҳукумату давлатҳо ки инсон сохтааст.

Носири Хисрав мегӯяд:

*Худоё, рост гӯям фитна аз туст,*
*Вале аз тарс натвонам ҷағидан.*

Хайём мегӯяд:

*Гар бар фалакам даст будӣ чун яздон,*
*Бардоштаме ман ин фалакро зи миён.*
*В-аз нав фалаке дигар чунон сохтаме,*
*К-озода бо коми дил расидӣ осон.*

Ҳофиз мегӯяд:

*Одаме дар олами хокӣ намеояд ба даст,*
*Одаме аз нав бубояд хост в-аз нав оламе.*

Шоҳин мегӯяд:

*Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,*
*Аммо чӣ метавон кард, ҷои дигар набошад.*

Ё агар ба замони мо биёем, Лоиқ мегӯяд:

*Кушед ин замонаро, ки мекушад таронаро,*
*Даруни чашм мекушад нигоҳи шоиронаро.*

Пас, аз инҳо чӣ хулоса бояд гирифт? Бо ин гуфтаҳо мубориза кард ва ё бо нуқсе, ки дар ҷомеа ҳаст ва боиси норизоии шоир шудааст? Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ бо сензурае, ки ба адабиёт дошт ва дар давоми ҳафтод сол ба камтарин танқид иҷозат намедод, ба чӣ расид? Ҳазорҳо ҷилд асарҳои таърифию тавсифии маддоҳона барои пойдории он чӣ карданд? Ҳеҷ! Бинобар ин, на бо тасвири нуқсу камбудии ҷомеа, ки дар адабиёт инъикос мешавад, балки бо худи айбу иллате, ки дар ҷомеа ҳаст, мубориза бояд кард. Шоир аз ҳазор айбу иллате, ки мардум мегӯянд, якашро мегӯяд, бо дарди дил мегӯяд, ки ислоҳ шавад ва шоири асил ҳаргиз сухане бар забон намеорад, ки бар зарари мардум ва ҷомеа бошад.

Аз ин рӯ, мо ҳангоме ки ашъори оҳанги танқидӣ доштаи Гулназарро мехонем, бояд ҳамин гуна назари фарохе дошта бошем, зеро сиёсати адабӣ назокати худро дорад.

Биёед, барои тасдиқи ин фикр ба таърих нигоҳе андозем. Сиёсати ғоратгаронаи Султон Маҳмуди Ғазнавӣ ба назари дарбориёнаш дуруст буд, зеро кишваркушоӣ ва ба мамлакатҳои дигар ҳуҷум карда, давлаташро мустаҳкам ва ғаниву сарватманд месохт, ки бештар аз чаҳорсад нафар шоири дарбораш онро таърифу тавсиф мекарданд. Аммо ин аз назари адабиёти асил дуруст набуду нест, зеро ғоратгарӣ буд ва мардуми кишварҳои дигарро, ки онҳо ҳам ҳуқуқи шарафмандона зистан доштанд, поймол мекард ва ба зиллат меафканд. Пас, шоири асил наметавонист онро ситоиш бикунад, вале даҳҳо шоири дарбор ин корро мекарданд. Аммо нубӯғи Фирдавсӣ гузаштаи бузурги халқашро, ки воқеан ҳам пандомӯз ва ҳам шоистаи достонҳо буд, бо ҷовидонатарин суханҳо тасвир карду сутуд. Султон Маҳмуд қадри «Шоҳнома» - ро нашинохт ва имрӯз аз он садҳо қасидаи маддоҳона, ки дар ситоиши ӯ буданд, ёде нест, аммо ин гуна байтҳо дар забони ҳама ҳастанд:

*Гузашт шавкати Маҳмуду дар замона намонд,*
*Ҷуз он фасона, ки нашнохт қадри Фирдавсӣ.*

Ва ё аз ин ҳам бадтар:

*Қадами номубораки Маҳмуд,*
*Гар ба дарё расад, барорад дуд.*

Хушбахтона, замони мо дигар аст, ки ғояи ягонаи зиндагисоз дорад ва он ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон аст, ки дар асарҳои шоиру нависандагони тоҷик бояд таҷассуми бадеии худро ёбад. Он дар асоси мардумсолорӣ, яъне демократия ва озодипарварӣ амалӣ шуда, бар манфиати мардум бояд хидмат кунад. Ва Гулназар ҳам мегӯяд:

*Эй халқи азизи ман, саломат бошӣ,*
*Парвардаи номусу шарофат бошӣ.*
*Аз ҷон гуфтам суруди миллии туро,*

*То ҷӯр ба ҳам бошиву миллат бошӣ!*

Халқ барои миллат шудан аз шебу фарозҳои таърих гузашта, ба масъалаҳои бисёри худиву умумибашарӣ рӯ ба рӯ меояд, ки ба ҷиҳатҳои хуб ва номатлуби зиндагӣ баробар дахл мекунад. Ва шоир оид ба онҳо назари худро мегӯяд.

Сифлагию гадотабъии олам дар шеъри ҳазорсолаи мо мавриди накӯҳиш буд. Ин аз мавзӯъҳои бадеъ аст, ки аз адабиёт меояд, яъне дар адабиёт гузаштаи бой ва дуру дарозе дорад, аммо онро ҳам ба тариқи худ гуфтан дар баъзе мавридҳо рубоии мақбуле ба бор меорад. Масалан, дар ин байт:

*Гӯянд: «Чиҳо металабӣ аз олам?»*
*Ман бар дари ҳар гадо гадоӣ накунам!*

Гулназар баъзе мавзӯъ ва образ, суратҳои анъанавиро каме паҳлугардон карда, рубоиҳое гуфтааст, ки дар навъи худ мақбуланд. Масалан, ӯ дар ин рубоӣ, ки сухан аз мижаву дидаи масту сиёҳи анъанавист, маҷози хубе эҷод мекунад ва сиёҳиву мастӣ, яъне бераҳмии онро дар моҳи рамазон, ки айёми меҳру шафқат аст, аз оини мусалмононӣ надониста, ба ҳамин роҳ маъшуқаро ба худ меҳрубон кардан мехоҳад:

*Эй мижа! Чунин дароздастӣ гунаҳ аст,*
*Суннатшиканиву худпарастӣ гунаҳ аст.*
*Эй дида! Туро агар мусалмонӣ ҳаст,*
*Моҳи рамазон сиёҳмастӣ гунаҳ аст.*

Ба шоире, ки иртиботи сахте бо замон дошта, тозагии айёми худро эҳсос ва дарк мекунад, баъзан ба чунин бозиҳои сухану сурат машғул шудан ҳам шояд гунаҳ набошад, боз ба замми он ки завқи мо ба ин гуна бозиҳо хӯ гирифта, мақбуламон ҳам меояд. Вале дар рубоии дигар, ки Гулназар боз ба ҳамин роҳ меравад, ба назарам, ба андозаи рубоии болоӣ муваффақ намешавад, махсусан, дар мақтаъ:

*Донам, ки чаро ба базми мо хомӯшӣ,*
*Аз тангии лаб сухан наояд берун.*

Ин ҷо ибораи тангии лаб ҳам дуруст нест, зеро на лаб, балки даҳон тангу фарох мешавад.

Аммо дар рубоии дигар ки он ҳам дар тасвири суннатии шамъу парвона аст, тозагие ворид мекунад, ки писанд аст, ӯ ба хотири насӯхтани парвона худро фурӯзон карданӣ нест, яъне ба хотири бадбахт накардани дигаре аз хушбахтии худ гузар мекунад, ки оини меҳру шафқат ва одамгарист.

*Бо ҳасрати бегона дилам месӯзад,*
*То охири афсона дилам месӯзад.*
*Чун шамъ тавонам, ки фурӯзон бошам,*
*Ҳайфо, ки ба парвона дилам месӯзад.*

Ва дар рубоии дигараш ҳам Гулназар ба андешаи гузаштадор, ки ин аст:

*Ислом ба зоти худ надорад айбе,*
*Ҳар айб, ки ҳаст дар мусулмонии мост. –*

ҷомаи тозаи бадеъ мепӯшонад:

*Фарёд зи доноии нодонии мо!*
*Афсӯс бар ин сиришти зулмонии мо!*
*Донӣ, ки зи чӣ Каъба сияҳ пӯшида?*
*Биншаста ба мотами мусалмонии мо!*

Манзалати мақтаи ин рубоӣ дар ифодаи мазмуни зикршуда аз байти болоӣ шояд камтар набошад, зеро тарзи ифодаи он шадид, муҷассам ва маҷозитар аст. Дар ин ҷо Гулназар дарёфт дорад. Фақат ба ҷои «зи чӣ» «чаро» меомад, аз назари вазни арӯз беҳтар буд, зеро «чӣ» аз ташдиди нозарур, ки худ ҳиҷои кӯтоҳу ба ҷои дароз омадааст, халос мешуд.

Вале дар мавриди дигар, ки дар пайравии рубоии машҳури устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ «Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ» рубоие мегӯяд:

*Чун нахл ба ҳар замин нагирӣ, мардӣ,*
*Хушку тари даврон напазирӣ, мардӣ.*
*Аз дарди бадан мурдани мо коре нест,*
*Аз дарди Ватан агар бимирӣ, мардӣ! –*

дар ин сабқат бурд намекунад, зеро мазмуни рубоии устод Рӯдакӣ, ки инсондӯстии умумибаширо фаро мегирад, аз он чизе, ки Гулназар дар ин рубоӣ мегӯяд, ба манзалат баландтар аст. Худи ин гуна ҳариф интихоб кардан ҳам хеле ҷуръат мехоҳад.

Шоироне ҳастанд, ки ба ҳар роҳу равиш, вале, мутаассифона, на аз роҳи эҷодӣ аз шеърашон пуштибонӣ карда, ба он шинохтагӣ овარданӣ мешаванд, вале ин барабас аст, зеро аҳли назар танҳо ба шеъри асил қоил ҳастанд на ба чизҳои дигар.

Шинохт ва накди адабиёт кори аҳли назар аст ва бояд донист, ки чун адабиёт ва махсусан, шеър яке аз навъҳои олии ҳунар, санъат аст, фаҳмидан ва баҳо додан ба он низ дониш ва завқи на камтар зарур барои офариниши онро талаб мекунад ва ҳарфи ҳар раҳгузаре дар ин бора аҳамияте надорад, зеро меъёри онро танҳо равандагони ин роҳ мешиносанд. Ва бартар аз ин, шоироне ҳастанд, ки аз онҳо шеърашон пуштибонӣ мекунад. Танҳо шоире, ки шеъраш аз ӯ пуштибонӣ мекунад, ба шоир ном гирифтан ҳақ дорад, дигар ҳама туфайлиёни шеъранд.

Гулназар аз ҷумлаи шоиронест, ки аз ӯ шеъраш имрӯзу фардо пуштибонӣ хоҳад кард.

**Соли 2001**

## ЧУ ҲАВОИ БАЪДИ БОРОН...

**(Ҳабибулло Файзулло )**

Ба мо ҳар қадар ки сол мегузарад, моро ҳамон қадар эҳсоси қарздорӣ аз дигарон, махсусан, аз дӯстон бештар фаро мегирад. Қарзҳои мо гуногунанд: мо аз яке дӯстӣ, муҳаббату самимият, аз дигаре таҷрибаи зиндагӣ ва аз сеюмӣ, агар эҷодкор бошад, таҷрибаи эҷодӣ қарздорем. Қарзи ҳар кас ба навъи зиндагӣ ва шахсияти ӯст.

Ман одат дорам сари ҳар чанд вақт китобҳои дӯстонамро, ҳарчанд ки қаблан хондаам, боз аз нав варақгардон кунам. Ҳамин тариқ ҳар вақте ки куллиёти дӯсти шодравонам

Ҳабибулло Файзуллоро мекушоям ва аз саҳифаи аввали он сурати ботабассум ва ба назарам як андоза таассуфдори ӯро мебинам, маро ҳамон ҳиссиёти қарздорӣ аз ӯ фаро мегирад ва ман пас аз боз овардани хотираҳо дақиқан дармеёбам, ки аз ӯ дӯстӣ ва муҳаббату самимият қарздорам. Вале баргардонидани ин қарз ҳоло душвор аст, зеро ӯ дигар ниёз ба чизе надорад, аммо ягона таскини дил он аст ки ӯ ҳамчун ҳамаи эҷодкорони асил хонандагони мухлис – меросдорони ҳақиқӣ дорад, ки ҳар сухан, ҳар воқеаеро ки ба ӯ иртибот дошта бошад, бо иштиёқ хоҳанд шунид, то чеҳраи шоири азизи худро мукаммалтар тасаввур карда тавонанд.

Ӯ аз насли мо, дурусттараш аз пешравтарини насли мо буд, аз насле ки дар охирҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, яъне соли 1945 ва баъд ба дунё омад ва агар умраш вафо мекард, аз дурахшонтарин чеҳраҳои мо буд, зеро олами шоиронае дошт, ки рӯз ба рӯз пурҷӯшу хурӯштар ба зуҳур меомад.

Ҳабибулло Файзулло нисбат ба ҳамаи мо, шоирони ҳамнаслаш пештар ба арсаи адабиёт қадам гузошт, маҷмӯаи аввалинаш «Қатраи борон», ки соли 1966 дар 21-солагии ӯ баробари Донишгоҳи омӯзгории Душанберо хатм карданаш ба нашр расид, мушоҳидаҳое, тасвирҳое, маъниҳое дошт, ки шогирдона баён шуда бошанд ҳам, аз сиришти шоиронаи муаллифаш дарак медоданд. Дар оғози шоирӣ ин аз ҳама муҳим аст. Устод Сотим Улуғзодаро, ки ба ин маҷмӯа сарсухан навишта буданд, маҳз ҳамин чиз ба ояндаи дурахшони шоиронаи ӯ умед бахшида буд.

Барои ман ки он вақт донишҷӯи Донишгоҳи давлатӣ будаму шеър машқ мекардам, китобчае ба сарсухани чунин устоде доштан орзу буд, мо хушиқболии Ҳабибуллоро ҳавас мекардем ва шеърашро, ки ба рӯҳи ҷавонии мо созгор буд, дӯст медоштем.

Ошноӣ ва дӯстии шахсии ман бо Ҳабибулло каме дертар ба вуқӯъ омад. Ман баъди хатми Донишгоҳ, баъди 5-6 моҳи кор дар шӯъбаи ҷавонии Кумитаи радио ва телевизиони ҷумҳурӣ соли 1967 ба хидмати ҳарбӣ даъват шудам ва баъди хидмат боз чанд моҳ дар ҷои аввалаам кор карда, соли 1969 ба аспирантураи университети ба номи Ломоносови шаҳри Москва дохил шудам.

Ҳабибулло соли 1971 ба курси дусолаи олии адабиёт дар назди Институти адабиёти ба номи Горкий ба хондан омад. Ана аз он вақт мо ба ҳам қаробати дӯстӣ пайдо кардем, ба дидори ҳамдигар мерафтем, дар маҳфилҳои адабие, ки дар донишгоҳҳоямон баргузор мешуд, ширкат мекардем.

Вале ман он солҳо бештар масруфият доштам, зеро бе тайёрӣ яку-якбора ба аспирантура дохил шуда будам, ҳол он ки маъмулан аспирантшавандагон пештар ду имтиҳони минимуми номзадиро аз фалсафа ва забони хориҷӣ супорида, баъд аз як фанни ихтисосашон имтиҳон дода дохил мешаванд, ки дар се соли аспирантура як имтиҳони минимуми номзадӣ аз ихтисос супоранду кори илмиашонро ҳам навишта тамом карда тавонанд. Ман ки ин тавр накарда будам, аввал се имтиҳони дохилшавӣ супорида ва баъд дар давоми се сол се имтиҳони минимуми номзадӣ бояд месупоридам ва рисолаи номзадиро ҳам навишта тамом мекардам. Ин албатта дасту пои маро мебаст. Вале ба ҳар ҳол мо аз аҳволи ҳамдигар ҳамеша воқиф будем.

Боре Ҳабибулло омад, ки биё хонаи устод Сотим Улуғзода меравем, устод он вақт дар хонаи маскавиашон мезистанд. Ман ки дӯстии ӯро бо устод медонистам, бе ҳеҷ истиҳола розӣ шудам. Ин ба назарам аввалин дидори ман бо устод Улуғзода буд.

Устод моро хеле хушнудона пешвоз гирифтанд ва суҳбаткунон худашон сарварӣ карда, барои мо оши палав пухтанд ва ба як ҳамсояи русашон палавро ситоиш карда, шояд ба шӯхӣ мегуфтанд, ки дар замонҳои қадим чанд хирадманди машриқ ҷамъ омаданд, таоме тайёр кунанд, ки панҷ сифати хуб дошта бошад: зуд пухта шавад, серғизо, хушмазза, зебо бошад, хӯрданаш гаронӣ наорад ва ҳамин тавр палавро фикр карда баровардаанд.

Дар болои мизи кории устод «Дон Кихот»-и Сервантес буд, гуфтанд, ки тарҷума карда истодаам. Ман дар ҳайрат шуда пурсидам, ки оё ин кор имкон дорад, зеро забону услуби гуфтори қаҳрамонҳои ин асар, махсусан, Санчо Пансои он чунон пуррамзу киноя, маҷозу истиора ва зарбулмасалу мақол аст, ки муродифи тоҷикии онро ёфтан ва ё ба ҳамон рехтагӣ баргардон кардан ба назари ман ғайриимкон менамояд. Устод як хандаи фурӯтанона карданду гуфтанд, ки хуб, як зӯр зада бинем-чӣ... ва шоҳкоре ба вуҷуд оварданд, ки дар олами тарҷумаи тоҷикӣ назир надорад. Ҳар дастоварди адабӣ мавриди имкон гардидани ҳар чӣзи ғайриимкон аст.

Ҳабибулло, ки дили дӯстхоҳ ва оғӯши ҳамеша боз дошт, бо ҳама зуд ошноӣ пайдо мекард ва улфат мегирифт.Ҳангоми дар Маскав хонданаш ба ҷавониаш нигоҳ накарда, бо машҳуртарин шоирони миллатҳои гуногун Владимир Солоухин, Андрей Вознесенский, Давид Кугултинов, Евгений Евтушенко, Михаил Синелников ва дигарон шиносоӣ ва дӯстӣ дошт, ашъори онҳоро ба тоҷикӣ тарҷума мекард, бад-ин васила назараш ба шеър фарохтар ва таҷрибаи эҷодиаш ғанитар мегашт. Танҳо аз номгӯи муаллиф ва асарҳои тарҷумакардааш дарёфтан мумкин аст, ки ӯ ба чӣ андоза фарох оғӯш кушода будааст: Эврипид, Пушкин, Лермонтов, Чехов, Ҳӯте, Шелли, Некрасов, Есенин, Маяковский, Аҳматова, Марсинкявичюс, Зиедонис ва дигарон. Вусъати назар тозагӣ ҳам бор меоварад, ки осори Ҳабибулло Файзулло аз он бархурдор буд.

Вақте ки соли 1972 мӯҳлати аспирантураи ман тамом шуд, ба ман лозим омад, ки барои тамом кардани кори номзадиам чанд моҳи дигар дар Маскав бимонам. Ҳабибулло маро ба хонаи хобгоҳаш овард. Он вақт ҳар ду дар як хона зистем ва ман, ҳамчунонки мегӯянд, ӯро ҳаматарафа, нағзтар шинохтам.

Инсоне буд фаъол, серҳаракат, тамоми рӯз як лаҳза орому қарор надошт ва ман дар ҳайрат мешудам, ки дар ӯ ин ҳама қувват аз куҷост. Шабҳо одатан баъди соати дувоздаҳ ба хоб мерафт ва соати панҷи субҳ аллакай бархоста буд ва шеърашро ҳамон вақт менавишт. Танҳо дар ҳамон ҳангом ӯро зоҳиран ором, вале ботинан дар фикри шадиди эҷод медидам.

Ӯ бисёр ҳассос, табъан инсону шоири ғиноӣ буд, ҳиссиёте, ки ӯро фаро мегирифт, зуд ба шеър меовард. Мо боре ҳамроҳи ҳамдарсони ӯ ба Тула, ба музей-зодгоҳи Толстой ба экскурсия рафтем. Ӯ аз тамошои музей ва шунидани қиссаи охири ҳаёти ин нависандаи оламшумул, ки чанд рӯз пеш аз маргаш васиятномае навишта, аз тамоми ҳаққи мероси бузурги адабиаш даст мекашад ва рӯзи зимистон аз хона бадар рафта, дар яке аз хоначаҳои сари роҳи оҳан аз олам дармегузарад, сахт мутаассир шуд. Субҳи дигар шеъри «Вафоти Толстой», ки аз 28 мисраъ иборат буда, бо ин байтҳои дарднок ба охир мерасид, тайёр буд:

*Акнун ки дами марг нафасҳо ба шумор аст,*
*Даймоҳу ҷаҳон дар назарам тираву тор аст.*
*Ман тарки ҷаҳон кардаму дунё зи ман имрӯз*
*Ҳаргиз ту маҷӯ давлати фардо зи ман имрӯз.*
*Бинвишту баромад,*
*Дигар ӯ боз наомад ба дари худ,*
*Бишкаста чу шаҳбоз дами марг пари худ.*
*Афтоду бишуд канда магар риштаи ҷонаш,*
*Ин ҳарф бурун ҳамраҳи ҷон шуд зи забонаш:*
*Аз омадану рафтани ин даҳр чӣ бок аст?*
*Мероси ҷаҳон ҳамраҳи ман дар дили хок аст!*

Ман ҳангоми баргаштанам аз Маскав чанд вақт мушкили манзили истиқомат доштам, ӯ маро ба ҷону ҳолам намонда, ба хонааш овард ва гуфт, ки тобистон аст, вақти таътили фарзандони ман, онҳо бо модарашон дар деҳ дар ҳавлии бибиашон ҳастанд ва то пайдо кардани ҷои истиқомат дар хонаи ман зиндагӣ мекунӣ. Вале баъди баргаштани аҳли хонаводааш ҳам чанд вақт маро ҷои дигар рафтан намонд, то дар рӯ ба рӯи бинои истиқоматиаш, дар маҳаллаи микрорайони 33 бароям хонаи иҷора пайдо кард. Хуб, дигар чӣ ҷои сухан аз исботи дӯстию бародарӣ ва самимияти муносибати ӯ ба ман ва аз қарздории ман ба ӯ. Худ, ки бо сахтиҳо ба камол расида буд, қадру қимат, зарурати меҳрубониро дар рӯзи сахт медонист ва дар шеъраш мегуфт:

*Дардошно нагардад, он ки зи дард дур аст,*
*Бинотар аз нигоҳаш сад бор чашми кӯр аст.*
(«Дардошно нагардад»)

Вақте ки ман дар хонаи ӯ мезистам, ӯ дар он хонаи чаҳорҳуҷрадор одатан дар хонаи пазирой, дар зол кор мекард, азбаски субҳи барвақт ба сари кор менишаст, хона хилват буд. Шеърашро зуд менавишт ва навиштан ҳамон ба ҳамон оҳанге, ки вазн тақозо дорад, бо ҳаракати дасту сарҷунбонӣ ва ҳатто бо тамоми ҷисмаш алвонҷ хӯрда мехонд. Ҳоло ки китобашро варақ мегардонаму шеъри «Дарёи кӯҳӣ»-ро мебинам, чӣ тариқ дастҳояшро баланду паст карда, мисли мавҷ бо тамоми андомаш хамидаю боло шуда, хонданҳояш пеши назарм меояд. Мегуфт, бубин, дарёю мавҷҳояшро чӣ гуна тасвир кардаам ва мехонду худаш ҳам кайф мекарду мавҷ мерафт. Аҷаб манзараи шоирона буд.

*Дарё зи кӯҳ ҷорист,*
*Соида санг ба санг.*
*Мавҷаш ба домани кӯҳ*
*Ҷангида чанг бар чанг.*
*...Пасту баланд гардад*
*Бо сад ҳазор оҳанг.*
*Гаҳ рому гоҳ ваҳшист*
*Чун барра, гоҳ чун ранг.*
*Тақдири одамизод*
*Чун рӯди кӯҳсор аст.*
*Шӯре, ки дар дили мост,*
*Пайғоми навбаҳор аст...*

Шеъри шоири ғиной таҷаллии шахсияти ӯст. Дар гуфтани шеър маҳорат метавон андӯхт, ҳунарро ба такомул метавон расонд, аммо агар шахсият нест ё шахсият ночиз аст, шоир ҳамон навъ аст, на зиёд, на кам, ин чиз дигар азалист, чора надорад, бо шахсияти паст шоири воло шудан ғайри имкон аст, шоирии ҳар кас баробари шахсияти ӯст.

Ҳабибулло шахсияти нотакроре буд, номонанд ба ҳеҷ касе, як олами пур аз шӯру ғалаён, ҳиссиёт, ҳаракат, шавқу завқ, агар меомад бо худ як кӯчаро пур карда меомад, ҳатто тарзи роҳгардиаш – дастҳояшро алвонҷ дода, васеъ-васеъ қадам монда омаданаш ба худаш хос, аломати дили бузургу пурҷӯшу хурӯш ва кӯдакона софу беғаши ӯ буд. Ҳамчунонки худ мегуфт:

*Мо тифли навомӯхтем*

*Бо шеваи рафтори худ.*
*Шаб роҳи худ афрӯхтем*
*Бо сӯзи оташбори худ.*
*Бахту таваккал гуфтаем,*
*Бо расми ҳарчи бод, бод.*
*Гаҳ суфта, гаҳ носуфтаем,*
*Носуфтагиҳо зинда бод!*
*Дил дар кафи дастони мо,*
*Ҷоми пур аз эҳсосу меҳр.*
*Ғунҷида дар чашмони мо*
*Бо ин бузургиҳо сипеҳр.*
(«Носуфтагиҳо зинда бод!»)

Ҳақиқат дар нӯги забонаш буд, онро ҳамеша хоҳ саратон кафаду хоҳ дандонатон шиканад, бе ҳеҷ истиҳола, бе рӯю риё мегуфт ва ба баъзеҳо, ки ба он одат накардаанд, таҳаммул душвор меомад.

Ҳамчунонки Соиб мегӯяд:

*Гуфтори рост боиси озор мешавад,*
*Чун ҳарфи ҳақ баланд шавад, дор мешавад.*

Аммо сухани рост зеби мардон аст. Ин тақсири на гӯянда, балки онҳое буд, ки сухани ҳақро таҳаммул карда наметавонистанд, вале ба ҳар ҳол аз забони ростгӯяш гоҳо ноҳинҷорӣ мекашид, ки дар баъзе шеърҳояш ба он ишора карда аст:

*Дили бедори ман акнун*
*Намояд имтиҳони ман.*
*Маро дил боз бардорад,*
*Гар афтонад забони ман.*
(«Достони дил»)

Шоири ғиноӣ асосан аз шахс ва зиндагии худ сухан мегӯяд, вале дигарон ба ӯ ҳамдил мешаванд. Сирри ин дар чист? Оё фақат дар шахсияти шоир аст, ки хонанда дӯст медорад ва ё дар иштиёқи ҳар чӣ бештар донистани он мебошад, ё хонанда ҳам дар ҳолатҳои отифӣ он лаҳзаҳоро аз сар гузаронида, азбаски забони шоирона надорад, ба умқи он рафта, ифода карда наметавонад ва бинобар ин, вақте ки онро аз забони шоир мешунавад, дар дилаш ҷой медиҳад. Ҳар чӣ ҳам бошад, ин сир, ин ҷозиба дар шахсият ва шеъри Ҳабибулло ҳаст, ки касро ба худ мекашад.

*Бедордилему сарбаландем,*
*Аз ҷодаи хештан нагардем.*
*Муҳтоҷ ба некиҳои(?) мардум,*
*Бар ҳеҷ касе бадӣ накардем.*
(«Дилам дарёст»)

Бедордилӣ, сарбаландӣ, дардошноӣ ва некхоҳию накӯкорӣ аз сифатҳои азалии шахсияти Ҳабибулло буданд, ин буд, ки шеъри ӯ ба дилҳо роҳ ёфт ва монд. Ман ин байтро аз забони ӯ бисёрҳо мешунидам:

*Сад бор бадӣ кардию шарми ту наёмад,*
*Некӣ чӣ бадӣ дошт, ки як бор накардӣ?*

Ва ҳоло дармеёбам, ки ӯ онро маҳз бо тақозои табиати некхоҳаш беихтиёр такрор ба такрор ба забон меовардааст.

Ман талқини некиро на танҳо дар ҳамон ашъори ӯ, ки мавзӯю мундарича, муҳтавояш некист, мебинам, балки онро дар нигоҳи некхоҳонаи ӯ ба тамоми мавҷудоти олами атроф дармеёбам, ки ин муҳимтар аст, зеро ҳолати ҳамешагии шоирро ифода мекунад. Бубинед, дар ин ду банд ӯ бо чӣ нигоҳи гарми некхоҳонае ба дунё менигарад:

*Боз дар гӯшаи порисаи боми падарӣ,*
*Лола мерӯяду қумрӣ ба наво меояд.*

*Лона монанд зи нав достакони сафарӣ,*
*Иди Наврӯз ҳама хонаи мо меоянд.*
*Амаки ҷуфтгарам ҷуфт кунад ҳотаи хеш,*
*Бачагон гашта савори чапари молаи ӯ.*
*Абри боранда бирез оби бақо бар сари кишт,*
*То ки афзун бишавад ҳосили имсолаи ӯ.*
(«Иди Наврӯз»)

Дар ин ҷо боз ду калимаест, пориса ва чапар, ки ман то ин шеъри Ҳабибулло, ки солҳои 70-и асри гузашта навишта шудааст, дар ҳеҷ шеъре дучор наомадаам, яъне инҳо аз тозаистифодаҳои ӯ ҳастанд. Пориса калимаи зебоест, ки аз шеваи Кӯлоб омада, дар луғати забони адабии тоҷикӣ нест, вале бо ин зебоии сохт ва савту садо комилан ҳаққи умумитоҷикию адабишавӣ дорад ва чапар, ки дар луғатҳо бошад ҳам, истифодаашро дар шеъри ҳамасрон надидаам, бо меҳри гарми шоирона фаро гирифта шудааст.

Ҳабибулло, ки худ деҳотӣ буд, аз муҳити тару тоза ва саҳари шабнамхӯрдаи он шеър меҷуст ва суханҳоеро ҳам пайдо мекард, ки таровати бомдоди баҳории онро доштанд. Танҳо дар олами дастнахӯрда ва дилрабои деҳ боронро шабеҳи кокулони майдабоф ва баргҳои сияҳгӯшро, чун зулфони бирешимии духтаракон дидан мумкин аст, албатта, ба шарте ки назари шоирона дошта бошед.

*Бар кокулони борон*
*Чун бод шона мезад*
*Ҳар қатраи фитода*
*Чангу чағона мезад.*
*... Аз зери тарма хомӯш,*
*Сар мекашид вешим,*
*Партофта сияҳгӯш*
*Зулфони чун бирешим.*
*Бо қомати камонӣ,*
*Рангинкамон чу бархост,*
*Дил гуфт зиндагонӣ*
*Дидори орзуҳост...*
(«Дидори орзуҳо»)

Дар ин ҷо зебоии дигар ҳам ҳаст, ки ҳаваси ҳар шоирро меорад, ин ба хидмати қофия омадани калимаҳои вешим ва бирешим аст, ки инро ҳам ман дар шеъри садаи гузаштаамон пеш аз ин шеъри Ҳабибулло дар ҳеҷ шеъре надидаам ва шуаро медонанд, ки қофияи тоза ба шеър то чӣ андоза тароват мебахшад ва онро хотирмон менамояд.

Вожаи зебои вешим ҳам, ки дар лаҳҷаҳо ҳасту дар луғати забони адабӣ нест, аз тоза истифодаҳои шоир мебошад.

Дар шеър зебоиҳои бисёри аёну ноаён ҳастанд, ки онҳоро танҳо бо назари борикбин ва завқи нозук мешавад дарёфт, истифодаи калимаҳои тоза, сохтани қофияҳои нав аз ҷумлаи онҳост. Ин ба замми гуфтани маъно ва кашидани тасвири тоза ва дилфиреб, ки Ҳабибулло дар шеърҳояш дорад, ҳамчунонки дар ин шеъри кӯтоҳи манзаравӣ зебост:

*Дар пардаи абри осмонӣ*
*Чун қатра ситора медурахшад.*
*Гӯё ки миёни дуди тира*
*Як пора шарора медурахшад.*
*Аксаш ба даруни чашмасорон*
*Дар оинапора медурахшад.*
*Чун дидаи интизори ошиқ*
*Дар роҳи назора медурахшад.*

Охири солҳои ҳафтодум буд, ки Ҳабибулло мошин харид. Жигулии зард. Мошинронӣ омӯхту ҳуҷҷати ронандагӣ гирифт. Нисфирӯзие омад, ки биё, ресторани ноҳияи Варзоб пешинхӯрӣ меравем. Рафтем. Дар роҳ мошинро босуръат меронд. Ман хаёл мекардам, ки хеле маҳорат андӯхтааст. Дар назди ресторани Варзоб, дар канори роҳ пеши мошинро рӯ ба рӯ ба як дарахте монд ва вақте ки бармегаштем, онро бояд аввал ба қафо дода, баъд ба роҳ рост мекард. Зеро пеши мошин ба дарахт хеле наздик буд, вале ҳамин ки ӯ суръатафзори мошинро ба кор меандохт, мошин пеш мерафту қафо не. Ду-се бор ин тавр кард, ки мошин ба дарахт батамом ҷафс шуд, бори дигар агар ин корашро такрор мекард, мошин ҳатман пачақ мешуд. Маълум буд, ки ӯ суръатафзори мошинро барои ҳаракати қафо ба кор андохта наметавонист. Дукаса ба ин аҳвол механдидем, оқибат Ҳабибулло аз шиддати ҳаяҷон ба обу арақ ғӯтиду аз мошин фуромада, назди милитсионере, ки дар сари роҳ меистод, рафта хоҳиш кард, ки мошинро ба роҳ рост карда диҳад.

Ман дар даруни мошин менишастам ва Ҳабибулло ба оинаи пеш ва қафои мошин ҳарфи «У» навишта часпонда монда буд, ки маънояш учебный, яъне мошини таълимист, маъмулан бо ин гуна нишона мошинҳои мактабҳои ронандагӣ мегаштанд ва дар паҳлуи шогирд муаллим менишаст. Ҳабибулло ин корро барои он карда буд, ки ҳоло ронандаи навёдгир аст ва дигар ронандаҳо аз ӯ эҳтиёт шаванд. Милитсионер, ки аз ин огоҳ набуд, ба тарафи мошин нигоҳ карда, гумон кард, ки ман бояд муаллими ронандагӣ бошам ва гуфт, ки ба муаллимат гӯй, ки мошинро ба роҳ барорад.

Ҳабибулло ба милитсионер чизе гуфт, ки ӯ бовар накарда, ба назди мошин омаду ба ман гуфт, ки охир шогирдат, ки мошинро қафо ронда наметавонад, худат ба роҳ рост карда диҳӣ, намешавад? Ман ҳам сир бой надода, гуфтам, ки ман ба ӯ ёд додаам, акнун худаш бояд кунад, ҳол он ки он вақт ман мошинрониро наметавонистам, баъд милитсионер асли масъаларо фаҳмиду мошинро ба роҳ рост карда дод. Акнун ман медонистам, ки Ҳабибулло то чӣ андоза дар рондани мошин «устост» ва дар роҳи баргашт ҳам суръатро ба навад – сад км дар соат, ки мебардошт, ман дар паҳлуяш нишаста якзайл калимаи шаҳодатамро мегардондаму ӯ механдид.

Хуб, дигар чӣ ҳам мекардам, ронанда дӯстам, Ҳабибулло, шоир буд ва мошини шоир на аз рӯи суръатгири яку дую сею чор, балки аз рӯи суръати баландпарвози шоирона мерафт.

Ӯ ҳамеша шитоб дошт, бо суръати олии шоирона мезист, гӯё ҳис мекард, ки дар тӯли сию панҷ соли умри ҷавонӣ роҳи ҳафтод – ҳаштодсолаи заминӣ ва абадиятро бояд бипаймояд. Дар шеъраш ҳама аз парвоз, суръати олӣ, шитобу ҳаракат, ҷӯшу хурӯш сухан мегуфт. Бубинед, дар шеъри «Фаввора» ин ҷӯшу хурӯшро дар ҳамон солҳои ҳафтоди асри гузашта чӣ тару тоза ва зебо ба тасвир гирифтааст.

*Фаввора аз дили санг*
*Ҷӯшад нафас кашида,*
*Бар осмон чу тӯсе*
*Қад ба ҳавас кашида.*
*Хуршеди бомдодон*
*Кокулфишон дурахшад,*
*Андар танаш чу атлас*
*Тиру камон дурахшад.*
*... Монандаи сафедор*
*Қад рост мекунад об.*
*Аз ошён чу кафтар*
*Парвоз мекунад об.*
*Об аз гулӯи санге*
*Чун аз қафас раҳида,*
*Бо ҳар паридани он*
*Дунё нафас кашида.*

Вақте 8 июни соли 1980 хабари ҷонсӯзи дар тасодуми автомобилӣ ҳалок шудани Ҳабибулло ба Иттифоқи нависандагон расид, ман бо як гурӯҳ дӯстонаш барои дафни ӯ ба Ховалинг омадам. Наъши ӯро зери як дарахти азиме гузошта буданд, хешовандон ва занони деҳ дар сари тобуташ навҳагарии дилхунуккунандае доштанд, ки тоқати таҳаммулаш набуд, дидаҳо ҷӯйбори хун буданд. Онҳо ба наъши шоири худ, ки марги муфоҷояш рабуда буд, ҳамчун ба сари фарзанди азизи хеш бо ҷонгудозтарин суханҳо ва марсияҳои халқӣ ноларезӣ мекарданд ва ҳамчунонки худи Ҳабибулло ҳам дар ҳаққи пиразанҳои деҳааш гуфтааст, онҳо он рӯз «саровози фиғону мотам» буданд.

Ҳар шоири асиле паямбари сарнавишти хеш аст, ӯ бисёр вақт нохудогоҳ аз фарҷоми хеш сухан мегӯяд, ки касро ба таҳайюр мегузорад. Ҳабибулло ҳам дар яке аз шеърҳояш гуфта буд:

*Дар нимароҳи зиндагӣ*
*Ногаҳ агар ояд дучор,*
*Мардона чун сарбозҳо*
*Ман маргро гирам канор.*
*Ман монаму шабҳои тор*
*Бо нақшаи фардои ман,*
*Шеъри сафедам ёр шав*
*Бо қисмати танҳои ман.*
(«Оям ба истиқболи ту»)

Он рӯз ки дами вопасинаш расида буд, ӯ воқиан сари фармони мошин дар нимароҳи сафар ва зиндагӣ буд ва воқеан ҳам шеъраш ёру ҳамсафари қисмати ӯ гардид, ки давоми роҳи ӯро тай карда, ӯро ба олами абадият бирасонид...

Мо ӯро дар қабристони ғарибонаи деҳ ба хок супоридем. Он рӯз дар хотири ман ҷовидона доғи хешро гузошт. Ва вақте ки ман баъд аз 8 – 9 сол дар канори Баҳри Сиёҳ дар Абхазистон дар Хонаи эҷодиёти нависандагон дар Питсунда дар сари навиштани боби «Навҳаи модар» («Талбаки талбидаам») аз «Достони нону имон», ки ба Талбак Лолаеви данғарагӣ бахшида шудааст, ки ҳангоми аз сӯхтор наҷот додани гандумзори колхоз сӯхта ҳалок гашта буд, фикр мекардам ва зарбу оҳанги онро меҷустам, ҳамон навҳагарии занони деҳ ба болои наъши Ҳабибулло ба ёдам расид ва дар асоси ҳолу ҳавои он боб қарор гирифт.

... Ман ба марги Ҳабибулло дар он боб нола кардаам...

Аз Ҳабибуллои сиюпанҷсола чаҳор писараки дӯстрӯ, ки ӯ онҳоро дар олам аз ҳама бештар дӯст медошт, монд ва онҳо номбардори падари равоншод гашта, ба ифтихори панҷоҳсолагии падар дар маркази Ховалинг нимпайкараи зебои ӯро гузоштанд, куллиёташро ба нашр расонданд, модараш – Сафияхонумро, ки меҳрубону вафодори падарашон буду монд ва онҳоро бо нони ҳалоли омӯзгорӣ ба камол расонд, азизу гиромӣ доштанду медоранд.

Ман ба Ҳабибулло Файзулло ду нав руҷӯъ мекунам, гоҳо аввал шеъри ӯро мехонам ва назири тасвир ва воқеияти онро дар олами атрофам мебинам, яъне аз шеъри ӯ ба олам менигарам ва гоҳи дигар манзара ва ҳодисаеро дар дунё дида, аз он ба шеъри ӯ рӯ меорам. Ва дар ҳар ду ҳолат ҳам ҳақиқат, ҳақиқати зебои шоиронаро дармеёбам, зеро ҳам олам дар шеъри ӯ шоирона зебо ба қалам меояд ва ҳам шеъри ӯ ба монанди як ҷузъи ин олам ҳастии зебост. Ҳоло ки баҳорон аст, қариб ҳар рӯз борони тароватбахш меборад ва баъди ҳар борон на танҳо мо, балки тамоми табиат нафаси тозае мекашад ва ин ҳангом ман аз баҳору борон ба шеъри Ҳабибулло андар меравам, ки онро барои тамоми фаслҳо ва дилҳо ҷовидона тозаву атрогин ба қалам кашидааст:

*Чу ҳавои баъди борон*
*Дили беғубор дорам.*
*Бо ҷаҳони орзуҳо*
*Ҳама дам баҳор дорам.*

*Ба мисоли барқ рахшам,*
*Дили абрҳо фурӯзам,*
*Ки садои раъд хезад*
*Зи шарори синасӯзам.*

*...Гузарон баҳор бошад*
*Чу насими бомдодӣ,*
*Гузарад чу ошное,*
*Ки ба раҳ салом додӣ.*

*Фақат аз баҳор аксе,*
*Ки ба ёдгор монад,*
*Чу ҳавои баъди борон*
*Дили беғубор монад.*
(«Ёдгоре аз баҳор»)

**Урдубиҳишт (майи) соли 2003**

# ШОИРЕ МОДАРЗОД[12]

Шеъри имрӯзаи мо бо нафаси Шоири Халқии Тоҷикистон Ҳақназар Ғоиб гарм аст. Ӯ тақрибан 20 - 25 сол қабл дар яке аз ғазалҳояш гуфта буд:

*Ранҷидан аз дили мо, эй ҷон киро надорад,*
*Ин тифли шӯху саркаш ақли расо надорад.*
*... Дар пеши ту хамӯшӣ беҳтар зи розгӯист,*
*Оҳанги мурдани гул охир садо надорад.*

Ин ғазал то имрӯз дар забони мардум аст ва агар гӯем, ки устод Одина Ҳошим онро дар тамоми муҳити ҷаҳонии забони тоҷикию форсӣ интишор дод, хато нахоҳем кард. Шеъре, ки 25 - 30 сол дар байни мардум зинда бошад, имон дорам, ки садсолаҳо ҳам зинда хоҳад буд.

Шоире, чун Ҳақназар, модарзод аст. Ҳақназар бо як диди хос ба дунё омада, ҳамроҳи сабзазорон қад кашида, ҳамроҳи обҳои ҷӯйборон ҷорӣ гашта, ҳамроҳи шохаҳои сабзи дарахтон сар афрохта, сухан офарида, ки танҳо шоири худодод метавонад чунин бошад.

Ҳақназар ҳақиқатан ҳам шоири асил аст ва сурудаҳояш дар забони мардум ва ҳофизони мумтоз аст ва аз ҳама муҳимаш, дар забони онҳоест, ки шеърро хуб мешиносанд.

Шеъри ӯ ҷанбаи халқӣ дорад, вале халқият танҳо ба ҳавои шеърҳои халқӣ сухан гуфтан нест, моҳияти халқият дар он аст, ки муҳимтарин, мураккабтарин ва асилтарин мавзӯъҳои ҷомеаро ба миён гузорад, вагарна дар ҳавои дубайтиҳо, рубоиҳо ва ё таронаҳои халқӣ шеър гуфтан чандон душвор нест, агарчӣ хуб гуфтанаш ҳам чандон осон нест. Вале, ба ҳар ҳол, халқият дар мухтаво, дар диди амиқ зоҳир мешавад. Вақте ки мо аз ин дидгоҳ ба эҷодиёти Ҳақназар менигарем, дармеёбем, ки шоир камол дидааст. Боз чанд байте ба хотирам расид, ки онҳоро низ устод Одина Ҳошим мехонд:

*Ашке, ки рехт дар бағал аз чашми обияш,*
*Аз чеҳраҳои хуррами ёрон чи кобияш?*
*Аз як баҳори гул биравӣ то дигар баҳор,*
*Аммо гуле, ки додаӣ оё биёбиаш?*
*...Дарё мудом нест лаболаб зи ҷӯшҳо,*
*Тӯфони ӯст ҳасрати рӯзи камобияш...*
*Пайдо шавад гумшудаҳо шояд аз раҳе,*
*Одам, ки рафт, меравад, дигар наёбиаш.*

Вақте ки маҷмуаҳои ашъори Ҳақназарро варақ мезанам, мебинам, ки онҳо аз назари мухтаво ва ҳунар аз китобе ба китобе муҳимтару амиқтар мешаванд ва ин аломати он аст, ки эҷодкор дар нуқтае, ки имрӯз расидааст, фурӯ нахоҳад монд. Ӯ фардо ҳатман фаротар хоҳад рафт.

Манзумаҳое, ки Ҳақназар солҳои охир навиштааст «Нуре аз Ҳамадон», «Ҳасрати Фирдавсӣ», «Дардномае ба миллат», «Сурӯши Хатлон», «Ашки офтоб» ва ҳам силсилаи дигари шеърҳояш, мухтавои муҳим ва пурбор доранд. Ва махсусан, китобҳои солҳои охираш «Сурӯши Хатлон» ва «Ашки офтоб» мавзӯъҳоеро дар бар гирифтаанд, ки дар онҳо сарнавишти мардуми тоҷик ва умуман инсон дар ин ҷаҳони пур аз такопӯ, дар ин ҷаҳони муборизаи тунду тези

[12] Ҳарфе, ки бадоҳатан дар маҳфили эҷодии Ҳақназар Ғойиб гуфта, аз навор сабт шудааст

қувваҳои неку бад ба андеша гирифта, бо забони шоирона баён мешаванд. Ҳар андеша, ки шоирона гуфта шавад, шеър аст, ҷойи шеър бошад дар дили мардум аст.

**Соли 2000**

## СУХАНЕ ДАР МАҲФИЛЕ

**(Камол Насрулло)**

Маро аз ин маҳфили хос, ки аз шоирону нависандагон, адибон ва асилтарин мухлисони шеъру сухан ба ҳам омадааст, хуш меояд, зеро чунонки мегӯянд: дусад марди ҷангӣ беҳ аз сад ҳазор. Таассуфи ман танҳо аз он аст, ки то ҳарфи банда маърӯза ҳам шуду чанд нафар сухан ҳам гуфтанд ва ҳоло фурсати каме дар ихтиёр мондааст. Бинобар ин ишоратан ба ёд меорам, ки ман дар бораи эҷодиёти Камол Насрулло ҳанӯз солҳои ҳафтоди асри гузашта, дақиқтараш соли 1976 ба муносибати машварати адибони ҷавон, ки Иттифоқи нависандагони мамлакат баргузор карда ва Камол Насрулло яке аз иштирокчиёни он буд, дар мақолаи «Шоирӣ касб не, шоирӣ – қисмат», ки аз ашъори се нафар иштирокчиёни он машварат суҳбат мекард, андешаҳоямро баён карда будам. Он вақт ман ҳам ҷавон будаму Камол аз ман ҳам ҷавонтар ва шояд он мақола аввалин нақде буд, ки дар он аз хусуси ашъори шоири ҷавон сухан мерафт. Ва ҳоло ба ёдам мерасад, ки ман дар баробари чанд хусусияти муҳими шеърҳои ӯ, аз ҷумла, назар ва домани фарохи андешаву мавзӯъ, масъулиятшиносии иҷтимоӣ ва эҳсоси гарми ватандӯстонаро махсус қайд карда будам ва ҳоло мебинам, ки дар тӯли ин солҳо ин хусусиятҳо дар эҷодиёти ӯ аз сифатҳои муҳимтарин гашта, чеҳраи эҷодии ӯро мушаххас менамоянд. Пас аз ин бармеояд, ки шоир аз ҷавонӣ дар роҳи дурусти эҷодӣ буд, ки фитрати ӯ тақозо мекард, яъне ӯ зуд дар чӣ будани рисолати шоирии худро дарк карда буд.

Ҳоло дар ин ҷо мехоҳам бар ин нукта таъкид кунам, ки на танҳо дар даврони мо, балки 150 - 200 сол қабл аз ин ҳам барои шоир шудан танҳо истеъдод доштан кофӣ набуд, агар он истеъдод мавқеи фаъоли иҷтимоӣ, шаҳрвандиро бо худ надошта бошад. Бинобар ин, замони мо, ки даврони бархӯрдҳои шадиди масоили иҷтимоӣ буда, барои таъмини адолати иҷтимоӣ мубориза мекунад, шоирро водор менамояд, ки дар баробари дар осори худ инъикос кардани андешаву эҳсосоти шахсӣ аз ифодаи таассуроти олами воқеъ, доғтарин масоили иҷтимоии замон дар канор наистода, мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ дошта бошад. Бе ташреҳ ҳам возеҳ бояд бошад, ки мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ доштани шоир ҳаргиз ба маънои дар масоили иҷтимоӣ шиор задан набуда, дар асоси таҷрибаи шахсии зиндагии хеш маърифат кардани олами воқеъ ва баён намудани муносибати хеш ба он мебошад, ки ҳар шоири замон бо он рӯ ба рӯст.

Муҳимтарин сифате, ки Камол Насруллоро ҳамчун шоир муаррифӣ менамояд, ҳамин сарфурӯбурдагӣ дар масоили иҷтимоии замон ва мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ доштани ӯ мебошад. Аз ин ҷост, ки марҳалаи ноором, буҳрони сиёсӣ ва муқовимати шаҳрвандӣ, ки дар кишвари мо ҷой дошта, моро то ҷанги шаҳрвандӣ расонд, мавзӯи як қисмати бузурги ашъори шоир гаштааст:

*Шабҳои сарди меҳан аз ҳоли мо кӣ пурсад,*
*Фанҳои мо ҳама фан аз ҳоли мо кӣ пурсад?!*
*Умраш ба зери каш шуд, охир аробакаш шуд*
*Он Рустами таҳамтан, аз ҳоли мо кӣ пурсад?!*

Ҳикмати асил маҳсули таҷриба ва маърифати шахсии фард аз олами ҳодис мебошад, ки дар шеър ба воситаи сувари хаёл ифодаи бадеии худро меёбад. Он метавонад ба воситаҳои гуногун сурати баён гирад, масалан, ба воситаи хурд карда нишон додани як чизи бузург ва ё баръакс, бузург карда нишон додани чизи хурд зуҳур кунад, ки ин ҳунар худ, ҳамчунонки донишмандони шеър низ қайд кардаанд, яке аз шеваҳои асосии шоирист. Масалан, мо дар шеъри «Монандӣ»-и Камол Насрулло намунаи хуби ин ҳунарро мебинем, ки зимни бузург карда нишон додани «малахе зору хароб» ҳикматеро низ бозгӯ мекунад, ки на ҳамеша зоҳири барҷаставу бузург далели бузургии аслу моҳият аст:

*Чашми ӯ дидаи(чашми-беҳтар аст, –А.Ҳ.)фил,*
*Гарданаш гардани гов,*
*Синааш синаи шер,*
*Пойи ӯ пойи шутурмурғ,*
*Параш боли уқоб.*
*Лек не фил,*
*на гов асту на шеру*
*на шутурмурғу уқоб…*
*Малах аст ӯ, малахе зору хароб.*

Ишқ мавзӯи ҷовидон ва умумист, аммо он барои ҳар шоири ишқиясаро, ҳамчунонки барои ҳар ошиқ аст, тоза ва шахсист ва аз ин ҷост, ки кӯҳнашавӣ надорад. Агар назар тоза бошад, воситаҳои тасвираш ҳам тозагӣ пайдо хоҳанд кард. Бубинед, дар ин шеъри «Пирӣ» он бо чӣ гуна маҷозҳои тоза ва дилнишин ифодаи наву нотакрори худро ёфтааст:

*Чу мебинам кабӯтарҳои чашмат*
*Ба ғайр аз оҳ як тире надорам.*

Ҳоло мехоҳам дар бораи алоқаи бевостаи саломати ҷисми шоир бо рӯҳи ӯ як-ду сухан гӯям. Ҳамчунонки мегӯянд, ҷисми солим асоси рӯҳи солим аст. Боре ман дар толори варзишгоҳи канори кӯли шаҳр дидам, ки устоде гурӯҳи ҷавононро машқ медод. Пурсидам, ки ин чӣ машқест, ҷавоб дод, ки тайэквондо. Гуфтам, ба ман ин машқ хуш омад, маро ҳам машқ медиҳӣ? Гуфт, шӯхӣ мекунед, гуфтам, на. Гуфт, агар ин тавр бошад, бо як шарик биёед, зеро дар ин ҷо ҳама бо шарик машқ мекунанд. Гуфтам, хуб, пас Камол Насруллоро, ки дар як бино, дар Иттифоқи нависандагон кор мекардем, ташвиқ кардам, розӣ шуд ва рафтем машқ кардан. Устод ба мо гуфт, ки ин гурӯҳ ҷавононанд, ҳар дуи шумо калонсолтаред, бинобар ин, ман ба шумо иҷозат медиҳам, ки ҳамаи машқҳоро ба пуррагӣ, мисли ин ҷавонон, иҷро накарда, аз рӯи имконатон ба ҷо оред. Аммо ману Камол ҳамаи машқҳоро монанди ҷавонон иҷро мекардем, дар давоми ду соат бе як лаҳзаи сустшавӣ ё дамгирӣ. Баъди машқ, агар либосамонро кашида меҷафидем, мисли он ки шуста бошед, об мерехт. Хуб, ҳамин тариқа чанд вақт машқ кардем. Бегоҳе, баъди машқ пиёда аз пиёдароҳи назди кӯл ба сӯи коргоҳамон, Иттифоқи нависандагон, меомадем, ки Камол аз ман пурсид: Акаи Аскар, ҳамин одамҳо хурд шудаанд ё дар назари ман ҳамин хел менамояд? Ман кайф карда хандидам ва гуфтам, ки офарини устодони варзиш, ки моро мӯрча гумон карда, пахш карда намегузаранд. Камол эътироз кард, ки ман ба Шумо ҷиддӣ мегӯям, Шумо гапро ба шӯхӣ мебаред…Чанд вақт аз ин суҳбат гузашту як рӯзи дигар Камол ба ман гуфт, ки шаб дар ҷашни арӯсие соқӣ будам. Ҷавони сархуше, ки базмро халалдор мекард, талаб кард, ки ба ӯ сухан диҳам. Надодам. Баъди чанде ду нафар шуда омаданду гуфтанд, ки берун бароем. Гуфтам, ки ду нафаред? Гуфтанд, ки на, як ба як мебароем. Гуфтам, ки на ба ин маъно мепурсам, ба ман ду нафар кам, мо

кайҳост, ки бо шарикам муҳориба бо се нафарро машқ мекунем, ман бо ду нафар овора намешавам… Мутаассифона, соҳибони тӯй бохабар шуданду ҳарби мо воқеъ нашуд. Гуфтам, Мулло Камол, мисли ин ки вақти бас кардани машқи мо расидааст, вагарна… Вале, хушбахтона, то ҳол касе аз мо ба ҷое шикоят набурдааст.

Ин ду қиссаро ба ҳар навъе, ки хоҳед, хоҳ шӯхӣ, хоҳ ҷиддӣ қабул кунед, аммо ман қайд кардан мехоҳам, ки рӯҳи шеъри Камол солим аст ва ин саломат ба саломати ҷисм ҳам беалоқа нест, ки ман ин ҳар дуро дар оянда ҳам ба дӯсти ҳамқалам ва ҳаммашқи худ бо тамоми дилу ҷон орзу дорам.

**Соли 2010**

## РАҚСИ БОЛОИ БОМ

**(Раҳмат Назрӣ)**

Ман ҳар маҷмӯаи ашъорро, ки мехонам, аз он ноогоҳона шеъреро меҷӯям, ки ба ман чандон хуш ояд, то ҳавас кунам, ки кош ин шеърро ман менавиштам. Ва чун онро пеши худ навишта мебинам, дучандон шод мешавам, ки шоири дигаре заҳмати эҷоди онро кашидааст, ҳарчанд агар ман онро менавиштам, албатта, ба сабку биниши худ менавиштам, вале боз хуштар аз он мешавам, ки он шоир онро ба шеваи худ гуфтааст. Яъне ман шеъреро дӯст дорам, ки навиштанашро ҳавас кунам, вале ҳамзамон он аз шеъре, ки ман агар дар он бора менавистам, фарқ дошта бошад, яъне ман дар ин ҳолат худро дар дигарон меҷӯям ва дигаронро дар худ дӯст медорам. Бо ин суханҳо мехоҳам бигӯям, ки ба ман дар олами шеър қабл аз ҳама гуногунрангии сабку бинишҳо, мазмуну муҳтаво, табу тобҳо, зарбу оҳангҳо, навъу намудҳо муҳим аст, зеро мехоҳам, ки шеър зиндагиро аз кӯчактарин зуҳуроташ то кайҳонитарин бузургиҳояш инъикос намояд.

Ман аз якрангию якнавохтӣ дилгирам ва гуногунрангиро на танҳо дар маҷмӯи шуаро, балки дар ҳар як шоир ҳам хосторам. Ман шоиреро дӯст дорам, ки дар эҷоди ҳар навъи шеър тавоно бошад, аз фарду дубайтӣ то маснавию манзума, аз ғазал то шеъри нимоию сафед, аз ашъори базмӣ то размӣ, аз ошиқона то иҷтимоӣ, аз орзупарварона то хирадмандона, аз шодмона то фоҷиавӣ, аз фахрия то танзу танқид, аз тасвирӣ то баёнӣ, хулласи калом, аз ҳама имконоте, ки шеъри қадиму муосир дар муҳтавою сабк дорад, ҳунармандона барои гуфтани шеъри дархури замон истифода карда тавонад.

Вақте аз ман хоҳиш шуд, ки ба ашъори барчидаи Раҳмат Назрӣ сарсухане нависам, маро андешае фаро гирифт, ки чӣ бояд бикунам, зеро ин сарсухани муқаррарие, ки ба ҳар китоби навбатӣ навишта мешавад, набояд мебуд, ҳарчанд ҳеҷ сарсухане, агар китоб муқаррарӣ набошад, набояд муқаррарӣ бошад, ҳол он ки ин сарсухани китобе бояд бошад, ки шоири хуб аз байни ҳамаи то имрӯз навиштаҳояш мунтахаб кардааст, яъне маҳсули беҳтарини зиндагии эҷодии то имрӯзаи ӯст.

Шоир ин мунтахабро то имрӯз дар тамоми умри шастсолааш навиштааст, вале ман ин сарсуханро дар чанд соат бояд бинависам. Бубин, тафовути раҳ аз куҷост то ба куҷо! Вале чизе ки маро иҷозаи ин кор медиҳад, он аст, ки ман аз аввалин шеърҳои Раҳмат Назрӣ то охирин шеърҳои имрӯзааш, ҳамаро ҳамеша пеши назар дорам, онҳоро мешиносам ва дар мавридҳои зарурӣ аз онҳо сухан ҳам гуфтаам. Ҳанӯз соли 1976 Раҳмат Назрӣ иштирокчии Машварати адибони ҷавон буд, ки Иттифоқи нависандагон ташкил карда буд ва ман ба ин муносибат дар бораи сурудаҳои нахустини се нафар шоири ҷавон, ки яке аз онҳо Раҳмат Назрӣ буд, бо номи

«Шоирӣ касб не, шоирӣ – қисмат» мақолае навишта, дар бораи бурду бохти шеърҳои ӯ андешаҳоямро баён карда будам. Он вақтҳо ман ҳам ҷавон будаму ӯ аз ман ҷавонтар, аммо бо вуҷуди ҷавонияш дар шеър ҷавони пухта ба назар меомад. Ҳоло ҳам ман бар ҳамин ақидаам, ки Раҳмат Назрӣ аз ҷавонияш дар сабку забон ва фанни шеър нисбат ба дигар ҳамсолонаш пештар пухта расида буд. Масалан, дар ҳамин мунтахаб шеъре бо номи «Лабчанг» ҳаст, ки соли 1968 эҷод шуда, яъне яке аз аввалин шеърҳои шоир мебошад, ки дар 17-солагиаш ба табъ расида, дар чопи имрӯзӣ хеле кам таҳрир хӯрда, асосан ҳамон аст, ки буд. Ҳоло ман онро ба хотири он ки на танҳо шеъри дилнишин аз ишқи поку беолоиши ҷавонист, балки ба замми он чанд хусусияти боризи ашъори баъдинаи шоирро низ дорост, пурра мисол меорам.

*Ҳар шом дар лаби рӯд лабчанг дар наво буд,*
*Бо мавҷи об мавҷи оҳанг ҳамсадо буд.*
*Ҳар шом ман ба наздат хомӯш менишастам,*
*Лабчанг мезадиву чун мавҷ мешикастам.*
*Метофт мавҷи дарё чун мӯи майдабофат,*
*Мемонд авҷи дарё бар дидагони софат.*
*Мехонд нарм-нармак лабчанг ишқи моро,*
*Мекард гарм-гармак садранг ишқи моро.*
*Лабчанг аз лабонат як шом дур гардид,*
*Оҳанги бӯсаи мо он шом ҷӯр гардид,*
*Бо ҳам ду мавҷи печон дар рӯди ошноӣ*
*Аз обу оташи дил гаштем рӯшноӣ...*
*Ҳар шом дар лаби рӯд лабчанг дар наво буд,*
*Дар дидаи муҳаббат оби равон раво буд,*
*Ишқи заминии мо сармаст дар ҳаво буд,*
*Дар ёд дорӣ оё, кай буд, дар куҷо буд?*

Ҳамчунонки мебинем, ин шеър бозгӯяндаи як ҳолати отифии фаромӯшношуданист, ки мухтаворо бо самимияту меҳрубонӣ, назокату зебоӣ, тару тозагӣ ифода карда, сабку забонаш балоғату фасоҳат дошта, вожаҳояш хушоҳангу хушсадоянд. Фақат дар мисраи охир дар иборaҳои «ёд дорӣ» ва «кай буд, дар куҷо» меъёри фасоҳат, ки паиҳам омадани ҳарфҳо дар айни ҳол «д»-ҳоро ҳусн намешуморад, сарфи назар кунем, дигар ҳамаи мисраъҳо дар айни балоғату фасоҳатанд.

Муҳимтар аз ҳама, албатта, ифодаи он ҳолати даргузари муҳаббати пок мебошад, ки бо тамоми дилпазирӣ, нотакрорияш дар ин мисраъҳо мондагор гаштааст. Изҳори он муҳаббат ҳолат, рӯҳия ва фазое дорад, ки махсуси ин шеър аст, шайъ-лабчанге, ки дар он ташхис гашта, ба сурати бадеӣ ва меҳвари шеър мубаддал шудааст, барои ифодаи зарбу оҳанги муҳаббат бисёр созгор омадааст. Биёед, ҳоло ба махсусиятҳои ин шеър меандешем. Он қофиябандии маснавӣ – аа, бб дорад, вале дар вазни дигар гуфта шудааст, ки маъмулан маснавиро ба он намегӯянд. Аммо вазни интихобшуда, ки оҳанги тараннумӣ дошта, аз такрори мафъӯлу фоилотун ба ҳам меояд, барои ифодаи ҳолат ва мухтаво, ки ангезаи муҳаббатро ба воситаи созу наво изҳор менамояд, бисёр муносиб мебошад. Ба байтҳои сеюм ва чорум таваҷҷуҳ кунед, мебинед, ки шоир иборaҳоро дар онҳо бо ҳам мувозию муқаффо меорад «метофт мавҷи дарё», «мемонд авҷи дарё», «мехонд нарм-нармак», «мекард гарм-гармак», «лабчанг ишқи маро», «садранг ишқи моро», ки ин хусусият дар тамоми давраҳои баъдинаи эҷодиёташ инкишоф меёбад. Ба ғайр аз ин, дар ин шеър ба назари ман чунин мерасад, ки вожаи «лабчанг» шояд ихтирои онвақтаи шоири ҷавон бошад, ки то он ман онро дар адабиёт вонахӯрда будам, ҳоло

ба фарҳанги забони муосири тоҷикӣ ворид шудааст, ки вожаи зебоест. Ин хусусият ҳам яъне вожасозӣ ва ё аз забони мардум ба забони шеъри худ ворид кардани калимаҳои лаҳҷа, ки шояд мавриди қабул ва истифодаи умум гарданд, то имрӯз дар саросари эҷодиёти шоир ҷой дорад.

Дигар аз муҳимтарин сифати эҷодиёти Раҳмат Назрӣ, ки аз ин шеър ибтидо мегирад, он аст, ки аксари шеърҳояш дар заминаи сурати шайъӣ эҷод мешаванд, яъне аксари шеърҳояш образ, сурати шайъие доранд, ки меҳвари онро ташкил медиҳанд. Ва аксари он суратҳо шайъӣ, яъне аз олами моддӣ, ҳастӣ мебошанд, ки бешубҳа барои гуфтани эҳсосу афкори гуногун корбаст гашта, заминаи воқеӣ, реалистии шеърро пурқувват намуда, ҳолат, фазо, муҳити хосро дар он ба вуҷуд меоваранд.

Аз эҷодиёти давраҳои дигари Раҳмат Назрӣ, масалан, шеърҳои «Зинда бош, эй гург!», «Гаҳворасанг», «Тути балхӣ», «Нӯлаи саг»-ро номбар кардан мумкин аст, ки дар ҳамин равия иншо шуда, хотирнишину мондагоранд. Ашё ва зуҳуроти олами моддӣ, ки беохиру гуногунанд, ба шоир имкон фароҳам меоваранд, ки доманаи мавзӯии тасвирашро фарох бигирад ва барои ифодаи муҳтавову нигориши сурат аз захираи фаровони луғат истифода карда, забонашро тоза ва ғанӣ гардонад. Шоир дар ин ҳолат ба ҷустуҷӯ ва истифодаи вожаҳое мепардозад, ки шайъро ҳар чӣ ба аслаш наздиктар тасвир карда, моҳияти бадеии онро нишон диҳад, ки яке аз талаботи бебаҳси маҳорати эҷодӣ дар ҳамин мебошад. Масалан, дар шеъри «Тути балхӣ» шоир ба воситаи ташхисонидани тути балхӣ аз он сурате месозад, ки ифодакунандаи меҳр ва парастории падар барои фарзандон мегардад. Аз як ҷиҳат, вожаву ибораҳое аз қабили «шохаҳои хам», «меваҳои тар», «сояи сабз», «решаи барканда», «дуди печида», «навдаи сабз» барои дар пеши назар муҷассам кардани сурати тут хидмат кунанд, аз ҷиҳати дигар, бори ифодаи маъно ва ҳиссиётро мекашанд, дар натиҷа сурати тут қобили ифодаи муҳтаво ва таассуроти амиқу фарохе гашта, ба рамзи бадеӣ мубаддал мешавад. Муҳтавову ашёст, ки шеърро пурбор менамояд.

Ҳоло банди аввал ва охири он иқтибос мешавад.

*Эй дарахти падарам,*
*Ёдгори сари сахти падарам,*
*Соябони сари ман,*
*Тути балхии бузург!*
*Шохаҳои хами дерини туро,*
*Меваҳои тари ширини туро*
*Оварам ёд,*
*Ба чашми тари ман*
*Медамад ашк ба талхии бузург.*

*…Эй буни қиблагаҳи ман, ту дигар*
*Дар ҳаво дар нигаҳи ман ту дигар*
*Навдаи сабзи худ афрохтаӣ.*
*Бар сари бепанаҳи ман ту дигар*
*Сояи дасти нигаҳбони падар*
*Аз қазову қадар андохтаӣ.*

Ин ду шеъре, ки мавриди назар қарор гирифт, «Лабчанг» дар шакли маснавӣ ва «Тути балхӣ» дар шакли нимоӣ гуфта шудааст ва дар ҳар ду ҳам шоир муваффақ аст, яъне Раҳмат Назрӣ ҳам дар эҷоди ашъори анвои суннатӣ ҳамчун маснавӣ, ғазал, рубоӣ, дубайтӣ ва ҳамчунин нимоиву чаҳорпораҳо дасти комил дорад. Ӯ махсусан, ба гуфтани чаҳорпораҳо

дилбастагӣ зоҳир менамояд ва сабаби ин, ба назари ман, бештар ба ҷанбаи воқеӣ, реалистӣ доштани сабки шоир вобастааст, зеро ин навъи шеър барои тасвир ва ифодаи муҳтавои объективӣ бештар созгорӣ мекунад, ки дар фазилати шоирии Раҳмат Назрӣ мавқеи таъйинкунанда дорад. Ин аз сифатҳои баргузидаи шеъри ҳамаи замону маконҳост, зеро дар арсаи эҷод чизе баландтар аз кашфи шеър дар воқеияти объективӣ, реалистии оламу одам наметавонад болотар ҷой бигирад. Аксари ашъори Раҳмат Назрӣ ба ҳамин усул эҷод шудаанд, ки «Чилчароғи умед», «Дар кӯи кӯдакӣ», «Хоки пок», «Офарин» аз ҷумлаи онҳоянд ва ҳар яки онҳо бо фазо, муҳит, шайъ ва таассуроте, ки маҳз аз дарки бадеии онҳо ба пайдо омадааст, ба рӯҳу равони кас таъсир гузошта, дар дил менишинад.

Таваҷҷуҳ кунед ба шеъри «Офарин», ки ҳамагӣ аз чаҳор банди чаҳормисраӣ иборат аст, вале мардумеро, ки сапедадамон аз ҳама барвақттар бархоста ба кор мебароянд ва роҳу кӯчаҳои моро об мезананду мерӯбанд, бо чӣ қадар меҳру самимият дар пеши назари мо муҷассам менамояд. Ва шоир шукру сипоси ононро, ки новобаста аз сахтии рӯзгори худ ба зиндагӣ доранд, бо чӣ суханони ҷаззоб «шукронаи нигаҳи озарин» ҷамъбасти олиҷанобе мекунад:

*Эй мардуми сапедадамон, офаринатон,*
*Аз нав ба роҳи рӯзи умед об мезанед.*
*Бо ин ҳама шикасти дили лахт-лахти хеш*
*Ҳаргиз дил аз ҷаҳони пурармон намеканед…*

*…Эй мардуми фигору низор, офаринатон,*
*Сад офаринатону ҳазор офаринатон!*
*Дар бомдоди сӯхта ҳатто ба сӯзи хеш*
*Шукрона мекунад нигаҳи озаринатон!*

Мутаассифона ман дар ин сарсухани мухтасар аз ҳамаи он шеърҳои хубе, ки дар дили ман нишастаанд, маҷоли сухан гуфтан надорам, дар ин ночорӣ илоҷи ягонаро дар он мебинам, ки дасти кам баъзе аз он шеърҳоро номбар кунам, ки шумо, хонандагони гиромӣ ба онҳо таваҷҷуҳ кунед ва олами шеъри ин шоири дӯстдоштаниро ҳамаҷонибаву амиқтар дарк намоед. Масалан, ин шеърҳо, ба назари ман, паҳлуҳои гуногуни ҷаҳони шеъри Раҳмат Назриро ба хонанда намудор карданашон мумкин аст: «Фоли соли мор», «Чилчароғи умед», «Дар кӯи кӯдакӣ», «Шаҳри дареғ», «Сояи андӯҳ», «Умед», «Ойинаи шикаста», «Хокистари сӯзон», «Алови алам» ва ғайра. Ин қадаре, ки номбар кардам, барои як китоб кам нест, ҳарчанд ин китоб мунтахаб ҳам бошад, зеро ва ғайрае, ки гуфтам аз он ки зикр кардам, боз бештарро дар назар дорад.

Намехоҳам аламҳои шоирро тоза кунам, аммо наметавонам аз ду шеъри бениҳоят дарднок ва пурсӯзу гудози ӯ, ки дар сӯги хоҳару додари равоншодаш гуфтаст, «Ойинаи шикаста» ва «Алови алам» ёд наорам, ки аз зумраи марсияҳои пургудоз аст. Ин ғам сангро об мекунад, ки аз он инсон бисозад ва воқеан рисолати шеър ин аст, ки ба ҳар васила, дар айни ҳол ба василаи ифодаи таассуроти ҷонфарсо сангро об бикунаду инсон бисозад.

Шеър на танҳо ба воситаи тасвиру ифодаи дард аз санг инсон ва аз инсон фаришта месозад, балки бо истифода аз ҳикояти сарнавишти онҳое, ки барои инсон сохтани инсон ҷон бохтаанд, судҷӯӣ менамояд, ки ғазали хеле маҳкам ва фоҷиабори «Шикасти фурӯғ» аз қисмати орифи аҳди қадим Шақиқи Балхӣ намунаи барҷастаи он мебошад. Ин ғазалест аз дарди ҳамешагии замонҳо – муборизаи разолат бо адолат, ки мутаассифона баъзан муваққатан ноҷавонмардона пирӯз ҳам мешавад, аммо дар назари аввал, ҳамчунонки гӯё кушандаҳои

Шақиқ бар ӯ пирӯз шуданд, аммо ҳаргиз ин тавр нест, зеро адолат, ростию покӣ ва одамизодагии Шақиқ бар душманонаш ҷовидона ғолиб омадааст. Байтҳоеро аз он иқтибос мекунем:

*Дигар як аст раҳи чапгарову ростгаро,*
*Уребашон гузарону фиребашон гузаро.*
*Нигоҳи хираашон тӯда-тӯда аз паи мол,*
*Хаёли ишкамашон пода-пода сӯи чаро.*
*Ба чашми гушна фурӯ мебаранд буду набуд,*
*Ҷаҳон ба дасти гадоӣ гирифтаанд фаро…*
*…Чакида ашки қалам дар чакомаи баду нек,*
*Чикидаанд сари мардумони дидадаро.*
*Ниҳодаанд ба раҳ одамигарӣ ба фурӯш,*
*Намехаранд ба як тин дигар турову маро.*

Чун сухан аз ғазал рафт, бояд қайд кунам, ки ҳоло дилбастагони гуфтани ғазал ниҳоят бисёр шудаанд, вале мутаассифона дар укёнуси ғазалҳое, ки навиштаанд, хеле кам мешавад марвориде ба даст овард, аммо хушбахтона ҳар бор, ки ба ғазалҳои Раҳмат Назрӣ дармеравӣ, бо гавҳаре берун меоӣ. Онҳо аксаран ба маъниҳои хос, бо суварнигории тоза, хушоҳангии калимоту иборахо, қофияҳои ғайричашмдошт хеле моҳирона гуфта шудаанд, ки «Ашки ситора», «Нур дар гӯр», «Фурӯғи ҷовид», «Оҳ, акнун…», «Раҳпоии раҳоӣ», «Нози ҳаво», «Хазон», «Қиём», «Сӯзи фурӯзон» аз ҷумлаи онҳоянд. Ин ғазалҳо махсуси сабки маҳз ҳамин шоиранд, зуд шинохта мешаванд, онҳоро бо ғазалҳои дигарон намешавад омехт. Бигирем ғазали «Фурӯғи ҷовид»-ро, ки бо чунин ҳусни матлаи зебою хушоҳанге оғоз мешавад:

*Нағз андар нағзи ман, эй ишқи рӯҳонӣ,*
*Мағз андар мағзи ман, эй сӯзи пинҳонӣ,*
*Орзуву ормони ҷовидони ман,*
*Эй ғаму шодии бепоёни инсонӣ!*

Ин ғазал баёне аз маънавияти ҳол дорад, ҳоле, ки шоир дар хамӯшиҳову ниёишҳои деринаш ба он расидааст ва он хонандаи дилогоҳро бо худ фаро гирифта, ӯро бо шоир ҳамдил месозад. Сухани он тару тоза, сабкаш дилнишин, оҳангаш оҳистаи рӯҳпарвар аст. Дар байти аввал дар чаҳор калима мавҷуд будани овозҳои «ағз» дар калимаҳои нағз ва мағз, ки дуборӣ такрор мешаванд, гӯшнавозии онро афзудааст, дилбастаи ин гуна хушоҳангиҳо будани шоир аз шеърҳои нахустинаш дар мисоли «Лабчанг» ба назар расида буд, ки дар ин ғазал низ мақоми худро дорад. Шефтагии шоир аз ҳамовозию хушоҳангии калимот на танҳо дар ғазалу рубоию дубайтӣ, ки аз анвои махсусан, зарифи шеъри классикӣ мебошанд, ба чашм мерасад, балки дар шеърҳои дар навъҳои тозаи замонӣ эҷод кардааш ҳам кам нест. Ҳоло ки сухан дар ин бора аст, мехоҳам онро дар ду банди шеъри чаҳорпорагияш, ки «Бути Вахш» ном дорад, низ нишон диҳам, то ин ақида комилан ба исбот бирасад:

*Бути поки Вахшо, бубахшо, бубахшо,*
*Ба чашм озарахшо, бубахшо, бубахшо,*
*Ки меҳри туро дар дили хеш куштам,*
*Ба тундар дурахшо, бубахшо, бубахшо!*

Ҳангоме ки ин мисраъҳоро мехонед аз такрори садоҳои «ахшо» ва «ш» мусиқии фораме ба гӯш танин меандозад, ки таъсири ҳолати шоир ва ифодаи таассуроти ӯро дилнишину амиқтар карда, барои зудтар қабули хотир ва гӯшнавоз сохтани шаклу мазмун хидмат мекунад. Ҳамоҳангии калимаҳои «нафас» ва «нафис»-ро ҳам бояд зикр кард. Шеъри хуб гоҳо аз ин қабил корҳо ҳам суд меҷӯяд, ки дар ин ҳолат шаклпарастӣ нест, зеро ба зебо ва хушоҳангтар гуфтани маъно мадад мекунад.

Дар мӯҳтавиёти эҷодиёти Раҳмат Назрӣ воқеаҳои фоҷиабарангези солҳои навадуми асри гузашта, ки ба ҷанги шаҳрвандӣ расонд ва умуман шикасти як сохти иҷтимоӣ ва гузаштан ба сохти дигари иҷтимоӣ таъсири амиқ гузошта, дар бисёр шеърҳояш мавриди таассурот, андеша ва ифодаву тасвир қарор гирифтааст. Ба ҳар фард ва махсусан, ба эҷодкор, ки дар як давраи дигари иҷтимоӣ ба камол расидааст, зуд қабул кардан ва андар рафтан бар моҳияти сохти дигари иҷтимоӣ сахт душвор аст ва боз махсусан, дар ҳолати дар кишвари мо рухдода, ки он бо хонабарандозию хунрезӣ пайваст. Бинобар ин аҷобате надорад, ки дар эҷодиёти шоирони ин давра ва, аз ҷумла Раҳмат Назрӣ ҳам оҳангҳои шиква ва норизоӣ, дарду ғусса, ноумедӣ аз оянда бештар ба гӯш мерасад, зеро он аз воқеияти давр бармеояд ва мухтавои эҷодиёти ин шоир, ки бештар бар воқеияти зиндагӣ асос дорад, онро инъикос накарда наметавонад. Шеърҳои «Чилчароғи умед», «Шаҳри дареғ», «Гарди мижгон», «Сояи андӯҳ», «Умед», «Нур дар гӯр» аз таъсири ин замони фоҷиабор эҷод шудаанд, ки ҷиҳатҳои гуногуни онро бо афсӯсу надомат, ҳиссиёти шадиди пурдард бо сурату оҳангҳои муносиб ифода кардаанд. Масалан, бар ин тасвири шаби тираву бимнок дар шеъри «Чилчароғи умед» биандешед, ки шоир онро бо ташбеҳу истиораҳои тоза чӣ гуна моҳирона суварнигорӣ менамояд. Дар ин тасвир худ ваҳшате ҷо дорад, ки дилу ҷони касро ба ҳарос меорад, яъне тасвир танҳо тасвир набуда, дар зимни худ ҳолат ва мазмуни замони муқовимату ҷанги бародаркуширо ифода менамояд, ки мухтавои шеър тақозо мекунад:

*Шом дар боми осмони сиёҳ*
*Мокиёни сафеди яккаи моҳ*
*Чида дони ситорагон бо нӯл*
*Як-як аз Каҳкашон чу аз таги коҳ.*
*Гурги бинои шаб варо хӯрда,*
*Гашта аз устухони ӯ шабкӯр.*
*Зӯза дорад шағоли дузди шамол*
*Сӯям аз ёдҳои тираи дур.*

*Бар сарам фоли шум афканда*
*Сояи боли буми бими шаб.*
*Кӯдакиям ҳанӯз мебинад*
*Рӯшаниро ба хоб ними шаб.*

Шоир дар он тирагиҳои замон дар хобу бедорияш рӯшноӣ меҷӯяд, на танҳо шоир, ки ҳамеша дар талаби нуру равшанист, балки ҳатто устухони «қавми фиребхӯрда» ва «қурбонии ношумурдаи озодӣ» ба ёди шӯълаи ҳуррият медурахшад, ки дар шеъри «Нур дар гӯр» ҳаст:

*Ҳарчанд ба рӯшноӣ аз торикӣ*
*Мондед раҳи набурдаи озодӣ,*
*Сутхони шумо ба гӯр нур афшонад*
*Бо ёди чароғи мурдаи озодӣ.*

Ё дар шеъри «Гарди мижгон» ҳамон рӯзгорро, ки дар «ҳалолиҳо ҳаромиҳо» дар «сафедиҳо сиёҳиҳо» нуҳуфтаву хуфта ва тортанҳо дар хонадонҳо тор метананд, ба дарду дареғ тасвир карда, дар охир ба ҳар ҳол ба умед аз кай расидани «парастуҳои ронда» сухан мегӯяд:

*Дар диёри офтобии ман имрӯз*
*Офтоби ноб танҳо пок монда.*
*Аз кадомин навбаҳорон кай расад боз*
*Муждаи сабзи парастуҳои ронда?!*

Дигар аз мавзӯъҳои дарднок нуқсони замони гузаштан ба иқтисоди бозор аст, ки шоир дар ҳар қадам бо он рӯ ба рӯ мешавад ва ҳоло ба сабаби ба як низоми муътадил ва одилона надаромадани он ранҷ мекашад ва он дар шеърҳояш акс меандозад. Воқеан, муносибати иқтисоди бозор бо соҳаи илму адаб ва фарҳанг мураккаб аст ва то замоне, ки ин муносибат ба созгорӣ намерасад, шикваи аҳли адаб аз иқтисоди бозор ҷой хоҳад дошт, ки комилан табиист, зеро эҷоди адабию бадеии асил на ҳамеша бозорист ва он чӣ ки бозорист на ҳамеша эҷоди адабии бадеии асил аст. Бинобар ин онҳое, ки дар ҷодаи эҷоди адабию бадеии асил ҳастанд, меъёри бозориро қабул надоранд, ки мухолифи табиати эҷодашон мебошад. Раҳмат Назрӣ ҳам аз ҷумлаи онҳост, аз ин ҷост, ки дар шеъри «Шаҳри дареғ» ба ғусса менависад:

*Ба сӯи гавҳари дуздии бозор*
*Дурахшад гавҳари чашми гадоӣ.*
*Аз ин пас шаҳриёру шаҳрвандаш*
*Наметарсанд аз хашми худоӣ.*

*Куҷо аз роҳи бозургонии ту*
*Гурезам ман тиҳипову тиҳидаст?*
*Ба ҳар кӯят равам, оям ба бозор,*
*Ба ҳар сӯят равам, оям ба бунбаст!*

Ё дар шеъри дигар «Оҳ, акнун…» аз ин ҳам дардноктар мегӯяд:

*Оҳ, акнун дар миёни кӯрбазми хандасор*
*Одамӣ мерақсад аз кафкӯбии бӯзинаҳо!*

Шоир замони носозгори зиндагиро ба даври хазон мушобеҳ мебинад ва дар ғазали «Сӯзи фурӯзон» онро ҳамчун шоми бемаҳтобу бимангез хеле воқеъбинонаву реалистӣ ва бо ҷузъиёте, ки ба мо шинос асту дар пеши назар муҷассам мешавад, тасвир мекунад.

Дар ин ғазал ҳама чиз нав аст, зеро дидаш, ки наву имрӯзист, вожаҳои наву имрӯзиро низ талаб карда, сабкашро низ, ки аз корбурди унсурҳои шакливу мазмунӣ ба ҳам меояд, тозагӣ бахшидааст. Дуруст аст, ки унсурҳои луғавӣ, яъне калимот аз такрори бисёр забонзаду дилбазан мешаванд ва шоироне, ки мехоҳанд суханашон тозагӣ дошта бошад, аз истифодаи онҳо парҳез карда, бештар ба вожаҳое рӯй меоранд, ки дар онҳо гарди кӯҳнагӣ нанишаста бошад. Аммо калимаҳо худ ба худ хеле ба нудрат наву кӯҳна мешаванд, онҳоро чӣ гуна кор бурдани шоир наву кӯҳна мекунад ва Раҳмат Назрӣ ба ҳамин ҳар ду сир – ҳам ба пайдо кардани вожагони камтар дастхӯрдаву дилбазан нагашта ва ҳам аз онҳо таъбирҳои тоза сохта, ба онҳо навию тароват бахшидан пай бурда, онҳоро устодона истифода мекунад. Дар ин ғазал, ки дардашу

дидаш имрӯзист, вожагону таъбирҳо низ тозаву имрӯзист, ки ғазалро нав мекунад, вагарна мавзӯи дард дар ғазал мавзӯи ҳазорсолааст. Бубинед, тасвир ба чӣ андоза воқеиву ашёвист, ифода пуртаъсиру тоза мебошад:

*Шоми бемаҳтобу торикии бимангез*
*Сояи токи хазон печида дар даҳлез.*
*Мерасад аз нолаи боди парешандеш*
*Нӯлаи дури саге ғамгинтар аз пойиз.*
*Бонги хушки пашшаи корез меорад*
*Бӯи намноки хасу хошок аз полез…*

Ва аз байни ҳамаи инҳо шоир мегӯяд, ки:

*Як пагоҳӣ бо нигоҳи зор хоҳам рафт*
*Пешвози офтоби рӯзи растохез!*

Ва ин мақтаи воқеан олист, зеро як ҷаҳон фоҷиаи шарҳдоданашавандаро дар як байт гунҷонидааст. Диққат кунед, махсусан, ба мисраи оличанобӣ охир «пешвози офтоби рӯзи растохез», ки бо чӣ тазоди дардноке гуфта шудааст. Кӣ ба пешвози растохез меравад? Охир инсонҳо аз ҳайбати он дар худ шох мешаванд, аммо дар сухани шоир боз умеде ҳам ҳаст, ки он офтоб аст ва ӯ дар ҳавлноктарин лаҳза ҳам бо нигоҳи зор ҳатто аз офтоби рӯзи растохез умеди зиндагӣ меҷӯяд, офтоб, ки рамзи зиндагӣ, рамзи ҳаёт аст. Ин аст шеър.

Вале бо ин ҳама дарду доғи иҷтимоӣ ва ба замми он шахсӣ – ба сактаи қалб дучор шудани шоир -- шеъри ӯ маҷмӯаи садои рӯшани зиндагист, ки касро то баҳорони дигар ба зистан даъват мекунад ва ӯ дар шеъри «Умед» мегӯяд:

*То баҳорон зинда бояд монд,*
*То баҳорон зист бояд, зист…*

Ва дар шеъри «Қиём», ки баъд аз сактаи қалб ба иншо расидааст, чунин мисраъҳои пурмуҳаббатеро мехонем, ки пирӯзии зиндагии шодро бар яъсу ноумедӣ талқин сохта, бар ифодаи ҳаётдӯстонаи шоир меафзоянд. Дигар даврони аз хушбахтӣ шиор задан гузаштааст, ин марҳила на танҳо дар зиндагӣ дар шеър ҳам кайҳо тай шуда, акнун замони он расидааст, ки дар шеър паёми хушбахтӣ, адолату озодӣ нуҳуфта бошад, ки аз тасвирҳои шеър ба чашм расаду аз каламоташ оҳанги он ба гӯш танин андозад ва бо мазмуни амиқу тозааш маънавиёти хизонаи дилро ғанитар гардонад. Ман ин иддаои худро дар ин чаҳор мисраи шоир мебинам, аз хоҳиши пурҳарорату самимонаи зиндагихоҳии ӯ ба ваҷд меоям ва бо тамоми ҷону дил мехоҳам, ки ҳамроҳи ӯ рақси болои бом кунам.

*Боз фардо давом хоҳам кард,*
*Зиндагиро салом хоҳам кард.*
*Сӯи хуршеди бомдодон шод*
*Рақси болои бом хоҳам кард.*

Соли 2011

## ДУХТАРАКЕ БО КУРТАИ ЧИТИ ҚАЛАМӢ

**(Шаҳрияи Адҳамзод)**

Ман ҳамин наздикӣ аз Эрон, аз мушоирае баргаштам, ки дар мақоми муаззами Раҳбарии Инқилоби Исломӣ баргузор шуда буд, ки дар он шоирони порсигӯи даъватшуда аз кишварҳои Афғонистону Ҳиндустону Тоҷикистон ва худи Эрон иштирок доштанд. Дар ин мушоира шоирон аз рӯи таомул асосан ғазал мехонданд ва ғазалҳои хубу олӣ мехонданд. Ман дар китобфурӯшиҳо ҳам маҷмӯаҳои бисёреро дидам, ки асосан аз ғазалҳо фароҳам омада буданд ва бо тавсиаи дӯстони шоири эрониям чанде аз онҳоро харидам.

Ин ҳолат, ба назарам, далолат бар он мекунад, ки дар Эрон, дар кишвари шеъру сухан ғазал маҳбубият ва рушду нумуъ дорад, ҳол он ки баҳсҳо дар атрофи сар омадани умри ғазал ҳам кам нестанд ва безамина ҳам намебошанд. Ҳоло ҳам ҳолу ҳавои он мушоира аз сари ман бадар нарафта буд, бегоҳӣ Шаҳрия телефон кард ва гуфт, ки ба ҳамин қарибӣ ба муносибати зодрӯзаш маҳфили адабие дорад ва зиёд мехоҳад, ки агар имкон дошта бошам, дар бораи маҷмӯаи «Дар канори шеър»-и ӯ чизе бинависам ва ҳатто, танқидӣ ҳам бошад, сипосгузор хоҳад буд.

Ин хоҳиши Шаҳрия маро ба ёди муносибати ду шоири барҷастаи Эрон Аҳмади Шомлу ва Ахавони Солис андохт.

Шомлу баъди нашри яке аз маҷмӯаҳои ашъораш аз Ахавон хоҳиш мекунад, дар бораи он назарашро бинависад ва Ахавон як мақолаи муфассале навишта, андешахояшро баён менамояд, ки дар баробари арҷ гузоштан ба эҷодиёти Шомлу афкори танқидиашро низ фаро гирифтааст. Ҳамин гуна воқеаро ба ман дар Амрико, дар Нию- Йорк шоиру рассоми дигари эронӣ Манучеҳри Яктоӣ нақл карда буд, ки баъди навиштани як манзумааш ба Инглис, ба Ландан ба назди Иброҳими Гулистон, ки яке аз бузургони адабиёти муосири порсист, парвоз карда рафтааст, ки назарашро бигирад. Агар назари ҳамқалам барои ҳамқалам арзиш дошта бошад, аз ӯ хоҳиш кардан, ки онро баён намояд, ҳеҷ бадие надорад, зеро он маънии онро надорад, ки маро танҳо таърифу тавсиф кун. Дар асл бигиред, таърифу тавсиф, агар ҳаққонӣ набошад, аввалан, далели шеърношиносист, сониян, таҳқири шоир аст, зеро ба ӯ дахл надорад ва ба замми ин набояд чунин гумон кард, дигаре нест, ки ба ҳадди ту шеърро нашиносад ва ҳар сухани туро хушбоварона қабул кунад.

Бинобар ин, ман хоҳиши Шаҳрияро пазируфтам ва танҳо узр пеш овардам, ки он муфассал нахоҳад буд, зеро фурсат танг аст ва шояд танқид ҳам камтар хоҳад дошт, зеро ҷашнист, ки дар ин маврид одатан муборакбод мегӯянду гулу бӯса нисор мекунанд, на…

Ҳамин тариқ, ман бо ҳамон ҳолу ҳавои мушоираи ғазал, ки дар сар доштам, ба навиштаҳои Шаҳриябону ва, аз ҷумла, ба маҷмӯаи «Дар канори шеър», ки дар он ҷо ин навъи шеър мақоми асосӣ дорад, бори дигар назар андохтам.

Хуб, агар ғизоле ба ғазал дил дода бошад, чӣ мегӯед?! Худоё, дар амон дор ин ғизолу он ғазалро! Воқеан ҳам Шаҳриябону он амонатеро, ки аз Худованд дорад, яъне тамоми дилу ҷонашро дар ғазал ифода кардан мехоҳад ва ҳамвора ғазал мегӯяд. Чанд соле аз ин пеш ғазале хонда будам ва матлаи хубе ҳам дошт, ба ӯ гуфтам, ки хеле шод шуд:

*Ҷоно, катибаҳои диламро китоб кун,*
*Шаҳбайти абрувони маро интихоб кун.*
*Бинӣ агар вуболи муҳаббат ба нози ман,*
*Дар созу сӯзи ишқ ту кори савоб кун.*

Ин ғазал дар маҷмӯаи ҳозирааш ҳам ҳаст, ки байти зебои дигаре ҳам дорад:

*Хоҳад дилам баҳори худ аз тирамоҳи умр,*

*Аз нав маро шукуфаи аҳди шубоб кун.*

Ишқ барои Шаҳриябону қудратмандтарини қудратҳост, бинобар ин ӯ ба ҳар аҷзу ниёзе, ки дорад, аз ишқ мадад меҷӯяд ва, аз ҷумла, ба яке аз ниёзҳои ҷонитарини хеш, ки гуфтани шеър аст ва ишқ ба мадади ӯ мерасад. Дар ашъори Шаҳриябону ишқ на танҳо мавзӯъ ва муҳтаво, балки дарунмоя аст, бинобар ин зимни ҳар навиштааш мавҷудияти он, нафаси гарму меҳрбори он эҳсос мешавад. Ишқ ҳамчун мавзӯъ ва муҳтавову дарунмоя дар яке аз шеърҳои, ба қавли худи Шаҳриябону, аввалинаш «Куртаи чити қаламӣ», таҷассуми бадеии худро олӣ дарёфтааст. Ман дар чандин маҳфилҳо ин шеърро аз забони Шаҳриябону шунидаам ва таъсиру ангезаи онро дар шунавандагон эҳсос кардаам. Ба яқини ман ҳиссиёти ошиқонаи духтараки деҳотӣ, ки ба воситаи шайъ, яъне сурат, образи куртаи чити қаламӣ ифода мешавад, бо ду сабаб ба дили хонанда роҳ меёбад, аввалан, ба воситаи шайъ, чиз, предмет баён шудани он ва, сониян, ниҳоят шинос ва муносиб будани он шайъ дар ифодаи ҳама гуна эҳсоси духтараки деҳотӣ, ҳарчанд каме такмил ва фишурдагӣ мехоҳад, аммо ба ҳар ҳол хонданию шуниданист:

*Дар танам куртаи чити қаламӣ,*
*Дар дилам ишқи аламсӯзи ту буд.*
*Дар лабам хандаи душмангирён,*
*Дар сарам ҳадяи Наврӯзи ту буд.*

Ин шеър дар қолаби чаҳорпора гуфта шудаст ва маълум мешавад, ки ин шоира дар аввалҳои эҷодиёташ ба ин навъ шеър то андозае тасаллут доштааст ва онро хуб ҳам истифода кардааст. Аммо баҳси мо оид ба ғазал буд ва ин ҷо аз чаҳорпора мисол овардани ман бесабаб нест, зеро мехоҳам таъкид бар он кунам, ки чаҳорпора ба ваҷҳи шакли тоза буданаш дар шеъри мо ҳоло ба қолаб надаромадааст, ба он маъно, ки лафзу таъбироташ қолабию дастхурда ва обшуста нагаштааст ва ин худ ба шоири бедор мадад мекунад, ки шеърашро навтар бигӯяд, ҳарчанд дар ин навъ ҳам шоири кӯҳнасаро кӯҳна хоҳад гуфт. Вале дар ғазал тозагӯӣ мушкилтар аст, зеро дар давоми ҳазор сол, ки он истифодаи фаровон дошту дорад, хеле аз лафзу таъбироташ ба қолаб даромада, тозагӣ ва таъсири пешинаи худро бохтааст ва шоире, ки ба ворид шудани онҳо ба шеъраш муқовимат карда наметавонад, беихтиёр ба истифодаи онҳо дода мешавад ва дар натиҷа шеъраш қолабӣ ва кӯҳна ба забон меояд. Бинобар ин, ба кам шоирон муяссар мешавад, ки ғазалҳои саропо тоза гӯянд, аксаран онҳо дар як ғазал як ё якчанд байти тоза доранд, ки ин ҳам дастовард аст. Ҳамин гуна байтҳои муваффақро мо дар ғазалҳои Шаҳриябону мебинем, монанди ин:

*Биё, ба хандаҳои саҳаргаҳ ба ҳам салом кунем,*
*Парандаҳои чаманро ба хеш ром кунем.*
*Нигоҳи панҷараро рӯ ба субҳ бикшоем,*
*Дар интизори дил аз ҷодаҳо хиром кунем.*

Биёед, ба ин ду байти зебо ва дилнишину тару тоза таваҷҷуҳ карда, биандешем, ки ба ғайр ҳиссиёти самимонаву нозуки Шаҳрияи шоир чӣ чиз онҳоро боз таровату пурборӣ бахшидааст. Бешубҳа, ҳузури ашё, яъне хандаҳои саҳаргаҳ, ки истиораи офтоб аст, парандаҳои чаман, нигоҳи панҷара, субҳ, дил, ҷодаҳо ва афъоле, ки ҳаракат доранд, ба мисли салом кунем, ром кунем, бикшоем, хиром кунем. Дар баробари ҳиссиёту андеша шеърро ашёву афъол пурбор менамояд, ин аз розҳоест, ки ҳар шоир аз он бояд огоҳ бошад ва ҳангоми ба

қалам додани ҳиссиёту андеша онро аз хотир набарад. Саҳаргаҳу субҳ дар он ҷо ва дар ғазалҳои дигари Шаҳрия намоди тозагию сафо ва ҳангоми меҳру отифат аст ва як ғазали дигараш ҳам бо чунин як матлаи зебое оғоз мешавад:

*Ба саломи субҳ орам ғазали шабонаамро,*
*Ба дили сапеда резам ғами ҷовидонаамро.*

Пеш аз он ки дар бораи ғами ҷовидонаи шоира сухан ба миён оварем, мехоҳам боз оид ба ишқи Шаҳриябону дар шеър он нуктаро таъкид кунам, ки ӯ бо он ҳам ишқи, ба таъбир, маҷозӣ, яъне ишқи табиӣ, заминиро, ки инсон ба инсон дорад ва ишқи намозӣ, яъне ишқи инсон ба Худовандро низ ифода карданӣ мешавад.Ба назари ман, ишқи маҷозии ӯ ҳақиқати бештар дорад ва самимитар аст ва гоҳо ӯ василаҳои ифодаи ин ду ишқро ба ҳам омехта меорад, масалан, василаҳои ифодаи ишқи намозиро барои пуртаъсиртар сохтани ифодаи ишқи маҷозӣ, ки дар шеъри «Ошиқона»-аш ҷой дорад:

*Биё, ба қиблаи рӯят намоз бигзорам,*
*Ки ғайри қиблаи ишқи ту қиблагоҳе нест.*
*Қасам ба покии ашкам, дар ин гуноҳистон*
*Вуҷуди отифаамро ягон гуноҳе нест.*

Дар ин мисраъҳо шоира калимаву таъбирҳоеро, ки бештар бори маънии ишқи намозиро мекашанд, ҳамчун «қибла», «намоз бигзорем», «қиблагоҳ», «гуноҳ» бо мақсаде истифода мекунад, ки ба ишқи маҷозии худ эътибор бештаре дода, онро ба улвияти ишқи намозӣ бирасонад. Вале, мутаассифона, дар ин ду байте, ки ман барои тасдиқи фикр иқтибос кардам, чанд нуқси забонию услубӣ ба назар мерасад, ки онҳоро бояд бигӯям, зеро нуқсро дидану нагуфтан шарти дӯстӣ нест. Дар ин шеър «гуноҳистон» гӯшхарош аст, ақаллан сарои гуноҳ ё ягон чизи дигар бояд гуфт. Шоир ба калимасозӣ ҳақ дорад, аммо дар доираи қоидаи забон, бо пасванди истон, ба фикрам, маъмулан аз исми шайъ, ифодакунандаи чиз, предмет калима месозанд, ба монанди боғистон… на аз исми маъно, ки «гуноҳ» исми маъност. Ин калимаро ман дар ҳеҷ луғати муфассал, на дар «Луғатномаи Деҳхудо» на дар «Фарҳанги форсӣ»-и Муъин дидам. Бинобар, ба замми гӯшхарошиаш шак дорам, ки дуруст бошад.

Шаҳриябону шоири шеъри ишқӣ - лирикӣ ва ё ғиноист. Дар шеъри ғиноӣ таассурот асосан ба ду навъ - каломӣ ва тасвирӣ ифода меёбад, ки Шаҳриябону аз ҳар дуи онҳо истифода мекунад. Бешубҳа, дар адабиёт шеъри тасвирӣ мақоми баландтаре дорад, зеро забони шеър асосан забони маҷозу ташбеҳу истиора аст, ки бунёди шеъри тасвирӣ бар он гузошта мешавад. Аммо, дар баробари ин, агар ҳиссиёту таассурот дар шеър гарму самимӣ ифода карда шавад, таъсири он аз шеъри тасвирӣ кам нахоҳад буд, ки мисолаш ин ғазали Шаҳрия аст:

*Ба сафар чу рафтаӣ, ҷон, сафарат бахайр, баргард,*
*Чамани пур аз муҳаббат ту биоварам раҳоvarд.*
*Ту бирафтӣ, хона хомӯш, қаламу тарона хомӯш,*
*Ғазали пуроҳу розам бинуҳуфта дар дили сард.*

Ва агар дар он ҷо ҳам ихтиёр ба ман мебуд, ба ҷои чамани пур аз муҳаббат як гул ё ҳатто як гард аз гарди роҳат биёрӣ ҳам бас аст, мегуфтам, ки бар шикастанафасии маъшуқ ва муҳаббати ӯ меафзуд. Дар мисраи севум ҳиҷои чаҳорум – тӣ - дар вазн сакта дорад, ақаллан «ту, ки рафта» бояд гуфт, ки дуруст шавад, мисраи чаҳорум ҳам ба ҷои ибораи сохтаи

«пуроҳу розам» чизи дигари асилтар мехоҳад, ба хотири самимияти байтҳо онҳоро таҳрир бояд кард, ки шеър бенуқс дарбиёяд. Ин нуктагирӣ ҳам ба хости худи Шаҳриябону аст. Ба мо, ки иҷозаи нукта додӣ, дигар достонро таҳаммул кун. Вале дар асл бигиред, мехоҳем, шоире, ки метавонад хуб гӯяд, ба нохуб роҳ надиҳад, Шаҳриябону, ки воқеан шеъри хубу равон гуфта метавонад, чаро ӯро бештар ба ин роҳ ҳидоят насозем?

Ҳама розу ниёзи Шаҳрия дар ишқ аст. Ишқ ҳам боиси сарбаландӣ ва ҳам сарафкандагии ӯст. Ӯ дар сарбаландии хеш аз ёр шукргузор аст ва дар сарафкандагияш аз худ домангир ва ба қавли масали худкардаро даво нест, дар шеъри «Худкарда» чунин мегуяд:

*Хоҳам, ки биёиву сарам монам,*
*Бар шонаи гарму меҳрубони ту.*
*Авроқи дилам ҳанӯз рангин аст,*
*Аз шуълаи офтоби ҷони ту.*
*…Ман омадаам кунун сарафканда,*
*Бахшо, ки аз карда пушаймонам.*

Ин маънӣ дар бисёр шеърҳои ӯ ба лафзу услуби гуногун ифодаи худро ёфтааст, аммо, ба ҳар ҳол, дили шоира ҳамеша ташна ва ҷӯёи ишқ аст, зеро маънии ҳаёти шоир ниҳоятан дар ишқ хулоса мешавад. Бинобар ин, ҳатто вақте ӯ мегӯяд, ки:

*Зи карашмаҳои нозам асаре дигар намонда,*
*Зи ҳазор нозҷӯям нафаре дигар намонда.*

Бовари мо бар он аст, ки дили шоира тарки умеди ишқ нахоҳад кард ва дар ҳақиқат боз мебинем, ки мегӯяд:

*Аз осмонситораи ишқ орзу кунам,*
*То бомдод бо дили худ гуфтугӯ кунам.*

Ва орзуи боз сар мондан ба шонаи баланди ёр, ки як вақтҳо насибаш будааст, ҳеҷ вақт ӯро канор намегузорад ва дар шеърҳояш такрор ба такрор меояд, масалан, аз ҷумла:
*Бар шонаи баланди ту, эй ёр, сар ниҳам,*
*Домани гиря сар диҳам аз ғояти алам.*

Ё: *Чу шонаҳои туям ҳеҷ муттакое нест.*
Ё: *Дар пушти шонаҳои ту дур аз хатар зиям.*

Ҳар шоир шеъри сарнавишташро мегӯяд. Дар сарнавишти Шаҳриябону, мутаассифона, воқеоти пуралам бештар будааст, ятим мондан аз модар, ишқи ноком, кашидани азоби ҷанги шаҳрвандӣ ва, ба замми он, дар ин ҷанг гумном шудани падари солхӯрда, ки аз Ҷанги Бузурги Ватани зинда баргашта буд, номеҳрубонии зиндагонӣ ва боз... ин барои як зан кам нест. Аз ин рӯ, садо дармедиҳад, ки:

*Сари худ занам ба ҳар дар, ки куҷост меҳрубонӣ,*
*Зи даре садо бихезад, ки фаност меҳрубонӣ.*

Аммо ӯ дар худ мардонагие пайдо мекунад, ки ба бадбинию бераҳмӣ дода намешавад ва аз ҷодаи инсонпарварӣ берун намеравад ва мегӯяд:

*Чоҳкан дар роҳи мо чоҳ биканд, аммо ман*
*Дар сари мурдаи он чоҳканам гиря кунам.*

Ман ҳамеша бар он будам, ки агар сарнавишт ба ту чизе аз дигарон бештар медиҳад, масалан, истеъдоди шеър гуфтан, чизе аз ту ҳатман мегирад, ки дар ин ҳолат ҳам ҳамин рух додаст. Бо қисмат намешавад дастбагиребон шуд, фақат ҳаминро метавонӣ, ки шеърашро бигӯӣ, ки Шаҳриябону ҳам ҳамин корро мекунад. Бинобар ин, ӯ бар сари хушбахтии духтари ягонааш модарона меларзад ва шукри наберагонро карда мекӯшад, ки ин эҳсосоти худро дар пирояи шеър биорояд.

Маро ғаме, ки ӯ дар шеъри «Бар ман дуо кунед» - аш аз он сухан мегӯяд, сахт зери таъсир мегирад:

*Бар ман дуо кунед, ки ман беситораам,*
*Дар чоҳи шаб ситораи рӯзам фитодааст.*
*Ё чун ситорасӯхтае модарам маро*
*Дар шомгоҳи тираву торик зодааст…*

Агар ғами шахсе ҳамин гуна пур таъсир ва шоирона ба қалам оварда шавад, ба ғами ҷовидона бадал хоҳад гашт, ки ҳар шоир ва ҳар инсон дорад, яъне ғами шоир ғами мо низ хоҳад гашт ва он далели ҷовидонагии он ғам хоҳад буд, ки, мутаассифона, дар сарнавишти инсоният ҷой дорад. Дар банди дигари ин шеър шоира мегӯяд:

*Гаҳ тифли содарӯяму гаҳ пири содадил,*
*Гоҳе пурам зи ҳикмату гоҳе пур аз ҷунун.*
*Бо дил дугонабозии танҳоии маро*
*Афсонаҳои кӯдакии ман кунад фузун.*

Ва ман яқин дорам, ки ҳамин тавр мешавад, вале ба ҳар ҳол боз шоираро талқин мекунам, ки ин дугонабозии худро бо дил давом бидиҳад. Зеро фасли бо дил дугонабозии духтараки чити қаламипӯш нав оғоз шудааст.

Дуруст мегӯям, Шаҳрияи азиз?!

**Сентябри соли 2012**

## СУХАН АЗ СУРАЙЁ

Ман беш аз 68 саҳифа шеъри Сурайёро, ки барои баррасӣ ба ман пешниҳод шуда буд, хондам. Ин миқдор шеър, албатта, имкон медиҳад, ки дар бораи муаллифи он то ҷое ба пуррагӣ суҳбат карда шавад, аммо агар ман бо худи ӯ шинос мебудам ва шахсияташро ҳам бевосита мешинохтам, ин баррасӣ комилтар мебуд, зеро шахсияти шоири ғиноӣ ва шеъри ӯ аз ҳамдигар ҷудо нестанд, онҳо ҳамдигарро комилтар менамоянд. Ман дар бораи шахсияти Сурайё ҳамин қадар медонам, ки ӯ фориғуттаҳсили Донишгоҳи давлатии Хуҷанд буда, ҳоло дар он ҷо ба сифати устод дарс мегӯяд, аммо намедонам аз кадом фан. Хуб, ин ҳам кам нест.

Дар ин дафтар асосан ғазалҳо, як-ду шеъри нимоӣ, чанд рубоиву дубайтӣ ва дастае ашъори сапед гирд оварда шудаанд, ки шояд намоёнгари танаввӯи ҳамаи эҷодиёти Сурайё

бошанд. Аз назари навъ ин кам набошад ҳам, зиёд ҳам нест, зеро мо медонем, шоироне буданду низ ҳастанд, ки бо камтарин танаввӯъ ҳам олами фарохи маъниву мазмунҳои гуногунро фаро гирифтаанд, аммо ба ҳар ҳол, танаввӯи эҷодиёт ҳам яке аз аломатҳои назари паҳновари шоир ба воқеияти мухталифи зиндагист. Махсусан дар замони мо, ки на танҳо зиндагии иҷтимоӣ, балки маънавии шахс ҳам хеле гуногунҷабҳаву серпаҳлӯ гаштааст, дар шеър ҳам бозтоби худро мехоҳад. Ин яке аз талабот ва сифатҳои тозаи шеъри замон аст. Ба ғайр аз ин, танаввӯи эҷодиёт ҳамеша аз қудрат ва маҳорати касбии шоир низ дарак медиҳад. Бинобар ин, тавоноии худро дар гуфтани анвои гуногун санҷидан низ яке аз мактабҳои омӯзиш ва такомули истеъдод маҳсуб мешавад, ки онро ҳам таҷриба боядкард.

Ҳоло ман дар байни сели номҳо ва дафтарҳое, ки ба унвони шоиру шеър моро фаро гирифтаанд, ва, мутаассифона, дар аксари ҳолат ба он на фақат мувофиқат намекунанд, балки садама мекунанд, аввалан, бар он меандешам, ки соҳиби ин ному дафтар худи шеърро мешиносад ё на, пас бар он ки оё онро навишта метавонад, ва агар тавонад, чӣ гуна менависад. Яъне ман аввал бар гавҳари шоирӣ меандешам, ки он ҳаст ё хайр, пас ба маҳорат, ҳарчанд бе вуҷуди яке аз ин ду унсур ҳар ду аз байн мераванд, ки шеърро ҳам аз байн мебаранд. Аммо ба ҳар ҳол, гавҳари шоирӣ азалист, маҳорат омӯхташавандааст.

Мутолиаи ин дафтари Сурайё ба ман итминон медиҳад, ки бигӯям, ӯ гавҳари шоирӣ дорад, шеърро мешиносад, аммо маҳорат ва дониши фанни шеърро ба камол бояд бирасонад. Аввалааш эҳдои худовандист, дувумаш дар дасти худи инсон аст.

Ин дафтар аз ғазал оғоз шудааст, ки 64 ғазалро фаро гирифта, тақрибан ними дафтар аст. Ҳоло дар ҳавзаи шеъри форсизабон, ки Эрону Афғонистону Тоҷикистонро дар бар мегирад, давраи ривоҷи тозаи ғазалсароист. Ин, бешубҳа, сабабҳои амиқи иҷтимоии худро дорад, ки баҳси онро дар ин ҷо ҷоиз намебинам, вале ҳамин қадар мегӯям, ки худи ба вуҷуд омадан ва ривоҷ гирифтани ғазал, агар ба сайри таърихии он андешида шавад, замоне будааст, ки ҷомеа ба шикастҳои сахт ва буҳрони сиёсиву иҷтимоӣ дучор омадааст ва дар он давр ин навъи шеър асосан барои бозгӯи эҳсосу андешаи инсони ҷабрдида, муҳтот, дудил, ошиқ, худоҷӯ, мутафаккир, ки бештар ба ковишҳои дарунии худ машғул будааст, созгор омадааст. Албатта, чун ҳамеша на беистисно, зеро ҳеҷ қонунияти адабӣ беистисно буда наметавонад, аммо ағлаб чунин аст. Бо ин ҳама, навъи ғазал аз маҳбубтарин анвои шеър аст барои ҳамаи мо, зеро сиришти инсон гароиш ба даруннигарӣ, дарунширносӣ дорад, ки ғазал онро беҳтар аз ҳама метавонад баён кунад. Оё имрӯз вақте ки мо ғазал мегӯем, ба он пешинаи пурмуҳтаво ва ғании он баробарӣ карда метавонем, оё мо масоили замони худро, ки дар ботини инсони муосир ҷӯш мехӯрад, ба он тозагиву тафтагиаш дарёфтаву бо вожагони дастнахӯрдаи муносиб ифода мекунем? Ин масъалаест, ки дар ҳар ғазал ҳалли худро мехоҳад, агар мо мехоҳем ғазали замони худро бигӯем.

Агар бо ин гуна меъёр, ки моҳияти ин навъи шеърро ташкил медиҳад, ба ғазалҳои ин дафтар нигарем, чӣ ҷавоби муносибе бояд бидиҳем? Ҷавоби мунсифона ин аст, ки дар ягон-ягон ғазалҳо, дар баъзе байт ва мисраъҳо ҳамин муҳтаво ва забони тозаро дучор меоем. Ин моро бовар бар он мекунонад, ки Сурайё чӣ будани ғазали замонро медонад ва ба он гоҳ-гоҳ даст меёбад. Аммо агар ӯ ғазалро, ҳамчунонки дар ин дафтараш ҳаст, нимаи эҷодиёти худ қарор доданӣ бошад, ба ӯ зарур аст, ки ба он ба ин андоза дастёб шавад. Ғазалҳои нисбатан муваффақи ин дафтар, ба назари ман, агар куллан бигирем, «Хамӯшӣ дар гулӯи мо ҳазору як сухан дорад», «Буғзе зи сина гоҳ ба дил оҳ мешавад», «Зи ғамат дубора имшаб ба ғазал паноҳ бурдам», «Аз ин мотамсаро ҷои гурезе ҳаст? Бар ман гӯ!», «На ҳавои кина дорам, на ҳавои меҳрубонӣ», «Ин олами дардамро ман донаму танҳоӣ» мебошанд, ки муҳтавои иҷтимоиву ошиқона доранд, вале онҳо ҳам ҷо-ҷо таҳрир мехоҳанд. Дар ғазали аввал шоир дар байте ба

норасоиҳои иҷтимоӣ ишорат мекунад, ки вазъи занонро дар ҷомеаи имрӯз бо ибҳоми мақбуле баён менамояд:

*Занон танҳо! Ба ҳиҷрат рафта шавҳарҳо, намедонам*
*Бифахрам ё бигирям ман ба мардиҳо, ки зан дорад.*

Дар байти дувуми ҳамин ғазал таъбири мутазоди ҳаёҳуҳои беовоз омадааст, ки дар алоҳидагӣ сохтаи хуби шоир аст, аммо дар матн бо ҳолате, ки тасвир мешавад, созгор нест, махсусан, вожаи ҳаёҳу ҷо наафтодааст, зеро вазъ вожае мехоҳад, ки бештар мафҳуми дарду алами ниҳониро дошта бошад, ки онро вожаи ҳаёҳу дода наметавонад. Дар байти севум дар мисраи «Чӣ гӯям мардуми моро, ҳанӯзам мову ман дорад!» калимаи ҳанӯзам ҳамон маъноеро, ки шоир мехоҳад, намедиҳад, зеро дар ин ҳолат бояд ҳанӯз ҳам гуфта шавад. Ин ду таъбир бар ҳам фарқ доранд. Дар байти чаҳорум дар мисраи «Ғурури шермардонро шикан андар шикан дорад!» ибораи шикан андар шикан ноҷо истифода шудааст, зеро он маънои шикастанро надорад, ки ин мисраъ тақозо менамояд.

Ғазали дигари «Буғзе зи сина гоҳ ба дил оҳ мешавад», ки асосан бад нест, низ таҳрир мехоҳад. Масалан, агар ҳамин мисраъ, фарз кардем, ба ин шакл сохта шавад, «Ҳар гоҳ буғзи сина ба дил оҳ мешавад», салису равонтар хоҳад буд. Баъдан, дар мисраи дувум «Як шеъри дардгунаву ҷонкоҳ мешавад», калимаи дардгуна барои маъное, ки шоир мехоҳад ифода намояд, сабук аст. Инро вожаи ҷонкоҳ ҳам қабул надорад, зеро дардгуна ҷонкоҳ нест, ин ҷо вожаеро бояд ба кор бурд, ки ҳамсанги ҷонкоҳ бошад. Байти севуми ин ғазал ҳам бо каме таҳрир байти хубе мешавад.

*Булбул агар ба боғ наяст, айби зоғ нест,*
*Якчашма дар вилояти мо шоҳ мешавад.*

Дар мисраи якум феъл ба ин шакл, наяст, нохушоянд аст, ба замми ин, аз рӯи талаботи арӯзи классикӣ ҳарфи «т» дар он дар вазн намегунҷад, зеро калимаи айб бо аъйн навишта мешавад, ки ҳамсадо аст ва ба он ҳарфи «т» намепайвандад. Агар ин мисраъ, фарзан, ба ин шакл сохта шавад «Булбул ба боғ агар набувад, ҷурми зоғ нест» беҳтар ба назар меояд. Ба назари ман, дар ин ҷо айбро бо ҷурм иваз кардан ҳам бештар ба дард мехурад. Аз байти панҷум сарфи назар кардан ғазалро мунсаҷимтар мекунад, он дар вазн дар калимаи зиндагӣ, ки ҳиҷои охираш дароз аст, сакта ҳам дорад.

Ҳамин тариқ, ғазалҳои дигаре ҳам, ки ман онҳоро муваффақ номидам, низ ҷо-ҷо таҳрири забонӣ, сабкӣ ва маъноӣ мехоҳанд, то ҳамчун ғазалҳои хубу бенуқс муаррифӣ шаванд. Чизи дигаре, ки дар робита бо ғазалҳои Сурайё мехоҳам бигӯям, ин аст, ки ғазал навъи писандидаи шеъри классикист ва дар он ҳамаи қавонини фаннии шеър риоят бояд шаванд: вазн, қофия, таносуби сухан ва ғайра, ҳарчанд дар анвои дигар ҳам инҳо сарфи назар нестанд, аммо дар ин навъ, махсусан, заруранд. Вале дар ғазалҳои Сурайё нуқси вазну қофия мавҷуд аст. Барои мисол дар ғазали «Бас гиря, дил! Барои зиндагӣ бикӯшӣ беҳтар аст» дар мисраи «Фарёдро ба сина фурӯ бар, ки ин ҷо аз ду сар» дар ҳиҷои ҳаштум вазн вайрон шуд ва дар мисраи мақтаи ғазал «Баҳри наҷот ҷомаи имон бипӯшӣ беҳтар аст» калимаи имон нодуруст истифода шудааст, зеро он бо йот навишта шуда, ҳиҷои аввалаш дароз аст, на кӯтоҳ. Дар ғазали севум истифодаи калимаи «нимнигоҳ» ҳам сакта дорад, зеро ним бо йот навишта шуда, якуним ҳиҷо мебошад, на як ҳиҷо. Ҳоло чанд мисол барои хатои қофия. Дар ғазале калимаҳои ошиқона, дилбарона, ҷовидона, дар дигаре калимаҳои кардан, чидан, гуфтан, куштан ва боз дар дигаре калимаҳои тобон, борон, рахшон, хандон, парешон чун қофия оварда шудаанд, ки ҳаргиз ба ҳам қофия

намешаванд. Қофия аз рӯи решаи калима баста мешавад, на аз рӯи пасванд, ки дар ин мисолҳо чунин карда шудааст.

Акнун чанд ҳарфи куллӣ дар бораи ғазалҳои дигари ин дафтар. Ҳамчунонки болотар қайд карда будам, дар баъзе аз ин ғазалҳо байту мисраъҳои хубу пурмуҳтаво ва бадеъ ҳастанд, аммо, мутаассифона, аз аксари онҳо бӯи кӯҳнагӣ меояд, ба замми мазмунҳои пеши по афтода ҳарфҳояшон ҳам обшуставу такроранд. Мазмун, ки тоза набошад, ҳарф ҳам нав намешавад. Ва мехоҳам, ки Сурайё худро бо ин гуна ҳарфҳо нафиребад:

*Вожаҳои кӯҳна дорад ин ҳама байту ғазал?*
*Суннат андар кӯҳнагӣ нав мекунад гуфтори мо.*

Чунонки ман дар ин ғазалҳо мебинам, нав накардааст ва дар оянда ҳам шояд накунад. Ва агар суннат ин аст:

*Бурданд ба яғмо дили девонаи моро,*
*Дурдона бувад, лек чӣ парвост шуморо...*

Ин чӣ суннат аст ва чиро нав кардааст? Қатъан ҳеҷ чиро. Ба замми он, такрори такрор аст, бо халали таносуби сухан ва сабки гуфтор. Ин маъниро ҳанӯз бештар аз шашсад сол пеш Хоҷа Камоли Хуҷандӣ бад ин зебоӣ гуфта буд:

*Эй бод, макаш турраи ҷононаи моро,*
*Занҷир маҷунбон дили девонаи моро!*

Бинобар ин, ба Сурайё зарур аст, ки аз гуфтани ин навъ шеърҳо қатъан даст кашад, агар тавонад, ғазалро тоза гӯяд, вагарна меҳнате барабас хоҳад кард. Ман фикр мекунам, ки ӯ ҳамин гуна тавоноиро дорад. Маро ба ин ашъори сапед ва нимоии ӯ бовар мебахшад. Ва агар дар ин дафтар танҳо ашъори нимоӣ ва сапеди ӯ мебуд, эътибори ин дафтар ба маротиб меафзуд. Ва ҳоло ҳам бад нест, зеро Сурайё баъд аз ин заъфи худро хоҳад фаҳмид ва барои рафъи он хоҳад кӯшид, чунки барои эътибори шоирӣ пайдо кардан фанни шеърро ҳам ба хубӣ бояд омӯхт. Гуфтани шеъри сапеду нимоӣ шоирро аз донистани қавонини фаннии шеър озод намекунад, баръакс бо фаро гирифтани он ба шеъри сапеду нимоӣ фаро рафтан мумкин аст. Вақте дар аввалтари ин нақд ман дар Сурайё гавҳари шеърро мебинам гуфтаам, онро асосан баъди мутолиаи ин гуна ашъори ӯ гуфтаам. Дар ин ҷо маъниҳои бикр, суханҳои тоза, тасвирҳои тароватнок имтиёз доранд. Шоирро, ҳамчунонки дар ғазалҳо буд, қофиябозӣ ба сӯи худ намекашад, зеро шеър меҳвар дорад, ки эҳсосу андеша дар атрофи он мечархад. Дар охир аз эҳсосу андешае, ки баён шуд, хулосаи муҳим гирифта мешавад, ки ба тамоми шеър партави тоза меафканад. Ин хулосаҳо аксаран бадеъ ҳастанд, ки гоҳе бо ибҳом ва гоҳе бо тасвир ифода мешаванд. Ӯ мекӯшад ҷолибтарин сухани худро, ки аз шеър бармеояд, дар охир гӯяд, яъне шеъраш ҳусни мақтаъ дошта бошад. Маро ҳам ин гуна ашъор бештар хуш меояд, зеро ифодаи эҳсосу андеша, ки зина ба зина боло рафта, дар охир ба нуқтаи олияш мерасад, якбора онро бо ҳарфи ибҳомнок ва ё тасвири маънидор ҷамъбаст кардан, шеърро бисёр муаассир дармеорад ва хотирнишин месозад. Сурайё ин ҳунарро дорад.

Ин қисмати дафтар аз ду бахш иборат аст, ки аввалиро Сурайё «Дона-дона муҳаббат» (Аз дафтари шеъри сапед номидааст), вале дар он шеърҳои нимоӣ ҳам ҳастанд, ҳатто худи шеъри аввали ин қисмат «Тандиси меҳрубонӣ» ва «Дар ин шабҳо...» нимоӣ мебошанд, зеро дар асоси вазни арӯзи озод гуфта шудаанд, шеърҳои сапед, ки бидуни вазни арӯзанд. Ин қисмат аз шеърҳои муфассал иборат мебошад, вале қисмати дувум аз ашъори мухтасари минётурӣ ба ҳам омадааст. Аз шеърҳои бахши аввал, ба назарам, «Имшаб», «Акси ғам», «Биё, то дубора нафас

кашам туро», «Дӯст медорам», «Ҳадяи наврӯзӣ», «Қиблаи ин шаҳр куҷост?», «Салом, эй шаб», «Дар шаҳри бегона», «Хонаи Худо куҷост?», «Маро бо дарахти себ никоҳ макунед!» хубанд, ки ҳиссиёти самимонаи шоирро бо ҳамон воқеияти табиияш ба қалам додаанд. Муҳтавои ин ашъор асосан ошиқонаву иҷтимоист. Дар ин шеърҳо Сурайё ба олам бо чашмони занона менигарад, яъне бештар аз чизҳое сухан мегӯяд, ки дар олами занон мегузарад, ҳарчанд онҳо барои мардон ҳам истисно нестанд. Ишқ ва дарди ишқаш ҳам занона аст. Масоили иҷтимоӣ дар шеърҳои «Қиблаи ин шаҳр куҷост?», «Дар шаҳри бегона» муассир ва бо диди хос ифода гаштаанд. Махсусан, дар ин миён шеъри «Дар шаҳри бегона» қобили алоҳида зикр кардан аст, ба хотири масъалаи доғе, ки дар ҷомеаи имрӯзӣ вуҷуд дошта, аз мавқеъ ва имтиёзи инсонҳо дар робита бо ҳамдигар суҳбат мекунад. Ин ҷо азбаски назар куллӣ набуда, мушаххас ва ҷузъинигарона аст, таъсири бештаре ба ҷону дилҳо мегузорад.

Ба назари ман чунин мерасад, Сурайё дар он шеърҳое, ки ба ҷузъиёти мазҳабу оин рӯй меорад, баъзан нозарур, ҳам дар шеърҳои суннатӣ ва ҳам сапедаш, чизе тозае дар ин бора намегӯяд ва шеърро баръакс ба кӯҳнагӣ меомезад, зеро агар дар шеърҳои дигараш ҳарфу тасвири тоза дошта бошад, дар ин маврид масолеҳи наве надорад. Агар ба ин масоил рӯй меоред, аз дониши амиқ ва фарохи мазҳабӣ, таърихӣ, каломӣ, фиқҳӣ бархурдор бояд бошед ва онро дар ҷои зарур, бо назардошти чигунагии иҷтимои замон, гуфта тавонед. Вагарна бо сатҳинигарӣ ба ин масъала шеъратон унсури дастнахӯрдаи бадеъ ва мафҳуми баённашудаи амиқ, ки дархури даврони зиндагиатон бошад, нахоҳад дошт. Ин ҳарфҳо на танҳо ба Сурайё, балки ба баъзе шоирони ҷавони дигар ҳам, ки ном бурдан аз ҷузъиёти мазҳабу оинро дар шеър, мисли ин ки, кам-кам ба мӯд табдил медиҳанд, низ дахл дорад. Ин масъалаи намоиш нест, балки масъалаи дилу ҷон ва амиқнигарист.

Бо ин ҳама, ишораи нозук бар имондории зани тоҷик, бар муқобили бебанду борӣи як қисмати ҷомеа, дар шеъри «Дар шаҳри бегона» шоистаи таҳсин аст, ки дар ин маврид ҷоафтодааст. Аз ин шеърҳо «Хонаи Худо куҷост?» ҳам бо назари фарҳангиаш ба дунёи маънавии инсони имрӯз қобили қайд аст, ҳарчанд номаш ёдовари шеъри Суҳроби Сипеҳрӣ «Хонаи дӯст куҷост?» мебошад. Аз ашъори ошиқона «Маро бо дарахти себ никоҳ макунед» имтиёз дорад, чунки дар он бо маҳорати хубе аз унсуре истифода шудааст, ки барангезандаи ҳисси отифии хонанда мебошад, махсусан, бонувон. Ҳамин тариқ, ашъоре, ки дар ин қисмат номбар шуданд, тақрибан ҳама мазияте дар шаклу мазмун ва эҳсосу андеша доранд. Албатта, ҷо-ҷо таҳрир ҳам мехоҳанд, масалан, чунин мисраъҳо: «Аз накҳати баҳор чашмҳо ба ҳам намеоянд» аз шеъри «Хонаи Худо куҷост?». Аввалан, накҳат тааллуқ ба машом мегирад, на ба чашм, сониян, агар ба ҷои чашмҳо ба ҳам намеоянд, пилкҳо ба ҳам намеоянд, гуфта мешуд, беҳтар буд, зеро сухан дар бораи чашми кабӯтарҳост, агар инсон мешуд мижаҳо.

Дар қисмати шеърҳои минётурии мухтасар, ки «Биёву бибор» ном гирифтааст, низ ашъори ҷолиб ҳастанд, ки аксаран ошиқона мебошанд. Маро ин шеър хуш меояд, ҳарчанд дар он калимаи марг ба зеҳнам мехӯрад, шояд ғуруб муносибтар ояд, зеро ҳангоми тулӯи хуршед шабнам як лаҳза дар нури он медурахшад, зарраи хуршед мешавад, пасон бухор, ба замми ин, бо тулӯъ як навъ тазод ҳам ба даст меояд:

*Марги шабнам чӣ зебост*
*Дар оғӯши ёр*
*Бо тулӯи хуршед!!!*

Дар охир мехоҳам бигӯям, агар ман дар ин нақд ба Сурайё сахт гирифта бошам, бад-он хотир аст, ки дар ӯ қудрати шоири хуб шуданро мебинам ва мехоҳам, ки ӯ ҳар чӣ зудтар ба ин ҷода дарояд. Агар ин дафтари шеър барои чоп пешниҳод шуда бошад, зарур аст, ки аз он

шеърҳои хуб баргузида шаванд ва шоир бори дигар онҳоро аз назари таҳрир гузаронад, то маҷмӯае ҳосил шавад, ки ба эътибори шоирии муаллиф биафзояд.

Соли 2017

## ИМРӮЗ ҲАМ БО ВАТАН, ФАРДО ҲАМ[13]

Муждае, ки ба банда расид, яъне ба чоп омода шудани асари устод Халилуллоҳи Халилӣ «Айёре аз Хуросон» муждае буд фараҳбахш, ки, мутаассифона, бо худ дард ҳам дошт. Интишори асари устод Халилӣ дар байни мардуми Тоҷикистон боиси масаррат аст, аммо вақте бар муҳтавои «Айёре аз Хуросон» меандешӣ ва қисмати имрӯзии мардуми Афғонистонро мулоҳиза мекунӣ, дил огандаи дарду ранҷу алам мегардад. Худ ҳамин ҳам, ки ин асар аз ҷониби муҳоҷирони Афғонистони муқими Тоҷикистон ба чоп расида ва нашр мешавад, як олам дард дорад.

Қабл аз ин солҳои панҷоҳуми қарни бисти мелодӣ дар Тоҷикистон маҷмӯаи ашъоре бо номи «Шаби шоир» интишор ёфт, ки аз устод Халилуллоҳи Халилӣ буда, дар дили ҳаводорони шеъри баланд мақоми вижаро ба худ ихтисос дод, вале он китоб муддатҳо қабл нодир шуда, хонандагони даҳсолаҳои охир бо эҷодиёти устод Халилӣ ошноии хубе надоштанд. Ин ҳам боиси таассуфи бештаре аст. Бо фурӯ рафтани деворҳои сангини шӯравӣ дарвозаҳои ин ду кишвари бародар – Тоҷикистон ва Афғонистон ба рӯи ҳам боз гаштанд, вале ҷангҳои дохилӣ дар ин ду сарзамин имкон надод, ки аз ин дарвозаҳо ошноии бештари фарҳангӣ ворид шавад.

Имрӯз аён аст, ки ҷомеаи Тоҷикистон аз асли қазияи инқилоби Савр ва моҳияти вуруди Артиши Шӯравӣ ба Афғонистон огоҳ набуда, аксарият аз он тасаввуроти нодурусте доштаанд. Ҳангоме ки ашъори солҳои охири устод Халилиро ба мутолаа мегирӣ ва азоби ҷонгудози ӯро аз сарнавишти ватан дар ҷони хеш ҳис мекунӣ, дармеёбӣ, ки дар асл дарди мардуми Афғонистон чӣ дард буда ва кишварҳои хориҷӣ, абарқудратҳои ҷаҳон, ҳамчунин бисёр созмонҳои байналмилалӣ, ки вазифаашон пуштибонӣ аз ҳақ ва адолат аст, то чи андоза ба сарнавишти ин кишвар бедардона, бетафовутона нигаристаанд. Маҷмӯаи «Ашкҳо ва хунҳо», ки гузидаи охирин сурудаҳои шоир аст, моломоли дарди ватан, хунгиристанҳои ӯ аз қисмати ятимони бепаноҳ, зери по шудани муқаддасоти мардуми Афғонистон мебошад. Дар шеъри «Баҳори хун» мехонем.

*Дареғо, ҷамъи бедардон ба дарди мо нафаҳмиданд,*
*Мусулмонон ба ҳоли зори мо диданду хандиданд,*
*Дареғо, урватулвусқои ишқангези ишонро*
*Ба поси хотири кофардилоне чанд бибриданд.*
*Ба бунгоҳи милал даъвогарони сулҳу озодӣ*
*Ба номи мо бисоте чанд густарданду барчиданд.*
*Дурӯғе чанд афзуданду лофе чанд бинвиштанд,*
*Ду се сатри музаввир дар хилоли саҳфа печиданд.*
*Зи овози ҳақиқат гӯши худро пунба бинҳоданд,*
*Ба оҳанги ситамгорони гетӣ пой кӯбиданд.*
*Ватан, эй модари мо, маскани мо, ошёни мо,*

---

[13] Сарсухан бо китоби устод Халилуллоҳи Халилӣ «Айёре аз Хуросон». Соли 1999

*Туӣ танҳо ба айёми мусибат посбони мо.*

Банда ба худ иҷоза медиҳам, ки дар ин сарсухан мухтасар боз ба яке аз шеърҳои маҷмӯаи «Суруди хун» мурочиа кунам, ҳарчанд ин ҷо сухан аз насри устод, аз «Айёре аз Хуросон» бояд бештар бошад, вале қобилияти шеър, ки муҳтаво, ғоя ва мақсади як асари бузурги насрро метавонад дар пораи хурде ғунҷоиш диҳад ва шеъри устод Халилӣ аз ҳамин қабил аст, маро дар ин масир бо худ мекашонад. Қисмати устод Халилӣ ҳамчун як зодаи обу хоки кишвар, ҳамчун як инсони одие, ки фарзанди ватанаш аст ва ҳамчунин як инсони баргузида, шоири беназир ва аз афроди ангуштшумори миллат дар ҳама ҳолат ва дар ҳама саф бо қисмати халқу ватан чунон пайванд гирифтааст, ки ин ҷо на пайванд, балки аз ягонагии сухан бояд гуфт – қисмати Афғонистон, қисмати устод Халилӣ ва қисмати устод Халилӣ қисмати Афғонистон аст. Бинобар ин, вақте мардуми Афғонистон бар асари ҷангҳои ватанхоҳӣ аз ёру диёр овора шуданд, шоири солхӯрда, дар кишварҳое, ки метавонист бо рафоҳият ва оромишу осоиш умр ба сар барад, маскан нагирифт, балки ба канори мардуми овора омад, ки дар ҳама сахтиҳои рӯзгор бо онҳо бошад. Ӯ наметавонист сарнавишти дигареро интихоб кунад, зеро сарнавишти ӯ сарнавишти мардуми Афғонистон буд.

*Чун ба ғурбат хоҳад аз ман пайки ҷонон нақди ҷон,*
*Ҷо диҳедам дар канори турбати оворагон.*
*Гӯри ман дар паҳлуи оворагон беҳтар ки ман*
*Бекасам, овораам, бе меҳанам, бе хонумон.*

Мардуми Афғонистонро дар тӯли таърих ҳар қадар бехонумон карданд ва сарсону овора доштанд, аммо онро ҳаргиз натавонистанд таслим намоянд ва дар назди аҷнабиён ба зону дароваранд, зеро ишқи ватан ва муҳаббати озодӣ дар онҳо ба дараҷае сӯзон ва пурқувват аст, ки ҳеҷ қувва наметавонад онро заррае ҳам коҳиш диҳад. Ин маънӣ аст, ки дар саросари қиссаи «Айёре аз Хуросон» густариш ёфта, дар сират ва симо ва муборизаи бачаи Сақо, ки бархостаи мардум аст, таҷассуми бадеии худро ёфтааст ва дар ин порае, ки иқтибос мешавад, сухан аз истилои аҷнабиёни инглис меравад, ки шоҳи Афғонистонро ба имзои аҳдномаи таслим[14] маҷбур сохтаанд, вале истилогарон аз ангезае сахт ҳарос доранд, ки ин аст: «... онҳо идрок намудаанд, ки мардуми ин сарзамин дар пайкори дину растохези озодӣ бо шоҳ ва ҳукумат иттико намекунанд. Балки марду зан, хурду бузург, кишоварз ва коргар, босавод ва бесавод, ҳама ва ҳама дар ин ҳангомаҳо ҳам фармондеҳанду ҳам фармонпазир, ҳам солори сипоҳанду ҳам сарбоз ҳам шоҳанду ҳам раъият.

Дар ин рӯз барқе, ки дар нигоҳи оташини гадои гӯшагузин шӯъла мезанад, тобандатар аз ҷавоҳире аст, ки дар қабзаи шамшери шаҳриёрон медурахшад».

Ман дигар дар баробари ин ҳарфҳои дурахшон ва асил, ки замири мардуми Афғонистонро ба ҷилва меорад, наметавонам бо суханҳои норасои худ чизе бигӯям, ки матлаби қиссаи устодро равшантар бозгӯ кунад. Танҳо ҳамин қадар меафзоям, банда асареро, ки бо чунин ишқи сӯзон ба Ватан, ба чунин рӯҳи бешикаст ва сарафрохтагӣ, бо камоли таассуф, нахондаам ва ҳасад ба онҳое мебарам, ки ин асарро барои аввалин бор мехонданд ва дар дарёи хурӯшони дарду алами нависанда ғарқ мешаванд ва бо ашкҳои равон, ки бо вуҷуди ашки дарду

[14]Манзур аз аҳдномаи маъруфи «гандумак» аст, ки дар асри амир Муҳаммад Яъқубхон қисмате аз хоки .Афғонистон замимаи мустамараи инглисӣ шуд

ранҷ буданашон, хосияти мутаҳҳар кардани ботинро доранд, аз он тоза ва сабукрӯҳ бармеоянд, зеро медонанд, миллате ки шоир ва адибаш қудрати парвариши чунин ишқи оламгирро дорад, имрӯз ҳам бо Ватан ҳаст ва фардо ҳам бо Ватан хоҳад буд.

## БОЗТОБИ ДУРАХШОНИ САРНАВИШТ

Аз ман хостанд, ки ин мунтахаби ашъори устод Халилуллоҳ Халилиро мутолаа кунам ва бардоштамро аз он ба рӯи коғаз биёварам. Маро қаблан ҳам хондани баъзе аз асарҳои устод иттифоқ афтода буд ва ҳатто ба яке аз онҳо – «Айёре аз Хуросон», ки дар Тоҷикистон ба расмулхатти форсӣ ба чоп мерасид, сарсухан ҳам навишта будам ва бад-ин ваҷҳ ин дархострo ба хушӣ пазируфтам, зеро ҳар боре, ки ба осори ӯ сар фурӯ мебурдам, маро шефтагӣ ва дилбохтагии тозае ҳосил гашта, мақоми ӯро дар адабиёти муосири форсӣ дар назари ман болотар мебурд. Ин яке аз сифатҳои баргузидаи устод ва эҷодкори асил аст, ба он ҳар қадар бештар руҷӯъ шавад, ҳамон қадар бештар бар арзишаш меафзояд. Ин бор ҳам ба ман ҳамин гуна ҳолат рух дод ва имони ман қавитар шуд бар он ки Халилуллоҳ Халилӣ яке аз устодони чирадасти шеъри форсист, ки дар гуфтани анвои мухталифи он маҳорати тамом дошта, асолат, истеҳком ва матонати суханаш шоистаи таҳсин, сабкаш равону дилнишин аст. Ин мунтахаб чеҳраи ҳамин гуна як устодро дар чашми мо ҷилвагар менамояд, ҳарчанд ман дар баъзе шеърҳои он норасоиҳоеро дар қофияву вазн дидам, масалан, дар саҳ. 15 қофия бастани синааш – нағмааш, саҳ. 48 деҳқонон – ҷавонмардон, саҳ. 177 рахшон – хандон аз ҷумлаи онҳо буда, дар ғазалҳои «Синаи сӯзон» саҳ. 190 ва «Бекасӣ» саҳ. 191 дувазнӣ ба назар мерасад, ки шояд аз чашми диққати шоир гузашта бошад, ё шояд котибону виросторон ба хато роҳ дода бошанд, дар ҳар ҳолат ман ба эътибори пояи баланди эҳсосот ва тафаккуроти шоиронаи устод аз онҳо даргузаштам, то дар бораи таассуроте сухан гӯям, ки аз мутолааи осори асили бадеъ – ашъори устод Халилӣ ҳосилам гашт.

Ин чӣ гуна таассурот аст? Ин таассуротест, ки ошиқро ошиқтар, ҷанговарро ҷанговартар, дардмандро дардмандтар, инсонро инсонтар месозад, яъне шоир аз ҳар таассуроте, ки суҳбат мекунад, онро дар мо амиқтар, гиротар, густардатар менамояд ва махсусан, дар ҳолатҳое, ки аз дарду доғи ватан сухан мегӯяд, таассуроташ ба дараҷае пуртаъсир ва фарогир мешавад, ки ҷигаре об нашуда, синае насӯхта, диле хун нагашта намемонад. Ва ман дар ҳамин ҷо дарёфтам, ки то фоҷиаи хунбори Афғонистон Халилуллоҳ Халилӣ шоире буд устод дар зумраи дигар шоирони соҳибҳунари шеъри форсӣ, аммо дарду доғи Ватан ӯро шоире сохт - камназир ва нотакрор. Агар то ин вақт ӯ ба дигар шоирон шабоҳат дошт, ки дар мақолаҳои оид ба ӯ навиштаშудаи ин мунтахаб ҳам ба ин нукта ишораҳо ҳастанд, акнун пас аз ашъори ҷонсӯзи дардмандона ва ватанхоҳонааш ӯ ягона ва бешабоҳат ба назар меояд. Кашидани дард барои дили дардманди шоир осон коре нест, аммо дастовард ин ҷост, ки подоши дарди Ватан ӯро аз ҷумлаи шоирон мумтоз ва беназир сохт. То ба ин ашъор ӯ яке аз дигарон, дуруст аст, яке аз дигар устодон буд, пас аз ин ашъор ӯ яке аз яктои устодон, яъне ягонаи шеъри форсӣ шуд.

Ҳар шоир, махсусан, шоири ғинои, ки устод Халилӣ аз зубдаи онҳост, шоири шахсият ва қисмати хеш аст ва сар фурӯ бурдан ба ашъори ӯ, андаррафтан, шинохтан, дарёфтан ва баҳра бардоштан аз он бархурдор гаштан аз шахсият ва қисмати ӯ мебошад. Хуш ба ҳоли шоире, ки дар эҷодиёташ ба ин даст меёбад ва ҳарчанд қисматаш фоҷиабор ва шахсияташ нотакрор аст (бо шахсияти нотакрор дар байни ҷомиа зистан ҳам худ саҳл коре нест, зеро ҷомиа ҳаводори

якрангию ҳамрангист), вале тавфиқи шоирии устод Халилӣ дар ҳамин қисмати фоҷиабор ва шахсияти нотакрораш аст. Бахшандае, ки аз хазинаи ломунтаҳои худ ба кас чизе медиҳад, ба андозаи он чизеро аз кас мерабояд, агар манзалати олии шоирии дарду доғи Ватанро арзонӣ медорад, пас роҳату оромишро аз ҷони ӯ мебарад. Аз ин ҷойи гурез нест, ин қисмат аст, ин иродаи Худованд аст, ки бо ин шоири арҷманд ҳам ин гуна иттифоқ афтодааст.

Кишварҳои дигарро тарк карда, дар канори оворагони халқи худ, дар Пешовар, маскан гузидани устод Халилӣ худ достони олӣ, достони олии сарнавишти инсонӣ ва шоирии ӯст, зеро ӯ заррае ва лаҳзае шоири ҳарф набуда, ҳамеша шоири шахсият ва сарнавишти худ будааст, ки дар ин шахсият ва сарнавишт миллат ва қисмати Афғонистон дар як замони мураккаб ва пурошӯб бозтоби дурахшон ва ҷовидонаи худро пайдо кардааст.

## «ДИЛАМ ҶУЗ ХОНАИ ИШҚИ ВАТАН НЕСТ»

**Бориқ Шафеӣ. Давронсоз мураттибон Сайфулло Саидов ва Лоиқ Шералӣ. Душанбе «Ирфон», 1980.**

На ҳар шоирро насиб мешавад,ки дар гардиши сахт ва қатъии таърих дар арсаи кор бошад ва агар ин ҳолат бо ӯ иттифоқ афтад, машғулияти шеър барояш машғулияти бисёр ҳам хатарнок мегардад.

Дар асри XX чанд шоири бузурге арзи вуҷуд карданд,ба монанди Владимир Маяковский, Гарсиа Лорка, Нозим Ҳикмат, Пабло Неруда, Абулқосим Лоҳутӣ, ки шеър барояшон баҳои ҳаёту мамотро дошт.Онҳо шоирони мубориза ва иқилоб буданд, онҳоро таърих барои худ хоста ва сохта буд. Номи онҳо ба табаддулоти бузурги таърихӣ ва мадании халқҳо пайвастааст.

Ҳоло дар ҳамин ҷода шоири афғон Бориқ Шафеӣ низ раҳсипор аст. Номи ӯ бо Иқилоби Савр пайванд дорад. Ин гардиши бузург дар ҳаёти халқи Афғонистон суханварони мубориз Сулаймон Лоиқ, Дастагири Панҷширӣ, Асадулло Ҳабиб ва чанд тани дигарро ба мақомоти баланди эҷодкорӣ бардошт, асарашонро ба пирӯзии Инқилоб ва қисмати халқ пайваст, ки Бориқ Шафеӣ ҳам аз ҷумлаи онҳост.

Таъйин кардан душвор мебошад, ки Бориқ Шафеӣ шоири мубориз аст ва ё муборизи шоир. Аммо ба ҳар навъе ки бошад, шеъраш муборизона ва муборизааш шоирона аст. Дар шахсияти ӯ ин ҳар ду сифат тавъамон омадаанд.

Маяковский гуфта буд, ки «Шоирам ман. Ва бо ин қобили иштиёқам». Ва агар Бориқ Шафеиро зарурате ояд, ки чунин бигӯяд, ӯ метавонад, ки «Шоирам ман» ва ҳам «Муборизам ман» бигӯяд ва дар ҳар ду ҳолат суханаш дуруст ва дар ҳар ду ҳолат ҳам қобили иштиёқ хоҳад буд.

Шоирони гардишҳои бузурги таърих, ки дар муборизаҳои сиёсию иҷтимоӣ аксаран худ бевосита иштирок мекунанд, дар шеърашон низ аз номи худ сухан мегӯянд ва агар бо забони қаҳрамони лирикӣ ҳарф зананд ҳам, он сухани худашон мебошад.

Шеъри Бориқ Шафеӣ шеъри муборизаи ӯ ва қаҳрамони шеъраш худи ӯст. Ҳолати ин қаҳрамон аз аҳволи халқ шаҳодат медиҳад, чунки ӯ дар мубориза ҳамроҳу ҳамдил ва пешгарди халқ аст. Шеърҳои, ки дар маҷмӯаи «Давронсоз» мехонем, Бориқ Шафеиро дар аҳволи гуногун,

кайфиятҳои мутафарриқ падидор мекунанд. Шоир дар онҳо хоҳиши озодӣ мекунад, бо илтиҷо сухан мегӯяд.

*Раҳо кун!...*
*Раҳо кун, зиндагӣ,мушти парамро…*
*Зи доми ошёнҳо,*
*Ки мехоҳад дилам парвози озод,*
*Фарози осмонҳо…*
*Раҳо кун!...*
(«Раҳо кун»)

Илтиҷои шоир ба ҳадди муайян аст, пурсиши ӯ эътидоле дорад, чун аз ин кор мурод ҳосил намешавад, ғазабаш боло мегирад, нолаашро ба осмонсӯзӣ даъват мекунад. Сипас дар шеъри ӯ сифати инқилобӣ пайдо мешавад, ки қаҳрамонаш на илтиҷо, балки даъват ва амр мекунад.

*Бархез зи хоби марг, бархез,*
*Бархезу ба ҳодисот бистез!*
(«Бархез»).

Шубҳае нест, дар муҳити зиддиинқилобӣ, ки ҳар гуна азми озодихоҳӣ ва равшангарӣ таъқиб мешавад, хоҳиш, илтиҷо ҳам ба андозае моҳияти инқилобӣ дорад, аммо ин ҳам ҳақиқат аст, ки инқилоб бе даъвати рӯёрӯ, бе ҷиҳоди фаъол, зиёда аз ин, бе қурбонӣ ҳам намешавад.

*Бархез, ки бархезам,*
*Бо ҳодиса бистезам,*
*Аз марг наяндешам*
*В-аз маърака нагрезам,*
*То ҷаҳлу ситам бо мо*
*Дигар накунад пайкор.*
(«Бархез»)

Дар Инқилоб ҷидоли сахттарин аз коргарон аст, ки ба урдуи ситам мекунад. Албатта, ин барои шоири асри бист кашфиёт нест, аммо онро бо суннати шеър гуфтан, худрову омоли худро бо он пайвастан қарзи шоири инқилобист. Бесабаб нест, ин маъниро Борик Шафеӣ маҳз дар шеъре гуфтааст, ки онро ба дӯсти шоир ва ҳампайкору ҳамдилаш Сулаймон Лоиқ бахшидааст.

*Мароми мо аз ин густардатар бод!*
*Хироми орзу хушҷилватар бод!*
*Агар бепардатар хоҳӣ, бигӯям:*
*Ҷаҳони мо ба коми коргар бод!*

Ашъори дигараш чун «Мароми коргар», «Тасвири коргар» низ ҷилваҳои тозаи ин маъниро инъикос карданд. Дар инҳо як чиз ҷолиб аст, ки шоир аз коргарон ба табақоти дигари ҷамъият бо деҳқонон, муздурон сухан мегӯяд, гӯё бо ҳамин воситаи услубӣ ҳам пешгардии коргаронро дар инқилоб таъкид кардан мехоҳад.

Бориқ Шафеӣ мафоҳими инқилобиро ба лаҳну оҳанг ва сабкҳои гуногун баён мекунад. Сухани вай дар баъзе шеърҳояш бо шӯру ғазаб омехта бошад (масалан,«Эй нола», «Дар овардгоҳ», «По шавед», «Додгоҳ»), дар дигараш чунонки зикр шуд, бо хоҳишу илтиҷо омадааст. Дар қисми дигари шеърҳо (масалан, «Бархез», «Ба насли ҷавон», «Бархез, тӯфон тустӣ») оҳанги даъвату хитоба пурқувват мебошад.

Бешубҳа, чӣ гуна оҳанг гирифтани ин ашъор аз он вобастааст, ки онҳо аз чӣ ва ба кӣ сухан мегӯянд. Ҳадафи шӯру ғазаб, лаънату нафрати шоир ситамгарону муфтхӯронанд. Вай нисбат ба онҳо бераҳму хашмгин аст. Инро маслаки инқилобӣ, маслаки инсонпарварии ӯ тақозо мекунад.

Бориқ Шафеӣ дар ҳамаи шеърҳояш мубориэи фаъол ва инқилобист. Шеърҳои хитобӣ ва даъватияш як тарзи зуҳури фаъолияти ӯро инъикос кардаанд, ки тариқи бевоситаи ибрози афкори ӯ мебошад. Таъсири ин услуб ҳам камтар аз даъвати бевосита нест. Масалан, ӯ дар шеърҳои «Зиндамурдагон» ва «Шабистони қабрҳо» аз ин тариқи даъвати риндона истифода кардааст. Вай дар шеъри аввала тамоми зиддият, ихтилофи дарунии ҷамъияти истисморро нишон медиҳад, вале дар ҷодаи мубориза худро танҳо ва қавми мазлумро дар хомӯши ва қавми мазлумро дар хомӯшӣ ва қавми мазлумро дар хомӯшӣ ва беҳаракатӣ дида, онҳоро зиндамурдагон мехонад ва гӯё аз баҳри ҷидол гузашта, машғули соғаркашӣ ва бӯсидани лаби ёр мешавад. Ӯ менависад:

*Бар мурдагон асар накунад нолаву фиғон,*
*Аз хуфтагон ҳамеша бувад дур корвон,*
*Бориқ, махӯр дигар ғами ин зиндамурдагон,*
*Бо мо биё ба боғ, ки бо ёри дилситон*
*Соғар кашему лаб ба лаби ҳамдигар кунем.*

Дар назари аввал шоир гӯё аз баҳри мубориза мегузарад, аммо хубтар андеша кунед, дармеёбед, ки ин мисраъҳо касро бештар ноором мекунанд, ба ҷунбиш ва фаъолият маҷбур месозанд. Чунки шоир худро ҳаргиз аз муҷоҳада канор намегирад, балки азмаш қатъитар мешавад, ҳар касе, ки ҳамаи он беадолатиро дар ҷамъият идрок мекунад, дигар асло лаб ба лаби ёру аз дарди ҷомеа канор буда наметавонад. Ӯ фақат аз сӯхтани дилаш чунин мегӯяд.

Ин тариқи дигари даъват ба мубориза аст. Зимнан, ин тарзи услубии ифода ба мубориза аз шеъри классик ибтидо мегирад. Шоире, ки чунин гуфтааст:

*Он сар, ки зи фикри халқ орист,*
*Шоистаи ҳалқаҳои дор аст.*
*Аз санги ситам шикаста беҳтар*
*Он дил, ки ба сина бешарор аст. –*
(«Бархез»)

аз кори мубориза дар канор буда наметавонад.

Дар ҳолатҳои дигар, ки шеъри Бориқ Шафеӣ бахши дӯстони ӯст, шоир бисёр ҳам нарм, дилсӯз ва меҳрубон мебошад. Пас аз хондани онҳо кас боз як бори дигар ба он ҳақиқате, ки шеър ҳолати дил аст, на касби омӯхта, бештар бовару эътиқод пайдо мекунад. Ҳангоме ки ӯ орзуҳои дилашро ба забон меорад, суханаш чун орзу ширин аст.

*Шабонгаҳ хилвати ман осмон аст,*
*Нигоҳам роздори ахтарон аст.*

*Зи ҷоми моҳтобам бода бахшанд.*
*Ҳарифи суҳбатам равшандилон аст,*
*Саҳаргаҳ мазҳари мастистам ман.*
(«Ман»)

Даъват ба озодӣ ва саодати инсон, инқилобу мубориза, ки мазмуни асосии эҷодиёти Борик Шафеӣ ҳастанд, услуби ашъорашро ҳам таъйин кардаанд. Мазмун ба услуб, услуб ба унвони шеър сахт марбут аст. Унвони аксари шеърҳои «Давронсоз» минбар мебошад. Шеъри минбар шунавандаро ҳамоно бояд фаро гирифта, зудрас ва аз лиҳози лафзу оҳанг шевою хушсадо бошад, ки шеъри Борик чунин аст.

Ин сифати шеъри ӯ аз корбасти моҳиронаи сабки анъанавӣ ва тоза ҳосил шудааст. Зотан, ӯ дар ду сабк ба алоҳидагӣ ҳам шеър мегӯяд. Дар шеъри анъанавияш оҳанги дубайтиҳои халқ ва ашъори Ҷалолиддини Румӣ шунида мешавад. Матлаби Борик Шафеӣ аз шеър, ки пайвастани мардум ба кори инқилоб мебошад, мехоҳад шеъраш ҳар чи зудтар ба онҳо расад, дар байни халқ нуфузи бисёртаре дошта бошад. Мактаби Румӣ барои расидан ба ин матлаб беҳтарин мактаб аст. Аввалан, ки шеъри Румӣ дар Афғонистон бисёр шуҳрат дорад, мардуми афғон ба он хӯ гирифтааст, сонияи, аз шеъри ӯ шавқу изтироб ва шӯру қиёми рӯҳонӣ гирифта, онро бо оҳанги сиёсиву инқилобӣ тазвиҷ карда, бо мардум таъсири сахт гузаронидан мумкин аст. Ин оҳанг дар дили мардуми афғон нишастааст. Ба хотири мазомини тоза аз воситаҳои услубии озмуда истифода кардан маҳсулнок мебошад, чунки зеҳни халқ аз онҳо бегонагӣ намекунад, мақсадро зуд дармеёбад.

*Боз дил меҳанпарастӣ мекунад,*
*Дам ба дам изҳори ҳастӣ мекунад.*
*Орзу дар сина мерақсад маро,*
*Боз ин девона мастӣ мекунад,*
*Дар ҳаводис чирадастӣ мекунад.*
(«Машраби парвона»)

Агар дар ин пора оҳанге аз «Маснавӣ»-и Мавлавӣ эҳсос шавад, дар шеърҳои «Бархез, тӯфон тустӣ», «Бархез», Додгоҳ», «Мароми коргар», «По шавед» ҳамон шӯриши ҳиссиёт, ки дар ғазалҳои Шамси Табрезист, ба гӯш мерасад.

Тозакории Борик Шафеӣ дар он аст, ки мазмуни тозаи иқилобиро дар шаклу оҳанги озмудаи шеъри классик ба устодӣ ифода карда тавонистааст.

Одатан тозакорӣ дар шеър на ҳама вақт ба зудӣ шинохта ва эътироф мешавад. Эҳтимол, як сабаби зуд шинохта шудани «шеъри нав»-и Борик Шафеӣ дар ҳамин бошад, ки ӯ дастовардҳои шеъри классикро бо ниёзи замон ба шеъри рӯзгор тазвиҷ мекунад, шеъри мазмунаш тоза ва сабку оҳангаш гуногун мефарад. Шоистаи ҷоизаи миллии Раҳмонбобо шудани «шеъри нав»-и Борик Шафеӣ низ ба ин маънӣ дахолат мекунад.

Албатта, дар байни эҷодиёти Боирк Шафеӣ ва ашъори шоирони пешини инқилобии Афғонистону Эрон ва дигар шоирони форсигӯ, чун Муҳаммад Иқбол ва Абулқосим Лоҳутӣ ҳамоҳангие ҳаст, аммо гумон меравад, ки заминаи он бештар дар авзои ҳаммонанди иҷтимоӣ бошад. Ҳар яки онҳо мувофиқи мақсади муборизааш шеър гуфта, маҳз ҳамон оҳангу тариқи шеърро пайравӣ кардааст, ки бо барномаи шоириаш мувофиқ будааст. Ҳамоҳангии ашъори онҳо аз ҳамонандии муборизаашон мебошад.

Ашъори Борик̣ Шафеӣ ҳоло барои Афғонистон фақат ҳодисаи адабӣ нест, балки ҳодисаи зиндагӣ, ҳодисаи иҷтимоист ва баҳри халқи ҳамзабон ва ҳамсояи тоҷик ҳам, ки ба қисмати халқи бародари афғонаш беалоқа намебошад, ҳамин гуна арзиш дорад.

**Соли 1980**

## БО ЁДИ ПУШКИН[15]

Пушкин.

Ин ном аз кӯдакӣ дар дили мо ҷой мегирад ва ҳар бор вақти шунидани он дили мо равшану пурнуртар шуда, дар он як олам ҳиссиёти зебою фараҳбахш бедор мегардад. Ин ном, Пушкин, бо «Ҳикояи моҳигир ва моҳии тилло», «Қиссаи шоҳдухтари мурда ва ҳафт паҳлавон» ва дигар қиссаю афсонаҳо аз кӯдакӣ дар дили мо маскан мекунад ва номаълум ба як ҷузъи мо бадал мешавад.

Баъдтар мо ҳамроҳи ӯ механдем ва мегирйем, дил медиҳем ва дил мебарем, шабҳои бехобӣ мекашем ва ба марги дӯстони худ сӯгворӣ мекунем.

Хуллас, мо ҳамроҳи ӯ ҳаёти ӯро ба сар мебарем. Зиндагии ӯ зиндагии мо мешавад, вале Пушкин дар маснади худ ҳамчунон бузургу бемонанд мемонад.

Бале, бузургу бемонанд.

Бо гузашти замон симои баъзе эҷодкорон дар назари мо торафт хурд шудан мегирад, баъзеи дигар, ба мисли Пушкин, гӯё маҳз барои он ба таърих медароянд, ки аз он бузургияшон ба чашми мо пурратар намояд. Пушкин бо мурури айём аз мо на дур, балки ба мо наздиктар мешавад, аз дуриҳои замон ба назари мо на хурд, балки бузургтар метобад.

Ин сифати нобиға аст.

Вай ҳар рӯз ӯ, аз тӯли зиёда аз якунимасраи таърих, ба зиндагии мо дохил мешавад. Пушкин тамоми гирду атрофро фаро гирифта, фазои моро ба худ пур мекунад.

Пушкини ҷавон аввал ба ҷаҳон бо чашмони ҳайрат ва ошиқу меҳрангез нигарист, вале ба пои урёни мардум занҷири ситам дид ва гумон кард, ки бо як даъвии шоирона ҳамаро ба по мехезонад ва занҷирҳоро бармеканад. Аммо худашро аз по афтонданд, бо тир аз по афтонданд, вале ӯ дар маснади шеър ва дилҳо ҷовидон ба по монд.

Пушкин бо номи «Кохи ёдгор» шеъре дорад. Шоир тақдири ояндаашро медонист ва онро бе ҳеҷ як худситоиию ифтихор, балки бо як тамкину оромӣ ва андак ранҷишу озурдагӣ аз замона хеле хуб баён кардааст. Ин кохи ёдгор барои мо, наслҳои оянда гӯё маҳз барои он аст, ки мо аз баландии он бузургии шоирро ба ҳақиқат дида тавонем.

*Ба худ кохе бино кардам, ки даст онро намесозад,*
*Алаф ҳаргиз напӯшад роҳи мардумро ба он маҳзар,*
*Муаззам обида он сон, ки болотар сар афрозад,*
*Зи бурҷи шоҳ Искандар –*
*Замоне дер хоҳам буд азизи халқи ин кайҳон,*

---

[15] Ин мақола ба муносибати иди умумииттифоқии шеъри Пушкин, ки дар ИҶШС ҳар сол моҳи июн баргузор карда мешуд, навишта шудааст.

*Ки кардам бо сухан ҳисси накӯ бедор дар одам,*
*Ки озодӣ дар ин асри ситам бистудаму эҳсон*
*Бар афтода талаб кардам.*

Дар ин шеър меъёри шоирӣ ва инсонии Пушкин чӣ бузург аст.

Пушкин шоире буд, ки аз оянда инчиби инсон пайғомҳои накӯ медод. Вай қудрате дошт, ки тамоми инсониятро ба оғӯш кашад ва бо тамоми овоз таъкид кунад, инсон зебову некӯст.

Инсон бояд зиндагиро дӯст дорад. Аммо замонадорон ба ҳаёти ӯ чӣ талхиҳое, ки ворид карда буданд. Ӯ зиндагиашро ҳамеша овора, дар зери таъқиб, дар бадарға, дар роҳ гузаронидааст. Ягона чизе, ки ҳамаи талхии рӯзгор ва оворагиҳоро дар худ ғунҷонид, шеър буд. Бинобар ҳамин, мо дар эҷодиёти Пушкин муҳаббатро бо адоват, садоқатро бо хиёнат, нармию меҳрубонии занро бо шамшерзанию шабохунҳо, саҳроҳои пурбарфи шимолро бо кӯҳҳои сабзпӯши Албурз ҳампаҳлу мебинем. Дар шеъри ӯ як тараф дарёи Арагва ҷӯшу хурӯш зада ҷорӣ шавад, дар дигар тараф даштҳои дурдасти рус зери барфи оҳиста ба сукут мераванд.

Пушкин, чунонки менавишт, зиндагӣ мекард. Ӯ худро забони халқ медонист ва аз номи тамоми Русияи бузург, ки онро дар дили худ ғунҷонида буд, сухан мегуфт. Паҳноварии сарзамини рус ва қудрати оғӯш кашида тавонистани он шоирро сармасту сарбаланд мекард, вай худро аз тамоми мардуми ночизу ҳасуд болотар дониста, аз номи инсоняти покниҳод ҳарф мезад.

Дӯстони ҷонии ӯ, ки дар қаламрави ҳукумати подшоҳӣ ба танг омада, дар маҳкамаю зиндонҳо, дар гурезагию бадарғаҳо азият мекашиданд, дар шеърҳои ӯ забон меёфтанд.

Ба ёд оред, қисмати яке аз дӯстони ҷонии ӯ Пушин ба чӣ анҷомид. Ӯ ба ҳаракати декабристон сардорӣ мекард ва чун ин ҳаракат шикаст хӯрд,  ҳамон шаб, 14-уми декабр ба Пушин шиносномаи хориҷӣ омода карданд, ки гурезад, ӯ рафиқони худро монда, дар ғами ҷони худ буданро ор дониста, гурехтанро рад кард. Рӯзи дигар ӯро ба ҳабс гирифтанд. Декабристонро худи шоҳ Николаи 1 истинтоқ мекард ва ба Пушин аввал дар қатори ҷинояткорони хавфноктарин ҳукми «сар задан» бароварда шуд. Вале шоҳ «меҳрубонӣ» кард, ӯро аз унвони дараҷаи ашрофӣ  маҳрум намуда, якумрӣ ба Сибир ба бадарға фиристод.

Пушкин дар чеҳраи ин гуна дӯстони худояндаи Русияро медид ва дар бораи онҳо бо ҳасрату ифтихор чунин менавишт:

*Бандҳои гарон шикаста равад,*
*Ҳабсхона шавад харобу адо,*
*Ҳуррият пешвозатон гирад,*
*Теғ бидҳандатон бародарҳо.*

Ин чӣ суханони пайғамбарона буданд. Дар ҳақиқат дари ҳабсхонаҳо кушода, завлона аз пои озодипарастон канда шуда, рехт. Пушкин замон ва зиндагии навро пешгӯӣ карда буд.

Агар ба эҷодиёти Пушкин як назар афканед, дар ҳайрат мемонед, ки вай ба чӣ андоза шоири умумибашарист. Пушкин дар бораи гурҷҳою бошқирдҳо, тоторҳою испанҳо, қалмоқҳою тунгусҳо, лӯлиёну черкесҳо ва боз чӣ қадар халқҳои бисёри дигар шеър гуфтааст.

Ӯ чӣ дили фароху паҳновар ва саршори муҳаббат дошт.

Пушкин баробари ба ягон халқ шеър гуфтанаш кӯшиш мекард, ки ба ҳадди имкон аз фарҳанг, таърих, илм ва ҳунари он бохабар бошад. Эҷодиёти вай чун эҷодиёти ҳамаи шоирони соҳибдаҳо аз сарчашмаҳои бисёре сероб мешуд. Ва беҳуда нест, ки имрӯз Пушкин ва Шарқ ва, аз

ҷумла Пушкин ва адабиёти форсу тоҷик яке аз масъалаҳои муҳими пушкиншиносист. Охир, дар бораи пайванди эҷодиёти Пушкин бо асарҳои Шарқ чӣ қадар санадҳои бисёр мавҷуданд.

Масалан, дар достони «Руслан ва Людмила», дар суруде, ки нозаниндухтар барои ба қалъа кашидани Ратмир мехонад, таъсир ва оҳанги назми Шарқ чунон зӯр аст, ки ҳатто Глинка дар операи худ барои ифодаи ин саҳна оҳангҳои шарқиро истифода кардааст. Дар эпиграфи «Фаввораи Боғчасарой», ин мисраъҳои Саъдӣ оварда шудаанд:

*Бар ин чашма, чун мо, басе дам заданд,*
*Бирафтанд чун чашм бар ҳам заданд.*
*Чаро дил бар ин корвонгаҳ ниҳем,*
*Ки ёрон бирафтанд, мо дар раҳем.*

Пушкин баробари ифодаи мафтунии худ аз фарҳанги Шарқ дар асарҳояш кӯшиш мекунад, ки хусусияти миллии мардуми онро ҳам нишон диҳад. Вале танҳо худи он ки шоир ба образу мавзӯъҳои назми Шарқ рӯ овард, барои бо чунин назм шиносонидани хонандаи рус хизмати бемисоле буд.

Пушкин ҳамаи халқ ва фарҳангҳоро дӯст медошт. Вале сарчашмаи қудрати нотамоми шоирии ӯ, бешубҳа, халқи рус буд. Ин халқ буд, ки ғоратгарони хоки худро ба хоки фано супурда, озодияшро ба ҷон ҳифз мекард, вале дар мулки худ озод набуд. Ва Пушкин «Бубинам ман ҳам, оё, дӯстонам, халқро озод», - гӯён онро орзу мекард.

Ҳар як рӯзи Пушкин дар зери назорати пинҳони жандарму полисҳо мегузашт, ба ҳар сафари ӯ иҷозатномаи махсус  зарур буд, ба чопи ҳар асараш рухсати алоҳида талаб карда мешуд. Ба дасту пои ӯ ҳазору як банди аёну ноаён андохта  буданд, вале озодии рӯҳ ҳамеша бо шоир буд.

Рӯҳи озоди ӯ ба ҳазор монеаҳо бармехӯрд. Инҳо монеаҳое буданд, ки барқасд ва пешакӣ ташкил мешуданд. Яке аз онҳо, ки боиси марги шоир шуд, Дантес буд.

Пушкин ба ин монеа 27 январи соли 1836 бархӯрд. Баъд аз дуэл вай, маҷрӯҳи беилоҷ, дар хонаи худ, дар Петербург, дар соҳили наҳрчаи Мойка мехобид. Хабари фавтро шунида, шаҳр ба тарафи Мойка ҷорӣ шуд. Ба видои Пушкин 50 ҳазор нафар омад.

Ҷасади беҷони Пушкин ба ҳукумат хавфнок шуд, ӯро шабона пинҳонӣ аз монастир (дайр, савмаа) бароварданд ва дар зери назорати жандармҳо аз Петербург ба Святогорскии дур бурданд.

Чӣ воқеаи ҳикматомез! Ҳатто ҷасади беҷони шоир ба замонадорон мубориза мекунад, ба онҳо ором намедиҳад, бунёди онҳоро меларзонад.

Агар мурдаи шоир ба онҳо он қадар хавфнок бошад, пас бояд фикр кард, ки зиндаи шоир ба онҳо чӣ қадар тарсовару ҳаросангез буд.

Дар яке аз нашрияҳои демократӣ дар бораи вафоти Пушкин чунин  суханҳо чоп шуданд:

«Офтоби шеъри мо ғуруб кард!  Пушкин вафот кард, дар айёми  гулгулшукуфӣ, дар миёни арсаи бузурги худ вафот кард! Барои дар ин бора бисёртар сухан гуфтан қудратамон камӣ мекунад ва даркор ҳам нест: Ҳар як дили рус гаронии ин талафоти бебозгашттро медонад ва аз ин дили ҳар як рус лахта-лахта мешавад. Пушкин! Шоири мо! Шодии мо, ифтихори миллии мо!... Наход ки мо дар ҳақиқат дигар Пушкинро аз даст дода бошем?... Ба ин фикр одат кардан мумкин нест».

Пас аз чоп кардани ин сатрҳо муҳаррири ин нашрия аз номи вазири маорифи ҳукумати подшоҳӣ сарзаниш карда шуд.

Дар ҳолате, ки кушандаи Пушкин Дантеси аҷнабӣ дар кӯчаҳои Петербург озодона мегашт, ҳиммати ҳукумати подшоҳӣ ба ҳамин расид, ба он касе, ки хотираи шоири миллии рус Пушкинро бо суханҳои нек ёд кард, сарзаниш диҳад.

Аз дасти он дигар чӣ ҳам меомад?!

Ягона касе, ки хост аз Дантес қасоси марги Пушкинро гирад, дӯсти Пушкин шоири лаҳистонӣ Адам Митскевич буд. Ӯ он вақт дар Фаронса буд ва аз ҳамон ҷо Дантесро ба дуэл даъват кард. В. Вересаев ин санадро дар яке аз китобҳои худ оварда, ҳаққоният ва оқибати ин даъват маълум нест, мегӯяд.

Ман аз дилу ҷон мехоҳам, ки ин рост бошад, ман мехоҳам, ки ба ин бовар кунам.

Оре, ҳукумати подшоҳӣ хотираи Пушкинро бо суханҳои нек ёд карда наметавонист ва намехост, вале имрӯз, тамоми инсонияти мутараққӣ ба он суханони самимию пурмехр суханони боз ҳам азизтар ҳамроҳ карда, номи Пушкинро ба забон меорад.

Ҷойҳое, ки қадами ин шоири бузург расида буд, ҳоло мавзеи зиёрат ва посихотирдории ӯ гаштаанд.

Ҳар чӣзи хурду бузурге, ки ба зиндагию эҷодиёти ӯ тааллуқ дорад, ба мо азиз ва гаронбаҳост.

Имрӯз асарҳои ӯро бо тамоми забонҳо мехонанд. Пушкин ҳам худ барои ҳамаи мардуми равшандили олам менавишт. Вай зодаи халқи рус ва барои инсоният буд.

Ба мавлуди шоир 177 сол пур шуд, аммо вай мисли ҳамаи шоирони бузург рӯзи мавлуд дораду рӯзи вафот не!

Ҳар рӯз вай бо як табассуми ширин ва хушҳолонаи худ, ки дар зиндагӣ дошт ва аз шеърҳояш ҳам ҳувайдост, ба дилҳои мо ворид мешавад.

Ҳар рӯз.

**Соли 1976**

## БӮЙИ ДИЛ ВА МУҲАББАТ

**(Сергей Есенин)**

*Шаби бехобии ман, хоби ширинам*
*Хаёли деҳу дашту марғзорон аст,*
*Мана, ин лаҳза дар ёдам*
*Сафедори паси боми падар оҳиста ларзон аст*
*Маро ҳар шоху барги ин дарахти кӯҳна медонад,*
*Чу тифли бесару сомон,*
*Чу дузди тухми гунҷишкон.*
*Ту ҳам шояд накардастӣ фаромӯшам,*
*Саги мо, тозии хушзоди рустоӣ...*

*...Шаби маҳтоб гӯё аз уфуқҳо шир мерезад*
*Дарахтон по ба кафки шир мемонанду мехобанд.*
*Дар оғӯши чунин зебоии дунё,*
*На танҳо зиндагонӣ,*
*Балки мурдан ҳам бувад зебо.*
*Ман он устози навхезам,*
*Ки шеъри талх мегӯям*
*Сурудам ашки маҳтоб аст,*
*Ва ё пиндори мурдоб аст.*

*Гаҳе дар ёди ғукон мекунам эҷод,*
*Гаҳе аз калламушон мезанам фарёд.*

*Сари зардам ба мисли тирамаҳ зарду парешон аст,*
*Ба ҳам печида мӯям мешавад афшон,*
*Ту гӯӣ дар сари зардам шароби тоза меҷӯшад*
*Ва бо сад ҷӯяи борик*
*Ба рӯям мешавад резон.*

Сад сол пеш гӯяндаи ин сатрҳо дар канори марғзорони бопаҳнои кишвари Рус, ки домани сабзи он ба уфуқҳои шафақзори лоларанг мепайваст ва дасти меҳрубони насим пайкари сафеди тӯсҳои мавзунқоматро навозиш мекард, оби чашмаҳои равонаш соқҳои зуфу пудинаҳоро мебӯсид, ғукҳояш ба лаҳни худ мехонданду хурӯсонаш субҳгоҳон ба шеваи худ бонг мезаданд, сагонаш дардҳои ошиқии инсонро мефаҳмиданду инсонҳояш ғами сагҳои бечораро дар ҷони худ мекашиданд, тифле ба дунё омад ва зани фарангие, ки дар машҳуртарин саҳнаҳои балети дунё рақсида, аз маъруфтарин ситораҳои рақси аввали қарни XX буд ва забони русӣ намедонист, чеҳраи ин ҷавони биступанҷсоларо чун дид, аввалин сухане, ки аз ғайб ба забонаш омад, «Ангел» буд, ки Фаришта аст.

Ва ин «Ангел», фариштаи шеър, Сергей Есенин буд.

Агар Айседора Дункан аз аввалин нигоҳ ба чеҳраи фариштавори шоири марғзорон ва муҳаббатҳои тиллоӣ, ки акси дили ошиқ ва зебопарасташ дар чеҳрааш ҳувайдо буд, дил дода, бехабар аз шеъри ӯ ӯро Фаришта гуфта бошад, инсони маъруфи дигар, ки мӯи худро дар кори сухан сафед карда буд, баъд аз шунидани ашъори ин ҷавони деҳотӣ дар дафтари худ навишт, ки: «Сергей Есенинро табиат на он қадар ҳамчун одамӣ, балки бештар ҳамчун узве, ки танҳо ва танҳо барои шеър, барои ифодаи ғуссаи беканори марғзорон, муҳаббат ва меҳру шафқат ба тамоми мавҷудоти зиндаи олам, ки инсон нисбат ба ҳамаи чизҳои дигар бештар сазовори он мебошад, офаридааст». Ва ин сухани пири хирадманди адаб Максим Горкий буд.

Аммо ин узви саропо ҳиссиёт, саропо дил, саропо меҳру муҳаббат ва шафқат, саропо шеъри олӣ ба як ҷаҳони кайфиятҳои пасти ҳайвонии инсонӣ рӯ ба рӯ шуд, ки ба қавли ӯ «Ҳама ва ҳар кас танҳо худро дӯст медорад ва мехоҳад, ки ҳама дар назди ӯ сархам бошанд ва ӯ аз ин лаззати ҳайвонӣ мебарад.

Вале инсонҳое ҳастанд, ки роҳи зиндагии худро ба ғусса тай мезананд ва наметавонанд, ки бе нафрат ба ҷӯшу хурӯши башар, ба ин лаззатҳои ҳайвонӣ нигоҳ кунанд… онҳо бемаъноии муҳитро хунсардона пушти сар карда наметавонанд, рӯҳи онҳо ғам мекашад ва ба сӯи ким-кадом оламҳои номаълум сахт парвоз кардан мехоҳад» – чунин навишта буд ӯ дар нақшаи насрии шеъри «Пайғамбар»-и худ.

Сергей Есенин дар он оламе, ки ба рӯҳи ӯ носозгор буд, танҳо сӣ сол зиндагӣ кард, ки 15 соли он ба кори эҷод сарф шуд ва дар ҳамин понздаҳ сол ӯ ба худ умри ҷовидон ёфт. Ин аз имконоти инсони муқаррарӣ берун аст.

Ишқе, ки ӯ ба мардуми оддии рус, заминҳои паҳновари он бешазорону марғзророни он дошт, низ ишқе буд, ки дар дили инсони оддӣ имкони ғунҷидан надошт ва шоир онро ба дараҷае гарму самимӣ ва бетакаллуф изҳор мекард, ки то ҳол ба назари мо ғайри одӣ мерасад. Ӯ ба ин ишқи беназираш ошиқи ҳаёт буд ва фақат як сол пеш аз маргаш, ки ҳоло бисту нуҳ сол дошт, дар яке аз ҳолномаҳояш навишта буд: «Ҳаёти ман ва эҷодиёти ман ҳоло дар пеш аст».

Шоире, ки аввалин шеърҳои худро дар пайравии «частушка»-ҳои мардуми рус гуфта буд, дар як муддати кӯтоҳ на танҳо ба мақоми шеъри классикии рус – Пушкину Лермонтов даст ёфт,

балки силсилае гуфт, ки дар баробари ашъори шуарои классики шарқ маҳбубият пайдо кард. Ин исботи имконоти беҳудуд ва истеъдоди Худододи ӯст. «Савтҳои форсӣ» на танҳо дар дили хонандагони рус, балки дар дили хонандагони тоҷику форс низ танини ҷовидон дорад.

Муҳаббатҳои инсонӣ, оғӯшҳои гарм, рангомезиҳои табиат, гулхани гулбаргҳо, зебоиҳои кастонаю тӯсу ғабиро ӯро барои сурудани шеъри гарм ва дилорои худ офарида буданд, вале як иддаи замонасоз ин шоирро ба ташвиқи сиёсати давру замон ва ҳукумат талқин мекарданд, ки ҳаргиз майли дили ӯ набуд. Ӯ бо дили ҳассос ва савқи табиии худ ҳис мекард, ҷомеа бо дигар сӯ меравад ва ҳанӯз соли 1920 навишта буд, ки «… тамоман на он сотсиализме меояд, ки ман дар фикраш будам». Ин пешгӯии шоири 25 сола аст, ки 75 сол пеш аз ин карда шудааст. Забони шоирон забони ҳақ аст. Ва ин пешгӯӣ бо ҳама он майхорагию шӯридасарӣ, ки бештар аз будаш ба номи ӯ мечаспонанд, ба ҷои он ки аз шеъраш сухан гӯянду таҳқиқ кунанд ва агар ин тавр ҳам буд, тасдиқи боз ҳам нобиғагии ӯ, фавқулоддагии истеъдод ва шахсияти ӯ мебошад.

Ҳаёти нобасомон ва пур аз оворагиҳои нобиғаи шеър Сергей Есенин рамзи муборизаи шеър ва қувваҳои сиёҳи ҳукумат шуд, ки охири охирон ба фоҷиа, ба куштори шоир анҷомид ва боз эълом карданд, ки ӯ худкушӣ кард. Шоири асил ҳеҷ гоҳ ба қувваҳои сиёҳ – хоҳ ҳукуматӣ бошад хоҳ ҷиноӣ – муросо наметавонад кунад, зеро ӯро барои ситоиши нерӯҳои некӣ, адолат, муҳаббат, одамият меофаранд ва он қувваҳои ҷовидон номи ситоишгари худро дар равоқи забарҷади таърих бо суханҳои заррин сабт мекунанд, ки аз он ҳамеша бӯи дил ва муҳаббат меояд. Ҳамин аст, ки аз ин ном – Сергей Есенин – ҷовидона бӯи дил ва муҳаббат мерасад.

**Соли 1995**

## ДАР ПАЙИ НИГОҲ ВА ҲАРФИ ХОСА[16]*

Маро ҳар номи тозае дар адабиёт хушҳол месозад ва махсусан, дар нақди адабӣ, зеро дар солҳои охир пардохти моддии меҳнати адабӣ бисёр ночиз шуд ва танқид, ки нисбат ба ҳамаи дигар навъҳои адабӣ ба таъмини моддӣ бисёртар эҳтиёҷ дорад, бе ин пуштвона наздик ба нобудӣ расид. Ман танқиди асил, илмӣ ва холисонаро дар назар дорам, на ба ном тақризу мақолаҳоеро, ки бо ғаразҳои гуногуни ғайриадабӣ навишта шуда, аҳамиятеро барои адабиёту нақди адабӣ доро нестанд. Аз ин рӯ, ин номи тоза – Мубашшири Акбарзод, ки тайи чаҳор - панҷ соли охир бо тақризу мақолаҳои худ ба чашм мерасад, боиси хушнудӣ ва умедвории ман аст, ки шояд соҳиби ин ном, соҳибқалами нисбатан ҷавонсол дар ин ҷодаи пурмашаққат раҳнаварди собитқадам бошад, зеро аз қадамҳои аввалинаш пайдост, ки ӯ сифати асосии мунаққиди адабӣ – чашми шинохти асари ҳунарро дорад, яъне завқи салим дошта, аз фан ва ҳунари шеър ба хубӣ огоҳ аст, шеъри асилро аз қалбу дурӯғин тамиз дода метавонад. Аммо дафъатан бояд бигӯям, ки барои барор ёфтан дар танқиди адабии муосир фақат бо завқи салим, донистани фан ва ҳунари шеър иктифо кардан ҳаргиз басанда нест, зеро танқиди замони нав ба иборат танҳо завқӣ, ҳунарӣ ё фаннӣ набуда, аз дастовардҳои илмҳои дигар, аз ҷумла ҷомеашиносӣ, равоншиносӣ, зебошиносӣ, таърих, фалсафа, табиатшиносӣ истифода карда, на танҳо заминаҳои пайдоиши асари бадеӣ, балки муҳити такомули эҷодкори онро ҳам дар назар дошта, риштаҳои пайванди онанро бо дирӯзу имрӯзу фардо муайян менамояд.

---

[16]* Сарсухан ба китоби Мубашшири Акбарзод «Сухан, к-аз осмонҳо фуруд омадаст...» Душанбе: Адиб. 2006.

Ин ҳоло савияест, ки танқиди адабӣ дар намунаҳои беҳтарини худ дар Урупо ва Осиё ба он даст ёфтааст, танқиди адабии тоҷик ва ҳамчунин кишварҳои ҳамфарҳанги мо

Эрону Афғонистон низ ба ин поя расида, донишмандони мо зарурати ҳамин гуна баррасии илмии ҳамаҷонибаи эҷоди бадеиро тақозо ва пайгирӣ мекунанд. Аммо аз касе, ки барои мунаққиди адабӣ шудан камар бастаасту фазилатҳои аввалияро надорад, дуюмиро талаб кардан бефоида аст, зеро шинохт, ки аз асари бадеӣ солим набошад, баррасӣ низ ҳамон гуна ноқис ва беморгуна хоҳад буд. Вале мо, дар айни ҳол, бо ҷавоне рӯ ба рӯем, ки фазилатҳои аввалияро ба дараҷаи қонеъкунанда дар бар дорад – ҳунарро шинохтааст, илми арӯз ва қофияро медонад, ки, мутаассифона, на танҳо баъзе шоирон, ҳатто мунаққидони шеър онҳоро фаро нагирифтаанд, ҳол он ки бе донистани онҳо ба таҳқиқи шеър пардохтан корест, ки масали наҷҷорӣ кардани бӯзинаро ба хотир меорад.

Ба ман  дар навиштаҳои Мубашшири Акбарзод он чиз хуш меояд, ки ӯ ҳангоми баррасиҳояш, чи аз шоирони баркамол, аз ҷумла,  Бозор Собир, Алимуҳаммад Муродӣ ва чи аз ҷавонтарҳо Сурӯш, Салими Зарафшонфар, Адиба, Озар, Мухлиса ва дигарон бозёфтҳои шоиронаи онҳоро, ки дар тасвир, сохтани ташбеҳу истиораи зебо, иҳоми дилнишин ҷой доранд, нишон дода, маҳорати суварнигорӣ, маъниофаринӣ, асолати сухан ва услубро таъкид намуда, аз нуқсҳои фаннии ашъори онҳо, ки аксаран аз хатоиҳои вазну қофия, таносуби сухан иборатанд, сарфи назар намекунад. Сабаби нуқсҳо маълуманд – ба хубӣ надонистани илми арӯзу қофия, ки дар асоси хатти ниёкон,  форсии имрӯза сохта шудааст ва баъзе шоирони мо, ки бар ин хат тасаллути комил надоранд, ба иштибоҳ роҳ медиҳанд. Барои ман дар баробари ангушт гузоридан ба ин нуқсон нишон додани бозёфтҳо муҳим аст, зеро завқи салимро тарбият медиҳад, вале танҳо нишон додан басанда нест, сари онҳо муфассалтар мулоҳиза бояд ронд, онҳоро дар ҷараёни  шеъри имрӯз дид ва ба ҷамъбастҳои фарох бояд расид.

Акнун ман мехоҳам, ки Мубашшири Акбарзод бар замми он донишҳои завқӣ, ҳунарӣ ва фаннии андӯхтааш, ки заминаи таҳқиқи ҳунарии ӯро фароҳам хоҳанд овард,  нигоҳи илмии ҳамаҷонибаро, ки болотар зикр кардам, дар худ парвариш ва густариш диҳад, то он ки на фақат ба муайян намудани омилҳои иҷтимоӣ ва ҳунарии эҷоди асари бадеӣ, пешина ва пайомадҳо, мавқеи он дар ҳаёти адабӣ ноил гардад, балки дар баробари ин аз худ чеҳраи мунаққидеро аён намояд, ки ба масъалаҳои мубрами ҷаҳони муосир аз дидгоҳи нақди адабӣ менигарад ва баррасӣ менамояд. Ба ин тариқ на танҳо хусусиятҳои баргузидаи асари бадеӣ ва эҷодкори он падидор мегарданд, балки чеҳраи худи мунаққид ҳам ҳамчун шахсияти эҷодӣ равшану мушаххас ба назар мерасад.

Ман умедворам, Мубашшири Акбарзодро дар баробари баррасиҳояш ҳамчун шахсияти баркамоли эҷодӣ бубинам, ки бар ҷаҳони имрӯз, ки ҷаҳони адабӣ ҳам порае аз он аст, нигоҳи хоса ва ҳарфи гуфтании худро дорад.

**14 марти соли 2006**

## БАРДОШТЕ АЗ «ЧАШМАНДОЗ...»

«Чашмандози шеъри имрӯзи Тоҷикистон» рисолаи илмии танқидиест, ки мо, мунтақидони тоҷик, бояд менавиштем, вале, мутаассифона, навишта натавонистем ва хушбахтона, ишқу алоқа ва донишмандию заҳматписандии дӯсти гаронқадри мо дуктур Алиасғари Шеърдӯст ӯро водошт, ки ин кори пурмеҳнатро ба дӯш гирад ва онро дар дараҷаи олӣ ошиқонаву

воқеъбинона ва амиқу муҳаққиқона ба анҷом расонида, он халоеро, ки дар накди шеъри муосири тоҷик вуҷуд дошт, бахангом пур намояд. Ҳарчанд арзиши ин тадқиқот аллакай аз ин суханҳо пайдост, аммо ба хотири ташвиқи самимонае, ки он моро барои шинохт ва гироиш пайдо кардан ба шеъри муосири тоҷик мекунад, дил мехоҳад, дар бораи баъзе аз фазилатҳои аслӣ ва илмию танқидии он мухтасаран бошад ҳам чанд сухан гӯяд.

Шеър ишқ аст ва онро танҳо ошиқона мешавад жарфу дуруст ва зебову зинда баррасӣ кард. Дар дасти муҳаққиқи беишқу алоқа шеър на баррасӣ, балки ҷарроҳии бераҳмона ва ноогоҳона мешавад, ки пас аз он ба ҷон додан наздик мерасад. Накде, ки пас аз хондани он кас ба шеър руҷӯъ намекунад, ҳамин гуна аст, ҳатто худ пештар мурдааст, то шеърро куштааст. Аммо аз ҳар сафҳаи ин рисола мо нафаси шеъри муосири тоҷикро мешунавем, тапиши қалбашро эҳсос мекунем, баланду паст рафтани фишори хунашро дармеёбем, зеро муаллифи он ангушти ҳассос ва меҳрубоне бар набзи шеър дорад, ки моро аз нафасҳои саломат ва ҳамчунин беморгунаи он огоҳ менамояд.

Шеър, ки худ аз шуур меояд, ҷилваҳои ҳиссиётомези онро ба мо мерасонад, пас дарёфт ва баррасии он на танҳо ба завқу ҳиссиёт, балки ба дониши амиқ ва биниши фарох низ сахт эҳтиёҷ дорад. Сайрҳои таърихие, ки дар ташаккул ва такомули арӯз, анвои шеър ва ҳунару сувари хаёли шеъри классик дар ин рисола карда мешаванд, на танҳо тасаллути комили муаллифро бар ин масъалаҳои мураккаб ва пурпечу хами эҷоди бадеӣ нишон медиҳанд, балки бештар намоёнгари он ҳастанд, ки дар сурати огоҳии комил доштан аз авзои шеъри имрӯзи ҷаҳон онҳоро то чӣ ҳад мешавад дар хидмати баррасии шеъри муосири миллӣ ҳам ба кор андохт. Пулҳое, ки муаллиф рӯйи ин дарёҳо задааст, мустаҳкаму устуворанд ва барои рафту омади дутарафа хуб омодаанд.

Ин рисола бо вуҷуди ҳаҷми на чандон бузург доштанаш масъалаҳои бисёри шеърро, ки ҳам ба ҳунару зебоишиносӣ таалluқ доранду ҳам ба рисолати иҷтимоии он, хулоса, масъалаҳоеро аз «ово» то «мухтаво» дар бар гирифтааст ва онро бо камоли нозукписандӣ ва моҳиятҷӯӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Дар айни ҳол меъёри таҳлили ӯ бар мақулаи замонӣ ва ҷаҳонии ҳунар ва рисолати эҷодкор асос дошта, собит менамояд, ки муаллиф бар нақши шеър ва шоир дар ҷомиаи имрӯз аҳамияти бузурге қоил буда, онро аз дигарон низ тақозо дорад. Воқеан, фикри ҳар кас ба қадри ҳиммати ӯст. Зеро барои Алиасғари Шеърдӯст эҷоди бадеӣ ва кори таҳқиқи он ҳам на ин ки касбу тахассус, балки болотар аз он маънои ҳаёт, ишқу алоқа, ғаму шодӣ ва ниҳоят худи зиндагӣ дар шеър аст.

**Соли 1997**

## ВАСЛГАРИ ДИЛҲОВУ КИШВАРҲО

*Ҳар касеро баҳри коре сохтанд,*
*Меҳри онро дар дилаш андохтанд.*

Иқдоми сарнавиштсозе, ки инсон мекунад, ҳамин дарёфти корест, ки меҳри онро дар азал дар дилаш андохтаанд, аммо, мутаассифона, на ҳамеша ва на ҳар кас онро дуруст дармеёбад ва дар натиҷа дар поёни зиндагӣ мебинад, ки як умри гиронмоя сарфи коре шудааст, ки аз уҳдаи он ба хубӣ набаромадааст, яъне рисолати инсонии худро пурра ба ҷо оварда натавонистааст. Агар инро ӯ худ ҳам дарк накунад, ки умр ба зоеъ бурдааст, зеро инсон аксаран ба кардаҳои худ хушбин аст, аммо ҳақиқати он чӣ гуна аст, ба чашми дигарон аён мебошад. Бинобар онҳое,

ки дар шинохти ин додаи Худованд дили ҳассосу даррок ва дидаи равшан дошта, маҳз ҳамон пешаро ихтиёр кардаанд, ки тақдирашон ба он рақам задааст, на танҳо зиндагии худро саршори маъно менамоянд, балки аз таҷаллои он ҳаёти пурмаъно ба умри дигарон низ партави муборак бармеафкананд.

Аз он рӯзе ки ман муаллифи ин китоб Алӣ Асғари Шеърдӯстро дидаам ва шинохтаам, донистаам, ӯ инсонест, ки рисолати ҳастии худро аз рӯзҳои аввали зиндагии ҳушмандонааш дуруст дарёфтааст. Тавсифи ин гуна рисолатро қаблан аз мо ва беҳтар аз ҳама Мавлои Рум кардааст: Мо барои васл кардан омадем. Дуруст аст ки ин рисолати умумии як иддаи бузурги инсонҳои худшинохтааст, аммо онро ҳар инсон ба тариқи худ, ба шеваи дарёфт ва истеъдоди худ амалӣ месозад, ки дар он чеҳраи шахсии инсонии ӯ нақши муҷалло хоҳад баст.

Васл кардан, чунонки ман дарёфтам, маънои сарнавишти як инсони дил дар ин роҳ бохтаву ҳазорон дил ба даст овардаест бо номи Алӣ Асғари Шеърдӯст. Ман дар ин сухан на муболиға мекунам ва на муҳобот, ҳамаи он чиз ки дар идомаи ин номаи оғоз хоҳам навишт, тасдиқи ин маънӣ хоҳад буд. Зеро фаъолияти ин инсони дилбохта – Алӣ Асғари Шеърдӯст дар ҳар соҳа – ҳам дар соҳаи таҳқиқу баррасии адабиёту фарҳанг, ҳам дар соҳаи табъу нашр, ҳар дар ҷабҳаи давлатмардӣ – сафирии мамлакат – ҳамин маъно ва мақсади васл кардани дилҳоро дар пай дорад. Чӣ рисолате дар дунё метавонад волотар аз ин бошад? Хушбахт аст инсоне ки ба ин рисолат ба дунё оварандаш ва ӯ ин рисолатро шинохтаву ба ҷо орад.

Ҳар мақолаи ин китоб паҳлуе аз ин рисолатро равшан месозад, агар бархе аз онҳо барои васлгарии адабиётҳову халқҳо навишта шуда бошанд, бархи дигар барои васл сохтани мо ба маъниҳои баланди қареҳаи илмию адабӣ ва маънавию бадеӣ, ки дар беҳтарин осори қадимию имрӯзӣ ҷой доранд, эҷод гаштаанд.

Ҳарчанд ин китоб бо тарҳи аз пеш матраҳшудае навишта нашуда, аз мақолаҳое мураттаб гаштааст, ки дар вақт ва мавридҳои гуногун ба қалам омадаанд, аммо чӣ чизи дигар беҳтар аз ин метавонад собит созад, ки муаллиф ҳамеша худогоҳ ва ё нохудогоҳ дар пайи амалӣ сохтани ҳамон рисолати асил – васлгарии дилҳою кишварҳо будааст, ки дар сарнавишташ рақам задаанд.

Ӯ аз барқарории сулҳу оромиш ва амният дар Тоҷикистон, ки маҳсули сиёсати хирадмандонаи Раиси Ҷумҳури Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон мебошад, на камтар аз ҳар як тоҷик меболад ва  аз иқдомоти фарҳангсози ӯ, ки барои тавсиаи арзишҳои миллӣ, фарҳанги асили тоҷикон, забону адабиёти он хидмат мекунанд, бо ифтихору ситоиш сухан меронад, ки далели дар арсаи олам ба хушӣ пазируфта шудани ин сиёсат ва аз ҷониби дӯсти тоҷикон ба ҷаҳониён ҳамчун дастовези арзандаи башарӣ  муаррифӣ гаштани он ҳам мебошад.

Ман аз ҷумлаи касоне ҳастам, ки бо сабабҳои фаъолиятҳои адабӣ ва вазифаҳои идориам ҳамеша аз авзои ҳаёти адабии Тоҷикистон ва ашхосе, ки дар он саҳм гузоштаанд, огоҳ будаам, ҳам дар замоне ки мо ҷузъи Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ будем ва ҳам баъд аз он ки ба соҳибистиқлолӣ расидем. Дар замони шӯравӣ робитаи дуҷонибаи адабиётҳо, аз ҷумла адабиёти муосири тоҷик бо адабиёти муосири рус ривоҷ дошт ва дар ин ҷода, олимону нависандагон, марказҳои адабию интишоротии ин ду кишвар бо ҳам ҳамкории густардае доштанд, ки солиёни мадиде давом кард ва чеҳраҳои саршиносе ҳам аз ин ду ҷониб дурахшон гашта, дар ташвиқу тарғиби адабиёти якдигар хидматҳои шоиста карданд.

Аммо ҳоло дар муқоиса мебинам Алӣ Асғари Шеърдӯст дар муддате кӯтоҳе, дар давоми на бештар аз понздаҳ – шонздаҳ соли фаъолияташ дар инкишофи шинохти ҳамфарҳангии мо ва расидан ба асли хештан хидмате ки кардааст, барои як нафар ғайри қобили қиёс мебошад. Мо ин маъниро метавонем аз рӯи мақолаҳое, ки дар ин китоб низ

фароҳам омадаанд, қисман пай бубарем, қисман мегӯям барои он ки ин китоб на ҳамаи он чиро ки Алӣ Асғари Шеърдӯст дар ин соҳа навиштаасту хидматеро ки кардааст, фаро гирифтааст, зеро манзури китоб нишон додани ин чиз ҳам нест, вале он биловосита аз он ба назар мерасад. Бештар аз чиҳилу панҷ мақолаву суханронӣ, ки дар мавзӯъҳои мухталифи ҳамзистиву ҳамгироии халқҳои ҳамреша, адабиёту таърих, дину ойин, забону услуб ва маҳфуз доштани ҳувияти фарҳангӣ, ки дар даврони ҷаҳонишавии бефарҳангӣ аҳамияти фавқуллода пайдо мекунад, ин гуфтаҳои моро ба исбот мерасонад.

Муҳаббати Алӣ Асғари Шеърдӯст ба сарзамини тоҷикон ба он дараҷа амиқу самимист, ки тавсиф надорад, зеро онро хостгоҳи тамоми миллати ориётабор, махсусан, тоҷику эронӣ медонад ва дар мақолаи «Шабнами як субҳи хандонем мо» чунин менависад: «Ин сарзамин (яъне Тоҷикистон - А. Ҳ.) порае аз вуҷуди мост, мо барои шинохти ҳақиқии хеш ба ин сарзамин ниёзмандем, бар соҳили пурҳосили Ҷайҳуну Сайҳуну Зарафшон дар пайи чашмаи оби ҳаёте ҳастем, ки падарони мо кафе аз он нӯшидаанду умри ҷовидона ёфтаанд». Дар мақолаи дигаре зери унвони «Саҳми тоҷикон ва эрониён дар бинои тамаддуни ҷаҳонӣ» бо такя ба гуфтаи яке аз муҳаққиқони тақаддуми фарҳангии ин халқҳо таъкид менамояд, ки «Зартушт пештар аз ҳар масъала ва нуктае, бидуни ҳар гуна гумоне куҳантарин шоири шинохташудаи ҳамаи забонҳои ҳиндуурупоӣ ва шояд ҷаҳон бошад».

Ин ду иқтибосе ки оварда шуд, дидгоҳи асосии Алӣ Асғари Шеърдӯстро ба тамоми масъалаҳо оид ба таърих ва саҳми халқҳои тоҷику эронӣ дар тамаддуни башарӣ муайян менамояд, ки дар баробари боиси ифтихор буданаш масъулияти аз он бештареро дар сарнавишти фарҳангии ҷаҳони имрӯза низ тақозо дорад, ки онро ҳам муаллиф лаҳзае аз ёд намебарад ва мо ин маъниро дар зимни ҳар мақолаю суханронии ӯ ба хубӣ эҳсос мекунем.

Сиришти мардуми ориётабор, тоҷику эронӣ ҳамеша хостгоҳи боварҳои нек будааст, ки барои инсонитар шудани ҷомеаи башарӣ хидмати бедареғ кардааст. Агар оини меҳрпарастӣ, ки яке аз аввалин боварҳои башарист, пеш аз ҷаҳор қарни масеҳият ривоҷ дошта, ба он таъсири бобаракати худро гузошта буд, дар айёми шаклгирии тамаддуни исломӣ саҳми тоҷику эронӣ ба дараҷае муассир гашт, ки рукни асосии онро ташкил дод ва муҳим аз ҳама дар ин ҷараёни бузурги офариниш ҳувияти миллӣ ва фарҳангии худро на танҳо дурахшон маҳфуз дошт, балки онро ғанитару амиқтар сохт. Дар таърихи ин халқҳо ҳамеша воқеият чунин будааст, ҳар қавме ки ба қасди тасхири онҳо омадааст, дар охир таслими фарҳанги ӯ гаштааст, зеро ҳеҷ шамшере бурандаи риштаи ҳаёти фарҳанг ва ҳеҷ оташе сӯзандаи авроқи китоб нест, ин муборизаи муваққатии ҷаҳли замон аст бо хиради ҷовидон.

Дар баробари доштани чунин фарҳанги қадиму густарда рух задани ҷанги бародаркушро дар Тоҷикистон, ки бояд ба назар хеле ғайримунтазира меомад, Алӣ Асғари Шеърдӯст амиқу асоснок шарҳ дода, сабабҳои онро дар омилҳои берунӣ ва «надоштани таҷрибаи демократии ҳукуматдорӣ дастикам дар чанд насли ахир ва тазйиқоти фарҳангии миллати тоҷикро аз дастрасӣ ба ин манбаи азиму шигифти маънавиёту фарҳанг маҳрум карда буд» медонад, ки комилан дуруст аст. Давлатдории мустақил фарҳанги худро дорад, ки, мутаассифона, чанд насли халқи тоҷик аз он барканор монда буд ва аз он тадобире ки дар ин гуна ҳолатҳои хонабарандози таърих зарур аст, камтар огоҳӣ дошт. Аммо боз ҳамон «эҳсоси ҳамбастагии миллӣ ва хештаншиносии маънавӣ буд, ки тарафайнро гирд овард, то ҳаёти хешро ба хушбахтии миллати тоҷик пайванд бизанад» бо таъкид менависад Алӣ Асғари Шеърдӯст.

Дигар аз масъалаҳои муҳими сарнавиштсоз, ки баъд аз истиқлоли кишвар ва осоишу оромиши мардуми тоҷик дар маърази баррасӣ қарор дорад, авзоъ ва густариши забони тоҷикии форсист, ки «намудгори воқеии фарҳанг ва тамаддуни эронӣ» мебошад. Он дар аксари

мақолаҳои ин китоб ҷой дошта, аз мавриди пуштибонӣ аз Қонуни забон, таҳқиқи мақоми «Рӯдакӣ бузургтарин меъмори забони порсӣ», то истифодаи он дар илму фалсафа, ирфону ҳикмати исломӣ, омӯзишу густариши он дар фаросӯи марзҳо ва ҳамчунин саҳми шуаронавю навишандагони муосир дар инкишофу ғанӣ гардонидани он бо чунон дилбастагию ишқу алоқа баррасӣ карда мешавад, ки ҷойи «ин паричеҳраи порсӣ» танҳо кошонаи дил ҳоҳад буду бас.

Бисёр арзишманд аст, ки муаллиф дар баробари ишқу алоқаи ҷонии хеш бар ин «паричеҳраи порсӣ» дар асоси амиқрифти тафаккур бар розҳо ва маъниҳое аз забон мерасад, ки дар рафтори иҷтимоии шахс на фақат нақши носутурданӣ, балки асари фаъоле дошта, инсонро ҳамчун мавҷуде намудор месозад, ки дар ӯ ҳузури фарҳанги на фақат асри буду боши ӯ, балки чанд қарни қаблро низ ба равшанӣ ба мушоҳида мегирад ва бо такя ба бархе аз нахлаҳои фикрӣ ва фалсафа ӯ ҳам дар мақолаи «Ҷойгоҳи забони форсӣ дар таъмиқи равобити байналмилали фарҳангии минтақа» забонро шолудаи умдатарин рафторҳои иҷтимоӣ медонад ва бар мабнои забон ба доварӣ дар хусуси бисёре аз масоили фарҳангӣ мепардозад. Аз ин назар, андешаҳои ӯ оид ба авзои забони форсӣ аз қарни нуздаҳум ба ин тараф дар қаламрави Туркияи Усмонию Ҳинд ва Осиёи Марказӣ хеле ҷолиби таваҷҷуҳ буда, моро ба дарёфти бисёр масъалаҳои мураккаби ҳаёти фарҳангӣ, сиёсию иҷтимоии халқҳои ин марзи ҷуғрофиёӣ мерасонад, ки имрӯз дар пешорӯи онон қарор дорад. Калиди ҳалли ин мушкилот дар ҳалқаи васли фарҳангии ин мардум мебошад, ки асрҳои аср онро якҷоя ба вуҷуд оварда буданд, ки дар дӯстию рафоқат орому осоишта зиндагӣ бикунанд. Дар мақолаҳое ки дар бахши махсуси «Форсиро пок бидорем»-и китоб ҷамъ омадаанд, ин масъала ҳамаҷониба бо донистани авзои воқеии забон дар ин минтақа баррасӣ карда шудаанд.

Беҳтарин таҷаллигоҳи забон, ки бо ҳама рангҳо ва тобишҳо ба зуҳур меояд, адабиёти бадеӣ ва махсусан, шеър аст ва душвор аст, муайян кард, ки дар фарҳанги форсӣ кадоме аз инҳо дар расоӣ ва шевоии якдигар хидмати бештаре кардаанд, забон шеърро чунон расою шево сохтааст ва ё шеър забонро, балки ин муҳим ҳам нест, муҳим он аст, ки ҳар дуи онҳо дар беҳтарин сифатҳои худ ба ҳам чунон омехтаанд, ки намунаи беҳтарини забон ҳамчун шеър пазируфта мешавад ва шеъри беҳтарин ҳамчун дурахшонии забони беҳтарин. Беҳуда нест, баъзе аз муҳаққиқони шеъри имрӯзи форсӣ таъкид бар он доранд, ки забони тарҷумаи оличанобӣ форсии «Таврот» ва «Инҷил» ва ҳамчунин насри асри панҷуми ҳиҷрӣ, аз ҷумла, «Таърихи Байҳақӣ» ба шеваи забони шоирони навпардози муосири Эрон таъсири пурсамаре дорад. Аз ин рӯ, Алӣ Асғари Шеърдӯст ҳам ҳангоме ки бар забон меандешад, шеърро пеши назар дорад ва ҳангоме ки бар шеър меандешад, забонро. Мо ин хусусиятро дар мақолаҳое ки аз шуарову навишандагони чи даврони куҳан ва чи замони муосир суҳбат мекунанд, ба хубӣ мебинем ва то ин ҷо расидан аз мақолае ки дар бораи устод Рӯдакӣ ҳамчун бузургтарин меъмори забони порсӣ сухан мегуфт, ёдовар шуда будем. Ҳоло ба суханрониву мақолаҳое ки ба осори адибони муосири эрониву тоҷик бахшида шудаанд, меандешем ва дармеёбем, ки дар онҳо ҳам муаллиф ба ҳамин шева рафтор карда, дар баробари таҳқиқи вежагиҳои ҳунарии осори бадеӣ, тасвирсозӣ, анвои саноеи лафзию бадеӣ ҳамеша ҳунари эҷодкорро дар забондонию забонсозӣ зери назар дорад, зеро забонро воқеан ҳам унсури асосии адабиётсоз медонад.

Аз ин назар, таҳқиқоти ӯ оид ба осори ба ду забон офаридаи устоди шеъри порсӣ Шаҳриёр хеле ҷолиби диққат аст. Дар муқаддима бар «Девон»-и Шаҳриёр «Хишт зери сару бар тораки ҳафт ахтар пой» ва «Вежагиҳои забоншинохтӣ дар шеъри Шаҳриёр», ки мақоми олии ин уъҷубаи шеъри порсиро дар шеъри муосир ба ҳақ таъйин менамояд, дар баробари баррасии хусусиятҳои мухталифи ҳунари шоирии ӯ тасаллути комили ӯро дар сурудани ашъоре нобе дар

ду забон – порсӣ ва туркии озарӣ – бо далелҳои мӯътамад ба исбот мерасонад. Дар ин росто назари устодони ҳар ду мактаби шеъри порсӣ, ҳам мактаби шеъри суннатӣ устод Маликушшуаро Баҳор ва ҳам шеъри нав Нимо Юшиҷ, ки ба осори Шаҳриёр доштанд, хеле арзишманд аст ва Алӣ Асғари Шеърдӯст аз онҳо сухан гуфта, таъкид менамояд, ки агар аввалӣ ба «унвони ҳомӣ ва мушаввиқи ӯ кӯшишҳои фаровоне кард» дуввумӣ бо вуҷуди ҳамасрони худро ба чизе нагирифтанаш «Шаҳриёрро бо дидаи таъкрим менигарист, зеро ин уъҷубаи озарбойҷонӣ нишон дода буд, ки тасаллути камназир бар адаби порсӣ дорад ва калимот назди ӯ чунон дастомӯзу ром ҳастанд, ки ин кимиёгари бузург метавонад бо онҳо ҳастиро ба сурати дигар даровaрад. Дуруст аст ки ҳар як аз ин ду меъмори забон мутааллиқ ба дунёи хос буданд – дунёе, ки гоҳ фарсангҳо фосиларо нишон медод, аммо ин ҳар ду толиби хайру зебоӣ буданд. Ва дунёи маънавии муштараке доштанд, дунёе аз ҷинси калима». Ва комилан дуруст аст андешаҳои муаллиф дар ин ҷода, ки Шаҳриёр дар ин дунёе, ки аз ҷинси калима аст таҳаввуле чунон устодона ворид кард, ки хонанда ҳангоми мутолиаи ғазалҳои ӯ, ки ин таҳаввулот бештар дар онҳо воқеъ шудааст, дар аввал ҳис намекунад, ки дар дунёи нави ғазал аст ва намебинад, ки дар баробари калимаи пурталолую фахим ва забони тарошхӯрда ба он як олам вожаву ибороти забони халқ бо маҳорате ворид карда шудааст, ки ба сохтмони ғазал заррае бегонагӣ надошта, баръакс ба он «ширинию малоҳати хос» эҳдо намудааст. Муаллиф дар ин баррасии воқеъбинонаи хеш ба хулосаи муҳиме мерасад, ки дархури ояндаи ғазали порсист. Ӯ натиҷа мегирад: «Ин раҳрави Ҳофиз нишон дод, ки эҷоди робита байни забони ғазалсароии Ҳофиз, ки санъатгари бузурги забон аст, бо забони тӯдаи мардум имконпазир аст».

Адабиёти муосири тоҷик дар намунаҳои беҳтарини хеш дар ташвиқу тарғиб ва интишор мадюн ва сипосгузори хидматҳои Алӣ Асғари Шеърдӯст аст. Камтар шахсе ба ин ишқу алоқа ва заҳмат дар баррасӣ ва муаррифии беҳтарин намунаҳои назму насри муосири тоҷик хидмат кардааст, ки Алӣ Асғари Шеърдӯст. Ӯ ин корро на фақат барои хонандагони адабиёти тоҷик дар Эрон, балки барои хонандагони Тоҷикистон ҳам ба анҷом расонидааст. Накду баррасии «Чашмандози шеъри имрӯзи Тоҷикистон» ки ҳам дар Эрон ва ҳам дар Тоҷикистон интишор ёфт, силсилаи муқаддимаҳое ки ба китобҳои назму насри муосири тоҷик бо қалами муҳабатбори ӯ навишта шуда, дар Эрон ба нашр расидаанд, номгӯи мухтасаре аз таълифоти ин дӯсти фозил ва ғамхори бедареғи мост.

Алӣ Асғари Шеърдӯст ба адабиёт назари амиқи моҳиятбин ва дар айни ҳол ҳамаҷониба дорад. Ӯ мавқеи ҳар асар ва ё эҷодкорро дар ҷараёни адабӣ бо таҳлили мушаххасоти эҷодӣ ва ҳунари онҳо муайян менамояд ва дар мавриди зарурӣ ҷойгоҳи онҳоро дар ҳаёти сиёсию иҷтимоии ҷомеа ҳам нишон медиҳад.

Масалан, дар ин ҷода андешаҳои ӯ оид ба «Намунаи адабиёти тоҷик» - и устод Садриддин Айнӣ, ки дар Теҳрон ба эҳтимом ва муқаддимаи ӯ нашр шудааст, хеле ҷолиби таваҷҷуҳ мебошанд. Ӯ аҳамияти сиёсию иҷтимоии ин китобро дар таърихи давлатдории тоҷикон дар қарни XX мелодӣ ба эътибор гирифта, барҳақ менависад, ки «бархе китобҳо ҷудо аз арзиши фарҳангӣ ва эътибори матолибу муҳтаво ва замони таҳриру нашр коркарди сиёсӣ, иҷтимоӣ пайдо мекунанд, ки бар аҳамияти онҳо афзуда мешавад. Дар замоне ки ҳувият ва ҳатто фалсафаи вуҷуди як қавм бо таърихи ҳазорон сол мавриди ҳуҷум қарор гирифта ва нодида ангошта мешуд ...«Намунаи адабиёти тоҷик»… тавонист ҳаёҳуи ғавғогаронро, ки мерафт то ҳувияти миллӣ ва нажодию фарҳангӣ ва забони қавмиро инкор кунад, ба сукуту таъзим водошт».

Чунин назари фарох ва моҳиятбин аст, ки муаллиф ҳар як падидаи эҷодиро ҳам аз ҷиҳати мақоми ҳунарии он арзёбӣ менамояд ва ҳам аз ҷойгоҳи иҷтимоию сиёсии он ки ин шеваи кор аҳамияти таҳқиқоти ӯро ба маротиб боло мебарад. Навиштаҳои ӯ оид ба Муҳаммад Иқбол, Ҷалоли Оли Аҳмад, Кароматулло Мирзо, Камол Насрулло маҳсули ҳамин гуна нигоҳи ҳунарӣ ва иҷтимоӣ мебошад, ки дар навбати худ пураҳмият будани эҷоди бадеиро дар зиндагии иҷтимоию сиёсии ҷомеа таъкид менамоянд.

Муаллифи ин китоб дар баробари як инсони ошиқу дилбохтаи адабиёт буданаш як давлатмарди сиёсии варзида ва шинохташудае ҳам ҳаст, ки назари ӯ ба авзои ҷаҳони имрӯз, масъалаҳои доғи он ва махсусан, кишварҳои ҳамҷавор Афғонистону Ҳинду Покистон ва Тоҷикистону Чин ҷолиби таваҷҷуҳ мебошад, зеро ӯ метавонад ба ин масъалаҳо аз дидгоҳи арзишмандтарин, ки инсон ва инсондӯстӣ дар меҳвари он қарор дорад, назар андозаду андеша ронад, зеро ин дар дастраси тафаккури сиёсатмадорӣ ва тақозои дили меҳрпарвари ӯст.

Бармегардем ба аввали ин сарсухан ки аз рисолати худро дарёфтани шахс суҳбат мекардем ва меафзоем, ҳар чӣ аз боло фармуда мешавад, инсонро худогоҳ ё нохудогоҳ бар он вомедорад, ки дар пайи иҷрои он бошад ва муҳтавои ин дарёфтро дар шаклҳои гуногун ба зуҳур орад. Ба ҳамин тариқ инсони дилогоҳе, ки бо кӯлбори пурбори ишқу алоқа ба олами шинохти сухан, ки қудратмандтарини қудратҳост ворид шуда, онро барои ба такомул расондани инсонияти инсонҳо ва ҳамбастагии дилҳою кишварҳо ба кор мебарад, бо номи Алӣ Асғари Шеърдӯст дар зимни ҳар мақолаи ин китоб чеҳраи муътабар ва дӯстдоштании худро ба мо намоён месозад.

Соли 2009

## МАРОМИ МО

Шумораи нахустини рӯзномаи нав – «Адабиёт ва санъат» нашр шуд. Орзуи дерини аҳли адаб, ходимони санъат, илму фарҳанг, тамоми интеллигенсия ва хонандагони сершумор ба амал омад. Ин тӯҳфаи пурбаҳоест ба ҷамеи нависандагон ва ҳунарварон.

Рӯзномае, ки дар даст доред, чӣ хусусиятҳои тоза дорад ва минбаъд чӣ сифатҳои навине аз худ ба зуҳур меорад? Пеш аз ҳама, чунонки аз номаш ҳам пайдост, он рӯзномаи адаб ва ҳунар шуд, ки бештар шудани касбияти онро талаб дорад. Акнун дар саҳифаҳои он маводи адабию бадеӣ, санъат, танқиду адабиётшиносӣ ва илм бисёртар мақом пайдо мекунанд. Ҳарчанд касбият ва тахассуси рӯзнома баланд мешавад, он соҳавӣ нашуда, доираи баҳси маводаш боз ҳам фарохтар мегардад. Зеро адабиёт ва санъат амали соҳавӣ набуда, тамоми ҷиҳатҳои ҳаёти моро дар бар мегирад ва рӯзнома ҳам, ки онро инъикос мекунад, рӯзномаи адабӣ ва умумисиёсӣ мешавад.

Дар рӯзнома асарҳои анвои гуногуни адабиёт ба чоп мерасанд. Аз ҷумлаи насри бадеӣ дар он ҳикояҳо, порчаҳо аз роману повестҳо, очеркҳои бадеӣ, аз назм шеърҳо, силсилаи ашъор, порчаҳо аз достонҳо ба нашр хоҳанд расид. Соҳаи танқиду адабиётшиносии он мақолаҳои масъаладорро аз боби назария ва авзои имрӯзаи адабиёт, тақризу китобиёт, чеҳраҳои адабӣ ва

маводеро, ки аз суҳбати адибон, коргоҳи онон, аз таърихи офариниши ин ё он асари пурарзиш, аз бозёфтҳои адабӣ баҳс мекунанд, ба хонандагон пешниҳод менамояд.

Имсол рӯзнома дар назар дорад, ки дар атрофи масъалаи қаҳрамони фаъоли наср баҳси домандоре ташкил кунад. Гуфтугӯ аз мавқеи фаъоли нависанда ва қаҳрамони асарҳои ӯ масъалаи муҳим аст, ки рӯзнома ба ғайр аз ин баҳси дарназардошта, дар мақолаҳои дигараш ҳам аз он сухан ба миён меорад. Зеро дар саҳифаи асарҳои бадеӣ пайдо шудани қаҳрамони иҷтимоан фаъол талаби айём аст, ки ӯ намунаи ибрат ва пайравӣ буда, мардумро аз паси худ бурда тавонад, беш аз пеш зарур мешавад. Ба ин маънӣ, гуфтугузоре аз мавқеи иҷтимоан фаъоли шоир низ дар замони ҳозира дар назар дошта шудааст. Зеро фаровонии имрӯза ва афзудани мақоми шахс дар ҷамъият баъзан ба хубӣ ва амиқ фаҳмида нашуда, дар ҷумлае аз шеърҳое, ки ба табъ мерасанд, ба мисли лоқайдӣ аз масъалаҳои сиёсию иҷтимоии замон, осудагӣ ва беэътиборӣ барин ҳисҳоро аз фаъолии гражданӣ ба зуҳур овардаанд. Ҳол он ки набарди маънавӣ ҷиддитар шуда, дар арсаи олам мубориза барои тасхири дилу нияти мардум ба тундии тундӣ расидааст. Гуфтугӯе ба ин маънӣ аз тамоми соҳаҳои адабиёту санъат ҳамеша зарур ва дархӯрди мост.

Бешубҳа, он ғамхорие, ки давлат дар ҳаққи ҷавонони эҷодкор мекунад, дар саҳифаи ин рӯзнома ҳам акс меандозад. Дар он асарҳои онон ба чоп расида, ҷавонон аз тарафи устодон ба адабиёти асил роҳнамоӣ дида, аз хусуси эҷодҳояшон радду бадали андешаҳо ба амал оварда мешаванд.

Тарҷумаи бадеӣ, ки ҳамеша яке аз сарчашмаҳои сероби адабиёти миллист, дар саҳифаи рӯзнома мавқеи пойдор пайдо мекунад. Дар он намунаҳои беҳтарин асарҳои назму насри адабиёти сермиллати советӣ ва кишварҳои хориҷӣ ба табъ мерасанд, ки бояд ба хазинаи маънавии халқи мо дохил шуда, онро ғанитар гардонанд.

Рӯзнома серфарзандии республикаро ба эътибор гирифта, сари ҳар чанд вақт барои бачаҳо ҳам асарҳои хондании назму насрро ба чоп мерасонад.

Саҳифаҳое, ки рӯзнома ба инъикоси рушду камоли санъат мебахшад, аз ҳаёти театрҳо ва муассисаҳои консертии республика, барнома ва намоишномаҳои онҳо, аз маҳорати коргардонии песаҳо, ҳунарварии актёрон, ҷустуҷӯйҳои эҷодии аҳли санъат ҳикоятҳо мекунад. Дар ин соҳа масъалаҳои баҳснок ва ҳалталаб бисёранд ва рӯзнома аз онҳо сухан ба миён оварда, мекӯшад, ки як ҳиссаи гаронбаҳои ҳаёти мадании мо будани санъати театриро собит созад. Он ибораи машҳурро андаке тағйир дода гуфтан мумкин аст, ки кӯшиши рӯзнома бар он хоҳад буд, ки театр на аз либосовезак, балки аз дили ҳар тамошобин сар шавад.

Мусиқӣ санъатест, ки ба соҳаҳои гуногуни ҳунар пайванд аст, аз ҷумла бо адабиёт ва театр ҳам. Ба ҷуз масъалаҳое, ки аз ин ҳампайвандӣ ба миён меоянд, худи инкишофи мусиқии муосири тоҷик, анъанаю навоварӣ, ҳамбастагии мусиқии халқӣ ва касбӣ, мусиқии овозхонӣ ва симфонӣ барин ҷиҳатҳо дорад, ки мавриди мақолаҳои рӯзнома қарор мегиранд. Санъати рақс ва таронахонӣ низ ҳарчанд бо мусиқӣ сахт пайванд ҳастанд, масъалаҳои махсус доранд ва рӯзнома аз онҳо гуфтугузори доимӣ ба амал меорад.

Ҳамчунин санъати тасвирӣ, кино ва меъморӣ дар саҳифаҳои рӯзнома инъикос мешаванд. Албатта, ин соҳаҳое, ки зикр шуданд, дар жанрҳои гуногун мавриди таҳлилу тадқиқ ва ахбор қарор мегиранд, ки мақолаб тақриз, чеҳраи ҳунар, суҳбатҳо, репортажҳо аз ҷумлаи онҳоянд.

Рӯзнома минбари мафкуравист. Ҳар маводе, ки дар он ба чоп мерасад ба шаклу воситаҳои худ ё адабӣ, ё танқидӣ барои ташвиқи мафкураи ватандӯстӣ хизмат мекунад. Аммо он боз аз

масъалаҳои сирф идеологӣ ва иҷтимоию сиёсӣ мавод чоп хоҳад кард, ки барои васеътар ташвиқ кардани ғояҳои ҳаётбахш кӯмак кунанд.

Мақолаҳое, ки ба масъалаҳои иҷтимоӣ бахшида мешаванд, доираи васеи баҳс хоҳанд дошт, ҳамчунонки худи он ҳам мафҳуми фарох дошта, аз фарди алоҳида то тамоми республика ва мамлакатро дар бар гирифтанаш мумкин аст. Дар онҳо авзои оила, ҷавонон, ворисияти анъанаҳои зисту зиндагонӣ, мавқеи фаъоли шахс дар ҷомеа ва монанди инҳо ба муҳокимаю мубоҳиса гузошта мешаванд.

Газета ва муаллифони он – публисистҳо, нависандагон ва олимон, ҷомеашиносон, ҳуқуқшиносон, иқтисоддонон масъалаҳои инкишофи саноату сохтмон, хоҷагидорӣ, тезондани пешрафти илму техника, истифодаи самараноки иқтидорҳои истеҳсолӣ, захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявиро ба таври оммафаҳм шарҳу эзоҳ медиҳанд. Ин ҳам ба манфиати пешрафти иқтисодӣ ва ҳам барои инъикоси беҳтари мавзӯъҳои истеҳсолӣ дар адабиёту санъат мусоидат мекунад.

Мақолаҳое, ки аз сипосгузорӣ ба шаҳидони ҷанг ва фидокорони ақибгоҳ иборат мебошанд, дар тарбияи насли нави мардум дар рӯҳи ватанпарварӣ хизмати муҳиме мекунанд. Рӯзнома барои ин навъ мавод саҳифае дорад, ки бо номи «Ватан ва фарзандон» нашр мешавад.

Масъалаҳои муҳими зист, ки даврони охир аҳамияти бузург пайдо мекунад, мубориза бар зидди ақидаҳои хурофотӣ, ҷиноят ва сиёҳкориҳо низ дар саҳифаҳои он инъикос хоҳад шуд.

Ба хонандагон саҳифаи доимии «Мушфиқӣ» пешниҳод мешавад, ки дар он асарҳои тоза ба тозаи ҳаҷвӣ ҷой мегиранд. Он барои инкишофи ҳаҷв дар адабиёт ва ҳам барои решакан кардани нуқсоне, ки мавриди ҳаҷву масхара шудааст, бояд хизмат кунад.

Ногуфта намонад, мавзӯю масъалаҳое, ки рӯзнома ба инъикоси онҳо машғул мешавад, бо он чӣ дар ин ҷо зикр шуд, тамом намегарданд. Ин ахбори мухтасаре аз самтҳои асосии рӯзнома мебошаду бас.

Алҳол, ин аввали кор аст ва минбаъд боз рӯзнома самтҳои тоза пайдо хоҳад кард. Ин, бешубҳа, бо мадади Шумо, хонандагони гиромӣ, воқеъ шуданаш мумкин аст. Аз ин рӯ, рӯзнома Шуморо ба хонандаи фаъол шудан, яъне пас аз хондани он ба навиштани фикру мулоҳизаҳоятон даъват мекунад.

**Соли 1983**

## СИЛОҲИ СУХАН, САЛОҲИ БАШАР

**Аз 1 то 5 июн дар Ленинград (Санкт-Петербург) вохӯрии муҳаррирони газетаҳои адабии кишварҳои социалистӣ шуда гузашт. Дар ин вохӯрии анъанавии ҳафтум, ки мавзӯяш «Мавқеи газетаҳои адабӣ дар пешгирии фалокати ядроӣ» буд, намояндагии ду газетаи адабии минтақаи Осиёи Миёна «Ӯзбекистон адабиёти ва санъати» ва «Маданияти Тоҷикистон» низ ширкат доштанд. Дар зер андешаҳои яке аз иштирокчиёни ин вохӯрӣ дар ин бора ба шумо, хонандагони гиромӣ, пешкаш мешавад.**

Агар ҷанги силоҳ зодаи асрҳои дигар бошад, ҷанги сухан зодаи асри XX аст. Асри XX суханро ба силоҳи азим ва тавоное мубаддал кард, ки аз зӯри силоҳ ҳаргиз камтар нест. Сухан силоҳи ғоявӣ ва идеологӣ шуд.

Адабиёт навъе аз сухан аст. Оё сухани адабӣ, ки ба олами эҳсосот ва маънавиёти инсон хидмат мекунад ва вазифааш тарбия ва ба камолот расондани ӯст, метавонад, ки дар ин асри тӯфонхез садди роҳи яроқи ҳастисӯзи ҳастаӣ бошад? Вай дар ин кор чӣ мавқее дорад?

Сухани адибон ҳам дар шакли адабиёти бадеӣ ва ҳам публицистӣ, суханест, ки доираи нуфузаш васеътарин аст, вай барои миллионҳо эҷод мешавад ва ба онҳо рафта мерасад. Вай миллионҳоро водор ба андеша мекунад, инсонҳо аз таъсири он ба қисмати худ ва инсони дигар, ба қисмати халқу кишвари худ ва халқу кишварҳои дигар ва кулли инсоният меандешанд. Сухани адабӣ дар инсон қобилияти андеша ва ҳамдилиро бедор ва парвариш мекунад.

Андеша ва ҳамдилӣ ба қисмати инсони дигар, инҳо сифатҳое ҳастанд, ки инсонро инсон месозанд, онҳо рукнҳое ҳастанд, ки ташаккули афкори ҷамъиятӣ бар онҳо асос мегирад. Инсон фақат дар бораи худ андешида ва бо дигаре ҳамдил набуда наметавонад. Ин бар хилофи табиати инсонии ӯст. Тамоми адабиёт ҳам дар ниҳояти худ барои тасдиқи ҳамин фикр офарида мешавад.

Оё он ба инсон, ба афкори умум таъсир дорад? Агар таъсир намедошт, навиштан ҳам лозим набуд. Афкори ҷамъиятӣ дар замони мо қувваи бузурге дорад, ки ба чигунагии сиёсати давлатҳо ва ҷаҳондорӣ таъсир мекунад. Инро ҳатто дар доираҳои империалистӣ эътироф мекунанд.

Яке аз муаллифони сиёсатшиноси америкоӣ Ҷ. Гибсон дар бораи таъсири омма ба ташаккули сиёсати берунии давлат чунин изҳори ақида кардааст: «Танҳо чанд даҳсола пештар қарордодҳои асосӣ дар масъалаҳои байналхалқӣ аз тарафи хукумат ва дипломатҳо қабул карда мешуданд. Халқи мамлакат, одатан, барои ташаккули ҷараёни сиёсии миллӣ ҳеҷ гуна таъсире намекард. Имрӯз одами миёна талаб дорад, ки ба ӯ ҳам гӯш кунанд».

Афзудани мавқеи халқ дар сиёсати ҷаҳонӣ бисьёр муҳим аст. Чунки садои халқ садои ҳаёт, садои адолат аст. Халқ ҳаргиз барои мамот ва разолат мубориза намекунад.

Албатта, ба садои халқ чӣ гуна гӯш додан ва онро чӣ гуна ба эътибор гирифтан аз ҷиҳатҳои муҳими сиёсати давлатдорист. Садои халқ барои ҷаҳони империалистӣ, ки манфиати сармоядоронро ҳимоя мекунад, қувваи хатарнок аст ва онҳо онро бо ҳар роҳ мехоҳанд хомӯш кунанд, ба инобат нагиранд. Вале халқ барои он халқ аст, ки пурқувват аст ва барои гӯш кардани худ маҷбур мекунад ва ҳатто одами миёнааш ҳам.

Доираҳои ҷангҷӯи империалистӣ дар давоми ду- се даҳсолаи охир ҷаҳонро чандин бор ба бuҳронҳои сиёсӣ гирифтор карда, онро ба сар кардани ҷанги нав наздик оварданд. Онҳо ҳар як ҳаракати озодихоҳии кишварҳоро мехостанд буғӣ кунанд ва агар ин кор аз дасташон намеомад, онро ба баҳонаи оғози ҷанги нав табдил додан мехостанд. Вале ин сиёсати онҳо ҳам дар Ветнам, Лаос, Кампучия ва ҳам дар Ангола, Эфиопия, Мозамбик ва ҳам дар Эрону Афғонистон шикаст хӯрд. Минбаъд ҳам ҳамин тавр хоҳад шуд. Чунки ҳаракати халқҳо ба сӯи озодӣ ва адолати иҷтимоӣ боздоштанӣ нест ва онро халқҳои пешрави дигар ва афкори ҷамъиятӣ пуштибонӣ мекунанд.

Дар солҳои 50-60 дар натиҷаи ташаббус ва меҳнати зиёди қувваҳои сулҳдӯст вазъияти ҷаҳон муътадилтар шуд ва дар яроқпартоии умум ҳам пешравие ба назар расид. Аммо дар охири солҳои 70 ва аввали 80 вазъият ранги дигар мегирад ва аз нав мусаллаҳшавӣ ва таҳдид ба бехатарии олам сар мешавад.

Дар олами буржуазӣ тарғиби ҷанги нав сар шудааст. Дар ин кор онҳо аз воситаҳои васеи таъсир ба шуур – кино, телевизион, ахбор истифода мекунанд. Аммо онҳо ҳаргиз оқибати

ҷанги нав, ҳақиқати онро, ки метавонад тамоми ҳаётро дар рӯи Замин сӯзонад, ба халқ нагуфта, онро чун ҷанге, ки дар як гӯша гузашта ба тақдири олам таъсир накарданаш мумкин аст, вонамуд мекунанд. Ҳол он ки дар замони мо ҳар ҷанги хурд ба осонӣ метавонад ба ҷанги калони ҳастаӣ расад ва як ҷанги ҳастаӣ кифоя аст, ки ҳаётро дар рӯи замин 15 маротиба сӯзонда несту нобуд кунад. 15 маротиба! Барои инсон бошад як бораш ҳам чунон зиёд аст, ки ба ҳеҷ қиёс рост намеояд.

Тарғиботи буржуазӣ аз ҷанги маҳдуд ва ё аз ҷанге сухан мегӯяд, ки дар он қисме аз аҳли башар ҳалок мешавад ва қисми дигар дар бункерҳо ҷон ба саломат мебарад ва ба ин восита оқибати фалокатбор ва ҳастисӯзи онро пардапӯш мекунад. Бо ин роҳ ӯ ба мусаллаҳшавии тоза роҳ мекушояд. Аммо то куҷо мусаллаҳ шудан мумкин аст?! Ҳоло ба сари ҳар кӯдаке, ки нав ба дунё меояд, пешакӣ бештар аз 15 тонна ярок ва моддаҳои тарканда истеҳсол шудааст. Ба сари ҳар кӯдак 15 тонна-ин магар даҳшат нест?!

Албатта, онҳое, ки ба мусаллаҳшавӣ роҳ мекушоянд ва ҳар лаҳза оташи ҷанги навро сар доданӣ ҳастанд, зистан мехоҳад, аммо онҳо то охир намефаҳманд, ки дар замони ҷанги нав аз ҳисоби ҳаёти дигарон зинда мондан мумкин нест. Дар ҷанги нав ғолибону мағлубон нашуданашон мумкин аст – дар он хатари мағлубияти ҳама ҳаст.

Умуман, чӣ тавр мумкин аст, ки дар бораи ҳалоки як қисми башар ба осудагӣ сухан гуфт, ки тарғиботи буржуазӣ мекунад?! Барои нест кардани ҳаёт захираи аз ҳар муқоиса бештари ярокҳои мудҳиш офарида шуданд, аммо инсоният то ҳол оддитарин ҳуҷайраи зиндаро наофаридааст, пас магар ӯ ҳақ дорад, ки дар бораи нест кардани комилтарин ва гаронбаҳотарин офаридаи табиат – инсон сухан гӯяд?! Ҳаргиз! Ин ягона корест, ки ба он ҳуқуқи инсон намерасад.

Ҷамоати адабии ҷаҳон хатари мусаллаҳшавӣ ва ҷанги навро пурра фаҳмидаанд, акнун зарур аст, ки онро тамоми халқи ҷаҳон фаҳманд. Ин масъултарин вазифаи ҳар ходими маданият ва адабиёту санъат аст. Филми бисёрсериягии Роман Кармен «Ҷанги Бузурги Ватанӣ» дар Ғарб бо номи «Ҷанги номаълум» намоиш дода шуд. Як андеша кунед, ҷанге ки халқи мо дар он 20 миллиони худро қурбон кард, ҷанге ки ӯ дар ивази хуни худ қисмати ҷаҳонро аз вабои фашизм халос кард, барои ғарбиён то ҳол ҷанги номаълум аст. Ана, ҳамин тавр воситаҳои ахбори буржуазӣ ба мардум ҳақиқатро мегӯянд!

Ҷаҳон дар солҳои ҳаштод ба вазъияти бисёр мураккаб рӯ ба рӯ шуд. Ин масъулияти қувваҳои сулҳҷӯи онро боз ҳам бештар мекунад. Асри бист дар назди ҳамаи суханварони мутараққӣ, нашрия ва воситаҳои ахбор вазифаи муқаддасеро мегузорад, ки он силоҳи суханро барои салоҳи башар истифода кардан аст.

Бо силоҳи сухан барои салоҳи башар!

**Соли 1981**

## МИНБАРИ ОЗОДФИКРОНИ ТОҶИКИСТОН

### Мусоҳиба бо Раиси Анҷумани нависандагони дар табъиди Афғонистон Расул Амин

**Пруфессур Абдурасул Амин – раиси Анҷумани нависандагони Афғонистони озод (муқими Покистон) зимни сафараш мусоҳибае бо Аскар Ҳаким – раиси Иттиҳодияи нависандагони**

**Тоҷикистон анҷом дода ва онро дар маҷаллаи «Ҳапалвоки» (№3, 1992) мунташир намуда, ки инак ғарази огоҳии хонандагони гиромӣ ихтисоран ба нашр мерасад.**

**Пурсиш:** Шумо медонед, ки тақрибан нависандагон дар ҳар ҷомеа пешқаровули бисёр чизҳо ҳастанд, масалан пешқаровули демукрот, пешқаровули озодӣ, пешқаровули тараққӣ додан ба ҷомеаи худ (албатта, дар вақти коммунистӣ, яъне диктотурии мутлақ мефаҳмем, ки чиҳо буд). Дар вақтҳои охир, дар шароите, ки «глосност» ва «перестуйко» омаданд, Иттиҳодияи шумо чӣ ролеро бозӣ карда?

**Посух:** Дар даврони тасаллути ғояҳои коммунистӣ, бешубҳа, Иттиҳодияи нависандагон низ зери ғояҳо буд ва инро намешавад инкор кард. Аммо ба имони комили ман, муҳити Иттиҳодияи нависандагон дойираи удабо буд, дойирае буд, ки дар он ҷо бештар аз ҳама афкори пешрави ҷомеа тараққиву нумӯ кард. Ман бароятон чанд мисол меорам, эҳтимол аз он равшан шавад, ки саҳми иттиҳодияи нависандагон дар он солҳо, чор-панҷ соле пеш аз бозсозӣ, чӣ тавр буд. Нашрияи «Адабиёт ва санъат» – нашрияи Иттиҳодияи нависандагон, дар соли 1980 таъсис шуд. Дар байни даҳ соли мавҷудияташ, то соли 1990, ин нашрия аз ҳафт ҳазор теъдод ба сад ҳазор расид. Ба хотири чӣ? Ба хотири он ки ин нашрия минбари озодфикрони Тоҷикистон буд ва ақидаҳои гуногунро дар саҳифаҳои худ чоп мекард. Он масойиле, ки дар замони бозсозӣ имрӯз рӯзноманигорон ва равшанфикрон бемамониат дар суҳбатҳои худ арз мекунанд, он солҳо ин рӯзнома интишор мекард ва ин чиз боиси маҳбубияти он шуда буд, ки мардум ин қадр онро дӯст медоштанд ва дар давоми даҳ сол дар Тоҷикистон нашрияе нест, ки теъдодаш аз 7000 ба 100 000 расида бошад. Ин як, ва иқдоми дуввуми бисёр муҳиме, ки ин ҳафтанома карда ин буд, ки ин аввалин шуда дар Тоҷикистон (соли 1987) дар саҳифаҳои худ ба мардум, ба хонандагонаш, дарсҳои ғойибонаи омӯзиши ҳуруфи ниёгонро оғоз кард ва мо ду сол ин дарсро ба такрор додем, нашр кардем ва дар натиҷа мардум ба ҳуруфи ниёкон ошно шуданд, зеро, ҳамчунон, ки гуфтам, теъдод сад ҳазор буд ва агар даҳ дар садаш ҳам ёд гирифта бошад, қариб даҳ ҳазор нафар мардум хондану навиштани ҳуруфи ниёконро ба воситаи ин ҳафтанома ёд гирифтанд. Ин аввалин иқдом буд ва ҳамчунин аввалин моҳномае, ки ба ҳуруфи ниёкон чоп шуд, «Пайванд» буд, ки аз ҷониби нависандагон таъсис карда шуд. Бинобар ҳамин далелҳои фарҳангӣ метавон гуфт, ки Иттиҳодияи нависандагони Тоҷикистон ва нашрияҳои он барои овардани бозсозиву ошкорбаёнӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон саҳми муайяне дорад ва махсусан акнун, ки гуногунақидайӣ дар ҷомеа дигар аз ҷониби ҳизбе ё гурӯҳе маҳдуд карда намешавад, ин кор дигар осон аст. Дар ин авқот Иттиҳодияи нависандагон чунин ҷараёни корро пеш гирифт, ки новобаста аз он ки адиб ба кадом ҳизб мансуб аст, қадом ақидаи сиёсӣ – иҷтимоиро пуштибонӣ мекунад, бо ӯ ҳамчун эҷодкор муносибат кунад ва қадри меҳнати ӯро шиносад. Аз ин рӯ, аз чоруми септомбри соли 1991 бо қарори раёсати Иттиҳодияи нависандагони Тоҷикистон дар Иттиҳодия фаъолияти ҳама гуна ҳизбҳои сиёсӣ ва созмонҳои сиёсӣ манъ карда шуд, ба ҷуз созмонҳои касбӣ (профсоюз), ки танҳо аз ҳунару эҷоди онҳо пуштибонӣ кунад. Ба имони комили ман, ҳарчанд ҳоло дар байни удабои Тоҷикистон касоне ҳастанд, ки пайрави ҳизбҳои гуногун ҳастанд ва аз назари сиёсӣ ба ҳамдигар ошноӣ надоранд, аммо рӯзе мерасад – ман хушбин ҳастам, ки онҳо аз ин бархӯрдҳои сиёсии худ худро канор мегиранд.

**Пурсиш:** Шумо ном аз аҳзоб бурдед, суоли ман ин аст, ки дар ин ҷо чанд ҳизб ё гурӯҳҳои гуногуни сиёсӣ вуҷуд доранд? Аҳдофи аҳзоб чист? Ва оё аҳдофи онҳо ба худи ҷомиаи Тоҷикистон иртибот дорад ё аҳзобе ҳастанд, ки аз ҳамроҳашон кӯмак мешавад?

**Посух:** Аз ҳизби коммунист, албатта, шумо иттилоъ доред ва агар манзуратон аз аҳзобе, ки ба сари халқи тоҷик таҳмил шудааст, бошад, ин ба гумони ман ҳизби коммунист бояд бошад, зеро дар даврони аввали инқилоб – ба назари ман ҳам чунин мерасад, ки шароити мусоид барои инқилоб дар Тоҷикистон он вақт фароҳам нарасида буд ва ин инқилоб инқилобе буд, ки аз Русия ба ин ҷо кӯчонида шуд, ё ин ки содир шуд ва агар ин маъниро мо қабул дошта бошем, ки инқилоб содир шуд, яъне ҳизб ҳам он вақтҳо аз он ҷо ба ин ҷо содир шуд. Ҳоло дар Тоҷикистон ин ҳизб фаъолият дорад, ки аз нав номнавис шуд, баъд аз он воқеаҳои машҳур (ГКЧП), баъд аз он ба Шӯрои Олии Тоҷикистон супориш дода шуда буд, ки андозаи шарик будани ҳизби коммунисти Тоҷикистонро бо он ГКЧП муайян кунанд ва агар шарик набошад, дар он ҳолат фаъолияташро иҷоза бидиҳанд. Комиссиюни Шӯрои Олӣ тадқиқ кард ва маълум шуд, ки шарик набудааст ва аз нав иҷоза доданд ва ин ҳизб боз фаъолияти худро давом медиҳад. Баъд аз даврони бозсозӣ ва ошкорбаёнӣ ҳизбе, ки баъд аз ҳизби демукрот таъсис шуд, «Ҳизби наҳзати исломӣ» аст. Аз номаш ҳувайдост, ки аз чӣ ақидаҳое пуштибонӣ мекунад. Бар замми инҳо ҳаракатҳои «Ваҳдати миллӣ» ва «Растохез» низ номнавис шуда буданд.

**Пурсиш:** То ҷое ки таҷрибаи Тоҷикистону Афғонистон нишон медиҳад, чунонки Шумо ҳам диктотурии коммунистиро дидеду мо ҳам, албатта, Тоҷикистон изофатар аз Афғонистон, ба назари шумо чӣ гуна ҷомеае ба вуҷуд биёяд, ки дар оянда хатари диктотурӣ вуҷуд надошта бошад?

**Посух:** Ҳоло заминае барои аз байн бурдани хатари диктотурӣ дар Тоҷикистон ба вуҷуд омада, яъне дигар порлумон, Шӯрои Олӣ бар асоси алтернатиф, яъне довталабӣ интихоб мешавад ва ман ёд дорам, ки пештарҳо, вақте ки вакили Шӯрои Олӣ интихоб мешуд, танҳо як нафар интихоб мешуд ва он ҳам аз ҷониби ҳизби коммунист. Як нафар пешинҳод мешуд ва он шахс сад дар сад раъй мегирифт, касе дигар набуд. Ҳоло ба ҷои як вакили маҷлис то даҳ, понздаҳ нафар пешниҳод мекунанд ва халқ касеро, ки мехоҳад, ба ӯ раъй медиҳад ва ӯ интихоб мешавад. Ва ин интихобот озодона шуда, дигар мардум медонанд чӣ шахсеро интихоб бикунанд. Ҳамчунонки дар кишварҳои демукротии собиқадор аст, агар дар интихобот, порлумон ё ин ки Раиси Ҷумҳур ё ин ки сарварони дигари ҷумҳурӣ, кадом як ҳизбе, ё ки созмоне боло биёяд, бояд манфиати созмонҳои дигар, ҳизбҳои дигарро низ ба назар дошта бошад, дар нисбати он қадар раъйе, ки онҳо аз мардум мегиранд.

**Пурсиш:** Ҷомеаи Тоҷикистон ҷомеаи мусулмон аст ва ба назари шумо дар ин ҷо давлати исломӣ, ки демукрот дошта бошад, ба вуҷуд биёяд ё гунаи дигар?

**Посух:** Ба назари ман, агар давлати исломӣ биёяд ҳам, давлати демукрот бояд шавад ва мардум ин тавр мехоҳанд. Ҳарчанд аксарият онро намехоҳанд ва ҳатто дар аввал намехостанд, ки ҳамчунин ҳизбе таъсис шавад, ҳатто дар байни худи диндорон ҳам касоне буданд, ки мухолифи таъсиси ҳизби наҳзати ислом буданд ва онҳое, ки аз ин боб сухан мегуфтанд, мегуфтанд, ки ислом аз ҳамаи ҳизбҳо болотар аст, мақсадҳои баландтар аз ҳизб дорад ва онро ба як ҳизб маҳдуд кардан ҷойиз нест.

Мардуми Тоҷикистон бештар ҷомеаи демукрот мехоҳанд.

**Пурсиш:** Назар ба эҳсоияе, ки дар дасти шумост, дар Тоҷикистон чанд дар сади мардум босавод ҳастанд?

**Посух:** Дар Тоҷикистон мардум сад дар сад босаводанд. Барои шумо ҳайратовар аст. Мо, албатта, сохти сусиёлистиро танқид мекунем, нуқсҳои бисёр дошт, аммо дастовард низ дошт, яке аз дастовардаш ин аст, ки мардуми тоҷик сад дар сад босавод ҳастанд.

**Пурсиш:** Аз дастовардҳои дигари ин низом чист? Ба ҷуз аз савод, коммунистҳо дар ин ҷо дигар чӣ овarданд, чӣ корҳои мусбате анҷом доданд?

**Посух:** Ба назари ман, мусбаташ ин буд, ки унсурҳои ҷомеаи сусиёлистӣ дар ин ҷомеа вуҷуд дорад. Ба ҳар ҳол, таълими ройгон, табобати ройгон ва низ хонаҳое, ки то имрӯз мардум мезистанд, аз тарафи давлат сохта мешуд ва ба кирояи бисёр кам ба онҳо дода мешуд.

**Пурсиш:** Масъалаи саноат дар Тоҷикистон чӣ тавр аст?

**Посух:** Агар саноати Тоҷикистонро бо Афғонистон дар аввали инқилоби Октябр муқоиса кунем, Афғонистон дар он солҳо нисбат ба Тоҷикистон пешқадамтар буд. Агар имрӯз қиёс бикунем, инсоф бояд бидиҳем, ки Тоҷикистон хеле мутараққитар аст нисбат ба Афғонистон. Мо истешанҳои бузург дорем, корхонаи бузурги алюминӣ дорем, маъдан дорем, саноати қисматҳои мошинсозӣ дорем, саноати сабук низ тараққӣ карда, аз ҷумла, қолинбофӣ, бофандагӣ ва шоҳибофӣ. Корхонаҳои саноатӣ талаботи худи Тоҷикистонро қонеъ карда наметавонанд, зеро мо дар як иттиҳод будем, чизҳои дигарро аз ҷумҳуриҳои дигар мегирифтем ва қисмати зиёди маводи хомро аз ин ҷо мебурданд. 90 дар сади пахтаи моро ё ба Русия мебурданд ё ба ҷамоҳири назди Балтик. Ҳол он ки дар худи Тоҷикистон бекорон зиёд буданд ва онҳо метавонистанд дар ин ҷо дар корхонаҳо ин панбаро кор бикунанд ва аз он чизи лозимаро бисозанд.

**Пурсиш:** Шумо равобити Тоҷикистону Афғонистон ва Эронро, ки тақрибан ҳамҷавор, ҳамкеш ва ҳамзабон ҳастанд, дар оянда чӣ тавр медонед?

**Посух:** Тоҷикистон дар солҳои ҳукумати Шӯравӣ як андоза аз тамаддуни гузаштаи худ канда шуд – иллаташ тағйири алифбо буд. Аз алифбои форсӣ дар давоми ду сол (1929 – 1930) ба алифбои лотинӣ гузаштем. Аз соли 1930 то 1940 дар Тоҷикистон алифбои лотинӣ амал мекард. Аз соли 1940 то имрӯз алифбои сириллик ривоҷ дорад. Албатта, сиёсати яктарафаи ҳизби коммунист низ сабаб шуд, ки мо ба гузаштаи худ камтар рӯ биёрем ва он осори бузургу ғании худро аз маърази омӯзишу андӯзиши худ дур андозем. Дар натиҷа чанд насли халқи тоҷик камогоҳ аз таърихи худ ба камол расид ва ҳамчунин, забони мардум нисбат ба ҳамон забони шевои форсӣ, ки дар Эрону Афғонистон аст, харобтар шуд. Аз ин рӯ, ҳоло мафтунияти тоҷикон ба фарҳанги имрӯзаи Эрону Афғонистон ба назар мерасад ва ин боиси рӯ овардан ва муносиботи бештар ва наздиктар доштан ба ин ду кишварро таҳрик мекунад, ки хуб аст. Аммо мову шумо медонем, ки муносибати пурмаҳсули фарҳангӣ дар асоси муносибати мустаҳками иқтисодиву иҷтимоӣ сурат мегирад ва акнун, ки Тоҷикистон давлати мустақил аст, робитаи иқтисодиву иҷтимойиаш бо Эрону Афғонистон наздиктар мешавад. Ҳангоме ки ман дар Эрон будам, дар суҳбат бо оқои Рафсанҷонӣ, Раиси Ҷуҳурии исломии Эрон, аз Ҷаноби Олӣ суол кардам, ки шумо муносиботи минбаъдаи Тоҷикистону Эронро чӣ тавр мебинед? Эшон ҷавоб доданд, ки мо дар муносиботиояндаи мо хушбин ҳастем ва минбаъд муносиботи иқтисодиву иҷтимоиамонро бо Тоҷикистон, бо кулли ҷумҳуриҳои мусалмони шӯравӣ наздиктар хоҳем кард.

**Пурсиш:** Як моҳ пеш оқои Каримуф – Райиси ҷумҳурии Ӯзбекистон бо Би-Би-Си мусоҳиба кард ва дар он мусоҳиба изҳор дошт, ки мо дар қисмати ӯзбакҳои Афғонистон бетафовут монда наметавонем. Ман дар Ӯзбакистон аз Муҳаммад Солеҳ ин гуфтаро тақрибан ба айни ҳамин лаҳҷа шунидам. Ин масъала дар байни афғонҳо дар Афғонистон ва хориҷи он аксуламале бад тавлид кард. Ман ба ӯ гуфтам, ки Шумо, худатон ин масойили нажодиро бо Тоҷикистон ва Қазоқистон доред, чаро ин тавр нашуд, ки мардуми ҳар давлат худашон бинишинанд ва

масойили дохилии худашонро худ ҳал кунанд? Фаразан, агар шумо дар масойили ӯзбак дар Афғонистон, афғонҳо дар масойили пуштунҳо дар Покистон мудохила кунанд ва Покистон баръакси он, як навъ ташаннуҷ падид меояд ва саранҷом ба ҷанги тамоми ақвом мунтаҳӣ мешавад. Дар оянда бояд мо барои ҳалли масойили яке дигари худ кӯмак шавем, на он ки коре бикунем, ки тахриб пайдо шавад. Чун дар Афғонистон тоҷикҳо низ вуҷуд доранд, ба назари шумо оё давлати Тоҷикистон дар оянда дар масойили тоҷикҳои Афғонистон мудохила хоҳад кард?

**Посух:** Хаёл мекунам, на. Ва ман ба он ақидаи шумо комилан мувофиқ ҳастам, ки набояд давлатҳо, агар халқашон дар як давлати дигар мезиста бошанд, эълон бикунанд, ки мо бетафовут нестем ё ин ки аз онҳо пуштибонӣ мекунем. Ҳарчанд дар назари аввал чунин даъватҳо худ гӯё, ки хуб аст, аммо ҳамчунонки гуфтед, боиси ташаннуҷ дар он ҷо мешавад.

**Пурсиш:** Равобити ҷумҳуриҳои собиқи Шӯравиро феълан чӣ тавр арзёбӣ мекунед? Зеро, як навъ наҳзат ба номи «Пантуркизм» дар ҳоли авҷ гирифтан аст. Дар ин ҷо, вақте бо баъзе мардум гуфтугӯ шуд, онҳо ин тавр фикр мекунанд, ки Ӯзбакистон, Қиризистон ва Туркманистон аз лиҳози забон ва култур ба Туркия наздик ҳастанд, танҳо Тоҷикистон ҷумҳурияте аст, ки ба ду бародари худ Эрону Афғонистон наздик аст. Масъалаи Тоҷикистонро шумо ба ҳайси тоҷик чӣ тавр мебинед, онҳо наҳзати «пантуркизм»-ро ба пеш мебаранд ва шумо ҷузъи пантуркизм нестед. Оё фикр мекунед, ки ин наҳзат комёб шавад?

**Посух:** Дар байни равшанфикрони тоҷик ин гуна баҳсҳо бисёр аст ва дар ҳақиқат эҳсос мешавад, ки як ҷараён, ҳамчуноки шумо «пантуркизм» гуфтед, вусъат мегирад. Эҳтимолан, наздик шудан ва қаробат ҷустани ин давлатҳои туркзабон, яъне Ӯзбакистон, Қиризистон, Қазоқистон ва Туркманистон ба Туркия чизи табиӣ бошад. Ҳамчунон он қадар ниёзе, ки мо эҳсос мекунем, барои наздик шудан ба Эрон, Афғонистон ва кишварҳои ҳамзабон, ба хотири таърих ва фарҳангамон. Мо набояд ба онҳо, агар мақсадашон танҳо эҳё кардани фарҳанги худашон бошад, хӯрдагирӣ бикунем, агар ин эҳё маҳдуд кардани фарҳанги дигарон бошад, маълум аст, ки кори хубе нест. Ин ҷараён ҳоло ба як миқдори муайян тоҷиконро низ такон медиҳад, таҳрик мекунад, ки ба кишварҳои ҳамҷавору ҳамзабони худ рӯй биёранд. Ман гумон мекунам, ки ин ҳавзаи фарҳангӣ, ки пештар гуфтам, эҳтимол аз нав дар ин ҷо ба вуҷуд биёяд, ҳавзаи фарҳангии форсизабонон, бо иштироки афғонҳо, эрониҳо, тоҷикҳо, пуштунҳо ва покистониҳо, яъне он ҳавзаи фарҳангӣ, ки як вақте дар ин ҷо вуҷуд дошт. Ин гуна ҷараён, махсусан, дар байни равшанфикрони тоҷик ба хубӣ эҳсос мешавад.

**Баргардони Баҳриддин Алавӣ**

## ИТТИФОҚ Ё ҶУДОӢ?

**Мусоҳиба бо хабарнигори ҳафтавори «Адабиёт ва санъат» Марҳамат Олимӣ**

**Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон анҷумани X худро гузаронд. Дар пеш анҷумани IX Иттифоқи нависандагони ИҶШС аст, ки имсол бояд гузаронида шавад. 4 июн дар Маскав маҷлиси комитети ташкилии умумииттифоқии ин анҷуман баргузор шуд, ки дар он Раиси**

**Иттифоқи нависандагони ҷумҳурӣ Аскар Ҳаким иштирок дошт. Мухбири мо ба ӯ бо чанд савол муроҷиат кард.**

**- Лутфан бигӯед, ки мақсад аз маҷлиси комитети ташкилии умуммиттифоқӣ чӣ буд?**

- Пеш аз ҳама гузаронидани анҷумани IX нависандагони ИҶШС. Ин анҷуман аз анҷуманҳои пешина фарқи калон дошт. Аз ин рӯ тайёр кардан ва гузаронидanaш ҳам мураккабиҳое дошт, ки дар анҷуманҳои пешина набуд. Масалан, гузаронидани анҷуман ҳам боиси баҳсу мунозира буд.

Дар Иттифоқи нависандагони саросарии кишвар ду гурӯҳи калони мухолиф ба вуҷуд омадааст, ки якеи он гурӯҳи нависандагони Маскаву Русия ва гурӯҳи дуюм адибони ҷумҳуриҳои дигари иттифоқӣ ва роҳбарияти Иттифоқи нависандагони ИҶШС мебошад. Гурӯҳи аввал талаб дошт, ки анҷумани IX моҳҳои май-июн гузаронида шавад, гурӯҳи дуюм бошад гузаронидани онро дар моҳҳои сентябр-октябр салоҳ медонист. Мо дар Иттифоқи нависандагони ҷумҳурӣ ҳафтае аз гурӯҳи якум бо имзои Б. Бондарев барқия мегирифтем, ки барои дар моҳҳои май- июн гузаронидани анҷуман ризоят диҳем, ҳафтаи дигар аз гурӯҳи дуюм бо имзои С. Михалков – раиси кумитаи ташкилии умумиитифоқии анҷуман барқия мегирифтем, ки дар моҳи сентябр-октябр гузаронидани анҷуманро ҷонибдорӣ кунем.

**- Аҷиб. Моҳияти ин ихтилоф ва талош дар чист? Шумо, яъне Иттифоқи нависандагони ҷумҳурии мо кадоми онҳоро ҷонибдорӣ кардед?**

- Бешубҳа, асли масъала танҳо дар гузаронидани муҳлатҳо набуда, зимни он мубориза ва ихтилофҳо ҷой доранд. Гурӯҳи дуюм аввал далел меоварданд, ки моҳҳои май-июн толори қасри Кремль бо Сессияи Шӯрои Олӣ банд аст. Анҷумани адибони саросари кишвар, ки чун анъана доим дар он ҷо мегузашт, ин дафъа ҳам дар он ҷо бояд гузарад, аммо чунонки гуфтем, он ҷо дар ин вақт банд аст. Ин вале ба назари ман сабаби асосӣ нест. Анҷуманро дар дигар ҷой ҳам гузаронидан мумкин буд.

**- Пас сабаби асосӣ чист?**

- Вақте ки мӯҳлати анҷуман наздик мерасид, варианти альтернативии оинномаи Иттифоқи нависандагони ИҶШС, ки аз тарафи гурӯҳи якум – Иттифоқи нависандагони Русия ва Маскав тартиб дода шуда буд, пешниҳод гашт.

**- Анҷумани IX оиннома бояд қабул мекард?**

- Бале. Лоиҳаи онро Иттифоқи нависандагони ИҶШС пешниҳод ва дар матбуот нашр ҳам карда буд. Азбаски охирин Оиннома соли 1971 қабул шуда буд, ҳоло зарурати сахте ба миён омадааст, ки бо назардошти муносибатҳои тозаи иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсӣ Оинномаи нав қабул карда шавад. Аз ин рӯ, ин яке аз масъалаҳои асосии барномаи кори анҷумани IX аст. Варианти Оинномаи Иттифоқи нависандагони ИҶШС дар чаҳор нуктаи бисёр муҳим ихтилоф дорад, ки аз онҳо якеро интихоб накарда, ва ё онҳоро ба ҳам созиш надода, як шакли умумиашро ба вуҷуд наоварда, ба анҷуман пешниҳод кардан мумкин нест.

**- Он ихтилофҳо кадоманд ва чаро онҳоро дар ҳамон шакл ба анҷуман пешниҳод кардан мумкин нест? Оё шумо онҳоро тавзеҳ дода метавонед?**

- Кӯшиш мекунам. Ихтилоф асосан дар ин масъалаҳо ҳастанд:

а) тариқи узвият ба Иттифоқи нависандагон

б) чигунагии узвият ба федератсия

в) масъалаи моликияти Иттифоқи нависандагон

г) органҳои интихобӣ

Аммо биёед аз ташреҳи муфассали ин нуктаҳо дар ин ду оиннома худдорӣ кунем, зеро ҷои бисёрро хоҳад гирифт ва онҳоеро, ки шавқи донистани онро доранд, ба рӯзномаҳои «Литературная газета» ва «Литературная Росия», ки ин оинномаҳоро чоп кардаанд, равона кунем.

**- Хуб. Аммо чаро онҳоро бевосита ба муҳокимаи анҷуман гузоштан мумкин нест, ки шакли мақбули онро интихоб кунад?**

- Аввал, сухан дар он аст, ба назари ман, ки ҳарду Оиннома ҳам нуқс доранд, онҳоро такмил дода, нуктаҳои қобили қабулро аз ҳардуи он интихоб бояд кард. Сониян, агар ба муҳокима ду Оиннома пешниҳод шавад, ман имони комил дорам, ки анҷуман на танҳо дар як ҳафта, балки дар чанд ҳафта, шояд дар чанд моҳ ҳам кори худро тамом карда наметавонад, балки зиёда аз ин ба як хулоса наомада боз пароканда шуда меравад. Ғайрати мубоҳисачигии мо ба ҳама маълум аст. Мо бошему минбар…

Аз ин рӯ, комитети ташкилӣ як комисияи машваратӣ сохта, ба он супориш дод, ки аз ин ду Оиннома як Оинномаи қобили қабул таҳия ва ба анҷуман пешниҳод кунад. Ин роҳи дурусти кор аст.

**- Мақсади асосии Иттифоқи нависандагони Русия ва Маскав аз Оинномаи альтернатии худ дар чист?**

- Яке аз мақсадҳояшон, бешубҳа, сохтори тозаи Иттифоқи нависандагон аст, ки барои ривоҷи адабиёт бештар хизмат кунад. Онҳо барои ин Иттифоқи нависандагони ИҶШС-ро барҳам зада, ба ҷои он дар байни иттифоқҳои нависандагони ҷумҳуриҳо тарзи шартномавии муносибатро ба роҳ монданӣ ҳастанд. Гӯё пешниҳоди бад нест. Аммо дар айни ҳол онҳо талаб доранд, чӣ моликияте, ки Иттифоқи нависандагони ИҶШС дар ҳудуди ҳар ҷумҳурӣ дошта бошад, аз они онҳо мешавад. Яъне нашриётҳо, матбуоти даврӣ, хонаҳои эҷодиёт, шифохонаҳо ва ғайра, хулоса, ҳар чӣзе ки бошад. Оё мо адибони тоҷик, ки дар ҷумҳуриамон моликияте аз Иттифоқи нависандагони ИҶШС надорем, ба ин розӣ шуда метавонем? Ба фикрам, не. Аз ин рӯ, пешниҳоди онҳо барои мо қобили қабул нест. Мо аз ҳисоби хазинаи адабии ИҶШС сохтани як хонаи эҷодиётро дар Варзоб сар карда будем, вале вақте ки замони муносибати иқтисоди бозорӣ оғоз шуду Хазинаи адабӣ ба ҳоли танги молиявӣ афтод, қарор кард, ки ба ягон сохтмони худ дар саросари кишвар пул дода наметавонад, аз ҷумла ба сохтмони мо ҳам.

**-Чӣ, магар акнун Хонаи эҷодиёт дар Варзоб сохта намешавад?**

- Не, сохта мешавад. Вақте ки ба мо аз Хазинаи адабии ИҶШС чунин қарор расид, мо ба Президенти ҷумҳурӣ рафиқ Қ. М. Маҳкамов ва сарвари шаҳри Душанбе М. М. Икромов муроҷиат кардем, ки ин сохтмонро ба зиммаи худ гиранд. Онҳо аз рӯи муҳаббат ва ғамхорӣ ба адибону адабиёт розӣ шуданд, ки онро аз ҳисоби ҷумҳурӣ ва пойтахт бисозанд.

**- Яъне сохтмон хобонида намешавад?**

- Як рӯз ҳам. Балки бо қувваи бештар давом хоҳад кард, зеро ба он боз бинокорони нав ҳамроҳ карда шуданд. Охир аҳволи зори нависандагони тоҷикро бинед! Ҷои кори эҷодӣ надоранд, барои истироҳат, агар путёвка, билет ва маблағ пайдо карда тавонанд, аз ҳамин ҷо ба куҷоҳое, ки бояд бираванд, ё ба баҳри Сиёҳ, Балтик ва ё назди Маскав. Дар тобистон дар вақти саёҳати мардум аз кашокаши аэропортҳо, автовакзалҳо, автобусҳо то ба он ҷойҳо рафта меоянд, ки тамоми истироҳаташон аз бинӣ мебароянд. Ҳоло ки харҷи роҳ ва қимати путёвкаҳо чандин карат боло рафтааст, кам нависандае ёфт мешавад, ки маблағи зарурӣ пайдо карда

тавонад. Аз ин рӯ, ба нависандагони тоҷик дар ҳамин ҷо хонаи эҷодиёт ба мисли обу ҳаво зарур аст.

**- Агар гузаштан ба иқтисоди бозорӣ аллакай чунин душвориҳо пеш оварда бошад, минбаъд аҳволи Иттифоқи нависандагон чӣ мешавад?**

- Савол мушкил, ҷавоб мушкилтар, Шумо бояд бидонед, ки хароҷоти Иттифоқи нависандагони мо аз ҳисоби буҷети ҷумҳурист. Аммо маблағе, ки ба мо ҷудо мешавад, барои таъмини харҷ ва гузаронидани чорабиниҳои адабии мо ҳаргиз намерасад, чунонки мегӯянд, патаку пайтоба ҳам намешавад. Махсусан, ҳоло ки нархҳо ин қадар боло рафтанд. Пештар барои баъзе хароҷоти мо Иттифоқи нависандагони ИҶШС, ки ташкилоти ҳисоби хоҷагист, яъне харҷу дахлаш аз худаш аст, мадад мекард. Аммо акнун аҳволи моддии он ҳам хуб нест.

**- Иттифоқи нависандагони ИҶШС аз кадом манбаъ фоида мегирад?**

- Аз нашриётҳо ва нашрияҳояш. Масалан. Соли гузашта нашриёти «Советский писател» 14,5 млн. сӯм фоида ба даст овард, имсол он аз 6 млн. беш нахоҳад буд. Нашрияҳои давриаш соли гузашта 12 млн. фоида доданд, имсол 2 млн. сӯм хоҳад дод.

Чунонки мебинем, иқтисоди бозорӣ ба асоси молиявии Иттифоқи нависандагони ИҶШС ҳам зарбаи сахт задааст. Акнун ба мо мадад карда тавонистанаш сахт мушкил мешавад.

**- Амалан ягон мадад мекунад?**

- Мекунад. Мо барои беҳдошти вазъияти маҷаллаҳои «Садои шарқ», «Помир» ва ҳафтавори «Адабиёт ва санъат» аз онҳо як миқдор маблағ хоҳиш кардем. Розӣ шуданд. Ба наздикӣ медиҳанд. Ҳамчунин аз Хазинаи адабии ИҶШС барои сохтмони манзил барои нависандагон барои имсол сад ҳазор сӯм гирифтем. Ин бисёр нест, аз ҳеҷ чӣ ҳар чӣ.

**- Фикри Шумо дар барои ҳамкорӣ бо Иттифоқи нависандагони ИҶШС чӣ гуна аст?**

- Мо бояд дар асоси федеративӣ ва мухторият бо онҳо ҳамкорӣ кунем. Дар айни ҳол танҳо дар маҷмӯъ, бо ҳамдастӣ ва ҳамкорӣ ба зарбаҳои сахти аз по афканандаи иқтисоди бозор тоб овардан мумкин асту бас. Агар аслашро пурсед, охир моҳияти худи адабиёт муттафиқ сохтани мардум, инсонро ба инсоне шиносондан аст. Шиносондан ба хотири чӣ? Ба хотири дӯстӣ ва ҳамбастагӣ.

**- Вале баъзе Иттифоқҳои нависандагони ҷумҳуриҳои назди Балтик ва Қафқозу Арманистону Гурҷистон… Ин албатта кори дохилии онҳост. Аммо аз ин баромадан онҳо то куҷо манфиат мебаранд, ҳоло маълум нест. Аз ҳайат баромадани баъзеи онҳо ба он вобаста буд, ки ҷумҳуриҳояшон аз ҳайати ИҶШС баромаданд.**

- Мо бо намояндагони Осиёи Миёна ва Қазоқистон байни худ дар ин бора суҳбат доштем. Ҳамаамон ба хулосае омадем, ки пойдории Иттифоқи нависандагони ИҶШС-ро ҷонибдорӣ мекунем, вале бо шарту тартиботи нав. Талаб мекунем, ки он рушду такомули адабиёт ва беҳдошти вазъи адибони моро дар мадди аввал гузорад. Онҳо ба ин талабҳои мо розӣ ҳастанд ва онро ҳатман бояд иҷро кунанд, вагарна бе иштироки панҷ ҷумҳурии мо Иттифоқи нависандагони ИҶШС мавҷуд буда наметавонад. Барои мавҷудияти Иттифоқи нависандагони ИҶШС дар ҳайати он на катар аз ҳашт иттифоқи нависандагони ҷумҳурӣ бояд бошад. Онҳо инро ҳоло хуб фаҳмидаанд.

**- Дар худи Иттифоқи нависандагони ИҶШС ҳам як гурӯҳ, бо номи Апрел, ба вуҷуд омада, онро ба ду тақсим кардааст.**

- Дуруст. Аммо ба назари ман худи нависандагон аллакай ба манфиати адибон ва адабиёт набудани онро фаҳмидаанд. Эҳтимол сабаб ин буд, ки анҷуманҳои адибони Русия ва Маскав

ҳеҷ касро аз фаъолон ва роҳбарони Апрел ба вакилии анҷумани IX Иттифоқи нависандагони ИҶШС интихоб накардааст.

Ба ҳар ҳол, худи адибони Маскав инро ҳамин тавр шарҳ медиҳанд.

Аз ин рӯ, танҳо касоне, ки бори масъулияти адабиётро ба дӯш надошта, дар дил мақсадҳои мансаб ва чизу ҷоҳталабӣ мепарваранд, дар бораи тақсим ё ба гурӯҳ ҷудо кардани ин ё он Иттифоқ нависандагон сухан ронданашон мумкин асту бас. Касе, ки ғами адабиёт ва адибонро хӯрда ва чӣ гуна бад шудани вазъияти онҳоро дар шароити иқтисоди бозор мефаҳмад, дар ин бора сухан ронданаш ҳаргиз мумкин нест. Ҳоҷати исботу далеле нест, ки ҳизб ва ҳукумат дар миқёси мамлакат аз пуштибонии адабиёт даст кашида, онро ба ихтиёри иқтисоди бозор дода истоданд, ки ҳар чӣ шавад, шавад. Як мисол меорем. Яке аз нашриётҳои асосии Иттифоқи нависандагони ИҶШС «Советской писател»-ро, ки фоидаи он ба манфиати адибону адабиёт сарф мешуд, имсол давлат танҳо ба 30 фоиз қоғаз таъмин мекунаду бас. Боқии онро нашриёт бо нархи бозор бояд харад. Аҳволи нашриёт ва нашрияҳои дигари адабӣ ҳам аз ин беҳтар нест. Магар дар ин ҳолати ногувор дар ягон Иттифоқи нависандагон дар бораи гурӯҳсозӣ ва ё тақсимшавӣ сухан гуфтан мумкин аст? Оқибати ин фатарот хоҳад буду бас. Аз ин рӯ ҳатто онҳое, ки ба маҷлиси комитети ташкилии анҷумани IX бо мақсади барҳам задан ва ё тақсими Иттифоқи нависандагони ИҶШС омада буданд, фаҳмиданд, ки ягона чораи аз ин вазъияти бухронӣ халос кардани адибон сарҷамъӣ мебошад. Дар охир онҳо ҳам ба хулосае омаданд, ки анҷумани IX хуб тайёр карда шуда, дар охирҳои моҳи сентябр ва аввали октябр гузаронида шавад, то барои Иттифоқи сифатан нави мустаҳкам асос гузорад.

**– Гумон мекунам, ки ин масъалаҳоро донистани на фақат шумо, вакилони анҷумани IX Иттифоқи нависандагони ИҶШС зарур буд, балки онҳоро бояд ҳар узви Иттифоқи нависандагон бидонад, зеро чӣ гуна ҳал шудани онҳо ба тақдири ҳар адиб дахл хоҳад дошт.**

– Комилан дуруст мегӯед. Имрӯз ҳар узви Иттифоқи нависандагон бояд фарди фаъол бошад ва барои ҳимояи манфиати адибу адабиёт кор кунад.

**Соли 1991**

## МО БАРОИ ВАСЛ КАРДАН ОМАДЕМ

**Мусоҳиба бо хабарнигори ҳафтавори «Адабиёт ва санъат» Маҷид Салим**

**– Устод, чанде қабл дар шаҳри Маскав анҷумани III Созмони байналмиллалии Иттифоқҳои нависандагон доир гардид, ки Шумо иштирокчии бевоситаи он будед. Чӣ мешуд, ки таассуроти хешро аз ин кунгураи бонуфузи адабӣ нақл мекардед?**

– Анҷумани навбатии адибони давлатҳои мустақил рӯзи 20-уми май доир гардид, ки намояндагони зиёда аз даҳ давлат ширкат доштанд.

Созмони байналмиллалии Иттифоқҳои нависандагон ташкилоти озоди эҷодӣ буда, баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ба фаъолият шурӯъ намудааст. Яке аз муассисони аввалини ин Созмони байналмиллалӣ Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон мебошад. Вазифаи асосӣ ва ягонае, ки ин созмон пеш гирифтааст, нигоҳ доштани ҳавзаҳои адабӣ, иттифоқҳои эҷодӣ, яъне ҳамеша аз ҳоли якдигар огоҳ шудан, табъу нашри осори адибони собиқ Иттифоқҳои шӯравӣ,

баргузории маҳфилҳои адабӣ, тарҷумаи асарҳои нав мебошад. Анҷуман хеле пуршукӯҳ сурат гирифта, ҳамаи адибону меҳмонон пуштибонии худро аз раёсати созмон изҳор доштанд. Дар анҷуман раиси ифтихории Созмони байналмилалии Иттифоқҳои нависандагон Сергей Михалков, раиси иҷрояи он Темур Пӯлодов суханронӣ ва маърӯзаи ҳисоботӣ карданд.

Дар анҷумани адибон қарордодҳои нави эҷодӣ, лоиҳаи Созмони байналмилалии Иттифоқҳои нависандагон, аъзои раёсати Созмон тасдиқ шуданд. Дар он ман оид ба фаъолият, бурду бохти адибони тоҷик маърӯза кардам. Қобили қайд аст, ки садорати Созмони байналмилалии нависандагон аз кори адибони тоҷик қаноатманданд. Дар он ба фаъолияти Иттифоқи нависандагони мо баҳои баланд дода шуд. Адибон ба баргузории рӯзҳои фарҳангии Москав дар Душанбе ва ҳафтаи адабиёти рус дар Тоҷикистон, ки соли 1997 баргузор гашта буд, баҳои ҳаққонӣ доданд. Ёдовар бояд шуд, ки баъди пош хӯрдани давлати шӯравӣ Иттифоқи нависандагони тоҷик аввалин ва ягона ташкилоте буд, ки ҳафтаи адибиёти русро дар кишвари худ ташкил дода тавонист, ки дар он ҳайати бонуфуз ва бузурги адибони рус иштирок карда, пас аз он дар воситаҳои ахбори омма сухани ҳақро бар бораи вазъияти муътадилшавандаи ватани мо гуфтанд, ки аҳамияти хосае дошт.

**– Устод, Ҷоизаи байналмилалии «Нилуфар» ба Лоиқ Шералӣ дар ҳамин анҷуман супурда шуд, ё…?**

– Бале, дар анҷумани III-адибон ба ду нафар ҷоизаи байналмиллалии «Нилуфар» супурда шуд: яке ба раиси Иттифоқи нависандагони Тотористон, нависанда Ренат Муҳаммадиев ва дувумӣ ба шоири шинохтаи тоҷик Лоиқ Шералӣ. Ба ҳарду ба миқдори якуним ҳазорӣ доллари амрикоӣ ва мукофот ҳам супурда шуд.

21 май, ба ин хотир дар маҷлисгоҳи Сафоратхонаи Тоҷикистон дар Федератсияи Русия маҳфили адабӣ доир гашт. Сафири фавқулода ва мухтори Тоҷикистон дар Русия Рамазон Мирзоев меҳмонон, шоирон ва адибонро хайра мақдам гуфт. Дар ин маҳфил банда сухан ва дар бораи қадршиносии Лоиқ Шералӣ бо мукофоти байналмилалии «Нилуфар» нақл кардам. Сипас шоир Лоиқ Шералӣ аз шеърҳои нави худ хонд. Дар ин маҳфил раиси иҷроияи Созмони байналмилалии Иттифоқҳои нависандагон Темур Пӯлодов, Шавкат Ниёзӣ, тарҷумон Яков Козловский, шоира Людмила Шипахина, нависанда Темур Зулфиқоров низ сухан гуфтанд.

**Соли 1998**

## МЕХОҲАМ, ШЕЪРИ МОРО КУЛЛИ ОЛАМ БИДОНАД

**Мусоҳиба бо хабарнигори рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» Аваз Юлдошев**

***Чун сухан аз равобити адабиёти тоҷику олмон равад, офаридаҳои Ҳӯтеи бузургвор, хусусан «Девони гарбӣ-шарқӣ»-и ӯ ба хотир мерасад. Инчунин суханони ӯ дар бораи «Ҳафт ситораи адабиёти форсу тоҷик» ва «Ситораи хурдтарин манам» имрӯзҳо низ вирди забони оламиён аст.***

***«Алоқаҳои адабӣ новобаста аз сохти сиёсӣ барҷой мемонад, зеро кулли мардуми оламро дарду ормон, шодиву нишот як аст», – фармудааст суханвари нотакрору номии Олмон Иоҳан Волфҳанг Ҳӯте.***

***Адабиёти олмон, ки робита бо он асрҳо муқаддам пайдор буду дар замони шахспарастӣ чун адабиёти буржуазӣ ва дар айёми рукуд чун адабиёти маддоҳӣ маҳкум гардид, имрӯз дар чӣ вазъ аст? Чанде қабл котиби Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, сармуҳаррири ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» Аскар Ҳаким аз сафари Ҷумҳурии Федеративии Олмон баргашт. Мухбирамон бо ӯ ҳамсуҳбат шуд.***

**- Тағйироте, ки имрӯз ҷомеаи мо аз сар мегузаронад, ба равобити мардуми мо, аз ҷумла, адибонамон бо кишварҳои хориҷ заминаи нек гузошт. Дар Олмони Ғарбӣ аз дигаргуниҳое, ки дар мамлакатамон ба вуқӯъ пайвастааст, бохабаранд? Онро чӣ тавр қабул мекунанд?**

- Сафари аввалини ман ба Олмони Ғарбӣ ба соли аввали бозсозӣ (соли 1986) рост омад. Он замон Рӯзҳои Иттифоқи Советӣ дар замини Баден-Вбртемберг (дар мисоли Тоҷикистон) баргузор гардид. Ва ҳайати вакилони советӣ, иборат аз 60-нафар, таи як ҳафта меҳмони ин кишвар будем. Ман чун сардори гурӯҳи таблиғотӣ аз намояндагони Ҷамъияти дӯстии ҶФО – СССР хоҳиш намудам, ки мулоқоти моро бо адибон ташкил намоянд. Ин пешниҳодро онҳо хуш пазируфтанд ва суҳбати моро дар хонаи адибони Штутгарт созмон доданд. Мувофиқи барнома сухбат бояд ду соат давом мекард, вале чун сухан аз бозсозӣ ва ошкорбаёнӣ дар кишвари мо рафт, он хеле тӯл кашид. Онҳо бозсозиро чун инқилоби дувуми шӯравӣ қабул кардаанд. Он замон бо адибон Иоҳаннес Пётин, Ҳелмут Пфитсерер, Райнер Вохеле, Маргарита Ҳансман ва дигарон ошноӣ пайдо кардем. Он вақт онҳо маро чун як нависандаи рус қабул карданд. Ва ман кӯшидам, ки эшонро аз таърихи адабиёту тамаддуни мардумамон огоҳ созам.

**- Ва ин ба Шумо муяссар шуд?**

- Ба назарам, халқи тоҷик ва адабиёти онро ба мардуми немис, каме бошад ҳам, шинос карда тавонистам. Соли 1987 бо кӯшиши хонаи адибони Штутгарт дар ҶФО «Ҷашни суруд ва шеър» баргузор шуд. Дар он дар қатори суханварону санъаткорони ҷумҳуриҳои дигари мамлакатамон: Булат Окуҷава, Вячеслав Куприянов (шаҳри Москва), Маара Залите (Латвия), Александр ва Ирина Журбинҳо маро низ даъват карданд. Ин тантана низ бо кӯшиши фаъолони Ҷамъияти дӯстии ҶФО – СССР Аннита Мбллер, Роза Трайбер-Метсхер ташкил шуд.

Мо дар толорҳои калонтарини шаҳрҳои Штутгарт, Тюбинген шеър хондему ҳунар намудем. Бояд гуфт, ки дар толорҳо шеър хондан дар Олмони Ғарбӣ расм нест. Аз ин рӯ, онҳо дар аввал ҳайрон шуданд, ки чӣ тавр дар толори ғунҷоишаш 700-800 нафара шеър мехонем? Чун диданд, ки ин кор ба шоирони шӯравӣ муяссар шуд, эшон низ чунин анъанаро пазируфтанд.

Мизбонон зуд тарҷумаи таҳтуллафзи шеърҳои моро тайёр мекарданд. Чун ман ба тоҷикӣ шеър мехондам, тарҷумаи он ба сомеон мерасид. Бояд гуфт, ки немисҳо шеърфаҳму шеърдӯстанд. Чанд тан баъди ҷамъомадҳо хоҳиш намуданд, ки бе тарҷумон ба тоҷикӣ шеър хонам. Гуфтанд, ки забони шумо оҳанги ҷаззобе дорад.

Боре дар маъбад сарвари рӯҳониён хоҳиш кард, ки шеър хонам. Тарҷумаи таҳтуллафз набуд. Гуфтам, ки ман ба забони худам мехонам, вале баъд аз он шумо гӯед, ки шеър дар бораи чӣ аст. Чун шеъри «Ба ту имшаби баҳорон...»-ро хондам, рӯҳонӣ гуфт: «Мисли ин ки Шумо дуо мехондед, ниёиш мекардед».

**- Мегӯянд, ки ҳоло дар Олмони Ғарбӣ кӯшиши қафо гардондани чархи таърих, аз ҷумла инкори мағлубияти фашизм дар ҷанги дувуми ҷаҳон авҷ мегирад. Неофашистҳо ба майдон меоянд…**

- Ҳангоми сафарҳоям ба ин кишвари афсона боре ҳам бо чунин фикр ё шахс дучор наомадам. Ҳис кардам, ки мардуми Олмон сулҳ мехоҳад. Соли 1988 бо кӯшиши оҳангсози юнонӣ, барандаи Ҷоизаи байналмилалии ленинӣ, Микис Теодоракис дар Тюбинген созмони «Маданият – бақои сулҳ» таъсис ёфт. Он 12 нафар аъзо дорад. Аз мамлакатамон нависандаи номдор Чингиз Айтматов узви ин созмон аст. Маҷлиси муассисони «Маданият – бақои сулҳ» ба пирӯзии Артиши Шӯравӣ бар фашизм бахшида шуда буд. Бандаро низ ба ҳайати меҳмонони маҷлиси муассисон даъват намуданд. Чун дидам, ки халқи немис ҳамроҳи мо мағлубияти фашизмро ид мекунад, ба овозаҳои баргардондаи чархи таърих боварам намонд. Лекин шолӣ бе курмак намешавад, мегӯянд. Шояд бошад тирасаре, ки чунин даъвоҳо пеш орад.

Рӯзҳои кори созмон аз назди шаҳрдории Тюбинген бо Майдони сурхи Маскав мухобираи телевизионӣ ташкил намуданд. Мардуми олмону шӯравӣ тавассути ҷаҳоннамо ба ҳамдигар бахт, сулҳ, сиҳатӣ орзу менамуданд. Ман аз Тюбинген шеър хондам, ки сокинони пойтахтамон шуниданд.

**- Оё адибони Олмони Ғарбӣ низ ба ҷумҳурии мо омадаанд?**

- На як бор. Соли 1987 адиби шинохта Райнер Вохеле ба Душанбе омад. Ӯ пас аз бозгашт чанд мақола дар бораи Тоҷикистон навишта, дар матбуоти Штутгарт дарҷ намуд. Соли гузашта ду нависанда – Ҳелмут Пфитсерер, Мая Лангдорф ба Тоҷикистон омада буданд. Онҳо ният доранд, ки китобе дар бораи Тоҷикистон ва мардуми он иншо кунанд. Мо низ баёзи назми муосири немисро чоп карданием. Он вақт фикри аҷибе ба сар омада буд. Мувофиқи он нависандагони тоҷик бояд китоби ёддоштие аз сарзамини Олмон нависанду олмониҳо хотираҳояшонро дар бораи Тоҷикистон. Барои амалӣ шудани ин фикр сараввал рафтуомади тарафайнро бояд ташкил намуд. Хушбахтона, ин кор ба мо даст дод. Соли равон Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва Хонаи адибони Штутгарт шартнома имзо намуданд. Мувофиқи он ҳар сол ду нафар адиби мо ба Олмони Ғарбӣ мераванд (аз ҳисоби маблағи Хонаи адибони Штутгарт) ва ду нафар адиби немис ба Тоҷикистон меоянд (аз ҳисоби маблағи ИН Тоҷикистон). Мақсад аз ин рафтуомад пеш аз ҳама мустаҳкам намудани робитаи эҷодӣ, пасон шинос кардани ду халқ ба ҳамдигар.

Бояд таъкид намуд, ки шартномаи номбурда аввалин шартномаест, ки Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон бе дахолати ташкилотҳои дигар бастааст. Умед аст, ки дар оянда чунин мустақилият бештар хоҳад шуд.

**- Кадом адиби мо дар асоси шартномаи мазкур ба Олмони Ғарбӣ меравад?**

- Ҳоло маълум нест. Аммо немисҳо роҳи ҳалли ин масъаларо ёфтанд. Онҳо конкурс эълон намуданд, ки шарти асосии он чунин аст: шоири олмонӣ бояд аз нигоҳи одами шӯравӣ шеъре нависад, ки ӯ Олмонро чӣ тавр тасаввур мекунад. Касе, ки ғолиби ин конкурс мешавад, ҳуқуқи ба СССР омадан пайдо мекунад. Соли гузашта шоираи ҷавон Урсула Гротс ғолиби чунин конкурс шуда буд. Шояд мо ҳам чунин як озумун ташкил намоем…

**- Медонем, ки шеърҳои ҷудогонаи шоирони Олмони Ғарбӣ Маргарита Ҳансман, Ҳелмут Пфитсерер ва чанде дигарон дар тарҷумаи шумо дар матбуоти тоҷик дарҷ гардиданд. Шеърҳои Шуморо хонандагони немис ба забони худ хондаанд?**

- Шеърҳои алоҳидаам дар Олмони Ғарбӣ чоп шудаанд. Чанд бор тавассути телевизиону радиои немис шеър хондаам. Умед дорам, ки дар оянда хонандаи немис иқтидори имрӯзаи шеъри тоҷикро мефаҳмад, офаридаҳои шоирони номии моро ба забони модариаш мехонад. Мо барои ин кор мекӯшем.

**- Барои амалӣ шудани ин кори хайр ба Шумо барор мехоҳем.**

- Ташаккур.

## «СУХАНГУСТАР», ХУДО МАДАДГОРАТОН!

### Муаллими муҳтарам Мӯъмин Қаноат!

Ман имшабу рӯз ба навиштани маърӯза оид ба авзои яксолаи адабиёти тоҷик машғул ҳастам, ки дар маҷлиси солонаи адибон арза дорам. Аз ин рӯ, маро лозим меояд, ки рӯзномаву маҷалла ва китобҳоеро, ки аз соли 1991 то имрӯз нашр шудаанд, бори дигар аз назар бигузаронам ва дар сари асарҳои нависандагон биандешам. Чун машғули ин кор будам, чашмам ба суҳбати шумо афтод, ки дар рӯзномаи «Чароғи рӯз» дар №14 (35) соли 1992 зери унвони «Сухангустар» ба табъ расидааст ва хурсанд шудам, ки пас аз «чанд соли охир... ки.. сукунат ихтиёр намуда» (иқтибосҳо аз ин суҳбатанд — А. Ҳ.) ниҳоят лаб кушодед ва умед доштам, ки ҳамчун як тан адиб дар бораи авзои замон ва адабиёт суҳбат кардед, андешаҳоятонро дар бораи асарҳои адибон баён доштед, то ман ҳам битавонам дар маърӯзаи худ аз онҳо истифода бикунам, ки ба манфиати адабиётамон бошад. Аммо ба ҷои ин ман чӣ хондам? Эй кош, нахонда будам! Акнун ки хондам, маҷбурам ҷавоб бидиҳам.

Муаллими муҳтарам! Ман танҳо ба он нуктаҳои суҳбати шумо ҷавоб мегӯям, ки ба дурӯғ ва зиёда аз ин дар ҳақи ман ва адибони дигар туҳмат будани онҳо сад дар сад бовар ва санад дорам. Ба он чӣ ки боқӣ монд, бигзор дигарон гӯянд.

Пеш аз он ки ба ҷавоб пардозам, бояд иқрор кунам, ки ман шуморо, муаллими муҳтарам солҳои сол, аз давраи донишҷӯиям, самимона ва додарвор дӯст медоштам ва тимсоли маънавие мепиндоштам, ки арзиш ба эътиқод ва садоқат дорад. Ин муҳаббат аз ҷониби ҷавоне, ки ба адабиёт дилбастагӣ дошту аз шумо қариб понздаҳ сол ҷавонтар буд, як муҳаббати беғараз ва содиқонае буд. Аз соли 1974, ки ман баъди хатми аспирантураи донишгоҳи Маскав ба маҷаллаи «Садои Шарқ» ба вазифаи муовини сардабир ба кор омадам ва то моҳи апрели соли 1991 дар вазифаҳои гуногуни доираи Иттифоқи нависандагон кор кардам, бо шумо дар як бино будам, яъне аз ҳам дур набудем. Дар 17-18 сол бисёр баду неки рӯзгор аз сарамон гузашт ва мӯи сиёҳи ман дар эътимод ба шумо сафед шуд. Ман ба хотири муҳаббате, ки ба шахси шумо ва шеъри шумо доштам, аз нуқсонҳоятон чашм пӯшидам, танҳо ба сифати шумо нигаристам ва аз шумо барои худ бут тарошидам, барои дигарон ҳам, зеро ман дар бораи шумо бисёр навиштаам. Ҳоло ман зери пои он бути шикаста мегирям, ба ҳоли худ мегирям, ба муҳаббат ва эътиқоди доштаам мегирям. Зеро он бутро шумо бегоҳи 31 марти соли 1991, баъд аз рӯзи охири анҷумани Х нависандагони ҷумҳурӣ дар хонаи ман дар сари дастархон шикастед. Аммо ман то имрӯз дар ин бора дар ҳеҷ ҷое лаб накушодам, акнун шумо маро бо суҳбати матбуотии худ ба ин кор водор кардед. Биёед, ҳоло баъзе он воқеаҳои гузаштаро вобаста ба суҳбати шумо ба ёд меорем. Мухбири рӯзнома аз шумо суол мекунад:

– «Устод, Шумо чандин сол раиси (раис, не, котиби аввал – А. Ҳ.) ИНТ будед, ниҳоят аз вазифа рафтед. Дар бораи ннтихоби раиси нав чӣ ақида доред?» ва шумо ҷавоб медиҳед:

– «Интихоби раиси нав мисли интихоботи вакилони мардум пурмуаммо ва аз ин зиёдтар, пурқилуқол буд. Д. Эгамов, Н. Асадуллоев ва А. Истад, ки аъзои комиссия буданд, кори худро

софдилона иҷро накарданд, вагарна 140 бюллетенро 5 соат ҳисоб намудани онҳо чӣ маънӣ дошт? Ғайр аз ин, ҳини шумори овозҳо котиби КМ ҲКТ Б. Раҳимова ва мудири шӯъбаи идеологии КМ ҲКТ С. Турсунов ба хонаи комиссияи ҳисоб омаданд.

Омадани онҳо, албатта, бебало ва беасос набуд. Ҳамчунин раиси ҷумҳур ва дастгоҳи он се моҳ шабурӯз давиданд, ки Аскар раис бишавад. Котиби аввали ҲКТ (КМ ХКТ – А. Ҳ.) ва тамоми аппарати лаганбардораш аз кӯчактарин то бузургтарин имкону имтиёзоти хешро суиистифода карданд».

Шумо, муаллими мухтарам, дар нн ҷо якбора чанд дурӯғ мегӯед ва зиёда аз ин, ба нависандагоне, ки бо супориши анҷуман кори мушкилеро ба зимма гирифта, иҷро карданд, тухмат мезанед.

**Якум.** Ҳайати комиссияи ҳисобот, ки анҷумани Х Иттифоқи нависандагон интихоб кардааст, аз инҳо иборат буд: Насрулло Асадулло, Қулмуҳаммад Абдулҳусейнов, Михаил Давидзон, Адаш Истад, Хуршеда Отахонова. Шумо бошед, ба ҷои номи Қулмуҳаммад Абдулҳусейнов Д. Эгамов мегӯед ва аз Давидзону Отахонова ном ҳам намебаред. Ба хотири чӣ? Ба хотири он ки ба кори комиссия шубҳа ба миён оваред? Ҳол он ки шумо он вақт вакили Шӯрои Олии ИҶШС будед ва Қ. Абдулҳусейнов дар ин вакилӣ ёрдамчии маошхӯри шумо буд ва ҳаргиз намегузошт, ки дар кори ҳисоб бар зарари шумо кӯшише карда шавад, ҳарчанд ки ман бар софдилии ҳамаи онҳо заррае шубҳа надорам. Ба замми ин, аз рӯи шаҳодати А. Истад (раиси комиссияи ҳисобот) ва дигар аъзои комиссия, А. Истад бюллетенҳои интихоботи раисро аз қуттӣ дар ҳузури ҳама берун оварда, аввал ба Қ. Абдулхусейнов барои шумур дода гуфтааст, ки ту одами маошхӯри Қаноат ҳастӣ, аввал ту ҳисоб кун ва ӯ дар ҳузури ҳама якто-якто онҳоро ҳисоб кардааст. Дигарон низ ҳисоб кардаанд, ки 84 бар 64 бар манфиати Аскар Ҳаким будааст.

**Дуюм.** Комиссияи ҳисоб на ин ки 140 бблletен, балки бюллетени хеле бисёрро ҳисоб бояд мекард ва на як бору ду бор, ки инро шумо нағз медонед, зеро на як бору ду бор дар анҷуманҳо иштирок кардаед.

а) бюллетен на 140 дона, балки 148 дона буд, зеро 148 адиб дар овоздиҳӣ иштирок кард.

б) 148 дона бюллетен барои интихоби раис буд, ки бояд ду бор ҳисоб мешуд.

в) 148 дона бюллетен барои интихоби аъзои садорат буд, ки ба рӯихати он ба тариқи довталабӣ 51 нафар дохил гашт, ки аз он 35 нафар бояд интихоб мешуд. Яъне, ин 148 бюллетенро 51 маротиба шумурда, аз байни он 35 нафари аз дигарон бештар овозгирифтаро ҷудо мекарданд, ки аъзои садорат шудаанд.

г) 148 бюллетен барои интихоби 11 нафар узви комиссияи тафтишот буд ки онро камаш 11 маротиба ҳисоб бояд мекарданд.

д) 148 бюллетен барои интихоби 15 нафар вакил ба анҷумани IX Иттифоқи нависандагони собиқ ИҶШС, ки он ҳам бояд 15 маротиба ҳисоб мешуд.

Дар натиҷа ба комиссия лозим буд, ки камтаринаш 11692 бюллетенро ҳисоб кунад, на ин ки 140 бюллетенро, ки шумо мегӯед, зеро комиссия натиҷаи ҳамаи овоздиҳиро якбора эълон кард. Ман намедонам, комиссия инро дар чанд соат анҷом дод, аммо ин қадар ҳисобро дар як-ду соат дастӣ тамом кардан ҳеҷ имкон надошт.

Ман хабар надорам, ки собиқ котиби КМ ҲКТ Б. Раҳимова ва мудири шӯъбаи идеология С. Турсунов ба хонаи ҳисоб даромаданд ё не, аммо ба қавли раиси комиссияи ҳисоб Адаш Истад ҳеҷ касе аз гуфтаҳои шумо на танҳо ба хонаи ҳисоб даромада, ҳисобро ба манфиати ман ҳал накардааст, балки ба он наздик ҳам наомадааст. Ин кор заррае ҳам имкон надошт, зеро

бюллетенҳоро пешакӣ шумурда, муҳр гузошта ба овоздиҳандагон дода буданд. Ҳамаи инро шумо хуб медонед, вале акнун пас аз як соли анҷуман авомфиребӣ мекунед. Агар заррае шубҳа медоштед, он вақт, ҳангоми тасдиқи бюллетени комиссияи ҳисоб мегуфтед.

**Сеюм.** Шумо мегӯед, ки барои раис шудани Аскар Ҳаким Раиси Ҷумҳур, дастгоҳи он, котиби аввали ҲКТ ва тамоми аппарати лаганбардораш се моҳ шабурӯз давиданд ва ғайра. Намедонам, шумо барои тасдиқи ин чӣ далелҳо доред, аммо пас аз хондани ин гапҳо ман ба хиҷолат афтодам, ки аз Раиси Ҷумҳур сар карда ин қадар шахсони масъул аз паси ман се моҳ шабу рӯз давидаанду ман бехабар, ҳарчанд медонам онҳо бекорхӯҷа набуданд, ки ҳама корро монда аз паи раисии ман даванд. Мутаассифона, агар медавиданд ҳам, ҳеҷ гуна мадад карда наметавонистанд. Зеро интихобот довталабона гузашт, ба ҷои як нафар шаш нафар пешниҳод шуд, раисро аввалин бор дар таърихи Иттифоқи нависандагон, на дар маҷлиси садорат, бо овоздиҳии кушоду ғайриалтернативӣ, балки дар анҷуман бо раъйдиҳии пӯшида ва довталабона интихоб карданд. Ҳар нависанда аз рӯи инсоф ва адолат ба касе, ки хост, овоз дод. Агар аз он номбурдаҳои шумо Раиси Ҷумҳур ва ё касе аз дастгоҳи ӯ дар хонаи овоздиҳӣ, ки мо ба он якто-якто медаромадем, дасти нависандаеро дошта, маҷбур карда бошад, ки ба Аскар Ҳаким овоз диҳад, онро бояд дар анҷуман мегуфт. Вале ҳамаи нависандагон медонанд, ки дар вақти ҳалкунанда – овоздиҳӣ ҳеҷ касе аз он дастгоҳ на фақат ба коре мудохила накард, балки умуман дар он ҷо набуд.

Шумо Раиси Ҷумҳур ва ҳизби коммунистонро на барои он носазо мегӯед, ки гуё барои ман давиданд, балки барои он ки ба мисли пешин барои шумо надавиданд.

Ҳамаи аъзои садорати собиқ, ки соли 1986 дар анчумани IX интихоб шуда буданд, хуб дар ёд доранд, ки шуморо чӣ тавр Бюрои КМ ҲКТ бо сардории Котиби аввалаш ба мо интихоб — таъйин кунонда буд. Худатон ҳам ёд доштагистед. Ҳамаи аъзои садоратро баъди анҷуман ба хоначае даровварданд, аъзои Бюрои КМ ҲКТ бо сардории Котиби аввал омаданд, маҷлиси аввали ташкилии садоратро кушоданд ва гуфтанд, ки бо вуҷуди камбудиҳояш ва ғайра ва ғайра Бюро ба шумо ба вазифаи котиби аввали ИН Мӯъмин Қаноатро пешниҳод мекунад, хоҳиш мекунем, овоз диҳед. Ана ҳамин тавр нависандагон рӯ ба рӯ, қариб болои зонуи ҳамдигар нишаста даст бардошта буданд. Дар анҷумани X ҳам соли 1981 ҳизби коммунист шуморо ба ҳамин тариқ интихоб – таъйин кунонда буд. Он вақтҳо ҳизби коммунист, Бюрояш, Котиби аввалаш, аппараташ нағз буд, ин дафъа, ки ин корро накард, лаганбардор шуд, бад шуд. Офарин ба инсофатон, муаллими муҳтарам!

Ба саволи дигари мухбир шумо аз ҷумла чунин ҷавоб медиҳед: «Лекин, агар ман аз вазифа рафтан намехостам, ҳеч кас – на президенту на КМ ҲКТ – коре карда наметавонистанд. Рақибам ҳамвазн набуд, аз ин рӯ ғурурам иҷозат надод, ки бо як тан навқалам дар мубориза ҳампоӣ бикунам. Магар айб нест бигӯянд, ки Мӯъмин Қаноат дар асоси алтернативӣ (!) боз роҳбари ИНТ шуд, дар сурате, ки ҳарифаш А. Ҳаким аст. Ин корро Аскар кард ва месазад ифтихор варзад, ки ҳариферо чун Мӯъмин Қаноат пирӯз омад, вале оё ӯ салоҳият дорад, ки эҷоди Лоиқ, Бозор Собир, Гулрухсор, Низом Қосим, Гулназар, Фарзона, Сиёвуш, аз як тарафу аз тарафи дигар, эҷодиёти Кӯҳзод, Сорбон, Баҳманёр, Муҳаммадзамони Солеҳ, Сайфро таҳлил бикунад. Ҳол он ки инҳо аз ӯ баланду болоанд».

Аввалан, дар хусуси барои пирӯз шудан мубориза накардани шумо ва мубориза кардани ман. Охири рӯзи дуюми анҷуман нависандагон қарор карданд, ки аз довталабон – шумо ва ман барномагӯӣ талаб карда нашавад, зеро бе ин ҳам мо онҳоро мешиносем ва ғайра. Субҳи рӯзи

сеюми анҷуман то тайёр кардани варақаҳои овоздиҳӣ чанд муддат бекор будем ва Отахон Латифӣ ба минбар баланд шуда, дар бораи роҳҳои минбаъд ривоҷ додани ҳаёти маданӣ ва адабӣ ба суҳбат сар кард.

Баъд аз ӯ, шумо, бе даъвати касе ба минбар баромада, қариб 15 дақиқа барномаатонро гуфта қарорро вайрон ва худро ташвиқ кардед. Нависандагон инро шунида гуфтанд, ки ин тавр мумкин нест, як довталаб шартро вайрон кард, акнун довталаби дигар ҳам барномаашро гӯяд, яъне мубориза кунад. Бо вуҷуди талаби адибон ман ин корро накардам, аз ҷо хестам, ду даст бардоштаму боз дар ҷоям нишастам. Ҳоло бигӯед, кӣ барои раис шудан то лаҳзаҳои охир мубориза кардааст? Ман ё шумо?! Ман ба ҳурмати шумо ин корро накарда будам.

Акнун дар бораи оё салоҳият доштани ман барои таҳлили эҷодиёт адибоне, ки шумо номбар кардед. Дар ин бора чизҳои гуфтанӣ бисёр аст, аммо танҳо яктоашро мегӯям.

Муаллими муҳтарам, моҳи марти соли 1981-ро ба ёд биёред, ки мо ҳар ду барои навиштани маърӯзаҳоямон ба анҷумани Х нависандагон аз саробӯстони Шӯрои Вазирон хона гирифта, сари кор нишастем. Ман маърӯзаи худро дар бораи авзои танқиди адабӣ навишта тамом кардам, аммо шумо тамоми он вақт дуҷилдаи худро ба нашр омода сохтеду як сафҳа ҳам маърӯза нанавиштед. Баъд ман фаҳмидам, ки шумо асарҳои панҷ соли адибонро нахондаед, ва табиист, ки ба маърӯзанависӣ омода нестед. Ин аввалин анҷумане буд, ки баъди вафоти устод Мирзо Турсунзода зери сарварии шумо доир мешуд. Ва ман барои он ки шуморо дар назари адибон роҳбаре нишон диҳам, ки эҷодиёти онҳоро мехонад, дар бораи онҳо андеша мекунад, шавқманди навиштаҳои онҳо аст, бароятон қариб чиҳил саҳифа маърӯза навиштам, ки шумо ҳатто як ҳарфашро дигар накарда, дар анҷуман хонда додед, ки бисёр ҳам хуб пазируфта шуд. Ман инро ҳаргиз миннат карданӣ нестам, зиёда аз ин гуфтанӣ ҳам набудам, аммо шумо водор кардед. Ман он корро аз рӯи муҳаббат карда будам, вале акнун маҷбурам аз адибон узр бипурсам, ки шуморо дар сифати дигаре ба онҳо ннштон дода будам, зеро беҳбуди корро мехостам. Вале ҳоло ҳайронам, ки чӣ тавр ман ба таҳлили осори адибон даҳ сол пеш аз ин салоҳият доштааму акнун не? Сахт масъалаест, муаллими муҳтарам?! Ва боз бароятон бояд бигӯям, ки дар адабиёт ва баррасии адабиёт ин гуна гапе, ки фалонӣ барои таҳлили эҷодиёти фалонӣ салоҳият дораду фалонӣ не, умуман нест. Ва оддитарин кас барои таҳлилу таҳқиқи осори Рӯдакиву Пушкин, Фирдавсию Толстой, Ҳумеру Шекспир ҳақ дорад, пас чӣ ҷои сухан аз баррасии асарҳои ҳамзамонони мо.

Ба замми ин, ман то имрӯз дар Душанбею Маскав чанд китоби адабиётшиносиву танқиди адабӣ ва мақолаҳои бисёре нашр кунондам, ки ҳамааш баррасии адабиёт аст. Масалан, китоби адабиётшиносӣ ва нақди адабии ман «Творцы созвучий», ки дар муътабартарин нашрияи адабии мамлакат «Советский писатель», дар Маскав, соли 1985 нашр шудааст, дар давоми ҳафтод соли шӯравӣ ягона китобе мебошад, дар бораи шеъри муосири тоҷик дар он ҷо чоп шудааст. Оё ин нашрия дар таърихаш асари ягон навқаламро чоп кардааст?! Зиёда аз ин, ин ягона китоби муаллифи маҳаллӣ на танҳо аз Тоҷикистон, балки аз тамоми Осиёи миёна ва Қазоқистон мебошад. Ва дар бораи ин китоб муътабартарин ҳафтавори адабии мамлакат «Литературная газета» мақолаи таҳсиномези мунаққиди рус Павел Уляшовро ба нашр расонидааст. Мақолаҳои алоҳидаи банда дар маҷаллаву рӯзномаҳои саросарии кишвар «Дружба народов», «Литературное обоззрение», «Литературная учеба», «Литературная газета» ва «Советская литература», ки ба забонҳои расмии байналмилалӣ ва чандин забони дигари хориҷӣ барои кишварҳои олам нашр мешавад, ба чоп расидааст. Оё муаллифе бо ин ҳама осор

навқалам аст?! Ҳатто бо хоҳиши шумо ба як китобатон охирсухан ҳам навишта будам. Чӣ шуморо водор кард, ки аз як навқалам чунин хоҳише кунед?! Пас, чӣ тавр мешавад, ки ман дар онҳо навқалам набудаму ба баррасии адабиёт салоҳият доштам, вале акнун не? Аз ин қазия танҳо тааҷҷуб кардан мумкин асту бас.

Аз он ки шумо маро навқалам меномед ва адибонн дигари зикркардаатонро аз ман баланду боло нишон медиҳед, маро заррае бад намеояд, зеро ман худписандии адабӣ надорам, ки худ беадабист. Дар адабиёте, ки Рӯдакиву Фирдавсӣ, Мавлавию Саъдӣ, Ҳофизу Бедил барин шоирон дорад, мо шояд як умр ба пояи навқаламӣ ҳам расида натавонем. Аммо маро аз мақсади шумо, ки шӯрондани он рафиқон бар зидди ман аст, бад меояд. Агарки ман ҳоло ҳам навқалам ҳастам, пас чӣ тавр шумо, ки 15 сол, роҳбари аввали ИН будед, як тан навқаламро чандин сол пеш аз ин – соли 1978 ба котибии садорати ИН, соли 1980 ба сармуҳарририи ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» барои интихоб ва таъйин пешниҳод кардед? Ё он вақт ман навқалам набудаму акнун, баъд аз 14 сол, аз нав навқалам шудам? Аҷаб мантиқе?! Пас, чаро он рафиқонро, ки дар муқобили ман зикр кардед, ба вазифаҳои баланди ИН пешбарӣ нанамудед? Шумо, ки худро «роҳбари худрой ва мустақил» меномед, чаро ин корро дар вақташ накардед, магар онҳо он вақт набуданд? Не, муаллими муҳтарам, мақсад дигар аст, агар ғамхор мешудед, дар вақташ онҳоро медидед, ғамхориатонро мекардед.

Азбаски шумо дар саросари суҳбататон дар бораи ман танҳо бо ғараз ва бадгӯӣ даҳон мекушоед, маро ба ҳақиқати суханҳои шумо бовар намеояд. (Ман дар ҳайратам, ки оё фақат барои он ки каси дигар дар интихобот бар шумо пирӯз шуд, ӯро ин қадар бад дидан, кина гирифтан раво бошад? Воллоҳ, ки ин мусулмонӣ он тараф истад, кофарӣ ҳам нест). Ба замми ин, санадҳое ҳастанд, ки гуфтаҳои шуморо сад дар сад рад мекунанд. Масалан, ҳанӯз даҳ-понздаҳ сол пеш аз ин китоби «Шеър ва замон»-и маро Шарифҷон Ҳусейнзода барин устоди бузурги адабиёт ба донишҷӯёни донишгоҳ барои омӯхтани ҳатмӣ тавсиа мекарданд. Китобҳои дигарамро низ. Донишмандони адабиёт, аз ҷумла, академик Муҳаммадҷон Шукуров дар таълифи таърихи адабиёт, ба қавли худашон, аз он фаровон истифода кардаанд. Ашъори маро, аз ҷумла, «Достони Нону Имон»-ро яке аз шуарои бузурги рус Владимир Солоухин ба русӣ тарҷума кардааст, ки ӯ бо он таҷриба ва устодӣ бо асарҳои навқаламона сари кор нахоҳад дошт. Инҳо ҳама на боиси ифтихор, балки боиси сипосу ташаккури ман ҳастанд. Аз ин бармеояд, ки муаллими муҳтарам, асарҳои маро ба нодида гирифтан инкор карда намешавад, зеро дар дунё ҳақшиносон ҳам ҳастанд. Ва хуш ба ҳоли «навқаламе», ки асарҳояшро муътабартарин нашриёҳои мамлакат ба чоп расонанду академикон иқтибос кунанд ва донишҷӯёни донишгоҳ биомӯзанду Солоухин барин шоир тарҷума бикунад.

Ба ғайр аз ин, раъи аксарияти нависандагонро, ки аз дуи мо якеро ба хизмати худ пазируфтанд, шумо, муаллими мухтарам, бояд эҳтиром мекардед, зеро онҳо ҳам ақида доранд, андеша доранд, навқаламро аз фарсудақалам фарқ карда метавонанд, ва ниҳоят рафиқони мо, хамқаламони мо ҳастанд.

Аммо, мутассифона, имрӯз маълум шуд, ки шумо ба ақидаи ҳамқаламон на танҳо эҳтиром надоред, балки онҳоро ба як пули пучак ҳам намегиред, вагарна чӣ тавр метавонистед, бигӯед, ки: «Ман ҳамтову ҳампои «Сурӯши Сталинград» асареро намебинам, ки ба беҳтарин мукофот арзанда бошад. Агар бартар аз «Сурӯши Сталинград» шоире чизе эҷод карда бошад, худро шармсор меҳисобам». Ман то имрӯз гумон мекардам, ки шумо чандин сол, ҳамчун сарвари адибон ва ақаллан ҳамчун як тан адиб, орзу ва кӯшиш доштед, ки дар адабиёти мо асарҳои олӣ

ба вуҷуд биёянд, то мо битавонем аз онҳо ифтихор бикунем, зеро ҳар асари тозаи воло на фақат адабиёти халқи моро бой мекунад, балки ҳар адибро – шуморо, моро низ ғанӣ месозад, он дастоварди фарҳангии мо мешавад.

Аммо чӣ илоҷ, ки шумо худро аз ин шармсор меҳисобидаед. Ва бинобар ин ки худро шармсор наҳисобед, бо як даҳон чунбондан асарҳои Темур Зулфиқоровро «саҷъи ӯ саҷъи садову сурат мебошад, саҷъи форсӣ бошад саҷъи ҳикмат аст» гӯён холӣ аз ҳикмат медонед, ашъори Лоиқ, Бозор ва Гулрухсорро «...дар ишқи онон ашё ва нафс мавқеъ доранду маърифат нест» гӯён аз маърифат маҳрум мекунед. Устод, дар дунё инсоф гуфтанӣ гап ҳам ҳаст. Ин қадар аз осмон омаданҳо ба хотири чӣ? Ба хотири пайғамбартарошии худ? Дигарон ҳам он қадар гӯлу гумроҳ нестанд, ба чӣ қодир будани шуморо медонанд.

Масалан, одитарин чиз – вазни арӯзро мегирем, ки алифбои шеър аст. Шумо бо ҳама он даъвои пайғамбарӣ дар он сари ҳар қадам хатоҳои фоҳиш мекунед, ки ҳеҷ шоири нимчакомил, устоду пайғамбарро як сӯ бимонем, ин нуқсро надорад. Яъне шумо то ҳол вазни арӯзро ба хубӣ аз бар накардаед. Аз он хатоҳои фаровон метавонам як олам мисол орам. Аммо ин ҷо маврид нест, бинобар ин, танҳо як-дутоашро нишон медиҳам.

Масалан, дар яке аз шеърҳои беҳтаринатон – «Обшор», ки аз 32 мисраъ иборат аст, дар 10 мисраъ (мисраъҳои 4, 5, 11, 13, 17, 20, 21, 26, 27, 29) ёздаҳ хатои вазн мавҷуд аст. Ва ё дар шеъри дигаратон «Пири гулфурӯшон», ки ҳамагӣ аз се байт иборат аст, чаҳор нуқси фоҳиш ҷой дорад: 1. даврон бо гулфурӯшон қофия намешавад, зеро дар ҳар дуи ин калима он пасванд аст, пасвандро қофия намебанданд, асоси калимаҳо давр ва фурӯш аст; 2. дар ибораи локии шоҳӣ «ӣ» дар вазн намегунҷад, сакта аст; 3. дар мисраи «Саллаи суф гирди сар дорад» таъбири гирди сар дорад, аз назари сабк вайрон аст, дурусташ салла ба сар дорад; 4. як калимаи «бар»-ро дар ду байти паиҳамомада ду бор ба ҳам қофия бастед, ки ҳусн нест. Мутаассифона, ин гуна нуқсҳо дар эҷодиёти Шумо на як-дуто, балки даҳҳо ва ҳатто садҳост. Акнун инсофан бигӯед, оё ин гуна нуқсҳо дар зиёда аз ҳазор соли шеъри форсии тоҷикӣ дар эҷодиёти ягон нафар, ки шоир ном гирифта бошад, вуҷуд дорад?! Ҳаргиз! Имрӯз ҳам дар кишварҳои ҳамзабони мо ҳеҷ касеро бо ин гуна нуқсҳо ҳатто шоир ном намебаранд, ҳол он ки мо шуморо устод мегӯем. Ин баландиҳои мо аз бекаландист, устоди азиз, фаромӯш накунед. Ҳарфи яке аз устодони адабро ба ёдатон меорам, ки гуфтааст, ҳар асари хуби адабиёт маҳсули як фоиз илҳому истеъдод ва наваду нуҳ фоиз заҳмат аст, Шумо илҳому истеъдод доред, аммо заҳмат накашидед, илми шеърро наомӯхтед, ки фарзу суннати шоирист. Бинобар ин, аз худ пайғамбари шеър тарошиданатон ҳам дағдағаи ҳамин ноогоҳиатон аст. Ҳар яки моро на даъвои пайғамбарӣ, балки ба замми истеъдоде, ки дорем, ранҷ кашидану омӯхтан бузург мекунад.

Шумо бошед, мутаасифона, ин корро монда, либоспӯшии маро меомӯхтаед, ки мегӯед: «Тақлидгари тарзи либоспӯшиам шояд дар ин ҷиҳат комёб бишавад, ки ин гуна тавфиқро дар адабиёт пайравӣ гӯянд». Аҷабо, наход барои шумо, ки худро «роҳрави тариқат» ва «баъд аз Горбачеву Олимҷонов шахсияти сеюм дар Иттиҳод» меномед, ягон масъалаи ҷиддии дигаре пайдо нашуд, ки дар бораи ҳамин «чизакҳо» суҳбат мекунед? Пас аз ин чӣ мешавад гуфт? Фикри ҳар кас ба қадри ҳиммати ӯст.

Шумо дар чанд ҷои суҳбататон ба таъкид мегӯед, ки «...дар зоҳир коммунист будам, вале ботинан роҳрави тариқат», «... ман ботинан дар тариқати тасаввуфам, инсонеам хориҷ аз ҳама аҳзоб». Шояд шумо дар тариқати тасаввуф кӯшише дошта бошед, аммо чӣ тавр ҳамзамон зоҳир коммунисту ботин сӯфӣ шудан мумкин аст? Инро ба забони оддии халқ гардонем,

дурӯягист. Ба замми ин, агар асар намоёнгари ботин бошад, саросари эҷодиёти шумо аз таблиғу ташвиқи ғояҳои комунистӣ, Ленин ва Ҳизби коммунист иборат аст. Ман барои тасдиқи ин фикр ҳатто мисол намеорам, зеро он дар саросари ништаҳоятон ҳаст ва ҳоҷат ба мисоли ҷудогона нест. Вале ба он ки шумо дар роҳи дурусти тариқат ҳастед, шубҳа дорам ва исбот мекунам.

Аввалан, ҳамчунонки гуфтам, тариқат дурӯягиро қабул надорад, сонияn, шумо дар чанд ҷой мегӯед, ки «ғурурам иҷоза намедиҳад», яъне мағрур ҳастед, ҳол он ки яке аз шартҳои аввалини тариқат шикастанафсист, дар худ нобуд сохтани кибру ғурур аст, ки аз солики водиҳои аввали сӯфия талаб карда мешавад. Намедонам, шумо кадом таълимоти сӯфияро хондаеду пайрав ҳастед, аммо он чӣ ки мо хондаем, ихтилофи зоҳиру ботин ва ғуруру худписандиро билкулл рад мекунад. Мо дар таълимоти ҳеҷ сӯфие – на дар Шайх Аттор, на дар Ҷунайди Бағдодӣ, на дар Саҳл бинни Абуллоҳи Тастарӣ, на дар Абдулҳусейни Нурӣ ва на дар Абӯ Саиди Абулхайр, хулоса, дар ҳеҷ сӯфие ва дар ҳеҷ китоби динии дунё «Типитака»-и будоиён, «Китоби муқаддас»-и масеҳиён, «Қуръон»-и мусулмонон ва дар ҳеҷ асари ахлоқии башарӣ нахондаем, ки дурӯягӣ ва ғуруру худписандиро сифати баргузидаи инсонӣ ва зиёда аз ин, фазилати солики роҳи тариқат маънидод карда бошад. Баръакс, дар таълифоти тасаввуфие омадааст, ки дар гузашта гурӯҳе бо номи маломатия низ буданд, ки аз «рӯи шикастанафсӣ мехостанд корҳое кунанд, ки мардум эшонро маломат намудаю аз эшон гурезон бошад ва мақсадашон ин буд, ки аз рӯи иззату қадрдонии халқ ғурур ба дилашон ҷой нагирад». Агар шумо дигарашро хонда бошед, ба мо ҳам гӯед, ки донем.

Аз саросари суҳбат чунин бармеояд, ки ба ҳамаи нуқсҳои кори ИН дар давоми сарвариатон фақат дигарон гунаҳкор ҳастанду шумо не. Масалан, мегирем, ба Тоҷикистон наовардани Темур Зулфиқоровро. Шумо мегӯед: «Чандин бор хостам ӯро ба Тоҷикистон оварам, удабои русзабони Тоҷикистон ва инчунин насрнависони тоҷик мониа мешуданд». Агар ки шумо «роҳбари худрой ва мустақил» будед, онон чӣ монеае шуданашон мумкин буд? Дар ин кор удабои русу насрнависони тоҷик чӣ айб доранд? Гуноҳи худро ба гардани дигарон партофтан ҳам ҳадду канор доштагист, кадом беақл ба ин гапҳо бовар мекунад, ҳол он ки мухотаби шумо нависандагон ҳастанд.

Дар ҷои дигар сабаби чанд сол раис нею котиби аввали ИН буданатонро чунин шарҳ медиҳед: «Сабаби «раис» нашуданам дар он аст, ки ба устод Турсунзода эҳтироми бузурге доштам, натавонистам худро дар баробари ӯ қарор диҳам». Азбаски дар чанд ҷои дигар шумо ба «раис» шудани ман часпидед, аз ин нукта чунин маънӣ ҳам бармеояд, ки Аскар Ҳаким бошад, эҳтироми Турсунзодаро ба ҷо наоварда, раис шуд ва худро дар баробари ӯ қарор дод. Ҳамин тавр? Акнун ман ба ёди шумо, муаллими муҳтарам, расониданӣ ҳастам, ки оё сохтори нави ИН-ро бо раис ва муовинҳо маҳз шумо сохта ба анҷумани X пешниҳод накарда будед? Фақат шумо ҳамчун сарвари пешини ИН ба ин кор ҳақ доштед. Шубҳа дорам, ки ба ғайр аз худ дигареро дар назар гирифта, ин корро карда бошед. Ба ин вазифа танҳо худро муносиб медидед. Вале ман дар анҷуман махсус дар ин бора сухан гуфта, пешниҳод кардам, ки сохторе бо як котиби аввал, ду котиби дигари маошхӯр ва чанд котиби бемаоши озод қабул шавад. Аммо пешниҳоди ман пазируфта нашуд. Акнун ман ҳайронам, ки агар сабаби пеш раис нашуданатон эҳтироми Турсунзода бошад, пас чаро ин эҳтиромро то охир нигоҳ надоштед ва сохтореро бо раис пешниҳод кардед? Ва агар анҷуман бар алайҳи умеди шумо маро интихоб карда бошад, пас ман чӣ гуноҳ дорам?

Ман гуноҳ дорам, гуноҳи ман ин аст, ки ҳангоми ба вазифаи раисӣ ду нафар монданамон номзадии худро нагирифтам. Ман инро бо чанд сабаб карда наметавонистам. Аввалан, онҳое, ки маро пешниҳод карданд, аз ман умеди беҳбуди кори ИН-ро доштанд ва умеди онҳоро барбод додан хуб набуд. Сониян, кор дар ИН ба дараҷае хароб шуда буд, ки ба он шева давом карданаш ҳеҷ имкон надошт.

Адибон борҳо аз болои шумо ба идораҳои боло шикоят бурда буданд, ки шумо инро нағз медонед. Аммо ман ба ҳеҷ яки онҳо шарик набудам ва то ҳол сухане дар танқиди кори шумо нагуфтаам, ки маро ба вазифаталошӣ муттаҳам карда тавонед. Вале акнун, ки маҷбур кардед, мегӯям. Шумо, муаллими муҳтарам, дар давоми понздаҳ соли сарвариатон ақаллан як бор дар ягон ҷаласаи ИН – на дар анҷуманҳо, на дар ҷаласаи пленумҳо асарҳои адибонро хонда, ба даст қалам гирифта, худ маърӯза навишта, сухан накардед. Кор ҳатто ба ҷое расид, ки дар яке аз ҷаласаи пленумҳо маърӯзаи шуморо русҳо (дар бораи адабиёти тоҷик!) ба русӣ навишта буданд, шумо он матнро хонда забонзад кардед, вале ҳангоме ки адибон маърӯзаро ба тоҷикӣ талаб карданд, шумо матни тоҷикиро (хайрият тарҷумааш буд) бо як азоб бо хатоҳо хонда додед, ки дар он ҳатто номи асарҳои адибони тоҷик аз русӣ ба тоҷикӣ дуюмбора ва нодуруст тарҷума шуда буд. Масалан, номи маҷмӯаи Қутбӣ Киром ба русӣ «Напеви гор» тарҷума шуда будааст, тарҷумон, ки аз номи тоҷикии он бехабар будааст, онро «Навои кӯҳистон» тарҷума кардааст, ки шумо хонда додед, ҳол он ки он ба тоҷикӣ «Рези кӯҳсор» ном дошт. Ин кор бо Қутбӣ Киром барин шоир шуд, ки ба замми яке аз шоирони муътабар буданаш, боз ҳамнасли шумо буд, пас, дар бораи аз эҷодиёти дигарон то чӣ андоза огоҳ будани шумо, чӣ мешавад гуфт, ҳол он ки онҳо шуморо бо умед раис интихоб карда буданд. Ҳарчанд он пленум хандасор шуд, аммо адибон, бо вуҷуди ин, таҳаммул карданд, вале ниҳоят дар анҷуман тоқаташон тоқ шуд. Бинобар ин, ҳеҷ кас шуморо аз раисии ИН «напарондааст», ҳамчунонки ҳамсуҳбататон мегӯяд, балки худатон «паридаед» ва гила аз худатон кунед, на аз ману на аз дигарон.

Шумо дар анҷуман, баъди эълони натиҷаи овоздиҳӣ, дар назди дигарон дасти маро фишурдед, ман дасти шуморо бо арзи эҳтиром бӯсидам, зеро ба бути дар ҷавонӣ тарошидаам эътиқод доштам, зеро ҳанӯз эътимод доштам, ки шумо шахсияти маънавӣ ва шоистаи иззату икром ҳастед. Вале, вақте ки ҳамон шаб, шаби 31 март, ки дар боло гуфтам, шумо дар сари дастархон дар ҳузури меҳмонон ва дӯстон корҳое кардед, ки ҳеҷ одами маданӣ намекард ва суханҳое гуфтед, ки на дар бел меистоду на дар каланд, бути маро шикаста, пора-пора кардед.

Ҳоло ман намедонам, ки он кадом ҷиҳати шумо буд: зоҳир ё ботин, чунки шумо зоҳирам бар ботинам фарқ дорад, мегӯед. Вале ҳар кадом ҷиҳататон бошад, бовар кунед, ки ношоистааст (ман ба мисли шумо манфур намегӯям, ки оид ба либоспӯшии ман гуфтаед) ва ҳаргиз сифати шахси маънавӣ ва зиёда аз ин, фазилати роҳрави роҳи тариқат нест.

Муаллими муҳтарам, чизе ки дар ботин ҳаст, албатта, рӯзе рӯ мезанад ва касе ҷуз худи кас нест, ки ӯро бештар аз ҳама фош бикунад. Ҳоло ин ҳолат ба шумо рух дода ва дар ин кор «Чароғи рӯз» мададгоратон шудааст, чӣ чора, аз мост, ки бар мост.

Ман аз тааммули он суҳбати дарҳам – барҳам, пуркинаву ноодилона хаста шудам ва ҳавсалаи ба нуктаҳои дигараш ҷавоб гуфтанро надорам. Ҳар кас ба назари адл хонад, дармеёбад, зеро ҳар кӣ одил нест, оқил нест.

Шумо, муаллими муҳтарам, дар як ҷои суҳбат мегӯед, ки «акнун барои ҳақ, барои ҳақиқати мутлақ умр мегузаронам» ва ба назари ман чунин мерасад, ки шумо ин корро нисбат ба зиндагии пешинаатон саҳлу осон мепиндоред. Аммо ин мушкилтарин кор аст, барои инсон,

зеро дилу нияти пок, сафои ботин ва растагориро аз ҳама гуна тааллуқоти дунявӣ талаб дорад. Аз Худо мехоҳам, ки шумо бар мақоми тавбаву варъу факр бирасед, сабру таваккулу ризоро бигзаред ва асолати даҳ ҳолро низ дарёбед. Ман бошам, фақат мегӯям, ки:

*Ҳар кӣ моро ёд кард, эзид мар ӯро ёр бод,*
*В-он ки моро хор кард, аз умр бархурдор бод.*
*Ҳар кӣ андар роҳи мо хоре фиканд аз душманӣ,*
*Ҳар гуле, к-аз боғи васлаш бишкуфад, бехор бод.*
*Дар ду олам нест моро бо касе гарду ғубор,*
*Ҳар кӣ моро ранҷа дорад, роҳаташ бисёр бод.*

Агар аз ин роҳи ҳақ, вале мушкил, рафтанӣ бошед, ҳоло ҳам дер нашудааст, Худо мададгоратон!

**Аскар Ҳаким.**
**23 Апрели соли 1992.**

## МАЪНАВИЁТ ВА АВЗОИ ҶОМЕА

**Сухани ифтитоҳӣ дар ҷаласаи машваратии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон дар мавзӯи «Маънавиёт ва авзои ҷомеа» бо иштироки роҳбарону намояндагони Дафтари Раиси Ҷумҳур, Шӯрои Олӣ, Девони Вазирон, Академияи улум, созмонҳои эҷодӣ, аҳзоби сиёсӣ, созмонҳои мардумӣ, адибон ва рӯзноманигорон**

Бештар аз ду сол аст, ки Тоҷикистони мо дар гирдоби задухӯрдҳои сиёсию иҷтимоӣ печидааст ва ҳеҷ наметавонад, ки аз он раҳо ёбад. Баръакс, ин гирдоб рӯз аз рӯз сахттар мегардад ва онро боз бештар ба таҳ, ба коми зулумот ва фалокати худ мекашад. Ман дар ин сухан ҳеҷ муболиға намекунам ва ҳар яки мо ҳам, ки дар ин ҷо нишастаем, низ дар ҳалқаи ин гирдобем ва соат ба соат ба аъмоқи торики он дармеравем.

Ин гирдоб интизоми сиёсии ҷомеаро фурӯ бурда, ҳоло низоми иқтисодии онро низ ба таҳ кашидааст. Камолоти маънавии инсон бошад, кайҳост, ки дар коми ӯ метапад.

Дар ҳамин даврони пуртаҳлука ва офатхез барои баррасии мавзӯе чун «Маънавиёт ва авзои ҷомеа» гирд омадани мо чӣ маъно дорад? Оё ҳоло замоне нест, ки аввал масоили сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодиро таҳлил бикунему вазъи ҷомеаро ба эътидол биоварем. Эҳтимол ҳамин тавр ҳам кардан даркор бошад. Аммо ҳар кас ба мурдаи худ мегиряд, яъне аз дарду ғами худ ҳарф мезанад ва мо, ки дар ин ҷо ҷамъ омадем, аз маънавиёт сухан мегӯем ва ин на танҳо дарди мо, балки дарди тамоми ҷомеа аст ва дардест, ки бе табобати он сиҳати соҳаҳои гуногун ҳаргиз имкон надорад. Ҳарчанд, моро таълим додаанд, ки дар саломати ҷомеа иқтисод ва иҷтимои дуруст мақоми аввалдараҷа дорад, аммо маро имрӯз ба ҳақиқати ин қазия шубҳа меояд ва ман сабаби беморип сахти рӯҳонии ин ҷомеаро, ки ба randoмаркушӣ даст задааст, дар оқибати он тарзи давлатдорие мебинам, ки солҳои сол маънавиёту маданиятро пасмондахӯри соҳаҳои дигар карда буд. Яъне, ба он ҳамчунонки бо забони расмии он солҳо мегуфтанд, аз рӯи «остаточный принцип» муносибат мекард. Акнун мо ҷабри он муносибатро мекашем.

Агар инсон маҳлуқи рӯҳонию ҷисмонист, табиист, ки рӯҳи ӯ таълиму тарбияти бештаре мехоҳад, нисбат ба ҷисми ӯ, ҳаёти маънавии ӯ сарфу харҷи бештаре мехоҳад, нисбат ба ҳаёти моддии ӯ. Аммо, солҳои сол дар ҷамъияти мо баръакси ин буд ва оқибат-ул-амр ба чӣ расидани мо маълум аст.

Ҳарчанд имрӯз зиндагӣ, махсусан, таъмини маишат гарон ва мушкил шудааст, аммо агар маҷмӯан бигирем ва мунсифона бигӯем, мардум ҳоло нисбат ба ин ки 20-30-40 сол пеш аз ин буд, доротар аст, либоси бештар, мошинҳои гуногуни рӯзгор, яхдон, телевизор, автомобил дорад. Пас, чаро ӯ ба ваҳшонитарин амалҳо даст мезанад, шаҳрсӯзию бародаркушӣ мекунад? Пас, чаро ин воситаҳои зиндагии мутараққӣ ононро ба сӯи такомул набурда, маъюбони маънавӣ месозад?

Пас, чаро ҳоло деҳаҳо дар натиҷаи куштору гурезо-гурез беодам мемонанд, дар рӯду ҷӯйборҳо мурдаҳо варам мекунанд, дар майдонҳо бӯй мегиранд ва мардум ёрои онро надоранд, ки одитарин корро, ки дар ҳамаи давру замон ва шароитҳои сангинтарин мекарданд ва касе дар он ҳангом ба онон халал намедод, таҳдид намекард, яъне онҳо метавонистанд, мурдаҳои худро бе хавфи ҷони худ бигӯронанд, имрӯз ақаллан ин корро, ин қарзи азалии худро дар назди худову бандагонаш иҷро карда наметавонанд. Ин фоҷианоктарин, мудҳиштарин даврони таърихи тоҷик аст. Дар ҳеҷ замоне ҳатто қаттолтарин душманонаш ба ӯ ин гуна азобу уқубат, ранҷу азият, хунрезию кушторро раво надида буданд. Даврони барбарияти ӯ ин гуна фоҷиа надошт.

Ҳоло ӯ дар асри XX, дар давоми зиндагии чандинҳазорсолаи худ, баъди ба олам омадани китобҳои муқаддас ва пайғомбаронаш, ки эҳдои худовандӣ ба халқи мутамаддин аст, ба ин аҳволи хароб расидааст. Ман ба мардум хушомади дурӯғин намезанам, ҳар он чиро ки воқеан ҳаст, мегӯям, зеро сари он дорам, ки ин айб, ин иллат, ин дард табобат шавад, на ин ки рӯйпӯш гардаду моро тамоман ба ҳалокат расонад.

Ман яке аз сабабҳои асосии ин фоҷиаро дар касодии маънавии ҷомеа мебинам, дар сиёсате мебинам, ки моддиётро дар ҷои аввал гузошту маънавиётро аз назар соқит кард. Аз ин рӯ, ҳоло ҷомеа ҳатто ба дараҷае расидааст, ки дар он арзишҳои маънавии азалӣ дигар мешаванд ва ҷои хайрро – шарр, ҷои адолатро – разолат, ҷои фурӯтанию шикастанафсиро – ғуруру худписандӣ, ҷои ҷавонмардию эҳсонро – дуздию роҳзанӣ, ҷои сабру қаноатро – ҳирсу оз, ҷои башардӯстиро – миллатчигию маҳалгароӣ, ҷои тавбаву омурзишро – фахру даъво, ҷои ростию камолро – кажию костӣ, ҷои ҳақу ҳақиқатро – кизбу дурӯғ, ҷои дӯстию рафоқатро – хусумату рақобат, ҷои ҳуснро – қубҳ, ҷои растагориро – дунёпарастӣ мегирад. Ин хатарноктарин ва харобкортарин табдил аст. Ибтидои ин табдил на дар ин ду-се соли охир, балки хеле пештар аст, аммо, мутаассифона, мо онро дарзамон эҳсос накардем, зеро дар ҳамин гуна муҳит ба камол мерасидем, тарзи таълиму тарбияамон ба ҳамин мусоидат мекард. Масалан, мо аз кӯдакӣ ба атфол ташвиқ мекунем, ки аз дигарон беҳтар бошад, намуна бошад, фарқ кунад, зӯртар бошад, ба ҷои он ки панд диҳем, ба мисли дигарон бош, онҳоро ба худ намунаи ибрат дон ва дар натиҷа мо рӯзе соҳиби ашхосе мешавем, ки худро аз дигарон беҳтар, намуна, боло медонанд, ва лаҳзае, заррае ба яктоию бемонандии худ шубҳа намеоранд ва ҳар рӯз ин ҳиссиёти худпарастиашон қонеъ нашавад, худашон бе ҳеҷ шарму ибо ба ташвиқ, таърифу тавсифи худ мепардозанд. Ва ин гуна ашхос боз даъво мекунанд, ки моро ба камолоти маънавӣ мерасонанд. Маъюбони маънавӣ роҳнамои роҳи ҳақиқат шуданӣ ҳастанд.

Ин нуқс, ҳамчунонки таъкид кардам, на фақат нуқси шахсии онҳост, ин камбуди маънавии тамоми ҷомеа ва тарбият аст. Инро танҳо онҳое бартараф карда метавонанд, ки нуқси тарбияи ҷомеаи худро дарёбанд ва ба тарбияи шахсии худ машғул шаванд ва барои андаррасидан ба он илми бузурги маънавӣ, ки башарият ва, аз ҷумла, халқи тоҷик ҳам андӯхтааст, ҳамчун фалсафа, ирфон, ахлоқ, тасаввуф, илоҳиёт, ранҷу риёзат кашанд. Камолоти маънавии инсон ҳаргиз ба айшу дилхушӣ, сабукборию зоҳирпарастӣ, ҳавову ҳавас ба даст намеояд. Он меҳнат мехоҳад, меҳнати сахту тоқатфарсои ботинӣ мехоҳад, ки як умр давом мекунад. Ҳаёти инсон барои он аст, ки ӯ инсон будани худро исбот карда тавонад.

Адабиёт ва илму ҳунар барои инсон сохтани инсон хизмати бузург мекунанд, зеро эҷодкорони асили онҳо ҳамеша ба заҳмати пурмашаққати маънавӣ машғул ҳастанд. Ҳоло вобаста бо воқеоти сиёсию иҷтимоии моҳу солҳои охир дар бораи мавқеи илму адаб ва ҳунар дар ҷомеа фикру ақидаҳои гуногун баён мешаванд. Ман ба таҳлил ва тафсили онон машғул нашуда, танҳо арз мекунам, ки ҳар давлат ва ҷомеаи мутамаддин ба олим аз рӯи илмаш, ба адиб аз рӯи асари адабиаш, ба ҳунарманд аз рӯи ҳунараш бояд баҳо бидиҳад ва қадршиносӣ бикунад, зеро дар дунё меъёри асили дигар ба шинохти заҳмати онон набуд ва нахоҳад буд. Меъёрҳои сиёсию иҷтимоие, ки барои тақдири осори эшон дар марҳилаҳои гуногуни таърих истифода шуданд, сохтакорие, таҳрифкорие беш набудаанд, ки зарба ба пояи илму адаб ва ҳунар заданд. Ҳар давлат ва ҷомеаи мутамаддин вобаста аз он ки ин ё он олим ва ё адиб, ҳунарманд низоми онро қабул дорад ё надорад, осори ононро ҳамчун илм, адабиёт ҳунар бояд бипазирад ва эшонро дастоварди миллию маънавӣ бояд бишиносад, зеро ҳукуматҳо ивазшаванда, сиёсатҳо гузаранда, вале илму адаб ва фарҳанг поянда ва ҷовидонаанд. Ҳар давлат ва ҳар фарде, ки ин маъноро дарнаёбад, аз аслу моҳияти илму фарҳанг бехабар аст.

Инсон инсонияти худро танҳо бо меҳнат бо меҳнати ақлонию рӯҳонӣ ва ҷисмонӣ метавонад исбот кунад. Ин қазия ба монанди офариниши инсон қадимист ва чун дар «Китоби муқаддас» омада, ки аввалини будаҳо Сухан буда, заминаи он Сухан офариниш буда, меҳнат буда. Ва ҳар гоҳ ки инсонҳо ҳамин вазифаи аслӣ ва азалии худ – меҳнати рӯҳонию ҷисмониро ба гардан намегиранд, ё бад иҷро мекунанд, он ҷомеа бемор мешавад, ҳамчунонки мо имрӯз ба ин дард гирифторем, ба дарди меҳнат накарда, асбоби роҳат доштан.

Мутаассифона, ин дард қариб тамоми қишрҳои ҷамъиятро фаро гирифтааст. Дар асари ин дард ҳоло озодии инсонҳо, амнияти онҳо, таъминоти маишии онҳо зери хатар аст. Мо, аҳли ҷомеа, барои таъмини озодӣ ва амниятамон андоз медиҳем, яъне як қатор ташкилотҳоро мехӯронему мепӯшонем. Онҳо бошанд, моро дар ҳолати мушкил чӣ тавр муҳофизат мекунанд, чӣ тавр вазифашонро ичро менамоянд? Онҳо мегӯянд, ки дар назди ҳавлиҳоятон сангар созед, белу каланд ва тешаю табар гирифта, худрову моликияти худро муҳофизат кунед, охир, тешаву табари мо барои муҳофазат нест, барои меҳнат ва хӯронидану пӯшонидани мову шумост, мо ки қарзи худро адо мекунем, пас, чаро шумо адо намекунед? Ҳамин тариқа, аз меҳнат гардан тофтан ба ҳар шаклу намуд зоҳир мешавад.

Инсонеро, ки кор кардан намехоҳад, нафс боло мегирад. Нафси инсон қарор ва ҳадду канор надорад. Он метавонад, нафси ҳукумат, шӯҳрат, шавҳат, молу чиз бошад, ки аз ӯ сабру таҳаммул мебарад ва чашми ӯро дар шинохтани ҳаққу адолат кӯр мекунад. Ӯ барои қонеъ кунонидани ин талаботи нафсониаш тайёр аст, ки тамоми оламу одамро қурбон кунад. Ғуломи нафс на фақат худ, балки дигаронро ҳам қурбони нафси худ мегардонад ва агар дигаронро ба

манфиати худ қурбон карда натавонад, пас, ононро ба қатори душманони ҷониаш дохил мекунад.

Ҳоло ҷомеаро ҳамин гуна ҳиссиёте фаро гирифтааст, ки гӯё гирду атрофи ҳар кас пур аз душман бошад, бо ҳар касе сухан гӯед, аз душманиву душманон ҳарф мезанад, шикоят мекунад. Аммо кистанд он душманон? Мову шумо?! Ё аз кишвари дигар, сайёраи дигар?! Иллати ин душмантарошӣ дар чист? Шояд дар худи мост, дар мост, ки ба рақиби худ бо чашми адолат наменигарем ва агар менигарем, эҳтимол, дармеёбем, ки ӯ шояд фақат аз мо дигаргунтар аст ва ин ҳеҷ гоҳ наметавонад асоси душмантарошӣ бошад.

Охири асри XX рӯзгори мусолиҳа аст. Бесабаб нест, ки мо ҳоло ба давлатҳое, ки онҳоро дар аввали аср душмани ҷонӣ мепиндоштем сулҳу салоҳ мекунем, дар кишварҳои гуногуни дунё, ки авзои тӯфонхез доранд, ҳукуматҳои мусолиҳаи миллӣ ба вуҷуд меоянд. Ин ҳама тақозои замони мусолиҳа аст.

Дар кишвари мо ҳам ҳукумати муросои миллӣ созмон ёфт, дар баробари Шӯрои Олӣ, эҳтимол, Маҷлиси миллӣ низ сохта мешавад. Албатта, ин ташкилотҳои воломақом ва босалоҳияти давлатию ҳукуматӣ барои беҳбуди авзоъ чорае бояд пайдо кунанд, вале мо наметавонем, ки ба онҳо умед бандему бинишинем, зеро агар тамоми ҷомеа барои саломати худ накӯшад, дасти онон ба ҷое намерасад.

Масалан, мо чанд сол боз шоҳиди кори Шӯрои Олӣ ҳастем. Дар хусуси он фикру ақидаҳои мухталиф ҳастанд ва баъзеҳо умед доранд, ки агар он нав шавад, бемории ҷомеаро зуд шифо мебахшад. Вале ман, мутаассифона, ба ин хушбин нестам ва ақидаи яке аз ҷомеашиносони инглис Карлейлро иқтибос мекунам, ки парламентро «бозори умумиҷаҳонии гап» меномад ва ҷомеашиноси дигар дар бораи яке аз парламентҳои собиқадортарин ва пешрафтаи дунё – парламенти инглис, ки ҳафтсад сол умр дорад, «парламент ҳоло тифл аст», мегӯяд. Ва агар он баъди ҳафт асри мавҷудияташ аз туфуллият набаромада бошад, пас парламенти мо, ки ҳоло ақаллан як аср умр надидаст, на фақат дар давоми як-ду сол, балки дар тӯли даҳсолаҳо ҳам ҷамъиятро аз ин мушкилоте, ки дорад, халос карда наметавонад. Ман бо ин суханон ҷомеаро ба вартаи ноумедӣ кашиданӣ нестам, танҳо мушкилоти онро воқеан ва сареҳан гуфтанӣ ҳастем, ки баробари умед фаъолият ҳам дошта бошад.

Бо вуҷуди ин, баъзе аз мардум барои халос шудан аз фоҷиае, ки ба сарашон омадааст, ба парламент умед мебанданд ва баъзеи дигар шояд боз умед ба гирдиҳамоӣ ва ё коршиканиҳои нав доранд. Вале, ба назари ман, ҳар дуи онон ҳам ба дарди мо даво намешаванд. Зеро корашон нуқсҳое дорад, ки боиси боз ҳам шиддат ёфтани фоҷиа мегарданд. Камбудии кори парламентро, ба ғайр аз он ки дар боло гуфтем, боз бисёр номбар кардан мумкин аст, ва аҳли ҷомеа ҳам онҳоро медонанду мегӯянд. Бинобар ин, аз нуқси коршиканӣ ва гирдиҳамоиҳое, ки шуданд, бояд гуфт.

Аввалан, ин тарзи мубориза ҳам ба мисли кори парламент таърихи чандинсола ва қоидаҳои маъмулӣ дорад, ки бояд риоя шавад. Масалан, дар фаъолияти яке аз муборизони било-муқовимати роҳи озодии Ҳиндустон Маҳатма Гандӣ коршиканию гирдиҳамоӣ мавқеи калон дошт, ва ӯ усулҳои ононро таҳлил карда, аз ҷумла, чанд талаби қатъиро пеш мегузорад, ки ҳатман бояд ба ҷо овард. Аз ҷумла, талаби сеюм: Ба онҳое, ки дар коршиканӣ иштирок накарданд, ҳаргиз фишору зӯроварӣ мумкин нест. Талаби чаҳорум: Дар давраи коршиканӣ иштироккунандагони он набояд аз ҳазинаи бунёдҳо истифода кунанд, балки мувакқатан, ба ягон намуди меҳнати фоиданок ва истеҳсолкунанда машғул шаванд. Ин маъниро дар ҷои дигар

ӯ ба таъкид боз чунин такрор мекунад, ки: Иштироккунандагони коршиканӣ набояд аз мадади моддии ҷамъият ва ё шаклҳои дигари хайрия вобаста бошанд.

Дар коршиканию гирдиҳамоиҳои мо ин қоидаҳои асосӣ риоя нашуданд ва натиҷааш ин аст, ки ба сари халқ фоҷиа омад. Майдондорони мо ба сабаби ин ноогоҳӣ ба таҳдиди онҳое сар карданд, ки дар ин ё он гирдиҳамоиҳо иштирок надоштанд, ва дар натиҷа, халқ ба гурӯҳҳо тақсим шуд, хунрезӣ ба миён омад, фоҷиа оғоз гашт. Агар бо ҳамон қоидаҳои маъмулии санҷидашуда амал мекарданд, имрӯз эҳтимол мардуми бисёре ба марги муфоҷо намерасид. Дунё қадим аст, аз таърихи он таҷриба бояд андӯхт, дарси онро бояд омӯхт, ва пеш аз он ки ба коре оғоз кунӣ, оқибати онро ҳам бояд андешиду донист.

Ҳоло ҷанг дар кишвари мо аз доираи ҷанги мухолифини майдонҳо фаро рафтааст, васеътар шудааст, ки рӯз ба рӯз хатари ҳалокати миллат ва давлати нави тоҷиконро наздиктар меорад. Эй марзи азизи фоҷиарасида, эй онҳое ки даст ба куштору хунрезӣ мезанед, як лахза ба худ оед ва бубинед, ки шумо хуни киро мерезед, хуни худро мерезед, шумо киро ҳалок мекунед, шумо худро ҳалок мекунед. Дар байни мову шумо ба ҷуз худи мову шумо каси дигаре нест, пас, чаро мову шумо хуни ҳамдигарро бирезем? Ҳарчанд хун рехт, хуни бисёре рехт, аммо аз интиқом даст бояд кашид, зеро хуне, ки дар интиқом боз хоҳад рехт, низ хуни мову шумост, хуни халқи азиятдида ва болорасидаи мост. Аз паси интиқом наравем ва ба оташи фоҷиа бештар доман назанем, ки моро ба тамом бисӯзад.

Ҳоло онҳое, ки дар майдонҳои гуногун, задухӯрдҳо иштирок карданд, хавф доранд, ки ба ҷазо кашида шаванд ва шояд ин ҳарос онҳоро ором нагузорад ва ба амалҳои дигари харобиовар таҳрик кунад. Аз ин рӯ, ҳоло барои ин хавфро барҳам додан ва ба эътидол овардани вазъ ба ҳамаи иштирокдорони майдонҳо ва задухӯрдҳо, агар дар амали онон аломати ҷиноят набошад аз ҷониби Раиси Ҷумҳур авфи умумӣ бояд эълон кард, ки ин ҳам иҷро шуд. Дар айни замон ягона чизе, ки моро, миллати моро, давлати моро аз ҳалокат мераҳонад, хуни фарзандони халқи моро аз рехтан боз медорад, авф асту, авф аст, авфу омурзиши гуноҳи якдигар аст. Танҳо тавба аст, тавбаи инобат ва истиҷобат аст, ки аз хавфи уқубат ва аз шарми карами худовандӣ, ки ба мо ҳаёт бахшидааст, ба миён меояд, танҳо тавба аст, ки моро ба таҳорати ботин мерасонад ва мо аз худбиниву худхоҳӣ мераҳем, силоҳдорон силоҳ аз даст мегузоранд ва оғӯши муҳаббат ба бародарони худ мекушоянд.

**Соли 1993**

## СУХАН АҲУРОӢ БОЯД ГУФТ

**Мусоҳиба бо хабарнигори ҳафтавори**
**«Адабиёт ва санъат»**

**– Пеш аз он ки ман ба ин мусоҳиба тайёр мешудам, ният доштам, ки онро бо саволи дигаре оғоз кунам, вале воқеае рух дод, ки маро водор сохт, аввал асли онро барои худ муайян намоям.**

**Рӯзе 14- уми ин моҳ соатҳои даҳуним - ёздаҳи субҳ аз тариқи радиои мардумии Тоҷикистон хабар садо дод, ки дар он дар бораи гӯё мошини «Волга»-и хизматии худро бо чархҳои эҳтиётӣ ва ҳамчунин 50 ҳазор пули «Конуни Ховарон»-ро бо худ ба Хуҷанд бурдани Шумо сухан мерафт.**

**Вале баъди 15-20 дақиқа худи Шуморо дар бинои Иттифоқи нависандагон дар Душанбе дида ба ҳайрат афтодам. Шумо ин хабарро шунидед ва дар ин бора чӣ мегӯед?**

– Хабарро худ нашунидам, вале мардум ба ман гуфтанд. Баъд ман онро дар «Чароғи рӯз» дидам.

**– Пас, чӣ мегӯед?**

– Фикри ҳар кас ба қадри ҳиммати ӯст. Хаёл мекунам, ки ном ва қадри ҳар инсон, аз ҷумла, Аскар Ҳаким, аз як «Волга»-ю чарххои эхтиётӣ ва 50 ҳазор пул баландтар аст.

Ба замми ин, ном ва шахсияти банда солҳоест, ки ба мардум ошност, ва ин гуноҳҳоро ба банда бо ширеш ҳам часпонӣ, намечаспад. Ба ин гуна гапҳо на фақат дӯстонам, балки худи душманонам ҳам (агар дошта бошам) бовар намекунанд.

**– Шумо гумон мекунед, ки душман надоред?**

– Ман миёни мухолифин ва душман фарқ мебинам, онҳое ки ақида ва рафторашон бар ман фарқ дорад, зарур нест, ки ҳатман душмани ман бошанд, ҳамчунонки ман ҳам заррае душмани онҳо нестам. Ман, ки ба касе душманӣ ва бадхоҳӣ надорам, чаро душману бадхоҳ дошта бошам? Вале ихтилофи назарҳо дар ҷомеа, ва махсусан дар ҷомеаи адабӣ, ин як амри воқеист, ки таҳаммул карда тавонистан даркор аст. Дар асл, агар амиқтар нигаред, ихтилофи назарҳо дар адабиёт маншаи тараққӣ ва гуногунрангист. Дар илм ҳам. Илму адаб аз рукнҳои асосии ҷомеа ҳастанд. Пас, дар ҷомеа ҳам ихтилофи назарҳо боиси пешравӣ хоҳад буд, агар онро ҳамчунонки гуфтам, таҳаммул карда, аз он суде бардошта тавонанд.

**– Вақтҳои охир, баъзан, дар бораи бетарафии адибон ва Иттифоқи нависандагон сухан мегӯянд. Шумо инро чӣ гуна шарҳ медиҳед?**

– Аввал, ман аз Шумо, аз онҳое, ки ин суханро мегӯянд, пурсиданӣ ҳастам, бетарафии адибон гӯён бетарафиро нисбат ба кӣ ва ё нисбат ба чӣ дар назар доред? Агар нисбат ба авзои ҷомеа ва мардум бошад, адибон ва Иттифоқи нависандагон ба он ҳаргиз бетараф набуданд ва нестанд. Масалан, Иттифоқи нависандагон дар ин бора зери унвони «Маънавиёт ва авзои ҷомеа» маҷлиси машваратии бонуфузе гузаронд, ки дар он дар баробари олимон, адибони маъруфи ҷумҳурӣ, аз ҷумлаи Раҷаб Амонов, Мӯсо Диноршоев, Нӯъмон Неъматов, Ӯрун Кӯҳзод, Саттор Турсун, Гулназар, Аҳрор Мухторов роҳбарони давлату ҳукумат, аз ҷумла, Давлат Усмон, Аслиддин Соҳибназар иштирок ва сухан карда, роҳҳои ба эътимол овардани вазъияти пуршиддатро пешниҳод намуданд. То ҷое ки ман хабар дорам, то ҳол ҳеҷ ташкилоти ҷамъиятию эҷодӣ ин гуна кореро ба анҷом нарасонидааст. Ба замми ин, даҳҳо шеъру мақола ва суханрониҳои адибонро бо маслиҳати сулҳу оштӣ дар воситаҳои ахбори умум метавонам зикр кунам, ки навишта ва гуфтаҳои Муҳаммадҷон Шукуров, Расул Ҳодизода, Абдулҳамид Самадов, Кароматулло Мирзоев, Саидалӣ Маъмур, Бахром Фирӯз, Абдураҳмон Абдуманнонов, Адаш Истад, Муҳаммадалии Аҷамӣ ва бисёр дигарон аз ҷумлаи онҳо ҳастанд. Бо ин ҳама чӣ гуна метавон аз бетарафии адибон сухан гуфт?

Ба назар чунин мерасад, онҳое ки адибонро бетараф гӯён айбдор карданӣ мешаванд, худ ба ин ё он гурӯҳи сиёсӣ мутааллиқ ҳастанд, ва бисёр мехоҳанд, ки адибон тарафдори маҳз онҳо бошанд, ва дар забони эшон таънаи бетарафии адибон мазмуни адибон чаро тарафдори мо нестандро дорад. Ин ҳарф аз забони адибони ҷонибдори ин ё он гурӯҳи сиёсӣ низ садо медиҳад. Вале мо, адибон ва тамоми ҷомеа охир-ул-амр бояд дарк кунем, ки адибон ва адабиётро ба ҷодаи муборизаи гурӯҳҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ набояд кашид, зеро адабиёт наметавонад маҳдуди

манфиатҳои гурӯҳҳою ҳизбҳо бошад, он барои тамоми мардуми эҷод мешавад ва зотан мардумист.

**– Адибону адабиётшиносоне низ ҳастанд, ки адабиётро як қисмати сиёсат медонанд, ва худ дар ин ё он ҳизб шомил буда, аз адабиёт ташвиқи ақидаҳояшонро талаб доранд.**

– Мутаассифона, чунин ҳолат ҳаст. Ва ин давоми анъанаи пешина аст. Ва аз ин ҳам бадтараш, онҳое, ки ба гурӯҳе, созмоне ва ё ҳизби сиёсие мутааллиқанд, сиёсат гӯён танҳо афкори сиёсии худро мепазиранд ва даъво доранд, ки маҳз сиёсати онон мардумию мутараққист, ва бар манфиати ҷомеа аст. Онҳо як нуктаи оддиро дарк кардан намехоҳанд, ки ҳар ҳизб манфиати як гурӯҳ, як табақаи ҷамъиятро ифода ва аз он пуштибонӣ карда, барои ҳукумати сиёсӣ мубориза мебарад, яъне мехоҳад ҳоким бошад. Ҳоким бар кӣ? Бар халқ. Ӯ бо ин чиз аллакай худро бар болои халқ қарор медиҳад, худро ҳокими мардум месозад ва ҳамаи гапҳояш, ки дар хизмати халқ хоҳад буд, аксаран мардумфиребие беш нест. Ӯ аввал манфиати гурӯҳи худро ҳимоя хоҳад кард, манфиати гурӯҳӣ бошад, манфиати тамоми мардум нест.

Пас адабиёти асил, адиби асил чӣ гуна метавонад ташвиқгари сиёсати ҳизбе бошад, ки суди танҳо як гурӯҳи ҷамъиятро пуштибонӣ мекунад, ва ба ин васила барои ба мардум ҳукумат кардан мекӯшад. Агар ин маъниро бепарда гӯем, адиб ва адабиёте, ки ба сиёсат мепайвандад, барои ба сари халқ ҳоким шудани ҳизбу гурӯҳаш мубориза мекунад. Агар Шумо қазияи адибони ҳокимро қабул доред, ба сиёсат пайвастани адабиётро хоҳед пазируфт, вагарна ин чиз ҳеҷ ҷои пазириш надорад.

**– Пас, адабиёти ҳафтод соли охири тоҷик, ки бо номи адабиёти шӯравӣ ёд мешавад, адабиёти ҳоким аст?**

– Дар ин ҳолат чанд чизро бояд аз ҳам фарқ кунем. Аввалан, шӯравӣ сифати ҳизб не, сохти ҷамъятист, ки дар кишвари мо ҷорӣ буд. Ҳукумати шӯроҳо халқӣ эълон шуда, аз номи халқ ҳукумат мекард, вале сиёсати давлатро идеологияи ҳизби коммунист ҳукмфармо буд, ки илму адабро низ зери тасаллути худ нигоҳ медошт. Аммо адабиёт, ки ба сифати зоти худ мардумист, яъне ба ниёзи тамоми мардум офарида мешавад, танҳо ба сиёсати як ҳизб мутеъ ва маҳдуд буда наметавонад. Бинобар ин, агар адиб асил аст, ӯ новобаста аз он ки шомили кадом ҳизб аст, аз он фаро меравад, ва ғояҳои мардумию умумибашариро талқину ташвиқ мекунад. Ба таъкид мегӯям, агар адиб асил аст, ва моҳияти адабиётро амиқан дарк мекунад, вагарна дар доираи таълимоти сиёсии ҳизби худ маҳдуд монданаш аз эҳтимол дур нест. Дар адабиёти ҳафтод соли охири тоҷик ҳам ҳамин тавр аст.

**– Дар ин даврон адибоне, низ буданд, ки садоқати худро ба сиёсати ҳизби коммунист борҳо таъкид карда, адабиётро як ҷузъи сиёсат донистанд, яъне сиёсати ҳизбӣ коммунист. Ба ин чӣ мегӯед?**

– Дар эҷодиёти адибони бузург, аксаран, ин нукта собит мешавад, ки таҷрибаи адабии онон аз ақидаҳои сиёсӣ ва назариашон фарохтар аст, ва дар ин ҳолат низ ин қоида амал кардааст, агар шумо адибони бузург ва асилро дар назар дошта бошед.

**– Шумо гуфтанӣ ҳастед, ки адиб, агар бузургу асил аст, узви ҳизб будан ба ӯ зарар нахоҳад кард?**

– Ин ба асолат ва қудрати истеъдоди ӯ вобаста аст! Узви ҳизбе шудан ё нашудани адиб кори шахсии ӯст, аммо мо дар Иттифоқи нависандагон таъсиси гурӯҳу созмону ҳизбҳои сиёсиро манъ кардаем, зеро мавҷудияти онҳо боиси ихтилофи сахте дар миёни адибон ва носозгории муҳити адабӣ шуданаш мумкин аст.

**– Алҳол муҳити адабӣ созгор аст?**

– Алҳол кадом муҳит созгор аст, ки муҳити адабӣ бошад? Вале ба ҳар ҳол, раёсати Иттифоқи нависндагон мекӯшад, ки аз камтарин имкон ҳам истифода кунад, ки муҳити адабӣ рӯ ба беҳбудӣ биоварад. Масалан, раёсат дар давоми якуним соли фаъолияташ он қадар маҷлису муҳокимаҳои эҷодӣ ва ҷашнҳои адибонро барпо кард, ки дар чандин соли пештар ба ин миқдор набуд. Аз ҷумла, дар атрофи эҷодиёти адибон Кароматулло Мирзоев, Равшан Ёров, Ҷӯра Ҳошимӣ баррасиҳои муфиди интиқодӣ баргузор сохт. Авзои назму насрро дар нашрияҳои адабӣ ба муҳокима гирифт. Китобҳои дастҷамъмиро ба чоп ҳозир кард – «Паймон» мунтахаби ашъори муосирро ба ҳуруфи форсӣ дар Душанбе ва мунтахаби насри ҷавонон «Хӯшаҳо»-ро дар Хуҷанд. Ҳоло бо нашриёти байналмилалии «Ал- ҳудо»- и Эрон қарордод имзо карда, барои интироши он се ҷилд китоб – мунтахаби назм, наср ва адабиёти кӯдакро ҳозир мекунад, ки дар давоми се-чаҳор моҳ ба дасти хонандагони кишварҳои гуногуни дунё мерасад. Бо сарпарастии профессор, донишманди адаби форсию тоҷикӣ Аҳмад Каримии Ҳаккок, аз Амрико, ва мудири маҷаллаи «Килк» олими адабиёт Алии Деҳбошӣ, аз Эрон, мунтахаби дуҷилдаи назму насри замонии тоҷик ба чоп омода мешавад, ки низ дар кишварҳои форсинишини дунё паҳн хоҳад шуд. Барои аз варшикастагӣ баста нашудани нашрияҳои худ - «Адабиёт ва санъат», «Садои шарқ», «Пайванд» ва «Помир» мадад расонд.

Дар ин давраи мушкили буҳрони иқтисодӣ, ки вазъи зиндагӣ сангин аст, раёсат корҳоеро анҷом дода, имкон ёфт, ки қариб ба чиҳил нафар адиби бознишаста, аз моҳи август, моҳе 200-сӯмӣ мададпулӣ бидиҳад, ки то ҳол дар таърихи Иттифоқи нависандагон ҷой надошт. Инҳо аз ҷумлаи корҳое ҳастанд, ки раёсати Иттифоқ барои созгории муҳити адабӣ мекунад. Дар нақшаи мо чораҳои дигар низ ҳастанд, ки бо андаке оромтар шудани авзои сиёсӣ ба амал мебароянд.

**– Агар ин корҳо анҷом дода шудааст, пас чаро дар баъзе расонаҳои ахбор дар бораи фаъолияти раёсат ба интиқод сухан мегӯянд, масалан, дар ҳамон хабари «Чароғи рӯз».**

– Ҳеҷ коре бе камбуд нест, ва ҷои ононе ки аз фаъолияти мо одилона ва бо интиқод сухан мегӯянд, болои чашм аст. Вале, мутаасифона, баъзан ин гуна ахбор на аз рӯи сурати воқеии кор, балки аз рӯи миш- мишҳои кӯчаву бозор навишта мешаванд. Ва боз касоне ба танқид забон мекушоянд, ки ғаразе аз Иттифоқ доранд, масалан, солҳо дар даву тозанд, ки узви он шаванд, вале бо сабаби асар надоштанашон пазируфта намешаванд, ва ин озурдагии нобарҷои худро дар шакли танқиди муғризона ба сари мо мерезанд. Яке ҳавобаландона, дигаре оҷизона, вале дар ҳарду ҳолат ҳам сабаб якест, ғаразе аз Иттифоқ доштан. Умуман, дар бораи баъзе расонаҳои ахбор бояд бигӯям, ки онон дурушту ҳақоратгӯиро танқид мепиндоранд. Дар мақолаҳояшон ҳар қадар бештар ҳақорат додан бошад, гӯё ҳамон қадар зӯранд. Вале ин ба ҷуз нуқси ботин, касодии маънавӣ ва беадабию бемаърифатӣ чизе дигаре нест.

Масалан, бубинем, дар ҳамон хабари «Чарғи рӯз», як нафаре, ки ба адабиёту адибон ҳеҷ алоқае надорад, аксарияти адибонро бе ҳеҷ мулоҳиза ба суди моддиталабӣ муттаҳам карданӣ мешавад. Ё мисоли дигар, ҳангоме ки аз радиои ба ном мардумӣ дар бораи маҷлиси машваратии «Маънавиёт ва авзои ҷомеа», ки дар болотар зикр кардам, бештар аз бист нафар олиму адиб ва равшанфикрони баргузидаи тоҷик ақидаҳои хешро изҳор кардаанд, як нафар воқеанигори номаълум сухан гуфта, изҳор кард, ки ҳамаи эшон чизи кироие нагуфтанд. Ӯ як лаҳза наандешид, ки тамоми он донишмандон дар якҷоягӣ аз ӯ бештар ақл надошта бошанд

ҳам, камтар надоштагистанд. Ана, ин одоби воқеанигори радиое, ки худро мардумӣ ном кардааст. Тасаннои ин одоби мардумӣ.

**– Эҳтимол ин дурушту дағалгӯӣ дар матбуот бо авзои имрӯзаи ҷомеаи мо, ки дар хоку хун ғӯтидааст, вобаста бошад. Ҳоло ки ба ҷои сухан тиру тӯпро ба кор меандозанд, ҳарфи ботаҳаммул давлати камёб мешавад.**

– Ярокро аввал заиф ба даст мегирад, зеро ба қудрати худ, ба қудрати сухан ва ҳақиқати худ бовар надорад. Онҳое ки нахуст силоҳро ба кор мебаранд, ҳамеша ақаллият ҳастанд ва мехоҳанд, ки ба ин васила ақидаи худро бар аксарият бор кунанд, онҳоро мутеи худ созанд. Ярокбадастӣ аломати қудрат нест, балки нишони заифӣ ва ноҳақист. Ҳамчунин, дуруштгӯиву таҳқирзанӣ.

Аз ин рӯ, ҳоло ба тарафҳои муқобил, ки ба қудрати ярок мехоҳанд ҳақиқати худро собит кунанд, ба ҷуз партофтани силоҳ чораи дигар нест. Танҳо сухан метавонад онҳоро ба мусолиҳа биоварад ва ҳақиқатро ба исбот бирасонад. Ин ҳама даргириҳо аз ҳарфи ноҷо, аз ҳарфи аҳриманӣ оғоз шуд ва онро танҳо сухани аҳуроӣ хотима дода метавонаду бас. Биёед, рӯ ба сухани аҳуроӣ биоварем, то зинда бимонем.

**Соли 1993**

## СУМЕРКИ СМЕНЯТ ЯРКИЙ ВОСХОД

**Беседа корреспондента «Народной газеты» П. Гайрата**

Древняя мудрость учит: если ты дашь мне яблоко, и если я дам тебе яблоко, у нас будет только по одному яблоку; если ты дашь мне идею, и если я дам тебе идею, мы станем богаче – у каждого будет по две идеи...

... Вот уже пролетело десятилетие нашего нового бытия в суверенном демократическом государстве. За этот исторически короткий миг мы, таджикистанцы, пережили, быть может, не меньше чем за прошедшее семидесятилетие. Неумолимое время спрессовало воедино и радость побед, и горечь утрат. Что же такое наше СЕГОДНЯ, что представляет собой наш современник? Об этом беседа нашего корреспондента с председателем Союза писателей Таджикистана Аскаром Хакимом.

**– Аскар Олимович, из российской и советской литературы мы с вами знаем героев прошлого: Так, у Лермонтова героем времени был Печорин, у Пушкина – Евгений Онегин, у Бориса Полевого – летчик Маресьев («Повесть о настоящем человеке»), у Н. Островского – Павка Корчагин. Каков сегодня в представлении таджикистанских писателей, герой НАШЕГО ВРЕМЕНИ?**

– Боюсь, что на этот вопрос наша новая литература пока не ответила. Но я не могу упрекнуть за это моих коллег, дело в том, что само время еще четко не определилось, и это понятно, десять лет слишком короткий срок. Общество и государство только начинает формироваться, обретая свои типические черты, и это вполне нормально после такого резкого перехода из одной социально-политической системы в другую...

**– Да, это очевидно. Скажите, как вы представляете себе роль литературы и писателя в жизни государства? Расхожая истина: «поэт в России больше, чем поэт» мне кажется надуманной. Вообще, может ли писатель претендовать на Учителя и Наставника?**

– Уверен, что нет. Он такой же гражданин страны, как и все. Иное дело, что поэт, писатель может и обязан острее, тоньше чувствовать «биение пульса» времени и душу своего народа.

**– И еще, говорится, что писатель всегда должен быть в оппозиции к любой власти...**

– В этом есть рациональное зерно, я бы только добавил – конструктивной, позитивной оппозиции. Писатель чувствует боль и чаяния своего народа и, средствами искусства доводит их до сознания властей, а последние должны воспринимать это, как искреннее желание сделать жизнь лучше. У каждого поколения – свое лицо. Наше лицо мало исследовано социологами и нами, писателями.

**– Академик Д. Лихачев говорил, что ... литература поднялась над государством громадным защитным куполом, стала защитой его нравственности. По-моему это очень точно сказано.**

– Да, конечно. Именно защитой от безнравственности и социального цинизма, которым, увы, сегодня болеет общество. Однако, не следует ждать от писателя рецептов ее лечения, он не врач, он боль человеческая.

**– Вы упомянули о цинизме. Не является ли он прямым результатом крайнего прагматизма, свойственного рыночной экономике, культу обогащения?**

– Сегодня не модно ссылаться на философа, но рискну привести его мнение на обсуждаемую тему. Он считал, что «отношения, основанные на частной собственности, доведенные до своего логического конца убивают в человеке человеческое, оставляя вместо души ЧИСТОГАН...»

– Я не сторонник огульно перечеркивать все прошлое. Не будем забывать мудрый афоризм «если ты стреляешь в прошлое из ружья, оно выстрелит в тебя из пушки». Мне кажется разумно брать из прошлого все хорошее и отвергать все негативное, вытекающее из настоящего.

Уверен, что синдром бездумного обогащения со временем пройдет, как у детей проходит корь, а проблемы частной собственности организуются в стройную систему капиталистических отношений, которые уже многие века существуют во всем мире. У нас почему-то не принято четко и открыто говорить о капитализме, в системе которого мы, фактически, уже живем целое десятилетие...

**– Аскар Олимович! Я недавно заново перечитал сборник статей журналистки Н. Стрельцовой «Мера всех перемен». Это – интервью с известными писателями В. Коротичем, В. Розовым, В. Беловым, Д. Граниным, А. Прохановым, В. Дудинцевым и другими. Характерно, что все они, без исключения, восторженно приняли горбачевскую «перестройку», но те же писатели сегодня не очень лестно о ней отзываются, а, точнее говоря, они в ней разочаровались. А как вы сами приняли «перестройку»?**

– Я и поныне убежден, что она была необходима. За семьдесят лет социализма в СССР было совершено немало ошибок, но и за годы «перестройки» их совершено не меньше. Отсюда – разочарование. Однако, главное - демократизация и многопартийность, вне сомнения являются бесценным достижением.

**– От «высоких материй» давайте перейдем к будням. Скажите, сколько членов СП было у вас до развала Союза?**

– Сто восемьдесят, сегодня их – триста.

**– Это кажется мне парадоксом. Легче стало поступить в СП? Меньше требований к качеству произведений?**

– О, нет. Это объясняется довольно просто: раньше член Союза писателей получал немало льгот: квартиру улучшенного типа, автомашину без очереди, ну и, конечно же – весьма солидный гонорар за произведение. Сегодня все эти льготы отменены, так что в СП рвутся только энтузиасты...

Они настоящие герои, создающие современную культуру и ауру безвозмездно. На XI съезде СП я говорил об этом нашему Президенту Э. Рахмонову и он был с этим согласен. Да, это настоящие подвижники, я не боюсь этого слова....

**– Ну, а правление СП, какова его роль сегодня?**

– Организационно-творческая, мы проводим курс конференции, съезды, прочие мероприятия, которые объединяют членов Союза в единый коллектив, при необходимости помогая молодым в их становлении.

**– И, все-таки, Аскар Олимович, каким, хотя бы схематично вам представляется герой нашего нового времени? Быть может он будет чем- то сродни великому комбинатору Остапу Бендеру поскольку эпоха свободного предпринимательства зиждется на авантюризме?**

– Не думаю. Великий русский писатель и историк Карамзин называл «сумеречным» время, похожее на наше, но сумерки могут в равной степени уподобиться как восходу, так и закату. Я убежден, что наши сумерки предвестники яркому восходу и расцвету культуры и благосостоянию народа. Сегодняшний делец сменится добропорядочным, честным и щедрым коммерсантом, готовым на пожертвования неимущим и процветанию своей страны. Может быть это и будет ГЕРОЕМ НАШЕГО ВРЕМЕНИ.

**– Что ж, дай-то Бог, чтобы вы оказались провидцем, и спасибо за беседу.**

## «ПУСТАЯ ДУША ПОСТРАШНЕЕ ПУСТОГО ЖЕЛУДКА И КОШЕЛЬКА»

**Беседа корреспондента «Народной газеты»**
**Марины Василевой**

**ПЕРЕСКАЗЫВАТЬ стихи, особенно великих – дело обреченное на провал. И все же прочитанное недавно мною стихотворение Джалалиддина Руми я попытаюсь пересказать. Называется оно «О винограде». Виноград для поэта лишь повод. Речь там о нечто большем. Итак... Шли вместе тюрок, перс, араб и грек. Нашли они монету. Перс предложил на эти деньги купить ангур, араб – инаб, тюрк – узум, грек – стафиль. Не сойдясь в общем мнении, бедолаги даже подрались. А если разобраться, то говорили они все об одном, о том же – о винограде.**

*Вот так непонимание порой*
*Способно дружбу поменять враждой.*
*Как может злобу породить в сердцах*
*Одно в то ж на разных языках.*
*Слова несведущих несут войну*
*Мои ж — единство, мир и тишину.*

Как важно сейчас для нас всех понимать друг друга. Порой мы просто говорим на разных языках, не находя общего языка. Этот общий язык не надо искать двум литературам – русской и таджикской. Обе они понимают друг друга, потому что слова идут из самого сердца. Дни литературы России в Таджикистане еще раз это продемонстрируют.

**– Больше десяти лет прошло, когда последний раз встречались российские и таджикские поэты и прозаики. Как много воды утекло с тех пор... Мы живем в другом мире, в другом измерении. Вокруг изменилось все, а что изменилось внутри нас? Какими мы стали? Что читаем? О чем думаем?**

– К сожалению, читаем уже мы мало, а думаем больше о вещах обыденных: как семью прокормить, во что детей одеть. Над нами нависла угроза духовной пустоты. Плохо, когда пуст твой кошелек, когда пуст желудок, но когда пуста душа... Это опасно.

– Не этим ли продиктовано решение вновь возродить традиционные литературные встречи?

– И этим тоже. А еще тем, чтобы выйти, наконец, из того замкнутого пространства, которое образовалось в результате жутких политических катаклизмов. Мы замкнулись, мы перестали общаться. Так жить невозможно. Надо что - то предпринимать и как можно скорее. Замысел возродить ушедшие в Лету Дни литературы России в Таджикистане – наша первая попытка вырваться из этого замкнутого пространства, вновь обрести то, что чуть было не растеряли, не растоптали в пылу политических амбиций. Если быть откровенным, то я и не надеялся на то, что подобная идея может быть осуществлена – все же не так уж хорошо мы еще живем. Но вот поддержали нашу идею и Президент Э. Рахмонов и Посольство России в Таджикистане.

**– Какую программу вы запланировали?**

– Разумеется, в рамках наших возможностей. И все же мы надеемся, что программа получится насыщенной и интересной. В первую очередь, это встречи с людьми. Мы повезем своих друзей из России по городам республики, планируются встречи со студентами Славянского университета, Таджикского госуниверситета. Члены российской делегации встретятся с воинами, коллективом миротворческих сил, ну и, конечно, с деятелями литературы в искусства республики.

**– Кто в составе делегации из России?**

– В ней 17 человек Делегацию возглавляет Тимур Пулатов – секретарь-координатор Международного сообщества писательских Союзов СНГ.

В составе делегации такие известные поэты и писатели, как Михаил Алексеев, Валентин Сорокин, Станислав Куняев а также критики Владимир Гусев и Иван Сабило.

– Многие из них приезжают к нам в республику не впервые. С. Куняев и С. Золотцев раньше очень часто к нам приезжали. У них целые циклы стихов о нашем крае. Благодаря их переводам таджикских поэтов и прозаиков узнала не только Россия, но и Европа. М. Каноат, Л. Шерали, Ф. Мухаммадиев, С. Турсун обрели широкую читательскую аудиторию не только у нас в республике, но и далеко за ее пределами.

**– Ну, а сейчас издаются поэтические сборники в республике? Будут ли для российских читателей открыты новые имена?**

– Выпустить в свет книгу сейчас весьма и весьма трудно. Но будем надеяться, что все изменится. Будут новые имена, новые стихи, будут новые встречи, ведь все мы сейчас живем надеждой на лучшее и пытаемся приблизить его.

**1997 г.**

## БОЗДИД АЗ ДИЁРИ ОРЗУҲО

**Мусоҳиба бо хабарнигори ҳафтавори**
**«Адабиёт ва санъат» Маҷид Салим**

**Аз 28 март то 3-уми апрели соли равон аз ҷониби Созмони байналмилалии Иттифоқи нависандагон гурӯҳи адибони шинохтаи давлатҳои муштаракулманофеъ ба Ҷумҳурии Мардумии Чин сафар доштанд.**

**Ба ин сафар раиси кумитаи иҷроияи Созмони байналмилалии Иттифоқҳои нависандагон, нависандаи шинохта Темур Пӯлодов роҳбарӣ карда, ба ҳайат Раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Аскар Ҳаким, котиби садорати Иттифоқи нависандагони Федератсияи Русия Игор Ляпин, Раиси Иттифоқи нависандагони Кареля Виктор Потиевский шомил буданд.**

**Баъди бозгашт аз ин сафари эҷодӣ мо бо Раиси Иттифоқи нависандагон, Шоири халқии Тоҷикистон Аскар Ҳаким мусоҳиб шудем:**

**– Муҳтарам Аскар Олимович, бигӯед, ки мақсад аз созмон додани чунин як сафари эҷодӣ дар чӣ буд?**

– Нахуст бояд арз кунам, ки Иттифоқи нависандагони Ҷумҳурии мо яке аз муассисони Созмони байналмиллалии Иттифоқҳои нависандагон дар шаҳри Маскав мебошад. Баъдан, мақсади сафари мо ба Ҷумҳурии мардумии Чин барои баркарор намудани робитаҳои адабӣ-эҷодӣ миёни ин ду кишвар бузург мебошад. Албатта, хонанда огоҳ аст, ки мо бо адибони ин диёри афсонавӣ алоқаи пешинаи фарҳангию адабӣ дорем. Дар гузашта даҳҳо китобҳои аҳли қалами Чин ба забони русӣ, сипас тоҷикӣ тарҷумаю нашр шуда, дастраси хонанда гаштаанд.

Албатта, Ҷумҳурии Мардумии Чин яке аз мамлакатҳои бузурги рӯи олам буда, бо санъат, иқтисодиёту техника, илму фарҳанги бояш асрҳост, ки диққати оламиёнро ба худ ҷалб кардааст. Дар он ёдгориҳои санъату меъмории куҳан фаровонанд, ки аз ҳунари деринасолу бои ин сарзамин дарак медиҳанд. Ин мамлакат, дар айни замон, дорои қариб як миллиарду 300 миллион аҳолӣ буда, соҳиби даҳҳо донишгоҳу марказҳои машҳури фарҳангӣ мебошад.

**– Устод, дар Чин – бахусус шаҳри Пекин чӣ ҳиссиёте шуморо фаро гирифт ва чӣ тассуроте бо худ овардед?**

– Рости гап, шаҳри зебою нотакрори Пекин, кӯчаю роҳравҳои озодааш қалби ҳар бинандаро тасхир месозанд. Ҳамин ки саҳар шуд, аллакай соати 6, дар шаҳр мусиқии шевое танинандоз мегардад ва пиру барно ба кӯчаҳо баромада, дар зери ҳавои ҳамин мусиқӣ ба машқ варзиши бадан машғул мешаванд. Ин оҳанг ба Шашмақом хеле монандӣ дорад.

Қасри императори Пекин дорои шоҳкориҳои ҳайратангез буда, аз рӯзгори хоқонҳои Чин ҳикоят мекунад. Дар қасру утоқҳои алоҳидаи он экспонатҳои нодир гузошта шудаанд. Дар ин ҷо тамошои девори Чин ба кас як олам таассуроти амиқ мебахшад.Ин девори афсонавӣ хеле баланду паҳну дароз мебошад, ки таърихи қадим дорад.

Дар тарабхонаҳои Чин даҳҳо навъи хӯрокро пешниҳод мекунанд, аммо аракро на. Мардуми Чин май хеле кам истеъмол мекунад. Вале хеле аҷиб аст, ки мардумаш ҳама чизро истеъмол мекунад. Аз ҷонварону ҳайвонҳои гуногун сар карда, то бошандагони зери об. Худи онҳо мегӯянд, ки дар ҳаво ба ғайр аз самолёт, дар замин ба ғайр аз танк, аз зери об ба ғайр аз киштии зериобӣ, дигар ҳама чизро истеъмол мекунанд.

Мо бисёр шодем, ки бо иқдоми ҳукумати мамлакат, бахусус кӯшишҳои пайгиронаи Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмонов, ҳоло ба воситаи ағбаи Қарақурум ба Ҷумҳурии Чин роҳ кушода мешавад. Албатта, эҳёи роҳи нав дар баробари равобити иқтисодӣ –тиҷоратӣ ба адибон, аҳли қалам имконият медиҳад, ки алоқаҳои эҷодии худро бо дӯстони хориҷӣ боз ҳам густариш диҳанд. Мо дар оянда ният дорем, ки бо дигар ҷумҳуриҳои хориҷӣ низ равобити адабӣ – эҷодии худро барқарор созем.

**Соли 2000**

## БОВАР МЕКУНЕД? «АДАБИЁТ ВА

## САНЪАТ» 100 000 НАШР МЕШУД

**Мусоҳиба бо хабарнигори ҳафтавори**
**«Адабиёт ва санъат» Маҷид Салим**

Дар суҳбати бунёдгузори ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат», шоири шинохта, барандаи ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ, Ходими шоистаи фарҳанги Тоҷикистон, раиси Иттифоқи нависандагони мамлакат устод Аскар Ҳаким.

Номи адиби маъруф Аскар Ҳаким кайҳост, ки чун шоири ҷӯяндаю боистеъдод маълуму машҳур аст, шеъру достонҳои ӯ ба бисёр забонҳои дунё тарҷума шуда, дастраси хонандагон гаштаанд. Китобҳои алоҳидаи ин адиби шинохта «Раҳнавард», «Тарозуи офтоб», «Рӯзи умед», «Баргпайванд», «Шаҳри меҳолуд» ва ғайра дар вақташ аз ҷониби ҳаводорони назм ва муҳаққиқон баҳои баланд гирифтааст.

Аскар Ҳаким кайҳост, ки ҳамчун адабиётшиноси маъруф эътироф шудааст. Рисолаҳои илмии дар ин ҷода офаридааш, аз қабили, «Шеър ва замон», «Дар қаламрави сухан» ва як силсила асарҳои дигараш гувоҳи онанд, ки ӯ дар таҳқиқи адабиёти тоҷик саҳми беандоза дорад. Китоби ба забони русӣ таҳиякардаи ӯ, «Лирика» (аз шеъри классикии форсу тоҷик), дар нашриёти бонуфузи «Художественная литература»-и Маскав ба теъдоди 1млн нусха ба нашр расида буд.

Аскар Ҳаким дар тарҷумаи осори адибони хориҷа ва адабиёти рус ба дастовардҳои бузург муваффақ гашта, дар вақташ асарҳои В.Биков «Сотников», М.Лермонтов «Хазинадори тамбовӣ», Геворг Эмин «Аср, замин, ишқ», Данте Алигери «Мазҳакаи илоҳӣ»-ро тарҷумаю дастраси хонандаи тоҷик намудааст.

Аскар Ҳаким на танҳо шоир, тарҷумон мебошад, балки ӯ чун рӯзноманигор дар густариши адабиёту матбуот, дар созмон додани пайвандҳои фарҳангӣ хидматҳои бузурге анҷом додааст. Истеъдоди фитрии Аскар Ҳаким бахусус дар ҷабҳаи рӯзноманигорӣ, таъсиси ҳафтаномаи дӯстдоштаи мардум, «Адабиёт ва санъат», хеле равшан ҳувайдост. Ҳамчун бунёдгузори ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» ва ҳамчун муассиси моҳномаи «Пайванд» ҳангоми сардабирии худ аз чаҳорчӯбаи танги матбуоти пешин берун баромада, дар ҳалли муҳимтарин масъалаҳои ахлоқиву маънавии мардум, худшиносии миллӣ, интишори хатти ниёгон хидмати шоёне анҷом додааст. Маҳз бо кӯшишу ғайрати бевоситаи Аскар Ҳаким соли 1983 рӯзномаи ҳамонвақтаи «Маданияти Тоҷикистон» ба ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» табдил ёфтааст. Соли 1987 бо иқдом ва ташаббуси Аскар Ҳаким дар мамлакат нахустин маротиба замимаи форсии ҳафтанома-моҳномаи «Пайванд» таъсис ёфта нашр гардид, ки баъдтар он дар пуштибонии забони модарӣ, омӯзиши хатти ниёгонамон ва ташвиқу тарғиби адаби тоҷик дар арсаи байналмилал нақши муҳим ва фаромӯшнашудание бозидааст.

Дар остонаи таҷлили ҷашни 40-солагии таъсиси ҳафтаномаи дӯстдоштаи мардум «Адабиёт ва санъат» мо бо бунёдгузори ҳафтанома, шоири маҳбуб, раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Аскар Ҳаким суҳбати хосае оростем, ки онро бо камоли майл тақдими ҳаводорони ҳафтанома мегардонем.

**-Устод, нахуст дар бораи чӣ тавр пайдо шудани ҳафтаномаи адабӣ-фарҳангии «Адабиёт ва санъат» нақл мекардед?**

Ҳанӯз солҳои раиси Иттифоқи нависандагони ҷумҳурӣ буданашон устод Мирзо Турсунзода орзу доштанд, ки адибон нашрияи алоҳидаи адабии худро дошта бошанд. Охир он вақтҳо ба ғайр аз маҷаллаҳои «Садои Шарқ» ва «Помир», рӯзномаи алоҳидаи адабии

нависандагон вуҷуд надошт. Мутаассифона, ин орзую нияти устод Мирзо Турсунзода дар замони зиндагии ӯ амалӣ нашуд. Соли 1979, дар замони роҳбарии Ҷаббор Расулов қарори Бюрои КМ ПКТ дар бораи таъсис додани рӯзномаи нави «Маданияти Тоҷикистон» ба табъ расиду рӯзномаи «Маориф ва маданият» ба ду рӯзнома табдил дода шуд. «Газетаи муаллимон» ва «Маданияти Тоҷикистон». Акнун рӯзномаи навтаъсиси «Маданияти Тоҷикистон» нашрияи Иттифоқи нависандагон ва Вазорати фарҳанги Тоҷикистогн маҳсуб мешуд. Ҳамон вақтҳо ман котибии садорати Иттифоқи нависандагони ҷумҳуриро ба уҳда доштам.

Рӯзе раиси ҳамонвақтаи Иттифоқи нависандагон, устод Муъмин Қаноат маро наздаш даъват карда, сармуҳарририи рӯзномаи нави «Маданияти Тоҷикистон»-ро пешниҳод кард. Он вақтҳо ман аллакай дар соҳаи матбуот таҷриба доштам. Зеро пештар дар маҷаллаи «Садои Шарқ» ба сифати муовини сармуҳаррир кор карда, баъдан, пас аз устод Фотеҳ Ниёзӣ, котиби садорати Иттифоқи нависандагон интихоб шуда будам.

Ҳамин тавр, маро сармуҳаррири рӯзномаи «Маданияти Тоҷикистон» тасдиқ карданд. Он айём сардабирии рӯзномаи «Литературная газета»-и Россияро адиби машҳур Чаковский ба уҳда дошт ва ман дар байни муҳаррирони рӯзномаҳои адабии ҳамонвақтаи ҷумҳуриҳои дигари иттиҳоди шӯравӣ ҷавонтарин будам. Мо он вақт, бо ҷонишинам шоир Саидалӣ Маъмур ва котиби масъул Мазҳабшо Муҳаббатшоев, се нафар шумораи аввалини «Маданияти Тоҷикистон»-ро аз чоп баровардем. Дар аввал рӯзнома ҳафт ҳазор нусха ба табъ мерасид. Минбаъд теъдоди нашри рӯзнома зиёд гашта, маҳбубияти он дар байни зиёиён, хонандагон меафзуд. «Маданияти Тоҷикистон» ба ҷуз нашрияи Иттифоқи адибон буданаш, нашрияи Вазорати фарҳанг низ буд, аз ин рӯ дар саҳифаҳои он ба ғайр асарҳои назмӣ, насрӣ мақолаҳои фарҳангӣ низ ба табъ мерасиданд.

Вазири ҳамонвақтаи фарҳанг Султон Мирзошоев ба рӯзномаамон таваҷҷуҳи хосае дошт ва онро пуштибонӣ мекард. Рӯзнома ҳафтае ду маротиба нашр гардида, ҳар шумораaш 600-сӯм ҳаққи қалам дошт.

Ҳамин тавр шуд, ки ман соли 1982 барои истироҳат ба хонаи эҷодии «Куктебел», ба Қрим, рафтам. Дар ин хонаи эҷодиёт ҳам доим ҳушу ёдам ба таъсиси рӯзномаи адабӣ банд буд. Бисёр мехостам, ки адибон нашрияи махсуси худро дошта бошанд. Дар ин ҷо ман бо як драматурги ҷумҳурии Молдава шинос шудам. Ӯ ба ман як шумораи рӯзномаи адабиашонро нишон дод. Ҳафтавор дар ҳаҷми шонздаҳ саҳифа нашр мегардидааст. Баъд аз вай фаҳмидаам, ки ӯ барои як ҳикояи дар ин нашрия чоп кардааш 300-сӯм ҳаққи қалам гирифтааст. Ҳоло он ки дар ҳамин давра газетаи «МаданиятиТоҷикистон» барои як шумораaш ҳамагӣ 300-сӯм ҳаққи қалам дошту халос. Баъдтар дар ин хусус бо Асқад Мухтор, сармуҳаррири рӯзномаи адабии Ӯзбекистон, ва муҳаррирони рӯзномаҳои ҷумҳуриҳои дигар ҳамсуҳбат шуда фаҳмидам, ки онҳо ҳама рӯзномаҳои алоҳидаи адабӣ доштаанду ҳаққи қаламашон хеле зиёдтар аз мо будааст. Аз ин сахт ҳайрон шудам. Охир, чаро миллате, ки ин қадар адабиёту фарҳанги бой дорад, бе рӯзномаи алоҳидаи адабӣ буда, рӯзномаи доштааш ҳам нисбат ба рӯзномаҳои ремпубликаҳои дигари умумииттифоқ ҳаққи қалами ночиз дорад.

Баъди ин шиносоиҳо аз паи таъсиси ҳафтавори адабӣ шудам. Ҳуҷҷатҳои зиёде ҷамъ карда ба КМ ҲКТ пешниҳод кардам. Он давра таъсис додани рӯзномаи нав осон набуд. Зеро ин масъаларо дар Маскав дар КМ ҲКИҶШ муҳокима карда, қарор мебароварданд.

Ногуфта намонад, ки ҳамон вақт як қарори КМ ҲКИҶШ-ро дар хусуси зиёд кардани ҳаққи қалами нашрияҳои адабӣ ёфта будам, ки он дар ҷумҳурии мо амалӣ нашуда буд. Зеро мо

рӯзномаи фарҳангӣ доштему адабӣ не. Ҳоло он ки нашрияҳои адабии дигар ҷумҳуриҳо ҳаққи қалами калон мегирифтанд. Баъди маслиҳат рӯзе бо ҳамроҳии устод Мӯъмин Қаноат назди котиби якуми КМ ҲКТ Раҳмон Набиев рафтем.

Дар қабулгоҳ моро мудири шӯъбаи агитатсия ва пропогандаи ҳамонвақтаи КМ ҲКТ Искандар Қаландаров диду ҳайрон шуд, чунки мо бе маслиҳати вай ба назди Раҳмон Набиев рафтем. Р. Набиев арзи моро гӯш карда масъаларо барои баррасӣ ба шӯъба супориш дод.

Баъди ин воқеа таку давҳои мо оғоз ёфт. Ман ба И. Қаландаров мефаҳмондам, вале ӯ бо ҳар баҳона садди роҳи мо мешуд. Зеро ӯ ду сол пештар, ҳангоми таъсиси рӯзномаи «Маданияти Тоҷикистон», онро ҳамчун рӯзномаи фарҳангӣ таъсис дода буд, на адабӣ. Бинобар ин, мегуфт, ки ман ин масъаларо бори дигар ба КМ ҲКИҶШ наметавонам пешниҳод кунам, зеро танбеҳ гирифтанам мумкин аст. Ӯ мегуфт, ки нашрияи шумо ба Вазорати фарҳанг тааллуқ дорад, на ба Иттифоқи нависандагон. Искандаров, ки чун мудири Шӯъбаи пропагандаи КМ ҲКТ масъули ин соҳа буд, гаштаю баргашта исбот карданӣ мешуд, ки дар Тоҷикистон таъсис додани ҳафтавори шонздаҳ саҳифагии адабӣ мувофиқи мақсад нест, ва аз имкон берун аст.

Пас, худам маҷбур шудам, ҳангоми сафарҳоям ба Маскав, аз шиносҳои дар он ҷо доштаам истифода карда, ҳуҷҷатҳои зарурриро таҳия намуда, ба кормандони масъули шӯъбаи агитатсия ва пропагандаи КМ ҲКПҶШ супорам. Ҳоло он ки ин корро бояд шӯъбаи пропагандаи КМ ҲКТ иҷро мекард. Аммо ин шӯъба ба ҷои тайёр кардани ҳуҷҷатҳо ба КМ ҲКИҶШ ҷавоб дода буд, ки дар Тоҷикистон таъсиси рӯзномаи адабӣ ҳеҷ зарурате надорад ва онҳо комилан муқобили ин кор ҳастанд.

Оқибат баъди таку давҳои бисёре 16-феврали соли 1983 бо имзои котиби КМ ҲКИҶШ Черненко дар хусуси таъсиси рӯзномаи адабӣ дар Тоҷикистон қарор ба имзо расида, ба Тоҷикистон омад. Аммо боз дар ҷумҳурӣ намегузоштанд, ки ҳафтаворро таъсис диҳем. Баҳона меоварданд, ки 16- саҳифа баровардан ғайриимкон мебошад. Мо, худамон бо М. Муҳаббатшоев, аввал як шумораи рӯзномаи ҳамонвақтаи «Пионери Тоҷикистон»-ро 16-саҳифагӣ дар матбаа чоп карда, ба Дашкевич муовини мудири шӯъбаи пропаганда ва агитатсияи ҳамонвақтаи КМ ҳизб нишон додем, сипас ӯ бовар карда, супориш дод, ки «Адабиёт ва санъат» минбаъд дар ҳаҷми 16-саҳифа ба табъ расад. Ҳамин тавр, орзуи деринаи аҳли адаб ҷомаи амал пӯшиду нахустин шумораи ҳафтавор аз чоп баромад. Фарқи «Адабиёт ва санъат» аз рӯзномаи пешини «Маданияти Тоҷикистон» дар он буд, ки он акнун бештар ба масъалаҳои адабиёт ва санъат тахассус дода шуда буд, ҳафтае як бор дар ҳаҷми 16-саҳифаи хурд, ранга, ба нашр расида, ҳаққи қалами як шумора 1600 сӯм буд. Он вақт ин ҳаққи қалами калоне буд, ки ба муаллифон дода мешуд.

**-Устод, баъди ин қадар таку давҳо акнун ҳафтавор чӣ гуна табъу нашр мешуд. Чӣ гуна коллектив ба вуҷуд омад ва киҳоро ба кор даъват кардед?**

Аз рӯзҳои аввал ҳафтавори «Адабиёт ва санъат» ҳаводорони хеле зиёде пайдо кард. Мардум ҳар як шумораи онро акнун бесаброна интизорӣ мекашид. Аз дӯконҳо ҳафтаворро зуд мехариданд. Чунки дар саҳифаҳои он дар баробари шеъру ҳикоя, мақолаҳои танқидӣ, баҳсталабу ба дарди мардум мехӯрдагӣ бештар чоп мешуданд. Коргарони ҳафтанома ба масъалаҳои доғи рӯз даст зада, аз ҳаёти одамони наҷиб мақолаҳои ҷолибе таҳия мекарданд.

Мо нашри «Адабиёт ва санъат»-ро аз ҳафт ҳазор нусха сар карда, то ба зиёда аз сад ҳазор нусха расонидем. Дар Тоҷикистон ягон нашрияи дигар ба мисли ҳафтавори мо ин қадар зиёд

нашр намешуд. Дар тамоми шаҳру навоҳии мамлакат ва берун аз он ҳафтавор ҳаводорону хонандагони доимии худро дошт.

Сол ба сол теъдоди хонандагони ҳафтавори «Адабиёт ва санъат» меафзуд. Бисёр мақолаҳои проблемавии кормандони моро дар ташкилотҳои ҳизбӣ ё дахлдор мавриди баррасӣ қарор медоданд ва аз натиҷаи тафтиши ин мақолаҳо боз хонандагонро огоҳ мекарданд. Дар даврае, ки як нашрияи адабӣ зиёда аз 100 ҳазор аз чоп мебаромад, рӯзномаи ҳизбии мамлакат, «Тоҷикистони Советӣ» ҳамагӣ 60-ҳазор нашр мешуд.

Ман барои кор беҳтарин журналистону адибонро даъват кардам. Дар ин ҷо Саидалӣ Маъмур, Мазҳабшо Муҳаббатшоев, Абдулҳамид Самад, Ҷонибек Акобир, Салимшо Ҳалимшо, Равшани Ёрмуҳаммад, Раҳмат Назрӣ, Додоҷон Раҷабӣ, Соҷидаи Мирзо, Раҳмон Остон, Сорбон, Бахманёр, Муҳаммадзамони Солех, Низом Қосим, Муаззама Аҳмадова, Насрулло Асадулло, Ҳасан Муҳаммадиев ва дигар эҷодкорони асил кору фаъолият мекарданд. Коллективи мо коллективи хубу ҷамъ ва дӯст буд. Мақолаҳои якдигарро хонда маслиҳат медоданд. Умуман, дар идораи ҳафтавор як мактаби бузурги адабӣ-эҷодӣ ба вуҷуд омад. Акнун мо ҳар ҳафта – рӯзи душанбе тамоми мақолаҳои чопшударо муҳокима карда, аз пешрафту камбудии якдигар огоҳ мешудем. 28-нафаре, ки дар идора заҳмат мекашид, рафта-рафта як мактаби калони эҷодиро ташкил намуд ва дар оянда аз байни онҳо бештар аз даҳ нафар сардабирони рӯзномаю маҷаллаҳои алоҳида баромаданд. Масалан, баъдтар маҳз собиқ кормандони ҳафтавори «Адабиёт ва санъат» Равшан Ёров, Абдулҳамид Самад, Насрулло Асадулло, Додохон Эгамов, Ҷонибек Акобиров, Мазҳабшо Муҳаббатшоев, Бахтиёр Муртазоев... сармуҳаррирони нашрияҳои даврӣ шуда кору фаъолият карданд.

**-Устод, мавқеи ҳафтавори «Адабиёт ва санъат» он айём чӣ гуна арзёбӣ мешуд ва нақши он дар тарғиби адабиёту фарҳанг дар кадом поя қарор дошт?**

Тамоми аҳли адаб, шоирону нависандагон, зиёиён навиштаҳои худро аввал ба идораи мо меоварданд. Дар ҳафтавор анъана шуда буд, ки ҳар шумора беҳтарин шеъру ҳикояро дар саҳифаҳои алоҳидааш чоп мекард. Аз саҳифаҳои он мардум бо беҳтарин падидаҳои эҷодкорон, адибон, қиссаву ҳикояҳои нав, шеър, тақризу мақолаҳои баҳсталаб ошно мегаштанд. Саҳифаи «Мушфиқӣ» мунтазам ҳаводорони ҳаҷвро бо асарҳои ҳаҷвӣ-танқидии адибон ошно мекард. Муаллифон низ ҳаққи қалами калон мегирифтанд. Ҳаққи қалами як саҳифа мақола 100-сӯм буд, ба сад сӯми онвақта бештар 60 (шаст) килограмм гӯшт харидан мумкин буд.

**-Устод, замимаи «Адабиёт ва санъат», аввалин моҳнома ба ҳуруфи форсӣ, «Пайванд», чӣ гуна ба табъ расид?**

Бояд зикр кард, ки мо якумин шуда, соли 1985, дар «Адабиёт ва санъат», гӯшаи омӯзиши алифбои ниёгонро сар кардем. Барои ин мо нахуст ба идораи ҳафтавор устоди донишгоҳ Ҳасанлиро даъват карда, бо ӯ маслиҳат кардему сипас ба нашри доимии ин гӯша пардохтем, як сол гӯшаи омӯзиши алифбои ниёгон чоп шуд. Дар ин миён садҳо нафар маҳз тавассути ҳафтавори мо бо алифбои ниёгон меҳр пайдо карда, хатхон шуданд. Охир, одамон ҳар саҳифаи ин гӯшаро ҷамъ карда, ба шакли китобча даровარда, дар хонаи худ нигоҳ медоштанд. Бо хоҳиши хонандагон мо дарсро боз як соли дигар такрор кардем, дар натиҷа хонандагони бисёре хати ниёгонро ёд гирифтанд.

Баъди ин ба хулосае омадам, ки мебояд нашрияи алоҳидаеро бо хати ниёгон нашр созем. Ҳамин тавр, соли 1987, аввалин шумораи моҳномаи «Пайванд» бо алифбои ниёгон таъсис ёфта, нашр гардид. Маҳз интишори «Пайванд» баъдтар заминаи ба вуҷуд омадани созмони

ҷамъиятии «Пайванд» шуд. Аз рӯи мақолаҳое, ки дар «Адабиёт ва санъат» ва ҳамчунин моҳномаи «Пайванд» нашр шуда буданд, мудири шӯъбаи робитаи байналхалқии КМ ҲКТ Лаким Қайюмов ба идораи мо омада, маҷлис гузаронида, фикру ақидаи моро оид ба созмон додани ҷамъияте ба номи «Пайванд» гӯш кард.

Он вақт замимаи «Пайванд» бо теъдоди панҷ ҳазор нусха чоп шуда, дар кишварҳои Эрону Афғонистон, Олмону Покистон, форсизабонони дунё паҳн мешуд. «Пайванд» аз ҳисоби фоидаи ҳафтавори «Адабиёт ва санъат» ба чоп мерасид. Ман то ҳол чун муҳаррир аз номи ҳаводорони «Пайванд» аз хориҷи кишвар номаҳои зиёде мегирам, ки гувоҳи дар байни хонандагони берун аз ҷумҳурӣ низ маҳбубияти хосае доштани он аст.

**-Устод, лаҳзаҳои фаромӯшнашавандаи айёми сармуҳарририи Шумо дар идораи ҳафтавори «Адабиёт ва санъат» кадомҳоанд?**

Падидаҳои нави адабӣ аввал дар саҳифаҳои ҳафтавори «Адабиёт ва санъат» ба табъ мерасиданду дастраси хонанда мегаштанд. Адибони ҷавон нахустин ҳикоя ё ашъори худро маҳз ба идораи мо меоварданд ва дар роҳи тарғиботи эҷоди асарҳои ин қабил ҷавонон ҳафтавор хизмати шоёне ба анҷом расондааст. Ва ҳамон рӯзҳои кору фаъолият дар идораи ҳафтавор рангину фаромӯшношуданӣ мебошад. Албатта, дар ин роҳ монеаҳо, мушкилотҳо низ буданд. Масалан, номаҳои беимзое, ки аз болои ман ба ташкилотҳои ҳизбӣ менавиштанд, ҳеҷ аз ёдам намераванд. Ҳатто Дашкевич, корманди ҳамонвақтаи кумитаи ҳизб, ки аз таку давҳои ман барои таъсиси ҳафтавор огоҳ буд, мактуби беимзоеро нишонам дода, гуфта буд, ки инҳо ба ҷои он ки ба шумо ташаккур гӯянд, аз болоятон менависанд. Албатта, онҳое менавиштанд, ки беҳунар буданд, навиштаҳояшон аз идораи ҳафтавор баргардонда мешуд, ва онҳо аз болои сармуҳаррир менавиштанд. Аҷибаш ин буд, ки аз он навиштаҳо ақаллан як нуктааш ба исбот намерасид, ҳама дурӯғ, буҳтон. Хайр, он рӯзҳо, талхиву шириниҳо паси сар шуданд. Даҳ соли сарварии ҳафтавори адабӣ буданам беҳтарин айёми умри ман мебошад.

Ба ҳайати эҷодии имрӯзаи ҳафтавор бовари калон дорам. Медонам, ки ҳоло дар табъу нашри ҳафтавори «Адабиёт ва санъат» мушкилоти зиёде ҷой доранд, вале онҳо мегузаранд, ва ҳафтавор боз шӯҳрати пешинаашро ба даст меорад.

## ШЕЪР – ДАСТОВЕЗИ МАН

### Мусоҳиба бо хабарнигори рӯзномаи «Минбари халқ»

Устод Аскар Ҳаким аз чеҳраҳои шинохтаи адабиёт ва миллати тоҷик аст. Ӯ пас аз хатми аспирантураи Донишгоҳи давлатии ба номи Ломоносови шаҳри Маскав барои кор бо маҷаллаи «Садои шарқ» даъват шуд. Сипас, сармуҳаррири рӯзномаи «Маданияти Тоҷикистон», сармуҳаррири ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» ва вазифаи Раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистонро ба ӯҳда дошт.

Нахустқадами ҷиддии ӯ дар нақди адабӣ мақолаи «Нӯшбоди шоир» аст, ки соли 1971оид ба ашъори Лоиқ навишта шудааст.

Маҷмӯаҳои зиёди ашъори ӯ, то имрӯз, паиҳам, дастраси хонандагон гардидаанд. Дар арафаи ҷашни мавлудашон бо устод телефонӣ нахуст бо суоли «Шумо ба ҷашни шастсолагиатон бо чӣ дастовезе ворид шудед?» муроҷиат карда, чунин посух гирифтем:

– Дастовези шоир шеър аст ва ҷуз он чизи дигаре ҳам буда наметавонад. Нашриёти «Адиб» китоби маро бо унвони «Санги ман – алмос» аз чоп баровард. Ба андешаи ман ин китоб дар нисбати китобҳои пешинам комилтар аст. Он аз шеърҳои оҳанги маънавӣ, иҷтимоӣ ва фалсафидошта, шеърҳои суннатӣ ва нав, манзумаи «Санги ман – алмос», пораҳо аз «Достони Нону Имон» ва рубоиҳо мураттаб шуда, бо сарсухани адиби маъруфи ҷаҳонӣ Расул Ҳамзатов оғоз ва бо охирсухани Алиризои Қазва анҷом ёфтааст.

Агар аз ман пурсанд, ки кадом китобатро дӯст медорӣ «Санги ман – алмос»-ро номбар мекунам. Зеро як силсила шеърҳои он дар ҳолати бехудии шоир гуфта шудаанд ва аз ин рӯ қисме аз онҳоро то андозае дӯст ҳам медорам. Дер боз мехостам соҳиби китобе бошам, ки аз тӯҳфа кардани он ба касе ифтихор карда, сарбаланд бошам. Яъне ин китоб барои ман арзиш ва асолат дорад. Ва фикр мекунам, ки имрӯз ба ин мақсади худ расидам.

Достони «Санги ман – алмос» дар Иттифоқи байналмилалии нависандагон дар шаҳри Маскав, ҳангоми баррасӣ баҳои баланд гирифт. Дар таърихи адабиёти тоҷик ин гуна баҳо танҳо ба ду асар: «Сурӯши Сталинград»- и устод Мӯъмин Қаноат ва «Санги ман – алмос» насиб гардидааст.

Ҳамчунин, бояд бигӯям, ки то ин дам дар Америко, дар Лос-Анҷелес, «Шаҳри меҳолуд», дар Нию-Йорк «Баргпайванд», дар Теҳрон «Баргузидаи ашъори Аскар Ҳаким», дар Маскав «Путник», «... И снова взойдет солнце», маҷмӯаи мақолаҳо бо номи «Творцы созвучий» аз чоп баромаданд. Асарҳои адибони русу ҷаҳониро низ тарҷума кардаам, аз ҷумла «Мазҳакаи илоҳӣ»- и Дантеро. Дар шаҳрҳои бузурги Америко – Нию-Йорк, Вашингтон, Лос-Анҷелес, Сан-Ҳузе, Портланд, Вашингтон – Сиатлл, дар кишварҳои Инглистон, Олмон, Ҳуланд, Эрон, Ироқ ва ғайра дар маҳфилҳои бузург шеърхонӣ карда, хуш истиқбол ҳам ёфтаам. Ашъорам бо забонҳои байналхалқӣ тарҷума шуда, мақолаҳоям дар бонуфузтарин маҷаллаҳои дунё, аз ҷумла «Адабиёти ҷаҳон – имрӯз»-и ИМА, «Советская литература»-и ИҶШ ба нашр расидаанд.

**- Устод, ба андешаи шумо аз мунаққидӣ то шоирӣ як қадам аст ё роҳест тӯлонӣ?**

- Дар аспирантура, дар аввал мехостам бо шеър машғул бошам, вале дидам, ки он ҷо талабот дигар аст. Илми адабиёт ҳам кори шавқовар, аммо сангин аст. Дар доираи адабии Султон Маҳмуд 400 нафар шоир буд, вале муҳаққиқони адабиёт ангуштшумор. Ба ман баъзан мегӯянд, ки Шумо аз нав ба шеър баргаштед, вале ҷавоби ман ин аст, ки ман аз яке нарафтаам ва ба дигаре наомадаам, ҳамеша бо ҳарду будам ва бо ҳарду мемонам. Барои ман жанр муҳим нест, балки муҳимтар ва аввалтар баёни андеша аст.

**P. S. Аз номи хонандагони сершумори рӯзномаи «Минбари халқ» устод Аскар Ҳакимро ба муносибати шасти камолоташ самимона муборакбод намуда, барояш тансиҳатӣ, умри дарози бобаракат ва расидан ба қуллаҳои баландтарини эҷодиро таманно мекунем.**

**Мусоҳиб**
**Маҷнуни Карим, «МХ»**

## ЗАМОНИ ИФТИХОР ОМАД

**Мусоҳиба бо хабарнигори рӯзномаи «Садои мардум» С. Аюбзода**

**– Муҳтарам Аскар Ҳаким, суҳбати мо ба давраи таърихӣ рост омад. Имрӯзҳо тамоми васоити ахбори умум фармон ва мурочиатномаи Сарвари давлатамон Эмомалӣ Раҳмонро дар бораи низоми нави пулӣ дар кишвар такрор ба такрор ба самъи ҳамватанонамон мерасонанд, дар хусуси ба муомилот ҷорӣ гаштани пули миллии мо – сомонӣ мужда медиҳанд...**

– Бале, воқеан, ин рӯйдоди таърихӣ ва пурифтихорро ба Шумо, ба воситаи рӯзномаи «Садои мардум», ба тамоми мардуми диёри азиз табрик мегӯям. Президенти муҳтарами мо Эмомалӣ Раҳмон бори дигар пешвои арзандаи миллат, фарзанди фарзонаи диёри худ, ифодагари ормонҳову маромҳои наҷиби ҳамватанони баору номуси худ буданашонро собит намуданд. Охир, пули миллӣ баъд аз Нишону Парчам, Суруди милливу дигар муқаддасот рукни муҳиму асосиест, ки тавассути он симои хосу фарққунанда, мустақилияти ин ё он халқу давлат шинохта мешавад. Боиси ифтихор аст, ки мо ҷашни 10-солагии истиқлолияти Ватанамонро бо пули миллии худ, ки бо номи зебо, ороиши пурмазмуну ҷолиб, андозаи мувофиқу дилписандаш аз воҳидҳои пули дигар кишварҳо фарқ мекунад, ҷашн хоҳем гирифт...

**– Аскар Ҳаким, ин суханҳои ифтихорангези Шумо бисёр гувороянд, вале ман супориш гирифтаам, ки бо Шумо ҳамчун бо муовини Раиси Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамсуҳбат шавам...**

– Мову Шумо аз мақсад дур нашудаем. Марому ҳадафҳои ҳама гуна қонунэҷодкуниҳову қонунгузориҳо ҳам саодати инсонҳо, беҳбуди зиндагии мардум ва осоишу оромиши халқи диёр бояд бошад. Тавре ки медонед, ман ҳам дар ҳайати комиссиюни бонуфузи ҳукуматӣ дар бобати бенуқсон гузаронидани маъракаи ҷорӣ намудани низоми нави пулӣ дар мамлакат шомил ҳастам ва вазифадорам, ки боиси ифтихори мо, тоҷикон, будани ин маъракаи муҳимро ба ҳамватанонам фаҳмонам. Фаҳмонам, ки онҳо ба иғво ва дасисаҳои баъзе аз бадхоҳони миллат, ки сиёсати низоми нави пулиро ғалат фаҳмонда, мардумро ба воҳимаву сарсонӣ андохтанӣ мешаванд, ҳеҷ гоҳ бовар накунанд.

Мутаассифона, як муддат чунин иғвогарон ба гӯл задани мардуми оддии меҳнатӣ, ки ба тамошои оинаи нилгуну шунидани навигариҳо аз радио, хондани рӯзномаву нашрияҳо вақту имкон надоштанд, ноил гардида, дар бозорҳову дӯконҳо ҳангомаҳо ба вуҷуд оварданд ва сабабгори баланд гаштани нарху наво шуданд. Хушбахтона, мо тавонистем ҳақиқати ин сиёсатро ба ҳамдиёрон фаҳмонем. Имрӯз аллакай ҷойи тарсу ҳаросу сарсониҳоро ҳисси гуворои ифтихор ишғол намудааст.

**– Хуб. Биёем сари мақсад. Шумо яке аз он аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии мамлакат ҳастед, ки бо таъйини Президент ин мартабаро соҳиб гаштед. Ва агар хато накунам, Президенти кишвар дар нахустҷаласаи якҷояи Маҷлиси Миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ дар паёмашон тақрибан «Ман бесабаб Аскар Ҳакимро ба узвияти Маҷлиси миллӣ шомил накардаам…» – гуфта буданд...**

– Бале, ба хотир дорам. Ин суханони сарвари давлат як ҷаҳон маъно доштанд. Онҳо маро водор мекарданд, ки дар ин органи олии қонунбарори мамлакат беҳуда ҷойро банд насозам. Он суханҳо, аз як тараф, маро ба масъулият водор карда бошанд, аз тарафи дигар, гувоҳи он буданд, ки Сарвари давлати тоҷикон ба аҳли илму адабу фарҳанги диёр эҳтиром мегузоранд ва аз онҳо бахри ободию пешрафт ва шаъну шарафи кишвар умедҳои зиёд доранд.

**– Ва шояд он суханҳо сабаб шуданд, ки Шуморо яку якбора муовини Раиси Маҷлиси миллӣ интихоб намуданд.**

– Шояд. Вале бояд бигӯям, ки сарпарастии Президенти кишвар аз аҳли адаб ҳамешагист. Ба Нависандагони халқии мо дар ин солҳои мушкил дар ҳаҷми 50 доллари ИМА маоши ҳармоҳа таъйин кардани Президент далели ин аст. Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси олии мамлакат муҳтарам Маҳмадсаид Убайдуллоев ҳам маърифати воло доранд ва ба аҳли илму адаб, эҷодкорону фарҳангиён арҷ мегузоранд, ҳуқуқи истифодаи бепули нақлиёти ҷамъиятӣ, пардохти музди ҳармоҳаи истифодаи телефон ба ҳамаи аъзои Иттиҳодияи нависандагон, дар шаҳри Душанбе, аз ҷониби ҳукумати шаҳр, ду мисоли равшан аст.

**– Бо вуҷуди ин, Шумо ҳамчун раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон эҳсос мекунед, ки адибони маъруфи мо аз шароити хуби зиндагию эҷод, аз муҳити солими адабие, ки солҳои пеш доштанд, бархурдор нестанд.**

– Албатта. Ин табиист. Баъди пош хӯрдани ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравии собиқ зиндагии адибон вазнин ва чопи асарҳояшон аз он ҳам душвортар гашт.

**– То имрӯз равобити ҳамкории эҷодӣ миёни олимони кишварҳои ИДМ, ва умуман, сайёра гусаста нашудааст. Масалан, олимони мо ҳам дар симпозиуму конфронсҳои байналхалқӣ ширкат меварзанд, маърӯзаҳо мекунанд. Вале, мутаассифона, чунин анъанаи нек дар байни адибон вуҷуд надорад. Барои мисол, худи Шумо дар чанд соли охир ҳамчун раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ба куҷоҳо сафар намуда, адабиёти тоҷикро муаррифӣ кардаед?**

– Дар аввали солҳои навад, то ба имзо расидани Шартномаи истиқрори сулҳ ва ризояти ҷомеа, ҳангоме ки дар Тоҷикистон буҳрони сиёсӣ ва ҷангҳои шаҳрвандӣ давом дошт, таваҷҷуҳи кишварҳои хориҷии дуру наздик ба мо, адибон, махсусан, ба намояндагони ташкилотҳои эҷодӣ ва ғайридавлатӣ, ба назарам, хеле афзуда буд. Онҳо мехостанд аз мо, аз онҳое, ки ашхоси эҷодӣ ва ғайрирасмию ғайридавлатӣ ҳастанд, ва то андозае ақидаи озод аз ҷиҳатгирии сиёсӣ доранд, воқеияти ҳоли Тоҷикистонро бифаҳманд, ва моро аз ҳисоби худ ба кишварҳояшон даъват мекарданд. Баъзеҳои ин даъватҳо, аз ҷониби созмонҳои эҷодию илмӣ, ба хотири ошноӣ бо Тоҷикистон ҳам буд, зеро онҳо дар бораи таъриху адаб, ва умуман, кишвари мо маълумоти ночизе дошта, ба он восита аз мо маълумот ва огоҳии бештаре доштан мехостанд. Худи маро дар он солҳо дуборӣ ба Амрикою Инглистон ва як бор ба Ҳуланд ба сифати шоир ва мутахассиси адабиёти муосир даъват карда буданд, ки вохӯриҳои адабӣ гузаронам ва дар донишгоҳҳояшон лексияҳо хонам.

Сафарҳои ман ба ин кишварҳо қариб думоҳӣ давом дошт ва ман дар донишгоҳҳои бузургтарини ин кишварҳо ва созмонҳои эҷодию адабиашон суханронӣ, шеърхонӣ ва суҳбатҳои дуру дарозе кардаам. Пас аз ин, сафарҳои мухтасаре ба Эрон, Покистон ва аввали ҳамин сол дар ҳайати Созмони Байналмилалии Иттифоқҳои нависандагон ба Чин сафар доштам.

Бешубҳа, ҳарфи Шумо дуруст аст, зеро мо, махсусан, ҳоло кам сафар дорем, он чизе ки ман гуфтам, барои қариб даҳ сол тамоман ночиз аст. Ин ҷо чанд сабаб ҳаст. Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ташкилоти ғайридавлатист, ва агар аз ҷониби кишварҳои хориҷӣ даъват гирад ҳам, агар худи даъватдода харҷи сафарро напардозад, мо ба он сафар рафта наметавонем. Вале олимон, ки асосан дар донишгоҳҳо ва Академияи илмҳо ҷамъ омада, ин ташкилотҳо дар ҳамаи кишварҳои дунё асосан давлатиянд, барои гузаронидани ҷамъомадҳои илмӣ ва маблағгузорӣ кардани онҳо имконияти бештаре доранд.

**– Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китобашон «Тоҷикон дар оинаи таърих» чунин ҷумлаи пурҳикмате доранд: «... бебаҳотарин сарвати Тоҷикистон ин нерӯҳои зеҳнии ақлӣ, яъне аҳли зиё, аҳли маърифату эҷодаш аст...» Вале чаро Ҳукумати Тоҷикистон аз «ин нерӯҳои зеҳнии ақлӣ» кам истифода мебарад? Масалан, дар бисёр кишварҳои дунё адибонро ба корҳои дипломатӣ ҷалб месозанд, онҳоро ба ҳайси сафир дар кишварҳои дигар, ё худ ба вазифаҳои масъули сафоратхонаҳо ба кор мефиристанд. Оё адибони мо аз ӯҳдаи ин корҳо баромада наметавонанд?**

– Аввалан, мехоҳам қайд кунам, ки баъзеи мо аз он дилсӯзӣ, ғамхорӣ ва ифтихоре, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз нирӯи илмию адабии аҳли зиё доранд, шояд камтар дошта бошем ва аз ин рӯ бо тамоми дилу ҷон аҳамият ва зарурати иҷрои ҳамаҷонибаи онро то ба охир дарк карда наметавонем. Вагарна, авзои фарҳангиён ва адибон ба маротиб хуб шуда буд. Он нуктае, ки шумо мисол мезанед, низ аз қабили чунинҳо буда, комилан дуруст аст, зеро аҳли адаб аз рӯи моҳияти зиндагӣ ва корашон худ сафири кишвари худ ҳастанд. Кист, ки ба дараҷаи адиб тамоми умрашро барои омӯхтан ва тасвир кардани таърихи дирӯзу имрӯз, фарҳанг, зиндагӣ, хулқу атвор ва ҷаҳонбинии халқаш сарф карда бошад? Ба замми ин, сафири давлати худ ва ё корманди масъули сафоратхонаҳои давлати худ бошанд, чӣ беҳтар! Зимнан бояд бигӯем, ки аксари давлатҳои ҳамсоя ва ИДМ низ барои иҷрои ин мақсад аз адибон истифода кардаанд, ва адибонашон дар кишварҳои гуногун сафирони мамлакаташон ҳастанд ва ё дар сафоратхонаҳо вазифаҳои масъул доранд.

**– Ба ақидаи ман, агар ҳар қадар бештар адибонамон ба корҳои дипломатӣ ҷалб ва ба сафарҳои эҷодӣ ба дигар кишварҳо фиристода шаванд, тарғиби сиёсати сулҳҷӯёнаи арбоби давлатамон, таҷрибаи фарҳангу адабиёту санъати миллии мо ҳамон қадар хубтару беҳтар мегардад ва мардуми мо ҳам тавассути асарҳои он адибон аз фарҳангу адабиёт ва таҷрибаҳои волои кору зиндагии халқҳои дигар бештар маълумот пайдо мекунад. Ҳамин тавр не?**

– Дар ин суоли Шумо худи ҷавоб ҳам ҳаст, ва аз ин рӯ, ман ба ҷуз танҳо комилан дуруст аст гуфтан, зарурати ҳарфи дигареро намебинам.

**– Вазъи имрӯзаи адабиёти тоҷик, шароит ва усулҳои кор дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, сифати қабули адибони ҷавон ба узвияти ин иттифоқ, иштироки адибон дар ҳаёти ҷамъиятии кишвар чӣ тавр аст? Оё ҳолати мавҷуда Шуморо қаноатбахш карда метавонад?**

– Суолҳое, ки Шумо гузоштед, мавзӯи баҳси як анҷумани адибон аст ва дар суҳбати мухтасаре маҷоли ҷавоби онҳо нест, вале ба ҳар ҳол як-ду сухан мегӯям. Қаноатмандӣ аз вазъи адабиёт аз қаноатмандии ҳар адиб аз эҷодиёти худаш ва ё қаноатмандии як адиб аз эҷодиёти адиби дигаре ба вуҷуд меояд. Ман бошам, агар сидқан бигӯям, аз навиштаҳои худам ҳам қаноатманд нестам. Дар ҳоле ки ман аз худ қаноатманд нестам, ҳамчун як нафаре, ки бо қалам сари кор дорад, на ҳамчун масъули ташкилоти эҷодӣ, оё метавонам аз вазъи умумии адабиёт қаноатманд бошам?! Дар асл қаноатмандӣ дар адабиёт хатарноктарин чиз аст, зеро адибро дигар ба инкишофу пешравӣ таҳрик намекунад. Адиб ва адабиёте, ки аз худ қаноатманд будааст, бе ҳеҷ шакку шубҳа аз ривоҷ мондааст. Норизоӣ аз худ гарави пешравии адиб ва адабиёт аст.

Усули кор дар Иттифоқи нависандагон баъд аз истиқлол, аз байн рафтани тасаллути сиёсати ҳизб ба кори адабӣ, пеш омадани иқтисоди бозор, пайдо шудани нашриёт ва нашрияҳои хусусӣ хеле дигаргунӣ пазируфт, ки ташреҳи ҳамаи ин ҷои бисёре мехоҳад, вале як чиз аҷиб аст, ки бо пеш омадани мушкилоти чоп, набудани ҳаққи қалам, ва ё дар қиёси солҳои

пешин ночиз будани он, сафи онҳое, ки менависанду китоб чоп мекунанд, ба ҷои кам шудан, меафзоянд. Бисёрии онҳо, албатта, ҳавасакӣ ҳастанд, дер ё зуд мегузаранд, вале кори Иттифоқи нависандагон, ки аз байни онҳо беҳтаринҳояшонро интихоб карда, ба сафи худ пазирад, хеле бисёр шудааст. Боз, одатан, чӣ мекунед, ки муаллиф ҳар қадар беистеъдодтар аст, даъвояш ҳамон қадар бузургтар аст...

Адибон дар ҳамаи корҳои ҷамъиятии кишвар иштирок доранд. Инро шумо ҳамарӯза аз васоити ахбори умум ҳам мушоҳида карда метавонед.

**– Солҳои охир, ҳам аз тариқи нашриётҳои давлатӣ ва ҳам бо маблағи худи муаллифон, асарҳои назмӣ ва насрии зиёде чоп шудаанд. Шумо дар хусуси онҳо чӣ ақида доред?**

– Ба ин суол дар боло қисман ҷавоб гуфта шуд. Ман, албатта, ҷонибдори адабиёти асил ҳастам, ки бисёрии он китобҳо, мутаассифона, аз ин қабил нестанд, ва чопи онҳо зарур ҳам нест. Вале аз ҷониби дигар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон озодии сухан ва табъу нашрро иҷоза додааст, ки ин дастоварди бузурги озодӣ ва истиқлол буда, ба ҳар кас имкони чоп ва нашри суханашро медиҳад. Вале на фақат дар байни китобҳое, ки нашриётҳои давлатӣ чоп мекунанд, балки дар байни китобҳое, ки муаллифон дар нашрияҳои хусусӣ бо маблағи худ ва ё сарпарастон ба нашр мерасонанд, низ асарҳои хуб ҳастанд. Моҳияти асар дар худи асар аст, на дар он ки дар куҷо чоп шудааст, ҳарчанд ҳоло нашриётҳои давлатӣ китобҳои сараро бештар нашр менамоянд.

**– Чанд сухан дар бораи тарҷумаи асарҳои бадеӣ мегуфтед. Оё дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон шӯъбаи тарҷумони бадеӣ вуҷуд дорад? Асарҳои адибони тоҷик ба дигар забонҳо тарҷума ва чоп мешаванд, ё худ дар ин бобат мо бо Иттифоқҳои нависандагони дигар кишварҳо ҳамкории эҷодӣ дорем ё не?**

– Аввалан, дар Иттифоқи нависандагон ҳеҷ вакт шӯъбаи тарҷумонӣ вуҷуд надошт, балки шӯъба ё сексияи тарҷума буд ва ин аз он чизе, ки шумо мегӯед, фарқ дошта, вазифааш баррасӣ ва роҳбарии кори тарҷумаи адабиёти бадеӣ буд, ва он ҳоло ҳам ҳаст. Мутаассифона, дар чанд соли охир бо сабаби набудани ҳаққи қалам ба тарҷума ва мушкилоти чоп, ин кор қариб тамоман аз даст афтод, махсусан, тарҷума аз забонҳои дигар ба тоҷикӣ. Вале ИНТ кӯшид, ки намунаҳои беҳтарини назму насри муосири тоҷикро ба воситаи Созмони Байналмилалии Иттифоқҳои нависандагон дар Маскав ба русӣ тарҷума кунонида, ба нашр расонад, ки маҷмӯаҳои дастҷамъии ашъор «Дуои борон» (Моленье о дожде), «Ҳазор чашма» (Тысяча родников), «Дашти морон» (Змеиное поле) аз қабили онҳоянд.

Моҳи апрели ҳамин сол дар Созмони байналмаилалии иттифоқҳои нависандагон дар Маскав бо иштироки шоиру мунаққидони машҳури кишварҳои муштаракулманофеъ достони банда «Санги ман – алмос», ки аз ҷониби шоири маъруфи рус Станистав Золотсев ба русӣ тарҷума шуда буд, мавриди баррасии амиқ ва ҳамаҷониба қарор гирифта буд. (Зимнан ба идораи «Садои мардум», ки мухтасари он муҳокимаро ба чоп расонида буд, ташаккури худро изҳор мекунам.)

Аввалҳои ҳамин сол дар Остона – пойтахти Қазоқистон, ҷамъомади намояндагони адабию фарҳангии кишварҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон баргузор шуд, ки дар он Президенти Қазоқистон ҷаноби Назарбоев Н. А. иштирок ва маърӯза карда, сухани ҷамъбастӣ гуфта буд. Дар он ҷамъомад банда дар суханронии худ пешниҳод кардам, ки барои адабиёти ин минтақа маҷаллаи адабию фарҳангӣ таъсис шавад, ва ин пешниҳодро ҷаноби Назарбоев Н.А. қабул дошта, ваъда кард, ки нашри онро Қазоқистон ба зиммаи худ мегирад. Ба наздикӣ мо аз

Қазоқистон мактуб гирифтем, ки намунаҳои насри бадеии тоҷикро дар тарҷумаи русӣ бифиристем, ки онро дар алманах ҷой бидиҳанд, яъне кори чопи нашрия оғоз шудааст. Ин иқдоми хушест барои такомули шинохти адабии халқҳо дар ин минтақа.

**– Дар бораи эҷодкорони ҷавон чӣ мегӯед? Оянда адабиёти моро киҳо муаррифӣ хоҳанд кард?**

– Ҳоли эҷодкорони ҷавон аз назари истиқлоли эҷодиёт хуб аст, зеро онҳо аз тасаллути сиёсати ҳизбӣ озод ба камол мерасанд ва бештар бар асолати адабиёт меандешанд, на ба созгории он ба ин ё он сиёсати ҳизбӣ, вале аз ҷиҳати сари вақт ба чоп расондани асарҳояшон мушкилӣ мекашанд, ба ҳар ҳол, ин беҳтар аз он аст, ки дар эҷодиёт озод набошӣ. Муҳимаш навиштани асари асил, асар, ки асил бошад, ҳатман як рӯз не як рӯз, чоп мешавад ва ҳатто чоп нашавад ҳам, аз байн намеравад ва як мақоли русӣ ҳам ҳаст, ки мегӯяд: дастнависҳо намесӯзанд (рукописи не горят).

Фақат ҳаминаш ҳаст, ки солҳои пеш адибони ҷавон барои асарҳояшон каму беш ҳаққи қалам гирифта, сарфи зиндагиашон мекарданд, акнун бошад ин кор душвор шудааст.

Дар шеър ҳоло мо ҷавонони умедбахше ҳамчун Шаҳноза, Озарахш, Сурӯш, Исфандиёр, Абдуқодири Раҳим ва дар наср Саидаҳмади Зардон, Маҷид Салим, Азизи Азиз, Наҷмиддини Шоҳинбод дорем, ки дар оянда бо асарҳои пурарзиши худ адабиёти моро ғанитар хоҳанд кард.

**– Аскар Ҳаким, суҳбати мову Шумо дар арафаи Рӯзи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад. Сарқонуни мо 6 ноябри соли 1994 баъди раъйпурсии умумихалқӣ қабул шуд. 26 сентябри соли 1999 баъди раъйпурсии умумихалқӣ ва мувофиқи талаботи Созишномаи истиқрори сулҳ, ки 27 июни соли 1997 аз ҷониби Президенти мамлакатамон Эмомалӣ Раҳмонов ва собиқ сарвари иттиҳоди мухолифини тоҷик ҷаноби Саид Абдуллоҳи Нурӣ баста шуд, ба он тағйироту иловаҳо дохил гардид. Парлумони думаҷлиса, ки ҳоло Шумо муовини Раиси Маҷлиси миллии он мебошед, ба талаботи собиқ мухолифин арзи вуҷуд намуд. Ба фикри Шумо, агар он талаботҳо намебуданд, сохтори пешинаи Маҷлиси Олӣ бетағйир давом меёфт?**

– Саволатон айни муддаост. Ба фикри ман, ҷавҳари сиёсати хирадмандонаи Президенти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамин зоҳир гардид, ки ӯ гуфтушунидҳои тӯлониро бо собиқ мухолифин давра ба давра ба роҳ монд. Ду ҷониби ба ҳам зид, ки дар оғоз якдигарро таҳаммул карда наметавонистанд, дар натиҷаи баҳсҳову машваратҳои бисёре ба нуқтаи дарки воқеии ҳодисаҳо расиданд. Дурустии сухани Мавлавии бузург:

*Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад,*
*Ақлҳоро ақлҳо ёрӣ диҳад. –*

собит гардид. Машваратҳо ба ҳарду ҷониб идроки хушёрӣ дод ва онҳо дарёфтанд, ки дар бобати истиқлолияти комил, якпорчагии кишвар ва ба оромишу саодат расидани миллати азиятдидаашон мақсаду ормонҳои якхела доранд. Вагарна бе дархосту талаби мухолифини собиқ низ мо дар оқибати кор сохтори Парлумони дупалатагиро ҳатман мепазируфтем. Мухолифини Ҳукумати Тоҷикистон дарк карданд, ки ҳисси ифтихори милливу ватандории Президент Эмомалӣ Раҳмон бузург аст, беихтиёр дар атрофи ӯ ҷамъ омаданд, ва тадриҷан кинаҳо ба меҳр бадал гардид.

**– Пас, Шумо ба ақидаи Нависандаи халқии Тоҷикистон Саттор Турсун мувофиқед, ки дар мақолааш дар рӯзномаи «Баҳори аҷам» ва дар мусоҳиба бо мухбири ҳафтаномаи «Вечерний**

**Душанбе» изҳор кардааст: «Агар абармардони замони мо дарк менамуданд, ки Эмомалӣ Раҳмон барои халқи худ барои суботи сулҳ дар ҷумҳурӣ ва бехатарии минтақа чӣ қадар фидокорӣ намудааст, онҳо ӯро ба дарёфти Ҷоизаи Нобелӣ пешбарӣ мекарданд»?**

– Оре, сад дар сад мувофиқам. Ин ақидаи нависандаи машҳури мо Саттор Турсун ифодагари армонҳои тамоми мардуми кишвар аст. Бори дигар дар пешгуфтори мусоҳибаи нависанда бо мухбири рӯзномаи «Вечерный Душанбе» таъкид ёфтани ин суханҳо ва дар рӯзномаҳои бонуфузи «Ҷумҳурият» ва «Садои мардум» нашр шудани тарҷумаи он мусоҳиба далели гуфтаҳои болоанд.

**– Ташаккур, устод. Ва Шумо, ки шоир ҳастед, мехоҳам ин мусоҳибаро бо як байт ё худ як пора шеъри Шумо, ки созгори армонҳои мардуми Ватани азизамон бошад, ҳусни анҷом бубахшем.**

– Хуб шудааст:

*Аз миллату аз забони худ ёд кунед,*
*Арвоҳи гузаштагони худ шод кунед.*
*То гӯши ҷаҳон ба ҳарфи тоҷик бувад,*
*Тоҷик шаведу тоҷикобод кунед.*

Дар охир мехоҳам халқи азизамро ба муносибати 6-солагии Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон табрик гӯям ва орзу кунам, ки ҳар як фарди диёр ба қадри осоишу оромиши Ватани соҳибистиқлоламон бирасад. Маҳз бо ҷаҳду талошҳои Президенти кишвар ин осудагӣ муяссар шуд, замони ифтихори ватандорӣ, замони созандагӣ фаро расид.

Таманно дорам, ҳамагон ин ифтихорро дошта бошанд ва дар пешрафту ободии диёр саҳми арзандаи худро гузоранд.

**– Саломат бошед, устод!**

**Соли 2000**

## ШОИР – ЗАБОНИ МИЛЛАТ ВА АДОЛАТ

**Мусоҳиба бо хабарнигори рӯзномаи «Садои мардум» Шаҳрияи Адҳамзод**

**– Устод вақте достони хеле зебо, ғиноию фалсафии Шумо «Санги ман – алмос»-ро мехонам, тамоми ҳастиямро ҳиссиёти пуртаъсире фаро мегирад, ки далели комилан самимӣ будани он аст, ба вижа ҷое, ки аз модар ёд мекунад, он хаёлист ва ё заминаи ҳаётӣ дорад? Рӯзгори кӯдакии Шумо чӣ гуна буд?**

– Ман модарамро ёд надорам, зеро ҳангоми марги фоҷиавии ӯ, ки дар манзума ба он ишорат кардаам, ман каме бештар аз ду сол доштам. Маро модаркалони падариям, ки ман ӯро як умр модар мегуфтам, ба воя расондааст. Рӯҳаш шод бод, ӯ маро воқиан ба ҷойи модар будааст. Ман аз ӯ дар оғози манзумаи «Достони Нону Имон» дар боби «Суфраи модар» ёд кардаам.

**– Бисёр маъзурам, ки ноогоҳона ба захми Шумо даст расонидам. Вале агар гуфтаи Эрнест Ҳеменгуэй, нависандаи бузурги амрикоиро ба инобат гирем, ки чунин аст: барои шоир шудан бачагии бадбахтона зарур аст, худи қисмат барои Шумо ҳамин гуна заминаро ҳозир карда буд.**

– Мутаассифона...

**– Мутаассифона, барои Шумо, вале хушбахтона барои Шеър.**

– Инашро ба доварии замон мегузорем. Вале маънии суханони Ҳеменгуэй, ки Шумо ёд овардед, ба назари ман, дар он аст, ки тифли ятим ниҳоят ҳассос ва дардошно ба камол мерасад, ки бе ин сифатҳо шоири асил, махсусан, шоири лирик, ғиноӣ шудан имкон надорад.

**– Ибтидои фаъолияти эҷодии Шумо чӣ гуна сурат гирифтааст?**

– Ман тақрибан аз синфҳои шашум-ҳафтуми мактаби миёна ба шеърнависӣ шурӯъ кардам, аммо аз рӯйи он фаҳмише, ки имрӯз аз шеър дорам, онҳо арзише надоранд, ки аз онҳо ёд биёрам. Дар давраи донишҷӯиям ҳам чизакҳое менавиштам, ки дар матбуоти даврӣ чоп мешуданд. Баъди хатми донишгоҳ ва адои хидмати ҳарбӣ каме, ним сол, дар Кумитаи телевизион ва радио муҳаррир шуда кор кардам, пасон ба Маскав рафта, ба аспирантураи Донишгоҳи давлатии ба номи Ломоносов, ки яке аз муътабартарин марказҳои илм буд, дохил шудам. Ба ростӣ, дар аввал мақсадам аз дохил шудан ба аспирантура олим шудан набуд, мехостам се соли онро ба шеърнависӣ сарф кунам, дар ду-се моҳи аввал ҳамин тавр ҳам кардам, вале баъд кам-кам, ки бо ҳаёти аспирантӣ ошно шудам ва дидам, ки аз ман кори илмӣ талаб доранд, на шеър, ҷиддан ба омӯхтани илми адабиёт машғул шудам ва он маро хеле машғул дошту медорад. Бовар кунед, дар кори таҳқиқи адабиёт ҳам он кайфият ва ранҷи гуворое, ки дар эҷоди он ҳаст, камтар нест.

**– Маро бубахшед, саволи густохонае медиҳам, ҳарчанд ман шоирам ва қадру манзалати шеъри Шуморо хуб медонам, дар бораи манзумаатон «Санги ман – алмос» мақола ҳам навишта будам, ҳамчун шоир аз баргаштани Шумо ба шеър хурсандам, вале агар Шумо кайфият ва ранҷи эҷоди асари бадеӣ ва таҳқиқи онро баробар медониста ва шояд ба онҳо арзиши баробар ҳам қоил бошед, пас чаро боз ба шеър баргаштед?**

– Аввалан, иҷоза диҳед, чун мавридаш расид, барои он мақолаи бисёр самимӣ ва амиқатон, ки муҳимтарин сифати достон, сифати шахсӣ ва дар айни ҳол умумибашарӣ доштани мундариҷаи онро таъкид карда будед, изҳори сипос кунам.

Баъдан барои савол ҳеҷ ҷойи маъзарат нест, ман ҳам мешудам ҳамин гуна суоле мекардам. Вале масъала ин ҷост, ки ман на аз он рафтаам ва на ба ин омадаам, зеро ман ҳамеша бо ҳар ду будаам ва мебошам, фақат бо яке бештар машғул будааму бо дигаре камтар, агар аввалҳо бо таҳқиқ бештар шуғл доштам, ҳоло бо шеър.

Дар бораи арзиши эҷоди бадеъ ва таҳқиқи эҷоди бадеъ. Ба ин ду, ки яке осори бадеъ, яъне ҳунар ва дигаре илм аст ва, албатта, илме, ки ба таҳқиқи ҳунар машғул мешавад, аз хусусияти ҳунар ҳам набояд бебаҳра бошад, – арзиши баробар қоил шудан мумкин нест, зеро онҳо навъҳои гуногуни фаъолияти зеҳнӣ ҳастанд, меъёри арзишашон аз якдигар на баланду паст, балки гуногун аст. Хонандаашон ҳам, осори бадеъ бештар барои доираи васеъи мардум, нақду таҳқиқи он бештар барои донишмандони адабиёт аст. Вале як чиз мусаллам аст, ки ҳар ду ҳам донишу истеъдод мехоҳад, ман асили онро дар назар дорам, вагарна сақаташ ҳоло дунёро пур кардааст.

Ба ёд оред, аз рӯйи маълумотҳо дар дарбори Султон Маҳмуд бештар аз чаҳорсад нафар шоир вуҷуд доштааст, оё метавонед, ки ҳамин қадар муҳаққиқи адабиётро ҳам номбар кунед. Дар тӯли ҳазор соли адабиётамон ҳам, бубинед, ки теъдоди шоир чи қадар ҳасту теъдоди муҳаққиқи шеър чи қадар. Албатта, дар ин маврид талаботи ҷомеаро ҳам аз назар набояд соқит

кард, ки ба осори бадеъ бештар ниёз дорад, то ба илми он ки аз гуногунии доираи хонандагонашон бармеояд, вале ба ҳар ҳол, агар ин кор осон мешуд, олимони забардасти он ангуштшумор набуданд.

Акнун дар бораи боз ба шеър баргаштани ман. Маро пас аз хатми аспирантура ба идораи маҷаллаи «Садои Шарқ» ба кор даъват карданд. Муҳити Иттифоқи нависандагон ва нашриёҳои он асосан муҳити адабист, то илмӣ. Дӯстони ман, аз устод Мӯъмин Қаноат, Лоиқ, Бозор Собир, Гулназар то ҷавонтарҳо Камол Насрулло, Раҳмат Назрӣ ҳама шоир буданд. Маро махсусан, Бозор Собир, ки мудири шӯъбаи назми «Садои Шарқ» буд, ҳамеша ташвиқ мекард, ки ба ту ҳамин танқид чӣ даркор, шеърнависӣ аз дастат меояд, шеър навис ва бисёр вақт, агар ба маҷалла тарҷумаи шеъри шоирони халқҳои дигар даркор шавад, ба ман медод, ки тарҷума кунам. Тарҷумаи шеърҳое, ки бо тахаллуси Афсар чоп шудаанд, ба хоҳиши ӯ ва қалами ман тааллуқ доранд. Ба ғайр аз ин ниёзи ботинии худро наметавон ба инобат нагирифт, маълум мешавад, ки он ба шеър қавитар будааст.

**– Вобаста ба ин ду масъала – шоирӣ ва мунаққидӣ – мехоҳам суол кунам, ки ба Шумо ҳамчун шоир шинохта шудан осонтар буд ё ҳамчун мунаққид?**

– Вақте ки нахустин тақризи ҷиддии ман – «Нӯшбоди шоир» дар бораи маҷмӯаи ашъори Лоиқ соли 1971 дар маҷаллаи «Садои Шарқ» чоп шуд, ман дар Маскав аспирант будам ва аз Душанбе аз устод Муҳаммадҷон Шукуров, ки бо ҳам шахсан шинос ҳам набудем, мактуб гирифтам. Он кас маро, пас аз мутолиаи он тақриз, ба Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи илмҳо, ки мудири шӯъбаи адабиёти муосири он буданд, ба кор даъват мекарданд. Ин даъват он замон ба ҷавоне, ки ҳоло аспирантураро хатм накардааст, бахти бузурге буд, боз ба чунин муассисаи илмӣ ва аз ҷониби ҳамчунин устоде.

Ин ҷо боз як қиссаи дигарро нақл мекунам, бо ҳамин масъала равшан хоҳад шуд. Мақолаи дуюми ман оид ба достони Қутбӣ Киром «Қуллаҳои ноаён» буд, ки соли 1972 дар «Садои Шарқ» чоп шуд. Гулназар, Шоири халқии Тоҷикистон, дар мақолааш «... Ишқи туро ғазал кунам», ки оид ба асарҳои ман аст, мехоҳам аз ӯ ҳам барои ин мақолаи пурмуҳаббат изҳори сипос кунам, менависад: «Устод Қутбӣ Киром маро дар кӯча диду пурсид:

– Аскар Ҳаким кист?

Гуфтам: – Яке аз шарикдарсони ман аст, ки ҳоло дар Маскав мехонад.

Вай бо шӯру қиёми зотиаш афзуд:

– Воллоҳ, мақолааш аз достони ман хубтар аст!». Бешубҳа, дар ин ҷо муболиғаи қутбиёна вуҷуд дорад, вале бар зимн нигарем, пазируфта шудани мунаққид аст. Шинохтани Аскар Ҳаким ҳамчун шоир бошад, ба душворӣ мавоҷеҳ меомад, ки ин ҳам табиӣ буд, зеро он аллакай ба Аскар Ҳакими мунаққид одат гирифта буд, шоириашро қабул кардан фурсат ва тааммул мехост. Ман, ки қаблан ин чизро медонистам, ба он эътибори ҷиддӣ намедодам, ба замми он гумон намекардам, ашъоре, ки дар аввалҳо чоп мекунондам, дар он пояи баланде буданд, ки ҷомеаи адабӣ маро ҳамчун шоир бояд кафкӯбон пешвоз мегирифт. На. Ҳаргиз. Онҳо шояд аз баъзеҳо хубтар, аз баъзеҳо бадтар буданд, вале муҳимаш ин буд, ки роҳ ба сӯйи такомул доштанд.

**– Асари таҳқиқотии Шумо дар бораи анъана ва навовариҳо дар шеъри муосири тоҷик «Шеър ва замон» соли 1978 ба чоп расидааст, ки китоби нахустинатон буд, Шумо бошед аз соли 1976 узви Иттифоқи нависандагон ҳастед, чӣ, магар Шуморо бе китоб ба узвият қабул карда буданд?**

– Бале, ҳамин гуна истисно рух дода буд бо раъйи устод Мирзо Турсунзода. Соли 1974 устод Турсунзода бо пешниҳоди М. Қаноат ва У. Раҷаб маро ба ҷонишинии сармуҳаррири

маҷаллаи «Садои Шарқ», ки муътабартарин нашрияи адабӣ буд, ба кор даъват карданд, ки он ҳангом ин барои ҷавони 28 сола вазифаи хеле баланд ва масъул буд ва ман дар байни ҳайати бонуфузи ин маҷалла, аз ҷумла Убайд Раҷаб, Лоиқ Шералӣ, Юсуф Акобиров, Шамсӣ Собир аз ҳама ҷавон будам.

Баъди ду соли корам, дар яке аз ҷаласаҳои раёсати Иттифоқи нависандагон, ки масъалаи тайёрии маҷлиси садоратро баррасӣ мекардааст, устод Турсунзода пешниҳод мекунанд, ки Аскар Ҳаким ба узвияти садорат интихоб карда шавад. Аъзои раёсат ба ӯ мегӯянд, ки мо чӣ хел ӯро ба узвияти садорат интихоб мекунем, ки ӯ ҳоло узви Иттифоқи нависандагон нест. Устод дар ҳайрат шуда мегӯянд, ки аъзо несту ҷонишини сармуҳаррири маҷаллаи адабиамон? Ман гумон доштам, ки ӯ кайҳо аъзои Иттифоқи нависандагон бошад. Ҳуҷҷатҳояшро ба ҷаласаи ояндаи раёсат тайёр кунед, супориш медиҳанд устод. Баъди ҷаласа дар рӯйи ҳавлии Иттифоқ ман иттифоқан бо устод рӯ ба рӯ омадам ва он кас маро нигоҳ дошта, хандон-хандон ин қиссаро нақл карданд. Дар маҷлиси ояндаи раёсат ман ба узвият қабул шудам.

**– Оё ба ягон каси дигар ҳам ҳамин гуна истисно рух додааст?**

– Бале, ба як нафар – устод Лоиқ, ӯ ҳам вақти қабул шуданаш китоб надошт, вале шеърҳояш дар матбуот бисёр чоп мешуданд, мақолаҳои ман ҳам, истисно шояд барои ҳамин буд.

**– Дар дасти ман ҷилди якуми «Асарҳои мунтахаб»-и Аминҷон Шукӯҳист, ки бо сарсухани Шумо «Шохаи райҳон ва себҳои шукуфта» чоп шудааст. Ман онро аз китобхонаи Шумо гирифтам. Дар он чунин соядасти муаллиф ҳаст: «Ба донандаи набзи назм, дӯсти ҳамқалам, ғаввоси баҳри маънӣ, кошифи асрори шеър – Аскар Ҳакимов бо эҳтиром ва орзуи парвозҳои баланд дар фазои беҳудуди адабиёт.**

**Аз муаллиф.**

**Барои ба табъ расидани ин китоб хизмати Шумо бузург аст. Ташаккур!**

**Бо эҳтиром А. Шукӯҳӣ, феврали соли 1978».**

**–Вобаста ба ин соядаст меххоҳам аз Шумо суол кунам, ки сабаби ташаккури устод Шукӯҳӣ аз Шумо дар чист ва умуман Шумо бо Шукӯҳӣ чӣ гуна иртиботе доштед?**

– Ман баъди хатми аспирантура ба ҷойи кори аввалаам ба Кумитаи телевизион ва радио баргаштам, устод Шукӯҳӣ раиси Кумита буданд. Азбаски сахт масруфи кор буданд, аз ман хостанд, ки дар таҳияи дуҷилдаи мунтахаби асарҳояшон мадад кунам. Ман ҳангоми таҳия баъзе шеърҳояшонро ҷо-ҷо таҳрир кардам, махсусан, дубайтиву рубоиҳояшонро, ки аз маҷмӯаи «Чормағз» ба дуҷилда ворид мешуд, аслан таҳрири казоӣ ҳам набуд, вале устод онро бо сипосгузории бисёр ва самимона қабул карда гуфтанд: – То ҳол ба шеъри ман касе қалам назада буд, ту ин корро кардӣ ва бисёр хуб кардӣ. Ман касе нестам, ки ба эрод гӯш надиҳам, ман онро месанҷам ва агар дуруст бошад, бо ҷону дил қабул мекунам. Ман инро аз устод Турсунзода омӯхтаам. Ва гуфтанд, ки устод Турсунзода ба рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ», ки ман муҳаррираш будам, мақолае оварданд, ки ман онро хонда, ба як калимааш эрод гирифтам, устод гуфтанд, ки агар дар сари Шумо ҳамин гуна эрод пайдо шуда бошад, дар сари дигар кас ҳам пайдо шуданаш мумкин аст, биёед, дигар мекунем ва ин гуна муносибати устод ба эрод ба ман сабақи якумра шуд.

Ба фикрам, он сипосгузории бисёр боз аз он сабаб буд, ки ман ҳангоми донишҷӯиям ба наздашон шеърҳоямро оварда маслиҳат мегирифтам ва устод диданд, ки ман дар як муддати кӯтоҳ тавонистаам оид ба шеър андешаи мустақили худро пайдо кунам, ба назокатҳои он сарфаҳм равам ва аз ин пешрафт он кас ҳамчун устод шодмонӣ ва сипосгузорӣ мекарданд.

**– Шуморо баъди ду сол ҳамчун котиби садорат муҳаррири рӯзномаи навташкили «Маданияти Тоҷикистон» таъйин карданд, ки ин вазифа аз вазифаи пештараатон ҳам масъулиятноктар буд, вале Шумо ҳамагӣ 34 сол доштед. Масалан, барои қиёс дар ин вазифа дар Ӯзбекистон нависандаи маъруфи солманд Асқад Мухтор, дар Туркманистон Қақалӣ Бердиев ва ҳамин гуна дар ҷумҳуриҳои дигар ҳам, ба қавле, адибони солманду пуртаҷриба кор мекарданд. Бо кӯшиши Шумо ин рӯзнома соли 1983 ба ҳафтавори «Адабиёт ва санъат» табдил дода шуда, ҳаққи қаламаш аз аввала қариб се баробар зиёд шуд, ки барои мо, нависандагон, аҳамияти калон дошт. Баъдтар, соли 1987 замимаи он аввалин нашрияи форсиҳуруфи «Пайванд»-ро дар Тоҷикистон интишор додед. «Адабиёт ва санъат» маҳбубтарин ҳафтавори ҷумҳурӣ гашта, теъдоди нашри он дар солҳои навади асри бист, дар давраи муҳарририи Шумо аз сад ҳазор ҳам гузашт, ки ин гуна пешрафт дар таърихи матбуоти Тоҷикистон ягона буд. Оё ҳамаи ин бароятон мушкил набуд ва барои эҷодиёти худатон вақт мегузошт?**

– Оё коре бе мушкилӣ мешавад? Шояд барои он мани ҷавонро таъйин карда буданд, ки ҳамаи ин корҳоро иҷро кунам. Биёед, шарҳи душвориҳои пешомадаро ба ягон мавриди дигар вомегузорем, зеро бисёранду суҳбат тӯлонӣ хоҳад шуд, фақат якаш ин аст, ки шӯъбаи агитатсия ва пропагандаи Кумитаи Марказии Партияи Коммунистии Тоҷикистон, ки тамоми матбуоти мамлакатро зери даст дошт, сад дар сад муқобил буд, ки рӯзномаи «Маданияти Тоҷикистон» ба «Адабиёт ва санъат» табдил дода шавад ва ин мавқеашро ба шӯъбаи дахлдори Кумитаи Марказии Партияи Коммунистии Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ ҳам изҳор карда буд. Ба мо лозим буд, ки худамон бо онҳо алоқа барпо карда, зарурати ин корро фаҳмонем ва Кумитаи Марказии Партияи Коммунистии Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ оид ба ин масъала қарори худро баровард. Дар замони Шӯравӣ ҳангоми зид будани шӯъбаи дахлдори Кумитаи Марказии ҳизби ҷумхурӣ ин кор на фақат иҷронашаванда, балки тасаввурнопазир буд, вале ба ҳар ҳол ба ин муваффақ шудем. Ҳоло, шукри Худо, бо шарофати истиқлол ва фарҳангпарварии Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ин гуна корҳо бе мушкилӣ ҳал мешавад.

Дар бораи вақти эҷод бошад, шояд аз сабаби камии вақт буд, ки ман он солҳо бештар ба рубоӣ рӯй овардам ва ба он дил бастам, ба қавле ҳар зиёнеро суде ҳаст.

**– Чун сухан сари сиёсати фарҳангии давлат расид, мехоҳам суол кунам, ки Шумо сиёсати фарҳангии давлату ҳукумати Тоҷикистонро имрӯз чӣ гуна мебинед?**

– Ман дар бораи сиёсати давлатӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва, аз ҷумла, фарҳангии давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳуриамон Эмомалӣ Раҳмон ба амал бароварда мешавад, дар мақолаи махсусам «Ҷомеа, Президент, Парламент ва Қонун» андешаҳоямро муфассал баён карда будам, ки дар рӯзномаи Шумо – «Садои мардум» ҳам чоп шуда буд ва таъкид менамоям, ки он андешаҳои ман нисбат ба пешина густардатар ва қавитар шудааст. Ҳоло, ки Шумо дар бораи як ҷиҳати он суол кардед, мехоҳам бигӯям, сиёсати фарҳангии ҳар давлат барои мустаҳкам кардани пояҳои давлат равона карда мешавад, ки он танҳо ба воситаи парвариши инсони озод ва шарафманд ба даст меояд, зеро танҳо меҳнати инсони озод пурсамар буда, кишварро шукуфо хоҳад кард ва ин инсон, ки барои ҳифзи озодии худ мекӯшад, дар як вақт озодии давлатро низ ҳимоя намуда, пояҳои онро устувор месозад. Давлат танҳо бо инсони озоду шарафманд ободу устувор хоҳад буд, ки вазифаи асосии фарҳанг, ба хусус адабиёт, тарбияи ҳамин гуна инсон мебошад.

Дар ин самт сиёсати фарҳангии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои қабули қонунҳое, ки ба ин мақсад мувофиқ бошад ва дар амалӣ сохтани онҳо бениҳоят арзишманд аст. Ба фикри ман, барои шакл гирифтани сиёсати хирадмандонаи фарҳангӣ таҷрибаи давлатдории муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Президент ва сифатҳои озодманишию адолатпарвариашон

ҳамчун шахсият, ки аз табиати инсониашон бармеояд, омили асосӣ мебошад. Аҳамияти бузург додан ба омӯзиш ва рушду нумӯи фарҳанги миллӣ ба маънои фарохаш – таърих, анъана ва расму оинҳо, забони модарӣ, мусиқии классикӣ ва миллӣ, озодии сухан ва адабиёт, ки аз ҷумла, онҳоянд, маҳсули маҳз ҳамин таҷрибаи давлатдорӣ ва сифатҳои инсонии Президент мебошанд.

Ҳоло мавридаш аст, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба сабаби бори дигар ба мансаби олӣ – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуданашон самимона муборакбод гӯем ва ба фаъолияташон, ки барои манфиати халқу мамлакат ва шукуфоии тоза ба тозаи онҳо амалӣ мешавад, авҷу барори беназир орзу намоем.

**– Ман ҳам самимона ба ин табрикот шарик ҳастам ва аз ҷониби худ оид ба сиёсати фарҳангии Президенти мамлакат ин нуктаро қайд карданӣ ҳастам, ки дар солҳои охир ба шарофати он обрӯю эътибори адабиёти тоҷик боло рафт, асарҳои адибони тоҷик на фақат дар ҷумҳуриямон бештар чоп мешаванд, балки дар кишварҳои гуногуни дунё ҳам ба нашр мерасанд. Аз ҷумла асарҳои Шумо ҳам. Бо номҳои «Баргпайванд» ва «Шаҳри меҳолуд» ду маҷмӯаи шеъри Шумо дар Амрико бо хатти форсӣ чоп шудааст. Ин чӣ тавр воқеъ шуд?**

– Моҳи марти соли 1993 ман дар Амрико, Нию-Йорк будам ва эрониёни муқими Амрико маро ба донишгоҳи Колумбиё, ки аз бузургтарин ва муътабартарин донишгоҳҳои дунёст, ба ҷашни Наврӯз даъват дода, хоҳиш карданд, ки дар он шеърхонӣ кунам. Аҳли толор, ки асосан аз устодону аҳли завқ иборат буданд, шеърхониро хеле хуш қабул карданд ва шояд аз он сабаб яке аз онҳо, ки ношир будааст, хоҳиш кард, ки маҷмӯаи ашъори маро чоп кунад. Хушбахтона, пеш аз сафар дӯстам Абдураҳмони Абдуманон, ки савод ва хатти хуби форсӣ дорад (ба ӯ ҳам сипоси фаровон мегӯям), хеле шеърҳоямро ба ман дастнавис карда дода буд ва ман онҳоро пешниҳод кардам. Ҳабиби Бурҷиён ба он сарсухан навишт, рассоми машҳури ошурӣ Ҳоннибал-ал-Хос китобро оро дод. Китоб чоп шуд, баъд Ҳабиби Бурҷиён ба ман хабар дод, ки он ба феҳрасти китобхонаҳои донишгоҳҳои Амрико дохил шудааст, яъне китобхонаҳои донишгоҳҳо онро бояд дошта бошанд.

**– Мисли ин ки дар донишгоҳи Колумбиёи Нию-Йорк маркази муътабари эронишиносӣ мавҷуд аст?**

– Бале. Ба он донишманди маъруф Эҳсони Ёршотир роҳбарӣ мекард ва онҳо қомуси бисёрҷилдаи Эронро таҳия ва нашр мекарданд. Дар ин донишгоҳ устодони забардасти забону адаби форсӣ дарс мегӯянд. Онҳо як рӯз маҳфили махсуси суҳбату шеърхонии бандаро доир карданд, ки қариб се соат давом кард. Хеле маҳфили хотирмон ва омӯзандае буд барои ман. Вақте ба Лос-Анҷелес омадам, дар он ҷо конфронси Бунёди байналмилалии эроншиносӣ баргузор шуд, ки дар он шеър хондам ва ҳам суханронӣ кардам. Устод Нодири Нодирпур ҳам дар он конфронс иштирок дошт, бо ҳам ошно гаштем. Дар он ҷо Бунёди парвариш ва омӯзиш, ки Бурҳони Юсуф дабири он буд, маҷмӯаи дигари шеърҳоямро зуд, дар давоми як ҳафта бо номи «Шаҳри меҳолуд» интишор дод, ки дар маҳфилҳои шеърхониям дастовез дошта бошам. Дар он ҷо ман бо яке аз донишмандони бузурги забону адаби форсӣ Аҳмади Оҷудонӣ ошно шудам, ки китоби «Калила ва Димна»-ро аз нав ба форсӣ пироиш карда, дар он ягон вожаи ғайрифорсиро истифода накардааст. Тасаввур кунед, китобе, ки бештар аз сесад саҳфа бошад ва ягон вожаи ғайрифорсӣ, яъне ғайритоҷикӣ надошта бошад, ин маҳсули меҳнат ва тавоноии андак нест. Ман ин китобро ҳар бор бо лаззати беандоза мехонам.

**– Дар дасти ман ҳафтавори «Рӯзгори нав», ки онро эрониёни муқими Амрико нашр мекунанд ва он дар бораи маҳфили адабии Шумо, ки дар шаҳри Сан-Ҳузе баргузор шудааст, дар мақолаи чаҳорсафҳагияш чунин навиштааст: «Вақте суханони дуктур Ҳаким ба поён расид, ҳамаи ҳозирин ба по хостанд ва барояш каф заданд ва бо ин ки форсии ӯ барои аҳли Эрон**

**номаънус буд, аммо бисёр ширин суҳбат мекард. Ӯ омада буд, ки банди нофи порашударо муҷаддадан гиреҳ бизанад...». Шумо дар кадом шаҳрҳои Амрико маҳфилҳои адабӣ доштед, агар дар ҳама ҷо чунин самимона истиқбол карда буданд, сабабашро дар чӣ мебинед?**

– Ман дар шаҳрҳои Нию-Йорк, Вашингтон, Лос-Анҷелес, Сан-Ҳузе, Портланд, Вашингтон-Сиатлл, ки қариб аз ҷануб то шимоли Амрикоро дар бар мегирад, маҳфилҳои адабӣ доштам, ки асосан дар донишгоҳҳо ва марказу маҳфилҳои фарҳангӣ сурат мегирифт. Қариб дар ҳамаи ин шаҳрҳо шабакаҳои эронии телевизион ҳаст, ки дар онҳо ҳам суҳбату шеърхониҳо ташкил мекарданд. Таваҷҷуҳи амрикоиҳо ва самимияти эрониҳо шояд аз он сабаб буд, ки он солҳо (соли 1993 ва баъдтар) авзои сиёсию иҷтимоии Тоҷикистон хеле мураккаб ва доғ буд ва онҳо мехостанд ҳақиқати ҳолро аз забони шоир, ки ба қавле забони мардум ва адолат аст, бишнаванд ва ба замми ин эрониҳо махсусан, дар ҳар тоҷике як пораи ватани худро мебинанд ва аз он ки дар кишвари дигаре ҳам ба забони форсӣ суҳбат мекунанд ва бо он шеър ҳам мегӯянд, ба ваҷд меоянду ифтихор мекунанд ва ин табиист, ки боиси муносибати самимонаашон мешавад. Дар мавриди ман ҳам шояд ҳамин тавр буд ва ба ғайр аз ин он солҳо ман шояд аввалин шоири тоҷик будам, ки онҳо рӯ ба рӯяшон медиданд.

**– Бисёре аз шоиру нависандагони тоҷик дар Эрон буданд, ман, албатта, давраи баъд аз истиқлолро дар назар дорам. Шумову ман ҳам, Шумо муносибати эрониёнро ба шеъру адаби муосири тоҷик чӣ гуна мебинед?**

– Хеле муштоқона ва пурмуҳаббат мебинам. Дар муддати на чандон тӯлонӣ дар Эрон нашр шудани як силсила китобҳои назму насри муосири тоҷик, асарҳои таҳқиқотӣ, дар матбуоти даврӣ ба табъ расидани асарҳои муаллифони тоҷик, таҳия ва пахш шудани филм ва барномаҳои телевизионӣ дар бораи адибони тоҷик, даъвати шоиру нависандагони мо ба маросимҳои давлатӣ ва дигар ибтикороти адабию фарҳангӣ далели бебаҳси ин мебошад. Дар ин самт фаъолияти Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон ва Ройзании фарҳангии он ҳам хеле пурмаҳсул ба назар меояд.

Ба замми ин, ба хотир оред, ба мардуми маънирасу сухандони Эрон шеър хондан чӣ кайфияти бузург дорад, вақте ҳис мекунӣ, ки ҳар сухани ту торҳои дили онҳоро ба ҷунбиш меорад ва  пас аз ҳар байти мақбули ту садои аҳсанту мавҷи кафкӯбӣ баланд мешавад. Чунин хонандаю шунаванда доштан бахти бузургест. Савияи баланди шеър ҳам ба хонандаи соҳибзавқи он сахт вобаста аст.

**– То ин вақт хеле маҷмӯаҳои шеър ва китобҳои илмиятон ба табъ расидаанд ва табиист, ки онҳо аз ҷониби танқиди адабӣ нақд ҳам шуданд, ҳамчунонки Шумо ҳам асарҳои дигаронро нақд мекардед, акнун мехоҳам бипурсам, ки ба худи Шумо танқид маъқул аст ё таъриф?**

– Намедонам ба ин суоли Шумо ҷавоби ҷиддӣ диҳам ё шӯхиомез, вале ҳамин тавр ҳис мекунам, ки ба ман танқиди таърифдор маъқул аст, зеро агар танҳо танқид бошад ҳам, шояд дуруст набошад ва агар танҳо таъриф бошад ҳам, зеро, шукри Худо, ҳоло ақли ман тира нашуда, меъёрро мешиносад ва махсусан, агар таърифи зиёд бошад, дарзамон ҳис хоҳам кард, ки он зиёдаравист, яъне ба ман тааллуқ надорад ва аз он ҳеҷ ҷойи хурсандӣ нест. Масалан, дар солҳои ҳаштоди асри гузашта ман роҳбари ҳайати Рӯзҳои фарҳанги Тоҷикистон дар Олмони Федерол будам, яке аз вохӯриҳои мо дар калисо, баъд аз ибодати насрониҳо, баргузор шуд. Роҳбари калисо чун хабар ёфт, ки ман шоир ҳастам, хоҳиш кард, ки барои ҳозирин шеър хонам. Ман баҳона овардам, ки тарҷумаи олмониашро надорам, гуфт, ки зарур нест, ба забони модариатон хонед, мехоҳем лаҳну оҳанги забони тоҷикиро шунавем. Ман розӣ шудам ва гуфтам, ки пас аз хондани шеър аз рӯйи он ҳиссиёте, ки онҳо мушоҳида хоҳанд кард, ман аз онҳо хоҳам пурсид, ки  дар бораи чӣ шеър хондам ва онҳо ба ман таассуроташонро бояд

бигӯянд. Шеъри «Ба ту имшаби баҳорон, ҳама сабзу гулафшонам»-ро хондам ва аз роҳиб ба суолам ҷавоб пурсидам. Ӯ гуфт: ба ман чунин вонамуд, ки шумо дуо мехондед, ибодат мекардед. Ман ду даст бардоштаму гуфтам, таслим ҳастам, ҳеҷ кас то ҳол маро ба ин дараҷа таъриф накардааст, зеро кадом шоир орзу надорад, ки шеъраш ба дараҷаи дуо ва ниёиш нарасад... ва то имрӯз наметавонам муайян кунам, ки он ҳақ аст ё зиёдаравӣ ва агар ҳақ аст аз овардани он хиҷил ҳастам ва агар зиёдаравист, бояд бикӯшам, ки ба он бирасам.

**– Шумо воқеан ормони дили ҳар шоирро ба забон овардед ва ба Шумо барои ин суҳбат ташаккур изҳор мекунам ва биёед, ҳар ду ҳамроҳ орзу менамоем, ки шеъри ҳар шоир ба дараҷаи дуову ниёиш бирасад.**

– Эй кош, Худо ин бахтро бар ҳама бидиҳад ва дар қатори дигарон ба мо ҳам!

**Соли 2006**

## ГАВҲАРИ ШЕЪР АЗАЛӢ ВА АБАДИСТ

**Мусоҳиба бо хабарнигори рӯзномаи**
**«Ҷумҳурият» Барнои Қодирдухт**

**– Шеъру шоир бори нахуст кай ҳамдигарро меёбанд? Шумо бори аввал кай эҳсос кардед, ки шеър бо Шумо пайванд мешавад? Ин эҳсос чӣ гуна буд?**

– Ин суолест, ки ба он ва шояд ба ҳамаи суолҳои ояндаи Шумо ҳам ҳар шоир аз рӯйи таҷрибаи эҷодии худ бояд ҷавоб гӯяд, ки ман ҳам ҳамин тавр хоҳам кард. Ман асосан худ ҳамеша дар пайи шеър мегаштам ва мегардам, ба ин ҳамаи давраи омӯзиши фанну ҳунари шеър дохил мешавад, то он ки шеъре мегӯйӣ дар камоли балоғату фасоҳат. Дар давраи камолот ҳам. Аз батни модар шоир таваллуд шудан сахт муболиғаест, бо эҳсосу идроки шоирона таваллуд шудан дуруст аст, ки онро ҳам бояд тарбият дод. Шоир ҳамеша дар ҷустуҷӯйи шеър аст ва вақте ки ӯ саропои вуҷуд ва оламашро бо шеър, масалан, ҳамчун Мавлоно, дақиқтараш, бо ишқ фаро мегирад, ки заррае барои чизи дигар ҷой намемонад, он вақт он ишқ дар сурати шеър шояд ба ҷустуҷӯйи вай меояд ва он ҳам на дар шакли тайёр, балки ҳамчун ҳавое, оҳанге, таассуроте, маъное, ки ба қолаби шеър бояд рехта шавад. Ва дар ҳамин ҳолат ҳам шоир ба ҷустуҷӯйи шеър рафтааст, зеро зеҳни ӯ нохудогоҳ дар ин ҷода кор кардааст, тамоми таҷрибаи пешинаи шоирии ӯ барои ин «омадан» замина муҳайё намудааст, агар ин тавр намешуд, он ба ҳар каси ношоир ва нотайёр омаданаш мумкин буд, ки то ҳол дар таърихи шеър як бор ҳам воқеъ нашудааст.

Бо худи ман ҳам чунин ҳолат рух медиҳад, ки аввал маро ҳолу ҳавое, таассуроте фаро мегирад, ё маъное дар зеҳнам мечархад, ки бояд шакли бадеии худро пайдо намояд ва водор месозад, ки қалам ба даст гирам, вале ҳангоме ки ба навиштан оғоз мекунам, сад бор аз баҳри шоирӣ мегузарам, зеро ба муқовимати сахти сухан рӯ ба рӯ меоям ва гумон мекунам, ки ман ҳаргиз аз уҳдаи ин кор намебароям. Ва ҳар дафъа ҳамин тавр, вале ҳамин ки як ду мисраи мақбул аз байни он навиштаҳо рух менамояд, маро умед мебахшад, ки шояд аз уҳдаи ифодаи он чизе бароям, ки мехоҳам. Аммо азбаски аз рӯйи таҷриба медонам, ки ҳар қадар муқовимати сухан сахттар бошад, он қадар лафз тоза мешаваду маънӣ амиқтар меравад, ба он дудастатар мечаспам, ки бо ҳар роҳе бошад ба он ғолиб оям. Сухан, албатта, дар ин ҷо аз шеъри асилу олист, вагарна танҳо барои бо қофияҷанг сохтани мисраъҳо ҳеҷ муқовимату мушкил нест, ки ман

он гуна шеърро қабул надорам. Шоири бузурги рус Владимир Маяковский бо ҳамаи он тавоноӣ ва қудрати бесобиқаи шоириаш дар як рӯз аз чаҳор мисраъ бештар навишта наметавонист, вале он чаҳор мисраъ чунон аст, ки ҷойи онро тамоми эҷодиёти як шоири қофиябозе наметавонад бигирад.

Эҳсоси шоирона дар ман тақрибан дар синфҳои 7-8 мактаби миёна, дар 12-13 солагиам пайдо шуда, маро водор мекард, ки қалам ба даст гираму ба ифодаи он бикӯшам, аммо то ифодаи воқеан шоиронаи он хеле роҳи тӯлоние дар пеш буд, зеро, мутаассифона, ман дар бачагӣ роҳнамое дар ин ҷода надоштам ва таълим ҳам дар мактаби миёна ба ин ҳеҷ мадад карда наметавонист. Аммо он ҳис маро талқин мекард, ки ин корро ҳатман бояд пайгирӣ кунам.

**– Ёди замони бачагӣ зуд-зуд Шуморо фаро мегирад ва он рӯзҳо чи таъсире дар Шумо гузоштаанд?**

– Не, ман аз замони бачагиам кам ёд меорам, шояд барои он ки фурсат надорам, ё шояд барои он ки як андоза ҳавои ҳузн дорад. Ман дар баъзе аз шеърҳоям, аз ҷумла, дар «Ҳасрат» ва дар аввали манзумаи «Санги ман—алмос» аз он ёд кардаам.

**– Кай шеър барои Шумо маънии зиндагӣ гардид?**

– Ҳарчанд ман аз бачагӣ ҳис мекардам, ки шеър бояд маънии зиндагиам бошад, аммо то хеле вақт худро батамом ба он бахшида натавонистам, зеро таҳсил дар донишгоҳ, баъд дар аспирантура, баъд машғулият ба илму танқид маро имкон намедоданд, ки ба он тамоми ҳастии худро бибахшам. Вақте ки шеър маънии зиндагии ман шуд мегӯед, шеъри асил ва олӣ бояд дошта бошед, ки далели зиндагии пурмаънои шоиронаатон бошад. Ман, ки имрӯз бисёр навиштаҳои пешинаамро бо дасти худ батамом хат мезанам ва ё чунон таҳрир мекунам, ки баъзан баробари аз нав навиштан аст, наметавонам бигӯям, ки шеър аз фалон вақт маънои зиндагии ман гардид, зеро ин ҳарф барои ман чунин маъно дорад, ки ман маънои зиндагиамро138 ончунонки мехостам, дар шеърам ифода карда тавонистам. Шояд ман ин ҳарфро оид ба китоби шеърҳоям «Санги ман – алмос», ки соли гузашта дар нашриёти «Адиб» чоп шуд, қисман гуфта тавонам, танҳо қисман ва ин чунин маъно ҳам дорад, ки агар дар бораи шеъри банда қазоват мекунед, аз рӯйи ҳамин китоб бояд бикунед.

**– Шеъри хуб моли истеъдод аст ё заҳмат?**

– Ҳар ду. Зеро истеъдоде нест, ки бе заҳмат комил шуда бошад ва заҳмате ҳам нест, ки бе истеъдод ба ҷое расида бошад. Ҳастанд онҳое, ки дар ҷавонӣ ё дар давраи аввали эҷодиёташон нисбат ба ҳамсолони худ хеле пеш буданд, вале барои такмили истеъдоду маҳорати худ, ки заҳмат накашиданд, на танҳо пеш нарафтанд, балки аз дигарон ақиб ҳам афтоданд, вале онҳое, ки омӯхтанд, заҳмати гаронро бар дӯш гирифтанд, истеъдодашонро ба камол расониданд, ба қуллаҳои баланд баромаданд. Мисоли гурӯҳи дуюм қариб дар эҷодиёти ҳар шоири қудратманди имрӯзаамон собит мешавад, ки ҳангоми муқоиса кардани маҷмӯаи аввалин бо маҷмӯаҳои баъдинаашон ба назар мерасад. Ҳамчунин маҷмӯаҳои аввалину баъдинаҳои онҳоеро ҳам, ки наомӯхтанду заҳмат накашиданд, муқоиса кунед, хоҳед дид, ки онҳо на танҳо пеш нарафтаанд, балки ақиб рафтаанд, зеро пеш нарафтан дар ҳоле, ки дигарон пеш мераванд, маънои ақиб рафтанро дорад.

Таҷрибаи ҷаҳонии шеър нишон медиҳад, ки шоирон аз ин ҷиҳат асосан ду навъ мешаванд, як навъ аз давраи аввали эҷодиёташон бакамолрасида ба назар меоянд ва роҳи ба камолот паймудаи онон бaралло намоён нест, навъи дигар чунонанд, ки аз асаре бар асаре, аз даврае бар даврае роҳи такомули онон равшан ба мушоҳида меояд. Қариб ҳамаи шоироне, ки гениалӣ, соҳибдаҳо, соҳибнубӯғ шинохта шудаанд, ба навъи дуюм тааллуқ доранд ва ин як бори дигар

собит менамояд, ки истеъдод танҳо дар натиҷаи заҳмати беандоза ба нубӯғ расиданаш мумкин аст. Ҳофизшиносон низ қайд кардаанд, ки Хоҷа то охири умр дар такмилу таҳрири ғазалҳояш заҳмат кашидааст, то ба ин дараҷаи эъҷоз расидааст.

**– Арзиши шеъри баландро аз рӯйи кадом меъёр метавон муайян кард? Чӣ муҳимтар аст?**

– Барои шинохти шеър дар илми адаби чандсадсолаи мо меъёрҳои бисёре муайян шудаанд, ҳамчун балоғат, фасоҳат, салосат, ки онро аз ҷиҳати мундариҷа ва шакл ба санҷиш мегиранд, аммо агар масъаларо иҷмолитар гирем, он ба маъною бофт, муҳтаво ва ҳунар, яъне чӣ гуфтан ва чӣ тавр гуфтан оид мешавад. Сари ин масъала баҳси бисёре ҳаст, ки кадоме аз инҳо муҳимтаранд, шаклгароён бар инанд, ки чӣ тавр гуфтан муҳимтар аст, маъногароён бар чӣ гуфтан. Вале ба ақидаи ман онҳое дар ҷодаи ҳақ ҳастанд, ки бар ҳар дуи инҳо арзиши баробар қоиланд. Як маънои ночизро ба сад пероя ҳам баста ба назди ман оред, ба ду пул намегирам, аммо агар бинам, ки як маънои олӣ дар либоси нодилфиреб омада бошад, дилам месӯзад, ки ҳайф. Як мисол аз таҷрибаи эҷодии худ меорам. Ҳангоми донишҷӯйи курси се ё чаҳори донишгоҳ буданам шеъре бо номи «Имони саг» навишта будам ва дар яке аз маҳфилҳои «Адибони ҷавон»-и донишгоҳ, ки бо иштироки Аминҷон Шукӯҳӣ доир шуда буд, ҳамроҳи шеърҳои дигарам ба муҳокима ҳам гузошта будам. Ман, ки маҷмӯаи шеърҳоямро хеле баъд, пас аз нашри китобҳои танқидиам ба чоп расонидам, аз байн фосилаи бисёре гузашт ва баъзе шеърҳои дар давраи аввал навиштаам гум шуданд ва ё шояд ҷое дар байни коғазҳоям бошанд, ки пайдо карда натавонистам, аз ҷумла, ҳамин шеърро ҳам, вале мазмунаш, ки дар ёдам буд, онро аз нав навиштам ва ҳоло яке аз шеърҳои писандидаи ман аст. Агар он муҳтавои хубе намедошт, дар ёди ман намемонд ва онро аз нав наменавиштам.

Меъёри муайян кардани шеър барои завқи салим, комил ва тарбиятёфта, ба назари ман, ягона ва доимист. Он ифроту тафрите, ки дар баъзе асрҳо дар шинохти шеър ба назар мерасанд, дар натиҷаи арзиши бештаре қоил шудан ба ин ё он навъи ҳунари он ба миён омада, дар давраҳои баъд аз эътибор афтодаанд, зеро меъёри асосӣ – гавҳарро камтар ба назари эътибор гирифтаанд. Бинобар ҳамин ҳам имрӯз барои мо ҳам шеъри Одамушшуаро Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва ҳам шоири қарни бист, масалан, Аҳмади Шомлу (албатта, дар намунаҳои беҳтаринаш), ки дар бофту услуб ба ҳам ба куллӣ фарқ мекунанд, ҳар ду ҳам шеъри олиянд. Ин ҷо мақсад гавҳари шеър аст, на воситаҳои ёрирасони он мисли вазну қофия . Агар ҳамин тавр намешуд, шеъри классикии мо ҳатто дар намунаҳои олияш имрӯз барои мо арзише надошт, ҳол он ки ин тавр нест, яъне ҳамон гавҳари ягона, доимӣ, азалӣ амал мекунад ва то абад ҳам амал хоҳад кард, зеро амали ҳар чӣзи азалӣ абадист. Хуллас, гавҳар ва меъёри шинохти шеър азалӣ ва абадист. Як мисоли дигар, Ғазали ғазалҳои Сулаймон аз Китоби муқаддас аз кадом шеъри олии ин замон камтар аст, маъзарат мехоҳам, баръакс, кадом шеъри ин замон ба пояи самимият, тару тозагӣ ва шеърияти он шеъри ошиқона мерасад? Ва ё ба масалҳои ӯ. Ва боз ҳоло олимон таҳқиқ кардаанд, ки онҳо ба давраи аз он ҳам қадимтар, ба давраи мисриёни қадим, ба ҳазорсолаи дуюми то ҳазораи мо тааллуқ дошта, бо иштибоҳ ба номи Сулаймон нисбат дода шудаанд. Агар гавҳари шеър азалӣ ва абадӣ набошад, пас он чист, ки дар давоми чаҳор ҳазор сол як чизро дар назари мо ҳамчун шеъри асил зинда ва тару тоза нигоҳ медорад?

Агар завқи замон дар шинохти шеър бар муқобили гавҳари азалии шеър бошад, он зуд аз байн хоҳад рафт. Дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Восифӣ, ки моли асри ХУ1 аст, қиссае ҳаст, ки Восифӣ ва Мавлоно Қатилӣ, ки ҳар ду ҳам шоири соҳибзавқ буданд, пас аз мутолиаи «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ, ки аз шаст ҳазор байт иборат аст, танҳо шаш байтро ҳамчун шеъре, ки «маъонии хос» дорад, яъне ҳамчун шеъре, ки онро ба ҷуз Фирдавсӣ касе ба ин

ҳуармандӣ гуфта наметавонист, ихтиёр мекунанд. Аммо меъёри шинохти «Шоҳнома» ба «маънии хос» маҳдуд нашуда, чандин баробар бузургтар аст ва имрӯз касе мақсад намекунад, ки онро танҳо аз рӯйи ин меъёр арҷгузорӣ намояд. Ин иштибоҳ дар натиҷаи он сар зада буд, ки онҳо шеъри ҳамосиро, ки меъёру шинохти худро дорад, бо меъёру шинохти ашъори ғиноӣ ба арзёбӣ гирифтанд. Аммо дар он замон дигароне ҳам буданд, ба монанди Давлатшоҳи Самарқандӣ ва Атоуллоҳи Ҳусайнӣ, ки ба ин асари беназир баҳои сазовор додаанд. Шинохти шеър тарбияти ҳамаҷонибаи завқро тақозо дошта, истеъдоди нодирест, ки онро ҳатто аз гуфтани шеър боло гузоштаанд:

*Шеър гуфтан гарчи дур суфтан бувад,*
*Лек фаҳмидан беҳ аз гуфтан бувад.*

Яке аз устодони шеъри имрӯзаи форсӣ Шафеии Кадканӣ дар сарсухани яке аз китобҳояш меорад, ки дар ҷавонӣ ба бисёр ғазалҳои Ҳофиз мухаммас баста будам ва яке аз он ғазалҳо «Дар вафои ишқи ту машҳури хубонам чу шамъ» буд, ки ба назари ман олитарин ғазали Ҳофиз меомад. Рӯзе аз устодам Адиби Нишопурӣ пурсидам, ки ба назари Шумо беҳтарин шеъри Ҳофиз кадом аст? Дилам мехост, ки ҳамин ғазали дӯстдоштаи маро гӯяд, аммо ӯ «Ману инкори шароб, ин чӣ ҳикоят бошад?» гуфт, ба дил гуфтам, чӣ одами безавқе будааст. Аммо имрӯз, ки бар ин ду ғазал меандешам, мебинам, ки то чӣ андоза ҳақ ба ҷониби ӯст ва он вақт ман ба чӣ безавқӣ як ғазали каммояеро, ки агар дар девони Ҳофиз намебуд, эҳтироми ӯро болотар мебурд, ба шеърҳои дигари олии ӯ тарҷеҳ додаам.

Агар шеър меъёри ягона ва азалӣ намедошт, ки онро гавҳари шеър гуфтем, мо, масалан, ашъори ин ду шоир - Умари Хайём ва Уолт Уитменро, ки аз ҷиҳати услуб бар ҳам замину осмон фарқ доранд, дар як вақт ҳамчун шеър пазируфта наметавонистем. Вале мо қоилем, ки эҷоди ин ҳар ду воқеан шеър аст, яъне гавҳари шеърро дарёфтаем.

**– Шумо шеъри тасвириро бештар меписандед ё эҳсосиро?**

– Ман ба шеър назари фарохе дорам, ки дар айни ҳол толиби амиқӣ ҳам ҳаст, яъне ман ҳар гуна шеърро, ки гавҳари шеърӣ дошта бошад, қабул дорам, хоҳ тасвирӣ бошад, хоҳ эҳсосӣ. Аммо биёед, бар худи суол амиқтар биандешем, ки он ҳам имрӯз яке аз масъалаҳои доғи мубоҳисавии шеър аст. Ашёи асосии шеър чист? Калима. Калима воситаи чист? Воситаи ифода аст, то тасвир, воситаи тасвир нақш асту ранг. Ҳарчанд шеър аз воситаҳои наққошӣ ва мусиқӣ истифода карда, ин се навъи ҳунарро ба ҳам меорад, аммо моҳияти асосии он, аввалан, дар ифодаи ҳиссиёт, маънoю мазмун аст, ки дар ин кор аз тасвир ҳам истифода мекунад. Бинобар ин онҳое, ки аз шеър танҳо тасвир мехоҳанд, аз он чизеро тақозо доранд, ки махсуси навъи дигари ҳунар аст. Дар ин ҷо ҳам дурусташ хайрулумури авсатҳо, яъне ҳадди эътидол аст. Ҳазор сол аст, ки ҳар ду навъ шеър дар адабиёти мо ва забони мардум зиндааст. Ин ду мисол аз устод Рӯдакист, ки аввалӣ ҳеҷ тасвир надорад ва баъдӣ бештар дар асоси тасвир сохта шудааст.

*Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,*
*Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ.*
*Мардӣ набувад фитодаро пой задан,*
*Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ.*

Ва баъдӣ:

*Биёр он май, ки пиндорӣ, равон ёқути ноб астӣ*

*Ва ё чун баркашида теғ пеши офтоб астӣ!*
*Ба покӣ, гӯйӣ, андар ҷом монанди гулоб астӣ,*
*Ба хушӣ, гӯйӣ, андар дидаи бехоб хоб астӣ!*

Ва ҳар ду ҳам шеъри олист, аввалӣ ба эътибори маънои баланди инсонпарварӣ доштанаш ва дуюмӣ ҳам, ки майро ҳамчун воситаи барҳамзанандаи ғаму андӯҳи инсон бо тасвири зебо ва суханони пуртаровати ситоиш мекунад. Мақсади ниҳоии ҳар ду ҳам ифодаи маъност.

**– Оё Шумо ҳамеша назди шеъри худ самимӣ ҳастед ё буданд лаҳзаҳое, ки бо ягон андеша аз баёни асли сухани худ худдорӣ карда бошед?**

– Шоир ҳам дар байни мардум зиндагӣ мекунад ва таассуроти неку бади хешро ҳам аз муносибат бо онҳо бармедорад ва табиист, ки дар ӯ ҳиссиёте ҳам ҳаст, ки то чӣ андоза раво будани гуфтани ин ё он таассуротро назорат мекунад. Хушбахтона ва ё бадбахтона дар ботини ман ҳам ҳамин гуна назоратчӣ ҳаст, аммо ин маънои онро надорад, ки агар ман асли сухани худро то охир нагуфта бошам, самимӣ набошам, не, ман то он ҷо, ки гуфтаам, самимӣ ҳастам, аммо дар бораи он чизе, ки худдорӣ карда нагуфтаам, қазоват намешавад кард, то нагӯям. Аммо чунин ба назар мерасад, ки ман ба худ барои гуфтани хеле чизҳо иҷозат додаам, ки ҳатто Фарзона барин шоири дар шеър хеле озодандеш оид ба ман чунин менависад, албатта, бо муҳаббат ва муболиғаомез «мехоҳам, дар мавриди шеър чун Шумо ба ҳеҷ кас наандешам ва ба худ андешам…» Шояд дақиқтараш он бошад, ки ман ба худ ҳам наандешидаам, агар ба худ меандешидам, худдорӣ мекардам. Албатта, ин «беандешагии» шоир маънои андешидан бар манфиати мардум ва беҳбуди ҷомеаро дар назар дорад. Кори шоир ҳалвофурӯшӣ нест.

**– Ҳар боре адабиёти классикиро мутолиа мекунед, чӣ андешаю хулосаҳои нав дар сари Шумо пайдо мешавад?**

– Агар манзури Шумо аз классикӣ адабиёти замони куҳан бошад, на фақат танҳо намунаҳои олияш, яъне классикааш, маро ҳангоми мутолиаи он ду навъ таассурот фаро мегирад. Аввалан, вақте ки намунаҳои нотакрори онро дар эҷодиёти Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Ҳофиз, Камол, Бедил ва дигарон мехонам ба худ меболам, ки инсон чӣ қудрате дорад, ки бо сухан ин гуна муъҷизаофарӣ мекунад, вале вақте ки дар девонҳо ғазалҳои бисёреро мехонам, ки такроранду кашфе дар маънию сухан надоранд, дилгир мешавам, ки ҳайфо, умри гиронмояро ба ин суханбофиҳо бохтаанд.

Ғазал, ки аз серистифодатарин анвои шеъри классикист, бо як навъ истиқлоли маъноии байтҳояш, ки имкони дар як ғазал аз ҳар маҳаллу фазо овардани суханро медиҳад, мутаассифона, бисёр вақт ба ҷойи баланду олӣ гуфтани он, баръакс ба пасту суст гуфтан ва суханбофӣ кардан сабаб шудааст, ки, албатта, гуноҳи шакл набуда, гуноҳи шоираш аст. Ғазали олӣ гуфтан кори содае нест, ки бисёриҳо имрӯз ҳам ҳамин тавр гумон доранду ноком мешаванд. Насруллоҳи Мардонӣ, дар Эрон, дар яке аз таҳия ва нашрҳои девони устоди бебаҳси ғазал Ҳофиз, ғазалҳои ӯро аз нигоҳи шахсияш ба шаш даста ҷудо ва чунин рутбагузорӣ мекунад: Олии 1, олии 2, хуби 1, хуби 2, мутавассити 1, мутавассити 2. Аз 678 ғазале, ки дар он нашр оварда шудааст, ӯ ба 24 ғазал олии 1 ва ба 45 ғазали дигар олии 2 рутба медиҳад. Албатта, дар баъзе мавридҳо бо ин назари шахсӣ мешавад баҳс кард, аммо ҳоло таъкиди он чиз муҳим аст, ки агар Ҳофиз бо он тавоноӣ ва ҳунармандӣ танҳо тақрибан дар даҳ дар сади ғазалҳояш ба нуқтаи олӣ расида бошад, пас пеш аз овораи ғазал шудан бояд як фикр карду имконияти худро чену баркаш. Бинобар ин, вақте ки ғазалҳои пасти шоирони гузаштаро мехонам, ки, мутаассифона, кам ҳам нестанд, бо Аҳмади Шомлу ҳамфикр мешавам, ки дар «Шеъре, ки зиндагист…» - и худ мегӯяд:

*Мавзӯи шеъри шоири пешин*
*Аз зиндагӣ набуд.*
*Дар осмони хушки хаёлаш ӯ*
*Ҷуз бо шаробу ёр намекард гуфтугӯ.*
*Ӯ дар хаёл буд шабу рӯз*
*Дар доми гиси музҳики маъшуқа пойбанд,*
*Ҳол он ки дигарон*
*Дасте ба ҷоми бодаву дасте ба зулфи ёр*
*Мастона дар замини Худо наъра мезаданд.*

**– Кадом давраҳои таърихӣ ва кадом шахсиятҳо бештар таваҷҷуҳи Шуморо ба худ ҷалб мекунанд?**

– Маро танҳо шахсиятҳои маънавӣ ба худ машғул медоранд ва давроне, ки онҳоро ба вуҷуд овардааст, аз ҷумла, шахсият ва даврони Зардушт, Будо, Суқрот, Афлотун, Арасту, Исои Масеҳ, Муҳаммад(с) ва дигар орифону файласуфони аҳди қадиму навин, ки зикри ҳамаи онҳо дар ин ҷо зарурат надорад.

**– Ба фикри Шумо ба шоир дастгирӣ лозим аст ё не?**

– Мададгор бошад, албатта, бад нест, ки инро пеш аз мо ҳам гуфтаанд:

*Ҳеҷ кас аз пеши худ чизе нашуд,*
*Ҳеҷ оҳан ханҷари тезе нашуд.*

Аммо ин ба шахсият, ба характери шоир бештар бастагӣ дорад. Онҳое, ки шахсияти тавоно доранд, бе дастгирӣ ҳам, бо душворӣ ва заҳмати бештар, албатта, ба қуллаи муродашон мерасанд. Шоири рус Ярослав Смеляков мегуфт, ки шоирони ҷавонро ҳамчун пишакҳое, ки ҳоло чашмашонро боз накардаанд, дар об ғарқ бояд кард. Манзураш бегумон ин буд, ки тавонояш ҳатман наҷот хоҳад ёфт, нотавонаш даркор нест.

**– Шумо қабл аз ҳама худро шоир меҳисобед ё мунаққид?**

– Ман дар яке аз маҳфилҳои эҷодиям ба ин суол чунин ҷавоб дода будам, ки ман дар байни шоирон беҳтарин мунаққид ва дар байни мунаққидон беҳтарин шоирам. Оё ҷавоби хубе нест? Дар ҳар ду ҳолат ҳам беҳтарин. Аммо Гулназар дар мақолааш оид ба эҷодиёти ман навиштааст, ки ин ҳарф, албатта, шӯхист ва «Аскар Ҳаким дар маҳфили шоирон ҳам на танҳо беҳтарин мунаққид аст». Аммо агар масъаларо ҷиддӣ гирем, ман ҳамеша аз навиштаҳои худ дар ҳар ду соҳа ҳам эҳсоси қаноатмандӣ надоштам ва надорам.

**– Барои шоири асил кадом сифатҳо муҳиманд?**

– Дардошноӣ, самимият, ҳақгӯйӣ, зебошиносӣ, албатта, бар замми соҳибистеъдодӣ.

**– Бурди шеъри нав дар чист?**

– Дар домани фарохи ифодаи таассурот ва ҳиссиёт, ки бешубҳа, домани истифодаи васеи калимотро ҳам муҳайё месозад. Тозагии услуб, суварнигории сухан ва нотакрории зарбу оҳанг. Шеъри нав, ки аз қолаби тайёри пешинаи вазну қофия худро озодтар мегирад ва ё тамоман сарфи назар мекунад, онро ҳар бор бо тақозои мазмуну услуб бояд ба танзим биёрад ва ҷойи онҳоро бо зарбу оҳанги мувофиқ ва сурату маънии тозаву барҷаста чунон пур намояд, ки он халоъ на танҳо эҳсос нашавад, балки аз шеъри суннатӣ ҳам пурбортар ва ҳамоҳанги мазмун садо дода, мушаххасӣ, нотакрории шакли онро таъмин намояд.

**– Назари Шумо ба шеъри ҷавонон?**

– Бисёр ҳам мусбат. Онҳо аз ҷавононе, ки панҷоҳ-шаст сол қабл аз ин ба адабиёт ворид мешуданд, чанд сару гардан болотаранд. Ҷавонони имрӯз қариб дар сатҳи устодон менависанд, зеро барои онҳо замина омода шуд. Албатта, мое, ки адабиёти оламшумули ҳазорсола дорем, наметавонем, бигӯем, ки панҷоҳ-шаст сол пеш аз ин замина набуд, зеро замина ҳамон шеъри классикист, вале таҷрибаи онро ба замони нав мувофиқ кунонидан набуд, ки ин кор дар садаи бист анҷом дода шуд ва ҷавонони имрӯз акнун аз он зина боло меравад. Бубинед, агар ҳаминҳо, ба монанди Шаҳноза, Озар, Адиба, Офоқ, Нуралии Нурзод, Ховари Абулҳай, Салими Зарафшонфар, Сурӯш, Гулноз ва худи Шумо, Барнои Қодирдухт, ҳам ба зумраи ҷавонон дохил шаванд, чӣ шоирони оличанобе ҳастанд. Баъзеи инҳо нуқсҳое дар забону услуб, вазну қофия доранд, аммо онҳое ҳастанд, ки гавҳари шеърро дарёфтаанд, аммо, ба ном, шоирони баркамоле кам нестанд, ки як умр навиштанду ин гавҳарро нашинохтанд. Аммо аз ҳар насл мувофиқи замонаш талаб карда мешавад, аз ин ҷиҳат, ҷавонон хеле хубтар, пухтатар ва амиқтар бояд кор кунанд.

**– Шумо аз давраи ҷавонӣ вазифаҳои масъулиятноке бар дӯш доштед? Ин ба Шумо чӣ гуна муяссар мегардид?**

– Ман дар умри худ барои ба даст овардани ҳеҷ вазифае ташаббусе аз худ зоҳир накардаам ва ҳатто, зиёда аз ин, аз пеши худ ягон аризае нанавиштаам, ки маро ба фалон кор қабул кунед, маро ба ҳар вазифае, ки доштам, худи нависандагон пешниҳод ва интихоб кардаанд ва ман кор кардаам, корам хуб буд ё бад нависандагон медонанд. Шояд на он қадар бад кор мекардам, ки нависандагон маро се маротиба котиби Раёсати Иттифоқи нависандагон ва ду навбат раиси ин иттифоқ интихоб карданд, ки бештар аз бисту панҷ солро дар бар мегирифт. Ҳоло мавридаш аст, ки аз нависандагон самимона изҳори сипосгузорӣ кунам.

Ба ман зарур аст, ки дар ин ҷо ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалии Раҳмон, ки аз ҳисоби квотаи худ маро узви Маҷлиси миллӣ таъйин ва ҳамчунин номзадиямро ба ҳайси муовини Раиси Маҷлиси миллӣ пешниҳод карданд, самимона изҳори ташаккур намоям ва ин ташаккури шахсии танҳо ман набуда, ташаккури аҳли адабу фарҳанги кишвар аст, зеро дар таърихи давлатдории тоҷикон ҳеҷ намояндаи адаб аз ҷониби Сардори Давлат ба ин мақоми баланди давлатдорӣ бардошта нашуда буд. Ин бори дигар фазилати фарҳангпарварии Сардори Давлати моро тасдиқ менамояд. Қарзи виҷдонии ман аст, ки ба аъзои Маҷлиси миллӣ ва махсусан, ба Раиси Маҷлиси миллӣ Маҳмадсаид Убайдуллоев, ки панҷ сол бо ҳам кор кардем ва ман нигоҳи худро барои ба бисёр масъалаҳои муҳими замон аз мавқеи давлат ва давлатдор нигаристан бештар такмил додам, аз таҳти дил изҳори сипос намоям. Ин ҳам барои аҳли адаб мактаби бузург аст.

**– Мегӯянд, ки Шумо бе доштани китобе ба узвияти Иттифоқи нависандагон пазируфта шудаед? Ин воқеа чӣ гуна рух дод ва оё Шумо низ дар давраи раисиатон чунин иқдоме анҷом додаед?**

– Бале, ҳамин гуна истисно рух дода буд бо раъйи устод Мирзо Турсунзод. Вале ман худ ин гуна иқдоме карда натавонистам. Аммо пеш аз раисиям, Фарзонаро, ки шеърҳояшро дар маҷаллаи «Садои Шарқ» чоп шуданду ман онҳоро хонда ба ваҷд омада будам, вале худашро он вақт шахсан намешинохтам, дар яке аз ҷаласаҳои раёсати Иттифоқи нависандагон пешниҳод кардам, ки ба узвият қабул карда шавад, вале, мутаассифона, он пешниҳод ҷонибдорӣ наёфта буд.

**– Аз кадом устодон хотираҳои фаромӯшнопазире доред?**

– Ман, ки аз ҷавонӣ дар ҳалқа ё дар наздикии устодони адабиётамон кор кардаам, қариб аз ҳамаи онҳо, аз ҷумла, аз устодон М. Турсунзода, С. Улуғзода, Ҷ. Икромӣ, М. Миршакар, Б. Раҳимзода, А. Шукӯҳӣ хотираҳои мондагоре дорам.

**– Назари Шумо ба мафҳумҳои «дӯст» ва «душман».**

– Ман дӯстро тавсиф карда наметавонам ва душманро шинохта, зеро агар дӯст аст, ба ҷойи ман аст, худи ман аст, пас чӣ сон худро тавсиф кунам ва душманро, ки шинохта натавонам, пас чӣ сон назаре дошта бошам.

**– Дар бораи зиндагии оилавиатон чӣ гуфтан мехоҳед?**

– Ҳеҷ. Масале ҳаст, ки мегӯяд, дар бораи писарат танҳо бо шоҳ суҳбат намо, дар бораи завҷаат бо ҳеҷ кас. Ман аз ҷумлаи онҳоям, ки аз рӯйи ин масал амал мекунанд.

**– Шумо чӣ гуна издивоҷ кардаед?**

– Муқаррарӣ, мисли ҳама, аммо арӯсро худ интихоб кардаам.

**– Ишқ ва издивоҷ. Оё издивоҷ поёни ишқ аст?**

– Издивоҷ шукуфоии ишқ аст. Агар издивоҷ поёни ишқ аст, он ишқ набуда, бадбахтист.

**– Ишқи аввали худро дар ёд доред?**

– Кист он ки ишқи аввали худро ёд надошта бошад, ишқи дуюм, ки вуҷуд надорад.

**– Ҳоло машғули чӣ коре ҳастед ва чӣ рӯзгоре доред?**

– Дар зиндагии ман нав давроне расид, ки худро битавонам як каме бештар ба кори нависонавис бибахшам ва аз ин хушии бештаре барои ман несту нахоҳад буд, ҳарчанд ҳамчунонки дар болотар гуфтам, аввал ранҷ ва баъди навишта шудан хушӣ, ки ҳеҷ хушие бо он баробар намебошад.

**Соли 2007**

## … КОРВОН МЕРАВАД

**Мусоҳибаи шоир Аскар Ҳаким бо мунаққид Аскар Ҳаким оид ба «Розу пардози андеша»-и Алӣ Бобоҷон («Адабиёт ва санъат», 2 майи соли 2007, №18 (1365)**

***Шоир:*** – Медонӣ, барои он ки ҳамаи мо, дорандагони Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Шоирони халқии Тоҷикистон дигар «дар корбасти сухан ба вайронкориҳо» ва «хатоҳои бузург роҳ дода», «аз як тараф ҳусни шеъри тоҷикиро накоҳонему аз тарафи дигар, ба камолоти ҷавонони эҷодкор таъсири манфӣ нарасонем», устоди фарзонаи шеър Алӣ Бобоҷон ҳамаи моро ба шогирдии мактаби адабии худ даъват кардаанд. Ҳоло ман ҳамаро хабар мекунаму даст пеши бар ба остонбӯсии мактаби эшон меравем.

***Мунаққид:*** – Хеле ҳам нийяти олӣ. Қадри устод аз падар беш аст. Аммо, бигӯй, ки бо чӣ гуноҳҳои мушаххас ҳамаи шумо ба шогирдии чунин мактаб «шарафёб» шудед, инро аввал муайян бояд кард.

***Шоир:*** – Гуноҳҳои бисёре, агар ҳамаи онро ин ҷо зикр намоям, ҷой намешавад, бинобар он чандто аз ҳама қабеҳашро мегӯям, ки ту онро ба муоина бигирӣ. Аз ҷумла, устоди фарзона баъди хондани сарлавҳаи шеъри «Наврӯзи фарвардин»-и банда («Адабиёт ва санъат», 20 марти соли 2007) аҷаб як тамасхури хирадмандонаи зебое мекунанд, ки «Аҷабо, магар Наврӯз ғайри фарвардин ҳам дар дигар моҳҳо меояд?!»

***Мунаққид:*** – Эй вой, хок бар сарам, шумо ба шогирдии ҳамин гуна устод равона ҳастед. Наход, ин устоди шумо аз фарҳанги ориёии мо хабаре надошта бошад, асарҳои

таърихшиносон, фарҳангшиносонро дар ин бора пурра нахонда бошад ҳам, ақалан як назар надида бошад, ки дар бораи суннатҳо, ҷашну сурҳои ориёии мо, ки аз давраҳои аввали зиндагии фарҳангии башарият оғоз шуда, дар дарозои таърихи чандҳазорсола шакл гирифтаанд, маълумоти гаронбаҳое медиҳанд. Ман намегӯям, ки «Осор – ул - боқия», «Гоҳшуморӣ дар Эрон», асарҳои Пури Довуд, Сиёвуши Авасто, Ҷалили Дӯстхоҳ ва дигаронро хонад, зеро ба табъи нозукаш шояд гаронӣ кунад, аммо агар қомусу луғатҳои барои ом эҷодшударо мехонд, дар онҳо ҳам таърихи ташаккули Наврӯз ба ин тариқ оварда шудааст, ки дар гузашта «мавсими ин ҷашн бо гардиши сол тағйир мекард ва дар оғози фарвардини ҳар сол набуд, балки монанди иди азҳо ва иди фитри мусулмонон дар фусули мухталифи сол гардиш мекард. Дар нахустин соли таърихи яздигурдӣ… Наврӯз мусодиф буд бо шонздаҳӯми ҳазирони румӣ (моҳи июни фарангӣ) ва тақрибан дар аввали тобистон».

***Шоир:*** – Чӣ Наврӯзи гапношунави беадабе, ки гапи устоди фарзонаи моро гӯш накарда, дар ҳар вақт меомадааст. Ҳоло устоди мо адабашро медиҳанд. Ин иқтибосро аз куҷо овардӣ, ки устод адаби ин муаллифро ҳам диҳанд, зеро эшон нозук ишорат кардаанд, ки «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ва дигар луғатномаҳои мӯътамади форсиро об карда хӯрдаанд. Ин, албатта, аз ин навъ луғатномаҳо набудагист.

***Мунаққид:*** – Агар устодат ин тавр гуфта бошад, дар дурӯғ ҳам устухон надоштааст, зеро ин иқтибос, иттифоқан, аз яке аз луғатномаҳои мӯътамади форсӣ «Луғатномаи Деҳхудост». Агар об карда хӯрда бошад, медонист.

***Шоир:*** – Ту ҳам ин қадар сахт нагир, устоди мо шоири бузург, барои хондани луғатномаи бисёрҷилда вақт надоранд, ин кас Пушкин не ку, вай Пушкин буд, ки хондани луғатномаҳои бузургро дӯст медошт ва мисли устоди мо шоири бузург нашуд, устоди мо луғатномаҳои хурдтарашро дар назар доштагистанд, масалан, «Фарҳанги форсӣ»-и дуктур Муҳаммад Муъинро.

***Мунаққид:*** – Шоир ҳам бошӣ, ин қадар сода нашав, айни ҳамин гуна маълумот дар ин фарҳанг ҳам ҳаст. Пас чиро об карда хӯрдааст? Аз рӯйи фаҳмиши ман ту дар ибораи «Наврӯзи фарвардин» фарвардинро танҳо ба маънои номи рӯз ва моҳ истифода накардаӣ, зеро фарвардин дар ойини зардуштӣ номи Эзид, Яздон, яъне Худо ҳам ҳаст, ки дар ин фарҳанг омадааст, Наврӯзи фарвардин, ки гуфтаӣ, яъне Наврӯзи эзидӣ, яздонӣ, худоёна, илоҳӣ ва агар устодат инҳоро ҳам нафаҳмад, ба русӣ тарҷума мекунам, ки ягон каси мефаҳмидагӣ фаҳмонад – божественный Наврӯз.

***Шоир:*** – Ту бо ин далелҳои раднашавандаат маро водор менамоӣ, ки ба фарҳангдонии устодам, ҳатто ба «Фарҳанги забони тоҷикӣ» - ро хонданашон шубҳа оварам.

***Мунаққид:*** – Дуруст мекунӣ, охир агар устодат «Фарҳанги забони тоҷикӣ»-ро мехонду медонист, магар ҳамин тавр менавишт:

*Барои булҳавасҳои сабукрав*
*Муҳаббат бозии боди хазонист.*

Ман дар ин ҷо ва дар ҷойҳои дигар ҳам агар аз устодат ба унвони шеър мисол орам, шеърро, яъне шеърият, поэзияро сарфи назар кардаам, зеро дар навиштаҳои устодат дар рӯз бо сад чароғ ҷӯйӣ ҳам аломати шеърро пайдо карда наметавонӣ, зеро шеър ба онҳое дода мешавад, ки нияти холис, дили равшан ва истеъдоди модарзод дошта, онро бо заҳмати гарони якумра ба камол расонидаанд, бинобар ин ман ба навиштаҳои ӯ чун ба ҷумлае, ки ақалан ягон чизро бояд ифода кунад, сари кор дорам ва, мутаассифона, дар ин ҳол ҳам ҳосиле ба даст намеорам. Дар

ҷумлаи дар боло иқтибос кардаам, ки аз гапҳои пеши по афтодае сохта шуда, соҳибзавқе онро ба ду пули пучак намегирад, калимаи сабукрав чӣ маъно дорад? Мошини «Тойота» ё «Мерседесс», ё бо маънои классикиаш – тезрав, тезрафтор, ки ҳар ду ҳам дар фарҳанг бо маънои мусбат бо мисолҳо маънидод карда шудааст, ҳол он ки дар ин ҷумла калимае бояд истифода мешуд, ки маънои манфӣ дошта бошад. Ана фарҳангхонию мана забондонӣ!

***Шоир:*** – Не-е, то ин дараҷа набудагист. Устоди фарзона охир дар ҳар суханашон на танҳо луғатномаҳо, балки тамоми бузургони адабиёти Машриқзаминро ба шоҳидӣ даъват карда, маро хандахариш карданӣ мешаванд. Масалан, ба байти дигари ин шеър эшон бо чашми хиради мӯйшикофашон нигариста, калимаи «ҷовид»-ро мебинанд ва мегӯянд, ки дар ин ҷо ҳарфи «д» дар вазн намегунҷад, аммо назари ҷаҳонбинашон пешоянди «дар»-и баъди «ҷовид» омадаро намебинад, ки ба ҳарфи «д» сар мешавад ва шоир дар ин ҳолат аз рӯйи қойидаи арӯз, ки ҳазф меноманд, ихтиёр дорад, ки «д»-и аввалро соқит шуморад. Ана он мисраъ:

*Ба ёди рафтагони монда ҷовид дар*
*дили мову дили таърих*

Оё ман дар ин ҷо ҳам хато кардаам?

***Мунаққид:*** – Азбаски ту номи қойидаро гуфтӣ, ҳазф, худи устодат асарҳои илми арӯзро ёбаду хонад, ман дигар номи китобҳоро намегӯям, нонаша хойида додан бас, ба дилам зад, охир ҳар саводнок худ ин корро карда метавонад. Ба ғайр аз ин, ба устодат бигӯ, ки пеш аз даъвои суханшиносӣ кардан, ақаллан як-ду луғатномаро варақ занад, масалан, «Бурҳони қотеъ»-ро, ки дар он ду шакли ин калима яке бо йот ва дигаре бе йот, яъне мухаффафи он оварда шудааст ва дар истифодаи ту ҳеҷ ҷойи гаронӣ вуҷуд надорад. Ва ба замми ин, боз дар арӯз бо номи ихтиёрот ва истисноот чизе ҳам ҳаст, ки аз рӯйи он шоирон аз қойидаи маъмулии истифодаи ин ё он калима сарфи назар карда, дар шеърашон ба ҳашвҳо роҳ додаанд, вале касе барои ин қимати эҷодиёти онҳоро ночиз нашуморидааст, зеро тозагии мазмуну муҳтаво ва таровати бофту сухани шеър дар мақоми аввал аст. Масалан:

*В-ар ба булӯр андарун бубинӣ гӯё*
*Гавҳари сурх аст ба каффи Мӯсо Имрон.*
Рӯдакӣ

*Чӣ донанд мулки дилро танпарастон,*
*Гадоён табъи султонон чӣ донанд.*
Мавлавӣ

*Гар касе пайкон ба хун пинҳон кунад,*
*Ӯ зи ғунча хун дар пайкон кунад.*
Аттор

Дар ин байтҳо дар калимаҳои аст, донанд ҳашв ҷой дошта, ҳарфҳои «т» ва «д» дар вазн намегунҷанд ва хун ба ҷойи яку ним ҳиҷо омадааст, вале касе барои ин ҳар сеи ин бузургро кам надидааст. Ин ихтиёрдориро шоирони бузург мекунанд, аммо барои Алӣ Бобоҷон баринҳо раво нест, зеро шеъре надоранд, ки гуноҳашонро бихарад.

Дар ин ҷо боз бояд биафзоям, ки эроди эшон дар мавриди истифодаи калимаи деҳ ҳам дуруст нест, зеро он бо йот низ меояд, ки дар «Ғиёсуллуғот» бо чунин шакл навишта ва ин мисол ҳам оварда шудааст:

*Надида чу рӯбоҳ чора дигар,*
*Ба наздики он деҳ карда гузар.*

Дар асл ин калима аз паҳлавӣ меояд, ки дар он ҳам бо йот навишта мешуд. Дар ин бора ба «Фарҳанги форсӣ»-и дуктур Муҳаммад Муъин нигаристан кофист.

Акнун ман кори дигарро мекунам, ба навиштаҳои охирин ва беҳтарини устодат, ки дар маҷаллаи «Садои Шарқ», соли 2007, рақами 2 чоп шудааст, аз рӯйи қойидаи арӯз як назар меандозам, ки бубинам, то чӣ андоза арӯздон асту рисолати омӯзондани онро дорад ба ҳамаи шоирони унвондору халқӣ.

*Гиромӣ дор асодори раҳи вақт,*
*Ту ҳам рӯзе асо гирӣ, аҷаб нест.*

Аҷаб, ин чӣ ҳарфе? Ту ҳоло тамоми бузургони адабиёти Машриқзаминро даъват накун, ки устодат хандахариш нашавад, зеро ин қойидаро ҳамаи нобузургони майда-чуйда ҳам медонанд, ки калимаи асо бо ҳарфи «аъйн» навишта мешавад, ки ҳамсадо буда, ҳарфи пешин бо он васл намегардад ва аз рӯйи талаботи устодат дар калимаи «дор» ё ҳарфи «р» дар вазн намегунҷад, ё ҳарфи «а» дар калимаи асо.

***Шоир:*** – Шояд устод ягон қойидаи дигарро донанд, бинобар ин сабаби ин ғалатро оҳистакак дар бехи гӯшашон суол кунам, ки касе нашунавад, охир обрӯйи устод барои мо қимат аст.

*Ин р-я куҷо бурдед,*
*Ин а-я чаро хӯрдед?!*

***Мунаққид:*** – То он вақт, ки устодат ба ин суоли ту ҷавоб меёбад, ман аз худи ту пурсиданӣ ҳастам, ки чаро ба ҷойи «чунонки» «чуноне ки» - и хаторо истифода кардӣ, ки устодат дар асоси саводи аз «Газетаи муаллимон» баровардааш ба ту нукта мегирад?

***Шоир:*** – Он хатои ман нест, хатои чоп аст, асли мисраъ чунин аст, ки аз 16 ҳиҷо иборат буда, барои ифодаи барҷастаи фикр аз байн ҷудо карда шудааст:

*Ба дасти чап, ба дасти рост,*
*Чунонки Худо мехост.*

Ва, албатта, ту хуб медонӣ, ки чунонки ду шакли навишт дорад ва дар ин ҷо бо вови дароз истифода шудааст. Аммо ман ба дигар эроди бомантиқи устод ба афкори бемантиқам ҷавоб ёфта наметавонам, ки ин аст. Ман навиштаам: « Биё, Бобои Деҳқонро ба саргоҳи замин хонем». Устоди фарзона мефармоянд: «Магар Бобои деҳқони тоҷик аз саргаҳи замини аҷдодии худ ба диёри ғайр фирор кардааст?» Аз ин эрод ҳуш аз сари ман париду то ҳол намедонам чӣ гӯям.

***Мунаққид:*** – Хӯш, хӯш-э, вале маро беҳуш кардан осон нест, охир, он кадом деҳқон аст, ки як умр, 24 соат, дар ҳар шабонарӯз дар сари замин меистад. Ин ибораро деҳқонон ҳар рӯз садҳо маротиба истифода мекунанд, ки биё, ба сари замин равем, яъне ба маҳалли корамон равем, чӣ магар онҳо ҳам аз диёри ғайр меоянд. Ман намедонам, куҷост ноқисулақле, ки ин эроди

солимулақлеро қабул кунад. Агар эродҳои дигари устодат ҳам аз ҳамин қабил бошанд, ман дигар ба онҳо ҷавоб нахоҳам дод, зеро ту худ медонӣ, ки дар ин сатҳ суҳбат кардан шоистаи номи адиб нест ва ман ба ҳар ҳол мехоҳам ин номро сазовор нигоҳ дорам.

***Шоир:*** – Илтимос, боз ба ду-се суоли ман ҷавоб деҳ, пас ихтиёрат. Устоди фарзона мефармоянд, ки мисраи банда «Ба ҳар дил мешукуфад як баҳорон ишқ, бо сад ранг» ғалат ва ибораи як баҳорон ишқ хеле хунук будааст.

***Мунаққид:*** – Ба ҳар чӣзи хунук чизи зебо хунук мерасад. Агар устоди ту заррае завқ медошт, аз ибораи як баҳорон ишқ лаззат мебурд, аммо ӯ, ки худ ба монанди ҷаҳди муҳаббат, даргоҳи фаросат, намеорӣ сипос афроди худро ва ё

*Зи лафзат рангубори ҳусн хезад,*
*Димоғ аз атри нураш судманд аст.*-

барин ибораю ҷумлаҳои ланге месозад, ки бо чаҳорпоя ҳам роҳ рафта наметавонанд ва аз хунукии онҳо оби Намангон ях мебандаду дили мардумаш беҷо мешавад, ба таровати як баҳорон ишқ чӣ гуна расад?

***Шоир:*** – Устод ба ҳар касе, ки дар бораи шеърҳои ман чизе менависад, ё тамғаи шеършиносӣ мезананд ё хушомадгӯйӣ, ки аз ҷумла ба Сайидалии Сайид, ки бардошти худро аз шеъри «Замини сабзи боварҳо» навиштааст, низ ҳамин корро раво донистаанд. Намедонам, кӣ ҳақ бошад?

***Мунаққид:*** – О, ин акнун аз ҳад гузашт, ба муаллифи повесту ҳикояҳои олиҷаноб, муаллифи «Тафсири Зарнигор», яъне Қуръони Маҷид, ки ба як сураи «Бақара» бо шеър ҳаштсад саҳифа тафсир навиштааст, ки уламои ислом ба хушӣ пазируфтаанд, ба ҳамчунин фарзонае, ки донишманди фарҳанги тоисломӣ ва исломии мост тамғаи хушомадгӯйӣ задан. Ӯ ҳарчанд аз ману ту хеле ҷавонтар аст, вале ман хушбахт мебудам, агар саодати дар силки шогирдони ӯ буданро медоштам, зеро бузургӣ ба ақл аст, на ба сол. Ва агар ҳар касеро ба ин гуфтаҳо шак меояд, навиштаҳои ин ҳар дуро гирифта муқоиса кунад, ки оё дар тамоми навиштаҳои Алӣ Бобоҷон чизе меёбад, ки ақалан ҳамсанги як ҷумлаи Сайидалии Сайид бошад. Ва ин ниҳояти аз худ рафтан аст.

Хушомадро барои тамаъ мезананд, ин фарзона, ки на аз ҷиҳати маънавӣ ва на аз ҷиҳати моддӣ ба ту эҳтиёҷе дорад, ба чӣ хотир ба ту хушомад заданаш мумкин аст, ҳар чӣ гуфтааст, аз фурӯтанию хоксорию ихлос гуфтааст. Агар ин тавр набошад, пас оё ҳамаи дигарҳо ҳам, аз ҷумла аз шоири ҷаҳонӣ, устоди муаззами шеър Расул Ҳамзатов сар карда, то Алӣ Асғари Шеърдӯсту Алиризои Қазваи эронӣ, Владимир Солоухину Яков Козловскии рус, Ашот Сагратяни арманию Раҳим Муқимови ӯзбек, Темур Зулфиқорову Темур Пӯлодови маскавӣ, Масъуди Сипанди амрикоии эронӣ, Ҳалимшою Гулназару Фарзона ва як силсила чеҳраҳои дурахшони илму адаб хушомадгӯйи ту ҳастанд? Онҳо шеършинос ва тамаллуққоронанд ё эҷодкорони асил ва дилбастагони бузурги ҳунар? Оё ту чӣ қудрат дорӣ, ки ҳамаи онҳо аз чаҳор гӯшаи дунё ба ту хушомад мезананд, на, дар ин ҳолат ту ба устодат ин байти Ҳофизро бояд ёд биёрӣ:

*Ҳасад чӣ мебарӣ, эй сустназм, бар Ҳофиз,*
*Қабули хотиру лутфи сухан Худодод аст.* -

дақиқтараш аз Хоҷаи Ҳофиз маъзарат хоста, дар ин маврид ба ҷойи сустназм ҷумлагӯй бояд гӯйӣ, зеро чизе, ки устоди ту менависад, ҳамчунонки аз мисолҳо дидем, ба дараҷаи назми суст ҳам нест.

***Шоир:*** – Шарти қозӣ се маротиба, сеюмин чизе, ки мепурсам ин аст, чаро устоди ман, ки аз рӯйи ишораи малеҳашон эҷодиёти бузургони адабиёти Машриқзаминро об карда хӯрдаанд, барои исботи донишмандии раднашавандаашон се мисоле овардаанд, ки ман хонда, ҳеҷ намефаҳмам, ки ин чӣ гап аст. Ана он мисолҳо:

*Некӯӣ кун имсол, чун деҳ турост,*
*Ки соли дигар дигаре деҳхудост.*

Саъдӣ

*Моли ғоратзада аз ҳокими деҳ бояд ҷуст,*
*Гургро нест гуноҳ, ҷурми шубон хоҳад буд.*

Сайидо

*Деҳ марав, деҳ мардро аҳмақ кунад,*
*Ақлро бенуру беравнақ кунад.*

Ло-адрӣ

Ман аз корманди «Адабиёт ва санъат», ки масъули ин саҳифаи навиштаи устод буд, пурсидам, ки ин гапҳо ва як олам калима, ибораю ҷумлаҳои хатою бемантиқ чӣ маъно доранд? Ӯ гуфт, муаллиф исрор кард, ки мо ба ягон ҳарфи навиштаи ӯ даст нарасонем ва саҳифаро худ хонда, ғалатгирӣ карда, ба дасти чоп дод ва ҳамаи савобу гуноҳро ба гардани худ гирифт, бинобар ин моро аз ин саҳифа муоф медоред.

***Мунаққид:*** – Хуб, ин шеваи устоди ту будааст, ҳангоме ки ҳамаи шоирони халқию унвондорро вайронкору хатокор меҳисобад, ба кормандони одии ҳафтавор чӣ эътибор доданаш мумкин аст. Боз эшон хешро тимсоли хоксорию фурӯтанӣ нишон доданӣ ҳастанд. Ман дар ин ҷо аз он ки ӯ ақалан ду байти Саъдӣ ва Сайидоро дуруст иқтибос карда натавониста, корро ба расвоӣ кашидааст, чизе намегӯям, зеро аз пайи нуқат намеравам, ҳарчанд ӯ барои як ҳарфи «е» - и дар чоп изофа рафта, туро ба сад гуноҳ муттаҳам карданӣ буд. Аммо ман чизи дигарро мепурсам, ин устоде, ки як умр даъвои на танҳо шоирӣ, балки устоди шоирон буданро дорад, вақте чизеро намедонад, ки онро ҳар тифли нав забонбаровардаи тоҷику афғону эронӣ медонад, пас бо кадом далелу бурҳон даъвои ба шумо омӯзондани шеъру шоириро мекунад. Ман ҳангоме ки инро хондам, ҳеҷ боварам наомад, ки ӯ бо ин дарёарӯзӣ, дарёқофиягӣ, дарёдарбарии тамоми адабиёти Машриқзамин ва ниҳоят дарёмуллонуқотӣ ба ҳамин дараҷа бесавод бошад ва ба идораи ҳафтавор омада, дастхаташро дар шоҳидии се нафар дидам, ки шояд хатои чоп бошад, вале ӯ бо дасти худ бо ранги сиёҳи баланд Ло-адрӣ навиштааст.

Охир, ин байти машҳури «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолиддини Румӣ, ки дар забони пиру барност, кай аз они Ло-адрӣ шуд? Маълум мешавад, ки ин фарзона дар умраш ақалан як бор «Маснавии маънавӣ»-ро ба даст нагирифтааст ва ин байтро шояд аз ягон баччае дар вохӯриҳояш шунидаасту напурсидааст, ки аз они кист, зеро ӯ барои бачаҳо ҳам гӯё ким-чӣ менависаду бо онҳо вохӯриҳо ҳам мегузаронад, вале акнун тасаввур намо, ки ӯ агар барои калонсолон ин тавр менависад, барои бачаҳо, ки навиштан аз он ҳам мушкилтар аст, чӣ менависад ва дар вохӯриҳояш ба онҳо чӣ меомӯзонад.

Кифоят, ман дигар ба ҳеҷ суоли ту ҷавоб намегӯям ва ба ин гуна устод мубоҳисаро давом намедиҳам, зеро ҳангоми мубоҳиса маҷбурӣ дар сатҳи баҳскунанда суҳбат кунӣ, ки ман ба ин

сатҳи бехабарию бесаводӣ фуромаданро айб медонам. Кӣ медонад, агар вай боз, масалан, байти

*Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро,*
*Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро.*

-ро аз они Абдулло Дӯст гӯяд, ман исбот карда шинам, ки не, аз вай несту аз Ҳофиз аст. Не. Тамом. Шуд.

***Шоир:*** – Намедонам, ки акнун чӣ кор кунам, дугоники мунаққиди ман шояд дуруст кард, ки аз давом додани мубоҳиса сар печид, зеро агар аз рӯйи ҳамаи суолҳои ман ҳамин гуна кашфиёт ва ибораву ҷумлаҳои мантиқии пур аз донишу ҳунари устодро шарҳу тафсир мекард, ин ҷавоб даҳ баробар бузургтар мешуд, ки барои он на ҳафтавор ҷой дошту на хонанда ҳавсалаи хондан. Бинобар ин ман ба раъйи ӯ тан медиҳам. Аммо бояд бигӯям, ки аз ин пеш ҳам чанд бор ин устод ба кори мо даҳон андохта, сифатҳои асили худашонро иштибоҳан ба банда нисбат дода буданд, аммо банда бардошти шогирдона карда, аз рӯйи зарбулмасали (не, ман аввали онро бояд дигар кунам, зеро табъи зарифи устод коҳиданаш мумкин аст, ин тавр дигар мекунам) булбул мехонад, корвон меравад, амал карда, ба эшон ҷавобе нагуфта будам. Устод ин сукутро аломати ноилоҷӣ пиндошта, шер шуданд ва бо як ман қаноат накарда, ҳамаи шоирони халқию унвондорро якбора лахт-лахт карда партофтанӣ шуданд.

Ҳоло барои нигоҳ доштани обрӯю эътибори устоди фарзона аз 16 адад навиштаи охирин ва беҳтаринашон, ки дар маҷаллаи зикршудаи «Садои Шарқ» чоп шудааст, на интихобан, зеро агар интихобан гирам, устод даъво карданашон мумкин аст, ки ман барои бурдани обрӯйи бебаҳси фалакравашон барқасд маҳз навиштаҳои бадашонро овардаам, ҳарчанд ки эшон аслан навиштаи бад надоранд, бинобар ин ман беҳтаринашро, ки маъмулан ҳусни матлау ҳусни мақтаи силсила мебошад, ин ҷо меорам, ки хонандагони соҳибзавқ аз онҳо амиқии андеша, гармии эҳсос, паҳноварии назари шоирона ва таровати суханро дарёфта, ба қуллаҳои олии кайфият бароянд ва аз он ҷо ба ду шеъри банда ҳам, ки мавриди танаффуру тамасхури оқилонаи устод қарор гирифта, эҷоди як «шоири қаторӣ» мебошад (ташаккур, ки мисли худашон аз қатор набаровардаанд) ва ғалату нуқсони бисёри шеърӣ дорад, низ назар андозанд ва маслиҳаташонро аз камина дареғ надоранд, ки ман ва дигар шоирони унвондору халқӣ ба остонбӯсии мактаби адабии устоди ягона Алӣ Furoбоҷон равем ё на?

**Алӣ Бобоҷон**

*Яке пиронасар мехонд панде:*
*Муҳаббат рангбори компронист.*
*Муҳаббатро ҷавонӣ пос дорад,*
*Муҳаббат ҷавҳари ҷони ҷавонист.*
*Ба ёре, ки вафо сармояи ӯст,*
*Муҳаббат чун калиди шодмонист.*
*Агар хуни зироат об бошад,*
*Муҳаббат хунбаҳои зиндагонист.*
*Барои булҳавасҳои сабукрав*
*Муҳаббат бозии боди хазонист.*

* * *

*Навозиш кун, писар, моми Ватанро,*
*Ки ин панди хирадмандони пир аст.*
*Ба рағми мушкилоти зиндагонӣ*
*Ватан армони моро дастгир аст.*

*Зи зулматҳо раҳо ёбад ватанхоҳ,*
*Раҳаш равшантар аз моҳи ҳунар аст.*

(Шояд моҳи мунир аст. Мо аз пайи нуқат намеравем. – А. Ҳаким)

*Надорад беватан рӯҳи тавоно,*
*Ватан дорӣ, дили ту муқтадир аст.*
*Фидоии ватан дар синаи мо*
*Тулӯи офтоби беназир аст.*
*Ҳар он, к-ӯ модару меҳан парастад,*
*Чу дунёи хирад равшанзамир аст.*

**Аскар Ҳаким**

## ЗАМИНИ САБЗИ БОВАРҲО

*Ҳарф мехоҳам занам аз сарзамини хеш,*
*Ҳар чӣ мегӯям, вале з-ин хок*
*ҳарфи осмон ояд.*
*Баски ин марзи гиронмоя, ки мояш пой мемонем,*
*Дигаронро Каҳкашон ояд.*

*Чашми мо дар ҳар нигоҳе мехӯрад бар кӯҳ,*
*Чун ҷаҳони мо уфуқхат нест,*
*шоқулист.*
*Сарҳади марзаш на дар дарёву*
*на дар рубъи маскунест,*
*на дар дашту на кӯлест,*
*Дар савойи ҳафт гардунест.*
*Шоиронаш ҳам бад-ин ваҷҳ*
*осмонianд,*
*Гарчи рӯйи ин ҷаҳон худрӯй месабзанд,*
*Онҷаҳонианд.*

*Хоки моро аз азал андозаи тангу фарохӣ нест,*
*Хоки моро то абад тафсиру андоза баландоист.*

*Дар чунин хоке, ки дар ҳар зарраи хеш*
*осмон дорад,*
*Метавон оё ба ҳадди хоку меъёри заминӣ зист.*
*Ман намедонам,*
*вале медонам ин ҷо хокпош ар ҳаст,*
*Дил саройи ишқи гардунаш набошад,*
*нест.*

*Аз пайи хеш ӯ барад бар авҷи гардунҳои гардонам,*
*К-аш наёрам бар замин дигар фуруд оям.*

*Шоирон*
*ҳарфи баланд аз моварои осмон ҷӯянд,*

*Ман вале бар хоки ин манзар фуруд оям.*

*То ба ҳарфи хомуши води-ш гӯшамро фаро орам,*
*Вожаҳойи рӯдҳоро бишнавам дар вежапардозӣ.*
*Гӯш бар хоки таҳаммулбор бигзорам,*
*Оядам аз Зардуҳишту Маздаку Мони-ш овозе,*
*Баски хоки покашон ин ҷост,*
*Саҷдагоҳу зинаи афлокашон ин ҷост.*

*То ҷаҳон боқӣ бувад,*
*фармудаи он некфар боқист,*
*Дар се дастураш:*
*накӯпиндору гуфтору накӯкирдори зардуштӣ.*
*Дар ду олам ҳам нахоҳӣ ёфт ҳамсонаш,*
*Бигзарад сад пушт агар ҳам баъди сад пуште.*

*Дигар он, к-ӯ*
*ҳар киро бо ӯ баробар буд,*
*бародар хонд,*
*То сухан аз маздакият ронд.*
*В-он дигар з-инсониву фарҳанг*
*Тоза нақши монавӣ овард дар Аржанг.*
*З-ин ҳама фарҳанги тоҷик ориёнфар монд.*

*Эй замини сабзи боварҳо,*
*Решаҳоят сабз бас дар оби имон асту кавсарҳо,*
*Чун ту ислом оваридӣ,*
*дидам ислом инчунин бояд,*
*К-аз мусалмонии ту имрӯз*
*худ Оли Муҳаммад(с) ҳам ба ваҷд ояд.*

*Ҳамди исломат, ки ҷуз исломи некӣ нест,*
*Рӯдакию Мавлавиятро назири одамият кист.*
*То расад насли башар бар ҳадди инсонӣ,*
*Боядаш омухт аз ин ҳар ду мусалмонӣ.*
*Чун тавон гуфтан варо наъту сано дигар,*
*Он, ки ӯро нек нек асту бадаш аз нек некӯтар.*

*Эй диёри кӯчаки аз чор дарё ҳам фарохотар,*
*Ҳар ваҷаб хоки азизатро баландиҳои ин мардон*
*Кард гардуни баландахтар,*
*К-ин мани сарводагӯ дар ҷустуҷӯйи ҳарфи шоёнат*
*Мезанам акнун*
*ба авҷи ҳафт гардун*
*сар.*

## НАВРӮЗИ ФАРВАРДИН

**Эҳдо ба Сайидалии Сайид**

*Ба ҳар лаб мекушояд ғунчаи ҳарфи салом ин субҳ,*
*Лаболаб мешавад ҳар гӯш аз як обшор оҳанг.*
*Ба ҳар чашм орзу пар мезанад як осмон аз шавқ,*
*Ба ҳар дил мешукуфад як баҳор аз ишқ*
*бо сад ранг,*
*Ки Наврӯзи ҷаҳонафрӯз меояд,*
*Ки он ишқ асту онро ишқ мебояд.*

*Ҳаво аз бӯйи гулҳову шамими сабзаҳо атрист,*
*Ки гулбоди баҳораш мебарад ҳар сӯ*
*Ва чун бар шомаи мо мерасад ин бӯ,*
*Ту гӯйӣ аз шароби ноб моро чарх гардад сар,*
*Аҷаб бода, аҷаб соғар!*

*Аё Ҷамшед, ай шоҳаншаҳи пирӯз,*
*Дар обу дар ҳаво, бар шарру деву душманиву кин,*
*Ту бархезу бубин,*
*тахти Каён барҷост,*
*гирам даст,*
*Ки дар ин ман туро зинда-ст*
*он Наврӯз, он ойин.*

*Манам, ман рӯдҳои ояи ишқи биҳиштиро*
*Ба дашти синаҳои ташна меронам,*
*Ки дар ҳар ҷону дар ҳар дил*
*Бирӯяд як биҳишти ҷовидонтар*
*аз биҳишти адни обу гил.*

*Биё, эй ҷовидон Ҷамшед, то меҳмони ман бошӣ,*
*Ки ҳоло суҳбат аз ҳафт осмону абру борон аст*
*Ва ҷону ҷом лабрез аз шароби ёди ёрон аст.*
*Биё, к-ин Рӯзи Навро бартар аз Наврӯз бигзорем,*
*Ба ёди рафтагони зиндаёде*
*дар дили мову дили таърих,–*
*Ки аз чанги араб, банди муғул*
*озода бигзаштанд бо Наврӯз, –*
*Ҳазорон машъала аз сандалу*
*аз лолаҳои аҳмар афрӯзем*
*Ва ҷоми бодаро бо соғари хуршеди тобон*
*ҷанг андозем*
*Ва бо сад дил ба меҳройин ниёи хештан нозем,*

*Ки мо аз тухмаи пиндору гуфтору*
*накӯкирдори Зардуштем,*
*Накӯдину беҳинойин ба сад ҷадду ба сад пуштем,*
*Агарчи дар дами теғи аҷониб мо*
*ба хуни хеш оғуштем,*
*Валекин хештан ҳаргиз на мӯреро биозурдем,*
*на куштем.*
*Зиҳӣ дину зиҳӣ ойин,*
*Фари яздонии Наврӯзи фарвардин!*

*Биё, то ин савоби ҳастии меҳрофарини хешро имрӯз*
*Чу абри навбаҳорон бар саропойи замин борем,*
*Ки он ҳам ташнаи лутф асту меҳру дӯстдориҳост,*
*Навозишҳову ёриҳост.*

*Биё, Бобойи Деҳқонро ба ҷон шукру сипос орем,*
*Ки тухми поки моро ҳамчу зарринтухмаи Наврӯз*
*Ба даст чап, ба дасти рост,*
*чунонки Худо мехост,*
*Фаромарзи ҷаҳон пошад,*
*Ки фасли киштан асту рустану бастан,*
*Ба асли хеш пайвастан!*

## НОМАИ САРКУШОДА БА АТО МИРХОҶА

Азизам Атоҷон!

Ҳаргиз намехостам ба ту бо нома ва бадтар аз он бо номаи саркушода дар матбуот муроҷиат кунам, зеро самимона дӯстат медорам ва ҳазорҳо бор беҳтар буд, агар бо ҳам суҳбати хосаи рафиқона медоштем, вале ҳоло агарчи кор аз кор гузаштааст ва ман маҷбурам аз миёнҷие ҳамчун «Адабиёт ва санъат» истифода кунам, боз ҳам самимонаю дӯстона ҳарф хоҳам зад. Ман баъди маҷлиси Садорати Иттифоқи нависандагон, ки 9 ноябри соли 2007 баргузор шуда, масъалаи авзои забони адабии муосири тоҷикро дар адабиёту матбуот баррасӣ кард, дар сафар будам ва чун баргаштам ҳафтавори «Адабиёт ва санъат» - ро варақ зада, дар шумораи 29 ноябри соли 2007, аз ҷумла, маърӯзаи туро хондам ва, албатта, ба он ҷое, ки ту ба шеъри «Баргпайванд»-и ман эрод гирифта будӣ, диққат додам, ки оё ту пас аз суханҳои ман чӣ коре кардаӣ? Вале, мутаассифона, тағйире надидам ва ҳоло маҷбурам, ки ин номаро нависам ва ба ҳафтавор пешниҳод кунам, ки чоп кунад, зеро маърӯзаи ту ҳам дар он чоп шудааст ва дигар имкони суҳбати хоса аз байн рафтааст.

Азизам Атоҷон, албатта, ёдат ҳаст, ки баъди маърӯзаат ман ба наздат омада, туро шодбош гуфтам ва дар айни ҳол пурсидам, ки он мисоли шеъри маро аз куҷо гирифтӣ, зеро он ба ғайр аз эроде, ки ба ман нисбат ба истифодаи калимаи «бун» гирифта будӣ, ки гӯё фақат бе ҳарфи «вов», яъне бе «у»-и дароз навишта мешавад, ки нодуруст аст ва ман онро поёнтар исбот мекунам, боз хатои фоҳиштари дигаре ҳам дошт ва аз ҷониби касе, ки қариб сӣ-чиҳил сол боз қалам меронаду каму беш савод ҳам дорад, содир шуданаш ҳеҷ мумкин набуд. Ин аст он мисол:

*Кунун ман решаҳоямро ба дасти худ канам аз қаър*
*Ва бо он хок, к-андар буни мо боқист,*
*Кашонам хешро аз баҳру бар сӯйи замини ту,*
*Ки гардам ҳамнишини ту.*

Гуфтӣ, ки аз китоби «Илтиҷо аз уқоб» ва азбаски китоб он вақт зери дастамон набуд, ман гуфтам, ки ин банди шеър дар ҳофизаи ман ба ин шакл аст ва онро дар паси варақаи маърӯзаат навиштам ва гуфтам, ки онро бо китоби нави ман «Санги ман – алмос», ки соли 2006, пас аз 8 соли «Илтиҷо аз уқоб» чоп шудааст ва ман онро ба ту бо соядаст тӯҳфа кардаам, муқоиса кун,

зеро ман дар як мисраъ «ман» ва дар мисраи дигар ба ҳамон мазмун «мо» гуфтанам ғайриимкон аст. Пас дар китоб дидам, ки ба ҷои «ман» омадани он «мо»-и мисраи дуюм хатои ту будааст. Вале дар «Санги ман – алмос» он банд ба ин шакл аст:

*Кунун ман решаҳоямро ба дасти худ канам аз қаър*
*Ва бо он хоки худ дар ормони хоки пайвандӣ*
*Кашонам хешро аз баҳру бар сӯйи замини ту,*
*Ки гардам ҳамнишини ту.*

Маълум мешавад, ки, мутаассифона, ту на танҳо ин муқоисаро накардаӣ, балки ҳамон «Илтиҷо аз уқоб» - ро ҳам дубора надидаӣ, ки «мо»-и хато навиштаатро ба «ман»-и дуруст ислоҳ кунӣ, ки ин беътиноии маҳз ва носавоб аз ҷониби дӯсте ҳамчун ту ба ман номафҳум ва ранҷовар аст. Агар ту ин корро, ки дар ду-се дақиқа кардан мумкин аст, мекардӣ, маро ҳам аз ташвиши навиштани ин нома халос мекардӣ, вале афсӯс, танбалию саҳлангорӣ ва ё беэътиноии мо як корро сад кор мекунад. Акнун дар мавриди калимаи «бун», агар ту он мисраъро бо шеъри дар «Санги ман – алмос» муқоиса карда бошию бо сабаби он ки дар таҳрири баъдинаи ин шеър калимаи «бун» нест ва ту барои исботи даъвои нодурустат шакли пешинаи он мисраъро, ки калимаи «бун» дошт, овардаӣ, пас як хатои худро ду кардаӣ.

Акнун гӯш кун, азизам. Яке аз талаботи маърӯза, ки хусусияти илмӣ ҳам дорад, дар он аст, ки ҳангоми исботи андеша ва ё эроди худ шакли охирини асарро шоҳид меоваранд, на пешинаашро, зеро бо таҳрири тозаи муаллиф нусхаи пешин аз эътибор соқит дониста мешавад. Ин як чизи маъмул аст, ки ту бояд донӣ. Агар қазияро ин тавр бигирем, ин шеър, ки дар китобҳои баъдинаи ман «…Боз мерасад хуршед» ва «Санги ман – алмос», ки солҳои 2002 ва 2006 ба нашр расидаанд, ба он шакл, ки дар боло иқтибос шуд, омадааст ва ту бояд аз он эродат дармегузаштӣ, зеро муаллиф онро таҳрир кардааст ва шакли нави он бар кӯҳна муътабар аст. Не, агар ту ҳошо ва калло исбот кардан хоҳӣ, ки Аскар Ҳаким дар истифодаи калимаи «бун» хато кардааст, яъне аз рӯйи даъвои ту калимаи «бун» фақат бе ҳарфи «вов» - «у»-и дароз навишта мешавад ва бинобар ин, шакли кӯҳнаи ин шеърро мисол меорӣ, боз ҳам хато мекунӣ.

Ин шеър бо ҳамин мисраи «Ва бо он хок, к-андар буни ман боқист» дар се китоби ман, ки дар хориҷ аз Тоҷикистон бо ҳуруфи форсӣ нашр шудааст, соли 1993 «Шаҳри меҳолуд» дар Лос-Анҷелес, «Баргпайванд» дар Нию-Йорк ва соли 1994 «Баргузидаи ашъори Аскар Ҳаким» дар Теҳрон омадааст, ҳамин тавр навишта шуда, дар поварақ чунин эзоҳ дорад, ки мутобиқан меорам: 1—бун бо «вов», бун бе «вов – реша; 2—бун бо «вов», бун бе «вов»-реша…(Фарҳанги Амид); 3—бун бо «вов», бун бе «вов»-реша.

Азбаски виросторони ҳар се китоб ду шакли калимаи «бун»-ро медонистанд, ҳам бо «вов» ҳам бе «вов», ба он эроде нагирифта, шарҳашро дар поварақ овардаанд ва виростори китоби «Баргпайванд» Ҳабиби Бурҷиён ҳатто ба «Фарҳанги Амид» ишора ҳам кардааст. Ҳоло ман ин моддаи «Фарҳанги форсии Амид»-ро пурратар меорам: Бун-1.(ба замми «бо») бех, бунёд, поён, бехи чизе… Бун (бо «вов») ҳам гуфта шуда. Биё акнун «Фарҳанги форсӣ»-и дуктур Муҳаммад Муъинро варақ мезанем: 2 – Бун (бо «вов») – ниҳоят ва поёни ҳар чӣз, бех, бун (бе «вов»). «Бурҳони қотеъ»-ро мекушоем: Бун (бо «вов»)… ниҳоят ва поён ва интиҳои ҳар чӣз бошад; Дар «Фарҳанги осори Ҷомӣ» ҳам, ки Амон Нуров таҳия кардааст, ин калима дар ҳамин ду шакл оварда шудааст. Ниҳоят «Фарҳанги забони тоҷикӣ»- ро, ки рӯйи мизи ҳамаамон ҳаст, мекушоем ва мебинем, ки дар ин ҷо ҳам ду шакли ин калима оварда шудааст ва бо «бун» - и «вов»дор мисоли шеър надоштани он ҳаргиз далел нест, ки онро ба ин шакл истифода накунем.

Ин дар ихтиёри ҳар шоир аст. Акнун, агар ҳавсала дорӣ, худ луғатҳои дигарро ҷустуҷӯ кун боз ҳам мисолҳо хоҳӣ ёфт. Пас, ба ман иҷоза медиҳӣ, ки соҳибихтиёр бошам ва дар шеърам шакли мувофиқи ин калимаро истифода кунам.

Азизам Атоҷон, ту, албатта, хуб медонӣ, ки қоидаҳои вазни арӯз, қофия ва баъзе саноеи бадеъ дар шеъри тоҷик дар асоси хатти арабию форсӣ сохта шудаанд. Аз ин рӯ, шоироне, ки дар нимаи аввали асри бист пас аз гузаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хатти лотинию сириллӣ савод омӯхтаанд, дар навишти дурусти баъзе калимаҳо ба хатти форсӣ ва истифодаи онҳо хато мекунанд, зеро навишти он калимаҳо ба хатти форсию сириллӣ ба ҳам фарқ дорад. Масалан, дар навишти садоноки «и» дар байни калима дар хатти сириллӣ як тарз вуҷуд дорад, ки ҳамин «и» мебошад, вале дар хатти форсӣ дар байн ду «и» ҳаст, ки яке навишта нашуда «и»-и кӯтоҳ хонда мешавад, дигаре агар навишта шавад, дароз аст, ҳамчунонки дар калимаҳои «бино – сохтмон» ва « бино – бинанда, дидавар» ҳаст. Навишти ҳамсадоҳо ҳам фарқ мекунанд, масалан, мо дар ҳуруфи сириллӣ як ҳарфи «т», «с», «з», «ҳ» дорем, дар хатти форсӣ аз ҳар яки он чандтоӣ ҳаст, ки ба ҳам куллан фарқ дошта, онҳоро дар шеър ба ҳам қофия бастан мумкин нест.

Азбаски мо бо хатти сириллӣ менавиштему менависем, аз нимаи дуюми асри гузашта шоирон баъзан ба тарзи дурусти истифодаи ин гуна калимаҳо камэътиноӣ карданд, дар шеър сактаву ҳашв ва қофияҳои нодуруст бисёр шуданд ва ман ҳам дар ҷумлаи дигарон гоҳ донистаю гоҳ нодониста ин корро мекардам. Вале акнун замон ва вазъ дигар шуда, иртиботи фарҳангии мо бо кишварҳои ҳамзабонамон Эрону Афғонистон, ки бо хатти форсӣ менависанд, рӯз ба рӯз танготангу густардатар мешавад ва китобҳои шеъри мо дар он ҷо ба чоп мерасанду хатоҳои вазну қофия бараллоина ба чашм мехӯранд. Бинобар ин, ман шеърҳои пешини худро аз ин ҷиҳат санҷида, таҳрир карда, ба маҷмӯаи «Санги ман – алмос», ки соли 2006 нашр шудааст ва «Мунтахаби ашъор», ки дар оянда бояд нашр шавад, дохил кардам. Ҳоло ҳам баъзе хатоҳо шояд аз чашмам гузашта бошанд ва агар касе онҳоро ба ман намояд, сипосгзор хоҳам буд. Ҳарчанд ман ин гуна хатоҳоро акнун ба худ намебахшам, аммо ҳаргиз шеъри асилеро ба ваҷҳи ин гуна нукс ношеър ва шоири асилеро ношоир наҳисобида ва нагуфтаам, зеро барои ман ҳамеша муҳтаво ва ҳунари шеър, яъне якҷоя шеърият, поэзия асосӣ буда, ҳатто сухани бевазну қофияи маъмулӣ, вале муҳтавою ҳунари шоирона дошта, шеър будааст, аммо ҳарфи бо вазну қофия, вале бе шеърият шеър набудаасту нест ва нахоҳад буд.

Азизам Атоҷон, ман бо маърӯзаи ту сари баҳс надорам, зеро фурсат ва мавриди ин кор нест, аммо ба як - ду чиз таваҷҷуҳи туро ҷалб карданӣ ҳастам, ки барои ман шигифтангез аст. Ту дар бораи хидмати ашъори устод М. Қаноат дар худшиносии миллӣ сухан ронда менависӣ: «Барои аввалин бор устод М.Қаноат дар таърихи адабиёти тоҷик вожаҳои «Авасто» - ю «Яшт» ва «Зардушт» - ро ба кор бурда ишора намуд, ки…» Охир, ин чӣ ҳарф аст? Таърихи адабиёти тоҷик, ки мегӯйӣ он бештар аз ҳазор солро дар бар мегирад ва на фақат шеър, балки тамоми анвои адабию бадеии дигарро низ. Оё ин даъво дуруст аст?! Оё касе ҷуръат карда метавонад бигӯяд, ки ман тамоми ин адабиётро хондаам ва фалон чиз дар он набуд ва нест. Авасто ва Зардушту Яшт аз эҷодиёти устод Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ сар карда то замони мо садҳо бор истифодаю ситоиш шудаанд, ки ман ҳатто мисол оварданашонро зарур намедонистам, агар ту сари ин ҳарфат таъкид намекардӣ ва ҳоло маҷбурам, ки чанд мисол орам:

*Ҳамчу муаммост фахру ҳиммати ӯ шарҳ,*
*Ҳамчу Абистост фазлу сирати ӯ Занд.*
Рӯдакӣ

*Ҷодуиҳо кунад, шигифту аҷаб,*
*Ҳасту асто-ш Занду Асто нест.*

Хусравии Сарахсӣ

*Чунин хонда аз дафтари Зардуҳишт,*
*Ки доно бувад бегумон дар биҳишт.*

Абӯшакури Балхӣ

*Бархезу барафрӯз, ҳало қиблаи Зардушт,*
*Биншину барафган шиками қоқум бар пушт.*
*Бас кас, ки зи Зардушт бигардиду дигар бор,*
*Ночор кунад рӯ ба суи қиблаи Зардушт.*

Абӯмансури Дақиқӣ

Ин тараф ба Ҳофиз меоем:

*Ба боғ тоза кун ойини дини зардуштӣ,*
*Кунун, ки лола барафрӯхт оташи Намруд.*

Ва ғайра ва ғайра. Вале агар мақсадат солҳои шасти асри гузашта бошад, онро сареҳу равшан бояд менавиштӣ, зеро ту бояд донӣ, ки истилоҳҳои таърихи адабиёти муосир тақрибан як асри охир, таърихи адабиёти классикӣ аз давраи аввал то як асри охир ва таърихи адабиёти тоҷик ҳар дуи ин давраро, яъне аз даврони устод Рӯдакӣ то имрӯзро дар бар мегирад. Вале аз он чизе, ки ту навиштаӣ ман то ҳол дарнамеёбам, ки мақсади ту чист, зеро дар таърихи адабиёти тоҷик, ки навиштаӣ, ту хоҳӣ - нахоҳӣ, он ҳамаи давраро фаро мегирад. Дар ҳар ҳол дар ин ҷо ҳам даъвоят нодуруст аст ҳам ҷумлаат.

Чизи дигар он аст, ки Атоҷон, маърӯзаи ту дар бораи забони шеър аст, ки худ бояд фасоҳати комил дошта бошад, аммо, мутаассифона, шояд аз шитобзадагӣ ва саҳлангорист, ки тахрири бисёр мехоҳад. Масалан, ин чӣ ҷумлаест: «Насле ҳам, ки дар ин муддат ба арсаи адабиёт пой ниҳодааст, дар масъалаи ба кор бурдани забони адабӣ ва хостану ҷобаҷогузории он дар сохтмони назм нисбат ба аксари кулли шоъирони насли солҳои 20 то 70 бартарии қиёснашуданӣ доранд». Хостану ҷобаҷогузории забони адабӣ дар сохтмони назм чӣ фасоҳату чӣ маъно дорад, боз ба замми ин шакли танҳои мубтадо – насл, ҷамъи хабар - доранд.

Хуб, бигзарем дигар аз ин чуну чароҳо, ки манзури ман аз ин номаи саркушода танҳо инҳо набуда, чизест муҳимтар аз инҳо, ки ба заҳмати бештар аз даҳсолаи ту вобастааст. Ман, ба таъбири худат, фарҳанги чаппа ва ё фарҳанги қофияро дар назар дорам, ки аз рӯйи гуфтат, омода кардаиву дар оянда ба чоп хоҳӣ расонд, ки кори пурманфиате хоҳад буд ва ман бисёр мехоҳам, ки ин фарҳанг комил ва саҳеҳ буда, агар имкон дорад, шаклҳои гуногуни як калимаро низ фаро бигирад. Барои ин туро лозим аст, ки як бори дигар ба фарҳангҳои муътабари муосиру пешин рӯй биоварӣ ва луғататро комилтар бисозӣ, зеро аз он эроде, ки ту ман гирифтаӣ, маълум мешавад, ки ҳоло эҳтиёҷи ин кор ҳаст. Фарҳангсозӣ кори заҳматталаб ва мушкилписанд аст ва махсусан, фарҳанги қофия, ки ман то ҳол дар забони тоҷикӣ надидаам, шояд бошад ҳам, аммо ман намедонам ва ман ба ҷону дил мехоҳам, ки ин кори ту арзишманд ва мондагор гардад.

Азбаски сабаби ба вуҷуд омадани ин нома маҷлиси Садорати Иттифоқи нависандагон буд, ки авзои имрӯзи забони адабиёту матбуотро баррасӣ мекард, мехоҳам дар ин бора чанд нуктаро, ки ба назарам муҳим мерасад, мухтасаран қайд кунам.

Забон, ки рукни бунёдии адабиёт аст, ҳангоми баррасии он низ, аввалан, ба масъалаҳои бузург ва муҳимтарин он бояд таваҷҷуҳ кард. Масалан, вақте ки авзои забони муосири тоҷикро муайян карданӣ мешавем, дар бораи сарчашмаҳои асосии ғаникунандаи он – аз ҷумла забони адабиёти классикӣ, адабиёти омиёна, забони гуфтугӯӣ, забони тарҷума андеша ронем ва нишон диҳем, ки онҳо дар адабиёте, ки имрӯз бо методи реалистӣ, романтикӣ ва ё навреалистӣ офарида мешавад, чӣ бозтобе доранд. Забон дар методи реалистӣ ва романтикии тасвир ва ё дар омезиши ин ҳар ду чӣ хусусиятҳое пайдо мекунад.

Маълум аст, ки забони адабӣ ба се сабки асосӣ тақсим мешавад – олӣ, миёна ва омиёна. Азбаски дар садаи бист ва бисту як дарҳамомезии методу сабкҳо ва анвои бадеъӣ, жанрҳо фаъол сурат гирифт, он ба забони адабиёт чӣ таъсире гузошт ва чӣ хусусиятҳои тозаро ба вуҷуд овард. Забон ҳамчун воситаи муколама, ифодаи маъною мазмун ва ҳамчун воситаи тасвир чӣ сифатҳо пайдо кард, усулҳои ғанӣ шудани он кадомҳоянд, мавқеи забон дар офаридани характер ва рӯҳи миллӣ чӣ гуна аст, истифодаи шайъӣ ва маҷозии захираи луғавии забон чӣ тозагиҳое дорад ва монанди инҳо. Вагарна мо агар ин масъалаи бузургу гуногунсоҳаро танҳо ба ҷустуҷӯи калимаю ибораю ҷумлаи хато оид кунем, ҳарчанд ман медонам, ки ин ҳам аз ночорист, зеро баду хато менависем, вале, ба ҳар ҳол, ин кор бояд аз ҷониби мусаҳҳеҳу муҳаррирони нашриёҳо, ки дар сатҳу салиқаи онҳост, ичро шавад ва моро аз баррасии масъалаҳое, ки барои тару тозагӣ, шукуфоӣ ва қудратмандии забонамон хидмат мекунад, ғофил нагузорад.

Ҳамзистии ҳар забон бо забонҳои дигар, аз ҷумла, забони тоҷикӣ ва русӣ низ аз масъалаҳои муҳим аст, ки бояд баррасӣ гашта, дар баробари бохти забони тоҷикӣ, ки мо дар бораи он бисёр ҳарф мезанем, бурдаш, ки низ кам нест ва он имрӯз дастоварди забони мост, ҳаққонӣ нишон дода шавад. Дар ин ҷо мехоҳам аз як чизи бисёр муҳим, ки на ҳамеша ба он таваҷҷуҳ мешавад, ёд орам, он аз як оилаи забонҳо будани ин ҳар ду забон - забони тоҷикию русӣ мебошад, ки ҳоҷати шарҳу баёнаш нест, зеро ҳарфи донишгоҳист, вале ҳангоми таҳқиқу тадқиқ аз ёд меравад. Чун ин тавр аст, пас на ҳамаи ибораву ифодаҳое, ки дар ҳар ду забон ҳастанд, дар тоҷикӣ маҳз тарҷумаи таҳтуллафзи русиянд. Дар онҳо чизҳои муштарак бисёранд, ки аз тарҷумаи таҳтуллафз бояд фарқ кард ва агар тарҷума ҳам, дар ҳолати набудани муродифи тоҷикии он, хуб ва дар қолаби забони тоҷикӣ бошад, моли забони мо шуда бар ғановати он меафзояд. Дар ин ҷо санҷидакор бояд буд. Як вақт ба касе эрод гирифта буданд, ки муродифи тоҷикии ибораи русии «зубы иметь»-ро наёфта, онро ба тоҷикӣ «дандон доштан», яъне тарҷумаи таҳтуллафзи бемаъно кардааст, ҳол он ки ин ибора ба ҳамин маъно – тамаъ доштан аз касе, кина доштан бар касе дар забони тоҷикӣ ҳаст. Ё як вақт ман аз як рафиқи шоирам номи тоҷикии ангуреро, ки ба русӣ «дамские пальчики» мегӯянд, пурсидам, гуфт, ки намедонам, гуфтам, «ангушти арӯсон», гуфт, аз русӣ тарҷума кардӣ, ҳол он ки ман онро дар яке аз фарҳангҳои забонамон дида будам. Бинобар ин, зарур аст, ки аввал забони худро хуб шиносем, соҳибӣ кунем ва дурдонаҳои онро аз ваҷҳи ношиносӣ бегона дониста ба дигарон нисбат надиҳем.

Дигар аз масъалаҳои муҳим он аст, ки ҳоло дар натиҷаи иртиботи фарҳангии бештару густардаи се кишвари ҳамзабон – Тоҷикистону Эрону Афғонистон дар се шохаи забони форсӣ чӣ омилҳои ғаникунандае амал мекунанд, ки баррасӣ кардану густариш додани онҳо ба инкишоф ва тавоною паҳновар шудани забони адабии муосири тоҷик мусоидат хоҳанд кард.

Дар ин росто забони шеър боз вижагиҳои худро дорад, ки ту ҳамчун шоир ба дарки он мерасӣ ва медонӣ, ки он бештар ба истифодаи рамзу маҷоз ва истиоравии калимот асос гирифта, забони шеър забони ногуфта гуфтанҳост. Ман дар ҳар ду ҷода – дар шеър ва баррасии забони шеър ба ту, Атоҷони азиз, дастовардҳои шоён орзу дорам.

Бо дуруд ва меҳри фаровон

**Аскар Ҳаким**

## ПОСУХИ ДЕРМОНДА

### Ҷавоб ба мақолаи «Посух ба номаи саркушодаи устод Аскар Ҳаким»-и Ато Мирхоҷа

Азизам Атоҷон!

Ман аз посухи ту («А.С.», 10 январи соли 2008, №2) ба номаи саркушодаи худ («А.С.», 3 январи соли 2008, №1) дар Наврӯз бохабар шудам, зеро матбуоти давриро номураттаб мехонам ва аз он эҳтироми зиёде, ки ба шахси банда зоҳир кардаӣ, хиҷил шудам, вале дар ин ҳолат ба ҷуз ташаккур кардан тадбири дигаре нест ва ман онро ба ҷо меорам. Дар баробари ин аз вазъи ба пеш омада ба ҳолати душвор афтодам: аз як тараф, эҳтироми зиёди ту ба ман ва муҳаббати ман ба ту ва аз тарафи дигар, масъалаи забон ва калима, ки мавриди баҳс шуда ва аз муносибати эҷодию инсонии ҳар дуи мо бартаранд. Ба замми ин, боз аз он метарсам, аҳли адаб гумон набаранд, ин Аскар Ҳаким, ки асарҳои бисёреро накд ва нуктагирӣ карда, худ чӣ гуна нозуктабъ аст, ки хурдтарин эродро таҳаммул накарда, ба радди он бори дуюм қалам ба даст мегирад. Муддате дар сари ин андеша гузашт, ки ҷавобе нависам ё нанависам ва хоса дар Наврӯз намехостам ба чунин дарди саре машғул бошам, вале ниҳоят ба хулосае омадам, ки ҷавобе бояд навишт, зеро дар ҷавоби ту масъала аз корбурди як калима болотар рафта, ба усули муносибат аз истифодаи захираи луғавии забон расида, ки аз масъалаҳои муҳимтарини фаъолияти нависандагӣ буда, тарзи нодурусти рафтор ба он оқибати ногувор ба бор хоҳад овард. Ғайр аз ин, ту боз ба масъалаҳои муносибати фардӣ ва гурӯҳӣ ба адабиёт дахл кардаӣ, ки ин ҳам ба шарҳу тасҳехе ниёз дорад.

Адабиёти навишторӣ маҳсули фаъолияти офаринандагии фардист, бинобар ин назари муштараку дастаҷамъӣ дар таҳсин ва танқиди намунаҳои он раво нест ва хилофи табиати эҷоди бадеъ низ ҳаст, зеро таҳсин ва танқиди он ҳам фаъолияти фардист. Замоне, ки ин гуна муносибатро барғалат ва муғризона ташвиқ мекарданд, тоталитарӣ ном дошт ва кайҳо гузаштааст ва дигар ҷомиаи ягон кишвари мутамаддини демократии дунё онро қабул надорад. Пас, ҳар шахс танҳо фикри худро менависад ва масъулу ҷавобгӯи навиштаи хеш аст. Аз ин рӯ, ин ҳарфи ту, ки «... маърӯзаи мазкур... то ҷойе мавқеи Раёсати (яъне Раёсати Иттифоқи нависандагон – А.Ҳ.) мазкурро ҳам ифода месозад», назари дуруст нест. Қаблан маърӯзаи касеро хондани аъзои Раёсат дар замони мо бояд маънои ҳамақида буданро надошта, ба хотири огоҳ будан аз назари он кас, на бештар аз он аст; рад ва ё қабул кардани он ба ихтиёри ҳар яки онҳост ва на танҳо онҳо, балки ҳар узви Иттифоқи нависандагон ва зиёда аз ин ҳар хонандае, ки онро мехонад. Ин ҷо ҳама кор фардист ва ҷойе барои назари ягонаи умум намемонад.

Ман бисту панҷ сол дар роҳбарияти Иттифоқи нависандагон ифои вазифа кардаам: дувоздаҳ сол Раис, сездаҳ сол яке аз котибони Раёсат, чӣ гуна оқибат доштани назари муштараку дастаҷамъиро, ки аксаран дурӯғу сохтакорие беш нест, хуб медонам ва аз ин рӯ, дар ҳар як маърӯзаам фақат назари худро навиштаам ва масъули навиштаи худ будаам. Ман медонистам, ки, масалан, аз номи дастгоҳҳои роҳбарӣ ва ё назари дастаҷамъӣ шахсияти нависандагон ва асарҳои камарзиши мубаллиғи сиёсати на ҳамеша дурусти давлатӣ, чӣ сон

боло бардошта, шахсияти нависандагон ва асарҳои баркамоли онҳо саркӯб карда мешуданд. Ба ин маънӣ, аз ҷумла, қисмати эҷодиёти нависандагони забардасти рус М. Булгаков ва Б. Пастернак шоҳиди ҳоланд. Пастернакро барои романи барандаи ҷоизаи байналмилалии Нобел «Доктор Живаго» бо ҳамин гуна фикри дастаҷамъӣ аз узвияти Иттифоқи нависандагони шӯравӣ хориҷ карда буданд. Бинобар ин сабаб аз сари чунин даъвоҳои зоҳиран «безарар ва гӯё демократӣ» бар канор будан беҳтар аст ва ман инро ба ту, азизам, ҳамчун яке аз аъзои Раёсате, ки гӯё ба ақидаи он такя дорӣ, мегӯям. Ҳангоме ки ману ту, фақат ду нафар, ки ҳар ду хам узви Раёсатем, ҳини баҳо додан ба як рубоӣ ваҳдати назар надорем, пас чӣ гуна нуздаҳ нафар, ё камтару бештар ба як ақидаи воҳид меоянд. Магар ҳамаи аъзои Раёсат оид ба эҷодиёти даҳҳо адиб, ки ту дар маърӯзаат номбар мекунӣ, ҳамақида буда метавонанд? Маълум аст, ки ин даъвои сохтае беш нест ва дигар аз чунин ҳарфҳо набояд гуфт, зеро онҳо такяи номуносибе ба эътибори шоистаи Раёсатанд. Дар айни ҳол, сухан на аз костани эътибори Раёсат, балки аз боби дар ҷомиаи демократӣ дуруст шинохтани масъулияти шахс ва ташкилоти ҷамъиятӣ меравад, ки бо фаъолияти офаринандагии фардии эҷодкор сари кор доранд. Вале агар аъзои ин Раёсат бо баҳсу посухи ба ман навиштаи ту, дар воқеъ ҳамақида бошанд, ман ҳозирам, бо ҳар яке аз онҳо вориди баҳс шавам ва дуруст будани ақидаи худро исбот кунам. Ба қавли маъруф Афлотун дӯсти ман аст, вале ҳақиқат муқаддамтар аст. Аммо ман ба ягонагии назари аъзои Раёсат бовар надорам, зеро савияи ҳар яки онҳоро медонам ва ҳеҷ касе аз онҳо зидди таҷрибаи эҷодӣ ва далелу бурҳони илмӣ нахоҳад рафт.

Акнун ба масъалаҳои истифодаи калима ва забон мегузарем. Забон, ба назари ман, ҳамеша чун дарахти бузургу тановарест, ки садҳо шохаву ҳар шохааш ҳазорҳо барг дорад ва ҳар баргаш бори арзишу қимати он дарахтро мебардорад ва ман ба сарнавишти як калима чун ба тақдири забон муносибат мекунам. Аз ин рӯ, ҳамон калимаи «бун», ки қаблан мавзӯи баҳс буд ва ҳоло ту, мутаассифона, ба он боз як калимаи дигар – «оғуш»-ро барғалат ҳамроҳ кардаӣ, барои ман сарнавишти танҳо ду калима набуда, сарнавишти забон аст. Ту навиштаӣ: «Бо тамоми эҳтиром ба шахсияти Шумо, дар мавриди бо «вов» ( яъне «у» - и дароз—А. Ҳ.) омадани вожаи «бун» дар шеър комилан зид ҳастам ва худатон низ навиштаед, ки «бун» - и «вов» - дор мисоли шеър надорад…агар ин кори дурусте мебуд, чаро пеш аз Шумо онро дар шакле, ки Шумо ба кор бурдаед, ҳеҷ шоъире дар муддати ҳазору анд сол истифода набурдааст? Бинобар ин, агар бори дигар низ дар эҷодиёти Шумо ё шахси дигаре он дучор ояд, боз ҳам муҷиби эрод аст».

Ман дар номаи пешинаам ба ту панҷ фарҳанги муътабарро мисол оварда, зикр карда будам, ки дар ҳамаи онҳо «бун»-и «вов»-дор қайд шудааст, ҳоло метавонам боз чандин фарҳанги муътабарро шоҳид биёварам, ки дар онҳо ҳам ин шакли калима ҳаст, аммо худдорӣ мекунам, зеро ту барои рад кардани ақаллан яке аз онҳое, ки ман қаблан зикр карда будам, далел надорӣ, зеро барои рад кардан далели шоеъ лозим аст, вале чунин далел мавҷуд нест, чунки даъвои ту бе асоси илмист. Акнун ба шарҳи масъала мепардозам.

Дороии забон, яъне калимоту иборот, ки онҳоро мардум дар давоми фаъолияти чандҳазорсолаи забонсозӣ офаридаанд, дар фарҳангҳо нигоҳдорӣ шудааст, ки онро маъмулан фарҳанги забон меноманд. Забони адабиёти бадеъӣ фақат як шохаи ин захираи азим ва, бешак, шохаи хеле бузурги он буда, забони шеър танҳо шохае аз он шохаи забони адабиро ташкил медиҳад. Агар забонро, ҳамчунонки болотар гуфтам, ба монанди дарахти тановаре тасаввур кунем, омили истифода ҳамчун нурест, ки ба ин ё он барг афканда мешавад ва онро бо тамоми тару тозагӣ ва дурахшонӣ дар мавқеи истифода ба ҷилва меорад.

Бинобар ин, ҳар шоир комилан ҳақ дорад, ки аз рӯи ниёз ин ё он барги ин дарахти тановарро интихоб бикунад ва ба он нури истифодаи худро биафканад ва дар ин ҷо меъёри қабул танҳо фарҳанги забон ва истифодаи дуруст дар сабки эҷодии ӯст, на ин ки дигарон онро дар тӯли ҳазору анд сол ва, бигзор, ҳатто даҳ ҳазору анд сол истифода кардаанд ё не! Агар истифодаи калима дар тӯли замон меъёри маҳдуде медошт, ҳамчунонки ноогоҳона аз масъала мегӯйӣ, яъне агар дар давоми ҳазору анд сол истифода нашуда бошад, набояд истифода шавад, акнун тасаввур кун, ки мову ту дар асри ёздаҳ мезистем ва ту ба ман дар он ҳолат мегуфтӣ, ки ин калима дар давоми сад соли пешин истифода нашудааст ва ту ҳаққи истифодаи онро надорӣ ва агар ҳама ба ҳамдигар ҳамин гуна даъво пеш меоварданд, забон ба чӣ маҳдудияте гирифтор мегашт, балки кайҳо аз ривоҷу равнақ монда, корношоям мешуд. Вале, хушбахтона, ин тавр набуду намешавад, зеро дар ҳар давру замон ҳар шоири соҳибқудрате заминаи истифодаи калимоти забонро фарохтар карда, ба он вожаву таъбирҳои тоза ва ё камистифодаро ворид намуда, дороии онро меафзояд.

Акнун бармегардем боз ба сари вожаи «бун». Ман нанавиштаам, ки «бун»-и «вов»дор дар шеъри ҳазорсолаамон, чунонки ту фикри маро таҳриф намуда навиштаӣ, «мисоли шеър надорад», балки навиштаам, ки дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» мисоли шеър надорад ва он «ҳаргиз далел нест, ки онро ба ин шакл истифода накунем», зеро ҳеҷ фарҳанге дар шинохти маънои калима комил нест ва ин фарҳанг ҳам ба тамоми калимаҳо овардани мисоли шеърро ба зимма надорад. Дар он қисми бисёри калимаҳо бе шоҳиди шеър маънидод шудаанд. Ба замми ин, ман ба монанди ту чунин даъво надорам, ки ҳамаи он мероси ҳазорсоларо хондаам. На, ҳаргиз, шояд садякашро хонда бошам, аммо ту ба ин маъно таъкид карда, менависӣ, ки «ҳеҷ шоъире дар муддати ҳазору анд сол истифода набурдааст» ва ман бо ҷону дил мехоҳам, ки ба ин даъвои ту бовар кунам, зеро бисёр мехоҳам, ки наслҳои ҷавонтар аз мо пурмутолиатар бошанд ва шеърро ба ҷойгоҳе расонанд, ки мо дар орзуяш будем. Бовар кун, ки воқиан рост мегӯям, барои ман дастоварди наслҳои аз мо ҷавонтар аз дастоварди худи мо хушояндтар аст, чунки мо яқин ҳосил хоҳем кард, ки фардои шеъри мо пурбортар аз имрӯз хоҳад буд ва ранҷи мо ҳам беҳуда набудааст.

Дар айни ҳол, мисолҳое, ки дар даст дорам, чунин имкон намедиҳанд, вале ман умед дорам, ки ин ҳолати ом набуда, истисноӣ ва такрорнашаванда аст. Бинобар ин, ман ба ту ҳоло на аз сад соли охири ин ҳазору анд сол, балки аз сад соли аввали он мисол меорам, моводи ҳазор соли боқиашро барои тасдиқ, ки ҳаст ё нест, бори дигар бихон. Аммо ҳаргиз на барои исботи он, ки «бун»-и «вов»дорро истифода кардан дуруст аст, на, ман барои исботи ин ҳеҷ эҳтиёҷе намебинам, зеро барои ман меъёри асосӣ фарҳанги забон аст, ки офаридаи ягон шоир дар замони маҳдуд набуда, офаридаи мардум ва, аз ҷумла, кулли шоирон ҳам, дар тӯли таърих мебошад. Ин ягона меъёри дуруст ва ҳақоният аст ва чуну чаро надорад ва саркашии ту аз эътирофи он кори бачагонае беш нест.

*Мавҷи кариме баромад аз лаби дарё,*
*Рег ҳама лола гашт аз сар то бун.*

Ин байт аз шоир Дақиқист. Дар «Фарҳанги Сабо» барои «бун»-и «вов»дор шоҳид оварда шудааст. Девони шоири дигарро мекушоем, то бубинем, ки ту ақаллан сад соли аввали ин ашъорро чӣ гуна хондаӣ. Мутаассифона, он ҳам сароҳати ҳарфи туро тасдиқ намекунад, ҳарчанд ту дар бораи он шоир силсилаи шеърҳо навиштаӣ ва гузашта аз ин, пири мазҳабиат

ҳам ҳасту эҷодиёти ӯро бояд хеле хуб омӯхта бошӣ. Пай бурдаӣ, ки сухан аз Носири Хусрав аст. Ӯ қасидае дорад, ки бо ин байт шурӯъ мешавад:

*Эй шуда мафтун ба қавлҳои Фалотун,*
*Ҳоли ҷаҳон боз чун шудаст дигаргун.*

Ва ин байтро дорад:

*Маънии ин чизҳо, ки нест дар ин хок,*
*Ҷуз, ки зи беруни ин фалак набувад бун.*

Пас, ман дигар бо даъвои ту, ки ҳамаи ин ашъори ҳазору анд соларо хондаӣ ва таҳдидат ҳам, ки агар касе «бун»-и «вов»дорро истифода кунад, «боз ҳам муҷиби эрод аст», чӣ кор кунам, ки ҳақ бо ту нест. Акнун мавзӯъро хулоса мекунам ва мегӯям, ки вожаи «бун», ҳам бо «вов» ҳам бе «вов», аз калимаи авестоии «буна», ки «вов»-и дароз дорад, меояд ва ҳар ду шакли ин калима дар тӯли мавҷудияти чандҳазорсолааш аз зери шамшери забони румию арабу турку муғули ғосиб гузашта, то имрӯз расид, ту акнун, ки азизи ман, бо шеър сари кор дорӣ, ба сари он шамшер мекашӣ? Дурусттар мулоҳиза кун, воқеияти ин забон дами чӣ гуна шамшерҳоеро гардонидааст.

Аксари ин гуфтаҳо ба калимаи «оғуш», ки ман даруст истифода кардааму ту нодуруст эрод гирифтаӣ, низ тааллуқ доранд. Оё ту пеш аз он ки ба ягон калима нукта гирӣ, як бор китоби луғатро мекушоӣ, ё фақат аз ҳаво гап мезанӣ?! «Оғуш», ки шакли мухаффафи «оғӯш» аст, дар аксари луғатҳо нишон дода шудааст. Масалан, дар «Бурҳони қотеъ», «Луғатномаи Деххудо», «Фарҳанги форсӣ»-и дуктур Муҳаммад Муъин бе «вов» ҳам омадааст, ту бошӣ боз даъво мекунӣ, ки танҳо бо «вов», яъне бо «у»-и баланд навишта мешавад. Азбаски ин даъвоят ҳам бунёд надорад, иҷозат бидеҳ, ки онро ҳам ноогоҳӣ бидонем ва навиштаи донишмандони мазкурро бар ноогоҳии ту муътабар бишмарем. Боз ёдат бошад, ки на фақат «оғӯш», балки калимаҳое ҳамчун «хомӯш», «фаромӯш» ва як силсила калимаҳои дигар ҳам дорои шакли мухаффаф ҳастанд ва ҳаққи комили истифода доранду ба рухсати касе эҳтиёҷ надоранд, зеро ҳаққи калима аз хоҳиши ману ту бартар аст.

Дар бораи дар мисраи «Ин чӣ гардуне, к-аршаш аз замин паст» эроди ту роҷеъ ба нодида гирифтани «ъайн» аз рӯи арӯзи анъанавӣ дуруст аст, воқиан ман онро нодида гирифтаам, аммо бо чанд сабаб, ки онҳоро мухтасаран мегӯям, вагарна баррасии ин мавзӯъ як рисолаи таҳқиқии ҷудогонаро талаб дорад. Чунонки медонем, асли арӯз дар асоси ҳуруфи забони арабӣ сохта шудааст, ки онро форсизабонон ҳамроҳи алифбояш қабул кардаанд, вале баъзе унсурҳои вазни арӯз дар шеъри пешазисломии мо мавҷуд буданд ва ман онҳоро дар мисоли таҳқиқи вазни рубоӣ дар яке аз мақолаҳоям ба унвони «Таҳаввули арӯз» дар солҳои ҳафтоди асри гузашта нишон дода будам. Аммо аз расмулхатти арабӣ ҳарфҳои ҳои ҳуттӣ, зол, сот, зот, итқеъ, изғеъ, ъайн ба хотири калимоти арабии ба забони форсӣ дохил шуда, дар хатти форсӣ навишта мешаванд, вале ба тарзи арабӣ талаффуз намешаванд. Ҳарфи «ъайн» аз ҷумлаи онҳост, ки дар хатти форсӣ навишта шавад ҳам, чун «а» ва дар хатти сирилики тоҷикӣ чун «а»-и оддӣ навишта ва хонда мешавад, ки ба монанди ҳарфи арабӣ ҳамсадо набуда, садонок аст. Дар арӯз қоидатан талаффуз бар китобат муътабар аст. Бо такя бар ҳамин қоида ман ин корро кардаам, ҳарчанд медонистам, ки дар гузашта ин чиз раво набуд, зеро дар хатти форсӣ «ъайн»-ро менавиштанд ва қоидаҳои арӯзи анъанавиро муроот мекарданд. Мо «ъайн»-ро «а» менависем, ки садонок аст ва қоидаҳои арӯзи анъанавиро ҳам на ҳамеша риоя мекунем ва арӯзи озод ҳам як далели он

мебошад. Вагарна ин ҳарфи «к»-ро пеш аз «аз» ҳам монда метавонистам, ки мушкиле надошт. Ин як ҷиҳати масъала аст. Ҷиҳати дигар он аст, ки бо хатти арабӣ таҳмил шудани баъзе аз талаботи вазну қофияи суннатӣ дар шеъри мо гоҳо калимаҳоро ба шаклҳои дигар медарорад, то чӣ андоза дилпазир аст, ки дар давоми ҳазор сол ҷой дорад. Ин ҳам бояд муҷиби андеша бошад, ҳарчанд ман дилбастаи арӯзам ва ҳоло аз он беҳтар вазнеро барои шеъри тоҷикию форсӣ намешиносам. Аммо мебинам, ки ҳатто устод Рӯдакӣ дар ин байти машҳураш:

*Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,*
*Ҳеҷ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор. –*

бо талаби вазн маҷбур шудааст, ки «наомӯхт» ва «наомӯзад»-ро мухаффаф кунад ва дар «н-омӯхт» ҳарфи «х»-ро, ки дар вазн гунҷоиш надорад, ба эътибор нагирад. Аз ҷиҳати дигар, ин амали устод намоёнгари он аст, ки муҳимтар аз ҳама мазмуну муҳтаво, ҳунари шоир дар сабки сухан ва баёни бадеъӣ буда, вазну қофия на муқаддам бар онҳо, балки дар хидмати онҳо қарор доранд. Дар ин хусус гуфтаниҳои зиёд аст, аммо ҳоло бо ҳамин иктифо мекунем.

Азизи ман, дар бораи маслиҳати роҷеъ дар як байт ё саросари шеър гоҳ «ман»-у гоҳ «мо» гуфтани шоир, ки ба ман додаӣ ва заҳмат кашида аз Анварӣ мисолҳо овардаӣ, бояд бигӯям, ки банда, хушбахтона, на танҳо ба ҷои «ман» овардани «мо», балки ба ҷои «ту» овардани «шумо»-ро низ кайҳост, ки медонам, зеро рози бузурге нест, вале ин мавқеи худро дорад ва бо манзуре, тобиши маънавӣ ва ё услубӣ карда мешавад. Агар ман он хато ва маслиҳати туро қабул карда, ба ҷойи «ман»-и дуюм дар он байти мавриди баҳс «мо» мегуфтам ва боз ноз мекардам, ки ҳунар намудаам, чӣ безавқии махсумонае мекардам.

Акнун дар мавриди хато набудани истифодаи калимаи «қимат» ба маънои «гарон», ки Фарзона ба кор бурдааст. Ягон нуктаи дар номаи пешин навиштаи маро ту аз мавқеъҳои илмӣ рад карда натавониста, баҳсро ба сӯйи дигар кашида, шеваи забони Муҳаммад Иқболи покистонӣ, Халилуллоҳ Халилии афғонистонӣ ва Лоҳутии эронию ласлро тамоман бемаврид ба миён меандозӣ. Охир, сухани ман роҷеъ ба вижагиҳои забони тоҷикӣ ҳамчун яке аз шохаҳои забони форсист. Дар бораи ин калимаро, ба қавли ту, ба ин маъно истифода накардани устод Айнӣ ҳоло шитоб намекунем, зеро ту як бор бовари моро барҳам задӣ, ки шеъри ҳазору анд соларо хонда хулоса баровардаӣ, бинобар ин, ту аввал як бор 14 ҷилди асарҳои Айниро бо диққат мутолаа кун, вале на он чунонки шеъри ҳазору анд соларо хондаӣ. Агар ҳамин калимаро бо ҳамин маъно пайдо накардӣ, пас ман онро ба ту нишон медиҳам. Вале на барои собит кардани ин, ки онро ба ҳамин маъно истифода кардан мумкин аст, зеро ман болотар қайд карда будам, ки меъёри истифодаи калима эҷодиёти адиби алоҳидае набуда, фарҳанги забон аст. Бинобар ин, онро истифода кардан ва ё накардани нависандаи забардасте ҳамчун устод Айнӣ ҳам, дар ин ҳолат меъёр нест, зеро устод Айнӣ аз захираи забони тоҷикӣ шояд 25-ҳазор калимаро истифода карда бошад, ҳол он ки луғати ин забон даҳҳо маротиба бештар аст. Пас, дуруст нест, ки мо дар корбурди ин ё он калима истифода кардан ё накардани устод Айниро меъёр қарор диҳем ва истеъмоли захираи забонро танҳо бо калимаҳои ба кор гирифтаи нависанда маҳдуд кунем. Ба ҳар ҳол, ту асарҳои устод Айниро пурра бихон, ин ба манфиати туст, зеро ҳам тамрини забон мекунӣ, ҳам дигар нахонда даъвои огоҳӣ нахоҳӣ кард.

Ман дар асоси шарҳи луғатномаҳо ва роиҷ будани истифодаи «қимат» ба маънои «гарон» дар асарҳои адабӣ ва забони мардум ба ин хулоса омадаам, ки «ин калима бо ин маъно ба меъёри забони адабии тоҷик мутобиқ гаштааст», на ин ки дар асоси танҳо «забони гуфтугӯӣ», ки ту ҳарфи маро таҳриф карда менависӣ, бинобар ин, мисолҳое чун «бурдборӣ» (ба ҷои «комёбӣ»), «ташриф овардам» (ба ҷои «омадам»)-ро бо ин шабеҳ нишон дода, маро гӯё барои роҳ кушодан

ба вайрону тахриф кардани забон гуноҳкор кардани мешавӣ, ба мисли обу равған аст, зеро инҳо ба ҳам ҳеҷ монандие надошта, мақоми истифодаашон ҳам ба куллӣ фарқ дорад. Ҳамчунонки зикр кардам, аввалӣ, ба меъёр мутобиқ шудааст, дуюмӣ, хатои нодонҳост. Ва боз ин тариқи баҳс, ки дидаю дониста бо такя ба завқи содалавҳон ду чизи ба ҳам номонандро ҳамсон нишон дода, худфурӯшӣ кардан одоб ва равиши суҳбати ҷиддии донишмандон нест. Вале дар ин ҷо ҳам на ҳамаи эродҳоят ба ин гуна иборaҳо қобили қабуланд, зеро дурустро бо хато меомезӣ. Масалан, ибораи «ҳаракат мекунам» ба маънои «кӯшиш мекунам», ки ту ба он эрод мегирӣ, ҳеҷ ҷои хато надорад ва дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ҳам нишон дода шудааст ва ин ҳарфат ҳам на такя бар илм дорад ва на бар луғату таҷрибаи забон. Калимаҳо на ҳамеша ба маънои аслӣ, балки ба маънои маҷозӣ низ истифода мешаванд ва ин хусусияти забон аст ва агар онро ба эътибор нагирем, ними калимаҳои забонро аз истифода маҳрум бояд бикунем, ки як амри ношуданӣ ва мухолифи табиати забон мебошад.

Калимаҳое, ки бо мурури замон тобиш ва ё маънои тоза гирифта, ба меъёри забони адабӣ мутобиқ шудаанд, фаровонанд ва ман барои ба дарозо накашидани сухан фақат як мисол меорам. Кайҳост, ки калимаи «аниқ»-ро дар урфи тоҷикӣ ба маънои «дақиқ» истифода мекунанд, ҳол он ки маънои аслии луғавии он «зебо, хушрӯй, аҷиб» мебошад. Ё ҳатто калимаҳое, ки тағйири шакл карда, хатои ом шудаанд, ба монанди «қуфл-қулф», «афв-авф», «ақвот-авқот» ба меъёри забони адабӣ мувофиқ гашта, дуруст ҳисобида мешаванд.

Эроди дигарат ба ибораи «бо дарназардошти…», ки ба ҷойи он «ба ҳасби…»-ро дуруст мепиндорӣ, чандон саҳеҳ нест, бигзор, ҳар ду дар истифода бошад ва аввалиро бе пешоянди «дар» дар шакли дуруст истифода кунем, «бо назардошти…» ва ман аминам, ки ин шакл нисбат «ба ҳасби…» фаровонтар ба кор меравад, зеро аз ду калимаи серистифода ва нисбат «ба ҳасби» хушоҳангу равонтар сохта шудааст. Агар бовар надорӣ, пас аз ҳазор сол биё, мебинем, ки гапи кӣ дуруст аст.

Ман асли кӯшиши туро барои тоза нигоҳ доштани забон қадрдонӣ мекунам, аммо на бо ин шеваи хато, ки пеш гирифтаӣ, балки бо тақозои услуби илмӣ ва ба эътибор гирифтани таҷрибаи истифодаи забон бояд анҷом шавад, вагарна муборизаи ту шабеҳи ҷанги Дон—Кихот бо осиёҳои бодӣ бенатиҷаву барҳадар аст, агар зараровар набошад. Ба ғайр аз маънои аслӣ, маънои маҷозӣ, маънои нав ва тобиши тозаи маъноӣ гирифтан ва ҳатто маъно дигар кардани калимот ҷараёни доимӣ буда, яке аз нишонаҳои зинда будани забон аст. Бесабаб файласуфи бузург Рене Декарт нагуфта буд, ки шумо маънои калимаҳоро дақиқ муайян кунед, ними оламро аз иштибоҳ халос хоҳед кард, яъне ин кор имкон надорад.

Акнун дар бораи он ҷумла ва таъбирҳое, ки ман эрод гирифта будам, вале ту онҳоро дуруст медонӣ: «Насле ҳам, ки дар ин муддат ба арсаи адабиёт пой ниҳодааст, дар масъалаи ба кор бурдани забони адабӣ ва хостану ҷобаҷогузории он дар сохтмони назм нисбат ба аксари кулли шоъирони насли солҳои 20 то 70 бартарии қиёснашуданӣ доранд». Ин ҷумла бештар аз он ки ман дафъаи гузашта қайд карда будам, нуқс дорад ва ҳоло ту маро маҷбур кардаӣ, ки дигарҳояшро низ зикр намоям. Якум, номувофиқатии хабару мубтадо, дуюм, «ба кор бурдани забони адабӣ», ки гуфтӣ, бо ҳамин маънои таъбири хароби баъди он «хостану ҷобаҷогузории он»-ро ҳам гуфтаӣ, зеро аввал «хостан» бояд меомад, баъд ба кор бурдан, аввал интихоб мекунанд, пас ба кор мебаранд, на баръакс, яъне дар ин ҷо дар мантиқи замони амал номураттабӣ ҳаст. Сеюм, «хостан»-ро ҳам, ки бе ҳеҷ зарурат ба ҷои «интихоб кардан», «баргузидан» овардаӣ, саҳеҳ нест. Чорум, «ҷобаҷогузории забон» ҳарфи бемаъност, ки аз рӯи таъбири русии «расстановка кадров» сохта ва барғалат истифода шудааст, зеро забон мафҳуми куллӣ буда, дар ин маврид истифодаи «калима» ё «вожа» ба мақсад мувофиқ аст, на забон.

Панҷум, таъбири «сохтмони назм» фасоҳате надорад. Шашум, ибораи «аксари кулл» ҳам дуруст нест, ё аксар аст, ё кулл, зеро «аксар» маънои бештарро дорад ва «кулл» ҳамаро. Вале ту «дӯғи ман турш нест» гӯён барои ба ман фаҳмонидани маънои таъбирҳои хатою нодилфиребат хеле заҳмат кашида, чӣ мазмун доштани интихоби калимаро дар шеър шарҳ додаӣ, ки ҳеҷ зарурат надошт, зеро он алифбои эҷод аст, ки ҳар қаламкаше аз аввалин қадам бо он кор мегирад ва медонад ва инҳо ҳама чӣ маъно дорад гуфтани ман таҷоҳули ориф буд, ба манзуре, ки гӯям, бо ин шеваи дурушту носаҳеҳ дар бораи фасоҳати забон сухан рондан корест, ки маҳсули хубе нахоҳад дод.

Акнун меоем ба сари ин рубоии Ҳ. Раҳмонӣ:

*Бар чеҳраи хеш ӯпа мезад модар,*
*Муште ба хамири тӯпа мезад модар.*
*Рӯзам шуда тор, ӯпаи модар ку,*
*Дил гушнаи зор, тӯпаи модар ку?*

Ҳаргиз намехостам ин рубоӣ мавриди эрод гардад, зеро мавзӯъяш дарднок аст ва агар он воқеият дорад, ҳамчунонки дар номаи пешина ҳам гуфта будам, ман аз Ҳ. Раҳмонӣ ҳазорҳо бор маъзарат мехоҳам, вале ба хотири адабиёт маҷбурам ин ҳарфҳоро бигӯям ва чӣ метавон кард, ки сарнавишти шоирӣ аз сарнавишти инсонӣ сангинтар аст.

Ман, аз ҷумла навишта будам, ки «…дар мавзӯъе чунин фоҷиабор дар мисраъе бо чунин «бозӣ», маъзарат мехоҳам, аз «ӯпа» ва дар дигаре аз «тӯпа» сухан гуфтан ҳеҷ раво нест, яъне интихоби амал ва услуби баён, ки барои ифодаи ранҷи фироқ карда шудааст, нодуруст буда, таносуби амалу сухан хароб аст. Оё равост, ки ранҷи фироқи модарро ба «тӯпа»- хӯрдану нахӯрдан қиёс кунем ва гумон дошта бошем, ки онро амиқу дарднок ифода кардаем?! Шояд шоире ин корро карда тавонад, ин ба маҳорат вобаста аст, аммо дар ин шакл мақбул нест, ки нест. Ба ғайр аз ин, «ӯпа» чист, агар ғоза…бошад, он «упо»-ст, на «ӯпа» ва «тӯпа» чист, агар хӯрок бошад, он «туппа»-ст, на «тӯпа», ки дар луғатҳо ҳам ба ҳамин шакл омадааст ва истифодаи лаҳҷавии калимаҳо ҳанӯз ба шеваи мардум шеър гуфтан намебошад». Ту ҳеҷ яке аз ин нуктаҳоро бо далел рад карда натавониста, танҳо бо саволи «чаро мумкин набудааст?» фикри худро собит карданӣ мешавӣ, ки ин роҳи исбот нест, зеро ман чаро мумкин набуданашро гуфтаам, вале ту чаро мумкин буданашро гуфта натавониста, дар охир нисфи сухани ман «ҳар кас шеърро ба завқи шахсӣ мешиносад»-ро оварда, шинохти худро ҳақ баровардanӣ мешавӣ, ки ин ҳам дуруст нест, зеро ман дар асоси чӣ шакл гирифтани завқи салими шахсиро ҳам гуфтаам, ки онро сарфи назар набояд кард ва давомаш ин аст: «…меъёри умумӣ ҳам ҳаст, ки аз улуме ҳамчун илми бадеъ, балоғату фасоҳат ба ҳам меояд», яъне завқи шахсие, ки на аз ҳаво, балки аз мутолаа ва мулоҳизаи ашъори олӣ ва он улуме, ки зикр шуд, ташаккул ёфтааст.

Акнун ман дар асоси ин боз чанд нуқси дигари ин рубоиро, ки дафъаи гузашта бо сабаби ба дарозо накашондани сухан нагуфта будам, мегӯям, ки дар сари онҳо ҳам фикр кунӣ. Ба шеваи мардум шеър гуфтан ҳаргиз ба шеър як-ду калимаи таҳрифшудаи шевагиро дохил кардан набуда, ҳамчунонки ту танҳо дар ҳамин асос ин рубоиро намунаи хуб мешуморӣ, балки риояи комили сабк аст. Дар мисраи аввали ин рубоӣ, ки «ӯпа»-и лаҳҷавӣ омадааст, пеш аз ону пас аз он калимаҳои сирф китобии «чеҳра» ва «хеш» набояд меомаданд, зеро онҳо бо «ӯпа» созгор нестанд, балки садама мекунанд, дар ин мавриди ҳадди ақал бояд калимаҳои «рӯй» ва «худ» истифода мешуданд. Ин талаби бечуну чарои сабк аст, ки таҷрибаи шоирӣ ва таълимоти он меомӯзад.

Мисраи дуюм тамоман нодуруст сохта шудааст. Он амале, ки дар назар аст, ҳаргиз «муште ба хамир задан» ном надошта, зеро хамир лӯлаи муштзанӣ нест, ки ба он муште бизананд, балки мушт кардани хамир ном дорад ва агар муаллиф амали баъд аз мушт кардани хамирро дар назар дошта бошад, ки онро бо як даст баланд дошта, барои резондани ордаш нарм-нарм мезананд, онро ҳам на бо мушт, балки бо теға ё бари даст мезананд.

Дар ин рубоӣ нақси дигаре ҳам ҳаст, ки он аз амали маҳрамонаи ба рӯйи худ упо молидани зан ва махсусан, модар, на маъшуқа, ки онро занон маъмулан дар танҳоӣ ва ё дар ҳалқаи худ ба ҷо оварда, ҳатто ба мардони шиносу маҳрамашон нишон намедиҳанд, ба тамоми олам фарёд задан аст, ки ҳаргиз кори писандидае нест. Акнун тасаввур намо, ки касе дар азои модар ё фироқи ӯ бе упои модар рӯзам тор шудааст, гӯён навҳа мекунад, инро танҳо дар нақиза тасаввур кардан мумкин асту бас. Бинобар ин, ман бо ин ҳама нақсҳое, ки дар ин рубоӣ мебинам, наметавонам ҳамақидаи ту бошам, ки он хуб аст.

Ман аз чизи дигаре низ дар шигифтам, чаро муаллифе, ки шакли таҳрифшудаи ду калима «ӯпа» ва «тӯпа»-ро ба кор бурда, сабкҳоро нораво ба ҳамдигар омехтаву мақсадашро саҳеҳ гуфта натавонистааст, ба қавли ту, гӯё кори дурусте карда, шеъри олӣ гуфтааст, вале Фарзонае, ки «қимат»-и садҳо бор ба маънои «гарон» дар асарҳо омада, дар луғатномаҳо қайд шударо истифода карда, забонро хароб менамудааст. Акнун, то он ки қарз ба қиёмат намонад, иҷозат бидеҳ, ба оҳанги сухани ту, вале ба ҳар ҳол мулоимтар аз он бигӯям, ки шояд хидмати хирсона ин ҷост, на дар он маврид, ки ман дурустии ҳарфи «қимат»-и Фарзонаро ҷонибдорӣ кардаам. Вагарна ин меъёр ва мантиқи ту ҳайратангез аст ва дар ақли ман гунҷоиш намеёбад.

Акнун дар бораи даъвати ту роҷеъ ба давом додани баҳс. Ман аз маърӯза ва ин посухи ту кам-кам дармеёбам, ки мехостаӣ, гӯё дар бораи сабки шеъри муосир суҳбат карда бошӣ, аммо азбаски масъалаҳои асосӣ мавриди баррасӣ қарор нагирифта, ҷузъиёти он туро ба худ машғул доштааст ва он ҳам на аз мавқеъҳои илмӣ, намедонам, аз ин гуна баҳс чӣ манфиате ба даст меомада бошад. Дар айни ҳол, бояд бигӯям, ки ин кори содае ҳам нест, зеро дар адабиётшиносии муосири тоҷик сабкшиносӣ умуман ва махсусан, сабки адабиёт соҳаи тамоман дастнахӯрдааст ва як-ду нафаре, ки дар солҳои охир ба ин масъала машғул шудаанд, ҳамчун Худоӣ Шарифов ва Носир Салимов назария ва амалияи онро дар насри классикии тоҷик таҳқиқ карда, кори басо арзишмандеро ба ҷо овардаанд, аммо он соҳаи дигар буда, сабкшиносии муосир вижагиҳои муҳими худро дорад, ки шеър аз рӯи он бояд баррасӣ шавад. Дар илми адабии ба мо наздиктар, масалан, дар Эрон М.Баҳор, М. Маҳҷуб, С. Шамисо, М. Ибодиён ва дар Русия Б. Томашевский, А. Веселовский, Ю.Тынянов, В. Виноградов, Г.Поспелов дар ин соҳа таҳқиқоти амиқи илмӣ кардаанд, ки таҷрибаи онҳо барои пайдо кардани самти дурусти тадқиқ мадад карда метавонад. Вале ин кори якрӯзаю дурӯза нест, корест, ки барои тайёрӣ ва татбиқи он солҳо заҳмат кашидан лозим аст. Аз ту, азизам Атоҷон, ки бо шеъру шоирӣ машғул ҳастӣ, донистани ин чизҳоро талаб надорам, аммо маърӯзаи ту, ки ба ин масъалаҳо бояд дахл мекард, бе назардошти ин таҷрибаи илмӣ чизи арзишмандеро ба миён оварда наметавонад. Бинобар ин, ман то андозае аз умқу паҳно ва мушкилоти масъала бохабарам ва аз қабули ин даъвати далеронаи ту, ки биё, баҳс мекунем, меҳаросам ва зиёда аз ин ҳоло барои ин вақту ҳавсала ҳам надорам ва девонеро, ки ба монанди ту дар рӯйи даст дорам ва на аз Анварӣ, балки аз Ҳофиз аст, бо умеди гирифтани фол барои ҳар дуямон кушодам ва ин байт пеш омад:

*Дар бисоти нуктадонон худфурӯшӣ шарт нест,*
*Ё сухан дониста гӯй, эй марди оқил, ё хамӯш!*

Ва Хоҷа, ки ҳамеша ҳақ аст, шояд дар ин мавриди ҳам ҳақ бошад.

Бо дуруд ва меҳри фаровон

**Аскар Ҳаким**

## «ЭЙ ВОЙ, БА ҲОЛИ ИЛМИ ТОҶИК!»

**Мусоҳибаи шоир Аскар Ҳаким бо мунаққид Аскар Ҳаким роҷеъ ба мақолаи Юсуф Акбарзода «Нигоҳе ба шеъри тоҷикии нимаи дуюми садаи бист», «Садои Шарқ», 2011, №1**

***Шоир:*** Маҷаллаи имсолаи «Садои Шарқ»-ро гирифтӣ?

***Мунаққид:*** Ман ба он обунаам, вале аз худи идорааш рафта мегирам, азбаски масруфиятам бисёр буд, нав рафта се шумораи аввали имсолаашро гирифтам, ки ҳоло ҳамаашро нахондаам. Чӣ буд?

***Шоир:*** Э, хеле чизро бой додӣ. Дар шумораи аввали он мақолае ҳаст, ки мондан гир. Номаш «Нигоҳе ба шеъри тоҷикии нимаи дуюми садаи бист». Кам не, ғам не 25 сафҳаи маҷалла, муаллифаш Юсуф Акбарзода. Номашро бин, чӣ хел зӯр! Даъво дорад, ки шеъри ним асрро таҳлил кардааст.

***Мунаққид:*** Кори шумо шоирон доимо ба мунаққиди бечора нописандӣ кардан. Шояд таҳлил ҳам карда бошад.

***Шоир:*** Хока! Дар атрофи даҳ сол аст, он ҳам ба як шеваи булъаҷаб.

***Мунаққид:*** Ту, ки шоирӣ, мақоларо нахонда, фақат номатро ҷустагистӣ?

***Шоир:*** Чӣ ҷойи пинҳон кардан, баъзан ҳамин тавр ҳам мекунам, вале аз мақолаҳои ин муаллиф номамро намеҷӯям. Зеро чандин сол пеш аз ин як китобе гӯё дар бораи шеъри муосири тоҷик нашр карда буд ва як рафиқ ба ман хабар дода, гуфта буд, ки қариб аз ним бештар ё камтари он дар танқиди туст, ҳатто овард, ки хонам. Ман, ки камтар ҳавсалаи хондани нақдро дорам, ёд дорӣ, аз ту пурсидам, ки гирам, мехонӣ? Гуфтӣ, ки на. Ман ҳам нагирифтам.

***Мунаққид:*** Барои он нагир, намехонам, гуфта будам, ки ӯ дӯсту ҳамкасби ман аст, гумон доштам, ки китобашро бо соядаст тӯҳфа мекунад, азбаски ин корро накард, каме ранҷида будам, ки дӯстиро пос надошт.

***Шоир:*** Не, ту ки аз навиштаҳои пешинаи ӯ огоҳ будӣ ва медонистӣ, ки дар чӣ савия ва ба чӣ ғаразе менависад, вақтатро зоеъ кардан нахостӣ. Он мақолаҳо дар бораи ман буданд, ихтиёр доштӣ, ки нахонӣ, аммо ин ҷо гап дар бораи мақолаи ту меравад, ки дар бораи шоирони дигар аст ва ту барои муайян кардани ҳақиқати ҳол онро бояд хонию ҷавоб гӯӣ.

***Мунаққид:*** Биё мон, ҳамин тезкарданҳоятро. Як дӯсти ҷонӣ дораму ҳамонро ҳам дида наметавонӣ. Корҳои муҳиму зарууртари дигар дорам.

***Шоир:*** Таҳаммул ҳам ҳад доштагист, қариб сӣ-чиҳил сол аст, ки ин дӯстат гиребони маро сар намедиҳаду ту бошӣ, то ҳол ақаллан як ҷумла ҳам ҷавоб нагуфтаӣ. Ана акнун аз гиребони ту ҳам гирифтааст, сазои сарат. Ё зӯрат намерасад?

***Мунаққид:*** Наход кас бо дӯсташ қувваозмоӣ кунад, бо дӯст шакаробу қурутоб меҳӯранд…Ба ғайр аз ин мо ҳамвазну ҳамқад ҳам нестем, чӣ хел мешавад? Боз на ҳар навишта арзиши ҷавобро дорад?

***Шоир:*** Ҳамвазну ҳамқад ҳастӣ, нестӣ, арзиш дорад, надорад, ин дафъа бояд ҷавоб гӯӣ, зеро дар ин навиштааш чунон «кашфиётҳо» кардааст, ки то ҳол даҳони ман воз аст. Ақаллан барои он ҷавобе деҳ, ки ман даҳони возамро пӯшонда тавонам.

***Мунаққид:*** Хуб, бошад. Ту ба ман интихобан ҳамон «кашфиётҳояш»-ро бихон, вагарна навиштаи 25-сафҳагиро, ҳарчанд аз они дӯстам бошад ҳам, хондан вақт мехоҳад, худ медонӣ, ки ман чӣ қадар китобҳои хубе дорам, ки бояд бихонам.

***Шоир:*** Гӯш кун, мехонам. Ӯ бо як мақолаи солҳои ҳафтоди асри гузашта навиштаи ту баҳс карда, аз он чунин иқтибоси дарозе мекунад, ки ман ҳоло маҷбурам онро пурра бихонам: «як назари тоза ба меҳнати пахтакору пахтачин нахустин бор дар як байти достони «Ҷони ширин»-и Мирзо Турсунзода ба назар расид. Шоир гуфта буд:

*То кунам таъзим мисли пахтачин*
*Чорқат гардида бар сӯи замин.*

Ин роҳи наве буд ва аслан мақсади шеър ҳам аз тасвири меҳнат ифодаи ҳамин хел мазмунҳост, яъне ба воситаи тасвири меҳнат нишон додани ҷаҳони ботинии инсон аст, вагарна тасвири маҳзи хирмани пахта ва ё бордони мошинҳои пахтачинӣ ҳаргиз матлаби шеър намебошад.

Мӯъмин Қаноат дар шеъри «Бузургӣ ва хоксорӣ» аз ин роҳ рафта, шеърияти ҳақиқии меҳнати пахтачиндухтарро дарёфт. Маълум шуд, ки дар бораи пахтачиндухтар ҳам бо як мафтунӣ ва самимияти тамом сухан гуфтан мумкин аст. Худи шеърияти меҳнати ӯ, агар шоир онро кашф карда тавонад, нисбат ба ҳамаи суханбофиҳои ошиқона ба кас бештар таъсир карда, дар замири дил менишинад.

*Ту дар ин саҳро, миёни пахтазор*
*На баландию на шуҳрат ёфтӣ,*
*Кор кардӣ аз дилу ҷон, хоҳарам,*
*Аз ҳамин пастӣ баландӣ ёфтӣ*

мегӯяд шоир ва дар як худи «хоҳарам» гуфта муроҷиат карданаш ба пахтачиндухтар чӣ қадар меҳрубонӣ ва самимият, чӣ қадар дилсӯзӣ ва тасанно ифода гаштааст». Иқтибос аз ту тамом шуд.

***Мунаққид:*** Исто, исто! Аввалаш ин ки дар ин ҷо мисраи дуюми шеъри М. Қаноат хатост, ман ин тавр карданам мумкин нест, зеро илми қофияро медонам.

***Шоир:*** Дуруст мегӯӣ, дӯстат, ки саводи қофия надорад, ба ҷои «кофтӣ»-и асл «ёфтӣ» навишта, пай ҳам набурдааст, ки қофияро аз байн бурдааст. Се айб болои ҳам – надонистани қофия, шеъри шоирро ғалат кардан ва ба ин восита ба ту, ки онро гӯё аз мақолаи ту иқтибос кардааст, туҳмат часпонидан. Акнун дар бораи ин ҳарфҳои худ хулосаи дӯстатро гӯш кун. Ӯ менависад: «Вале ин хулосаи мунаққид хилофи ҳақиқат аст, зеро достони «Ҷони ширин» соли 1959 навишта шуда, соли 1960 («Шарқи сурх», №1) чоп ва шеъри «Аҳсант ба одам» соли 1963 навишта шудааст, ки муҳаққиқ байтҳои фавқро аз онҳо иқтибос кардааст».

***Мунаққид:*** На, на! Инаш тамоман имкон надорад! Ман он байтҳои болоро чӣ тавр аз шеъри «Аҳсант ба одам» иқтибос мекардаам?! На, ман ин корро ҳаргиз карда наметавонам, зеро…

***Шоир:*** Ту наметавонӣ, аммо ӯ метавонад, фарқи ҳар дуи шумо дар ҳамин аст, ки ӯ кори ба ҳеҷ ақли солим рост намеомадаро карда метавонад, ту наметавонӣ. Қариб тамоми насли мо ин шеърро аз ёд медонад, аз ҷумла ман ҳам, он бо ин байт оғоз мешавад:

*Як моҳваше дар лаби дарёчаи кӯҳӣ*
*Аз об баромад.*
*Гӯё зи паси абри чу симоб сафеде*
*Маҳтоб баромад.*

Пас чӣ гуна метавон он банди болоро ба ин шеър часпонд?! На аз ҷиҳати вазн рост меояду на аз ҷиҳати қофия. Аҷаб қудрате! Ин аз дасти касе меояд, ки мисли ӯ худро мунаққиди шеър тарошаду дар бораи вазну қофия тасаввуроте надошта бошад. Чӣ касоне дар адабиёти мо даъвои доварӣ доранд?! Оё касе, ки қайчиву корди ҷарроҳиро аз белу каланд фарқ карда наметавонад, ҷарроҳ буданаш мумкин аст?! Ҳол он ки матое ҳамчун шеър аз ҷисми одамӣ нозуктар аст.

***Мунаққид:*** Ин тавр магӯ, ки қиссаи «Бӯзина ва дуредгарӣ» ба ёд мерасад! Охир дӯсти ман олим аст. Наход?!

***Шоир:*** Ман ҳоло он қиссаро на танҳо ба ёд меорам, ҳатто нақл ҳам мекунам, ки ҳикматомӯз аст. Бӯзина дуредгареро дид, ки бар чӯбе нишаста, онро мебурид. Ду фона дар пеш дошт, ҳар гоҳ яке онро бар ҷои буридаи чӯб мезаду дигареро мекашид. Дар ин миён дуредгар ҷое рафт. Бӯзина омаду дар ҷои ӯ нишаст ва чӯбро буридан гирифт, то мояаш ба ҷои буридаи чӯб даромада буд. Ӯ пеш аз он ки фонаи дуюмро бар шикофи чӯб занад, фонаи аввалро кашид. Чӯби нимбурида ба ҳам омаду мояро фишурд. Бӯзина аз дарди ҷонкоҳ менолид. Баъди чанде дуредгар омаду ӯро халос кард, аммо бӯзина бимурд. Аз ин ҷост, ки мегӯянд: «кори бӯзина нест наҷҷорӣ».

***Мунаққид:*** Не, ин айби дӯсти ман нест, айби чашми ҷаҳолат аст, ки кӯр аст, вагарна ба ин дараҷа нобино будан мумкин нест, охир дар ҳамон иқтибосе, ки ӯ аз мақолаи ман мекунад, номи он шеър дуруст «Бузургӣ ва хоксорӣ» оварда шудааст. Боз ба болокорӣ дӯстам соли навишта шудани шеъри «Аҳсант ба одам»-ро 1963 нишон додааст, ҳол он ки дар китобҳои М.Қаноат соли чопи он 1962 омадааст.

***Шоир:*** Шеърро соли 1963 навишта як сол пештар дар соли 1962 чоп кардан танҳо дар мантиқи ин Акбар Юсуфзода рост меояд.

***Мунаққид:*** Исто, исто, ки номи ӯро ғалат кардӣ…

***Шоир:*** Чӣ фарқ мекунад, вақте ки ӯ шеъри «Бузургӣ ва хоксорӣ»-ро «Аҳсант ба одам» мегӯяд, чаро мо ҳам ба шеваи ӯ амал карда, ӯро Акбар Юсуфзода нагӯем.

***Мунаққид:*** Не, охир, номи ӯро чаппа кардӣ.

***Шоир:*** Ман, охир, чӣ кор кунам, ҳама кораш, ки чаппа аст, номаш ҳам худаш чаппа шуд. Хуб, ин магар аз тамоман дигар кардан бадтар аст, ки ӯ ин корро бо шеъри М.Қаноат кардааст. Магар намедонӣ, ки Хоҷа Ҳофиз бо хиштрезе, ки шеъри ӯро хато мехонд, чӣ карда буд. Хайр, вай хиштрез буд, ин даъвои олимии адабиётро дорад, ҳам шеъри шоирро хато хонд ҳам номашро дигар кард. Пас мо бо даҳони воз шинем? Не, намешавад, ҳар кас сазои амалашро бояд бигирад.

***Мунаққид:*** Ман ҳам ҳоло аз мантиқи дӯстам дар ҳайрат астам, ки дар ин ҳарфи ман, ки байти устод Мирзо Турсунзода аз достони «Ҷони ширин»

*То кунам таъзим мисли пахтачин*

*Чорқат гардида бар сӯи замин - ро*

оварда гуфтаам, ки дар он нахустин назари тоза ба меҳнати пахтакору пахтачин ба чашм мерасад, ки соли 1959 навишта шуда буд ва ин дар шеъри М. Қаноат «Бузургӣ ва хоксорӣ», ки соли 1962 навишта шудааст, давом ёфтааст, чӣ хилофи ҳақиқат вуҷуд дорад? Дар он ҳолат хилофи ҳақиқат мебуд, агар достони М.Турсунзода соли 1962 навишта мешуду шеъри М.Қаноат соли 1959. Аз рӯи чӣ мантиқе дӯсти азизи ман шеъри «Бузургӣ ва хоксорӣ» - ро «Аҳсант ба одам» ва соли 1963 навишта шудааст, мегӯяду боз қабул надорад, ки шеъри соли 1959 навиштаи М.Турсунзода ба он таъсир доштааст.

***Шоир:*** Дар ин ҷо мантиқе нест. Э, мебахшӣ, фаромӯш кардем, аз рӯи мантиқи ӯ, ки шеърро соли 1963 навишта дар соли 1962 чоп кардан мумкин бошад, пас шеъри соли 1963 навишта шуда, чаро ба шеъри соли 1959 навишта таъсир карда наметавонистааст? Агар Ю. Акбарзода хоҳад, метавонад! Намедонӣ, ки «Мо метавонем!» шиори ӯст.

***Мунаққид:*** Шояд дӯстам ба ёди ман оварданист, ки М. Қаноат аз он ҳам пештар дар шеъри «Ба духтари пахтачин» (соли 1958) ба ин мавзӯъ рӯй овардаасту ман онро сарфи назар кардаам?

***Шоир:*** Ин тавр бошад ҳам дуруст нест, зеро ту дар давоми ҳамон мақолае, ки ӯ иқтибос кардааст, дар ин бора ҳам навиштаӣ, ки: «Қаноат дар шеърҳои маҷмӯаи «Шарора» ҳам, ки ба ситоиши пахтакору пахтачин бахшида шудаанд (масалан, шеъри «Ба духтари пахтачин»), изҳори ишқи дурӯғ накарда, меҳнати на чандон сабуки пахтачиндухтарро бо як муҳаббат тасвир намудааст, ки он аз меҳри гарми шоир гувоҳӣ медиҳад». Ин чӣ кор аст, нодида гирифтан ё буҳтон задан? Аввал ин ки ба ин ҳарфҳое, ки ту 30-40 сол қабл аз ин навиштаӣ, имрӯз ҳеҷ чизи тозае ҳамроҳ карда натавониста, дар ҳошияи он ҳарфи ботили худро навиштан ё қатъи назар кардан чӣ маъно дорад? Охир хонанда мебинад-ку! Ё ин «донишманд» гумон дорад, ки ин қадар сол гузашта бошад, ҳеҷ касе дигар ба он рӯй оварда, муқоиса нахоҳад кард? Ин раддия аз рӯи санад аст, ки овардам ва онро бо ҳеҷ қилу қоле намешавад ботил баровард.

Акнун аз рӯи бардошт аз шеър. Ин байти М.Турсунзода:

*То кунам таъзим мисли пахтачин*
*Чорқат гардида бар сӯи замин. –*

ва ин банд аз шеъри М.Қаноат:

*Ту дар ин саҳро, миёни пахтазор*
*На баландию на шуҳрат кофтӣ,*
*Кор кардӣ аз дилу ҷон, хоҳарам,*
*Аз ҳамин пастӣ баландӣ ёфтӣ.*

ҳамчун нахустин байтҳои хубе ҳисобида хоҳанд шуд, ки ба меҳнати пахтакору пахтачин назари тоза дошта, зимни худ маънии таҳтонӣ доранд, ки аз ҳарфҳои дар онҳо гуфта шуда бештару амиқтаранд ва ин фазилат талаби асоситарини шеъри асил аст.

***Мунаққид***: Воқеан дуруст мегӯӣ. Зеро ҳеҷ шеъре, ки дӯстам барои радди ҳарфи ман меорад, дар шеър, на ин ки ҳарф будан аз мисолҳои овардаи ман болотар нестанд ва ба замми ин на кай гуфтан, балки шеър будан аҳамият дорад. Он ҷо, ки ӯ шеъри «Бузургӣ ва хоксорӣ»-и М. Қаноатро бо шеъри бо шеъри «Қариб омад»-и Ғаффор Мирзо баробар гузошта, дар асоси гӯё бештар самимӣ будани хитобаи шеъри охир онро дар назари тоза доштан аз шеъри М.

Қаноат муқаддамтар медонад, комилан дуруст нест, зеро шеър ба ғайр аз самимият боз чизе болотар аз онро талаб дорад, ки он маънои таҳтонӣ, андешаи фалсафист. Дастоварди Ғаффор Мирзоро, ки бешубҳа яке аз шоирони назари нав воридкарда ба шеъри муосири тоҷик аст, дар ашъори дигараш бояд ҷуст .

***Шоир***: Дуруст мегӯӣ. Шеър ба қавли Пол Элюар ҳунарест ҳарфе бигӯӣ, ки аз мақсад ҳарфе нагуфта, онро гуфта бошӣ, яъне як чиз мегӯию маънои дигареро дар назар дорӣ, ки аз он амиқтар аст ва ин дар он ду мисоли аз Турсунзода ва Қаноат овардаи ман ҷой дорад. Ва агар ин муаллиф инсоф медошту ҳақгӯ мебуд, ин гуфтаи туро сарфи назар ва онро баъди бештар аз сӣ-чиҳил сол такрор карда, боз ба худи ту ёд намедод. Мавзӯъро кашф кардан, муҳимтарин хусусияти шеъри як замонро аз нахустинҳо шуда нишон додан ҳунар аст, на ин ки баъди ин қадар сол дар ҳошияи он гапи нодуруст зада, худро кашшофи он вонамуд кардан. Дар атрофи масъалаи кашфшуда ин тавр ё он тавр аст гуфтан аз дасти ҳар кас меояд, ки дупула арзиш надорад.

***Мунаққид***: Мебинам, ки чунин хулосаат дар асоси далел – таҳлили андешае, ки дар он пораи аз мақолаи ман иқтибосовардаи ӯ ва кӯшиши дар ҳошия рад карданаш ҳосил шуд. Шояд дар мавриди дигар, ки ӯ боз ҳам, ба қавли ту, дар ҳошияи фикри ман ҳарф мезанад, ҳақ бошад ва ин хулосаи ту зери шубҳа равад?

***Шоир***: Ҳаргиз. Мехонам, ӯ аз мақолаи ту иқтибос мекунад: «Як вақт ва махсусан, дар назми солҳои панҷоҳ, баъзе шоирон ҳамин ки дар бораи пахта ва пахтачиндухтар шеър навиштанӣ шаванд, албатта ба ӯ «ошиқ» мешуданд, гӯё меҳнати фидокоронаи ӯро бе ошиқ шудан суруда намешуда бошад. Бешубҳа, бисёри ин ошиқиҳо дурӯғ буд. Шоироне, ки роҳи дурусти тараннуми меҳнатро пайдо карда натавонистанд, ин қабил шеърҳояшон таъсир ва гармие надошт, ба он гуна шеърҳо аз муҳаббати набудаи худ гармӣ қарз додан мехостанд».

***Мунаққид***: Исто, ҷумлаи сеюм дар ин иқтибос вайрон аст, асп бо чаҳор пояш ҳам пешпо мехӯрад, мисли ин ки ман ҳам…

***Шоир***: Ин қадар воҳима накун. Биё, аввал бисанҷем, ин муаллиф кайҳо норосткории худро нишон дод, шояд ин ҷо ҳам ягон нағма карда бошад.

Китоби «Дар қаламрави сухан»-ро ба ман деҳ, саҳифаи 76, мехонам: «…Шоироне, ки роҳи дурусти тараннуми меҳнатро пайдо карда натавониста буданд, ба ин қабил шеърҳои таъсир ва гармие надошта аз муҳаббати набудаи худ гармӣ қарз додан мехостанд».

***Мунаққид***: Ин ҷумла дуруст-ку! Охир ба ин дӯсти ман чӣ шудааст?! Ҳар чӣзе, ки менависад ё ғалат, ё дурӯғ, ё туҳмат. Хуб, ҳаволааш ба Худо. Аммо он фикри ифодашуда сад дар сад дуруст аст ва ҳатто ба мисол овардан зарурат надорад, зеро он дарди як шоир набуда, тамоми шеър буд ва агар маҷмӯаи шеърҳои он солҳоро гирифта варақ занӣ, барои тасдиқи ин фикр фаровон мисол пайдо мекунӣ. Пас чӣ ҷойи эрод аст?

***Шоир***: Гӯш кун, ӯ менависад: «Вале дар асл ин тавр набуд ва шоирони тоҷик ба духтароне ошиқ мешуданду (э боракалло ба «ошиқӣ»фаҳмиатон, чӣ, Шуморо ба шоҳидӣ даъват карда буданд? – А.Ҳ.) дар асарҳояшон онҳоеро васфу тараннум мекарданд, ки меҳнатдӯст бошанд ва зебоии ҳақиқии маҳбубаи худро дар кори ҳалолу садоқатмандона ба нафъи халқу Ватан медиданд. Ин кӯшиши тоза бори аввал дар шеъри тоҷикӣ дар эҷодиёти Ҳабиб Юсуфӣ беҳтару хубтар намоён гашта, моҳияти (мубтадо зарур аст- А.Ҳ.) шеъри худро аз гузаштагон чунин тафовут дода буд:

*Ман ҳам сифати лаъли сухангӯ гӯям?*
*Ман низ сухан зи қадди дилҷӯ гӯям?*

*Бисёр бигуфтанд дар ин бораву ман*
*Ҳарф аз ҳунару қувваи бозу гӯям!*

Ва маҳбубаҳои қаҳрамони лирикиаш «Ширину Гуландому Зулайхоҳои ӯ хуршедвашони осмони меҳнат» буданд ва шоир фидои он дилбаре буд, ки бо кору заҳмати ҳалолу садоқатмандонааш ҷаҳон меорояд, оламро рангу бӯи тоза мебахшад. («Ту дилбари меҳнатӣ, фидои ту шавам»). Ва ҳар куҷо, ки равад, маҳбубаи худро он ҷо – дар оғӯши кор медид. (Аҷаб ошиқию аҷаб маҳбубагӣ, ки ошиқ ҳар куҷо меравад, он ҷо маҳбубаашро дар оғӯши кор мебинад, маҳбуба белу каланду пешдоманашро сари каш гирифта, аз ошиқаш пештар ба ҷои кори наваш «йӯрға» мекунад, ки мабодо ошиқаш ӯро сари кор надида, аз ӯ дил биканад - А.Ҳ.). Саропои вуҷуди ин маҳбуба ҳаракату ғайрат ва даҳ ангушташ ҳунар аст:

*Дӯзандаи нағзию тракторронӣ,*
*Соҳибқаламу муборизи майдонӣ,*
*Ҳам пиллакашию ҳам ҳавопаймоӣ,*
*Маҳбуби замон, чанд ҳунар медонӣ?*

…Дар ин қабил шеърҳо маҳбубаи таннозу зебо, маликаи ҳусну латофату назокату фаросати гузашта имрӯз ба нирӯ(?) ва фарди фаъол, бунёдкору созанда дар радифи мардон табдил гардид, ки дар бунёду рушду инкишофи ҷомеаи навин саҳми фаъол дорад».

***Мунаққид***: На, ҳеҷ боварам намеояд, ки дӯсти адабиётшиноси ман инро шеършиносӣ, таҳлили шеър ва нақди адабӣ гӯён дар асри ХХ1 навишта бошад! Охир сотсиологизми вулгарӣ—иҷтимоъгароии бозории мубтазали солҳои 20-30 асри гузашта дар пеши ин гапҳо об хӯрад. Наход дӯсти ман то ҳол нафаҳмида бошад, ки бозори ин гуна ҳарфҳо на танҳо дар шеър, балки дар танқиди адабӣ ҳам, ки онро як вақтҳо ҳамчун роҳи асосии таҳқиқи адабиёт қаламдод мекард ва ҳоло ӯ дар ин навиштааш ба ин кор машғул аст, кайҳо касод шудааст, онро касе дигар на дар адабиёт шеър мешумораду на дар илм таҳқиқ. Ба замми ин, дар ҷумлаи охираш чандин нуқси забониву мантиқӣ мавҷуд аст. Якум «маҳбуба… ба нирӯ табдил…» намегардад, шояд ба шахси нирӯманд табдил гардад, дуюм вақте ки ӯ «фарди фаъол…» мешавад, чаро «маҳбубаи таннозу зебо, маликаи ҳусну латофату назокату фаросат» буданашро бояд ҳатман аз даст диҳад? Чӣ тавр дӯсти хирадманди ман ин гуна муқобилгузории бемаъноеро карданаш мумкин аст, чаро маҳбуба бо ҳамон сифатҳояш наметавонистааст, ки ҳам фаъол бошаду ҳам дил рабояд?!

***Шоир***: Хайрият, ки дунё ба дасти ӯ нест, вагарна ӯ ба хотири «фарди фаъол» кардан тамоми занону духтарони моро аз зебоӣ ва латофату назокату фаросат (оҳо, инаш дар ҳеҷ дару дарвоза намегунҷад – А.Ҳ.) маҳрум мекард. Аз ҳамин мақсадаш дар назди занон як бор даҳон кушояд, ки онҳо чӣ мегӯянд?! Чаро ҳусну латофату назокат ва фаросати занон ғаши ӯро меорад, дар ин бора фикри мардонро ҳам пурсидан зарар надорад.

***Мунаққид***: Ман навиштаам, ки «… дар назми солҳои панҷоҳ…», пас чаро дӯстам барои рад кардани фикри ман номи Ҳабиб Юсуфиро ба миён меандозад, ки ӯ дар соли 1945 дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ шаҳид гаштааст. Чӣ, аз ин бармеояд, ки дӯстам солшуморию садашумориро аз ҳам фарқ карда наметавонад, охир солҳои панҷоҳ аз панҷоҳ минбаъдро дар бар мегирад, на баъд аз соли чиҳилро, инро талабаи мактаби миёна ҳам медонад-ку?! Ё ӯ дурӯғзан аст, ки аз фиреб кардани хонандаи ноогоҳ ҳам парҳез намекунад? Ба замми ин, он шеърҳое, ки мисол овардааст, на дар солҳои панҷоҳ, балки дар солҳои сӣ навишта шудаанд. Дар ҳайратам, ки ман дар мегӯяму чаро дӯстам девор, ман тут мегӯяму ӯ бед.

***Шоир***: Маълум аст, ки ту ин гуна бархӯрди сатҳӣ ва бемояро бо мавзӯи меҳнат дар шеър ва ҳамчунин дар таҳқиқи он қабул надорӣ, ки на шеъранду на таҳқиқ, вагарна меҳнат, ки рисолати бунёдкории инсон аст, аз муҳимтарин мавзӯи шеър ва таҳқиқи он мебошад. Шеъри меҳнатро чунон бояд гуфт, ки инсонсоз бошад ва онро чунон таҳқиқ бояд кард, ки хусусияти маънавию бадеии инсонсозии онро нишон дода тавонад.

***Мунаққид***: Афсӯс, ки дар иқтибосҳои боло ин талаботи бебаҳси шеъру нақди он вуҷуд надорад. Дӯсти донишманди ман нафаҳмидааст, ки моҳияти эҷодиёти шоиреро ҳамчун Ҳабиб Юсуфӣ, ки воқеан соҳибистеъдод ва роҳи тозаро дар шеъри замони худ дарк карда буд, дар мисолҳое ҷустааст, ки ҳаргиз намоёнгари дастоварди тозаҷӯиҳои ӯ нестанд ва мақоми ӯро паст бурдааст.

***Шоир***: Ман аз он дар ҳайратам, ки чӣ гуна мешавад, ҳамин гуна мисраъҳои берӯҳу равонро маҳсули ишқи шоир Ҳабиб Юсуфӣ қаламдод кард. Оё ӯ медонад, ки ишқи шоир ба чӣ корҳое қодир аст? Ишқ аст, ки дар сурати Лайло номи Қайсро ҷаҳонӣ ва ҷовидонӣ кард, дар сурати Лаура ба ашъори Петрарка таровати абадии ошиқона бахшид, дар сурати Шамс ба забони Мавлоно дарёи жарфу нопайдоканори ғазалиёти беназирро ҷорӣ сохт, дар сурати Биатрис ба Данте қудрати офариниши «Мазҳакаи илоҳӣ»-ро дод, дар сурати «сияҳчашмони кашмирию туркони самарқандӣ» ба ашъори Ҳофиз ошӯби риндонаву малакутиро ба эҳдо овард, дар сурати меҳан ба осори Лоҳутӣ ғуссаи ширину дардомези лоязолӣ ато фармуд, дар сурати Ватан ва дилбар ба «Ҷони ширин»-и Турсунзода самимият ва дилнишинии ҳамешагиро арзонӣ дошт. Оё ин муаллиф медонад, ки инро ишқ мегӯянд ва маҳсули он ин гуна мешавад?

***Мунаққид***: Ба ин руҷӯи ту дар ишқ, мехоҳам, илова кунам, шахсияти Ҳабиб Юсуфӣ, ки ихтиёран ба ҳимояи Ватан рафта, ҷони ҷавони худро ба шаҳодат додааст ва ин худ таҷаллои олитарин ишқ аст, магар иҷоза медиҳад, ки касе он мисраъҳоро санади ишқи ӯ бихонад. Магар дӯсти ман ба дарк кардани ҳамин чизи сода намерасад, ки бо ин кораш аз шахсияту шоирии Юсуфӣ муҳимтарин чизеро мекоҳад, ки ҳаргиз раво нест? Боварам намеояд. На ҳар чӣзе, ки аз зери қалам бармеояд, далели ишқ аст, ошиқии Юсуфиро дар шеърҳои дигари ӯ бояд ҷуст.

***Шоир***: Ман дар мантиқ шояд он қадар пурқувват набошам, аммо ба назарам чунин менамояд, ки ба ин муаллиф фарқ надорад, ки ту дар мақолаат чӣ мегӯӣ, ба ӯ ҳарфи туро, хоҳ дуруст бошад, хоҳ нодуруст, рад кардан муҳим аст, то зӯрии худро нишон диҳад ва дар аснои гӯшаҳои тираи ақлашро дурахшон намудан гапҳои ботили болотар гуфтаашро фаромӯш карда, поёнтар бар хилофи онҳо сухан меронад. Дар ҳамон иқтибоси дар боло овардашуда ӯ навишт, ки ҳарфи Аскар Ҳаким хилофи ҳақиқат аст, зеро, мухтасари гап, дар солҳои панҷоҳ шоирон ба духтарони меҳнатдӯст ошиқ мешуданду шеърҳои хуб менавиштанд ва навиштаҳои Ҳ. Юсуфиро намуна овард. Аммо дар идомаи он ҳарфҳои ботилаш боз чунин менависад: «Ин анъанаи нек (мо нек набуданашро исбот кардем, зеро он танҳо мақсад буду ҳанӯз ба шеър шудан нарасида буд – А.Ҳ.) то охири солҳои панҷоҳу аввали солҳои шаст аз тарафи шоирони тоҷик идома наёфт ва ғанӣ нагардид. Агар шоирони мо духтари пахтачинро дар саҳро тасвир мекарданд, ҳатман ӯ хеле чобукона кор мекарду осори хастагиро намедонист, суруд мехонду рақс мекард…(ба ҳамин тариқ як олам камбуди он шеърҳоро номбар мекунаду дар охир хулоса мегирад –А.Ҳ.) Ин тасвирҳо аксар рӯякӣ ва аз ҳақиқати зиндагӣ фарсахҳо дур буданд».

***Мунаққид***: Офарин, дӯст ҳар чӣ бошад ҳам дӯст аст, вагарна магар бо ин хулосааш бо ҳарфҳои дигар ақидаи маро тасдиқ мекард, ки навишта будам: «…Шоироне, ки роҳи дурусти таранууми меҳнатро пайдо карда натавониста буданд, ба ин қабил шеърҳои таъсир ва гармие надошта аз муҳаббати набудаи худ гармӣ қарз додан мехостанд».

***Шоир***: Ӯ на танҳо ҳарфи ту, балки ҳарфи худро ҳам, ки андаке пештар гуфта буд, баъди чанд ҷумлаи дигар рад мекунад. Аҷаб аралашбоде, қанд хӯру дар он сару нӯги фикри дурустеро пайдо кун! Шояд дар донишгоҳ дарси мантиқ нахонда бошад, вале ба ҳар ҳол одами солим дарки табиии мантиқӣ бояд дошта бошад-ку? Ё ӯ бо ҳар роҳе мехоҳад, ки зӯрии худро нишон диҳад, вале барои расидан ба ин мақсад ҷуз рад кардани фикри ту чораи дигареро пайдо карда наметавонад ва дар натиҷа хулоса баръакс мешавад, ки хилофи ихтиёраш ҳарфи туро тасдиқ мекунад.

***Мунаққид***: Агар кас фикри аввали мустақил надошта, дар ҳошияи фикри дигарон донишмандӣ кардан хоҳад, ба ин ҳол гирифтор мегардад. Фикреро, ки ман дар бораи роҳи дурусти тасвири меҳнату меҳнаткашро пайдо карда натавонистани шоирони тоҷик дар солҳои панҷоҳи асри гузашта баён карда будам, рад кардан имкон надорад, зеро ҳақ аст.

***Шоир***: Ҳоло бовари ман бар он қавӣ мешавад, ки ба ӯ чӣ гуфтани ту аҳамият надорад, танҳо дидани номи ту ӯро асабӣ карда, аз эътидол мебарорад ва ӯ дигар аз роҳбарии мантиқу ақлу андеша дармеравад ва ба даҳонаш ҳар чӣ ки меояд, гуфтан мегирад, вагарна бояд меандешид, ки дар тамоми истиноде, ки бар мақолаҳои М. Турсунзода, Ғаффор Мирзо мекунад ва иқтибосҳое, ки аз онҳо меорад, бо ҳарфҳои дигар ҳамон ақидаи ту собит гаштааст. Барои тасдиқи фикр ва ба хотири дароз нашудани гап танҳо як мисол меорам. Ӯ аз мақолаи Ғ. Мирзо иқтибос мекунад: «…Қаҳрамони аксари шеърҳои лирикии шоирони мо (хусусан агар духтар бошад), аз кадом оила, аз кадом синфи ҷамъиятии мо набошанд (бошанд – Ю.А.) қоматаш сарв, рухсораш ақиқ, лабонаш барги гул, дастонаш булӯринанд. Хулоса, образи ҳамон хонуми пештар аст, ки ҳамаи кору бораш дар бистари ноз хобидан ва аз бистари ноз бархостан аст» ва шоирони мо «ҷуръат намекунанд, ки рухсораи ӯро ақиқ нагӯянд, ҳол он ки он рухсораи шамолу офтобу гарду чанг зада бештар ба нон, ба нони гандуми шӯхак монанд аст». Ва эҷодкорони ин қабил ашъор «қомати мавзуни пахтачиндухтарро мебинанд, ки дар пахтазор ба чобукӣ ҳаракат мекунад, аммо намебинанд, ки он «қомати мавзун» гоҳ-гоҳ бархоста миёнашро мекапад, забони онҳо (шоирон – Ю.А.) намегардад гӯянд, ки он қомати мавзун дарди миён дорад. Онҳо фикр намекунанд, ки рӯзи дароз хам шуда гаштан кори осон нест». Шоир ҳамқаламонашро даъват карда буд, ки «ба тасвири реалистонаи меҳнати онҳо машғул» шаванд».

***Мунаққид***: О, ин бо ҳарфҳои дигар, вале моҳиятан изҳори ҳамон ақидаест, ки ман баён намудаам, яъне шоирон роҳи дурусти тараннуми меҳнатро пайдо карда натавониста буданд.

***Шоир***: Дуруст, охир. Пас чӣ ҷойи ин ҳама худрасвокунӣ?! Ман, ки аз назокати накди адабӣ камтар хабар дорам, ба ман фаҳмон, ки он магар мисли назари раҳгузаре ҳаст, ки аз кӯча мераваду ҳар чӣ ки бар чашмаш менамояд, масалан, дар, девор, тут, бед, санг, кулӯх дар бораи онҳо гап задан мегирад, ки ин муаллиф навиштаашро «Нигоҳе…» номида, ҳамин корро бо масъалаҳои шеър кардааст. Ин кор оё монанди ҳамон шеърҳое намебошад, ки умумӣ, номушаххас, ғайриконкретӣ меноманду онҳо гӯё дар бораи ҳама чизанду дар айни ҳол дар бораи чизе намебошанд. Магар мақолаи нақди адабӣ ҳам дар атрофи масъалаи муайян, ки меҳвари онро ташкил бояд диҳад, сохта нашуда, бо усули ба даҳон ҳар чӣ ки пеш ояд, хуш ояд, навишта мешавад?

***Мунаққид***: Туи шоир, ки ба ин сарфаҳм рафта бошӣ, наход ин дӯсти олими ман нафаҳмад? Акнун ман дигар ҳарфи туро қабул накарда наметавонам, ки чизи ба унвони пажӯҳиш чоп кунонидаи ӯ анбориши гапҳои пешипоафтодаи борҳо гуфташудае будааст, ки он ҳам яке аз боғу дигаре аз тоғ, яке аз осмону дигаре аз ресмон буда, на муҳра доштаасту на меҳвар. Дар ҳақиқат нигоҳи сатҳӣ, парешону гумроҳонае, ки ӯ ба ҳар мазҳари пешомада меафканад, ҳаргиз наметавонад, ки дидгоҳ ё меҳвари тадқиқу таҳқиқ қарор гирад.

***Шоир***: Ёдам ҳаст, тақрибан чиҳил сол қабл аз ин, ҳангоми аспирантиат, ту шеъри «Пири гулфурӯшон»-и М. Қаноатро таҳлил карда, чунин навишта будӣ, ки баъдан дар мақолаву китобҳоят ҷой гирифт. Азбаски ӯ ба ҳар ҳарфи ту нукта мегирад, биё, ҳоло бубинем, ки ту дар ин бора чӣ гуфта будиву ӯ чӣ мегӯяд. Таҳлили туро мехонам: «…шеъри…«Пири гулфурӯшон»…нишон аз оғози… тасвиркории шоир буд. Дар ин шеър ҳамаи ҷузъиёте, ки оварда мешавад: пири гулфурӯшон, ҷомаи беқасаб, локии шоҳӣ, саллаи суф, сабади гул, ҳама реалиянд. Дар сурати мӯйсафеди гулфурӯш тасвир кардани кӯҳи Варзоб, ки яке аз намудҳои ташхис аст, дилгармии хонандаро ба манзара ва мӯйсафед меафзояд.

*Кӯҳи Варзобро чӣ даврон аст,*
*Гӯӣ он пири гулфурӯшон аст.*
*Ҷомаи беқасаб ба бар дорад,*
*Локии шоҳӣ дар камар дорад.*
*Саллаи суф гирди сар дорад,*
*Сабади гул ба пеши бар дорад.*

Ҷузъиёти олами ашё ба таркиби ин шеър дохил шуда, барои тасвири кӯҳсор, ки одатан бо ташбеҳу истиора ва сифатҳои сарбафалак, осмонхарош, уқобногузар ва монанди инҳо адо карда мешуд, имкон надода, тасвирро ҳам хотирнишин ва ҳам оҳанги баёнро ниҳоят табиӣ гардонидааст. Ба ин чиз, бешубҳа, хусусияти халқии ҷузъиёти бадеии шеър низ мадад кардааст. Локии шоҳӣ, саллаи суф, сабади гул, образҳое мебошанд, ки дар забони халқ хеле серистифодаанд ва онҳо ба шеър таровату образнокии назми халқро афзудаанд».

***Мунаққид***: Мисли ин ки, он қадар бад нест, хайр, ҳарфҳои як аспиранти ҷавон, ки чиҳил сол қабл аз ин навишта шудааст. Албатта, чӣ ҷои тааҷҷуб аст, агар таҳлили дӯсти ман, алломаи нақд, боз ба замми ин баъди чиҳил сол, аз таҳлили аспиранти онвақта сад баробар амиқу илмитар бошад?

***Шоир***: Амиқу илмитар будаданашро намедонам, аммо зӯр буданашро ҳис мекунам, фақат ба он мазмун, ки агар онро ба масхара қабул кунӣ, аз ханда рӯдакан мешавӣ ва агар ба ҷид девона.

***Мунаққид***: Ииӣ…Агар ин тавр бошад, ист, аввал ман худро каме маҳкам дорам, баъд хон.

***Шоир***: Ӯ менависад: «Хусусан, шоир дар шеъри «Пири гулфурӯшон» (1959), ки аз шаш мисраъ иборат аст, як гӯшаи зебои Ватанамонро чӣ зебою дилрабо ва биноюю(?) хоно(?) тасвир кардааст… Ин ҷо ӯ бо сухани шоиронааш ба ҷисми берӯҳу равони кӯҳ ҷону турбат(?) ато ва сару либоси одамӣ пӯшонида пораву(?) сухангӯ(?) кардааст ва ҳоло ӯ дар сурати инсони воқеӣ(?) дар бозор гул мефурӯшад(?).

***Мунаққид***: Э, маро дор, ин дӯсти алломаи аз ҳафтод гузаштаи ман як аспирантакро чунон зад, ки дар пояш базӯр меистад… Ман дигар чӣ кор кунам, бихандам ё бигирям? Охир ин чӣ гап аст?! «Биноюю хоно тасвир кардааст» ин ба кадом забон навишта шудааст? Қирғизӣ ё эсперанто? Зеро дар забони тоҷикӣ то ҳол вожаи биноро, ки маънои бинанда, басир, дидавар дорад, ба маънои дидашаванда, баназароянда ва «хоно»-ро, ки сифати ба хат нисбатдошта буда, хоноиву осонхонии онро ифода менамояд, ҳеҷ кас оид ба тасвир истифода накардааст ва ин кор баъд аз ин аз булъаҷабиҳои беназири забондонӣ шинохта шуданаш мумкин аст.

***Шоир***: Ин булъаҷабии забондонӣ буд, акнун шаммае аз булъаҷабиҳои маъниофаринии ӯро тааммул кун. Дар ҷумлаи дигар ӯ навиштааст: «…ӯ бо сухани шоиронааш ба ҷисми берӯҳу равони кӯҳ ҷону турбат ато… кардааст», «…бо сухани шоиронааш ба … кӯҳ…турбат ато… кардааст», яъне чӣ? Охир маънои калимаи турбат хок, гӯр, қабр аст. Ба кӯҳ хок, гӯр, қабр ато

кардан, ин чӣ бемаънигарист? Дар куҷо шоире ва боз шоире ҳамчун Мӯъмин Қаноат ин корро кардааст? Ин чӣ девона баровардани шоир аст?! Устод Қаноат одами пуртаҳаммул аст, каси дигар муаллифро барои ин хел гапҳо ҳатман ба додгоҳ мекашид.

Ба давоми ҷумла биандеш: «...ба кӯҳ... сару либоси одамӣ пӯшонида пораву сухангӯ кардааст», дар кадом мисраи ин шеър аз пораву сухангӯ кардани кӯҳ сухан рафтааст, охир шоир ақлу завқи сухан дорад, чӣ гуна вақте ки манзури ӯ бо муҳаббату самимият тасвир кардани кӯҳи дилфиребаш аст, аз пора кардани он сухан ба миён меоварад? Ба ғайр аз ин, дар куҷои ин шеър кӯҳ сухан мегӯяд, ҳамаи ҳарф аз забони шоир аст.

Ҳоло мерасем ба қуллаи таҳқиқ. Шоир кӯҳро ташхис мекунад, яъне ба инсон монанд мекунад, ки тасаввури хонанда осонтару воқеитар шаваду бар самимияти таассуроташ биафзояд:

*Кӯҳи Варзобро чӣ даврон аст,*
*Гӯӣ он пири гулфурӯшон аст.*

Вале акнун бубин, ки ин «муҳаққиқ» чӣ мегӯяд: «...ва ҳоло ӯ (яъне кӯҳ – А. Ҳ.) дар сурати инсони воқеӣ (аҷабо, инсони воқеӣ?! – А. Ҳ.) дар бозор гул мефурӯшад (шояд ба Юсуф Акбарзода, ҷаноб, савдо кунед, арзонтар кунед, ки баногоҳ мӯсафед шуморо гӯл назанад. – А. Ҳ.). Ана инро таҳлили шеър мегӯянд! Боракаллову салламно! Агар таҳқиқ ин аст, нақд ин аст, илм ин аст, пас ёва чист, ҳарза чист, сафсатта чист?!

*Бӯрёбоф агарчи бофанда-ст,*
*Набарандаш ба коргоҳи ҳарир.*

Ман дигар қудрати ҳарф задан надорам. Танҳо имконам ба он мерасад, ки аз Пайрав Сулаймонӣ мадад хоста, бо маъзарат аз ӯ ба як байташ андаке тасарруф кунам, ки ба ҳоли ин «олим» мувофиқ гардад:

*Гар олими тоҷикон ту бошӣ,*
*Эй вой, ба ҳоли илми тоҷик!*

P.S. ***Мунаққид***: Ин қадар «кашфиёту хирадмандӣ» танҳо дар се иқтибосе вуҷуд доштааст, ки туи шоир ба ман хондӣ ва он аз 11 ҷумла иборат буда, ҳамагӣ як саҳифаро ҳам ташкил намедиҳад. Пас, ман агар дӯстиро ба як тараф гузошта, ин навиштаи 25 сафҳагии ӯро худ қалам ба даст гирифта хонам, чиҳое ки пайдо мекунаму чӣ қадар сафҳае лозим мешавад, ки ба «ваҷду шааф» омадани худро баён намоям. Бинобар ин, хуб шуд, ки ту маро аз ин кор наҷот додӣ, вагарна ё ман девона мешудам, ё хонандагони ин мусоҳиба. Аз номи ману хонандагони саломатмонда ба ту ҳазор ташаккур!

## «ДАРА ЗАДАМ, ДЕВОР КАФИД»

– ин аст ҷавоби банда ва дигар ҳеҷ ба навиштаи Юсуфи Акбарзода «Э вой ба ҳоли шоири халқӣ...(«Адабиёт ва санъат», 14 июли соли 2011) Мулоҳиза дар атрофи мусоҳибаи Аскар Ҳаким бо Аскар Ҳаким «Эй вой ба ҳоли илми тоҷик!» («Адабиёт ва санъат», 2 июни соли 2011).

Муроҷиат ба хонандагон!

Ба хонандагони гиромӣ мехоҳам бигӯям, ки ман намедонам бо ин муаллиф бо кадом забон ҳарф занам, зеро ҳар сухани маро ё ғалат иқтибос мекунад ё бо чунон таҳриф шарҳ медиҳад, ки ба он на як хонанда, балки худаш ҳам бовар карданаш мумкин нест, вале дар рӯ ба рӯи ҳақиқати суханҳои ман ба ҷуз таслим шудан чораи дигар, ки надорад, ба ин кори бемаҳсулу хандаовар машғул мешавад.

Масалан, боз аз ҷумлаи ғалаткуниҳои нав. Ман дар бораи шеърҳое, ки дар онҳо шоирон ба пахтачиндухтар ба ҷои тасвири шоиронаи меҳнати ӯ изҳори ишқи дурӯғин мекарданд, навиштаам «бисёри ин «ошиқиҳо» дурӯғ буд», ӯ дар иқтибосаш меорад, ки «… ин андешаҳо(?) дурӯғ буд», ман дар бораи муносибати нодурусти ӯ бо эҷодиёти Ҳ. Юсуфӣ навиштаам, ки Ю. Акбарзода бо ин кораш «мақоми ӯро паст бурдааст», ӯ дар иқтибосаш менависад, ки «мақсади(?) ӯро паст бурдааст». Бо ҳамаи ин боз даъвои ҳалолкорӣ дорад. Пас аз ин оё мешавад, ақаллан ба як ҳарфи ӯ бовар кард?

Акнун дар бораи баъди як мақолаи танқидии ӯ ба китоби «Дар қаламрави сухан»-и АскарҲаким ва гӯё ба он ҷавоб дода натавониста, ба шеър гузаштани банда. Тасаввур кунед, як нафар, ки як ҷумлааш шояд аз Тоҷикистон берун нарафтааст, муаллиферо, ки китобу мақолаҳояш дар Русия, Амрико, Эрон ва ба забонҳои расмии байналхалқӣ, аз ҷумла , инглисӣ, фаронсавӣ, немисӣ ва ғайра тарҷума шуда, дар нашрияҳои муътабари ҷаҳонӣ ба табъ расидааст, бо як мақолааш, ки ӯ умуман онро нахонда буд, маҷбур сохтааст, ки нақди адабиро партояду ба шеър гузарад. Мухлисони Аскар Ҳаким, ба ин гап қарс бизанед! Вагарна, ҳоло бешоир мемондед. Хайрият, ки ман ҷои гузаштан доштааму ба шеър гузаштаам, вале Ю. Акбарзода ба куҷо мегузашта бошад?

Ба касе, ки ҳамин гуна гапҳои бемаъниро ҳарф гумон карда менависад, сухан гуфтан чӣ фоида дорад ва бинобар рӯи сухани ман дигар ба хонандагон аст.

Мавзӯи мусоҳибаи ман масъалаҳои чигунагии баррасии шеър буд, на ин ки таърихча, тарҷумаи ҳол, вазъи иҷтимоию сиҳатии ин ё они мо ва азбаски Ю. Акбарзода ба ҷои баррасии масъалаи асосӣ ҳарфҳои дигарро ба миён андохтааст, маро зарур меояд, ки ба Шумо, хонандагони муҳтарам, асли чанде аз онҳоро баён намоям.

Дар бораи гӯё аз мансаб сӯиистифода карда, ҳамаи мукофоту унвонҳои ифтихориро ба даст овардани банда мухтасаран чунин маълумот медиҳам. Ҳар як узви Иттифоқи нависандагон медонад, ки мансабу мукофоту унвонҳои ифтихорӣ ба воситаи пешбарӣ гаштан, раъй додани аксарияти аъзои Иттифоқи нависандагон, дар анҷуман раъй додани ҳамаи аъзои иттифоқ ва дар маҷлисҳои садорат ва раёсат раъй додани аъзои онҳо сурат мегирад, ки ҳар дуи охир ҳам ифодагари раъи аксарияти аъзои Иттифоқи нависандагон мебошад. Пас ҳуҷҷатҳо ба Ҳукумати Ҷумҳурӣ ирсол мегардад, ки баъд аз мақбул ёфтани он Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки Раиси Ҳукумат ҳам мебошад, содир мешавад.

Ҳамаи мансабу мукофоту унвонҳои ифтихории Аскар Ҳаким ба ҳамин тариқ бо ҷонибдории аксарияти аъзои ИНТ бо раъйдиҳии пӯшида ва алтернативӣ ҳангоми ду навбат раис, се навбат яке аз роҳбарони ИНТ интихоб шуданаш, ки маҷмӯан бисту панҷ солро дар бар гирифтааст, ба ӯ дода шудааст. Дар ин муддат аъзои Иттифоқи нависандагон кӣ будани Аскар Ҳакимро шинохтаанд, ки ба интихоби ӯ панҷ навбат раъй додаанд ва Ю. Акбарзода сарашро ба сад санг занад ҳам ҳеҷ як аз ин қарорҳоро заррае ҳам дигар карда наметавонисту наметавонад, зеро дар онҳо раъи аксарият ҳаст ва аз як-ду нафар ва ҳатто даҳ-понздаҳ нафар ҳамчун ӯ боке набуду нест.

Ҳар унвону ҷоизаи сазоворгаштаи Аскар Ҳаким бо Фармони Президенти мамлакат ба тасвиб расидааст, ки дар он на фақат хидмати хоксоронаи ӯ дар рушди адабиёт, балки саҳмаш

дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии мамлакат, аз ҷумла дар сулҳу суботи кишвар ҳам ба назар гирифта шудааст, ки банда аз Ҷаноби Олӣ, Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон самимона сипосгузор ҳастам. Президенти мамлакат аз рӯи Конститутсияи (Сарқонуни) ҶТ ягона шахсест, ки аз номи тамоми халқи Тоҷикистон ҳақ ва салоҳияти сухан гуфтан дорад. Иродаи ӯ иродаи халқи Тоҷикистон аст ва бинобар ин эҳтиром гузоштан ба Амру Фармони ӯ ба ҳар шаҳрванди Тоҷикистон воҷиб мебошад, аз ҷумла ба ҷаноби Ю. Акбарзода ҳам. Ин аст қонуни адолат, ҷомеаи демократӣ ва расму одоби инсонию шаҳрвандӣ.

Дар бораи ҳарфҳои муносибати ману шоир ва муҳаққиқи маъруфи эронӣ Алиризо Қазва мегӯям, ки дӯсти муътабар ва гиромии ман корманди масъули Ройзании фарҳангии Эрон дар Тоҷикистон буд, на котиби аз хате бар хате баргардонкунанда, ки китоби маро ба хати форсӣ баргардонад ва ба он боз чиҳил саҳифа эрод гираду маро нозим нишон диҳад. Ман аз чунин китоб хабаре надорам ва онро ҳоло аз дурӯғбофиҳои Ю. Акбарзода мешунавам.

Ҳамчунин коре воқеъ нашудааст ва агар воқеъ мешуд ҳам ба дигарон рабте намедошт, махсусан, ба Ю. Акбарзода, зеро дар кадом савия навиштани ӯро тамоми кормандони матбуот, ки дар маҷаллаву рӯзномаҳо ба сифати ходим ё мудири шӯъбаи нақди адабӣ кор мекарданд ва аз таҳриру ба як ифоқа овардани навиштаҳои бесару нӯги ӯ ба ҷон расида буданд, хуб медонанд. Хушбахтона, ҳеҷ нафаре аз онҳо бо навиштаҳои Аскар Ҳаким ҳаргиз ҳамин гуна заҳматро накашидааст.

Китоби «Баргузидаи ашъори Аскар Ҳаким» дар Эрон аз ҷониби нашриёти «Алҳудо», ки муҳтарам ҷаноби Алиасғари Шеърдӯст раиси он буданд, таҳия ва нашр шудааст, ки ман аз эшон ба ҷону дил миннатпазирам. Китоби «Илтиҷо аз уқоб» аз ҷониби Ройзании фарҳангии Эрон дар Тоҷикистон, ки онро Дориюши Раҷабиён баргардон кард, то ба Тоҷикистон омадани Алиризо Қазва ба чоп расида буд. Агар воқеият ҳамон тавр мебуд, ки Ю. Акбарзода менависад, магар Алиризо Қазва мақолаи муфассали «Аскар Ҳаким – ғазалсарои мутафовит» («Адабиёт ва санъат», 27.01.2005) –ро менавишт, ки ман ҳоло маҷбурам аз он иқтибоси мухтасаре кунам, то чӣ андоза дурӯғу бофта будани ҳарфҳои Ю. Акбарзода аён шавад: «…ғазалҳои солҳои охири ӯ ба хусус ғазалҳое, ки дар китоби охираш (…Боз мерасад хуршед) ба чоп расидааст, ғазалҳои комилан мутафовит ва таҷрибаҳои тоза дар зиндагии шоирии ӯ ба ҳисоб меояд. Ҳатто хондани бархе аз ин ғазалҳо комилан ғофилгиркунанда аст». Ва байтҳоеро мисол оварда, аз ҷумла менависад, ки «…байтҳое аз ин даст метавонад барои ғазали имрӯзи Тоҷикистон обрӯ ва эътибор шавад… Байте, ки аз як шоҳбайт ҳеҷ кам надорад ва шоире, ки битавонад чунин байте халқ кунад, бегумон тавони такрори онро низ дорад…ғазалҳое аз ин даст, ки дар ин китоб кам ҳам нестанд, ҳикоят аз он дорад, ки насли ботаҷриба ва пухтаи шеъри Тоҷикистон ҳанӯз ҳам метавонад холиқи шигифтие шавад». Ана ин аст фикри А. Қазва дар бораи шоирии Аскар Ҳаким.

Хуш ба ҳоли «нозиме», ки дар борааш ҳамин гуна ҳарфҳо бигӯянд ва Ю. Акбарзода, ки ҳарфи Алиризо Қазваро муътабар мешуморад, агар худ ҳам оини ҷавонмардиву тавбаро медонад, ки аз мо онро талаб дорад, баъд аз ин аз гапҳои бебунёду ғаразноки худ даст кашида, дар пеши ин суханон ба зону бояд биафтад, вагарна рӯҳи дигар устоди оламшумули шеър, зиндаёди равоншод Расул Ҳамзатов ҳам, ки дар сарсухани пурмуҳаббати ба китоби Аскар Ҳаким навиштааш ӯро «шоири олиҷаноби тоҷик» номидааст, аз гиребонаш хоҳад гирифт.

Вале Ю. Акбарзода тақрибан 25-30 сол аст, ки як ҳарфи бедалелу ғаразноки худро, ки гӯё шеъри Аскар Ҳаким «...оварда ва аз тарокуми калимот иборат иборат асту аз самимияти хос дур…» такрор мекунад. Ӯ ин ҳарфи худро ҳамин қадар сол пештар дар баррасии солонаи шеър оид ба шеъри « Кӯ ба кӯ бодҳои сарди хазон…» - и банда мегуфт, ки яке аз шоирони хунгарми

мо дигар тоқат наоварда, луқма партофт, ки гапатон сад дар сад нодуруст аст, ин шеъри хуби сол ва яке аз беҳтарин шеърҳои Аскар аст. Бо вуҷуди ин, ӯ сухани худро давом дода, азбаски ба маънои таъбири шеъри омада ва оварда дуруст сарфаҳм намерафт, ин шеърро гоҳ оварда мегуфту гоҳ омада, ман дар охир бо иҷозати раиси ҷаласа аз Ю. Акбарзода суол кардам, ки, хуб, хулоса, шеъри Аскар Ҳаким оварда будааст ё омада? Ҷавоб дод, ки омада, ҳол он ки аз рӯи мантиқи суханаш оварда бояд мегуфт. Пас ман ҳам ҷавоби сазоворашро дода будам. Он лаҳзаро иштирокчиёни ҷаласа ҳоло ҳам шояд дар хотир доранд. То он ки сухан бедалел набошад, мегӯям, ки он шеър ба бисёр шоирон, аз ҷумла ба устод Бозор Собир хуш омада буд, ки баъд аз хонданаш ба банда бо софдилии тифлонааш гуфта буд, ки Аскар, парто ҳамин мақоланависиатро, шеърҳои хуб навишта метавонӣ, шеър навис. Инро шоире мегуфт, ки банда дар борааш яке аз беҳтарин мақолаҳои худ «Бӯи гулхор» - ро навиштаам. Устод Муҳаммадҷон Шакурӣ ҳам он мақоларо ба ман хеле ситоиш карда буданд. Он мақола дар Маскав ҳам чоп шуда, баҳои баланде гирифт. Аммо шоире, ки дар борааш ҳамчунин таҳқиқе кардаам, аз ман хоҳиш дошт, ки шеър нависам ва шояд таъсири ҳамон шеър буд, ки устод Бозор Собир яке аз китобҳояшро бо чунин соядасти пурмуҳаббат ба банда тӯҳфа кард:

*Аскар Ҳаким,*
*Аскар Ҳаким,*
*Ман бе ту кам,*
*Ман бе ту ним.*

Хушбахтона, устод саломат аст ва эҳтимол ин лаҳзаҳоро дар ёд дорад.
Касе, ки ин ҳарфҳоро

*Дӯзандаи нағзию тракторронӣ,*
*Соҳибқаламу мубориzi майдонӣ,*
*Ҳам пиллакашию ҳам ҳавопаймоӣ,*
*Маҳбуби замон, чанд ҳунар медонӣ? –*

шеър тасаввур кунаду анъанаи нек номад ва ба болокорӣ боз онро «аз дидгоҳи имрӯз аст» гӯяд (инсоф диҳед, он кадом дидгоҳи имрӯз аст, дидгоҳи имрӯз онро ҳаргиз ба қатори шеър намеҳисобад, он дидгоҳи хоси Ю. Акбарзода аст, ки ҳатто дар замони Дақёнус ҳам набуд, зеро ин гуна дидгоҳ, ки ҳарфи шеър набударо шеър шиносад, ҳаргиз вуҷуд дошта наметавонад, ҷуз дар тасаввури шеърношиносии Ю. Акбарзода) ва шеъри «Кӯ ба кӯ бодҳои сарди хазон» - ро «оварда»ву шеър не гӯяд, оё шеърро мешиносад, ё аз он ҳам бадтар, нигоҳи мунсифона ва беғаразона ба адабиёт дорад?

Шеър бояд ҳамеша шеър бошад, кай навишта шудани он на барои шеър ва на барои гӯё таърихи адабиёт заррае аҳамият дорад. Шеър моли имрӯзу фардо нест, шеър моли фарозамонӣ, ҷовидонист.

Асарҳои ҳамдигарро хонда фикри худро баён намудан дар байни адибон кори муқаррарист. Ман қариб ҳамаи шеърҳоямро пеш аз чоп ба дӯстонам, аз ҷумла ба устод М. Қаноат, Лоиқ, Бозор Собир, Гулназар, С. Ҳалимшоҳ, А. Самадов, Камол Насрулло, Раҳмат Назрӣ, Ато Мирхоҷа, А. Абдуманнонов ва дигарон медодаму медиҳам ва фикру мулоҳизаҳояшонро гӯш мекунам ва ҳатто баъзан хоҳиш менамоям, ки ба онҳо баҳогузорӣ ҳам кунанд, то ман ақидаи худро бо ақидаи дигарон муқоиса карда, баҳои воқеии шеъри худро шинохта тавонам. Масалан, ман достони «Санги ман – алмос»-ро пеш аз чоп қариб ба бист - сӣ

нафар, адибон дода будам, ки фикру мулоҳизаҳояшонро бигӯянд. Он фикру мулоҳизаҳо барои ман буданд, агар он гуна мулоҳизаҳоро эълон кардан шарт бошад, метавонам изҳор намоям, ки, масалан, устод М. Қаноат гуфта буданд, ки ин достон қуллаи баландтарини шеъри нави мо дар асри XX мебошад ва далелҳояшонро муфассал шарҳ ҳам дода буданд, ки ман аз устод самимона сипосгузор ҳастам. Ва ё устод Муҳаммадҷон Шакурӣ баъд аз шунидани шеъри «Замини сабзи боварҳо» гуфта буданд, ки ман агар имкон медоштам, ин шеърро баъд аз «Суруди миллӣ» дар ҳамаи китобҳои дарсии мактабҳои таълими ҳамагонӣ чоп мекардам, то насли ҷавон аз бачагӣ соҳиби чӣ фарҳанги олӣ будани худро донаду онро биомӯзад. Дар баробари ин ман низ шеърҳое дорам, ки баъд аз шунидани фикру мулоҳизаи дӯстон аз чопи онҳо даргузаштаам. Оё ин кор аз эътибори шоир мекоҳад?

Устод М. Қаноат дар мусоҳибаашон бо Р. Мусулмониён дар маҷаллаи эронӣ «Номаи порсӣ» 15 сол пеш аз ин ба саволи ӯ «оё кадом устодон шеърҳои Шуморо маслиҳат додаанд ва шумо тасҳеҳ кардед?», дар ҷавоби худ бо камоли тавозӯъ дар қатори номи чанд нафар устод номи Аскар Ҳакимро ҳам зикр кардаанд. Чӣ, магар баъд аз ин аз эътибори шоирии устод М. Қаноат чизе кам мешавад ва ё аз рӯи мантиқи Ю. Акбарзода устод нозим мешаванду дигарон шоир? Ҳаргиз! Баръакс, ин эътибори устодро боло мебарад ва масъулияти тамоми эшонро дар кори шеър собит менамояд.

Ман намехоҳам дар ин бораи он ки чӣ қадар асарҳои назму насру нақди адабиро хонда маслиҳат додаам, ё таҳриру тасҳеҳ кардаам, суҳбат кунам, зеро, аввалан, он хеле дароз хоҳад буд ва, сониян, барои ман, ки солҳо муовини сармуҳаррир, сармуҳаррир, раиси ИН будам, ин як кори муқаррарӣ буд ва ҳоло ман ба ҳеҷ нафар аз дӯстон, ки ба банда бо ҳамин гуна хоҳиш муроҷиат кардаанд, миннат гузоштанӣ нестам, баръакс аз онҳо сипосгузорам, ки маро қобили ҳамчунин кореදониста, муроҷиат кардаанд. Ин кор ҳоло ҳам давом дорад. Маълум мешавад, ҳамчунонки фикри онҳо барои ман аҳамият дошту дорад, фикри ман низ барои онҳо муҳим аст.

Аммо дар айни ҳол фикри онҳое, ки аз завқи шеър маҳруманд, барои шоир пашизе ҳам арзиш надорад. Завқ эҳдои худовандист, агар додааст, ҳаст ва агар надодааст, нест ва агар дониши Афлотунро ҳам дошта бошию завқ надошта бошӣ, ба шинохти шеър наҳоҳӣ расид. Фоҷиаи бисёриҳо дар ҳамин аст, гумон мекунанд, ки агар дониш доранд, ба фаҳми шеър мерасанд. Мутаассифона, ин тавр нест ва фоҷиаи дигар он аст, ки ба онҳо инро фаҳмонида ҳам намешавад. Фоҷиаи гурӯҳи дигар дар он аст, ки аз ҳар дуи ин чиз - ҳам илми шеър маҳруманду ҳам завқи шеър ва заҳмати якумраи онҳо барои адабиёт аҳамияте надорад. Ман ин суханони талхро на барои таънаи Ю. Акбарзода, балки барои онҳое менависам, ки агар ба нақди шеър машғул шуданӣ ҳастанд, аввал муайян кунанд, ки салоҳияти ҳамчунин кореро доранд ё не, агар доранд, пас машғул шаванд, то умри азизро ба беҳуда сарф накунанд.

Тақрибан 25-30 сол пеш аз ин ман аз устод М. Шакурӣ бо афсӯс пурсида будам, ки чаро вақтҳои охир дар бораи шеър мақола наменависед? Устод бо камоли хоксорӣ ҷавоб доданд, ки дигар қуввати дилам намерасад. Ин ҳарфи устодест, ки мақолаҳои олиҷанобе дар бораи шеър навишта, ба дарки асли он расидааст.

Ҳадафи ман аз мусоҳибаи пешин муҳофизати адабиёт ва илми он аз бесалоҳиятист. Ҳеҷ асаре, ки адабиёт нест, ба таърихи адабиёт ворид шуда наметавонад, зеро моли адабиёт нест, пас чӣ гуна метавонад ҳатто ба таърихи он ворид шавад? Ин гуна таърихро мисли Ю. Акбарзода беҳунарони таҳқиқи адабиёт бофта баровардаанд, ки на барои шеър аҳамитяте дораду на барои таърихаш. Ба таърихи адабиёт асарҳое ворид мешаванд, ки асил буда, бақои ҳамешагӣ доранд. Инро ба хубӣ дарк бояд кард. Заминаи пешрафти ҳар эҷодкор танҳо асарҳои оливу асилаш қарор мегиранд. Ҳамчунон дар таърихи адабиёт танҳо асарҳои асил боиси рушди

адабиёт мешаванд, таърихияти назар ба адабиёт ва таҳқиқи он дар асоси асарҳои асили адабиёт сурат бояд бигирад, вагарна он на таърихи адабиёт, балки таърихи зидди адабиёт ва беохир хоҳад буд, зеро навиштаҳое, ки зери номи адабиёт нашр шудаанду мешаванд, нисбат ба асарҳои воқеан адабиёт садҳо маротиба бештаранду тамомшавӣ ҳам надоранд.

Акнун дар бораи даъвои пайғамбарӣ ва маликушшуароии Аскар Ҳаким. Ҳамчунин даъвое ҳеҷ вақт ва дар ҳеҷ ҷое аз забони банда бурун наомадааст, ин тасаввур ва ҳарфест, ки Ю. Акбарзода худ дораду мегӯяд, пас ин мушкили ӯст.

Ва дар охир ҳар кас, ки ба ҳақиқати ҳар дуи он навишта сарфаҳм рафтанӣ бошад, заҳмати ба ҳам муқоиса карда хондани онҳоро ба худ раво бинад. Барои онҳое, ки имкони ин корро надоранд – шояд шумораҳои зарурии ҳафтавор дар дасташон набошад, мегӯям:

Ин банд аз шеъри «Бузургӣ ва хоксорӣ»-и М. Қаноат аст:

*Ту дар ин саҳро, миёни пахтазор*
*На баландию на шуҳрат кофтӣ,*
*Кор кардӣ аз дилу ҷон, хоҳарам,*
*Аз ҳамин пастӣ баландӣ ёфтӣ,*

ки Ю. Акбарзода номи онро хато «Аҳсант ба одам» навишта, ба чунин шакл меорад:

*Ту дар ин саҳро, миёни пахтазор*
*На баландию на шуҳрат ёфтӣ(?),*
*Кор кардӣ аз дилу ҷон, хоҳарам,*
*Аз ҳамин пастӣ баландӣ ёфтӣ,*

ки ғалат шуд, қофия аз байн рафт, маъно хароб гашт, мантиқи амал вайрон шуд ва бо ин ҳама вақте ки ба ӯ ин ғалатро нишон медиҳанд, ӯ ба ҷои маъзарат хостан аз хонандагон ва устод М. Қаноат, гуноҳро ба гардани шоир ва дигарон партофта, чунин менависад: «Дар тӯли ин қадар солҳо ( яъне чиҳил сол – А. Ҳ.) ягон муҳарриру мусаҳҳеҳ ва хонанда, аз ҷумла худи муаллифи шеъру мунаққид А. Ҳаким ин иштибоҳҳоро надидаву даъвою ошкору ислоҳ накардаанд, зеро дар мисраи мазкур нисбат ба «шуҳрат кофтӣ» «шуҳрат ёфтӣ» равонтару маъмултару машҳуртар аст…».

Хонандагони муҳтарам, ба сари ин гапҳо як фикр кунед, ғалатро Ю. Акбарзодаи аллома мекунад, аммо муҳаррир, мусаҳҳеҳ, шумо хонандагон, муаллифи шеър устод М. Қаноат ва мунаққид А. Ҳаким гунаҳкоранд, ки онро «надидаву даъвою ошкору ислоҳ накардаанд, зеро дар мисраи мазкур нисбат ба «шуҳрат кофтӣ» «шуҳрат ёфтӣ» равонтару маъмултару машҳуртар аст…».

Оё касе аз шумо, хонандагони муҳтарам, дар умри худ даъвои аз ин бемаънотару бешармонатарро шунидааст? Инро на ягон бачаи беақл, балки касе мегӯяд, ки худро мунаққид меномад. Қалам аз шарҳи чунин бемаънигариҳо оҷиз аст, вале ман ба ҳар ҳол мехоҳам бар чанд нуктаи он таъкид кунам.

Ю. Акбарзода мегӯяд, ки ин ва ғалатҳои фоҳиши дигараш иштибоҳи техникию забонист (забонияш, ки худ айби бузургест, забонро надониста чӣ гуна даъвои баррасии шеър ва забони дигаронро дорад?), агар ҳамин тавр мебуд, ӯ, ки муаллиф аст, дар давоми чиҳил сол он навиштаашро на як бору ду бор хондааст, он ғалатҳоро ҳатман бояд меёфт, вале азбаски наёфтааст, пас онҳо техникӣ нестанд, яъне надониста ғалат кардан аст ва то имрӯз ҳам намедонист, ки ғалат кардааст, зеро арӯзро, қофияро, илми фасоҳату балоғат ва ҳунари

баррасии шеърро намедонад. Пас онҳоро як иштибоҳи техникӣ гуфтанаш дурӯғи маҳз аст. Чунин аст хулосаи мантиқӣ, ки онро ба ҳеҷ ваҷҳ наметавон рад кард.

Дар масъалаи то имрӯз он ғалатро нагуфтани ман: Ю. Акбарзода, мутаассифона, ба он дараҷае нарасидааст ва ҳаргиз нахоҳад расид, ки Аскар Ҳаким вазифадори хондани ҳамаи навиштаҳои ӯ ва ё мусаҳҳеҳи ӯ бошад. Акнун, ки ин навиштаашро тасодуфан хондам (ман ҳаққонӣ иқрор карда будам, ки навиштаҳои ӯро умуман намехондам, сабабашро ҳам гуфтаам, ки баъди як-ду чизашро хондан ба хулосае омадам, ки барои ман хондани онҳо арзиш надоранд, ҳоло барои он хондам, ки он навишта даъвои таҳлили шеъри ним асрро дошт ва ба дил гуфтам, шояд дар давоми ин қадар солҳо муъҷизае рух дода бошаду ӯ шеърро мефаҳмидагӣ шуда бошад, вале ҳайҳот, дар ин кор муъҷиза рух намедодааст), хондам ва дидам, ки навиштааш ба танқид намеарзад, ҳаҷв кардам, ӯ бошад аз ҳаҷв ситоишро талаб дорад, ҳамчунонки соядасти бо киноя ва писханд навиштаи маро ҷиддӣ ва ситоиш гумон кардааст. Аҷаб маънирасие!

Сабаби он ғалатро ба ҷаноби Ю. Акбарзода нагуфтани дигаронро, агар онҳо вазифадор бошанд, намедонам, бигзор худашон гӯянд, вале азбаски ӯ ба хонандагон ҳам даъво дорад, ки ин корро накарданд, ҳадс мезанам, ки шояд нахонда бошанд, хонандагон, ки нахонанд, пас навиштаҳои ӯ ба кӣ ва барои чӣ даркор аст? Танҳо барои он ки Аскар Ҳаким ҳаҷв кунад? Маро ҳам шояд дигар ҳавсала наояд. Аммо пеш аз ин мехоҳам бифаҳмам, ки Ю. Акбарзода бо чӣ муъҷизае бо ғалати худ мисраи М. Қаноатро дар байни шумо, хонандагон ««равонтару маъмултару машҳуртар» кардааст, агар имкон доред, маро огоҳ кунед, самимона сипосгузор хоҳам буд.

Ю. Акбарзода, ҷанобе, ки оддитарин талаботи шеър – вазни арӯзро намедонанд, ин аз як мисраъ шеърро хонданашон аён аст, аслан гиред ҳаќу салоҳият надоранд, ки ба таҳқиқи шеър машғул шаванд, вале эшон ба замми ин чунон густохие доранд, ки шеъри шоире ҳамчун устод М. Қаноатро бо ғалаташон таҳрир ва «равонтару маъмулу машҳуртар» намоянд, шеъри шоирро маънидод мекунам гӯён ҳамаи занони моро ба хотири фаъолӣ беназокату бефаросат кардан хоҳанд, аз мақолаи мунаққид иқтибосро ғалат оварда, фикри ӯро нодуруст шарҳ диҳанд, маънои калимаҳои бино, хоно, турбатро надониста, тамоман хато истифода баранд ва ин шеъри устод М. Қаноатро:

*Кӯҳи Варзобро чӣ даврон аст,*
*Гӯӣ он пири гулфурӯшон аст.*
*Ҷомаи беқасаб ба бар дорад,*
*Локии шоҳӣ дар камар дорад.*
*Саллаи суф гирди сар дорад,*
*Сабади гул ба пеши бар дорад. –*

«баррасӣ» карда, аз он чунин хулоса гиранд, ки дар он шоир кӯҳи Варзобро пораву сухангӯ кардааст ва ҳоло он дар сурати инсони воқеъӣ ба бозор омада, гул мефурӯшад ва барои ин хизматаш ба кӯҳ турбат – қабр ато карданист, яъне онро гӯрониданист..., хуллас, ҷанобашон бо ним нигоҳи уқобонаашон шеъри ними як асрро ба ҳамин шева таҳқиқ ва лахту пахт карда партоянд, бо ин ҳама оё ҳақ доранд, вақте дигаре ин қабеҳтарин ғалатҳоро ошкор мекунад, ки далели бебаҳси бесалоҳиятии эшон ҳастанд, ба ҷои аз ору номус як умр забон ба ком даркашида садо набаровардан, боз хонандагонро беақлу ҳафтафаҳм гумон карда, бо берӯии гӯшношунид ба тамоми олам ҷор андозанд, ки онҳо як иштибоҳи техникию забонӣ мебошанду

бас. Офарини пӯсти одамизод! Гуноҳ дар назди адабиёт аз ин зиёдтар боз чӣ шуданаш мумкин аст?!

Агар ба қавли худи Ю. Акбарзода «ин навишта ҳосили заҳмати беш аз чиҳилсолаи…» эшон буда, далели доштани завқи бадеӣ, фаҳмидани моҳияти адабиёт ва донистани илми нақди адабӣ бошад, ки дар ду дунё ҳам ин тавр нахоҳад буд, ман аз тамоми ҳарфҳоям даргузаштам ва агар не, як ҳарфи ман то қиёмат ҳам зери шубҳа нахоҳад рафт.

***Бо эҳтиром Аскар Ҳаким, Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Корманди шоистаи Тоҷикистон, дорандаи ордени «Иттиҳод»-и Ассамблеяи Байнипарламентии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ордени «Зафар»-и давлати Филиппин ва чандин медалу ифтихорномаи дигар (ин маълумот шахсан барои ҷаноби Ю. Акбарзода, ки инҳояшро ҳам ба аризаҳояшон илова кунанд).***

## МУНАҚҚИД, ДУРӮҒЗАН Ё ГӮРКОВИ ВАРЗОБ?

**Мусоҳибаи мунаққид Аскар Ҳаким бо шоир Аскар Ҳаким оид ба навиштаи Юсуфи Акбарзода «Мушк он аст, ки худ бибӯяд…», «Адабиёт ва санъат», 22 сентябри соли 2011.**

***Мунаққид***: Ту дар мақолаи пешинат ишора карда будӣ, ки дигар ҳатто ба ҳаҷв кардани навиштаҳои сафсаттавори Ю. Акбарзода шояд ҳавсалаат наояд. Вале ҳоло маро ба мусоҳибаи дигар водор менамоӣ. Сабаб чист?

***Шоир***: Сабаб он аст, ки ин муаллифи беҳунар барои рӯйпӯш кардани бесалоҳиятии худ дар баррасии шеър аз ҳеҷ гуна дурӯғ, таҳриф, туҳмат рӯй намегардонад ва ҳатто бе ҳеҷ шарму ҳаё рӯҳи бузургони шеъру адабро меозорад, ки худ ба қадри як зарраи хоки пои онҳо арзиш надорад. Ба болокорӣ ин аллома дар ҳар навиштааш як олам ғалат мекунад ва мегӯяд, ки ба мои аллома ин бахшиданист, аммо он аз як-ду бор, ки гузашт, на ғалат, балки бесалоҳиятист. Ба ғайр аз ин, онҳо ғалатҳои тасодуфӣ нестанд, баъзеяшон бадқасдонаанд, то тарафи дигарро туҳмат банданд, ки ин аз аввала ҳам бадтар аст, зеро бо дасту дили нопок ба баррасии адабиёт даст задан худ гуноҳи нобахшиданист.

***Мунаққид***: Хуб, ин аз аввал маълум буд, ту мисолҳояшро ду дафъаи пештар ҳам оварда будӣ. Ин кор дар ин навиштааш ҳам фаровон ҷой дорад. Ӯ даъво дорад, ки «… ку далели даъвои «бо таҳриф шарҳ додани» андешаҳои ӯ аз ҷониби ман?!» Вале баъди се ҷумла ин таҳрифро мекунад. Ман навиштаам: «… китобу мақолаҳояш ( китобу мақолаҳои А. Ҳаким дар назар аст-А. Ҳ.) дар Русия, Амрико, Эрон ва ба забонҳои расмии байналхалқӣ, аз ҷумла, инглисӣ, фаронсавӣ, немисӣ ва ғайра тарҷума шуда, дар нашриёҳои муътабари ҷаҳонӣ ба табъ расидааст…» Ӯ ин ҷумларо барои рад иқтибос карда, оҳистакак ибораи «китобу мақолаҳояш» - ро ба «китоби мақолаҳояш» таҳриф мекунаду пас аз калимаҳои «байналхалқӣ» ва «ба табъ расидааст» аломати суол(?) мегузорад ва бо ин роҳ маро муттаҳам карданӣ мешавад.

***Шоир***: Ӯҳ, балочае! Ҳоло боз даъво мекардагист, ки хайр, як ҳарф-дия, ба мои бузург бубахшед, хатои техникист.

***Мунаққид***: Не, ин бахшуданӣ нест, зеро қаллобист, агар қаллобӣ намебуд, суол намегузошт, суол гузоштан маънои онро дорад, ки китоби мақолаҳои Аскар Ҳаким на дар ҳамаи ин кишварҳои зикршуда чоп шудааст. Банда «китобу мақолаҳояш» навиштаам, ки бар

тахрифи Ю. Акбарзода «китоби мақолаҳояш» фарқи калон дорад, яъне як китоб (ин ҷо феълан танҳо китоби мақолаҳои накди адабӣ дар назар аст) ва мақолаҳояш , ки воқеият аст. Барои мухтасар кардани сухан танҳо яктоӣ мисол меорам. Китоби мақолаҳои Аскар Ҳаким «Творцы созвучий» дар нашрияи муътабари «Советский писатель» соли 1988 (иттифоқан пеш аз Раиси ИНТ буданаш, ки Ю. Акбарзода ҳамаи дастовардҳои ӯро ба сӯиистифода аз мансаби Раисӣ қаламдод кардан мехоҳад, ки ин ҳам дурӯғи маҳз аст), мақолаҳояш ҳам дар ҳамон солҳо дар бонуфузтарин нашрияҳо, аз ҷумла дар «Литературная газета», маҷаллаҳои «Дружба народов», «Литературное обозрение» ба забони русӣ, дар маҷаллаи «Советская литература» ба забонҳои байналхалқии расмӣ ( ӯ пас аз ин ибора аломати суол гузоштааст, агар чӣ маъно доштани онро надонад, мефаҳмонам, ки шаш забон: инглисӣ, олмонӣ, фаронсавӣ, испонӣ, русӣ, арабӣ забони расмии муоширати байналмилалӣ эътироф шудааст ва нашрияи мазкур ба он ва забонҳои дигар чехӣ, лаҳистонӣ…ҳам чоп мешуд), дар маҷаллаи «World Literature Today», USA, Oklahoma («Имрӯзи адабиёти ҷаҳон» ИМА, Оклаҳома) ба забони инглисӣ ва ба форсӣ дар маҷаллаи «Номаи порсӣ» дар Теҳрон чоп шудааст. Эшон бо дигар кардани як ҳарф ва гузоштани ду суол бандаро муттаҳам карданӣ ва ин мақолаҳоро ба нестӣ бавроварданӣ ҳастанд. Хӯш-э! Хестанд, ки хобашон.

***Шоир***: Ӯ дар бораи Ҳ. Юсуфӣ бо ҳарфҳои батамом ғайриилмӣ ва шеваи ташвиқотчиёни кӯчагӣ ҳарф зада, туро аз инкоркунандагони ӯ ба қалам доданист. Ана ин намунаи аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардани ҳарфҳои кӯчагиаш аст:«Замон аз адибон навиштани чунин ашъори даъваткунандаю (ба чӣ даъваткунанда? –А. Ҳ.) ҳаётдӯстона, дилбари заҳматкашу оқилу доно ва модари мушфикро (?) тақозо мекард(?) ва Ҳабиб Юсуфӣ ин талаботро ба ҳадди аҳсант (аҳсант ё аҳсан? – фарқи ҳар дуи ин калимаро бояд донист. – А. Ҳ.) иҷро кард ва солҳои сӣ онҳо (чиҳо ё киҳо? –А.Ҳ.) аз беҳтарин намунаҳои шеъри кору заҳмат ба шумор мерафтанд ва чунин шеърҳо бояд дар таърихи адабиёт сабт шавад, то наслҳои имрӯзу фардо донанд, ки шеъри рӯзгори инқилобии мо аз чӣ оғоз ёфта, ба кадом роҳҳо ба пояи шеъри имрӯза расидааст».

***Мунаққид***: Агар ӯ то ҳол як ҳарфи оддии маро нафаҳмида бошад, ба такрор мегӯям, азбаски Ю. Акбарзода шеърро намешиносад, мавқеи Ҳ. Юсуфиро дар адабиёт на бо ашъоре, ки арзиши дар адабиёт ҷой гирифтанро доранд, балки бо чизҳое, ки ин гуна арзишро надоранд, таъйин карданист, ки ин кор ҳаргиз имконпазир нест. Ва ин далели беистеъдодии Ю. Акбарзода аст, на Ҳ. Юсуфӣ, ки ман бар ин нукта таъкид дорам. Ба замми ин, ҷумлааш чанд нуқси услубию маъноӣ дорад, аз ҷумла: «Замон аз адибон навиштани чунин ашъори даъваткунандаю (ба чӣ даъваткунанда? – А.Ҳ.) ҳаётдӯстона, дилбари заҳматкашу оқилу доно ва модари мушфикро (?) тақозо мекард(?) …» «ашъори даъваткунандаю ҳаётдӯстона …модари мушфикро тақозо мекард», ин гап чӣ маъно дорад? Ба замми он, дар кадом замон дар шеър тасвири модари номушфиқу золим суннат шуда буд, ки замони нав ба қавли Ю. Акбарзода маҷбур шудааст, ки аз адибон ситоиши «модари мушфикро» талаб намояд, ин гуна талаб дар кадом ҳуҷҷати замон дарҷ шудааст? Ё ҷаноби Ю. Акбарзода замонро ҳам мисли худ сафсаттабоф хаёл мекунад?

***Шоир***: Аммо, ба назари ман, ӯ аз мақолаи «Нигоҳе…» то имрӯз хеле пеш рафтааст, ӯ дар он нигоҳаш ба хотири фаъолии иҷтимоӣ ҳамаи занони моро беназокату бефаросат карданӣ буд, ҳоло мисли ин ки аз ин раъяш гаштааст.

***Мунаққид***: Шояд занон дар кӯча дошта адабашро дода, ба ӯ, ки ҳамонанди шоҳзодаи раммолшав дар адабиёт ҳарф мезанад, маънои фиросатро фаҳмонида бошанд.

***Шоир***: Он латифаро накл бояд кард, то Ю. Акбарзода чӣ будани фиросатро фаҳмад ва онро дар худ биҷӯяд, ки дорад ё на. Подшоҳе ба раммоле (ғайбдоне) мефармояд, ки ба писараш

илми раммолӣ биомӯзад. Баъди соле раммол ба ҳузури шоҳ меояд, ки омӯхтам. Шоҳ барои имтиҳони писараш ангуштарашро дар кафаш пинҳон мекунаду мепурсад, ки дар дасти ман чист? Писар мегӯяд, чизест доирашакл ва миёнасӯрох. Подшоҳ мепурсад, он чист? Писар мегӯяд, ки санги осиё. Подшоҳ дар ғазаб мешаваду аз раммол мепурсад, ки ту варо чӣ омӯхтӣ? Раммол ҷавоб медиҳад, ки шоҳам, ӯ аз рӯи илми раммолӣ аломатҳои чизи пинҳонкардаатонро дуруст дарёфт, ки ман варо омӯхтаам, аммо барои дар даст нагунҷидани санги осиёро фаҳмидан фиросат зарур аст, ки онро омӯхта намешавад, он зотист.

***Мунаққид***: Бале, барои бомантиқ ҳарф задан ҳам фиросат зарур аст, вале Ю. Акбарзодаи мо дар бемантиқ ҳарф задан аз пештара ҳам гузаштааст.

***Шоир***: Ю. Акбарзода «шуҳратёфтанҳову» соҳиби мақому унвону мукофотҳои давлатӣ гаштани Аскар Ҳакимро танҳо ба воситаи сӯиистифода аз мансаб қаламдод мекунад, ки дурӯғ буданаш исбот шуд, зеро эҷодкорро танҳо асарҳояш маъруфият мебахшад. Бинобар ин, «шуҳратёфтанҳои» Аскар Ҳаким ба асарҳои таҳқиқотияш, ки пеш аз Раиси ИНТ шуданаш дар нашрияҳои муътабари хориҷи мамлакат чоп шуда буданд, вобаста аст.

***Мунаққид***: Ӯ дар бораи мақому унвону мукофотҳои ту бо чунон ҳасодат гап мезанад, ки қариб аст, бикафад. Ба ин чӣ мегӯӣ?

***Шоир***: Кафад, кафидан гирад, ихтиёраш. Вале Аскар Ҳаким вазифадор нест, ки дар бораи чӣ гуна Раиси ИНТ ва соҳиби унвону мукофотҳо шуданаш ба Ю. Акбарзода ҳисобот диҳад, агар ӯ тавонад, ақаллан яке аз онҳоро ба даст орад, пас хоҳад фаҳмид, ки онҳо чӣ гуна ба даст меоянд. Вале ба хонандагоне, ки шояд аз тартиби соҳиб шудан ба ин гуна мақому ҷоизаву унвонҳо огоҳ нестанд, маълумот медиҳам, ки узви Шӯрои Президентӣ интихоб кардан танҳо салоҳияти Президент аст, на гӯшзади Ю. Акбарзода баринҳо, Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакиро аъзои кумитаи он барои асар медиҳанд, ки агар асари сазовор дошта бошӣ, ҳар ду сол ҳам метавонӣ, баранда шавӣ, Ходими шоиста ва Шоири халқии Тоҷикистонро, ки унвонҳои ифтихориянд, Ҳукумати Тоҷикистон барои хидматҳои махсус медиҳад. Дар мавриди Аскар Ҳаким, ки ҳар дуи ин унвонро дар солҳои 1994 ва 1999 соҳиб шудааст, тартиби мӯҳлати панҷсола комилан риоя шудааст. Бинобар худро хӯрдани Ю. Акбарзода, ки Аскар Ҳаким солдармиён соҳиби мақому ҷоизаву унвонҳо мегашт, танҳо бар зарари худи ӯст. Ҳасад соҳиби худро мехӯрад. Боз ба замми он ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба наздикӣ ҳангоми ҳамин доду вои Ю.Акбарзода ба болои сӯхта намакоб гуфтагӣ барин Аскар Ҳакимро бо эҳдои нишони ифтихории «20-солагии Истиқлолияти Давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» сарфароз намуданд, ки банда ба Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон шукру сипоси самимонаи худро иброз медорам. Оё инаш ҳам сӯиистифода аз мансаб аст? Охир ба кадом ақл мукофоту унвонҳои давлатиро, ки давлату ҳукумати мамлакат медиҳад, бо сӯиистифода аз мансаби Раиси ИН ба даст овард, гуфтан мумкин аст? Сафсатта ҳам ба эбаш-дия!

***Мунаққид***: Ю. Акбарзода худро пуштибони дигарон қаламдод карда, чунин менависад: « Чаро он солҳо ва минбаъд ҳам хидматҳои шоистаи Бобо Ҳоҷӣ, М. Ҳайдаршо, Сорбон, Баҳманёр, Насим Раҷаб, Зиё Абдулло, Муҳиддин Хоҷазод, Бахтиёри Муртазо, Аҳмадҷони Раҳматзод, Салимшо Ҳалимшо, Низом Қосим, Ҷӯрахон Бақозода, Ҷӯра Ҳошимӣ, М.Аҷамӣ ва бисёри дигарон дар инкишофу равнақи адабиёти тоҷик қадршиносӣ намешуду нав(?)мешавад?»

***Шоир***: Сад дар сад маълум аст, ки ӯ дар ғами худ аст, на дар фикри дигарон. Агар ин тавр намебуд, ба ҷои ин қадар дурӯғ бофтан як бор тафтиш мекард, ки ҳарфаш то куҷо ҳақ аст, азбаски дар ғами мукофотталабии худ аст, ин корро намекунад ва дурӯғ мегӯяду туҳмат мезанад.

***Мунаққид***: Ана, ман ҳоло дурӯғу тухматҳои ӯро ба ҳамон тартибе, ки ӯ номи адибонро овардааст, як ба як нишон медиҳам: Бобо Ҳоҷӣ – ду нишон, Корманди шоистаи маданияти ҶТ, Маҳмадалишо Ҳайдаршо – Корманди шоистаи маданияти ҶТ, Сорбон - Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ, Нависандаи халқии Тоҷикистон, Баҳманёр –ҷоизаи адабии Айнӣ, нишони «Хидмати шоиста», Насим Раҷаб – Ифтихорномаи Президиуми ШОҶТ, нишони «Хидмати шоиста», Зиё Абдулло – Ифтихорномаи ШОҶТ, нишони «Хидмати шоиста», М. Хоҷаев – ордени «Нишони фахрӣ», ду Ифтихорномаи Президиуми ШОҶТ, Ҷоизаи Комсомоли Тоҷикистон, Арбоби ҳунари Тоҷикистон, Нависандаи халқии Тоҷикистон, Бахтиёри Муртазо – Ифтихорномаи Президиуми ШОҶТ, Корманди шоистаи маданияти ҶТ, ҷоизаи адабии Айнӣ, Аҳмадҷони Раҳматзод – ордени «Шараф», Салимшо Ҳалимшо – Корманди шоистаи Тоҷикистон, ордени «Дӯстӣ», Низом Қосим – нишони «Хидмати шоиста», ҷоизаи давлатии Рӯдакӣ, Ҷӯра Бақозода - Ифтихорномаи Президиуми ШОҶТ, Корманди шоистаи маданияти ҶТ, Ҷӯра Ҳошимӣ – Ифтихорномаи ШОҶТ, нишони «Хидмати шоиста», М.Аҷамӣ – ҷоизаи адабии Турсунзода доранд.

***Шоир***: Акнун Ю.Акбарзода бо ин қадар дурӯғу тухмат ба номи ташкилоте, ки узваш мебошад, чӣ гуна сар бардошта гашта, аз дараш медарояд ва боз ба кадом рӯ ба идораи ҳафтавори «Адабиёт ва санъат», ки ба ӯ бовар карда, ин дурӯғашро нашр кард, меояд?

***Мунаққид***: Ҷои баҳсу талоше нест, ки ҳеҷ ташкилоте наметавонад, ба ҳамаи аъзояш унвону ҷоизаҳо бидиҳад, аз ҷумла ИНТ ҳам, ки ҳоло бештар 300 нафар аъзо дорад. Ба ғайр аз ин, Ю. Акбарзода ба ҳамон шеърнофаҳмӣ ва бесалоҳиятӣ то чӣ андоза ба муайян кардани қадршиносии ин ё он шоир ҳақ дорад? Ин кор на дар салоҳияти Ю. Акбарзода баринҳо, балки салоҳияти Раёсати ИНТ аст, ки дар анҷуман интихоб мешавад. Вале ба ҳар ҳол ман агар ба чанде аз онҳо, ки номҳояшон болотар зикр шуд, хидмате карда бошам, ҳаргиз миннат карданӣ нестам, ҳаққи ҳалоли худашон.

***Шоир***: Дуруст мегӯӣ. Фақат як чизро бигӯӣ, басандааст. Соли 1991, вақте ки Аскар Ҳаким Раис интихоб шуд, ИНТ бо таърихи қариб шастсолааш ҳамагӣ 5 нафар Шоиру нависандаи халқӣ дошт. Дар давоми 12 соли раисии ӯ ин адад ба 24 расид, ки қариб панҷ баробар бештар, оё ин кам аст? Оё онҳое, масалан, М. Қаноат, Ғ. Мирзо, Лоиқ, Қутбӣ Киром, А. Шукӯҳӣ (баъд аз марг), Ашӯр Сафар, Ӯрун Кӯҳзод, Гулназар, А. Самадов, К. Мирзоев, Фарзона, Муҳаммад Ғоиб ва дигарон, ки бо пешниҳоди Аскар Ҳаким сазовори унвони олии Шоиру нависандаи халқӣ шуданд, танҳо дар замони раисии ӯ шинохта шуданд?! Дар ин давра 26 нафар унвони ифтихории Корманди шоистаи маданият ва Корманди шоистаи Тоҷикистонро гирифтанд. Ман дар ин ҷо аз ордену медалу ифтхорномаҳои дигар, ки заҳмати адибон дар ин давра бо онҳо қадар карда шудаанд, ҳарф намезанам, зеро хеле зиёданд. Дар ҳеҷ давраи мавҷудияти ИНТ шоиру нависандагон ин қадар қадршиносӣ нашудаанд, ки дар давоми 12 соли раисии Аскар Ҳаким. Санад чизи раднопазир аст. Ба ҳар кӣ даркор бошад, сол ба сол санҷида бинад. Ҳоло мавридаш аст, банда ба Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон, ки ҳар пешниҳоди Раиси ИН - ро оид ба қадршиносии нависандагон пазируфта, онҳоро бо унвону мукофотҳои олии давлатӣ мушарраф мекарданд, изҳори сипоси самимона намоям.

***Мунаққид***: Ҳар идорае, ки дар он узви ИНТ хидмат мекунад, ҳақи комил дорад, ки корманди худро ба ин ё он мукофоту унвон пешниҳод намояд.

***Шоир***: Пас чаро Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, ки Ю. Акбарзода солҳо ба қавли худаш ходими « фаъолтарин ва пуркортарин» ва гӯё муаллифи бештар аз 300 мақола ва як олам китобҳои илмии дигар будааст, агар онҳо арзиши илмӣ медоштанд, ба унвонҳои олии илмӣ лоиқ надонистааст? Чаро дар он ҷо М. Шакурӣ, Х. Отахонова баринҳо

соҳиби унвонҳои илмии ифтихории академику ордену нишонҳо гаштанду Ю. Акбарзодаи «фаъолтарину пуркортарин» не? Ҷавоб худ ба худ маълум аст. Пас гуноҳи Аскар Ҳаким ва дигарон чист? Аз худ домангир бояд шуд.

***Мунаққид***: Ю. Акбарзодаи сафсаттагӯ дар ҷавоби пештарааш навишта буд, ки: «... шоир ва пажӯҳишгари номвари эронӣ Алиризо Қазва як маҷмӯаи А. Ҳакимро барои чоп дар Ҷумҳурии исломии Эрон ба форсӣ баргардон кард...» Акнун менависад, ки: «Шояд ӯ (А. Қазва - А.Ҳ.) китоби А. Ҳакимро ба форсӣ баргардон накарда бошад, вале ашъори ӯро ба сириллик мутолиа карданаш дақиқ аст ва аҷабе нест, ки ҳангоми навиштани мақолаи «Аскар Ҳаким – ғазалсарои мутафовит» ин эродҳоро дар шакли як дафтар ҷамъ карда ба дасти А. Ҳаким дода бошад, ки минбаъд ин айбу ҷурмҳоро ислоҳ кунад ва барои таскини дилаш ин тавсифномаро навишта бошад».

***Шоир***: Оё ҷавоби накди адабӣ на бо далелу бурҳон, балки ба ҳамин тариқи сафсатта «шояд.... аҷабе нест» навишта мешавад? Оё ҳамин гуна сафсаттаҳо бовар карданист? Он чӣ гуна мунаққид будааст, ки шоирро аввал як дафтар танқид мекардааст, пас ӯ наранҷад гӯён таъриф карда, дар матбуот чоп мекунондааст? Фикри ҳар кас ба қадри ҳиммати ӯст, ин гуна дахрӯягӣ танҳо ба Ю. Акбарзода баринҳо хос аст. Агар ин Шерлок Холмсак ҷустуҷӯи ҷосусонаи худро хубтар анҷом медод, медид, ки он мақолаи А. Қазва « Аскар Ҳаким – ғазалсарои мутафовит» на барои наранҷонидани Аскар Ҳаким, балки қисмате аз рисолаи илмии ӯ мебошад, ки барои гирифтани унвони номзади илми филологӣ навишта шудааст.

***Мунаққид***: Акнун Ю. Акбарзода ба ин ҳақиқат, ки ашъори Аскар Ҳаким мавриди баррасии рисолаи илмии донишманди эронӣ қарор гирифтааст, чӣ кор мекарда бошад?

***Шоир***: Биё, мон, бечораро ин қадар насӯзон. Аз алам ба Комиссияи олии аттестатсионӣ ба Маскав ариза нанависад.

***Мунаққид***: Нависад, навиштан гирад, пеши асари шоистаро, на як Ю. Акбарзода, балки даҳҳо нафар мисли ӯ ба теғу ханҷар ҳам гирифта наметавонанд. Аз онҳо дар сафҳаи адабиёт рӯсиёҳӣ мемонаду бас.

***Шоир***: Алиризо Қазва дар «Шоире, ки ошиқи Эрон буд» ном ёддошташ дар бораи он ки китобе аз шоирони тоҷик сохтанӣ будааст ва аз Лоиқ ашъор хостааст, чунин навиштааст: «... аз он 31 шеъре, ки ба ман дода буд, 28 шеърашро интихоб кардам ва дар 20 сафҳа ҳам назарҳоямро перомуни тағйирот ва ҳаққу ислоҳоти ҷузъӣ навиштам ва ба ӯ додам...». Оё пас аз ин ҳарфҳо аз рӯи мантиқи Ю. Акбарзода номи устод Лоиқро аз рӯихати шоирон хат занем ё аввал бубинем, ки он эродҳо чӣ гунаанд, пас қазоват бикунем?

***Мунаққид***: Ҳеҷ эроде, то аз ҷониби муаллиф қабул нагардад, пазируфта нест. Ба ғайр аз ин, бунёди эҷодиёт бар халлоқият, бар офариниш аст, на дар ҳошияи он сухан гуфтан, ки фаҳми Ю. Акбарзода баринҳо ба дарки ин маънӣ намерасад.

***Шоир***: Ю. Акбарзодаи Шерлок Холмсак ҷустуҷӯи худро оид ба «ҷиноятҳои» Аскар Ҳаким давом дода, китоби «Адибони Тоҷикистон» - ро меёбад ва боби Аскар Ҳакимро мекушояду маводи онро хонда, аввал сӯхта кабоб мешавад, ки ин ҳарфҳо чаро дар бораи ӯ нестанд, баъд якбора ба ёдаш чизе мерасаду гӯё Аскар Ҳакимро дар сари ҷинояте боздошта бошад, аз шодӣ бо болҳои кӯтаҳи қобили парвоз набудааш парпанак зада, қию чикунон чунин менависад: «Чунин тавсифномаи аз худ бузурги бузургон сохтани А. Ҳакимро, ки дар зиндагиномаи ягон адиби тоҷик (ҳатто дар ҳолномаи устодон Айнию Лоҳутию Турсунзода...) намебинед, бидуни шарҳу тафсир ва интиқод ба муҳокимаи хонандагони азиз пешниҳод менамоям...»

***Мунаққид***: Ин қаламбадаст ба мисли кӯршабпарак, ки ба офтоб нигариста натавониста, чашмашро мепӯшад ва гумон мекунад, ки бо ҳамин офтобро барҳам задааст, ҳар вақте бо ҳақиқат рӯ ба рӯ меояд, ҳамин корро мекунад ва гумон мекунад, ки чашми дигарон ҳам бастаасту ҳақиқатро намебинанд. Вагарна ҳар каси кӯрсавод ҳам агар китоби «Адибони Тоҷикистон» - ро кушояд, мебинад, ки дар он бо ҳарфҳои калон-калон навишта шудааст, ки муаллиф ва мураттиби он Гулназар аст. Муаллиф ва нашриёт масъул ва ихтиёрдори комили он китоб буданд, на Аскар Ҳакиму Иттифоқи нависандагон.

***Шоир***: Шояд ӯ зимнан даъво дорад, ки ман Гулназарро барои ин тавр сохтани матн маҷбур кардаам? Хушбахтона, Гулназар аз ман на қарздор буду на вобаста, ҳар коре, ки кардааст, ба ихтиёри худ кардааст. Вале ман қаблан метавонам бигӯям, вақте ки Гулназар ба ман муроҷиат кард, ки барои ин китоб мавод диҳам, ман ба ӯ танҳо солномаи фаъолият (справка- объективка) ва номгӯи китобҳоямро додам. Муаллиф ва мураттиби китоб ихтиёр дошт, аз онҳо ҳар чӣз, ки бихоҳад, бисозад. Ӯ салоҳ дидааст, онҳоро ҳамон тавр, ҳамчунонки дар китоб омадааст, чоп кунонад.

***Мунаққид***: Дар куҷои он маълумот дар бораи чигунагии фаъолияти Аскар Ҳаким ва китобҳояш як калима таърифу тавсиф ҳаст? Он ҷо танҳо зикр аст, ки онро ҳам, агар муаллифи китоб хоҳад, ихтиёри комили мухтасар кардан ва ё умуман чоп накардан дошт. Қисмати ташреҳи фаъолият ва асарҳо низ комилан бо ихтиёрдории муаллифи китоб таҳия шудааст ва дар он як ҳарфи Аскар Ҳаким нест.

***Шоир***: Ҳамчунонки мебинӣ, он ташреҳу тавсиф ва ҳаҷми маводи чопшуда ба ман заррае ҳам рабт надорад. Ман ҳам мисли дигарон китобро пас аз нашр шуданаш дидам.

***Мунаққид***: Пас ин навиштаи ӯ дар ҳақи ту туҳмати маҳз аст.

***Шоир***: На танҳо туҳмат, балки гумроҳ кардани хонандагон ҳам ҳаст. Ана ин ҳам намоёнгари чӣ гуна виҷдондорӣ ва ҳалолкории Ю. Акбарзода аст.

***Мунаққид***: Ин дурӯғу ҳаромкорӣ ба ӯ барои чӣ даркор буд?

***Шоир***: Мехост хонандагонро бовар кунонад, ки сарсухани китоби Аскар Ҳакимро гӯё устод Расул Ҳамзатов нанавиштаасту худи Аскар Ҳаким навишта «…Р. Ҳамзатовро дар ҳолати мастӣ дар толори Иттифоқи нависандагони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ пайдо ва тавалло кардааст, ки ба зери он имзо гузорад».

***Мунаққид***: Оё нафаре, ки заррае имон дошта бошад, дар бораи устод Расул Ҳамзатов – яке аз бузургтарину шарифтарин шоирони қарни бист, ки марҳум аст, ҳамин гуна тавҳини гӯшношунидро раво мебинад? Воқеан, ҷаҳолати ӯ ҳадду канор надорад. Ҳол он ки дар болотари ҳамон ҷумлааш навишта буд, ки Расул Ҳамзатов дар охирҳои умраш пиру афтода, чашмонаш камбину дастонаш ларзон шуда буд. Оё пире, ки ба ҳамин ҳол расида бошад, дар толори ИН маст мегардад? Мантиқ куҷост?! Худо ҷазои ин тавҳинро хоҳад дод, аслаш аллакай ин ҷазоро додааст, зеро касе, ки ба ғазаби Худо гирифтор нашуда бошад, чунин ҳол нахоҳад дошту чунин суханҳо нахоҳад гуфт.

***Шоир***: Устод Мӯъмин Қаноат, ман ва дигарон ҳам, ки шарафи ҳамнишинӣ бо устод Расул Ҳамзатов насибашон шуда буд, дидаем, ки устод мастӣ надоштанд, балки сармастие доштанд боҳушонаву хирадмандона ва ҳарфҳое, ки мегуфтанд, ҳама саршори шеъру ҳикмату зарофат буданд. Кош, ҳама ҳамин гуна маст мешуданд.

***Мунаққид***: Далели дигари Ю. Акбарзодаи Шерлок Холмсак барои исботи муаллифи сарсухан набудани Расул Ҳамзатов он аст, ки ӯ «…бо чашмони камбин аз ҳамон қадар масофа (яъне аз Махачқалъа то Душанберо дар назар дорад – А. Ҳ.) китоби А. Ҳакимро ёбаду хонад ва аз мутолиаи китоби ӯ ба ваҷд омада бо дастони ларзон ба он сарсухан нависад».

***Шоир***: Ӯ пеш аз ин сафсаттаро навиштан агар як бор матни асли сарсуханро ёфта мехонд, медид, ки он на дар Душанбе, балки дар Маскав дар нашриёти «Советский писатель» чоп шудааст, ки аз хонаи маскавии Расул Ҳамзатов як қадам роҳ аст. Ба ғайр аз ин, бо сарсухан чоп кардани китоб пешниҳоди нашриёт ва навиштанашро ҳам аз Расул Ҳамзатов худи он хоҳиш кардааст. Агар сафсаттаҳои Ю. Акбарзода ҳақиқат медошт, оё устод Расул Ҳамзатов Аскар Ҳакимро, ки мансаби Раисии ИНТ-ро кайҳо супорида буд, моҳи сентяри соли 2004 ба ҷашни 80-солагиаш ба Махачқалъа даъвати шахсӣ мекард? Ва боз аз байни он қадар меҳмонони гиромӣ танҳо ду нафар – Шоири халқии Қазоқистон Мухтор Шаханов ва Аскар Ҳакимро ба алоҳидагӣ пазируфта, ба аломати қадршиносӣ ба онҳо буркаҳои оличанобн қафқозӣ мепӯшонд?

***Мунаққид***: Албатта ин қадршиносии на танҳо Аскар Ҳаким, балки тамоми адабиёти бузурги ҷаҳоншумули тоҷик буд, ки устод Расул Ҳамзатов ба ин тариқ изҳор кардааст.

***Шоир***: Бале, бузургон ин тавр рафтор мекунанд, аммо онҳое, ки чизе нестанд, ба монанди Ю. Акбарзода ҳарф мезананд.

***Мунаққид***: Хуллас, маълум шуд, ки ҳаҷми мавод ва ташреҳу тавсиф дар китоби «Адибони Тоҷикистон» ва сарсухани китоби «…И снова взойдет солнце», ки дар Маскав чоп шуда буд, заррае ҳам ба қалами Аскар Ҳаким бастагӣ надорад.

***Шоир***: Биё, акнун аз рӯи ҳамин усули муқоиса ба боби Акбарзода Юсуфи китоби «Адибони Тоҷикистон» назар меандозему мебинем, ки эшон то чӣ андоза хоксору фурӯтан ҳастанд.

***Мунаққид***: Ин аҷиб аст, биё! Маводи оид ба Акбарзода Юсуф дар ин китоб 80 сатрро ташкил додааст, ҳол он ки маводи оид ба Худоӣ Шариф 21сатр, оид ба Абдунабӣ Сатторзода 22 сатр, Соҳиб Табаров 37 сатр, Носирҷон Маъсумӣ 52 сатр, ду академик Абдулғанӣ Мирзоев 56 сатр, Муҳаммадҷон Шакурӣ 60 сатр мебошад.

***Шоир***: Аҷабо, пас ӯ аз ҳамаи онҳо бузургтар аст?

***Мунаққид***: Инро бигзор хонандагон бигӯянд. Аммо ман чизи дигарро мегӯям, ӯ ин маводро дар бораи худ ба дасти худ навиштааст, ки инро дар ду дунё ҳам рад карда наметавонад, бинобар ҳамаро ба меъёри худ чен карда, мегӯяд, ки сарсуханро оид ба Аскар Ҳаким на устод Расул Ҳамзатов , балки худаш навиштааст. Маъюб ҳамаро мисли худ маъюб мебинад.

***Шоир***: Биё, бубинем, ки эшон дар бораи худ хоксорона чӣ менависанд: «Ӯ (ҷанобашон, яъне Ю. Акбарзода – А. Ҳ.) аз фаъолтарин ва пуркортарин мунаққидон ва муҳаққиқони адабиёти имрӯзи мост».

***Мунаққид***: Фақат агар эшон фаъолтарин ва пуркортаринро аз масхара фаҳмидани адабиёт фарқ мекарданд, ҳарфашон ҳақиқат медошт, вале афсӯс, ки ин ду сифат оид ба эшон ба маънои масхара доштани адабиёт нисбат мегирад.

***Шоир***: Яъне эшон фаъолтарин ва пуркортарин масхарагари адабиёт ҳастанд, ки хонандагонро ба адабиёт на дилбаста, балки аз он дилхунук мекунанд.

***Мунаққид***: Эшони Ю. Акбарзода ба дараҷае хоксоранд, ки тамоми лашу луши навиштаашонро бештар аз 300 мақола номида, хайрият, ки ҳамаашро номбар намекунанд, вагарна китоб танҳо ба эшон оид мешуд, вале фурӯтанона чизе менависанд, ки ҳеҷ кас нанавиштааст: «Чандин китоби Ю. Акбарзода роҷеъ ба тафаккури нав ва биниши тоза дар боби масоили умдаи шеъри имрӯз, вазъи забони миллӣ, маънавиёту ахлоқу одоб дар нашриётҳои «Адиб», «Ирфон» ва «Маориф» интизори чоп ҳастанд». Ана ин аст хоксории Ю. Акбарзода, дигарон на ҳамаи китобҳои нашршудаашонро ном мебаранд, эшон чоп нашудаашро ҳам зикр мекунанд.

***Шоир***: Кӣ кафолат медиҳад, ки он китобҳо аз он мақолаи чиҳил сол фикр карда навиштаашон « Нигоҳе …», ки намунаи олии сафсатта буд, олитар набошад? Зеро масъулони маҷаллаи «Садои шарқ», ки дар таҳрири мавод салоҳият ва ҷиддияти комил доранд, дар натиҷаи қаламзании бисёр ба таълифи Ю. Акбарзодаи ба таҳрир «номуҳтоҷ» ба дараҷае саргаранг шудаанд, ки аз гузаронидани он сафсатта бехабар мондаанд. Ин ҳарфи масъулони маҷалла аст. Пас, он китобҳои чопнашуда чӣ гуна бошанд? Ҳаҷвнигорон тайёр шавед, аҷаб арасоте хоҳад буд!

***Мунаққид***: Бо ҳамин гуна салоҳият эшон боз даъво доранд, ки мунаққиди адабиёт ҳастанду бо алломагӣ ба шеъри шоирон, аз ҷумла ба шеъри Аскар Ҳаким, баҳогузорӣ мекунанд. Ин хоксориро бубинед, ки эшон устоданду ба шоирон баҳо мегузоранд. Аҷаб устоде, ки на вазну қофия, на сухан ва на сувари хаёли шоиронаро медонанду ба шоирон баҳо мегузоранд. Хуб, бубинем, ки ин муаллими ноқисулилм чӣ баҳогузорие доранд: «Ман ба шеъри ӯ чунин баҳо гузоштаам: «Шеъри ӯ ғолибан оварда ва аз тарокуми калимот иборат асту аз самимияту табиияти хос дур буда, камтар сӯзу дарди замон дорад».

***Шоир***: Ту дафъаи гузашта ин иқтибосро барои дароз нашудани сухан мухтасар оварда будӣ, ки ин кори туро Ю. Акбарзода «…ба манфиати худ ба сурати нокомилу нотамом овардааст» гӯён нукта мегирад. Ана акнун на танҳо пурра овардӣ, балки аз хонандагон мехоҳӣ, ки онро ду-се бор хонанд, то чӣ андоза шеърфаҳмии ӯро тасаввур карда тавонанд. Ҳарфи ӯро қабул кардед, ки шеъри Аскар Ҳаким шеър нест? Хуб, акнун мебинем, ки шеър аз назари ӯ чист. Ана ин ҳарфҳо:

*Дӯзандаи нағзию тракторронӣ,*
*Соҳибқаламу мубоеризи майдонӣ,*
*Ҳам пиллакашию ҳам ҳавопаймоӣ,*
*Маҳбуби замон, чанд ҳунар медонӣ?*

ба назари ӯ шеър ва аз дидгоҳи имрӯзиаш ҳатто анъанаи нек аст. Албатта, барои касе, ки ба шеър чунин назари касмаёбу касмахар дорад, шеъри Аскар Ҳаким шеър нест ва хуб аст, ки нест, вагарна Аскар Ҳаким тарки шоирӣ бояд мекард.

***Мунаққид***: Ту чӣ фикр дорӣ, оё шоироне ҳамчун Гулназар, Салимшо Ҳалимшо, Муҳаммадалии Аҷамӣ, ки номашон ин ҷо рафт, шеъру шоирро хуб мешиносанд, ё Ю. Акбарзода бо он назари касмаёбу касмахараш?

***Шоир***: Чӣ ҷои қиёс, ин куҷову он куҷо, ин чоҳу он моҳ.

***Мунаққид***: Ин тавр бошад, биё, ба онҳо рӯй меорем ва мебинем, ки онҳо дар бораи Аскар Ҳаким чӣ мегӯянд. Гулназар 15 сол пеш аз ин дар мақолаи хеш «…Ишқи туро ғазал кунам», аз ҷумла навиштааст: « Китоби шеъри шоирро варақ мезанам…бозёфти Аскар бисёр тоза ва фавқулодда аст (дар бораи «Шеъри зани маҳбуб» - А.Ҳ.) … бубинед, сурудаи Аскар Ҳаким ба кадом андоза зебост! ( дар бораи рубоиҳо –А.Ҳ.)... он кайфияте, ки хонанда аз мутолиаи порчаи мазкур мебарад, беҳисоб аст…( оё дар бораи шеъре, ки тарокуми сухан бошад, шоир ин ҳарфҳоро менависад? - А. Ҳ.) дар силсилаи рубоиҳои ӯ намунаҳои хубу зебо кам нестанд. Якеро мисол меорам, ки он дар пояи беҳтарин рубоиҳои адабиётамон суруда шудааст» ва монанди инҳо.

***Шоир***: Мисоли дигар аз Салимшо Ҳалимшо: «Манзара ва тасвири ниҳоят зебои шоирона, сатрҳои дар болооварда аз эҳсоси решаи худшиносӣ ва ҷаҳоншиносии шоир шаҳодат медиҳад… Аскар Ҳаким яке аз навозандагони ин суруди безавол гардидааст. Санги ӯ алмос аст

(манзур манзумаи «Санги ман алмос» аст - А. Ҳ.) , шамшер аст, вале ҷилобахшанда, раъду барқ аст, вале эҳёкунанда».

***Мунаққид***: Мисоли ман аз шоир ва мунаққиди оличаноби шеър Муҳаммадалии Аҷамӣ мебошад, ки дар мақолаи муфассалаш дар бораи ашъори Аскар Ҳаким «Нигоҳе кӯтоҳ бар қомати баланди шеър», аз ҷумла, навиштааст: «Бархӯрди шоир бо андеша отифӣ аст ва тавониста шеърро дар калимот, таркиб ва рангҳо зуб кунад ва бар шеър ҳаёти абадӣ бидиҳад… Ҳар он шеър, ки аз бадеият шурӯъ мешавад ва дар бадеият поён меёбад, аз беҳтарин шеър аст ва ин таъриф ба шеъри «Ин кадомин боғ меояд» бисёр мувофиқ аст…Устод Аскар Ҳаким бо нигариши зебо сифати чароғи маърифатро дар ин ғазал ( ғазали «Чароғ хоҳаму як рӯзи рӯшноӣ ҳам…» дар назар аст – А. Ҳ.) ба тасвир кашидааст. Мақтаи ғазал бисёр зебо ва шево аст, ки хонандаро ба сӯи равшанӣ ҳидоят мекунад…Дигар аз ҷилваҳои андеша дар шеърҳои устод Аскар Ҳаким таърихи миллат аст дар фарозу фуруди замонҳо…Шеър (шеъри «Чӣ кунам?!» - А. Ҳ.) аз аввал то охир як ҳуҷҷат аст, ки тоҷик дар масири таърих чӣ гуна зистааст, чӣ гуна аз нобудӣ худро чун қақнус боз эҳё кардааст, худро чӣ гуна кашф кардааст».

***Шоир***: Ю. Акбарзода даъво дошт, ки дар шеъри Аскар Ҳаким чӣ нест? Ҳис? Вале Гулназар ва М.Аҷамӣ ҳиссиётангезиии шеъри Аскар Ҳакимро махсус таъкид кардаанд. Ю. Акбарзода дар фаҳмидани ин чиз то куҷои ин шоирони оличаноб мерасида бошад?

***Мунаққид***: Ю.Акбарзода боз чӣ даъво дошт? Дард нест? Оё ҳарфҳои М. Аҷамӣ махсус чиро таъкид кардаанд? Дарди миллатро дар шеъри Аскар Ҳаким. Вақте ки ин шоирон махсус ин сифатҳои шеъри Аскар Ҳакимро таъкид кардаанд, пас касе, ки онҳоро намефаҳмаду инкор мекунад, ба ин ҳарфҳо чӣ хоҳад гуфт?

***Шоир***: Намедонам. Вале ҳатман хоҳад гуфт, ки инҳо ё аз Аскар Ҳаким вобаста, ё ҷӯраҳояш ҳастанд, ё боз ягон сафсаттаи дигар.

***Мунаққид***: Агар ин тавр бошад, биё, боз аз як-ду нафари дигаре, ки аз ин ҷо дуранд, мисол биорам. Масалан, аз Темур Зулфиқоров, ки яке аз бузургтарин шоирони замон шинохта шуда, солҳо номзад ба гирифтани ҷоизаи Нобел мебошад. Ӯ гуфтааст: «Аскар Ҳаким достоне (манзур «Санги ман – алмос») шаффофу булӯрин, тозаву тар ҳамчунон Уолт Уитмен эҷод кардааст. Бешубҳа, достони нави Аскар Ҳаким на танҳо сухани тару тозае дар шеъри тоҷик, балки умуман дар шеър мебошад».

***Шоир***: Ба ёди ман суханони донишманди афғон Ғулом Сахии Ғайрат мерасад, ки гуфтааст: «Ман мехоҳам аҳсант гӯям ба шоире, ки суннати шеъри бузурги форсиро, ки дар он сухан на танҳо сухани олист, балки гӯё сухани илоҳист ва хидмат ба рӯҳу равони одамӣ мекунад, идома медиҳад. Аз ин нуқтаи назар достони Аскар Ҳаким (манзур «Санги ман—алмос») достони хеле олист ва суханони он қудсӣ ва дар айни замон сурурбахшанд. …Чизе, ки Аскар Ҳаким навиштааст, инкишофи тозаҷӯиҳои Нодири Нодирпур… ва Сӯҳроби Сипеҳрӣ мебошад».

Масъуди Сипанд, шоири шаҳири эронии муқими Амрико навиштааст: «Шеъри Аскар Ҳаким дорои ҷанбаҳои бисёр тоза ва нав аст».

Дар ҷавоби ин суханон Ю. Акбарзода боз чӣ сафсаттаи дигар мебофта бошад?

***Мунаққид***: Албатта, ҳамчунонки дафъаи гузашта гуфта буд, мегӯяд, ки ман худам хубтар медонам.

***Шоир***: Охир ин рафтори ӯ рафтори «Арӯси худдонам» аст, ки латифаашро шунидагистӣ:

Хушдоман ба арӯси наваш палавпазиро ёд додан мехоҳад ва мегӯяд:

– Арӯсҷон, аввал равғанро каме доғ мекунӣ…

– Худам медонам, – мегӯяд арӯс.

– Пас пиёзро меандозӣ…

– Худам медонам… Ва ҳамин тавр ба ҳар сухани хушдоман, ки ҳоло ба охир нарасида буд, арӯс «худам медонам» гуфтан мегирад. Дар охир хушдоман аз ин худдонамии арӯс ба ҷон расида мегӯяд:

– Баъди тайёр шудани зирбак биринҷу обро меандозию меҷӯшонӣ ва аз болояш як хишти хомро мегузорию дам мекунӣ.

– Худам медонам, охир, – ҷавоб медиҳад арӯси худдонам.

***Мунаққид***: Пас ин Ю.Акбарзода аз арӯси худдонам ҳам гузарондааст-ку! Ба арӯс як хушдоманаш мегуфт, ба ин чанд нафар муътабартарин шоирону донишмандон гуфтанду ӯ боз мегӯяд, ки ман худам медонам. Ҳар кас ба ҷинсаш мекашидааст, бигзор худам медонам гуфта гаштан гирад, бинем, ки дар ин шармандагӣ то куҷо мерасад.

***Шоир***: Агар мушк худ набӯида бошад, пас машоми Гулназар, Салимшо Ҳалимшо, Муҳаммадалии Аҷамӣ, Темур Зулфиқоров, Ғулом Сахии Ғайрат, ки ин ҷо иқтибос шуданд ва дигарони дигар, ки наметавон ҳамаи онҳоро дар ин ҷо иқтибос кард, ин бӯро аз куҷо шамидааст?! Вақте ин бӯйро онҳое, ки дар шоирию шеършиносию донишмандиашон заррае ҳам шак нест, шунидаанду танҳо Ю. Акбарзода намешунавад, ҳеҷ ҷои тардиде нест, ки димоғи ӯ ба бӯи бад одат гирифтаасту маҷоли шамидани бӯи хушро надорад, пас ин нақси ӯст, на дигарон. Аввал худро табобат бояд кард, баъд дигаронро муоина, вале афсӯс ки ин дард, яъне безавқию бесалоҳиятӣ табобат шуданӣ нест.

***Мунаққид***: Азбаски Ю. Акбарзода дар баррасии шеър беҳунар аст, масъалаҳои дигарро, ки ба ин баҳс дахл надоранд, ба мисли тарзи роҳбарии ту дар замони раисиат ба миён меандозад, ки ба он мақоми олии ИН – анҷуман баҳои ҳаққонии худро додааст ва онро ҳарфҳои ҳасудонаву бесалоҳиятонаи ӯ заррае дигаргун карда наметавонанд. Ӯро, ки вазъи беҳини иҷтимоии ман месӯзонад, аз худ гила кунад, на аз ман, зеро солҳои навад, ки маро кишварҳои хориҷӣ барои маҳфилҳои шеъру адаб ва хондани лексияҳо даъват мекарданду ҳаққулзаҳмаи хуб ҳам медоданд, намедонистанд, ки Ю. Акбарзода гуфтанӣ нафар ҳам ҳаст, ки шояд шавад ӯро ба ҷои ман даъват карду шеър хононду суҳбат орост. Он гоҳ ӯ ҳам метавонист, агар хоҳад, ба ҳаққулзаҳмае, ки онҳо медоданд, на як ду, балки даҳҳо хона харад. Чӣ мекунад, ки акнун вақт ҳам гузашту Ю. Акбарзода ҳам ба он дараҷа нарасиду хонаҳо ҳам гарон шуданд.

***Шоир***: Азбаски маҳбубияту маъруфият ҳаргиз насиби Ю. Акбарзода набудааст, зеро он ба касоне дода мешавад, ки дилу нияти пок доранд, ӯ тоқати таҳаммули маҳбубияту маъруфият ва беҳбуди вазъи дигаронро надорад. Вале чӣ мекунад, ки:

*Дари ганҷинаи ҳақро кушоданд,*
*Ба ҳар кас ҳар чӣ лоиқ буд, доданд.*

***Мунаққид***: Пас ин ҳама кӯшиши бечораи Ю. Акбарзода барои кам нишон додани эътибори эҷодиёт ва шахсияти Аскар Ҳаким об дар ҳован кӯфтан ва давидан дар паи бод аст, ки натиҷааш ба ҷуз батолат чизи дигаре нест.

***Шоир***: Акнун дар бораи чӣ навъ гӯё «ашк дона карда» дар анҷуман дубора Раиси ИНТ интихоб шудани Аскар Ҳаким.

***Мунаққид***: Ман умуман ин сафсаттаро шарҳу эзоҳ доданӣ нестам, зеро ҳамаи иштирокчиёни анҷуман шоҳиданд, ки дар байни ману Лоиқ ҳеҷ гуна раду бадали ҳарфе набуд, на танҳо ӯро дасисабоз номидани ман. Муносибати байни банда ва устод Лоиқ, ки шоир ва инсони асил буд, новобаста аз он ки мо дар анҷуман барои интихоб шудан ба вазифаи Раисии ИН ҳариф будем, ҳамеша дар ҳадди аҳсан қарор дошт. Мо ҳатто як бор ҳам ҳамдигарро ту

нагуфтаем, пас чӣ расад ба таҳқири ҳамдигар. Бешубҳа, ин тарзи муносибат қобили дарки Ю. Акбарзода баринҳо нест, зеро шахсияту фаҳми ҳамонанде надоранд, бинобар ин гуна сафсаттаҳоро ба меъёри ақли худ мебофанд.

***Шоир***: Ба замми ин дусад нафар иштирокчиёни анҷуман ба бемории хотирфаромӯшӣ гирифтор нашудаанд, ки ба ин сафсатта бовар кунанд.

***Мунаққид***: Биё, ҳоло ба ӯ, ки ҳасади раисии туро мехӯрад, як маслиҳат медиҳем. Анҷумани навбатии ИН наздик мерасад, биёяду дар таги дарвозаи ИН нишаста, субҳ то шом гиря кунад, бо ашки тимсоҳӣ не, албатта, балки бо ашки бевазанони мотамзада, бинем, ки ӯро ба чӣ мансаби ИН интихоб мекунанд. Нависандагон, ки барои «ашк дона кардан» Раис интихоб карда бошанд, ӯро шояд муовини дарбон интихоб кунанд.

***Шоир***: Агар ӯ аз паси ин гуна гапҳои беҳуда нагашта, вақти худро ба омӯхтани илми адабиёт сарф мекард, шояд ба ҷойе мерасид.

***Мунаққид***: Гумон аст. Зеро ба ӯ фаҳми адабиёт аз аввал дода нашудааст. Мисоли равшанашро аз гуфтаҳои худаш меорам. Ту дар мусоҳибаи аввалаат ғалати ӯро дар иқтибоси ин шеъри М.Қаноат:

*Ту дар ин саҳро миёни пахтазор*
*На баландию на шуҳрат кофтӣ,*
*Кор кардӣ аз дилу ҷон, хоҳарам,*
*Аз ҳамин пастӣ баландӣ ёфтӣ. –*

ки ба ҷойи «шухрат кофтӣ» «шухрат ёфтӣ» навишта, ҳам пайдарҳамии замони амал ва ҳам қофияро вайрон карда буд, нишон дода будӣ, вале ӯ ба ҷойи қабули эрод ва маъзарат хостан аз муаллифи шеъру хонандагон даъвои гӯшношуниду бемантиқи дар ҳеҷ қуттии аттор набудае карда, навишта буд, ки гӯё ӯ бо он ғалаташ шеъри М.Қаноатро «…равонтару маъмултару машҳуртар …» кардааст. Агар он эроди ту ба бефаҳмтарин кас гирифта шавад, дарзамон хатои худро хоҳад фаҳмид, вале ин мунаққиди аз ҳафтод гузашта, ки гӯё қариб панҷоҳ сол боз ба баррасии адабиёт машғул аст, дар давоми панҷ моҳи ин мубоҳиса ҳамин содатарин чизро намефаҳмад, ки матлаби шоир аввал таъкиди шуҳрат накофта кор кардани пахтачиндухтар ва пас ҳамчун подоши меҳнати ҳалол шухрат ёфтани ӯст. Бинобар, дар мавриди аввал шоир шухрат накофтӣ, вале пас шухрат ёфтӣ мегӯяд. Ана акнун, ту ҳам ҳамроҳи хонандагони муҳтарам, як фикр кун, касе, ки ҳамин як ҳарфи оддиро нафаҳмида, барои тасдиқи гапи бефаҳмонааш аз ким-куҷоҳо мисол меҷӯяд, ки ба асли масъала рабте надорад, оё метавонад шеърро, ки таҳ ба таҳ роз ва назокатҳои аёну ноаёни печидае дорад, баррасӣ намояд? Оё бо ҳамин фаҳм ягон ҳарфи ӯ дар бораи адабиёт заррае эътибор дошта метавонад? Магар дар рӯйи дунё касе ҳаст, ки инро исбот карда тавонад?

***Шоир***: Воқеан рост мегӯӣ, барои исботи фаҳми адабиёт надоштани Ю. Акбарзода ҳеҷ далелу исботи дигаре зарурат надорад.

***Мунаққид***: На, барои он ки бовари ту бар адабиётнофаҳмии ин мунаққиди «фаъолтарин ва пуркортарин» комил шавад, аввал шеъри «Пири гулфурӯшон»-и М. Қаноат ва пас баррасии ӯро меорам, ки ба қавли худаш ӯ чиҳил сол фикр карда, ба ҷо овардааст:

*Кӯҳи Варзобро чӣ даврон аст,*
*Гӯӣ он пири гулфурӯшон аст.*
*Ҷомаи беқасаб ба бар дорад,*
*Локии шоҳӣ дар камар дорад.*

*Саллаи суф гирди сар дорад,*
*Сабади гул ба пеши бар дорад.*

«Хусусан, шоир дар шеъри «Пири гулфурӯшон» (1959), ки аз шаш мисраъ ибрат аст, як гӯшаи зебои Ватанамонро чӣ зебою дилрабо ва биною(?) хоно(?) тасвир кардааст… Ин ҷо ӯ бо сухани шоиронааш ба ҷисми берӯху равони кӯҳ ҷону турбат(?) ато ва сару либоси одамӣ пӯшонида(?) пораву(?) сухангӯ(?) кардааст ва ҳоло ӯ дар сурати инсони воқеӣ(?) дар бозор гул мефурӯшад(?).

***Шоир***: Наузанбиллоҳ, ба кадом ақл ва адабиётфаҳмӣ чунин сафсаттаро навишта боз даъво кардан мумкин аст, ки ман мунаққидам. Бинобар, масъала на дар сари шахсияту эҷодиёти Аскар Ҳаким, балки дар он аст, муайян кунем, касе, ки ин гуна ҳарфҳоро нақди адабӣ гуфта навиштаасту дар давоми панҷ моҳ бо ман даъво дорад, ки ман мунаққидам, на гӯркови Варзоб ( ба кӯҳ «турбат ато кардан», ки ӯ хирадмандона навиштааст, ба кӯҳ гӯр   кофтан аст - А. Ҳ.), то чӣ андоза дуруст мегӯяд. Мутаассифона, дар ду ҷавоби пешинааш ҳеҷ далеле барои мунаққид буданаш оварда натавонист, пас мо ҳам наметавонем, ӯро ба ғайри он вазифае, ки худаш барои худаш таъйин кардааст, яъне гӯркови Варзоб дигаргуна шиносем. Тамом. Вассалом.

## «ЗИЁИЁН ВА ВАТАНДӮСТОНИ АСИЛ»<br>ЧӢ МЕХОҲАНД?!

Дар шумораи 13 (73), чоршанбе / 27 марти соли 2013 зери унвони «Зиёиёни бе мушкили тоҷик ва ё чаро зиёиён дар мулоқот бо Президент танҳо мадҳия мехонанд?» маводи Шаҳбози Нур ба чоп расидааст, ки гӯё дар бораи вохӯрии имсолаи Президенти мамлакат бо зиёиён мебошад. Азбаски дар ин мавод ба шахс ва фаъолияти қаблии ман ҳамчун раиси Иттифоқи нависандагон дахл карда шудааст, ман аз ин нашрия ба ин суолҳо ҷавоб талаб дорам.

Нашрия дар маводи зикршуда навиштааст: «Ба иттилои Президент, бинои пешинаи Иттифоқи нависандагон аз ҷониби раиси қаблии он ба савдо гузошта шуда, маблағҳо ба ҷайби он ҷаноб рафтааст». Дар иттилое, ки Президенти мамлакат дар он вохӯрӣ дод, дар бораи бинои пешинаи Иттифоқи нависандагон ва аз ҷониби раиси қаблии он, яъне Аскар Ҳаким, ба савдо гузошта шуда, маблағҳо ба ҷайби он ҷаноб, яъне ман, Аскар Ҳаким рафтанаш ҳарфе набуду нест. Дар ин ҳарфи нашрия чанд дурӯғ мавҷуд аст, ки дутои он туҳмат аст.

Якум, ҳарферо, ки Президент нагуфтааст, ба ӯ часпонидан, яъне дурӯғ бастан ба Президенти мамлакат.

Дувум, бинои пешинаи Иттифоқи нависандагонро раиси қаблӣ, яъне Аскар Ҳаким нафурӯхтааст ва фурӯхтан ҳам наметавонист, зеро вақте ки Иттифоқи нависандагон дар бинои пешинааш буд, Аскар Ҳаким раиси иттифоқ набуд. Пас ин туҳмати рӯирост аст ба Аскар Ҳаким, ки туҳмат задан аз дурӯғ бастан ҳам гуноҳи вазнинтар мебошад.

Инак, ду суоли аввал, дурӯғ бастан ба Президенти мамлакат ва туҳмат задан ба Шоири халқии Тоҷикистон Аскар Ҳаким ба хотири чист?

Давоми маводи нашрияро мехонем: «Дар ҳамин ҳол раиси феълии иттифоқ (яъне Меҳмон Бахтӣ, зеро дар ҷумлаи пешини маводи нашрия сухан дар бораи Иттифоқи нависандагон буд – А.Ҳ.) хеле дуруст қайд кард, ки он ҳангом ӯ на раис буду на масъули вазифае». Ҳамчунонки иштирокчиёни он вохӯрӣ ва ҳамаи онҳое, ки сабти онро ба воситаи телевизион дидаанд,

шоҳиданд, ки раиси феълии Иттифоқи нависандагон Меҳмон Бахтӣ дар он воҳӯрӣ сухане нагуфта буд. Ин ҳам дурӯғи навбатист.

Давоми маводро мехонем: «Аз ин вазъият хулосаи дигари ғамангезе бармеояд, ки он ҳам ватандӯсти дурӯғин будани аксари зиёиён ба ҳисоб меравад». Пурсида мешавад, ки дар кадом асос нашрияи мазкур ба «аксари зиёиён», ки шояд чандин ҳазор бошанд, тамғаи «ватандӯсти дурӯғин» зада, таҳқир мекунад? Кӣ ба ӯ ҳуқуқи таҳқири чандин ҳазор зиёии мамлакатро додааст ва ҷавоби он чист?

Ҷумлаи баъдии маводро мехонем: «Чӣ тавр моликияти як ниҳоди эҷодиро талаву тороҷ мекардаанду Ҳукумат аз дур ин ҳолро мушоҳида карда, ҳарфе намегуфтааст?» Ба чӣ далел нашрия бо дурӯғу тӯҳмат, чунонки дидем, «моликияти як ниҳоди эҷодиро тороҷ мекардаанд» гуфтанаш дурӯғ ва «маблағҳо ба ҷайби он ҷаноб рафтааст» гуфтанаш тӯҳмат буд, кори Ҳукуматро, ки Раиси он Президенти мамлакат мебошад, зери шубҳа мегузорад?

Нашрия баъд аз он ҷумлааш давом медиҳад: «Дар ин росто, метавон аз ҷой доштани чунин як аҳвол дар Иттифоқи нависандагон ҳарф зад, ки он мавзӯи баҳси батафсили дигарест». Ҳамчунонки дида шуд, ҳамаи ҳарфи нашрия дар бораи Иттифоқи нависандагон ва раисони қаблию феълиаш дурӯғу тӯҳмат буд, пас барои дурӯғу тӯҳмат бастан ва боз ба замми он таҳдид карданаш чӣ ҷавоб медиҳад?

Инҳо суолҳое ҳастанд, ки Аскар Ҳаким дар асоси қонуни мамлакат аз нашрия ва муаллифи маводи мазкур барои дурӯғ гуфтан, тӯҳмат бастан ва бадқасдона бадном кардан ҷавоб талаб мекунад.

Чизе, ки то ин ҷо гуфта шуд, ба ҷиҳати қонунии масъала дахл дошт. Акнун ду-се ҳарф оид ба ахлоқу одоби нашрия ва муаллифи мавод бояд гуфта шавад. Нашрия ва муаллиф чунин менависад: «Ва имрӯз дар толор будагон анқариб (?) ҳама шоиру нависандагони шинос буданд, ки чун «зиёӣ» муаррифӣ мешуданд. Аскар Ҳаким, Атахон Сайфуллоев, Саттор Турсун, Низом Қосим, Кароматулло Мирзоев, Муҳаммад Ғоиб». Ҳамчунонки мебинем, «зиёӣ» ба даруни нохунак гирифта шудааст, яъне ҳамаи номбаршудагон зиёӣ нестанд. Хушбахтона, ҳеҷ кадоми мо даъво ҳам надорем, ки аз ҷониби ин нашрия ва муаллифи он зиёӣ эътироф шавем, зеро меъёрҳои мо аз шинохти зиёӣ бо онҳо куллан фарқ мекунанд, вале онҳоро, ки даъвои зиёии асилро доранд, зарур буд, лоақал дар ҳамин ҷумлае, ки зиёӣ будани дигаронро зери шубҳа гузоштанӣ мешаванд, чаласаводии худро ошкор насозанд, зеро саводи забон доштан ҳам яке аз унсурҳои зиёӣ будан ба ҳисоб меравад ва ҳеҷ зиёии забондон «анқариб»-ро, ҳамчунонки онҳо ба маънои шумора истифода кардаанд, истифода накардаасту намекунад, чунки он мафҳуми «ба зудӣ»-ро ифода менамояд.

Агар нашрияи «Самак» ва муаллифи маводи мазкур эътироф кардан намехоҳад, дигарон дерест эътироф кардаанд, ки Атахон Сайфуллоев, Саттор Турсун, Низом Қосим, Кароматулло Мирзоев, Муҳаммад Ғоиб муаллифи даҳҳо асари олиҷанобе мебошанд, ки на танҳо дар Тоҷикистон маҳбубу машҳуранд, балки берун аз он ҳам ба забонҳои гуногуни дунё тарҷума ва нашр гашта, мавриди пазириши хонандагони олам қарор гирифтаанд. Ин адибон бо асарҳои худ на фақат барои рушди адабиёти тоҷик, балки барои густариши мавқеи адабу фарҳанги тоҷик дар арсаи байналмилал хидмати шоиста карда, аз ҷониби давлати худ бо баландтарин ҷоизаву унвонҳо қадршиносӣ ва аз он ҳам муҳимтар сазовори меҳру муҳаббати халқ гаштаанд. Оё «Самак» ва муаллифи мазкури он дар баробари ин хидматҳои номбаршудагон кадом

хидмати худро гузошта метавонад, ки онҳоро зиёии асил нишон диҳаду ин дигаронро зиёии дурӯғин?

Соли 1980 дар арафаи баргузории ҷашни 1000-солагии Абӯалӣ ибни Сино бо пофишории ҳамсоягони мо аз ҷониби давлатдорони вақти шӯравӣ, аз Маскав дастур дода шуд, ки Сино фарзанди бузурги Шарқ муаррифӣ гардад, яъне дар ҳеҷ ҷое ба тоҷик буданаш ишорате нашавад. Ҳатто дар маҷлиси тантанавие, ки дар Маскав баргузор гашт, сухани аввал ба Президенти Академияи улуми кишвари ҳамсоя дода шуд, ки ин ҳамчун санади ба он халқ тааллуқ гирифтани Сино маънидод карда мешуд. Дар ҳамон вазъият яке аз бонуфузтарин нашрияҳои ИҶШС «Художественная литература» дар силсилаи «Классикон ва муосирон» китоберо зери унвони «Аз шеъри форсу тоҷик» бо як миллион! теъдод ба чоп расонд, ки дар он тоҷик будани Сино матраҳ шуда буд. Тартиб додан, навиштани тавзеҳот ва ба нашр расонидани китоб аз ҷониби Аскар Ҳаким, ки ба қавли «Самак» ва муаллифи он яке аз ҳамин зиёиён ва ватандӯстони дурӯғин мебошад, ба ҷо оварда шуда буд. Ин танҳо яке аз корҳои хоксорона ва бедаъвое, ки Аскар Ҳаким барои ташвиқу тарғиби фарҳанги миллат карда, то ҳол аз он забон накушода буд. Як зиёӣ ва ватандӯсти дурӯғин ҳамин қадар тавонист, бигзор «Самак» ва муаллифи он аз ин бештар кунад, то Аскар Ҳаким ҳам онҳоро шиносад.

Дудигар, бармегардем ба сари масъалаи забондонии «Самак» ва муаллифи он, ки танҳо худро зиёии асил ва дигаронро дурӯғин медонад. Аммо чӣ метавон кард, ки ҳеҷ зиёӣ ба монанди онҳо «дигар ҳеҷ як проблемаву камбудиҳо ва мураккабиҳову масъалаҳои ҳалталаб» наменависад, зеро аз синфҳои ибтидоӣ медонад, ки баъди «ҳеҷ як» исм дар шакли танҳо меояд, на ҷамъ, ки дар он мисол ҳаст: камбудиҳо, мураккабиҳо, масъалаҳо.

Седигар, ҳеҷ зиёӣ «баҳри саноатхонӣ(?) ба мулоқот ташриф овардаанд» навишта, кашфиёти гӯшношунидае намекунад, зеро саводаш ба он мерасад, ки «санохонӣ»-ро аз «саноатхонӣ»-ии бемантиқ фарқ намояд.

Чаҳорум, ҳеҷ зиёӣ ин гуна чаласаводона ҷумла намесозад: «Мо алъон намедонем, Академияи улум чӣ хидматҳои шоиста ва дастовар(?)ҳои назаррас ба даст овардааст, ки оламиён он тараф истанд, аҳли ҳамин ҷомеаи кунунии тоҷикро ба ҳайрат мувоҷеҳ сохта бошанд». Ин ду донишманди бузург – нашрия ва муаллифи мавод, ки «алъон» ба хидмати тамоми олимони мамлакат ва ташкилоти онҳо ба чашми ҳақорат менигарад, бо ин бузургии худ чӣ тавр ин гуна таъбирҳои бемантиқ месозад: «хидматҳои шоиста… ба даст овардааст», «дастовар(?)ҳои назаррас ба даст овардааст» ва ба ҷойи Академияи улум на танҳо «аҳли ҳамин ҷомеаи кунунии тоҷик», балки тамоми «оламиён»-ро « ба ҳайрат мувоҷеҳ» месозад?

Шарти қозӣ сето, мегӯяд халқ, аммо дар ин ҷо аз «дастовар(?)ҳои назаррас»-и ин маводи пурдурӯғу туҳматбор ва чаласаводона аз се мисол бештар оварда шуд, ки кофист, зеро, аввалан, манзур аз ин навиштаҳо ҷавоб талаб кардан ба он дурӯғу туҳматҳост, на нишон додани чаласаводии нашрияву муаллиф, сониян, агар ба ин кор давом дода шавад, мисолҳои булъаҷаби бисёри дигар ҳам ҳаст, ки аз онҳо ҳам «оламиён»-ро «ба ҳайрат мувоҷеҳ» сохта, суханро ба дарозо кашидан мумкин аст. Бинобар ин, мушт намунаи хирвор аст, гӯён бо ҳамин иктифо мекунем.

Зарари маънавие, ки нашрияи «Самак» ва муаллифи маводи мазкур бо дурӯғи маҳзу туҳматҳои махсус ва бадқасдонааш ба Аскар Ҳаким расонидааст, ҳоло мавриди андеша аст. Аскар Ҳаким чиҳилу шаш сол собиқаи корӣ дошта, аз муҳарририи одии Кумитаи телевизион ва радио то раисии Иттифоқи нависандагон расидааст. Дар ин байн ӯ бисту панҷ сол дар зинаҳои

гуногун вакили мардум интихоб шуда хидмат кардааст, ки аз вакилӣ дар маҷлиси вакилони халқи ноҳия то узвияти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинии Раиси Маҷлиси миллиро дар бар мегирад. Дар давоми ҳамаи ин фаъолияташ ӯ то ҳол аз ҷониби ҳеҷ мақомоте ба ҳеҷ гуноҳу ҷиноят муттаҳам нагаштаст. Ба «Самак» ва муаллифи он маълум бод, дар Тоҷикистон ҳам, ки давлати ҳуқуқбунёд аст, шаъну шарафи ҳар шаҳрванд арзиши миллӣ ба ҳисоб меравад ва аз ҷониби қонун ҳимоят мегардад.

Дар охир аз нашрияи «Самак» дар асоси Қонуни матбуот талаб карда мешавад, ки ин маводро бе дахолат бар матн, ҳамчунонки ҳаст, дар шумораи наздиктарини навбатияш ба чоп расонад. Дар акси ҳол муаллиф Аскар Ҳаким барои ҳар гуна тасмими дигар гирифтан комилан соҳибихтиёр аст.

**Аскар Ҳаким,**
**Шоири халқии Тоҷикистон,**
**Корманди шоистаи Тоҷикистон,**
**Барандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон**
**ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

**Ба ҳафтаномаи «Самак»**
**Ҷаноби сармуҳаррир!**

Аскар Ҳаким мақолаи ҷавобии «Зиёиён ва ватандӯстони асил» чӣ мехоҳанд»-ро ба ҳафтанома равон карда, тибқи Қонуни матбуот тақозо карда буд, ки он «бе дахолат бар матн, ҳамчунонки ҳаст» ба табъ расонида шавад. Аммо дар табъи мақола, ки дар №16(76), чоршанбе / 17 апрели соли 2013 / ҳафтанома ҷой дорад, ин талаботи қонунӣ вайрон карда шудааст. Дар сутуни охир, дар сарсатри аввал, ки чунин сар мешавад: «Шарти қозӣ сето, мегӯяд халқ, аммо дар ин ҷо…» калимаи «халқ» ҳазф гаштааст, ки дар натиҷа ҷумла бе мубтадо ва вайрон шудааст. Дар нусхаи чопӣ ва электроние, ки ба ҳафтанома фиристода шуда буд, ин калима ҳаст. Пас, гуноҳи вайрон кардани матни дурусти муаллиф, ки мухолифи Қонуни матбуот (моддаи 24) аст, низ бар дӯши ҳафтаномаи «Самак» мебошад. Тибқи тақозои қонун ин мавод ҳам дар шумораи навбатӣ айнан ба чоп бояд расад.

**Аскар Ҳаким**

На Вашем сайте от 06/06 2013 17:32 под заголовком «Экс-глава Союза писателей Таджикистана требует взыскать с газеты «Самак» 150 тыс. сомони»

Газета «Самак» распространяет ложную информацию о том, что якобы я, Аскар Хаким, экс - глава Союза писателей Таджикистана требую взыскать с них 150 тыс. сомони лишь за «техническую ошибку». Во первых, эта не техническая ошибка, а преднамеренная, чтобы клеветой опорочить честь и имя. Эта полностью доказана в моей ответной опровергающей статье «Зиёиён ва ватандӯстони асил чӣ мехоҳанд?!», напечатанной в данной же газете от 14 апреля 2013 года. Во вторых, газета «Самак» должна была прямо сказать о том, что эта является какого рода «технической ошибкой», а не умолчать о ней. Между тем, в этой ошибке клевещется, что якобы я продал прежнее здание Союза писателей и деньги положил себе в карман. Ничего себе, ошибочка-да?! Да еще утверждать, что эти слова говорил Президент

страны в своей мартовской встрече с интеллегенцией респулики. Как не поверить этой ошибке, когда это говорится от имени самого Президента?!

Автор и издание клеветнической статьи для достижения большего моего очернения и надуманной виновности вложили в уста Главы государства не сказанные ими слова. Кстати, приписывать Президенту ложные высказывания тоже пресекается законом.

Далее, нужно отметить, что причиной моего иского заявления в суд на газету «Самак» и ее автора состоит не только в этих клеветнических утверждениях, но и в нескольких других высказываниях, унижающих честь и достоинства человека, что основательно показано в моей названной опровергающей статье. Так что их невозможно исключить… (со внимании).

Ещё «Самак» в своих информациях утверждает, что она попросила извинение у Аскар Хакима. Однако я подал в суд только через более двух месяцев после опубликования клеветнического материала, ибо никаких извинений от редакии не получил, хотя извинения после намеренного оклеветания и унижения чести и достоинства не подлежить ни прощению не от ответственности перед законом.

**Аскар Хаким**

## ШОИР ИШҚИ ПИНҲОНӢ НАДОРАД

**Мусоҳиба бо хабарнигори ҳафтавори «Оила» У. Ширин**

**Шоир, мунаққид, адабиётшинос Аскар Ҳаким шахсест, ки ҳар нафасаш ҳавои ишқ дорад. Ҳамин ҳавои ишқ аст, ки вақте шеър мехонад, суханаш оҳанг пайдо мекунад. Мо бо устод суҳбате доштем атрофи бузургии зан ва нигоҳи Аскар Ҳаким ба ин муъҷизаи Худованд.**

**– Устод! Аз латофати шеърҳоятон маълум аст, ки мурғи илҳоми шуморо ҷинси латиф парвоз мебахшад. Аз ин рӯ назари шуморо ба ин парии илҳомовар донистан мехостем?**

– Ман ҳамеша ба зан, модар, духтар бештар авлавият додаам. Пайдоиши одам ҳам аз назари дин, асотир, дониш гуногун аст. Назаре ҳаст, ки гӯё аввалҳо башарият якҷинса будааст. Баъдан, ҷинси зан ба вуҷуд омаду ғамгинӣ аз вуҷуди Одам рафт. Пайдошавии зан зиндагии башариятро тағйир дод. Занро Худованд ҳамчун сарчашмаи некӣ офарид.

**– Мо машъуқаҳои эҷодкорони русу дигар миллатҳоро медонем, аммо маъшуқаҳои эҷодкорони мо пинҳон мемонанд…?**

– Сарчашмаи илҳоми ҳамаи эҷодкорон чи шоир, чи рассому чи пайкарасоз зан буду ҳаст. Дар шарқ, ки дар баробари номи мард зикр шудани номи зан аз рӯи талаботи шариат маъмул набуд, номи маъшуқаҳои мардони номдори мо пӯшида мондааст.

**– Озодии зан аз нигоҳи шумо?**

– Карл Маркс мегӯяд, ки инкишофи ҷомеро аз рӯи он ки зан дар онҷо чӣ мавқеъ дорад, муайян кардан мумкин аст. Воқеан ҳам ҳамин тавр аст, зеро танҳо зани озод, зане, ки ҳуқуқашро шинохтааст ва инсони шарофатманд аст, насли озодфикру комёбу озодандешаро

парварда метавонад. Духтарони мо, модарони мо вақте озод ҳастанд, мо бо боварӣ гуфта метавонем, ки фардо насли мо маънии озодиро дарк хоҳанд кард ва воқеан шаҳрвандони озод хоҳанд буд. Бе тарбияи зани озод, зани бошуур насли озодро тарбия кардан имкон надорад.

**– Ишқи аввал шуморо ба шеъру шоирӣ овард ё баръакс?**

– Дар ҷавонӣ ошиқ шудан бисёр сӯзандааст ва ин ишқ роҳи инъикоси худро мекобад. Ишқи аввал барои шакл гирифтани шоир низ аҳмияти калон дорад. Ин гапҳо ба ман ҳам тааллуқ доранд. Аммо ман дар Аспирантура хонда, айёми ҷавонӣ бештар ба илм машғул шудам. Муддати 10-15 сол илм домони маро сар надод ва 2-3 китобе дар илм иншо кардам. Он шеърҳое, ки дар назари ман шоистаанд, баъдан гуфтаам, бинобар ҳамин ба давраҳои аввали эҷодиётам чандон ба чашми эътибор нигоҳ намекунам.

*Абри сафеди тор-тор,*
*Мебарадам хаёли ёр.*
*Оқибати ҷудоиҳо,*
*Кош расад ба ёр-ёр.*

**– Он ёр кӣ буд ва чаро аз он нигор танҳо хаёл монд?**

– Ин шеърро ман хеле барвақт навишта будам. Он вақт бо оҳангсозон Миратулло Яҳёев, Толиб Шаҳдӣ, Шодмон Пӯлодӣ ошно будам. Онҳо аз ман хоҳиш мекарданд, ки барояшон суруд нависам. Ин шеър ҳам ба хотири суруд навишта шуда буд.

**– Кӣ шуморо ба илҳом овард?**

– Ростӣ, дар хотирам намондааст. (Пас аз хандаи базавқ) Худатон, ки шоир ҳастед, мефаҳмед, ки ин гуна шеърҳо бе хаёлот пайдо намешаванд.

**– Дар кору бори хона ёрдаматон мерасад?**

– Аз ҳамсарам сипосгузор ҳастам, ки маро аз ҳамаи ин корҳо озод кардааст, ҳам аз кору бори хонаю ҳам аз ташвиши бозор. Ҷои ман танҳо дар паси мизи кориам. Ҳамаи ин корҳо бар уҳдаи ҳамсарам аст.

**– Фарз кардем, ки дар хона янга несту гурусна мондед. Ягон чӣ пухтан аз дастатон меояд ё ба хонаи ҳамсоя меравед?**

– Солҳои донишҷӯӣ барои худам хӯрок тайёр мекардам. Метавонам шӯрбо пазам, хомшӯрбо пазам, оши палавро ҳам пухта метавонам. Умуман, хело хӯрокҳоро аз уҳдаи пухтанаш мебароям. Баъзан, рӯзҳои шанбею якшанбе дар рӯи ҳавлӣ дег мемонему мегӯям, ки биёед, ман худам як оши палав мепазам. Аммо ин, баъзан, ҳамешагӣ не. Умуман, пухтупазро ба дараҷаи хуб аз уҳдааш мебароям.

**– Сабаби иншои достони «Ҷони ширин»-и устод Мирзо Турсунзодаро ҳама медонем. Шумо низ ба сафарҳои дурудароз рафтед. Дар бозгашт боиси коҳиши янга нагаштед?**

– Вақте хонадор шудам, аллакай дар вазифаҳои масъул будам. Ҳамсарам аз ҷавониаш ба ин ҳолат одат карда буд, ки шавҳараш ба сафарҳои дурудароз меравад. Аз ин рӯ ин масъала ҳеҷ гоҳ боиси норизоӣ нагаштааст.

**– Бунёди оилаи шумо ишқ буд ё…?**

– Вақте ки ман худам хоста гирифтам, албатта муҳаббат буд, дилгармӣ буд.

**– Устод, аз маъшуқабозии вазирону кабирон чӣ хабар доред?**

– Ман, ку вазир нестам, ин таҷрибаро нагузаштаам. Баъд, ба кори дигарон кор ҳам надорам. Ин кори шахсии ҳар кас аст. Шоир ишқварзии пинҳонӣ надорад. Ҳар чӣ ки дорад, дар шеъраш аён аст. Мегӯянд, ки нонат ҳалол бошад дар миёнаи бозор хур. Нони шоир ҳалол аст.

**– Таманнои шумо ба мухлисон.**

– Мехоҳам, ки оилаҳояшон саодатманд бошад. Ба назари ман хушбахтии инсон пеш аз ҳама дар хонаводаи ӯст. Ва агар дар хонаводааш хушбахтӣ бошад, инсон ба ҳамаи умедҳое, ки мекунад, албатта, мерасад.

## АЗ ШАВҲАРАМ ИФТИХОР ДОРАМ

***Даричаи ошноӣ: Марҳамат Олимӣ – зодаи Хуҷанд. Хатмкардаи Донишгоҳи омузгорӣ, узви Иттифоқи журналистон. Ҳамсари шоир Аскар Ҳаким.***

**– Марҳамат-апа, шумо ҳам шахси эҷодкоред, бо эҷодкор ҳамтақдир шудани худро аз чӣ медонед?**

– Вақте ман донишҷӯ будам, Аскар аспирантураи Маскавро хатм карда омаданд. Мо хешу табор ҳастем. Ба вохӯрию изҳори ишқ фурсат набуд. Ризомандии падару модарону хешу таборон боис гашту мо ҳамқисмат шудем.

**– Устод гуфтанд, ки ҳамсарашонро интихоб карда гирифтаанд?**

– Ҳа, шояд аз миёни хешу таборон интихоб карда гирифтагистанд. Инашро худашон медонанд.

**– Шеърҳои ошиқонаашон ба шумо бештар маъқуланд ё дар мавзӯъҳои дигар навиштаашон?**

– Ман худам ба он кас маслиҳат медиҳам, ки бештар дар мавзӯъҳои ошиқона шеър нависанд. Ман дӯстдори шеърҳои ошиқона ҳастам. Вақте аз корҳои хона монда шавам, ба ҷои он ки хоб равам, шеърҳои ошиқона мехонам. Рубоиёти Хайёмро мехонам асабҳоям ором мешаванд.

**– Шумо бо ин коратон чашмаи илҳоми устодро ба ҷӯш меоред. Шеъреро, ки махсус ба худатон бахшида бошанд, медонед?**

– Як шеър доранд, ки бо мисраи «Ту дар ин шаби баҳорон…» сар мешавад. Мегӯянд, ки ҳамонро ба ман бахшидаанд. Он тарафашро намедонам. (механдад). Дар поёнтаракаш, ки мегӯяд «Ту на ҳамсари ман астӣ, сару сарвари ман астӣ…» шояд ҳамон қаҳрамон ман бошам.

**– Шеъри «Насиби ҷавонӣ» -ро ба кӣ бахшида бошанд?**

*Эй насиби ҷавониам аз ишқ,*
*Дер кардӣ чаро ту то пойиз,*
*Ки гаҳи дилситониям аз ишқ,*
*Рафтаву бурдааст дилро низ…*

– Худашон нагуфтанд?

**– Ҳамчун чекист дар як гап истоданд: «Ҳамаи ашъори ошиқона барои хонум, ҳамсарам!»**

– Ман ҳам намедонам, ба кӣ бахшидаанд. Шеърҳояшонро ба ман намехонанд.

**– Аввалин хонандаи ашъорашон кӣ бошад?**

Аввалин хонанда, ман худам ҳастам.

**– Ҳозир гуфтед, ки баъди нашр шудан мехонед?**

– Дуруст, лекин ман пинҳонӣ, даромада, шеъри тоза навиштанашонро мехонам. Баъд, агар дар бораи он шеър чизе гӯянд, ман мегӯям, ки ман ин шеърро хондагӣ. «Кай хондӣ?» мепурсанд ҳайрон шуда. Ман мегӯям «Аз дафтаратон хондам».

**– Ба кӣ навиштӣ, гуфта эрод мегиред?**

– Шоир шахсест, бо дили нозук. Вай ҳама чиро метавонад нависад. Агар ба ҳар навишта эрод гирифтан гирӣ, шоир мешавад? Фарқи шоир аз инсонҳои дигар дар он аст, ки чизҳои нозуктаринро дида метавонад. Ба ҳар кори вай эрод гирӣ, илҳомаш мемирад. Вақте дар нашриёт кор мекардам, он ҷо як шоир буд. Вай мегуфт, ки ҳар шеъри ошиқонаи навиштаашро занаш дарронда мепартояд. Бо чунин кор аз шоир чӣ мемонад? Шоирро бояд эҳтиром кард, шароит дод, ки эҷод кунад.

**– Ба касе шеър бахшидани шоир маънои онро надорад, ки ба он зан ошиқ аст?**

– Солҳои 80-ум дар Ироқ, дар симпозиуме иштирок доштанд. Ҳамаи дидаҳояшонро ба навор гирифта оварданд. Тамошо мекарданду мегуфтанд: «Ин рақсро бин, қаду қоматро бин». Баъдтар фаҳмидам, ки ба он раққоса шеър бахшидаанд. Ман барои ин шеър ҷанг кунам ё шеърашонро дарронда партоям? Дар он сурат илҳомашро мекуштам.

**– Шумо дар ҳақиқат сарчашмаи илҳоми устод, муҳайёкунандаи шароити эҷодӣ барояшон будед.**

– Соли 90-ум дар «Адабиёт ва санъат» кор мекардам. Аз рӯи вазифа мақолаҳо менавиштам. Дидам, ки мард дар як тараф шишта менависаду ман дар дигар тараф. Кори хона ҳама мондагӣ. Ба худ гуфтам, ки бояд ба шавҳарам шароит муҳайё кунам. Шавҳарам ҳамин хел одам, ки умуман корҳои хонаро намефаҳманд.

**– Устод гуфтанд, ки ба хона меҳмон биояд, худам ош мепазам…?**

– Хайр, баъзан мешавад. Мегӯянд, ки, хонум, биё, ёрдам кунам. Сабзиро реза карданӣ мешаванд, ки дасташонро мебуранд. Баъд амр мекунанд: хонум, дега коб, сабзӣ андоз… ана, ҳамин хел ош мепазанд! Аввалҳои хонадоршавиамон хӯрокҳои болаззат мепухтанд. Дамлама ва оши палав мепухтанд, ки на ҳар зан пухта метавонист.

**– Дар давраи донишҷӯӣ хӯрок пухта омӯхта буданд.**

– Вақте арӯс шуда, ба хонаашон омадам, аз тозагии хона, ҷобаҷомонии ашёҳо ба ҳайрат омадам. Аз пушти он кас ман овора намешудам. Ифтихор мекунам, ки соҳиби чунин шавҳар ҳастам.

**– Хабар намеоварданд, ки шавҳаратон маъшуқа дорад?**

– Одам, ки машҳур шуд, бе чунин гапҳо намешавад. Ман ба онҳо мегуфтам, ки: «Хайр, агар тавонед шумо ҳам гиред!»

**– Чанд фарзанд доред?**

– Чор духтар. Сетоаш хонадоранд. Бо мо Парисои 12 сола аст. Ҳамаашон соҳиби маълумоти олӣ.

**– Таманнои шумо ба ҳамсаратон.**

– Пеш аз ҳама сиҳату саломат бошанд бас. Ба эҷодашон барор мехоҳам.

**– Худо нигаҳбонатон бошад.**

**Суҳбатнигор У. Ширин**

## АЗ ПИСАР НАДОШТАНАМ АФСӮС НАМЕХӮРАМ

**Мусоҳиба бо хабарнигори ҳафтавори «Тоҷикистон» Одили Нозир**

Оилаи тоҷик бемор аст. Оилаи тоҷик бӯҳрон дорад! Оилаи тоҷик фалону бисмадон… Қариб ҳар рӯз дар ин бора мегӯянду мешунавем. Баъзеҳо ба ақидае ҳастанд, ки сабаби ноустувории оилаҳо аз байн рафтан ё коста шуани суннатҳои қадимии оиладории миллист. Дигарӣ бар он аст, ки сабаб дар нобаробарии зану мард дар оила, севумӣ аз нигоҳи моддӣ таъмин набуданро ишора мекунад, чорумӣ вайрон шудани насли ҷавонро… Аммо устод Аскар Ҳаким, Шоири халқии Тоҷикситон, барандаи Ҷоизаи ба номи устод Рӯдакӣ, сарвари як оилаи калон, шавҳари мушфиқ ва падари чор духтар дар ин маврид назари дигар доранд, ки зимни суҳбати мо маълум шуд…

**– Устод, барои равшан шудани масъалае, ки дар зер сари он суҳбат мекунем, бигӯед, ки фарқияти ҷавонони давраи ҷавонии шумо аз ҷавонони имрӯза дар чист?**

– Фарқияти ҷавонии ман ва ҷавонони имрӯза ниҳоят калон аст, чунки зиндагии мо аз сохти ҷомеа вобаста аст. Вақте ки мо ҷавон будем, ҷомеа, ҷомеаи сотсиалистӣ буд, иқтисоду иҷтимоиёт, муносибатҳо дигар буданд, имрӯз ба куллӣ дигар аст. Аз баъзе ҷиҳатҳо ҷавонони имрӯза имконияти бештар доранд, дар омӯхтани илм, ҷаҳоншиносӣ, забономӯзӣ, дарёфти ҳар гуна иттилоот, китоб... Замони ҷавони мо ин тавр набуд. Мову шумо дар остонаи Наврӯз ҳастем. Ҳатто ҷашнгирии Наврӯз он солҳо роиҷ набуд. Бубинед, тақдири баде дорад, Наврӯз. Аввал, онро рӯҳониёни мутаассиб, чун иди ба ислом бегона маҳкум мекарданд, замони Шӯравӣ чун ҷашни исломӣ. Аммо Наврӯз, ки аз суннати миллии мо буд ва мардуми мо ба суннатҳои миллӣ эҳтиром доранд, онро чун иди баҳор ё сари сол ҷашн мегирифтанд. Дар охирҳои Шӯравӣ барои ҷашнгирии он ва дигар суннатҳои миллӣ кӯшишҳо шуд.

**– Шумо дар бораи суннатҳои миллӣ гуфтед. Воқеан мо анъанаҳои бисёр хуби миллӣ, суннатҳо ва фарҳанги қадимӣ дорем, ки имрӯзҳо оҳиста-оҳиста коста шуда аз байн мераванд ва ин дар ҳолест, ки ҳатто солҳои Шӯравӣ бисёре аз онҳо пойбарҷо буданд. Яке аз ин арзишҳо оилаи миллӣ аст. Гарчанде мо он қадар дастур дорем, андарз дорем, анаъана дорем, аммо ҳамасола ҷудошавии оилаҳо бештар мешавад. Сабаби инро Шумо дар чӣ мебинед?**

– Побарҷоии оилаи Шӯравӣ ё пеш аз он дар асри 18 ва 19 аз авзои иҷтимоӣ вобаста буд. Дар ҷомеаи Шарқӣ хеҷ вақт ҳуқуқи зан бо мард баробар набуд ва 99 фоизи занҳо аз назари моддӣ ба мардҳо мутеъ буданд. Бечора худи зан наметавонист худашро таъмин кунад, бинобар ин, мустаҳкамии оилаҳо сунъӣ буд ва зан ҷабру ҷафои мардро тоқат мекард. Ин буд боиси ҷудо нашудани оилаҳо. Хуб, мо суннатҳоямонро бояд сарфи назар накунем. Мисол: ахлоқ, устувории оила, ба камол расонидани фарзандон ва... Мо зиёд мехохем, ки оилаи мо хушбахт бошад, аммо ин хушбахтӣ, ин устуворӣ бояд дар баробарии зану мард сохта шавад. Бояд муқоиса кард. Мо мебинем, дар кишварҳои пешрафта, ки аз ҷиҳати иқтисодӣ таъминанд, ҷудошавӣ бештар ба мушоҳида мерасад, чунки дар он ҷо занҳо бе шавҳар метавонанд худашонро таъмин кунанд. Имрӯз ба ҷомеаи Тоҷикистон менигарам. Духтарҳо нисбат ба ҷавонҳо пешрафтатар ҳастанд, фаъолтаранд. Онҳо ҳис мекунанд, ки бояд озод бошанд, омӯзанд. Ман борҳо дидаам, ки духтар рафта ба Маскав ё дигар шаҳрҳои хориҷ таҳсил мекунад, аммо ба Тоҷикистон бозгашта шавҳар намеёбад. Чаро? Чунки ҷавонписарони мо дар фикррونӣ, дар андеша хеле қафо мондаанд.

**– Шумо гуфтед, ки хушбахтии оилавӣ дар заминаи баробарии зану мард сохта мешавад. Барои мисол, биёед, оилаи шуморо мегирем. Ин баробарӣ дар оилаи Шумо риоя мешавад?**

– Ман чор духтар дорам. Се нафарашон маълумоти олидор, чорумаш дар синфи 11 мехонад. Зани ман, вақте мо издивоҷ кардему аз Хуҷанд ба Душанбе омад, ба донишгоҳи омӯзгорӣ дохил шуд ва факултети филологияро хатм кард. Ман ҳеҷ гоҳ монеъ нашудаам, ки ҳамсарам ва духтаронам маълумот бигиранд, кор кунанд. Вақте рафиқонамро медидам, ки мегуфтанд, духтарам мактабро тамом кардааст, ӯро бурда самбӯсапазӣ ёд диҳам ё дар ягон сех шогирд монам, ман ба онҳо мегуфтам: «Бародар, ту зиёӣ ҳастӣ, ба ҳар ҳол вазифадорӣ, мансабдорӣ, чаро ба ҷойи ташвиқ намудан, ки духтарат рафта хонад, ӯро коре ёд додан мехоҳӣ, ки дар хона нишаста иҷро кунад. Ману ту бояд барои дигарон дарси ибрат бошем». Ман бар онам, ки духтарҳо хонанд ва қудрати маънавиашонро истифода баранд.

**– Мо як чизро бояд иқрор кунем, ки дар замони истиқлол ба рӯҳониён озодии аз ҳад зиёд додем…**

– Ба рӯҳониён озодии зиёд додани мо сабаб дорад. Солҳои 90 ихтилофи асосӣ дар ҷомеаи мо дар байни равшанфикрон ва рӯҳониёни мутаассиб сурат гирифт ва талафоту хунрезии зиёд шуд. Ҳукумат наметавонист, ки бо онҳо сад дар сад мубориза барад. Гузаштҳое, ки мо нисбат ба рӯҳониён кардем, барои сулҳ буд. Аммо давлат давлати дунявӣ аст ва бояд дар доираи қонуни давлати дунявӣ амал кард. Рӯҳониёни равшанфикр инро аллакай дарк кардаанд, аммо рӯҳониёни мутаассиб бояд фаҳманд, ки ҷомеа ҷомеаи мутамаддин аст ва наметавонад дар як ҷо сукут карда истад. Бубинед, як мулло мадрасаи динии замонавиро хатм карда, рафта дар деҳа чун асри 10, курпачаву болишт монда, адабчӯб гирифта, бачаҳоро дарс медиҳад. Ин дар кадом қолаб меунҷад? Ё монеи хондани духтар мешавад, намегузорад, ки ҳамсараш кор кунад. Аммо дар байни рӯҳониён равшанфикроне ҳастанд, ки намунаи олии инсони мутамаддин ҳастанд. Мо бояд ба онҳо такя кунем, на ба мутаассибаш.

**– Ин суолро ман ба он хотир додам, ки озодии аз ҳад зиёд додани мо ба рӯҳониён боис гашт, ки таъсири онҳо дар ҷомеа нисбат ба зиёиён бештар шавад. Ва ҳамон ҷумлае ки Шумо дар охир гуфтед, намегузоранд, ки духтарон хонанд ва ё занҳо кор кунанд, боиси ҷанҷолҳои оилавӣ гашта, ба вайроншавии оилаҳо меорад.**

– Шумо дуруст гуфтед. Мо мебинем, ҳар рӯз дар кӯча духтарҳо бо сатру ким- чӣ хел либосҳои дигар мегарданд. Бисёре аз онҳо барои як навъ ҷудо шудан аз ҷомеа ва худнишондиҳӣ чунин либос мепӯшанд. Онҳо албатта, дарк намекунанд, ки мо - мардуми тоҷик ба ин эҳтиёҷ ҳам надорему одат ҳам намекунем.

**– Шояд духтарҳо сатрро барои шавҳар кардан мебандад?**

– Баъзеашон ҳамин гапро мегӯянд. Ман чанд духтарро пурсидам, ки, духтарҷон, ин чизро дар сарат чаро бастӣ? Онҳо дар ҷавоб мегӯянд, ки агар озод бошем, моро намегиранд. Ин даҳшат аст. Ман барои чӣ гуфтам, ки ҷавононамон аз духтарҳо қафомондаанд? Ин таъсири замони ҷанг аст, ҷавонҳо аз мактаб дур буданд, мактабу маорифро надидаанд. Имрӯз ҳам онҳое, ки дар ҷангҳои Сурия ҳастанд, ҷавононе ҳастанд, ки аз мактабу омӯзиш берун мондаанд. Барои ҳамин бояд дар ҳама маҳалҳо муассисҳои фарҳангӣ фаъолона кор кунанд.

**– Бозмегардем ба оилаи шумо. Сири муваффақияти оилаатон дар чист?**

– Муҳаббат, эҳтиром ва садоқат ба хонавода. Асоси устувории оилаи ҳама ҳамин бояд бошад. Ман ҳеҷ вақт ҳуқуқи занамро поймол накардаам. Ин ҷо як нуктаро мехоҳам бигӯям. Ноустуворӣ ва вайрон шудани оилаҳо сабаби иҷтимоӣ дорад. Аксари мардум шароити зиндагӣ

надоранд. Мисол, дар як ҳавлӣ ё квартира ду се оила зиндагӣ мекунанд, хона танг, мешавад ҷангу ҳархаша. Ҷанҷолҳои оилавӣ аслан аз майда-чайдаҳо сар мезанад. Сабаби вайрон шудани оилаҳо ба таъминоти моддӣ сахт вобастагӣ дорад. Бисёриҳо духтарашонро намемонанд, ки хонад. Ӯро ба шавҳар медиҳанд, шавҳараш нонёб не, оилаашро таъмин карда наметавонад ва дастнигари падару модар аст. Ана бо ҳамин сабаб сар мезанад низои оилавӣ. Духтари калони ман судя аст, қозӣ аст ва ҳар рӯз бо даҳҳо низои оилавӣ, ки ҳал нашудасту то суд омадааст, рӯ ба рӯ мешавад. Аз оне ки духтарам мегӯяд, ман хулоса кардам, ки сабаби бисёри вайроншавии оилаҳо дар таъминоти иҷтимоист.

**– Шумо падари чор духтар. Миёни мардуми мо ду ақида аст: Падар чанд духтаре тарбия кунад, ҳамон қадар дарҳои ҷаннат ба рӯяш боз аст. Ақидаи дигар мухолиф ба ин аст, яъне ҳар қадар зиёд духтар дошта бошӣ, ҳамон қадар ҷазои худоро дар сар дорӣ. Барои Шумо чӣ тур аст?**

– Он чизе, ки шумо гуфтед, як ҳадиси Паёмбар (с)-ро ба ёдам овард. Расули Акрам мегӯянд, ҳар касе, ки се духтар дорад, дар хонаи вай раҳмати Худо меборад ва бисёр таъриф мекунанд. Дар охир мегӯянд, ки, ай мусулмонон, ба он мусалмоне, ки чор духтар дорад, дасти ёрӣ дароз кунед. Ин албатта вобаста ба вазъи ҳамон замон гуфта шудааст. Дар гузашта тарбияи духтар, ба шавҳар додани ӯ душвор буд, мисли ҳозир. Замонҳои пеш падару модар, агар духтар медоштанд, ӯро ба шавҳар медоданд ва бо ҳамин тамом, вай моли дигар кас шуду дар пирӣ бепарастор мемонданд. Ҳоло ҳам дар баъзе аз ноҳияҳои Тоҷикистон ҳамин тур аст.

**– Ё ба шеваи мардум духтар моли дигар кас.**

– Ҳа, аммо дар ҳама ҷо ин тавр нест. Мисол дар Хуҷанд, ҳатто дар тасаввури мардум нест, ки духтар шавҳар кунаду моҳ-моҳ ба хонаи падар наояд. Масалан, ман писар надорам, аммо то ҳол инро ҳис накардаам. Дар ягон коре дасткӯтоҳӣ надоштам, ки афсӯс хурда бошам, ки кош, писар медоштаму мекард. Домодҳои ман бачаҳои хубанд. Духтарҳои ман ҳар коре, ки барои ман писар мекард, мекунанд.

**– Дар оилаи шумо кору бори хонаро кӣ мекунад?**

– Ман, ки ба навиштан машғулам, ин корҳоро занам мекунад.

**– Умуман дар хона ягон кор мекунед?**

– Дар хона… дар хона… Ба ман коре намефармоянд, ки ман кунам. Кори ман дар сари мизам аст. Инро бояд ман икрор кунам… ман аз корҳои хоҷагӣ, хонаводагӣ, ба ростӣ, озодам. Ин корҳоро ҳамсари ман ба хубӣ сомон медиҳад.

**– Ба наздикӣ 8 март. Шумо дар ҳалқаи панҷ хонумед, бароятон душвор будагист?**

– На, ман маъмулан дар 8 март ба модарашон тӯҳфа меорам. Одатан гул. Ба духтарҳоям шавҳарашон гул биёрад.

**– Саломат бошед!**

# МУНДАРИҶА

**Чеҳраҳои адабӣ**

Дар гузаргоҳи аср . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 5
Эҷодкори саодат . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 12
Умри пурмаъно. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 18
Ман дар табассуми шумо зиндаам . . . . . . . . . . . . . . 52
Равшангари дилҳо. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 55

Ҳосили таҷрибаи рӯзгор . . . . . . . . . . . . . . . . . 59
Шохаи райҳон ва себҳои шукуфта. . . . . . . . . . . . 72
Шоири мумтоз . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 128
Хотираи Аминҷон Шукӯҳӣ. . . . . . . . . . . . . . . . 132
Шеърияти илм. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .135
Дӯсти мост шоир . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 142
Истеҳкоми маънӣ ва сухан . . . . . . . . . . . . . . .150
Ситоишгари қаҳрамонӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . 153
Садоҳо аз ҷовидон . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 158
Обшори шеър . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 164
Не потускнеет душа от черной бури... . . . . . . . . . 207
Гузаштаи зинда ва рӯҳи замон . . . . . . . . . . . . . 212
Чанд сол ва чанд нигоҳ . . . . . . . . . . . . . . . . . . 225
Нӯшбоди шоир . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 225
Дар қаламрави шеър . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 237
Бо «хоки ватан» . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 245
Андешаҳои лаҳзагӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 260
Кӯлбори марди роҳ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 265
Ассалом, эй қитъаи Лоиқ . . . . . . . . . . . . . . . . 279
Сухане аз устод Лоиқ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 281
Бӯи гулхор . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 285
Навъи хурд, масъулияти бузург . . . . . . . . . . . . 308
Чу ҳавои баъди борон... . . . . . . . . . . . . . . . . . . 317
Шоире модарзод . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 332
Сухане дар маҳфиле . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .334
Рақси болои бом . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 338
Духтараке бо куртаи чити қаламӣ . . . . . . . . . . . . . . . . 352
Сухан аз сурайё . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 361
Имрӯз ҳам бо ватан, фардо ҳам . . . . . . . . . . . . 370
Бозтоби дурахшони сарнавишт . . . . . . . . . . . . . 374
«Дилам ҷуз хонаи ишқи Ватан нест» . . . . . . . . . 377
Бо ёди Пушкин . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 384
Бӯи дил ва муҳаббат . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 390
Дар пайи нигоҳ ва ҳарфи хоса . . . . . . . . . . . . . 394
Бардоште аз «чашмандоз...» . . . . . . . . . . . . . . . 397
Васлгари дилҳову кишварҳо . . . . . . . . . . . . . . . 399
Мароми мо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 409
Силоҳи сухан, салоҳи башар . . . . . . . . . . . . . . 413
Минбари озодфикрони Тоҷикистон . . . . . . . . . . 417
Иттифоқ ё ҷудоӣ? . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 425
Мо барои васл кардан омадем . . . . . . . . . . . . . 433
Мехоҳам, шеъри моро кулли олам бидонад . . . . . . . . 435
«Сухангустар», Худо мададгоратон! . . . . . . . . . . 440
Маънавиёт ва авзои ҷомеа . . . . . . . . . . . . . . . . 457
Сухан аҳуроӣ бояд гуфт . . . . . . . . . . . . . . . . . 466
Сумерки сменят яркий восход . . . . . . . . . . . . . . 473
«Пустая душа пострашнее пустого желудка и кошелька».477

Боздид аз диёри орзуҳо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 480
Бовар мекунед? «Адабиёт ва санъат» 100 000 нашр мешуд.482
Шеър дастовези ман . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 491
Замони ифтихор омад . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .494
Шоир - забони миллат ва адолат . . . . . . . . . . . . . . . . . 505
Гавҳари шеър азалӣ ва абадист . . . . . . . . . . . . . . . . . 519
... Корвон меравад . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 533
Замини сабзи боварҳо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 545
Наврӯзи фарвардин . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 548
Номаи саркушода ба Ато Мирхоҷа . . . . . . . . . . . . . . . . 550
Посухи дермонда . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 560
«Эй вой, ба ҳоли илми тоҷик!» . . . . . . . . . . . . . . . . . . 576
«Дара задам, девор кафид» . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 595
Мунаққид, дурӯғзан ё гӯркови Варзоб? . . . . . . . . . . . . . 608
«Зиёиён ва ватандӯстони асил» чӣ мехоҳанд?! . . . . . . . . 630
Шоир ишқи пинҳонӣ надорад . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 638
Аз шавҳарам ифтихор дорам . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 641
Аз писар надоштанам афсӯс намехӯрам . . . . . . . . . . . . . 644

**АСКАР ҲАКИМ**

**МАҶМӮАИ**
**ОСОР**

**Ҷилди V**

Муҳаррир: **Аҳмадҷони Раҳматзод**
Муҳаррири техникӣ: **А. Абдусамадов**
Мусаҳҳеҳ: **Марҳамат Олимӣ**

Ба матбаа санаи 15.06.2017 супорида шуд. Ба чопаш 25.07.2017
имзо шуд. Коғази офсет. Чопи офсет. Ҷузъи шартии чопӣ 40,75.
Андозаи 60x84/16. Гарнитураи ҳуруф «Times New Roman Tj». Супориши №4696. Теъдод 500 нусха.
Нархаш шартномавӣ.

Матбааи «Ношир»
735714 Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ш. Хуҷанд, кӯчаи Сейтвелиев 2
Тел.: (83422) 5-65-95
www.noshir.tj